3.	Муайян кардани стратегияи идоракунии инноватсионӣ дар самти мазкур.	Таѓйир додани консепсияи ташаккули арзишнокии ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш барои сокинон бо мақсади ба вуҷуд овардан ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти нав барои пешбурди тарзи ҳаёти солим, инчунин ташкили сегментҳои нави бозори хизматрасонии ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш.

Таҳияи муаллиф

Дар кишвар муассисаи таълимии варзишӣ 128 адад, федератсияи варзишии олимпӣ ва ғайриолимпӣ 46 адад, клуби варзиши футбол 35 адад, мактабҳои тайёрии варзишӣ ва маҳорати Олӣ, инчунин намудҳои дигари варзиш фаъолият менамоянд, ки дар онҳо варзишгарон, ҷавонон ва наврасон аз рӯи 45 намуди самти варзиш дар 4215 гурӯҳ ба тамрин ва машқҳои ҳамешагӣ фаро гирифта шудаанд [2].

Бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар кишвар якчанд барномаҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ сол ба сол аз даврони Истиқлолияти давлатӣ таҳия ва ба амал бароварда шудаанд, ки ба рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш заминаи асосӣ гузошта аст.

Боиси қайд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун ва якчанд барномаҳои соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар таҳрири нав қабул ва амалӣ гардонида шуданд аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш”, дар заминаи он “Барномаи мазмуни рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” ва “Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026” таҳия ва мавриди амал қарор гирифтаанд, ки маҳз тадбирҳои андешидан ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [3, 4].

Боиси қаноатмандӣ ва зикр аст, ки бо пешниҳод инчунин Фармони сарвари давлат, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2015 инҷониб барои ҷоизадорону ғолибони мусобиқа ва спартакиядаҳои байналмиллалии варзишии минтақаи Осиё, Аврупо ва ҷаҳон “Ҷоизаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” таъсис дода шудааст.

Дар баробари ин санад ва ҳуҷҷати меъёрии қабулшуда бояд қайд намоем, ки то кунун ба беш аз 250 нафар ҷоизадорону ғолибони мусобиқа ва спартакиядаҳои сатҳи байналмиллалии минтақа ва ҷаҳон аз фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотпулӣ дар ҳаҷми 4 миллиону 961 ҳазору 250 сомонӣ ҷудо шуда, дар вазъияти тантанавӣ ба онҳо дастрас гардонида шудааст [7].

Роҳбари Ҳукумати мамлакат, хусусан Пешвои муаззами миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо дарназардошти таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба пешрафт ва рушду нумуи намудҳои варзиши Олимпӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудаанд.

Хулоса боиси ифтихор ва фараҳмандӣ аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Пешвои миллат санаде ба имзо расид, ки ғолибон ва ҷоизадорони бозиҳои Олимпӣ, Паралимпӣ ва Сурдлимпӣ дар кишвари азизамон Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин баъд бо стипендияи моддии моҳонаи якумра ҳавасманд гардониад мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» Душанбе - 16.04.2012 №825
2. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 28.12.2024.
3. Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026.
4. Барномаи рушди футбол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026.
5. Муносибатҳои инноватсионии тайёр кардани мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш. Материалхои конферен-цияи умумироссиягии илмӣ-методй./Дар тахти тахрири умумӣ. Ю.А. Зубарева ва дигарон – Волгоград, 10-11 июни 2008/FSEIHPO “VGAFK”. – Волгоград, 2008. – 245 с.
6. Кириллов В.Н. Нақши инноватсияҳо дар баланд бардоштани рақобатпазирии ширкатҳо дар бозори ҷаҳонии хизматрасонӣ / В.Н. Кирилов // Бюллетени иқтисодии хориҷии Русия. – М.: № 1. – 2009. С.62-68.
7. Саидова М.Х. Ҷамъоварии маблағ ҳамчун манбаи маблағгузории тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Х. Саидова, М Тагоева. Маҷмӯаҳои конфронси байналмилалии илмӣ. видео конф. «Мушкилоти рушди низоми бонкӣ дар Тоҷикистон ва Полша» - Душанбе: ДДХ, 2015. - С.39-40.
8. Сомина И.В. Арзёбии фаъолияти инноватсионии системаҳои иқтисодӣ дар асоси равиши равандӣ / И.В. Сомина. // Донишҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ. - 2012, - №8. - С. 294-301.
9. Шумпетер Ҷ. Назарияи рушди иқтисодӣ (Омӯзиши фоидаи соҳибкорӣ, фоиз ва давраи тиҷорат) / И. Шумпетер. -М.: Пешравӣ, 1982. - 234 с.
10. Эл. ресурс. VarzishTV (@varzishtv.tj)

УДК 339.543 (575.3)

Алиев М.Б.

ТАҲЛИЛИ РАВАНДИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ МУОСИРИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ НАЗОРАТИ ГУМРУКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақола натиҷаи таҳлили раванди истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ҳангоми назорати гумрукӣ дар Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Диққати асоси ба арзёбии самтҳои асосии такмили механизми барасмиятдарории гумрукӣ, меъёрҳои асосии интихоби комплекси сайёри муоинавӣ (КСМ) барои назорати гумрукӣ, баҳодиҳии муқоисавии истифодаи КСМ, баррасии рейтингии КСМ дар мақомоти гумрукӣ Тоҷикистон дода шудааст. Дар маҷму таҳлили раванди истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ҳангоми назорати гумрукӣ муайян карда шудааст, ки ин раванд беҳбудӣ металабад ва барои барои саривақт гузаронидани назорати гумрукӣ зарур аст, ки маблағҳои назаррас истифода шуда, таъмини сохторҳои гумрукӣ дуруст бо техникаи муосир ва воситаҳои рақамикунонӣ, такмили тахассусии кормандон бояд ба ба роҳ монда шавад.

Вожаҳои калидӣ: таҳлил, раванди истифодаи воситаҳои муосири техникӣ, назорати гумрукӣ, комплекси сайёри муоинавӣ, рақамикунонӣ.

Алиев М.Б.

АНАЛИЗ ПРОЦЕССА ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ПРИ ТАМОЖЕННОМ КОНТРОЛЕ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В статье представлены результаты анализа процесса применения современных технических средств при проведении таможенного контроля в Таджикистане. Основное внимание уделено оценке основных направлений совершенствования механизма таможенного оформления, основным критериям выбора мобильного инспекционно-досмотрового комплекса (МДК) для таможенного контроля, сравнительной оценке использования МДК, рейтинговому обзору МДК в таможенных органах Таджикистана. Комплексный анализ процесса применения современных технических средств при проведении таможенного контроля определил, что данный процесс требует совершенствования, а для проведения таможенного контроля в установленные сроки необходимо затратить значительные средства, оснастить таможенные структуры современным оборудованием и средствами цифровизации, обеспечить обучение персонала.

Ключевые слова: анализ, процесс применения современных технических средств, таможенный контроль, мобильный инспекционно-досмотровый комплекс, цифровизация.

Aliyev M.B.

ANALYSIS OF THE PROCESS OF USING MODERN TECHNICAL MEANS IN CUSTOMS CONTROL IN TAJIKISTAN

The article presents the results of the analysis of the process of using modern technical means in customs control in Tajikistan. The main attention is paid to the assessment of the main directions of improving the customs clearance mechanism, the main criteria for choosing a mobile inspection and inspection complex (MIS) for customs control, a comparative assessment of the use of MIS, a rating review of MIS in the customs authorities of Tajikistan. A comprehensive analysis of the process of using modern technical means in customs control determined that this process requires improvement, and in order to carry out customs control within the established time frame, it is necessary to spend significant funds, equip customs structures with modern equipment and digitalization tools, and provide personnel training.

Keywords: analysis, process of using modern technical means, customs control, mobile inspection and inspection complex, digitalization.

Рушди инноватсионии Тоҷикистон дар асоси амали шудани самтҳои рушди устувор ва беҳдошти фаъолияти бозори хизматрасониҳои гумрукӣ, самаранок гузаронидани назорати гумрукӣ бо истифода аз воситаҳои техникии муосир ва рақамикунонӣ таъмин шуда истодааст.

Дар асоси таҳлил мо муайян намудем, ки мақомоти гумрукӣ Тоҷикистон истифодаи воситаҳои техникиро ҳаногоми гузаронидани назорати гумрукӣ самаранок ба роҳ мондааст.

Дар ҷадвали 1 ин натиҷаҳо оварда шудаанд.

Дар асоси ҷадвали 1 муайян карда шуд, ки дар давоми солҳои 2019-2022 дар РМГ шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, вилояти Суғд, Хатлон ва Бадахшон, инчунин, дар хадамоти гумруки кишвар вазниқиёсии истифодаи воситаҳои техникии назорати гумруки аз 35,0 то 59,0 фоизро ташкил медиҳад.

Гузашта аз ин, «...дар РМГ шаҳри Душанбе ва Суғд натиҷаҳои беҳтарин ҳангоми татбиқи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ (ВТНГ) оид ба 5 ҷузъи асосӣ ба мушоҳида мерасад. Бояд қайд кард, ки дар тамоми дидбонгоҳҳои гумрукӣ назорат бо истифода воситаҳои техникӣ гузаронида мешавад [1, 6, 7]». Мутассифона дар РМГ вилояти Хатлон ва Бадахшон воситаҳои техникӣбарои гузаронидани назорати маводҳои кимёвӣ ва радиоактивӣ мавҷуд нестанд.

Ҷадвали 1 – Арзёбии истифодаи воситаҳои техникӣ барои гузаронидани назорати гумрукӣ дар мақомоти гумруки Тоҷикистон

№	Воситаҳои техникӣ	Баҳодиҳии воситаҳо, %					
		1	2	3	4	5	6
1.	ВТ гузаронидани ташхиси фаврии ҳуҷҷатҳо	61-82	53-69	58-77	40-60	30-50	40,0-56,7
2.	ВТ инспексияи объектҳои назоратигумрукӣ	55-75	45-65	55-75	30-55	25-35	35,0-50,8
3.	ВТ ҷустуҷуй ва бозрасӣ	65-80	60-75	65-75	30-55	25-45	40,8-55,0
4.	ВТ диагностикаи фаврӣ ва таснифи объектҳои назорати гумрукӣ	65-80	60-75	60-75	30-53	25-45	40,0-54,7
5.	ВТ барасмиятдарории объектҳои назоратигумрукӣ	70-80	60-75	70-80	45-55	35-55	46,7-57,5
6.	ВТ аудио-видео барои ҷамъоварӣ ва бақайдгирии маълумотҳо	72-83	60-77	66-82	46-57	37-59	45,0-59,0
7.	ВТ барои гузаронидани назорати маводҳои кимёвӣ ва радиоавтивӣ	Мунтазам истифода мешаванд	Мунтазам истифода мешаванд	Мунтазам истифода мешаванд	Мавҷуд надоранд	Мавҷуд надоранд	Мунтазам истифода мешаванд

Манбаъ: аз тарафи муаллиф баҳо дода шудааст . Эзоҳ: 1 -дар РМГ Душанбе, **2**- дар РМГ Турсунзода, **3**- дар РМГСуғд, 4 -дар РМГ Хатлон, 5- дар РМГБадахшон, **6**- дар хадамоти гумрук.

Дар маҷму бартараф намудани масоилҳои ҷойдоштаро мо ҳамчун самти афзалиятноки таъмини самаранокии назорати гумрукӣ ҳисоб намуда, таъмини мақомотро бо воситаҳои муосири техникӣ, ташкили баланд бардоштани тахассуси кормандонро зарур мешуморем.

Аз тарафи дигар баланд бардоштани фаъолияти “Равзанаи ягона”, ки аз соли 2020 оғоз гардид имконият медиҳад, ки низоми ягонаи автоматикунонидашудаи иттилоотии мақомоти гумрук (СЯИА) зарур дониста мешавад. Бо назардошти ин мо самтҳои афзалиятноки беҳтар намудани барасмиятдарории гумрукиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем (расми 1).



Расми 1 - Самтҳои асосии такмили механизми барасмиятдарории гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар ин радиф, инчунин, модернизатсияи СЯИА, такмили шаклҳои назорати давлатиро дар сарҳад, ҳангоми гузаронидани назорати санитарию эпидемиологӣ, байторӣ, фитосанитарӣ, нақлиётӣ, шахсӣ ва ғайраро зарур мешуморем.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки натиҷаҳои баланд, сифат ва суръати назорати гумрукӣ бештар ба истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ ба даст оварда мешавад. Ҳоло дар мақомоти гумрук комплекси сайёри муоинавӣ (КСМ) мавҷуд аст, ки ба талаботи имруза ҷавоб дода метавонад.

Аз омузишҳо муаян гардид, ки «…КСМ- ҳои ҳозиразамон дар зарфи чанд дақиқа бе кушодани контейнер ва борфарории автомобилҳо дар экран тасвиреро нишон медиҳанд, ки тавсифу таснифи пурраи молҳоро дар бар мегирад» [2, 3]. Таҷҳизоти ҳозиразамони санҷишӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои хурди пинҳонкунӣ ва васлкунакхоро дар борҳои вазнаш даҳҳо тонна муайян намояд.

Дар як соат КСМ воситаҳои нақлиёт то 400 автомобилро тафтиш мекунанд ва раванди назорати гумрукӣ ба тариқи автоматӣ амали карда мешавад. Дар айни замон, доираи васеи КСМ-ҳои ватанию хориҷӣ мавҷуданд, ки ҳангоми интихоби онҳо бояд нишондиҳандаҳои зерин ба назар гирифта шаванд (расми 2).

Нишондиҳандаҳо
1. Кам кардани миқдори назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт
2. Зиёд намудан вақт барор гузаронидани назорати гумрукӣ
3. Саривақт муайян ва бартарафтнамудани интиқоли молхои маъншуда ва ғайри легалӣ аз сарҳади гумрукӣ
4. Зиёд намудани ҳаҷми пардохтҳои гумрукӣ ба буҷети кишвар
5. Ба даст овардани сифати баланд дар кори мақомоти гумрук доир ба расмиятдарорӣ ва назорати гумрукии молҳо ва воситаҳои нақлиёт

Расми 2 – Меъёрҳои асосии интихоби КСМ барои назорати гумрукӣ

Бо дарназардошти меъёрҳои муайяншуда нишондиҳандаҳои баҳодиҳии муқоисавии КСМ муайян ва дараҷаи аҳамияти ҳар яки онҳо муқаррар карда шуд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2 – Нишондиҳандаҳои арзёбии муқоисавии КСМ дар сохторҳои гумрукӣ

Нишондиҳанда	**Дараҷаи аҳамиятнокӣ**
Дурустии шинохти маводҳо	0.03
Дурустии муайян намудани рақам ва дурустии баҳодиҳии молҳо (борҳо) ва қисмҳои он	0,07
Шумораи маводҳои шинохташаванда	0,15
Суръати нусхабардорӣ (сканирование)	0,15
Имконияти гузаронидан	0,2
Дохилшавии максималӣ ба система бо суръати то 60 км/соат	0,05
Имконияти интегратсия ба СЯАИ	0,2
Дараҷаи таъсири манфӣ ба ронандаи нақлиёт ва корманди гумрук	0,15
Ҳамагӣ	0,03

Сарчашма: дар асоси мониторинги фаъолияти мақомоти гумрук

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвал нишондодашуда имкон медиҳанд, ки иҷрои меъёрҳои инъикосёфта пурра таъмин карда шаванд.

Дар асоси омӯзиши пешниҳодҳо «…дар манбаъҳои кушода қисматҳое муайян карда шуданд, ки ба ҳамаи талаботи зикршуда ҷавобгӯ мебошанд, вале хусусиятҳои гуногун доранд [6, 7]». Дар раванди баҳодиҳии муқоисавии пешниҳодҳо мо ҷадвали 10-баллӣ барои ҳар як нишондиҳандаи интихобшуда гузаронидем. Ҳангоми муқоиса пешниҳодҳое интихоб карда шуданд, ки сазовори баҳои баландтарин аз тарафи ҷомеаи коршиносон дар Интернет гардидаанд.

Натиҷаҳои арзёбӣ дар ҷадвали 3 оварда шудаанд.

Ҷадвали 3 – Баҳодиҳии муқоисавии истифодаи КСМ дар Тоҷикистон

Нишондиҳанда	HCV (Англия)	СТ-6035 АО «Росэлектр оника»	Rapiscan Systems (ШМА)	HCVG (Чин)
Дурустии шинохти маводҳо	10	7	6	6
Дурустии муайян намудани рақам ва дурустии баҳодиҳии молҳо (борҳо) ва қисмҳои он	8	10	7	7
Шумораи маводҳои шинохташаванда	8	9	10	8
Суръати нусхабардорӣ (сканирование)	10	8	10	7
Имконияти гузаронидан	6	8	9	10
Дохилшавии максималӣ ба система бо суръати то 60 км/соат	8	9	10	9
Имконияти интегратсия ба СЯАИ	5	8	7	10
Дараҷаи таъсири манфӣ ба ронандаи нақлиёт ва корманди гумрук	10	10	8	8

Сарчашма: дар асоси мониторинг ва баҳодиҳии кормандони мақомоти гумрук

Натиҷаи баҳодиҳии рейтинги КСМ дар ҷадвали 4 оварда шудааст.

Аз ҷадвали 4 бар меяд, ки дар мақомоти гумруки Тоҷикистон бартарияти технологияи СТ-6035 АО «Росэлектр оника» дида мешавад. Дар маҷму истифодаи КСМ барои баланд бардоштати сифат ва самаранокии назорати гумукӣ имконият фароҳам меоварад.

Ҷадвали 4 – Арзёбии рейтингии КСМ дар мақомоти гумрукӣ Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	HCV (Англия)	СТ-6035 АО «Росэлектр оника»	Rapiscan Systems (ШМА)	HCVG (Чин)
Дурустии шинохти маводҳо	0,3	0,21	0,18	0,18
Дурустии муайян намудани рақам ва дурустии баҳодиҳии молҳо (борҳо) ва қисмҳои он	0,56	0,7	0,49	0,49
Шумораи маводҳои шинохташаванда	1,2	1,35	1,5	1,2
Суръати нусхабардорӣ (сканирование)	1,5	1,2	1,5	1,05
Имконияти гузаронидан	1,2	1,6	1,8	2,0
Дохилшавии максималӣ ба система бо суръати то 60 км/соат	0,4	0,45	0,5	0,45
Имконияти интегратсия ба СЯАИ	1,0	1,6	1,4	2,0
Дараҷаи таъсири манфӣ ба ронандаи нақлиёт ва корманди гумрук	1,5	1,5	1,2	1.2
Ҳамагӣ	7,66	8,61	8,57	8,57

Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси мониторинги фаъолияти мақомоти гумрук

Дар маҷму таҳлили раванди истифодаи воситаҳои муосири техникӣ ҳангоми назорати гумрукӣ мо муайян намудем ин раванд беҳбудӣ металабад ва барои барои саривақт гузаронидани назорати гумрукӣ зарур аст, ки маблағҳои назаррас истифода шуда, таъмини сохторҳои гумрукӣ дуруст бо техникаи муосир ва воситаҳои рақамикунонӣ, такмили тахассусии кормандон дар Тоҷикистон дар ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ

1. Абдуқодирзода Ҷ.К. Истифодаи воситаҳои техникии назорати гумрукӣ дар Тоҷикистон // Вестник Таджикского государственного университета коммерции №4/1(38)2021. - С.128-130.
2. Бойкова М.В. Зарубежный опыт таможенного администрирования: Учебник. – М.: Издательство РТА, 2017. [Электронный ресурс http://rta.customs.ru/ nrta/attachments/3756_978-5-9590-0935-9.pdf 15.03.2025).
3. Макрусев В.В., Пчелинцев Н.В. Управление развитием таможенных органов России: монография. -М.: Издательство Российской таможенной академии, 2013. -178с.
4. Макрусев В.В. Сервисно-ориентированное таможенное регулирование: идеи, институты, управление // Конкурентоспособность в глобальном мире: экономика, наука, технологии. №12 (ч.19).2017. -С.1239- 1242.
5. Макрусев В.В., Суглобов А.Е. Таможенный менеджмент. - М.: ИТК «Дашков и К», 2017. - 348 с.
6. Раджабова Н.Р. Совершенствование работы таможенных органов и развития внешней торговли в Республике Таджикистан / Н.Р. Раджабова, К.Р. Раджабов // Таджикистан и современный мир №4(88) 2024. -Душанбе: ЦСИ, 2024. -С.187-194.
7. Раджабова Н.Р. Совершенствование механизма управления и развитие таможенных услуг в условиях цифровизации // Вестник Евразийской науки. -2024 -Т.16. -№6. -URL: https://esj.today/PDF /55FAVN624/.

УДК 378.01(045)

Ализода Ҳ.С.

АҲАММИЯТИ РУШДИ НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур қайд карда шудааст, ки аҳаммияти рушди низоми таҳсилоти касбӣ дар шароити муосир яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф ба ҳисобмеравад. Маориф - низоми мураттаби тарбия ва таълим аст, ки барои ба шахс додани дониш, малака ва ҷаҳонбинӣ нигаронида шудааст. Таҳсилоти касбӣ яке аз омилҳои муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар ба шумор меравад. Он барои омода намудани мутахассисони баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат нақши муҳим дорад. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки аҳаммияти рушди низоми таҳсилоти касбиро дар омодасозии мутахассисони касбӣ дар тамоми соҳаҳои кишвар метавон арзёбӣ намуд. Мутахассисони соҳибкасб метавонанд бо истифода аз дониш ва малакаи худ дар соҳаҳои мухталиф фаъолият кунанд ва ба пешрафти иқтисодиёти миллӣ мусоидат намоянд. Инчунин рушди низоми таҳсилоти касбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи бекорӣ коҳиш дода шавад, сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд бардошта шавад, бозори меҳнат бо мутахассисони соҳаҳои гуногун таъмин карда шавад. Рушди таҳсилоти касбӣ омили асосии пешрафти ҷомеа ва иқтисодиёт мебошад. Он на танҳо сатҳи зиндагии шаҳрвандонро беҳтар мекунад, балки ба рушди саноат, соҳибкорӣ ва технология мусоидат менамояд. Баръакси таҳсилоти олӣ, таҳсилоти касбӣ барои бисёр одамон дастрас аст, зеро он дар муддати кӯтоҳ ба шахс малакаи амалии корӣ медиҳад.

Калидвожаҳо: аҳолӣ, соҳа, фаъолият, маориф, илм, таълим, дониш, таҳлил, идоракунӣ, таҳсилоти касбӣ, низоми таҳсилоти касбӣ, хизматрасонӣ, сифати таҳсилот, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, иқтисодиёти миллӣ, рақобатпазирӣ, стандартҳои ҷаҳонӣ, сормояи инсонӣ, маблағгузорӣ, рушди илмию техникӣ.

Ализода Х.С.

ВАЖНОСТЬ РАЗВИТИЯ СИСТЕМЫ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье отмечается, что важность развития системы профессионального образования в современных условиях является одним из важнейших вопросов в сфере образования. Образование – это форма воспитания и образования, направленная на предоставление возможностей для получения знаний, умений и мировоззрения. Профессиональное образование является одним из важных факторов экономического и социального развития каждой страны, он играет важную роль в подготовке высококвалифицированных специалистов и удовлетворении потребности рынка труда. Также автор отмечает, что можно оценить важность развития системы профессионального образования в подготовке специалистов во всех сферах страны. Профессионалы бизнеса могут использовать свои знания и навынки для работы в различных областях и способствовать прогрессу национальной экономики. Также развитие системы профессионалного образования позволяет снизить уровень жизни населения, обеспечить рынок труда специалистами в различных областях. Развитие профессионального образования является основным фактором пргресса общества и экономики. Это не только повышает уровень жизни граждан, но и способствует развитию промышленности предпринимательства и технологий. В отличие от высшего образования профессиональное образование доступно многим людям, так как дает практические новынки работы за короткий период времени.

Ключевые слова: население, отрасль, деятельность, образование, наука, подготовка кадров, знания, анализ, управление, профессиональное образование, система профессионального образования, услуги, качество образования, социально-экономический, национальная экономика, конкурентоспособность, мировые стандарты, человеческий капитал, финансирование, научно-техническое развитие.

Alizoda H.S.

THE IMPORTANSE OF DEVELOPMENT THE PROFESSIONS OF EDUCATION SYSTEM IN THE MODERN CONDITIONS

In this article, it is noted that importance the development of the vocational education system in modern conditions is one of the most important issuses in the field of education. Education is a form of upbringing and education aimed at providing opportunities for knowledge, skill and wordviev. Vocational education is one of the important factors of economic and social development of every country. It plays an important role in developing highly qualified specialists and meeting the demonds of the labor market. Also, the author notes that the importance of the development of the vocational education system. In the preparation of professionals in all fields of the country can be appreciated. Business professionals can use their knowledge and skills to work in various of the national economy. Also, the development of the vocational education, system allows to reduce the level of unemployment, to raise the standard of living of the population, to provide the labor market with specialists in various fields. The development of professional educationis the main factor of the progress of society and economy. It not only improves the standard of living of citizents, but also contributes, to the development of industry, entrepreneurship and technology. Unlike, higher education, vocational education is available to many people, as it provides practical work skills in a short period of time.

Key words: population, industry, activity, education, science, training, knowledge, analysis, management, vocational education, vocational education system, services, quality of education, socio-economic, national economy, competitiveness, world standards, human capital, financing, scientific and technological development.

Маорифи Тоҷикистон таърихи бой ва пуршараф дорад. Он аз даврањои қадим то имрӯз рушд карда, марҳилаҳои гуногуни таҳаввулотро паси сар намудааст. Дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон таҳсилот таърихи қадима дорад. Маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои калидии сиёсати давлатӣ буда, дар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар нақши ҳалкунанда дорад.

Системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои зеринро фаро мегирад:

1. Таҳсилоти томактабӣ – барои кӯдакони синни 3 то 6 сола;
2. Таҳсилоти умумии миёна – ҳатмӣ ва ройгон буда, аз синфи 1 то 11 – ум идома меёбад;
3. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ – омода кардани мутахассисон барои бозори меҳнат;
4. Таҳсилоти олии касбӣ – тавассути донишгоҳу донишкадаҳо, омода кардани кадрҳои баландихтисос.
5. Таҳсилоти баъди дипломӣ ва такмили ихтисос.

Чунин дастовардҳоро метавон дар самти рушди таҳсилоти касбӣ номбар намуд:

- Пешбурди ислоҳоти соҳа дар асоси барномаи миллии рушди маориф:
- Эҷоди заминаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ бари таълими босифат;
- Сохтмони муассисаҳои таълимии нав ва беҳтар кардани сохтори он;
- Ҷорӣ намудани технологияҳои муосири таълимӣ;
- Ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав, мутобиқ ба замони муосир ва ғайраҳо;

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Он ба шахс имконият медиҳад, ки касб ё ихтисоси муайянро омӯзад ва бо истифода аз он дар бозори меҳнат ҷой пайдо кунад.

Самтҳои афзалиятноки таҳсилоти касбиро метавон чунин қайд намуд:

- Рақамикунонии таълим;
- Густариши таҳсилоти касбӣ ва амалгаро;
- Омодасозии кадрҳо мутобиқи талаботи бозори меҳнат;
- Тақвияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва фанҳои табиӣ – техникӣ.

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Он ба шахс имконият медиҳад, ки касб ё ихтисоси муайянро омӯзад ва бо истифода аз он дар бозори меҳнат ҷой пайдо кунад. Бо рушди технология ва саноат, талабот ба мутахассисони соҳаҳои гуногун меафзояд. Илова бар ин, таҳсилоти касбӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар муҳити амалӣ дониш гиранд, таҷриба андӯхта, зуд ба бозори меҳнат ворид шаванд. Ин метавонад сатҳи бекориро коҳиш диҳад ва рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин намояд.

Бо вуҷуди пешравиҳо, дар соҳаи маориф метавон як қатор мушкилиҳоро мушоҳида намуд:

- Норасоии омӯзгорони ихтисосманд, бахусус дар деҳот;
- Таъминот бо таҷҳизотҳои таълимӣ ва технологияи муосир ҳанӯз нокифоя аст;
- Фарқияти сифати таҳсил миёни мактабҳои шаҳриву деҳотӣ;
- Сатҳи пасти маоши омӯзгорон, ки ба ангезаи касбӣ таъсир мерасонад;
- Дастрасии нобаробар ба таҳсилоти томактабӣ дар минтақаҳои дурдаст ва ғайраҳо.

Дар ҷомеае, ки арзиши меҳнати ҳалол ва ҳунармандиро қадр мекунанд, таҳсилоти касбӣ мавқеи махсус дорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир таваҷҷӯҳи зиёд ба рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ зоҳир менамояд. Таҷдиди муассисаҳои омӯзиши касбӣ, ҷалби мутахассисони варзида, ворид намудани технологияҳои муосир ва таҷҳизоти амалӣ ба раванди таълим, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки самаранокии ин намуди таҳсилотро баланд мебардоранд [1, с.70].

Ҷадвали мазкур фарқиятҳо ва хусусиятҳои таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбиро аз рӯи шаш меъёри асосӣ нишон медиҳад. Таҳсилоти умумӣ асосан барои фароҳам овардани дониши умумӣ ва омодагӣ ба зинаҳои минбаъдаи таҳсил равона шуда, бештар ба фанҳои умумӣ такя менамояд. Аз тарафи дигар таҳсилоти касбӣ метавонад, ки шахсро бо дониш ва малакаҳои амалӣ барои фаъолияти касбӣ таъмин кунад.

Ҷадвали 1. Муқоисаи таҳсилоти умумӣ ва таҳсилоти касбӣ дар соҳаи маориф

Меъёрҳо	Таҳсилоти умумӣ	Таҳсилоти касбӣ
Ҳадафи асосӣ	Омодасозии донишомӯз ба зинаҳои оянда таҳсил	Омодасозии мутахассисони амалӣ
Мӯҳлати таҳсил	9-11 сола	2-4 сол
Мазмуни таълим	Умумидонишӣ (фанҳои умумӣ)	Ихтисосӣ ва амалияи касбӣ
Робита бо бозори меҳнат	Нисбатан кам	Бевосита ва зич
Мавқеъ дар сиёсати таълимӣ	Асосии умумии таҳсилоти миллӣ	Заминаи рушд ва таъмини мутахассисон
Истифода тачриба ва амалия	Нисбатан маҳдуд	Қавӣ ва васеъ

Сарчашма: аз муаллиф

Мӯҳлати таҳсил дар муассисаҳои касбӣ нисбатан кӯтоҳ аст, вале ба таълими ихтисосӣ ва тачрибаомӯзӣ пур карда мешавад. Бартарии муҳими таҳсилоти касбӣ дар он аст, ки он бевосита ба бозори меҳнат робитаи зич дошта, мутахассисонро тибқи талаботи соҳа омода месозад.

Таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори кишвар ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак мекунад. Ҳар як марҳилаи таҳсилот, аз таҳсилоти ибтидоӣ то таҳсилоти миёнаи касбӣ, аҳамияти калон дорад. Ин раванд дар ҷабҳаи иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ боиси омода кардани мутахассисони баландихтисос барои бозори меҳнат мегардад.

Таҳсилоти касбӣ дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар нақши калидӣ дорад. Имрӯзҳо таҳсилоти касбӣ ба яке аз омилҳои асосии пешрафти ҷомеа ва иқтисоди кишварҳо табдил ёфтааст. Таҳсилоти касбӣ на танҳо воситаи омӯзиши касбу ҳунар мебошад, балки роҳи таъсири мусбат расонидан ба сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди истеҳсолот ва коҳиши бекорӣ мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технология, бозори меҳнат низ тағйир меёбад. Барои посух додан ба ниёзҳои нави бозор, омӯзиши касбу ҳунар ва соҳиб шудани малакаҳои амалӣ аҳаммияти зиёд дорад. Мутахассисони миёнаи касбӣ, ки тавассути таҳсилоти касбӣ омода мегарданд, метавонанд соҳаҳои мухталифро пурра кунанд, аз сохтмон то соҳаи хизматрасонӣ, аз техникаҳои саноатӣ то устоҳои соҳаи кишоварзӣ ва ғайраҳо. Яке аз бартариҳои муҳими таҳсилоти касбӣ дар он аст, ки он ба ҷавонон имконият медиҳад, ки дар муддати кӯтоҳ касб омӯзанд ва зудтар ба ҳаёти мустақилона ворид шаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ солҳои охир таваҷҷӯҳи зиёд ба рушди соҳаи таҳсилоти касбӣ зоҳир менамояд. Таҷдиди муассисаҳои омӯзиши касбӣ, ҷалби мутахассисони варзида, ворид намудани технологияҳои муосир ва тачҳизоти амалӣ ба раванди таълим, аз ҷумлаи тадбирҳое мебошанд, ки самаранокии ин намуди таҳсилотро баланд мебардоранд.

Мушкилоти асосии мавҷударо дар ин самт чунин метавон баён намуд:

1. Номувофиқии ихтисосҳо бо талаботи бозори меҳнат - коҳиши талабот ба баъзе ихтисосҳо, масалан дар соҳаи саноат, ки дар шароити муосир аҳамияти ками доро доранд.

2. Паст будани шуғлсозӣ дар соҳаҳои техникӣ ва амалӣ.

3. Фарсудани базаи моддӣ:

4.Тачҳизоти кӯҳна ва нигоҳдории наметавонад талаботро қонеъ кунад.

5. Норасоии омӯзгорон бо тахассуси баланд:

6. Низомҳои таълимии кӯҳна:

7. Раванди таълим дар кишвар ҳанӯз ҳам яксон ва камтар мувофиқ бо талаботҳои муосири бозори меҳнат аст. Инро дар шакли ҷадвал чунин сетавон нишон дод:

Ҷадвали 2. Мушкилот ва таъсири онҳо

Мушкилот	Таъсирҳои мусбати он
Номувофиқии ихтисосҳо	Ҳиссаи афзоиш дар бекорӣ ва коҳиши рушди соҳаҳо
Таҷҳизоти куҳна	Коҳиши сифати таълим ва тайёр кардани мутахассисон
Норасоии омӯзгорон	Хатари паст кардани сифати таълим ва ихтисос
Маърифати пасти ҷомеа	Рақобатпазирии пасти мутахассисон дар бозори меҳнат

Сарчашма: аз муаллиф

Давлат ва муассисаҳои таҳсилотии кишвар пайваста чораҳо ва ислоҳотеро ба роҳ мемонанд, ки дар натиҷа метавонад ин мушкилотро ҳал кунад. Дар ин самт метавон чунин барномаҳои таълимиро номбар намуд:

Барномаҳои нави таҳриркардашуда:

· Такмили ихтисосҳо дар коллеҷҳо (Барномаи рушди таҳсилоти касбӣ барои солҳои 2021–2030);

· Таҳсилоти дуалӣ ва фосилавӣ:

· Тартиби таълим дар асоси таҷрибаи амалӣ дар ташкилотҳои истеҳсолӣ ва нақлиёти шахсӣ.

· Баланд бардоштани сатҳи омӯзгорон:

· Мутобиқсозии ихтисосҳои омӯзгорон ба талаботи замон.

· Мутобиқсозии таҳсилот бо талаботи ҷаҳонӣ:

· Ҳамкории муассисаҳои таълимии Тоҷикистон бо ташкилотҳои байналмилалӣ барои ҷорӣ кардани барномаҳои муосири таълим;

· Дурнамои таҳсилоти касбӣ.

Ҳамкории байни ширкатҳо, муассисаҳои таълимӣ ва ташкилотҳои давлатӣ барои эҷоди муҳити инноватсионӣ зарур аст. Ин ҳамкорӣ метавонад ба пешниҳоди идеяҳои нав, истифодаи захираҳо ва кӯмакҳои бештар ба ташкилотҳои инноватсионӣ оварда расонад.

Мисол: Ширкатҳои технологӣ бо университетҳои донишгоҳӣ ё дигар ширкати индустрӣ барои таҳқиқот ва рушд ҳамкорӣ мекунанд.

Бо такмили системаи таҳсилоти касбӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба мутахассисон дар соҳаҳои гуногун талаботи бозори меҳнатро таъмин кунад. Ба ин мақсад, давлат кӯшиш мекунад, ки фазои таълимиро беҳтар созад ва шонси ба даст овардани ҷойи корро барои ҷавонон ва аҳолӣ боз кунад.

Таҳсилоти касбӣ дар Тоҷикистон омили муҳим барои беҳбуди соҳаи меҳнат, иқтисодиёт ва рушди иҷтимоии кишвар мебошад. Аз он ҷо ки мутахассисони касбӣ метавонанд ба бозори меҳнат ва соҳаҳои мухталиф кӯмак расонанд, роҳандозии ислоҳот ва мутобиқсозии таълимоти касбӣ ба талаботи муосир як ҳадафи муҳим барои давлат ва ҷомеа мебошад.

Ҳамин тавр, нақши таҳсилоти касбӣ дар соҳаи маориф бештар ба таъмини кадрҳои амалгаро ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои таълимӣ равона шудааст, дар ҳоле ки таҳсилоти умумӣ асос барои рушди зеҳнӣ ва маърифати шихсият мегардад.

Рақамикунонӣ дар рушди таҳсилоти касбӣ яке аз самтҳои муҳим ва стратегӣ дар ислоҳ ва такмили низоми маориф ба ҳисоб меравад. Ин раванд барои мутобиқ кардани таҳсилоти касбӣ ба талаботи бозори меҳнати муосир заминаи мусоид фароҳам меорад. Рақамикунонӣ раванди ворид намудани технологияҳои рақамӣ ва усулҳои муосири иттилоотӣ ба фаъолияти таълимӣ ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки таълим чунин натиҷаҳоро ба даст орад:

· Самаранокӣ;

· Дастрасӣ;

· Мутобиқ ба воқеиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ гардад.

Таҳсилоти касбӣ яке аз рукнҳои асосии рушди ҷомеа ва иқтисодиёт маҳсуб мешавад. Он ҳамчун василаи муҳим барои тайёр кардани мутахассисони соҳибкасб ва баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҷавонон хизмат мекунад.

Бояд қайд намуд, ки таҳсилоти касбӣ дар соҳаи маориф нақши муҳимеро иҷро мекунад. Аввалан, он ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат буда, барои коҳиши бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ шароит фароҳам меоварад. Баъдан, таҳсилоти касбӣ барои рушди маърифат, ҷаҳонбинӣ ва малакаи амалии шаҳрвандон имконият медиҳад.

Дар маҷмӯъ, таҳсилоти касбӣ на танҳо як зинаи муҳими низоми маориф аст, балки омили муҳим дар рушди устувори кишвар ба ҳисоб меравад. Саҳми духтарон низ тадриҷан боло меравад, ки гувоҳи пешрафт дар баробари дастрасӣ ба таҳсил мебошад. Миқдори ихтисосҳои нав ва ҳамкориҳо бо корхонаҳо, ки барои таҷрибаомӯзӣ ва ҷойи кор аҳаммияти муҳим доранд, низ рӯз то рӯз зиёд шуда истодаанд.

Ҳамзамон, таҳсилоти касбӣ воситаи муҳими татбиқи инноватсия ва технологияҳои муосир дар соҳаи маориф мебошад. Бо омода кардани мутахассисони фанҳои техникӣ, технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ, таҳсилоти касбӣ барои рушди таълими муосир заминаи мустаҳкам мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2024), ш. Душанбе.
2. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с. 8.
3. Амаков И.Б. Идоракунии таҷрибаи ҷаҳонии бенчмаркинг дар соҳаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.Б. Амаков, Д.М. Аюбов, Н.Ш. Ниёзов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2020. - № 3.
4. Винслав Ю. Профессиональное образование и экономика: микроуровень интеграционных процессов (факто логия, теория, предложения) // Российский экономический журнал. - 2005. - N 7-8.
5. Гаврилов А.Ю., Гладилина И.П. Теоретико-методологические подходы к развитию творчества студентов – будущих работников образовательного сервиса. Монография. М., 2011. 140 с.
6. Джуринский А.Н. Интернационализация высшего образования в современном мире // Педагогика. - 2004. -№3. -с.83-92.
7. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты инновационного развития учреждений социального сектора экономики // Экономика Таджикистан, 2017. №2
8. Мирсаидов А.Б. Особенности формирование цена спроса на рынке высшего профессионального образования // Альманах, научный журнал РФ, 2014.

УДК 339.543

Асрорзода У.С., Ҷураев Ш.Н.

МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМИ ИҚТИСОДӢ-ТАШКИЛИИ ПЕШНИҲОДИ ИМТИЁЗҲОИ ГУМРУКӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои мубрами такмили механизми иқтисодию ташкилии пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозии рақамии иқтисодиёт баррасӣ карда мешаванд. Мушкилоти мавҷуда дар соҳаи идоракунии имтиёзҳо, аз ҷумла шаффофияти нокифояи расмиёт, парокандагии заминаи меъёрӣ ва рақамикунонии заифи равандҳо таҳлил карда мешаванд. Ба нақши технологияҳои иттилоотӣ дар мутаносибкунии

механизмҳои пешниҳоди имтиёзҳо, баланд бардоштани самаранокии назорат ва таъмини дастрасии баробар барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ диққати махсус дода мешавад. Муаллифон чораҳоро оид ба навсозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои гумрукӣ бо назардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва афзалиятҳои миллии рушд пешниҳод мекунанд. Татбиқи платформаҳои рақамӣ, автоматикунонии гардиши ҳуҷҷатҳо ва рушди воситаҳои назорати институтсионалӣ ҳамчун самтҳои асосии ислоҳоти ин соҳа баррасӣ карда мешаванд.

Калимаҳои калидӣ: имтиёзҳои гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, механизми иқтисодӣ-ташкилӣ, фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, рақамисозӣ, маъмурияти гумрукӣ.

Асрорзода У.С., Джураев Ш.Н.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЭКОНОМИКО-ОРГАНИЗАЦИОННОГО МЕХАНИЗМА ПРЕДОСТАВЛЕНИЯ ТАМОЖЕННЫХ ЛЬГОТ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматриваются актуальные вопросы совершенствования экономико-организационного механизма предоставления таможенных льгот в Республике Таджикистан в условиях цифровой трансформации экономики. Анализируются существующие проблемы в сфере администрирования льгот, в том числе недостаточная прозрачность процедур, фрагментарность нормативно-правовой базы и слабая цифровизация процессов. Особое внимание уделяется роли информационных технологий в оптимизации механизмов предоставления льгот, повышении эффективности контроля и обеспечении равного доступа для участников внешнеэкономической деятельности. Авторами предлагаются меры по модернизации системы предоставления таможенных льгот с учётом международного опыта и национальных приоритетов развития. Внедрение цифровых платформ, автоматизация документооборота и развитие институциональных инструментов контроля рассматриваются как ключевые направления реформирования данной сферы.

Ключевые слова: таможенные льготы, цифровая экономика, экономико-организационный механизм, внешнеэкономическая деятельность, цифровизация, таможенное администрирование.

Asrorzoda U.S., Juraev Sh.N.

IMPROVING THE ECONOMIC AND ORGANIZATIONAL MECHANISM FOR GRANTING CUSTOMS PRIVILEGES IN THE DIGITAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article discusses topical issues of improving the economic and organizational mechanism for providing customs privileges in the Republic of Tajikistan in the context of the digital transformation of the economy. The existing problems in the field of benefits administration are analyzed, including insufficient transparency of procedures, fragmented regulatory framework and weak digitalization of processes. Special attention is paid to the role of information technology in optimizing the mechanisms for granting benefits, increasing the effectiveness of control and ensuring equal access for participants in foreign economic activity. The authors propose measures to modernize the system of providing customs privileges, taking into account international experience and national development priorities. The introduction of digital platforms, automation of document management and the development of institutional control tools are considered as key areas of reform in this area.

Keywords: customs privileges, digital economy, economic and organizational mechanism, foreign economic activity, digitalization, customs administration.

Сиёсати гумрукӣ яке аз муҳимтарин фишангҳои таъсири давлатӣ ба бисер соҳаҳои иқтисодиёт мебошад ва бо истифодаи самараноки он метавонад дар ниҳоят ба афзоиши истеҳсолоти миллӣ мусоидат кунад, ки дар навбати худ барои афзоиши иқтидори ба содирот нигаронидашуда ва қонеъ кардани талаботи дохилӣ шароити зарурӣ фароҳам меорад. Дар айни замон, дар шароите, ки ҳалли бисёр мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз тиҷорати хориҷӣ вобаста аст, зарурати такмили сиёсати гумрукӣ ҳамчун омили афзоиши истеҳсолоти миллӣ ва иқтидори содиротӣ ба миён меояд [6].

Мукаммалгардонии механизми иқтисодӣ-ташкилии баланд бардоштани самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ яке аз омилҳои муҳим дар рушди фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин раванд тавассути таҳкими механизмҳои мавҷуда ва ҷорӣ намудани ислоҳоти зарурӣ дар соҳаи сиёсати гумрукӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад.

Ҳамасола, тӯли чанд соли охир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳимии масъалаҳои ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт таъкид менамоянд. Ҳамин тавр, дар Паёми Президент аз 26 декабри соли 2018 зикр гардидааст: «Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем» [4]. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Ҳадафҳои асосии консепсияи мазкур аз «фароҳам овардани шароити мусоидаткунанда барои дигаргуншавии соҳаҳои фаъолияти инсон таҳти таъсири технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузариш ба расонидани хизматрасониҳои давлатии рақамӣ ва ҳукумати рақамӣ, ҳамаҷониба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ ва дар натиҷа тезонидани суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ» иборат мебошанд [2].

Айни замон дар амалияи давлатҳои хориҷӣ, платформаҳои рақамии низомҳои гумрукӣ васеътар истифода бурда мешаванд. Платформаҳои рақамӣ, пеш аз ҳама имконият медиҳанд, ки низомҳои гумрукӣ ва раванди пешниҳоди имтиёзҳо самараноктар ва шаффофтар шаванд. Ҷорӣ намудани чунин платформаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба рушди соҳибкорӣ, коҳиши хароҷотҳо ва афзоиши эътимод ба низоми гумрукӣ мусоидат намояд.

Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст [2]/

Дар робита ба суръат бахшидан ба раванди **рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт** Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбати ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 28-уми декабри соли 2024 нақшаи мукаммали расидан ба ин ҳадафро пешниҳод карданд. Аз он ҷумла, таъкид карда шуд, ки “Дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад: якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ. Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот. Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ. Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ. Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ. Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот. Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ [3].

Дар заминаи ин, бо назардошти расидан ба ин мақсад, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, адлия, молия, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ, Бонки миллӣ, хадамоти алоқа, гумрук, Кумитаи андоз ва дигар вазорату идораҳо муваззаф карда шуданд, ки асосҳои ҳуқуқиву ташкилӣ, танзими давлатӣ, маблағгузории ташкили инфрасохтори иқтисоди рақамӣ фароҳам

созанд, инчунин, муносибатҳои иштирокчиёни соҳибкории рақамӣ ва савдои электрониро таъмин намоянд [2]/

Аз байн бурдани раванди ҳуҷҷатҳои коғазӣ ва ворид намудани ҳуҷҷатгузории пурра рақамӣ, ки имкон медиҳад ҳар як марҳила пайгирӣ шавад. Ҳуҷҷатгузории рақамӣ як технология ва равиши муосир барои идоракунии ҳуҷҷатҳо дар шакли электронӣ мебошад. Дар низоми гумрук, ҳуҷҷатгузории рақамӣ воситаи муҳим барои баланд бардоштани шаффофият, самаранокӣ ва содагардонии равандҳои расмӣ мебошад. Он ба соҳибкорон ва мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки ҳуҷҷатҳоро бе коғаз ва бо истифода аз воситаҳои рақамӣ коркард, идора ва назорат кунанд.

Аҳамияти ҳуҷҷатгузории рақамӣ дар фаъолияти гумрук:

1. **Коҳиши вақти расмиёт:** Ҳуҷҷатҳои рақамӣ ба таври фаврӣ коркард мешаванд ва зарурати интизор шудан дар расмиёти анъанавӣ кам мешавад.
2. **Шаффофият ва масъулият:** Ҳама маълумот ва амалиёт ба таври рақамӣ сабт мешаванд, ки имконияти назорат ва пешгирии сӯиистифода зиёд мешавад.
3. **Дастрасӣ ба маълумот:** Имкони дастрасӣ ба маълумот аз ҳар ҷое, ки интернет мавҷуд аст, бе маҳдудиятҳои физикӣ.
4. **Коҳиши хароҷот:** Кам кардани истифодаи коғаз, боркашонӣ ва ҳифзи ҳуҷҷатҳо хароҷотро коҳиш медиҳад.

УНСУРҲОИ АСОСИИ ҲУҶҶАТГУЗОРИИ РАҚАМӢ ДАР НИЗОМИ ГУМРУКӢ				
	Низоми идоракунии ҳуҷҷатҳо (DMS): Платформае, ки барои нигоҳдорӣ, ҷустуҷӯ, таҳрир ва идоракунии ҳуҷҷатҳои рақамӣ истифода мешавад.	**Имзои электронии тасдиқшуда:** Имкон медиҳад, ки ҳуҷҷатҳо ба таври расмӣ бидуни чоп тасдиқ ва эътироф шаванд.	**Архиви рақамӣ:** Ҳуҷҷатҳо дар шакли рақамӣ захира шуда, дар вақти зарурӣ ба осонӣ пайдо ва коркард карда мешаванд.	**Шабакаи ҳифзшуда:** Барои интиқоли бехатар ва нигоҳдории иттилоот истифода мешавад.
Бартариҳои ҳуҷҷатгузории рақамӣ	**Шаффофияти равандҳо:** Ҳамаи равандҳо ба таври равшан пайгирӣ мешаванд.	**Самаранокӣ:** Коҳиши хатогиҳои инсонӣ ва суръат бахшидани коркарди ҳуҷҷатҳо.	**Ҳифзи маълумот:** Ҳуҷҷатҳои рақамӣ дар муқоиса бо ҳуҷҷатҳои коғазӣ аз талаф ё харобшавӣ бехатартаранд.	**Коҳиши таъсири экологӣ:** Кам шудани истифодаи коғаз ба ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад.
Ҷорӣ кардани ҳуҷҷатгузории рақамӣ дар низоми гумрукӣ	**Рақамикунонии равандҳои мавҷуда:** Табдили ҳуҷҷатҳои коғазӣ ба формати рақамӣ ва ворид кардани онҳо ба низоми идоракунии электронӣ.	**Ҷорӣ намудани низоми "Равзанаи ягона":** Ин системаи рақамӣ ҳамаи равандҳои гумрукӣ, аз ҷумла ҳуҷҷатгузорӣ, мониторинг ва тасдиқро муттаҳид мекунад.	**Таъмини инфрасохтори технологӣ:** Муҳайё намудани серверҳо, шабакаҳои интернетӣ ва барномаҳои зарурӣ барои нигоҳдорӣ ва идоракунии ҳуҷҷатҳо.	**Омӯзиши кормандон:** Ташкили курсҳо барои кормандони гумрук ва соҳибкорон дар бораи истифодаи системаҳои рақамӣ.
Мушкилоти имконпазир ва ҳалли онҳо	**Набудани инфрасохтори технологӣ:** **Ҳал:** Инвеститсия ба шабакаҳо ва таҷҳизоти технологӣ.	**Муқовимати корбарон ба тағйирот:** **Ҳал:** Баргузории тренингҳо ва баланд бардоштани огоҳии истифодабарандагон.	**Хавфҳои амниятӣ:** **Ҳал:** Ҷорӣ намудани системаҳои ҳифзи киберамният ва рамзгузории маълумот.	

Ҷадвали 1. Унсурҳои асосии ҳуҷҷатгузории рақамӣ дар низомҳои гумрукӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Ҳуҷҷатгузории рақамӣ яке аз қадамҳои муҳим барои ислоҳоти низоми гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Он на танҳо равандҳоро тезтар ва шаффофтар мекунад, балки ба рушди соҳибкорӣ, сарфаҷӯии захираҳо ва ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд. Барои татбиқи самараноки ин раванд, бояд инфрасохтори лозим таҳия ва омодагии кадрӣ таъмин карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дастрасии иттилоот дар фаъолияти гумрукӣ яке аз ҷанбаҳои асосии таъмин намудани шаффофият, одилона ва самаранокии равандҳо мебошад. Соҳибкорон ва сармоягузорон ба иттилооти саривақтӣ ва дуруст ниёз доранд, то дар доираи қонун фаъолият намуда, аз имкониятҳои пешниҳодшуда истифода баранд.

Мусаллам аст, ки имрӯз дар ҷаҳон низоми иқтисодии комилан нав бунёд гардидааст ва дар он мартабаи маҳз иттилоот муҳим аст. Дар ин маврид барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ коркарди миқдори зиёди маълумоти ададӣ бо иҷрои амалҳои мураккаби арифметикӣ ва мантиқии муқоисакунӣ, таҳлил ва тафсир зарур аст. Иҷрои амалҳои мазкур танҳо бо истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ ба даст меояд. Корбурди технологияҳои рақамӣ баландшавии рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва сатҳи баланди зиндагии аҳолиро таъмин намуда, дар ниҳоят соҳибихтиёрии мамлакат ва истиқлоли миллиро ҳифз менамояд [1, с.4].

Дастрасии иттилоот ҷузъи муҳим барои рушди низоми гумрук ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Пешниҳоди иттилооти дақиқ, шаффоф ва саривақтӣ метавонад ҳамкории байни соҳибкорон ва мақомоти гумрукро беҳтар намуда, дар рушди иқтисоди миллӣ саҳмгузор бошад. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва барномаҳои махсус метавонад ин равандро самараноктар гардонад.

Таъмини маълумот дар бораи имтиёзҳои гумрукӣ ва шароити истифодаи онҳо ҷузъи муҳими баланд бардоштани шаффофият ва самаранокии низоми гумрук мебошад. Ин равиш ба соҳибкорон, сармоягузорон ва дигар иштирокчиёни бозори иқтисодӣ кумак мекунад, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифодаи пурра баранд ва фаъолияти худро тибқи қонун ба роҳ монанд.

Нашри рӯйхати пурраи имтиёзҳои гумрукӣ ва шароити истифодаи онҳо як қадами муҳим барои таҳкими шаффофият ва рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо истифодаи воситаҳои муосири иттилоотӣ ва равишҳои сода, соҳибкорон метавонанд аз имтиёзҳо бо осонӣ ва самаранок истифода баранд, ки ин ба рушди иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад.

Бюрократия ё раванди зиёдатии расмӣ метавонад боиси таъхир, хароҷоти зиёд ва кам шудани ҳавасмандии соҳибкорон дар истифодаи имтиёзҳои гумрукӣ гардад. Барои рушди фаъолияти соҳибкорӣ, зарур аст, ки механизмҳои равшан ва содаи расмиятҳои ҳуҷҷатгузорӣ ҷорӣ карда шаванд. Ин раванд на танҳо самаранокии расмиётро зиёд мекунад, балки шаффофият ва эътимодро дар низоми гумрукӣ тақвият мебахшад.

Таъсири бюрократия ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ:

· **Таъхир дар татбиқи имтиёзҳо:** равандҳои мураккаб вақти соҳибкоронро сарф мекунанд.

· **Хароҷоти иловагӣ:** ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ ва расмиёти мураккаб хароҷотро афзоиш медиҳанд.

· **Коҳиши ҳавасмандӣ:** шартҳои душвори дастрасӣ ба имтиёзҳо соҳибкоронро аз истифодаи онҳо дур мекунад.

· **Баландшавии хатари коррупсия:** равандҳои печида имконият барои сӯиистифодаи мансабӣ фароҳам месозанд.

Бартараф кардани бюрократия қадами муҳиме барои рушди низоми гумрукӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Бо коҳиш додани қадамҳо ва ҳуҷҷатҳои нолозим, инчунин ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ, равандҳои расмӣ содатар ва дастрасии имтиёзҳо ба таври назаррас беҳтар мегарданд. Ин ба рушди иқтисоди миллӣ ва ҷалби бештари сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Барои таъмини дастрасӣ ва самаранокии имтиёзҳои гумрукӣ, муҳим аст, ки равандҳо возеҳ ва фаҳмо тарҳрезӣ шаванд.

Ташкили дастурҳои расмӣ ва равшан ба соҳибкорон кумак мекунад, ки равандҳоро дуруст дарк намуда, ҳуҷҷатҳои заруриро бо осонӣ омода кунанд ва аз имкониятҳои пешниҳодшуда пурра истифода баранд.

Мониторинги электронӣ яке аз воситаҳои муосирест, ки равандҳои баррасии дархостҳоро шаффоф, зуд ва самаранок мегардонад. Ин механизм ба соҳибкорон имкон медиҳад дар вақти воқеӣ аз ҳолати дархости худ бохабар бошанд, ки ба эътимод ба мақомоти гумрукӣ ва раванди додани имтиёзҳо мусоидат мекунад.

Мониторинги электронии баррасии дархостҳо як воситаи муҳим барои шаффофият ва суръат бахшидан ба раванди додани имтиёзҳо мебошад. Ҷорӣ кардани ин низом дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамкории муассир байни соҳибкорон ва мақомоти гумрукро таъмин намуда, рушди иқтисоди миллӣ ва сармоягузориро тақвият диҳад.

Дар низоми гумрукӣ, ташкили кумитаҳои мустақил ё автоматонидашуда метавонад як воситаи муассир барои таъмин кардани шаффофият ва адолат дар раванди баррасии дархостҳо бошад. Ин ташаббус, дар баробари коҳиш додани коррупсия ва таъсири омилҳои шахсӣ, раванди қабули қарорҳоро муассиртар ва ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқ месозад.

Ташкили кумитаҳои мустақил ё автоматонидашуда дар фаъолияти гумрукӣ як қадами муҳим барои баланд бардоштани одилонагӣ, шаффофият ва самаранокии равандҳои баррасии дархостҳо мебошад. Ин раванд метавонад ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намуда, эътимод ба низоми гумрукӣ ва ҷалби сармоягузорӣ ба Тоҷикистонро таҳким бахшад.

Вале бо ворид шудани операторони нав ва таъмини шаффофияти бештари танзими соҳа, интизор меравад, ки нархи интернет паст ва сифати он беҳтар мегардад, ки ин як шарти асосии рақамикунонӣ мебошад. Барои он ки рақамикунонии бозори меҳнат таъсири пурраи худро ба иқтисодиёт расонад, ҳалли маҷмӯи масъалаҳо зарур аст: тавсеаи инфрасохтори рақамӣ дар тамоми қаламрав, дастрас гардонидани интернет бо нархи мувофиқ барои аҳолӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамии қувваи корӣ, такмил додани қонунгузорӣ ва ташаккули экосистемаи инноватсионӣ дар кишвар.

Рақамикунонии бозори меҳнат дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба сифати як муҳаррики нави рушди иқтисодӣ хизмат кунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар равандҳои шуғл ва меҳнат дар кишвар аз як тараф ба эҷоди имкониятҳои нави корӣ, болоравии маҳсулнокии меҳнат ва густариши шуғли пурмаҳсул мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо давлат ва ҷомеа бояд маҷмӯи шароитҳои заруриро фароҳам оранд. Тоҷикистон айни замон дар оғози роҳи рақамикунонии бозори меҳнат қарор дошта, аллакай як қатор қадамҳои муҳими стратегӣ, аз қабили қабули консепсияҳо ва барномаҳои давлатии дахлдор, мондани асосҳои инфрасохторӣ ва ҷалби шарикони рушдро анҷом додааст.

Натиҷаҳои аввалия, аз ҷумла афзоиши истифодаи хизматрасониҳои рақамӣ дар бахши молиявӣ ва пайдоиши лоиҳаҳои нави шуғли фосилавӣ, умедбахшанд. Бо вуҷуди ин, барои он ки таъсири пурраи рақамикунонӣ ба рушди иқтисодӣ ҳосил шавад, зарур аст, ки раванди мазкур тавсеа ва суръати бештар гирад. Пеш аз ҳама, тавсия мешавад, ки сармоягузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ (шонаро фарогир кардани интернети баландсуръат, такмили шабакаҳои мобилӣ) зиёд карда шавад, зеро ин заминаи техникӣ барои ҳамаи дигар ислоҳот аст.

Дуюм, бояд татбиқи пурраи платформаҳои рақамии давлатӣ (аз ҷумла системаи ягонаи идоракунии бозори меҳнат) ба роҳ монда шавад, то ки хизматрасониҳои шуғл дастрасу шаффоф гардида, бозори меҳнат ба таври муосир танзим ёбад.

Сеюм, таҳкими захираҳои инсонӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ ва таълими кадрҳои технологияи иттилоотӣ бояд дар авлавияти сиёсати давлатӣ қарор гирад – ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва шарикони хориҷӣ ҷиҳати ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ, марказҳои инноватсия (мисли iPark ва ғайра) бояд идома ёбад.

Чорум, рушди соҳибкории технологӣ ва стартапҳо дар кишвар ташвиқ ва дастгирӣ карда шавад, зеро маҳз онҳо манбаи асосии ҷойҳои кории нави баландтехнологӣ хоҳанд буд.

Панҷум, барои фарогирии пурраи аҳолӣ, бояд лоиҳаҳои махсуси коҳиши тавофути рақамӣ миёни шаҳр ва деҳот амалӣ шаванд (масалан, тариқи таъсиси марказҳои омӯзиши рақамӣ дар ҳамаи вилояти кишвар, субсидия кардани нархи интернет дар деҳот ва ғ.).

Татбиқи ин тавсияҳо имкон медиҳад, ки Тоҷикистон аз бартариҳои иқтисоди рақамӣ пурра баҳра бурда, рушди иқтисодиётро ба сатҳи нави сифатӣ барорад. Бо рақамикунонии самараноки бозори меҳнат, кишвар метавонад нерӯи инсонӣ ва таълимдидаҳои худро бештар дар дохил истифода бурда, вобастагии иқтисодиро аз муҳоҷирати меҳнатӣ коҳиш диҳад. Ин раванд дар дарозмуддат ба пайдоиши иқтисодиёти дониш асосёфта ва рақобатпазир оварда, барои расидан ба ҳадафи рушди устувор ва фарогири миллӣ замина мегузорад.

Ҳамин тавр, рақамикунонии бозори меҳнат на танҳо як ҷузъи ҷудонашавандаи инқилоби саноатии рақамӣ дар ҷаҳон аст, балки барои Тоҷикистон фурсатест нодир ҷиҳати таъмини шукуфоии иқтисодӣ ва иҷтимоии наслҳои оянда.

АДАБИЁТ

1. Jan-Peter Olters (2021). “In Tajikistan, a Digital Future as an Alternative to Unemployment or Migration.” – World Bank (мақолаи таҳлилӣ, 1 марти 2021).
2. Asian Development Bank (2025). Forecasts Steady Economic Growth for Tajikistan Through 2026. https://timesca.com/adb-forecasts-steady-economic-growth-for-tajikistan-through-2026/
3. Jovid Ikromi (2023). “Digitalisation can unlock Tajikistan’s untapped potential.” – John Smith Trust (мақолаи онлайн) https://johnsmithtrust.org/digitalisation-can-unlock-tajikistans-untapped-potential/.
4. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019). Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 декабри 2019, №642.
5. Назаров А.Ш., Қабилов Ш.С. (2023). “Тағйирот дар бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ.” – Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи техникӣ ба номи М. Осимӣ», №4, 2023.
6. UNICEF Tajikistan (2024). Пресс-релиз: Ҳамкорӣ бо Tcell барои рушди шуғли ҷавонон. – 28 октябри 2024.
7. Электроный ресурс. worldbank.org
8. Электроный ресурс https://johnsmithtrust.org/can-technology-unlock-future-jobs-in-tajikistan

УДК 658.14/.17, 336.71

Бобоҷонова У.А.

ТАСНИФОТ ВА ТАҲКИМИ ИҚТИДОР ВА РАҚОБАТПАЗИРИИ МУАССИСАҲОИ МОЛИЯВИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таҳикми иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун падидаи нав бо усулҳои таснифотии васеъи онҳо таҳлил ва омӯхта шудааст. Пешниҳод гардидааст, ки пеш аз оне, ки масъалаҳои мазкур омӯхта мешаванд, сохтор ва таркиби муассисаҳои молиявию-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайн карда шаванд. Ҳамчунин, сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳил гардидааст, ки дар он нишондиҳандаҳои рушди молиявии муассисаҳои молиявию-қарзии дарҷ гардидаанд. Таҳкими иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию-қарзиро бо истифода аз дидгоҳи олимони хориҷию ватанӣ таҳлил гардида, қайд кард мешаванд, ки дар шароити тағйирёбрии муносибатҳои молиявию иқтисодӣ дар ҷаҳон, рақобатпазир будани муассисаҳои молиявию-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим дониста мешаванд.

Вожаҳои калидӣ: сохтори молиявӣ, муассисаҳои молиявию-қарзӣ, таснифоти иқтидори молиявӣ, шаклҳои рақобатпазирӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, иқтидори молиявӣ, тағйирёбии иқтисодиёт, усулҳои таҳкимбахши, рушди низоми молиявӣ.

Бободжонова У.А.

КЛАССИФИКАЦИЯ И УКРЕПЛЕНИЕ ПОТЕНЦИАЛА И КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются и изучаются вопросы укрепления потенциала и конкурентоспособности финансово-кредитных учреждений Республики Таджикистан как нового явления с использованием их развернутых методов классификации. Перед изучением этих вопросов были определены структура и состав финансово-кредитных учреждений Республики Таджикистан. Также анализируется финансовая структура Республики Таджикистан, которая включает в себя показатели финансового развития финансово-кредитных учреждений. Анализируется укрепление потенциала и конкурентоспособности финансово-кредитных учреждений с использованием позиций зарубежных и отечественных ученых, и отмечается, что в условиях изменения финансово-экономических отношений в мире конкурентоспособность финансово-кредитных учреждений Республики Таджикистан считается важной.

Ключевые слова: финансовая структура, финансово-кредитные учреждения, классификация финансовой устойчивости, формы конкурентоспособности, коммерческие банки, финансовая устойчивость, экономические изменения, методы укрепления, развитие финансовой системы.

Bobojonova U.A.

CLASSIFICATION AND STRENGTHENING THE POTENTIAL AND COMPETITIVENESS OF FINANCIAL AND CREDIT INSTITUTIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes and studies the issues of strengthening the potential and competitiveness of financial and credit institutions of the Republic of Tajikistan as a new phenomenon using their detailed classification methods. Before studying these issues, the structure and composition of financial and credit institutions of the Republic of Tajikistan were determined. The financial structure of the Republic

of Tajikistan, which includes indicators of financial development of financial and credit institutions, is also analyzed. Strengthening the potential and competitiveness of financial and credit institutions is analyzed using the positions of foreign and domestic scientists, and it is noted that in the context of changing financial and economic relations in the world, the competitiveness of financial and credit institutions of the Republic of Tajikistan is considered important.

Key words: financial structure, financial and credit institutions, classification of financial stability, forms of competitiveness, commercial banks, financial stability, economic changes, strengthening methods, development of the financial system.

Рушди муносибатҳои иқтисодию-молиявӣ, иҷтимоию-сиёсӣ ва ҷаҳонишавии онҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳамаи таҳкими низомҳоеро талаб менамоянд, ки ин муносибатҳо дар доираи фаъолияти онҳо амалӣ карда мешаванд. Махсусан, раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои молиявӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян намудани шартҳои муҳими фаъолияти низоми муассиаҳоҳи молиявию қарзиро бояд тасниф намуд, ки он ба воситаи таҳлили хусусиятҳо ва услубҳоии илмии раванди таҳкимбахшии иқтидор ва рақрбатпазирии онҳо, амалӣ карда мешавад. Пешниҳод менамоем, ки пеш аз, омӯзиши услубҳои таҳлили иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию-қарзӣ, сохтор ва таснифоти онҳоро бояд муайян намуд.

Бояд гуфт, ки муассисаи молиявию-қарзӣ-муассисаи давлатӣ ё хусуси буда, тибқи иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон, ӯҳдадор мегарданд, ки на кам се шакли хизматрасониҳои молиявиро ба аҳолии кишвар пешниҳод намояд, ки инҳо мебошанд: пешниҳоди хизматрасониҳо қарзӣ, қабули пасандозҳо ва кор ба суратҳисобҳои бонкӣ, ҳисоббаробаркуниҳои нақдию ғақринақдӣ, харид ва фурӯши асъорӣ хориҷа ва қоғазҳои қимматнок, пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии боваринок ва ғ.

Ҳамчунин, дар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ доир ба мафҳуми муассисаҳои мазкур чунин оварда шудааст “ташкилотҳои қарзии молиявӣ - ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти дар қонун пешбинишударо амалӣ менамоянд” [1, с. 5]. Ҷиҳати бештар омӯхтани сохтор ва таснифоти муассисаҳои мазкур, дар ҷадвали навбати маълумотҳои васеъ оварда мешавад.

Маълумотҳое, ки дар ҷадвали 1, оварда шудаанд, таснифоти васеъи муассисаҳои молиявию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баён доранд. Яъне, зери мафҳуми муассисаҳои молиявию қарзӣ: ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла (ташкилотҳои маблағгузории хурд); бонк (бонкҳои тиҷоратӣ); ташкилотҳои қарзии исломӣ (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла "равзанаи бонкии исломӣ"); ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд); ширкатҳои суғуртавию лизингӣ ва биржаи қоғазҳои қимматнок, иборат мебошанд.

Ҷадвали 1

Таснифоти муассисаҳои молиявию қарзӣ аз рӯйи шакли фаъолияти онҳо

№	Шакли муассисаҳои молиявию қарзӣ	Вобастагии ба моликият	Мақсад ва вазифаҳое, ки онҳо иҷро менамоянд	Самти асосии фаъоляти
1.	Ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла (ташкилотҳои маблағгузории хурд)	Давлати ва хусусӣ	Миёнаравии молиявӣ	Тибқи иҷозатномаи БМТ
2.	Бонк (бонкҳои тиҷоратӣ)	Давлати ва хусусӣ, хориҷӣ	Мақсади асосиаш гирифтани фоида	Ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ

3.	Ташкилотҳои қарзии исломӣ (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла "равзанаи бонкии исломӣ")	Шахсони ҳуқуқӣ	Тақсимоти зарарар фа фоида Тибқи шартномаҳои пасандозӣ ва маблағгузорӣ	баъзе аз амалиѐти бонкии Исломии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд
4.	Ташкилотҳои маблағгузории (қарзи) хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд)	Шахсони ҳуқуқӣ	Ташкилотҳои қарзие, и мақсади асосиашон гирифтаи фоида мебошад	Ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул мебошанд
5.	Ташкилотҳои амонатии хурд	Шахсони ҳуқуқӣ	Ташкилотҳои қарзие, и мақсади асосиашон гирифтаи фоида мебошад	Ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд
6.	Ташкилоти қарзии хурд	Шахсони ҳуқуқӣ	Ташкилотҳои қарзие, и мақсади асосиашон гирифтаи фоида мебошад	Пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамуда
7.	Ширкатҳои суғуртавӣ	Шахсони ҳуқуқӣ	Гирифтани фоида ва таъмини амнияти амалиётҳои молиявӣ ва ғ.	Пешбурди фаъолияти суғуртавӣ ва бастани шартномаҳо суғуртвай
8.	Ширкатҳои лизингӣ	Шахсони ҳуқуқӣ	Гирифтани фоидаи дарозмуддат	Пешниҳоди молҳои (агротехника, ҳавопаймоҳо ва ғ) хусусияти дарозмуддат доштан
9.	Биржаи қоғазҳои қимматнок	Шахсони ҳуқуқӣ	Ташкили кор оид ба хариди фурӯши қоғазҳои қиммтнок	Ташкили фаъолияти миёнаравӣ оид ба барориши қоғазҳои қиммат, фаъолияти тиҷоратӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок, фаъолияти комиссионӣ оид ба қоғазҳои қимматнок, оид ба идораи маҷмӯи қоғазҳои қиммат ва ғ.

Сарчашма: таҳия тибқи маълумотҳои Қонунҳои ҶТ “Дар бораи БМТ”, “Фаъолияти бонкӣ”, “Фаъолитяи суғуртавӣ” ва “Ташкилотҳои маблағгузориҳои хурд”.

Таҳлили васеъи шарҳи низоми молиявии Ҷумҳури Тоҷикистон дар семоҳаи якуми соли 2024, нишон медиҳад, ки дар қаламрави кишвар то 31 марти соли 2024 66 муассисаи молиявию қарзӣ фаъолият дошта, нишондиҳандаҳои молиявии низ доранд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвал гувоҳи онанд, ки дар низоми молиявии кишвар, 91,5% дороиҳои мазку, ба дороиҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ рост меояд. Бояд гуфт, ки дар рушди низоми молиявии кишвар, муассисаҳои мазкур саҳми назаррас доранд. Аммо, дар СМР-2030 омадааст, ки низоми молиявии кишвар, ҳоло ҳамчун сарчашмаи асосии маблағгузории иқтисодиёти милли ташаккул наёфтааст. Яъне, муассисаҳои мазкурро мебошяд, ки барномаҳои маблағгузории худро дар самти маблағгузории иқтисодиёт васеъ намоняд.

Дороиҳои муассисаҳои суғуртавӣ 2,3%, АСИН 5,2% ва ташкилотҳои лизингӣ 1% ро ташкил доданд. Тибқи маълумотҳои БМТ, ташкилотҳои қарзӣӣ молиявии икшвар ба ду гирури калон ҷудо гардидаанд, ки инҳо мебошанд: ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои қарзии исломӣ. Бояд гуфт, ки дар таҷрибаи маблағгузории иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бонкҳое, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ фаъолият мебаранд, ҷабл гардидаанд.

Алҳол, дар кишвар ҶСК “Тавҳид бонк” бонки исломии инноватсионӣ бо ҳаҷми 311,0 млн. сомонӣ дороиҳо ва ду равзани бонки исломӣ, иқтисодиёти кишварро маблағгузорӣ намуда истодааст.

Ҷадвали 2

Сохтори молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳолати 31 марти соли 2024)

№	Шаклҳои ташкилотҳои молиявию қарзӣ	Ҳаҷми онҳо (бо адад)	Ҳаҷми дороиҳо (млн. сомонӣ)	Ҳиссаи дороиҳо (бо %)
1.	**Ташкилотҳои қарзӣ молиявию: аз он ҷумла**	**63**	**38506,3**	**91,5**
	Бонкҳо	15	32598,0	77,5
	Бонкҳои давлатӣ	2	8133,6	19,3
	Бонкҳои исломӣ	1	311,0	0,7
	Бонк бо сармояи хориҷӣ	4	3852,2	9,2
	Бонки дигар	8	20301,1	48,2
2.	**Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ**	**1**	**119,8**	**0,3**
3.	**Ташкилотҳои маблағгузории хурд, аз он ҷумла:**	**47**	**5788,5**	**13,8**
	Ташкилоти амонатии қарзии хурд	19	4778,6	11,4
	Такшилоти қарзии хурд	3	279,9	0,7
	Фонди қарзии хурд	25	730,1	1,7
4.	**Филиали ташкилотҳои қарзии молиявӣ**	**332**	**-**	**-**
5.	**Ташкилотҳои суғуртавӣ**	**16**	**949,6**	**2,3**
6.	**Ташкилотҳои лизингӣ**	**6**	**431,3**	**1,0**
7.	**Биржаҳои фондӣ**	**2**	**-**	**-**
8.	**АСИН**	**1**	**2194,7**	**5,2**
Ҳамагӣ		**88**	**42081,9**	**-**
Дороиҳи муассисаҳои молиявию қарзӣ нисбат ба ММД (бо %)			*31,3*	

Сарчашма: таҳия тибқи маълумотҳои: Шарҳи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар смоҳаи якуми соли 2024 // сарчашмаи электрон: Манбаи дастраскунӣ: https://www.nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2024 (санаи истифодабарӣ: 25.03.2025)

Аз маълумотҳои ҷадвали 2, маълум мебошад, ки дар кишвар дар ҳолати 31 марти соли 2024, 332 филиали такшилотҳои қарзии молияви, 3 воҳиди сайёр ва 1561 марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва маблағгузориҳо хурд ба иқтисодиёти кишвар машғул мебошанд. Дар санаи мазкур, 16 адад ширкатҳои суғуртави дар Ҷумҳури Тоҷикистон фаъолият дошта, 15 адади онҳо ғайридавлатӣ буда, танҳо яктаи онҳо давлатӣ мебошанд. Ширкатҳои мазкур, дар доираи фаъолиятҳои худ, ҷиҳати пешниҳод намудани хизматрасониҳои молиявии худ, 66 адад филиалҳои худро дар қаламравӣ кишвар ташкил додаанд. Ҳамҷи дороиҳои молиявии онҳо аз аввали соли 2024, 16,4% афзоиш ёфта ба 949,6 млн., сомони расидаанд.

Ҳамчунин, ки дар боло қайд кардем, ширкатҳои лизингӣ ҳам ба таснифоти муассисаҳои молиявию-қарзӣ ворид гардидаанд. Дар санаи 31 марти соли 2024, дороиҳои онҳо дар ҳаҷми 431,1 млн., сомонӣ арзёбӣ гардидаанд, ки аз аввали соли 2024 1,8% афзоиш ёфтаанд.

Яъне, муайян карда мешавад, ки дар сохтор ва зери таснифоти муассисаҳои молиявию-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои зерин ворид мегарданд: биржаи қоғазҳои қимматнок, ширкатҳои лизингӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, ташкилотҳои амонатии хурд, ташкилоти қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии исломӣ (бонкҳои исломӣ,ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ,

ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла "равзанаи бонкии исломӣ") ва бонкҳои тиҷоратӣ.

Яке аз масъалаҳои муҳими низоми молияи кишвар ин таъмин намудани иқтидор ва рақобатнокии муассисаҳои молиявии мазкур мебошад. Чуноне, ки қайд кардем, ҷиҳҳати омӯзиши масъалаҳои мазкур усулбҳои гуногуни илмӣ истифода мегарданд.

Мафҳуми рақобат ва рақобатпазирои бо истифода аз услубҳои назариявӣ дар осорҳои илмии А. Смит, К. Маркс, У. Ҷевонс, А. Маршал, Ҷ. Робинсон ва дигарҳо омӯхтаанд. Қайд карда мешавад, ки тавсири назариявии мафҳуми рақобат бештар дар раванди ташаккули иқтисодиёти сиёсӣ шакл гирифтааст [5, с. 7].

Таҳлили назариявии А. Смит нишон медиҳанд, ки ӯ, рақобатпазироро ҳамчун хусусияти дохилии инсонҳо эътироф менамояд, ки он бештар дар рафтори онҳо мушоҳида мегардад. Яъне, инсонҳо бештар кӯшиш менамояд, ки рақобатпазир нишон диҳанд [9, с.122].

Дар таҳлилҳои илмии худ К.Марк рақобатро ҳамчун муҳорибае меномад, ки соҳибкорон барои дастраси пайдо намудан ба шароитҳои беҳтарин маблағгузориҳо анҷом медиҳанд [4, с.102].

Дар татқиқотҳои худ А. Маршал тасдиқ менмояд, ки нерӯи пешниҳодот ва талабот зимни рақобат озодона фаъолият мекунад, ки дар онҷо харидорон озодона бо фурӯшандагон рақобат менамоянд. Ба ақидаи ӯ, имконияти интихобт озод, ба фикрони ва нерумандии иштиррокчиёни бозор таъсир менамоянд.

Дар раванди омӯзиши масъалаҳои рақобатпазирӣ Робинсон Ҷ., пешниҳод мнамояд, ки рақобатпазирӣ ба ғайр аз омилӣ нарх, ҳамчунин дигар хусусиятҳои мол ба рафтори рақобатнокии харидорон, ба монандӣ: хароҷотҳои нақлиёти, сатҳи сифати молҳои тайёр, хусусиятҳои муайяни хизматрасониҳо ба харидорон, муҳлати қарзҳои тиҷоратию бонкӣ, обрӯ корхонава ва сатҳи пешниҳоди рекламаҳо низ таъсинок мебошанд [4, с.102].

Равиш ва дидгоҳи олимони рус оид ба мафҳуми ва мундариҷаи рақоатпазирӣ чунин мебошад: рақобатпазирӣ ин ин раваанди иқтисодии ҳамбастагӣ ва муборизаи байни иштирокчиёни бозор ва корхонаҳоро ба мақсади фурӯши самаранок, қонеънамоии талаботҳои гуногуни харидорон ва гирифтани фоидаи лозима ифода менамояд [6, с.211]. Равиши мазкур дар шароити муосир бештар хусусиятҳои рақобатпазириро дар системаҳои иқтисодӣ ифода мнамояд.

Дар асоси гуфтаҳои мазкур агар фаъолияти муассисисаҳои молиявию-қарзиро мувофиқ намоем, муайян карда мешавад, ки яке аз мақсадҳои асосии онҳо ин сатҳи пасти нархҳо, хароҷотҳои умумӣ ва даромадӣ баланд мебошад. Дар самти мазкур, масалн бонкҳои тиҷоратие, ки дар кишвар фаъолият мебаранд, кӯшиш намуда истодаанд, ки бо истифода аз технологияҳои муосири инноватсионию рақамӣ нархи хизматрасониҳои худро паст намуда, раванди иҷрои онҳоро муфидгардонида, сатҳ ва сифати хизматрасониҳоро боло бурда, даромади бештари бозори бонкиро соҳиб гарданд.

Вобаста ба ҳолати мазкур бояд иброз намуд, ки рақобатпазири дар соҳаи иқтисодиёт ва идоракуни тафсири ягона надошта, аз сарчашмаҳо ва стаҳҳои гуногун иборат мебошад. Рақобатпазирии системаҳои иқтисодӣ, ҳамчун масъалаҳои муҳими иқтисодии ҷаҳонӣ, миллӣ, соҳаи, минтақавӣ ва дар сатҳи корхонаҳои алоҳида мушрҳида мегардад. Яъне, ҳамаи сатҳҳои иқтисодӣ, масъалаҳои мазкур мубрам буда, равишҳо ва дидгоҳҳои хосро талаб менамоянд. Бояд гуфт, ки дар соли 1982, ки форум оид ба рушди менеҷмент дар Аврупо барпо гардида буд, бо истифода аз равишҳо ва дидгоҳҳои аврупоӣ, рақобатпазирӣ ҳамчун қобилият ва иқтидорӣ соҳибкорону истеҳсолгарон дар шароити муосир, оянда ҷиҳати истеҳсол ва фурӯши молҳои худ дар бозорҳои ҷаҳонию миллӣ, ки бо сифат баланд пешниҳод гардидаанд, ифода менамояд. Таҳлилгарони соҳа бо истифода аз усулбҳои омӯзишии худ, рақобатпазириро қобилияти бунёди шароитҳое медонанд, ки онҳо ба корхонаҳо имконияти баланди истеҳсолиро дода, сатҳи фоиданокиро боло бурда, сатҳи сифати зиндагии коргаронии онҳо боло бурда мешавад [3, с.21].

Моҳият ва мазмуни рақобатпазирӣ дар бохши молиявӣ нисбати дигар бахшҳои иқтисодӣ кулланд фарқ менамояд. Рақобатпазирӣ дар соҳаи молиявӣ ва бозорҳои молиявӣ раванди мураккаб буда, аз омилҳои бисёр вобастагии зия дорад. Яке аз объектҳои рақобатпазирӣ дар бозори молиявию бонкӣ ин хизматрасонии молиявӣ мебошад, ки он яке аз омилҳои марказии

рақобатнокӣ дониста мешавад. Муассисаҳои молиявию қарзӣ бо истифода аз равиши пешниҳоди хизматрасониҳои молиявии худ дар бозорҳои молиявӣ, эътимоднокии аҳолиро ба даст оварда, маблағҳои онҳоро барои гузаронидани амалиётҳои дигари худ ҷалб намуда, кӯшиш менамоянд, ки талаботҳои мизоҷҳои худро саривақти ва пурра қонеъ намоянд. Яке аз бозорҳои ҳасоси молиявӣ ин бозори бонкӣ мебошад, ки дар кишвари мо, дар масири рушд қарор дошта, абзорҳо ва механизмҳои он ҳамарӯза дар самти такмил қарор доранд.

Рақобат дар бозори бонкӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки анқариб ҳамчун сарчашмаи муҳими маблағгузории бахшҳои иқтисодиёти милли ба ҳисоб меравад. Хусусияти хоси бахши бонкии иқтисодиёт дар он зоҳир мегардад, ки дар бахши мазкур аҳолии зиёд ҷалб гардидаааст, хизматрасоиҳои бонкҳои тиҷроатиро ҳамрӯза васеъ истифода мебаранд. Бояд гуфт, ки рақобат ва рақобатпазирӣ дар бозори бонкии кишвар яке аз стимули рушд дониста мешавад. Зеро, аз рӯзе, ки бозори мазкур дар қаламрави кишвар фаъолияти худро оғоз кард, саҳми рақобат ва рақобатпазирӣ дар рушди он муҳим арзёбӣ мегардад. Чуноне, ки дар боло қайд кардем, дар бозори мазкур аҳолии кишвар бештар хизматрасониҳои молияаиро истифода мебаранд. Яке аз вазифаҳои муҳими бонкҳо дар масири мазкур ин бояд беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии худ мебошад.

Рақобат дар бахши бонки пеш аз ҳамаи ин раванди иқтисодӣ буда, дар доираи он фаъолияти мутаҳидгардида, ҳамбастагӣ ва муборизаи ташкилотҳои қарзию-молиявӣ ҷиҳати муҳайё сохтани шароити беҳтарин барои пешниҳоди хизматрасониҳои худ ва гирифтани даромади максималӣ зимни қонеъ намудани пурраи ҳамаи талаботҳои мизоҷони худ мебошад [2, с.263]. Яъне, рақобат дар бозори бонкӣ ва бахши бонкии кишвар яке аз омилҳои рушддиҳандаи асоси ҳисобида шуда, рақибон ва иштирокчиёни бозори бонкиро ба васеъ намудани доираи хизматрасониҳои бонкии худ, беҳтар намудани сатҳу сифати маҳсулот ва хизматрасониҳо бонкӣ ва идоракунии сатҳи нархҳо ба хизматрасониҳои худ, даъват менамоянд. Дар шароити муосир, маҳз рақобат ва омилҳои он бонкҳо ва дигар муассисаҳои молиявию-қарзиро водор месозанд, ки ба самтҳои фаъолияти асоси худ ҷидди эътибор дода, самараноки онҳоро дучанд гардонанд [2, с.53].

Аз таҳлилҳои анҷомдода то ин лазҳа муайян гардидааст, ки яке аз омилҳои асосии рақобатпазири бонкҳо ин сатҳи хизматрасонии онҳо ба ҳисоб мераванд. Маълум мебошад, ки қариб дар тамоми ҷаҳон, бонки тиҷорати асоси фаъолияти худро, фаъолияти қарздиҳи меҳисобанд. Маъмулан онҳо барои иҷрои ин амалиёташон қариб 70% захираҳои пасандозии худро сафарбар намуда, даромадро натиҷагирӣ менамоянд. Нархи ингуна малиётҳо қарзӣ дар таҷрибаи бонкдорӣ бо меъёри фоизӣ ченак карда мешавад. Яъне, бонкҳои тиҷорати ва дигар муассисаҳои қарзию молиявӣ, амалиётҳои қарзии худро бо истифоад аз механизмҳои фоизӣ пеш бурда, даромади фоизӣ мегиарнд. Чуноне, ки принсипҳои рақобатпазири ба он фишор меоварад, ки бояд нархи хизматрасониҳо коҳиш дода шавад. Дар мисоли бонкҳои тиҷоратие, ки дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, сатҳи меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашудаи бонкҳо дар 10 соли охир бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дар дигараммаи навбати меорем.

Таҳлили маълумотҳои овардашуда дар диаграмма нишон медиҳанд, ки меъёри фоизи миёнавазн қарзҳои додашудаи бонкҳо дар даврaҳои солҳои 2015-2024 дар доираи 28% боло нафратааст. Агар дар соли 2015 нархи хизматрасониҳои қарзи муассисаҳои молиявию қарзии ккишвар 24,66% бошад пас баъда аз гузаштаи 10 сол, нишондиҳандаи мазкур ба 22,12% расидаат. Яъне, дар давоми инқадар сол меъёри фоизи миёнавазн қарзҳои додашуда 0,51% арзон шуддаанд. Динамикаи солҳо нишон медиҳанд, ки тағйиротбо зиёд аз 1 ё 2 фоизи банди иборат мебошанд Аз ҳамаи нархномаи қиммат дар соли 2017 мушоҳида карда мешаванд, ки 28,18% -ро ташкил додааст.



Диаграммаи 1. Меъёри фоизи миёнавазн қарзҳои додашудаи бонкҳо дар солҳои 2015-2024 (дар охири давра)

Сарчашма: таҳия бо истифода аз маълумотҳои сайти БМТ барои солҳои 2015-2024

Муносибат бо қарзҳои додашуда бо асъорӣ хориҷӣ низ тағйирёбанда боқ мондаанд. Агар дар соли 2015, нархҳои хизматрасониҳои қарзии муассисаҳои молиявӣ 21,23% -ро ташкил дода бошанд, пас ин нархнома дар соли 2024 ба 11,74% расидааст. Яъне, 10,49% нархми онҳо поён омадааст. Яке з сабабҳои ингуна коҳишёбии нархномаи мазкур ин дар сатҳи паст қарор доштани талобот нисбати асъориҳои хориҷӣ дар кишвар маънидод карда мешавад. Тиқб як қарори муаяйни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми пардохт ва амалиётҳои молиявӣ дар дохили кишвар бо асъорӣ милли сурат мегаранд. Ҳамин чораандеши буд, ки имрӯз нархномаи хизматрасониҳои қарзии муассисаҳои молиявӣ дар сатҳи паст қарор доранд.

Чуноне, ки маълум мебошад хизматрасониҳои муассисаҳои молиявию-қарзӣ таснифоти васеъ ва шаклҳои гуноугн доранд. Бо истифода аз шаклҳои гуногунии худ ва ҷорӣ намудани шаклҳои қарзҳои алоҳида вобаста ба табақаҳои аҳолии кишвар, метавонанд муассисаҳои молиявиро рақобатпазир намояд. Яъне, рақобатпазирии муассисаҳои молиявию молиявию-қарзӣ бештар низ ба шаклҳо ва таснифоти васеъи хизматрасониҳои онҳо вобастагии калон доранд. Муассисаҳои молиявию-қарзӣ чун фаъаолиятион хусусияти иқтисодӣ дошта, аз муассисаҳои истеҳсолӣ қариб фарқ надоранд. Мисол, агар як корхонаи истеҳсоли чанде аз маҳсулотҳои худро истесол намуда ба бозор пешниҳод кунанд, ҳамон қадар гирифти бозор ба он осон мегардад. Муассисаҳои молиявию-қарзӣ ҳам ҳамингуна мебошад, шакл ва номенклатураи хизматрасониҳои худро васеъ намоянд, сатҳи рақотабоникашон боло меравад.

Ҷиҳати бештар омӯхтани, сатҳи нархномаи хизматрасониҳои қарзии муассисаҳои молиявию қарзии кишвар, дар ҷадвали навбати таснифоти васеъи қарзҳои додашудаи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қарзҳо оварда мешаванд, ки бо асъори милли ва хориҷӣ пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 3.

Таснфоти меъёри фоизи миёнавазн аз рӯи қарзҳои додашудаи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар охири давра, бо %)

№	Номгӯи қарзҳо	Давраҳои таҳлил (солҳо)									
		2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
1.	**Ҳамаи қарзҳои бо пули миллӣ**	**24,66**	**24,76**	**28,18**	**26,02**	**22,72**	**21,20**	**23,95**	**23,34**	**23,20**	**22,12**
2.	**Қарзҳои мӯҳлатнок:**	**26,57**	**24,98**	**28,33**	**26,44**	**23,53**	**21,44**	**25,26**	**24,18**	**23,25**	**23,03**
	то 1 моҳ	24,77	21,33	26,27	22,12	21,15	19,50	22,52	19,90	17,54	15,27
	зиёда аз 1 то се моҳ	27,65	21,75	33,17	24,34	24,78	19,63	21,83	17,58	20,72	17,58
	зиёда аз 3 то 6 моҳ	22,78	17,77	17,93	24,25	25,00	24,70	23,51	15,76	22,92	20,41

	зиёда аз 6 то 1 сол	30,34	29,69	31,61	26,25	22,83	25,86	26,53	27,33	27,42	25,16
	зиёда аз 1 сол	26,02	26,61	29,64	28,59	25,21	20,27	25,11	24,47	23,07	23,99
3.	**Қарзҳои дигар**	**16,37**	**25,28**	**25,19**	**18,98**	**24,55**	**19,38**	**17,44**	**17,89**	**18,12**	**16,92**
4.	**Ҳамаи қарзҳои бо асъори хориҷӣ**	**21,23**	**20,43**	**21,05**	**17,24**	**15,89**	**13,10**	**12,94**	**11,97**	**11,81**	**11,74**
5.	**Қарзҳои мӯҳлатнок:**	**22,66**	**20,68**	**21,02**	**17,55**	**17,62**	**13,40**	**13,23**	**12,19**	**11,90**	**12,10**
	то 1 моҳ	21,57	22,63	20,06	14,44	14,98	11,62	11,91	9,40	7,91	6,14
	зиёда аз 1 то се моҳ	22,49	21,01	18,29	16,43	13,31	12,76	12,87	11,80	11,94	11,12
	зиёда аз 3 то 6 моҳ	19,82	19,05	19,21	18,90	15,85	14,43	13,95	14,02	11,82	11,30
	зиёда аз 6 то 1 сол	25,30	20,20	18,23	16,33	14,00	13,70	12,81	12,49	12,19	12,46
	зиёда аз 1 сол	22,18	20,89		18,53	18,54	13,90	13,89	12,15	12,25	12,39
6.	**Қарзҳои дигар**	**17,19**	**17,00**	**21,10**	**15,29**	**13,85**	**11,42**	**9,55**	**6,90**	**8,05**	**9,71**

Сарчашма: таҳия тибқи маълумотҳои расмии сомоноаи БМТ : nbt.tj (санаи истифодабари 06.04.2025)

Чуноне, ки дар боло қайд карда гузаштем, хизматрасониҳои қарзии муассисаҳои молиявию-қарзӣ таснифоти васеъ доранд, ки аз рӯйи муҳлатноки аз 1 моҳ оғоз гардида, зиёда аз як солро дарбар мегиранд. Аз ҷадвал мушоҳида карда мешавад, ки ҳамаи меӯёри фоизҳои аз рӯйи муӯлатҳои қарзҳо мақл ба коҳишёбӣ доранд. Агар қарзҳои то 1 моҳ дар соли 2015 тибқи меъёри 24,77% пешниҳод мегрдиданд, пас дар соли 2024 онҳо бо нархномаи 15,27% пешниҳод гардиданд.

Хизматрасониҳои қарзии зиёда аз 1 то се моҳ дар давоми даҳ соли охир аз 24,77% соли 2015 дар соли 2024 тибқи 17,58% пешниҳод гардидаанд, ки 10,19% арзон шудаанд. Аммо қарзҳое, ки то 6 моҳ дода мешаванд наонқадар меъёрашон коҳиш ёфтааст, ки нишондиҳандаҳои ҷавадлҳо гувоҳи онанд ҳамагӣ дар солҳои 2015-2024, 2,37% коҳиш ёфтаанд. Ҳамзамон меъёри фоизи қарзҳои то як сол, дар ин давра ба 5,18% ва меъёри фоизи қарзҳои зиёда аз як сол 2,03% арзон гардидаанд. Сабаби кам коҳиш ёфтани меъёри фоизи қрзҳои то 1 ва зиёда аз як сол ин пеш аз ҳама зиёд будакни талабот мебошад. Яъне, каме аз қисми аҳолии кишвар ба қарзҳои кӯтоҳмуллат иштиёқ доранд, ки бештари онҳо қарҳоро ба муҳлатҳои аз як сол зиёд мегиранд.

Хизматрасониҳои қарзие, ки бо асъори хориҷӣ пешниҳод карда мешаванд, чуноне, ки маълумотҳои ҷадвали нишон додаанд, меъёри фоизашон нисбат ба асъори хориҷӣ паст мебошанд. Дар давоми солҳои таҳлилӣ меъри фоизӣ миёвазнии онҳо сол ба сол поён рафтааст.

Дар бозорҳои молиявӣ агар предмети рақобат хизматрасониҳои молиявӣ бошанд, пас муассисаҳои молиявӣ бо истифода ах механизҳои дороии худ, кӯшиш менамоянд, ки мизоҷонро нисбат ба хизматрасониҳои худ, завқманд намуда, онҳоро ҷалб намоянд. Агар ҳамин тавр бошад, ппас дар бозори мазкур, объекти рақобат ин мизоҷ ба ҳисоб мераванд.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мизоҷони муассиаҳои молиявӣ гардида, аксари хизматрасониҳои онҳоро интихоб намуда, онҳоро васеъ истифода менамоянд, ки дар натиҷа муассисаҳи интихобгардидаи онҳо, фоида гирифта, устувории молиявии худро таъмин менамояд.

Дар замина мазкур, бояд гуфт, ки рақобатпазирии муассисаҳои моливӣ қарзӣ аз рафтор ва истифодаи хизматрасониҳои онҳо аз тарафи мизоҷон вобастагии калон дорад. Бояд қайд кард, ки дар раванди мазкур, худи хизматрасониҳои муассисаҳои рақобатпазир бошанд, ки онҳо хусусияти рақобатӣ дошта бошанд. Дар маҷмӯ, чунин хизматрасониҳои қобилияти таъмини рақобатпазирии муссисаҳои молиявию қарзӣ дар бозори молиявӣ, амалӣ менамояд. Яъне, хусусияти рақобатпазирии хизматрасониҳои молиявии онҳо дар он ифода мегардад, ки мизоҷ бо як дидан истифодабарии онро бояд бе чуну-чаро қабул намоед. Муносибати мизоҷон рақобатпазирии ин ё он хизматрасонии молиявии муассисаҳоро таъмин менамояд.

Дар раванди мазкур бояд қайд кард, ки рақобатнокии муассисаҳои молиявиро хислатҳои сифатии хизматрасониҳои онҳо бештар таъмин менамояд. Хислатҳои мазкурро дар бозори молиявӣ ё бонки ба хизматрасониҳо бештар мизоҷон медиҳанд, ки ин аз рӯйи интихоб муайян карда мешавад. Ҳамчун, муассисаҳо молиявию қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ дар бозори молиявии кишвар бештар фаъол мебошад, ки ҳамчун мол ба бозори молиявӣ маҷмӯӣ хизматрасониҳои молиявии худро ба аҳолии кишвар пешниҳод доранд. Дар раванди таъмини рақобатпазирии хизматрасониҳои молиявӣ онҳо ба омилҳои гуногун рӯ ба рӯ мешаванд, ки зимни фаъолият онҳоро бояд омӯхта, роҳҳои ҳалро пайдо кунанд.

Ҷадвали 4.

Тасфоти васеъи омилҳои нархию ғайринархии рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳои тиҷоратӣ)

Омилҳои нархӣ	Омилҳои ғайринархӣ
Меъёри фоизҳои қарзӣ	Сифат ва мӯҳлати хизматрасониҳо молиявии бонкҳо
Меъёри фоизҳои барои пасандозҳои дархостӣ	Маълумот оид ба хизматрасониҳо ва дастрасии мизоҷ ба онҳо
Ҳақии хизматрасониҳои хазинавию-ҳисобаробаркунӣ	Маҷмӯ ва шаклҳои хизматрасониҳо молиявии бонкҳо
Арзиши тарифҳои гуноугн ва комиссия бонкӣ барои хизматрасониҳо	Имконият истифодабариии ройгони хизматрасониҳои молиявии бонкҳо ба мақсади арзёбии онҳо
Тахфиф барои таърихи қарзии беҳтарин ва устувории молиявии воқеъӣ	Ҷойгиршавии географии муассисаҳои молиявию қарзӣ, марказҳои иловагии хизматрасониҳои молиявӣ
Мавҷуд будани шаклҳои гуногуни пардохт оид ба хизматрасониҳо қарзӣ (системаи аннуитет, система дифференсиалӣ ва ғайра)	Вайти корие, ки барои мизоҷ қулой дониста мешавад
Ҳаҷми ҷаримаҳо ва пенияҳои барои сари вақти напардохтани қарз ва фоизҳои он	Фаъоляит доштани хизматрасонии босуръати фоиславӣ ва сифати шаффофӣ он
Давраҳои пардохти фоизҳои пасандозӣ ва капитализатсияи онҳо	Мавҷудият шабакаҳо АТМ ва терминалҳои пардохтӣ
Меъёрҳои фоизҳои зимни баргардодани пасандозҳои мӯҳлатнок	Имконият гузаронидани ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳо бо истифода кортҳои бонкӣ
Қурби асъор зимни гузаронидани амалиётҳои мубодилаи онҳо	Муҷҳаҳазгардонии хизматрасониҳои молиявӣ ба абзорҳои ташвиқотӣ (реклмавӣ) ва чораҷӯиҳои маркетингӣ
	Имиджӣ муассисаҳои молиявию қарзӣ ва номгузории он, нишон, фаъолияти бардавом дар бозори молиявӣ, эътимоднокии мизоҷ
	Ҷиҳати ҳавасмандагрдонии мизоҷ, гузаронидани бозиҳои бурднокӣ молиявӣ
	Сатҳи дониш кормандон ва ҳусни зоҳирии онҳо

Сарчашма: таҳия бо истифода аз маълумотҳои Мавлонова М.И. Роль конкуренции в развитии организаций микрофинансового сектора Республики Таджикистан в условиях современной экономики//Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). 2022. №3-4(78). С. 128-137

Омилҳои мазкур, омилҳои нархӣ ва ғайринархӣ мебошанд. Ба рақобатпазирии хизматрасониҳои бонкӣ омилҳои нархӣ ба монандӣ: меъёрҳои фоиз ба қарзҳо ва тарифҳои бонкҳо ба дигар хизматрасониҳо таъсигузор мебошад.

Ба омилҳои ғайринархии рақобатпазирии бонкҳо бештар сифати хизматрасониҳо ва маҷмӯ ва шакли онҳо дониста мешавад. Дар ҷадвали навбати омилҳои муҳиме, ки ба хизматрасониҳои молиявии бонкҳо таъсигузор мебошанд, оварда шудаанд.

Омӯзиши омилҳои овардашудаи дар ҷадвал нишон медиҳанд, ки ба рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ дар шароити муосир бештар омилҳои эътимоднкии онҳо, имидж муассисаҳо, арзиши пасти хизматрасониҳои молиявии муассисаҳои молиявӣ, дастрасии аҳолӣ ба онҳо ва суръатнокии пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ мизоҷонро ҷалб менамоянд.

Бояд гуфт, ки дар шароти рушди технологияи рақамию инноватсионӣ муассисаҳои молиявию-қарзӣ таҳримҳо ва омилҳои рақобатпазириро дар бозорҳои молиявӣ самаранок иджора намуда, дархостҳои мизоҷонро саривақти қабул намуда, навовариҳои технолгияро дар фаъолияти худ ҷорӣ намуда, равишҳо ва муносибатҳои илмиро дар хизматрасониҳои молиявию бонкӣ васеъ татбиқ намуда, саривақти онҳоро пешниҳод менамоянд.

Қайд кардан ба мавриди мебошад, ки рақобатпазирӣ дар бозорҳои молиявӣ яке аз нерӯҳои ҳаракатдиҳандаи элементҳои он буда, муассисаҳои молиявиро водо месозад, ки танҳо фаъолияти худро пеш бурда, кӯшиш намоняд, ки ҳамеша рушд намуда, мақсадҳои худро дурурст ба роҳ монанд. Дар фаъолияти молиявию иқтисодии муассисаҳои молиявию-қарзӣ ҷорӣ намудани равишҳои инноватсионии муосир ва технологияҳои рақамию инновастсионӣ, идоракунии сатҳу савияи илми ва касбии кормандон, тайёр будан ба таҳвилҳои доимӣ ва муайян намудани сегменти фаъолияти худ, мҳим арзёбӣ карда мешавад. Муассисаҳои молиявию-қарзие, еи доимо фаъолияти худро такмил бахшида, равишҳо ва усулҳои таҳвили дар заминаҳои фаъолияти асоси худ истифода бурда, саривақти ба тағйиротҳои бозор икномибати дурусти худро ба роҳ мемоанад, ҳамеша рақобатпазир эътироф карда мешаванд.

Таҳлили адабиётҳо илмӣ нишон доданд, ки ҷиҳати омӯзиҳи масъалаҳои тақвиятбахшии иқтидор ва рақобатпазирии муасисаҳои молиявию қарзӣ чанде аз коэффисентҳо ва индексҳои таҳлили васеъи истифода мегарданд, ки аксари онҳо дар ҷадвали навботаи бо таснифоти васеъ оварда мешаванд [7, с.18].

Ҷадвали 5.

Таснифи умумии коэффисентҳо ва индексҳои омӯзиши рақобатпазирии муасисаҳои молиявию қарзӣ

№	Номгӯи нишондиҳандаҳо	Ифодаи риёзии онҳо	Матлаби индексу коэффисиентҳо
1.	Ғунҷоиши бозор	$V_m = \sum_{i=1}^{N} V_i$ *V_i=гардиши хизматрасониҳои і муассисаҳои молиявию қарзӣ* *n-шумораи муассисаҳои молиявӣ қарзӣ*	Ҳаҷми умумии хизматрасониҳои молиявии бонкро дар бозори нишон медиҳад
2.	Ҳисса дар бозор	$q_i = \frac{V_i}{V_m}$	Нишондиҳандаи мазкур ҳиссаи муайяни бонкро дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ нишон медиҳад.
3.	Индекси Бейн (меъёри даромаднокӣ)	$r = \frac{TR - TC}{R} * 100$, TR – даромади умуми бонк, TC-хароҷотҳои умумии бонк K-сармояи бонк	Сатҳи истифодабарии воҳиди пулии сармоягузориро нишон медиҳад.
4.	Индекс Лернера	$L_i = \frac{(r_i - mc_i)}{r_i}$ *ri - нархи і- бонк;* *mcі - хароҷотҳои тағйирёбандаи і-бонк*	Нерӯи монополии бонкро дар бозор нишон медиҳад.
5.	Индекс Тобина	$q = \frac{P}{K}$, P – нархи бозории сармоя (нархи 1 аксия, шумораи аксияҳо); K – арзёбии сармоя бо истифода дисконтиронии селаҳои пулӣ	Ба мақсади ташхиси ҳолати молиявии ва мавқеи бонк дар бозор истифода мешавад.

6.	Индекс омезиши (концентрации) бозорӣ	$C\boldsymbol{R_k} = \sum_{i=1}^{k} \boldsymbol{q_i}$ q_i-ҳиссаи пешниҳоди хизматрасони молиявиия дақиқи бонк, нисбати хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои умумии бонкҳо дар соҳаи мазку	Ҳиссаи 3 бонкҳои лидери бозори пешниҳод гардида, ва сатҳи монополизатсияи бозор нишон дода мешавад
7.	Коэффисенти омезишӣ номутлақ (относительной)	$K = \frac{b}{a}$, b – ҳиссаи бонкҳои калон дар бозор, %; a – ҳиссаи хизматрасониҳо ва маҳсулотҳои ин бонкҳо, нисбати ҳаҷми умумии хизматрасониҳо ва маҳссулотҳои бонкҳо, %	Ҳиссаи 3 бонкҳо лидер пешниҳод гардида, сатҳи монополизатсияи бозор нишон дода шуда, ҳиссаи бонкҳои калон ва шумораи бонкҳо фаъоли бозор ҳисобида мешаванд.
8.	Индекси Херфиндал ва Хиршман	$HHI = \sum_{i=1}^{N} S_i^2$, S_i^2- саҳми і муассисаи молиявӣ дар бозори молиявӣ	Имконияти арзёбии тақсимоти ҳиссаҳои рақибонро дар бозор, фароҳ меорад.
9.	Коэффисиенти тақсимоти (вариации) Ҳиссаҳои бозор	$v = \sqrt[n]{\frac{1}{n}\sum\left(q_i - \frac{1}{n}\right)2}$ n – шумобаи бонкҳо дар бахши иқтисодиёт; qi – ҳиссаи бозории бонк	Ҳукумронии бозорро аз тарафи бонк бо воситаи наборабории ҳаҷми онҳо нишон медиҳад.
10.	Коэффисиент Ҷинӣ	$G = \frac{D}{N}$ D – ҳаҷми фозии кумулятивии (ҷамъшуда) соҳаи; N – меъёри фозии кумулятиви шумораи бонкҳо дар бозор	Баробарии бонкҳоро дар бозор арзёби менамояд.
11.	Коэффисиенти ҳисобгардидаи омезишӣ бозор	$I = \frac{d_{max} - M(d)}{d_{max} + M(d)}$, M(d) – ҳиссаи бозории миёнавазнии арифметикӣ дар бозори рақобат; dmax – ҳиссаи максималӣ дар бозори мазкур	Ҳолати бозор ва сатҳи интенсивии рақобатро дар он нишон медиҳад.
12.	Индекс Линда	$L = \frac{1}{K(R-1)} * \sum_{i=1}^{k} q_i$ К – шумораи рақибони калонҳаҷм (аз 2 то n); Qi – муносибати байни ҳаҷми ҳиссаи бозори і рақобатчиён ва ҳиссаи онҳо; k - і рақобатчиён; i – шумораи рақобатчиёни пешсаф К – рақобатчиёни калонҳаҷм	Имконият дақиқ намудани сатҳи нобаробари байни ледирон дар бозори рақобат, медиҳад.

Ҳамин таври, бояд гуфт, ки зимни омӯзиши масъалаҳои тақвиятбахшии иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ қарзии бо истифода аз коэффисент ва индексҳои дар боло пешниҳод гардида, натиҷае ба даст меояд, ки ҳолати воқеии рақобат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ танг ҳоҳад шуд [8,10].

Дар заминаи гуфтҳо мазкур,қайд кард, ки моҳияти индексҳое, ки бо ифодаҳои риёзие, ки дар боло оварда шудааст, ҳамчун мисоле мебошанд, ки сатҳи омешизӣ рақобатро нишон медиҳанд.

Мушкилоте, дигар дар заминаи истифодаи онҳо пеш меояд ин маълумотҳои зиёд оморӣ мебошад. Яъне, маълумотҳои зиёди омориро таҳлил ва барраси бояд кард, ки натиҷаҳои дақиқ ба даст оварда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2070 аз 20.06.2024 ш. Душанбе, - С.57
2. Бодров А.А., Сенкус В.В., Конкуренция банков и определение конкурентных преимуществ, несовременном рынке банковских услуг. [Электронный ресурс] // Вестник Кем ГУ. - 2013. - №2 (54). - С.263.
3. Кочетков Г.Б. Конкурентоспособность США // США И КАНАДА: экономика, политика, культура. - 2007. - №10 (454). - С.21-40.
4. Лоскутова М.В. Анализ теорий конкуренции и конкурентоспособности // Социально-экономические явления и процессы. - 2011. - №9(031). - С.101-106.
5. Микрюкова Д.А. Этапы развития неоклассической теории конкуренции // Вестник Московского университета. Сер.6: Экономика. - 2007. - №6. - С.3-9.
6. Перцовский Н.И. Международный маркетинг: учеб. пособие / Н.И.Перцовский, И.А.Спиридонов, С.В.Барсукова; под ред. Н.И.Перцовского. - М., 2001. - 239 с.
7. Сергеева Т.В. Банковская конкуренция в России [Текст] : автореф. дис. канд. экон. наук Т.В. Сергеева. - СПб., 2003. - 23 с.
8. Слезко А.Н. Межбанковская конкуренция: методы оценки и элементы механизма регулирования (на примере Приморского края) [Текст] : автореф. дис. канд. экон. наук / А.Н. Слезко. - Владивосток, 2004. - 25 с.
9. Стиглер Дж. Совершенная конкуренция: исторический ракурс // Вехи экономической мысли: теория фирмы. Т.2 / под ред. В.М.Гальперина. - СПб., 1999. - С.122-130.
10. Швейкин И.Е. Развитие конкуренции на рынке банковских инвестиционных услуг [Текст]: дис. канд. экон. наук / И.Е. Швейкин. - Саратов, 2015. - 150 с.

УДК 338.45:621.311

Бобохонова Ш.Х.

РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОНОГО ПРОИЗВОДСТВО И ПОТРЕБЛЕНИЕ ЭЛЕКТРОЭНЕРГИИ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматривается актуальность развития инновационого производство и потребление электроэнергии в современных условиях. Очевидно, что все развитие мира связано с развитием энергетики. И действительно, с самых древних времен развитие человека сопровождалось, а вернее сказать определялось использованием в своей повседневной деятельности тех или других источников энергии. Вначале это были ветер, вода и дрова, затем уголь, нефть, газ, и, наконец, атом. Как известно, сегодня проблемы энергетики приобрели еще большую остроту. Это связано, как с постепенной исчерпаемостью мировых запасов минерального топлива, экологическими проблемами и глобальным потеплением, связанным с антропогенным, то есть в основе своей энергетической деятельностью человека, так и с все большим включением в процесс мирового развития развивающихся стран. Отдельное внимание уделяется производству и использовании электроэнергии в республике, который носит непостоянный характер и зависит от продолжительности маловодных и многоводных лет на реках.

Ключевые слова: электроэнергия, гидроэнергия, проектная мощность, энергосбережения, энергоэффективность, водно-энергетичесикй ресурс, гидроэлектростанция.

Бобохонова Ш.Х.

РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ИСТЕЪМОЛИ НЕРӮИ БАРҚ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ин мақола аҳамияти рушди истеҳсол ва истеъмоли инноватсионии нерӯи барқро дар шароити муосир баррасӣ мекунад. Равшан аст, ки тамоми рушди ҷаҳон бо рушди нерӯи барқ алоқаманд аст. Воқеан, аз замонҳои қадим рушди инсон бо истифода аз манбаъҳои гуногуни энергия дар фаъолияти ҳаррӯзаи мо ҳамроҳӣ мекард, дурусттараш муайян карда мешавад. Дар аввал шамол, об ва ҳезум, баъд ангишт, нафт, газ ва ниҳоят энергияи атомӣ буд. Чунон ки маълум аст, имрӯз масъалаҳои энергетика боз ҳам тезу тундтар шудаанд. Сабаби ин тадричан кам шудани захираҳои ҷаҳонии сӯзишвории маъданӣ, мушкилоти экологӣ ва гармшавии глобалӣ, ки бо антропогенӣ, яъне фаъолияти энергетикии инсон алоқаманданд, инчунин шомил шудани кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба раванди ҷаҳонии рушд мебошад. Дар ҷумҳурӣ ба истеҳсол ва истифода бурдани қувваи барқ, ки тағьйрёбанда буда, ба давомнокии солҳои камобу сероб дар дарёҳо вобаста аст, диққати махсус дода мешавад.

Калидвожаҳо: нерӯи барқ, гидроэнергетика, иқтидори лоиҳавӣ, сарфаи энергия, самаранокии энергия, захираи об-энергетикӣ, нерӯгоҳи барқи обӣ.

Bobokhonova Sh.Kh.

DEVELOPMENT OF INNOVATIVE PRODUCTION AND CONSUMPTION OF ELECTRICITY IN MODERN CONDITIONS

This article examines the relevance of developing innovative energy production and consumption in today's environment. Clearly, all global development is linked to the development of energy. Indeed, since ancient times, human development has been accompanied, or rather determined, by the use of various energy sources in our daily lives. Initially, these were wind, water, and wood, then coal, oil, gas, and, finally, the atom. Initially, it was wind, water, and wood, then coal, oil, gas, and finally nuclear energy. As we know, energy issues have become even more pressing today. This is due to the gradual depletion of global mineral fuel reserves, environmental problems and global warming associated with anthropogenic, that is, essentially human energy activity, as well as the increasing inclusion of developing countries in the global development process. Particular attention is paid to the production and use of electricity in the republic, which is variable and depends on the duration of low- and high-flow years on the rivers.

Keywords: electricity, hydropower, design capacity, energy conservation, energy efficiency, water and energy resources, hydroelectric power plant.

В настоящее время развитие экономики страны связано с развитием производительности электтроэнергетических систем. Очевидно, что все развитие мира связано с развитием энергетики. И действительно, развитие человека определялось использованием в повседневной деятельности тех или других источников энергии.

В основном это были ветер, вода и дрова, затем уголь, нефть, газ, и, наконец, атом. Проблемы энергетики в настоящем времени приобрели еще большую остроту. И это связано, с мировых запасов минерального топлива, экологическими проблемами, и в том числе глобальным потеплением.

Производство и использование электроэнергии в Республике Таджикистан носит непостоянный характер и зависит от продолжительности маловодных и многоводных лет на реках. Поэтому электроэнергия вырабатывается с учетом поступления определенного объема речной воды в водохранилища и эффективной работы гидроэлектростанций.

Изучение гидроэнергетических ресурсов Таджикистана, строительство первых гидроэлектростанций и других объектов инфраструктуры отрасли в стране началось в 1930-х годах, а первая в стране гидроэлектростанция — Варзобская ГЭС — была введена в эксплуатацию в конце 1936 года мощностью 3720 кВт.

В 1949 и 1952 годах были введены в эксплуатацию электростанции Варзоб-2 (14,4 тыс. кВт) и Варзоб-3 (3,52 тыс. кВт). Хотя мощность этих объектов очень мала по сравнению с электростанциями, строящимися сегодня, для того времени это было большим достижением и привело к развитию различных отраслей промышленности.

Стоит отметить, что после обретения государственной независимости, в стране начался качественно новый этап развития энергетической отрасли, и в этот период были построены Сангтудинские ГЭС-1 и Сангтудинские ГЭС-2, Душанбинский энерго- и теплоцентраль, сотни малых ГЭС [3].

В то же время была решена модернизация и обновление действующих мощностей,

что является одним из важных вопросов в отрасли, и в этом контексте начался ремонт Нурекской, Кайракумской, Сарбандской и Варзобской ГЭС. Уже более десяти лет в рамках модернизации Нурекской ГЭС заменены рабочие колеса агрегатов №3 и №8, заменено все оборудование ОРУ-220 кВ на современное элегазовое оборудование ДТПЭ-220 кВ, а ОРУ-500 кВ на современное элегазовое оборудование ДТПЭ-500 кВ, а также впервые в истории электростанции капитально отремонтированы Куравские ворота [3].

Строительство высоковольтных линий электропередачи «Юг - Север», «Лолазор - Хатлон», «Худжанд - Айни», «Сангтуда - Лолазор», «Сангтуда - ГЭС «Сарбанд», «Кайракум - Ашт», «Рогун - Душанбе - 500» «Айни - Пенджикент», модернизация и замена старых подстанций на более мощные и восстановление электросетей значительно улучшили ситуацию с электроснабжением в республике. В этот период открытие линии электропередачи 500 кВ «Юг - Север» считается очень важным, так как она заложила основу единой энергетической системы в стране [5].

28 марта 2018 года Основатель мира и национального единства - Лидер нации, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон ввел в эксплуатацию линию электропередачи «Айни-Рудаки» напряжением 220 киловольт и линию электропередачи «Рудаки» напряжением подстанция в городе Пенджикент после реконструкции и модернизации, что полностью устранило проблемы с обеспечением электроэнергией города Пенджикента и его окрестностей.

На основе глубокой энергетической политики Лидера нации и Правительства республики реализуются многие республиканские и международные программы. В частности, 12 мая 2016 года при участии глав Таджикистана, Кыргызстана, Афганистана и Пакистана началась реализация регионального энергетического проекта CASA-1000, в котором явно ощущается весомый вклад Таджикистана. В результате переговоров глав государств Таджикистана и Узбекистана было возобновлено сотрудничество между таджикскими и узбекскими энергетическими компаниями, а 2 апреля 2018 года началась передача электроэнергии в соседнюю страну через подстанцию Регар.

В настоящее время руководство и специалисты Открытого акционерного общества «Барки Точик» при поддержке Правительства страны стремятся подключиться к единому энергетическому кольцу Центральной Азии, которое проходит через Узбекистан. В связи с этим должностные лица и работники отрасли выполнили ряд ремонтно-восстановительных работ, и в ближайшем будущем наша страна вновь подключится к ней, и в этом контексте сотрудничество с энергетическими компаниями Центральной Азии будет расширяться и укрепляться.

Ввод в эксплуатацию первого агрегата Рогунской ГЭС, который был осуществлен 16 ноября 2018 года, благодаря неустанным усилиям Основателя мира и национального единства - Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона, считается одним из величайших достижений таджикского народа за период независимости и несомненно открывает новые горизонты для нашего любимого Таджикистана на пути становления энергоэффективной страны [5].

Изучение, производство и использование электроэнергии в стране зависит от продолжительности маловодных и многоводных лет на реках и носит непостоянный характер. Поэтому эффективная работа гидроэлектростанций и вырабатывания электроэнергии определяется с учетом поступления объема речной воды в водохранилища.

В Республики Таджикистан электроэнергия вырабатывается в основном на гидроэлектростанциях, и общая установленная мощность электроэнергетической системы составляет 5070 МВт, из них 320 МВт (6,3%) доля тепловых электростанций [2].

На основе реализации практических мер в области энергоэффективности и энергосбережения развитие и бесперебойная работа энергосистемы зависят от взаимовыгодных отношений между потребителями и поставщиками электроэнергии.

В осенне-зимний период дефицит электроэнергии составляет 4-4,5 млрд. кВт.ч., и в связи с этим в республике Таджикистан вводятся ограничения на использование электроэнергии. Дополнительную электроэнергию республика может вырабатывать в летний сезон за счет этого объема, а также имеет возможность экспортировать ее.

В связи с этим на основе поручений и указаний Президента Республики Таджикистан была разработана Программа развития возобновляемых источников энергии и строительства гидроэлектростанций.

Программа развития возобновляемых истечников энергии определяет политику государства, реализацию планов и мероприятий в области энергоэффективности и энергосбережения по достижению энергетической независимости. А также охватывает основные направления эффективного использования ресурсов водно-энергетических, рационального использования электроэнергии, снижения потерь энергии.

Одним из крупнейшей водохранилище в республики является «Нурек» (10,5 куб.км), который имеет особенности сезонного регулирования. В связи с этим в осенне-зимний период может наблюдатся в размере 4- 4,5 млрд. кВт.ч. дефицит электроэнергии.

Другая причина дефицита электроэнергии может являтся Душанбинский (198 МВт) а также Яванский (120 МВт) электростанции, которые в осенне-зимнем периоде немогут работат в польном объёме, что приводит к снижению импорта природного газа и нефтепродуктов и постоянным ростом цен на энергоносителях.

В осенне-зимний перид сток воды в реках снижается и при этом может снижатся выработка электроэнергии в электростанциях, что обуславливает к необходимости введения ограничений на электроэнергии.

Следует отметить, что ограничение на электроэнергии может привести к неудовлетворенность социально- экономических сферах республики и дефицит электроэнергии будет составлят 4,5 млрд.кВт.ч.

Одним из основных путей экономики электроэнергии и снижения нагрузки на энергосистему, является переход на новых энергосберегающих технологиях и их использовании. Рациональное использование водно-энергетических ресурсов и их экономии может быть возможным только при реализации этой меры.

Понятно, что в страте один из секторов топливно-энергетического комплекса это электроэнергетика, который играет ключевую роль в обеспечение растущего спроса на электроэнергию в любых отраслях.

В Республике Таджикистан 98% - электроэнергия вырабатывается в энергосистеме гидроэлектростанциями, только малая часть - 2% вырабатывается тепловыми электростанциями. Производства электроэнергии в целом зависят от импорта топлива и водных ресурсов.

Отмечается, что только благодаря энергоэффективности и энергосбережению может быть обеспеченная беспрерывная работа и развитие энергетической системы, которые зависят от отношений между поставщиками электроэнергии и её потребителями [8].

В целях экономии электроэнергии и эффективного использования ресурсов гидроэнергетики, электроэнергетический сектор взывает на:

- Ø реконструкции и ремонт действующих агрегатов;
- Ø внедрение и использования новых технологий, электропередачи и подстанций;
- Ø использование источников, возобновляемых энергии;
- Ø реализации инновационных системы учета электроэнергии, использование новых приборов и оборудования;
- Ø уменшить потерь электроэнергии;
- Ø обновление системы оплаты, с учетом предоставление льгот и стимулов для потребителей.

Стоит отметить, что нехватка энергоносителей может привести к снижению уровня развития экономики любых отраслей, например, предпринимательства, занятости, возможность к образованию, и другим услугам.

Внедрение энергоэффективного оборудования и новых приборов является одним из направлений устойчивого развития нашей страны [11, с. 264].

Электробаланс экономики Республики Таджикистан (миллион киловатт час)

	2017	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Произведено электроэнергии	**18144**	**19742**	**20677**	**19771**	**20624**	**21400**	**2186**
Получено электроэнергии из за пределов республики	110	559	281	379	883	797	945
Отпущено электроэнергии за пределы республики	1421	2945	3175	1870	3307	3343	3462
потери в сети общего пользования	2884	2878	2429	2549	4071	3920	3786
Израсходовано на собственные нужды	229,3	204,0	213,3	311,4	299,9	222,2	217,0
Потреблено электроэнергии	**13949**	**14274**	**15141**	**15420**	**13829**	**14712**	**15341**
из неѐ:							
промышленностью	3790	3783	3990	2744	3934	3818	3590
строительством	227	39	46	57	43	29	14
транспортом	30	7	8	8	9	9	8
сельским хозяйством	2754	2241	2338	2619	2086	2225	2563
другими отраслями	1724	2625	2740	3135	2347	2781	3212
населением	5424	5579	6019	6857	5410	5850	5954

Источник: Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2024 http//www.stat.tj

В 2023 году в Таджикистане было произведено 22 млрд 676,2 млн кВт.ч электроэнергии. Годовая потребность страны составляет 17 млрд кВт.ч. В 2023 году Таджикистан экспортировал в зарубежные страны более 2,6 млрд кВт.ч электроэнергии, что на 124 млн кВт.ч больше, чем в 2022 году.

Из Таджикистана объем экспорта электрической энергии в 2023 году было таким образом:

- 1 млрд 624 кВт.ч. в Афганистан;
- 907,5 млн кВт.ч. в Узбекистан;
- 144 млн кВт.ч. в Казахстан.

Ожидается, что в текущем году на финансирование проекта Рогунской ГЭС за счет привлечения иностранных инвестиций будет направлено5 млрд сомони ($456 млн) в том числе2,2 млрд сомони [2, с. 290].

По предварительным данным для польной реализации проекта по строительству Рогунской ГЭС требуется ежегодня почти 1 млрд долларов, а также по этим данным до 2029 года понадобиться 6,2 млрд долларов. Правительство республики Таджикистан поручило Министерству финансов выделить из стабилизационного фонда развития экономики 100 млн сомони на пополнение уставного капитала АО «Рогунская ГЭС» [7].

Фонд получает эту сумму из следующих доходов республиканского бюджета:

- государственный акционерный капитал - 60 млн сомони;
- чистая прибыль государственных предприятий-23 млн сомони;
- штрафы от системы «Безопасный город» - 17 млн сомони

Фонд стабилизации экономического роста, в соответствии со статьей 16 Закона Республики может пополняться за счет исполнения сверхнормативного республиканского бюджета и её доходной части.

В первую очередь средства фонда предназначено на обеспечение продовольственной безопасности республики, развитие социальных сфер и втом числе топливно-энергетической отрасли своевременное погашение внешнего государственного долга. Проект строительства Рогунской ГЭС уже привлек внимание международных организаций, среди которых: Азиатский банк развития, Азиатский банк инфраструктурных инвестиций, Всемирный банк и др. [8].

С начала 2023 года на продолжение строительства Рогунской ГЭС выделено более 3 млрд сомони, в том числе 2,6 млрд сомони из бюджета и 427 млн сомони от продажи электроэнергии, вырабатываемой двумя агрегатами этой электростанции.

28 декабря 2023 года Президент республики, Лидер нации Эмомали Рахмон в своем обращении к парламенту страны сообщил, что очередной агрегат Рогунской ГЭС будет введен в эксплуатацию в 2025 году. Первые два агрегата этой электростанции работают на малой мощности (100-200 МВт) с 2018 и 2019 годов соответственно.

Рогунская ГЭС является одним из крупнейших проектов по генерации электроэнергии в Центрально-Азиатском регионе, ее строительство ведется уже более десяти лет. Ее проектная мощность составляет 3600 МВт.

После выхода электростанции на полную мощность ее выработка электроэнергии составит от 13 до 17 млрд киловатт-часов в год, что составляет примерно 65-85% годового объема всех мощностей по выработке электроэнергии в республике.

Всего в машинном зале электростанции планируется установить 6 агрегатов мощностью 600 МВт каждый. Ввод в эксплуатацию последнего агрегата электростанции ожидается в 2029 году. Полное завершение строительных работ на электростанции запланировано на 2033 год [2, с. 290].

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахмедов Х.М., Каримов, Х.С., Петров, Г.Н. Малая гидроэнергетика и возможности использования мини- и микро ГЭС в горных территориях Таджикистана [Текст] / Х.М. Ахмедов, Х.С. Каримов, Г.Н. Петров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Отделение физико-математических, химических, геологических и технических наук. – 2010. - № 1. – С. 100-109

2. Бобохонова Ш.Х. Вазъи имрӯзаи савдои нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ш.Х. Бобохонова// Маводи илмии байналмиллалии «ENDLESS LIGHT IN SCIENCE». e-ISSN(Online) 2709-1201 шомили китобхонаи ELIBRARI RU / РИНЦ Астана- Қазоқистон 12 ноябри соли 2024. - Саҳ.290-298

3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарифҳои нерӯи барқ ва гармӣ» аз 31 августи соли 2022 [Сарчашмаи электронӣ] /

4. Мигранян А.А., Шавина Е.В. Формирование общих рынков электроэнергии и газа в ЕАЭС: модели рынков, барьеры и решения [Текст] / А.А. Мигранян, Е.В. Шавина // Контуры глобальных трансформаций: политика, экономика, право. – 2019. - Т. 12. - № 6. – С. 220-245

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2021 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://prezident.tj/node/27417
6. Повышение энергетической безопасности в Центральной Азии. Отчет Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе, 2022 [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: https://www.osce.org/files/f/documents/8/9/513790_0.pdf
7. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/about/dependents/generation/ (Санаи мурочиат: 25.12.2021)
8. Сомонаи расмии ШСХК «Барқи Тоҷик» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://barqitojik.tj/tj/info/news/197627/ (санаи мурочиат: 28.01.2023)
9. Стратегия развития малой гидроэнергетики Республики Таджикистан. Офис ПРООН в Республике Таджикистан [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://filial-nic-mkur.tj/doc/1 (дата обращения: 01.12.2021)
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Матн] / Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикисон аз 1 декабри соли 2016, № 636. – Душанбе: ҶДММ Контраст, 2016. – С.88.
11. Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2024 г. http//www.stat.tj – С.264 - 429

УДК 347.771.14:631

Гулов А.Б.

РАҚАМИКУНОНИИ ҲАМАҶОНИБА ҲАМЧУН ЗАМИНАИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲАИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола, вобаста ба ташаккулёбии равандҳои иттилоотонӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ андохта шудаанд. Аҳамияти мавзӯи таҳқиқшаванда дар рушди босуръати иттилоотонӣ ва рақамикунонии иқтисодиёт, инчунин таъсири он ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ифода меёбад. Мақсади таҳқиқот омӯзиши ҳолат ва дурнамои рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иқтисодиёти рақамӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мебошад. Дар мақола мушкилоти ба кор андохтани иқтидори рақамикунонӣ дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, мониторинги комплекси агросаноатӣ ва фарқияти он аз дигар истеъмолкунандагони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ баррасӣ гардидааст. Лоиҳаҳои иттилоотикунонии соҳаи кишоварзӣ ҳамчун раванди ташкили низомҳои иттилоотии самаранок ва татбиқи технологияҳои муосири компютерӣ ва барномавӣ баррасӣ мешаванд.

Калидвожаҳо: рақамикунонӣ, хоҷагии қишлоқ, комплекси агросаноатӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.

Гулов А.Б.

КОМПЛЕКСНАЯ ЦИФРОВИЗАЦИЯ КАК ОСНОВА ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АГРАРНОГО СЕКТОРА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье в связи с формированием информационных процессов и цифровизацией экономики освещаются вопросы повышения эффективности агропромышленного комплекса Республики Таджикистан. Важность исследуемой темы отражается в стремительном развитии информатизации и цифровизации экономики, а также ее влиянии на все сферы экономики страны. Целью исследования является изучение состояния и перспектив развития

агропромышленного комплекса Республики Таджикистан в сфере цифровой экономики и внедрения информационно-коммуникационных технологий. В статье раскрываются проблемы реализации возможностей цифровизации в сельском хозяйстве Республики Таджикистан, а также рассматривается мониторинг агропромышленного комплекса и его отличие от других потребителей информационно-коммуникационных технологий. Проекты информатизации сельского хозяйства рассматриваются как процесс создания эффективных информационных систем и применения современных компьютерных и программных технологий.

Ключевые слова: цифровизация, сельское хозяйство, агропромышленный комплекс, информационно-коммуникационные технологии.

Gulov A.B.

COMPREHENSIVE DIGITALIZATION AS A BASIS FOR INCREASING THE EFFICIENCY OF THE AGRICULTURAL SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article, in connection with the formation of information processes and digitalization of the economy, highlights issues of increasing the efficiency of the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan. The importance of the topic under study is reflected in the rapid development of informatization and digitalization of the economy, as well as its impact on all spheres of the country's economy. The purpose of the study is to study the state and prospects for the development of the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan in the field of digital economy and the introduction of information and communication technologies. The article reveals the problems of implementing digitalization opportunities in agriculture of the Republic of Tajikistan, and also examines the monitoring of the agro-industrial complex and its difference from other consumers of information and communication technologies. Agricultural informatization projects are considered as a process of creating effective information systems and the use of modern computer and software technologies.

Key words: digitalization, agriculture, agro-industrial complex, information and communication technologies.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани амнияти иқтисодии мамлакат дар заминаи рушди устувори иҷтимоию иқтисодии комплекси агросаноатӣ, бояд ҳалли як қатор масъалаҳои мураккаб, аз ҷумла: омӯзиши имкониятҳои иқтисодиёти кишвар вобаста ба ҷаҳонишавии равандҳои рақамикунонӣ ба роҳ монда шавад. Зеро тамоюлҳои ҳамгироии фазои иттилоотӣ ва суръатгирии навсозии донишҳо захираҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба омили муҳими стратегии рушд табдил додаанд.

Мусаллам аст, ки татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ, инчунин ба вуҷуд овардани инфрасохтори ҳамаҷонибаи иттилоотӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ, дар баробари коҳиш додани арзиши аслии маҳсулот, ҳамчунин ба баланд гардидани сифати маҳсулот мусоидат мекунад. Бинобар ин, бо мақсади суръат бахшидан ба равандҳои татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёти мамлакат, дар Паёми навбатии худ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар махсусан қайд намуданд, ки "Мо ҳамчунин, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти имкониятҳои содиротии мамлакат ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои афзалиятнок эълон намудем" [1].

Қобили зикр аст, ки амалӣ намудани нуқтаҳои болозикр ба татбиқи технологияҳои инноватсионӣ вобаста буда, ҷанбаҳои алоҳидаи ин масъала ҳам дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва ҳам олимонӣ хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Зимни таҳқиқи рушди равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии мамлакат муҳаққиқони ватанӣ андешаеро пешбарӣ намудаанд, ки тибқи он гузариши истеҳсолоти кишоварзии ватанӣ ба роҳи инноватсионии инкишоф бе дигаргуниҳои инноватсионӣ номумкин аст. Ҳолати ташаккулёфтаи техникию

технологии бахши кишоварзиро ба инобат гирифта бозсозии амиқи онро бо истифодабарии инноватсияи такягоҳӣ гузаронидан зарур аст [2]. Воқеан рақамикунонии ҳамаҷонибаи иқтисодиёти мамлакат яке аз самтҳои муосири раванди инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ низ мебошад, ки ба таври васеъ дар бунёд ва рушди боғҳои интенсивӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар истифода бурда шуда, ба муаррифии молу маҳсулоти кишоварзии ватанӣ дар бозорҳои сатҳи гуногун ва таъмини ҳамгироии субъектҳои кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Умуман рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ метавонад тавассути мониторинги иҷрои амалиётҳои технологӣ самаранокии равандҳои истеҳсолиро баланд бардорад. Илова бар ин, ин гуна низом бо роҳи суръат бахшидан ба ҷараёни ҳуҷҷатгардиш ба муфидгардонии қарорҳои қабулшаванда мусоидат хоҳад кард, ки дар ин раванд арзишмандии иттилоот вобаста ба хусусиятҳои он эҳсос мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи ватанӣ “қарор ҳар қадар мураккабтар бошад, нақши таъминоти иттилоотӣ дар раванди қабули қарорҳои идоракунӣ ҳамон қадар баландтар арзёбӣ мегардад” [3].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои асосии иқтисодиёти мамлакатро соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад ва имрӯз он дар ташаккули ММД, таъмини ҷойҳои корӣ, содирот ва воридоти андоз ба буҷети давлат нақши назаррас дорад (расми 1).



Расми 1. Ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар ММД, ҷойҳои корӣ, содирот ва воридоти андоз дар соли 2023

Манбаъ: Саноати кишоварзӣ. https://tajinvest.tj/tj/priority-sectors/agrarnaya-promyshlennost.

Вале новобаста аз он, ки шароити иқлими ҷумҳурӣ барои парвариши ҳама навъҳои зироатҳои ғалладона мувофиқ аст, релефи кӯҳӣ имкониятҳои аҳолиро дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ то андозае маҳдуд мекунад. Аз ин лиҳоз, татбиқ намудани технологияҳои рақамӣ дар самти бартараф намудани ин гуна монеаҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагиҳо яке аз роҳҳои муассир мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ соҳа дар шашмоҳаи аввали соли равон ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ дар тамоми шаклҳои хоҷагидорӣ 18,68 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо нархҳои муқоисавӣ 7,9 фоиз афзоиш ёфтааст. Чунин тамоюли афзуншавӣ аз дараҷаи баланди татбиқи самаранокии барномаҳои давлатӣ ва тадбирҳои судманд дар ин самт дарак медиҳад. Дар давраи таҳлилӣ ҳиссаи хоҷагиҳои ҷамъиятӣ дар ҳаҷми маҳсулоти умумии кишоварзӣ 10,2 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда дар хоҷагиҳои вилоятҳои Суғд 21,1 фоиз, Хатлон- 5,5 фоиз, Бадахшон- 0,5 фоиз ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 15,6 фоиз баробар аст [4].

Ба ақидаи коршиносон татбиқи низомҳои муосири иттилоотӣ хароҷоти истеҳсолотро аз 6 то 10% ва хароҷоти тақсимотро аз 7 то 20% коҳиш медиҳад. Мувофиқан, дар сатҳи корхонаҳо бошад, самаранокии истифодаи системаҳои иттилоотӣ захираҳои молиро 3-4 маротиба ва сармояи гардишӣ 7-10% кам мекунад [5].

Дар чунин шароит иттилоот шарти истифодаи оптималии меҳнат ва сармоя мегардад ва баланд бардоштани сатҳи иттилоотонӣ яке аз самтҳои стратегии рушди соҳаи кишоварзӣ ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва ҳам дар тамоми ҷумҳурӣ мебошад. Таҳқиқотгарони ватанӣ дар он ақидаанд, ки равандҳои инноватсионӣ дар бахши аграрӣ дар шароити муосир аҳамияти калонро пайдо менамоянд ва аз рӯйи мундариҷа иннноватсия дар соҳаҳо ва бахшҳои асосии истеҳсолоти агросаноатӣ азхудшаванда куллан фарқ менамоянд, ки ба хусусиятҳои ташкилӣ, соҳавӣ, функционалӣ ва техникию технологии онҳо вобаста мебошад [2].



Расми 2. - Тақсимоти аҳолии машғул дар бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ (ҳазор нафар)

Манбаъ: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2023, - саҳ. 86.

Дар самти ноил шудан ба сатҳи баланди даромаднокӣ ва таъмини рушди устувори бахши кишоварзӣ, омодасозии мутахассисони соҳибкасб яке аз омилҳои муҳим дар самти татбиқи ҳадди аксари технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Аз маълумоти омории тақсимоти аҳолии машғул дар бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ чунин бар меояд, ки дар ин самт бахши кишоварзӣ, шикор ва ҷангал дар давраи солҳои 2011-2022 тамоюли зиёдшавиро дар бар гирифта, соли 2022 он 84,5%-и аҳолии машғул дар бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳуриро ташкил додааст (расми 2).

Дар баробари бунёд намудани ҷойҳои нави корӣ масъалаи баланд бардоштани тахассусмандии мутахассисони соҳа яке аз мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонад. Ҷиҳати муайян намудани сатҳи тахасусмандии мутахассисони соҳаи кишоварзии кишвар ва мутобиқати онҳо ба равандҳои ҷаҳонишавӣ, муҳақиқи ватанӣ Нурализода Н.Н. зимни гузаронидани пурсиши иҷтимоӣ доир ба дараҷаи дастрасии иттилоотии роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияи Рӯдакӣ муайян намудааст, ки танҳо 39,4% роҳбарони 50 солаи хоҷагиҳои пурсидашуда метавонанд аз Интернет истифода баранд ва 29,3% намоишҳои гуногуни телевизионро тамошо мекунанд. Бояд қайд кард, ки дар байни роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонии пурсидашуда зиёда аз 59,8%-и онҳо синнашон аз 50 сола боло мебошад [7]. Чунин ҳолат нигаронкунанда буда, дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои рақамикунонӣ андешидани саривақтии тадбирҳои судмандро тақозо мекунад.

Дар доираи таҳқиқи рушди равандҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиррасонии он ба бозори меҳнат муҳақиқон як қатор омилҳои ба рушд ва инкишофи соҳа таъсири манфирасонандаро ҷудо намудаанд, аз ҷумла:

- норасоии кадрҳои баландихтисос дар ҳайати қувваи корӣ;
- муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос;
- заминаи номувофиқи таъмини мутавозинӣ байни арза ва тақозои ҷойи корӣ;
- рушди нокифояи инфрасохтори техникӣ;
- сатҳи нокифояи ҳамоҳангии байнисоҳавӣ ва истифода нагардидани усулҳои махсусгардонидашудаи идоракунӣ;
- сутии суръати мутобиқат ба фазои ҷаҳонишавии равандҳо.

Хуллас, таҳлили тамоюлҳои рушди рақамикунонии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки он аз ҷиҳати дараҷаи татбиқи технологияҳои рақамӣ дар соҳа нисбат ба кишварҳои пешрафта ба таври назаррас ақиб мондааст. Дар баробари ин, соҳаи кишоварзии кишвар дар ҳоли рушд буда, бо мақсади ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар соҳаи мазкур тамоми шароитҳо фароҳам гардонида шудаанд.

Муҳимтарин шарти татбиқи бомуваффақияти вазифаҳо дар ин самт афзоиши ҳиссаи коркардҳои рақамии ватанӣ дар соҳаи кишоварзӣ мебошад. Маҳз дар чунин сурат технологияҳои муосири инноватсионӣ барои аксарияти кулли истеҳсолкунандагони кишоварзӣ дастрастар мегардад, зеро дар татбиқи онҳо нарх аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Бояд қайд кард, ки барои ҳалли масъалаҳои рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дастгирии давлатии ҳам соҳаи кишоварзӣ ва ҳам соҳаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муфидгардонии танзими давлатӣ ба таври назаррас бояд афзоиш дода шавад. Барои вусъат бахшидани раванди рақамикунонии комплекси агросаноатӣ, ки он дар шароити муосир ҳамчун нишондиҳандаи рушди соҳа муаррифӣ мегардад, ҳамкории муассисаҳои олии касбӣ бо субъектони хоҷагидор бояд ҷоннок карда шавад, зеро бидуни мавҷудияти мутахассисони баландихтисоси соҳаи технологияи иттилоотию иртиботӣ пойдор намудани натиҷаҳои самарабахш ғайриимкон мебошад.

Дар баробари ин, таъмини муносибати комплексӣ ба рушди истеҳсолоти муосири кишоварзӣ, ки ба истифодаи идоракунӣ дар соҳаи кишоварзӣ асос ёфтааст, инчунин истифодаи технологияи назорати доимии зироатҳо, ченкунии нишондодҳои гуногун ва аксуламали саривақтӣ, дар маҷмуъ ба афзоиши назарраси ҳаҷм ва сифати маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, шаҳри Душанбе. [Махзани электронӣ] http://www.president.tj/node/32191 Санаи ташрифоварӣ: 02.01.2023
2. Давлатов Х.М., Ходжахонова Г.К. Рушди равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Иқтисодиёти рақамӣ: муаммо, рушд ва механизмҳои ҳалли он / маҷмӯаи маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040):ДДМИТ, 2020. -385с.
3. Соҳибов Ф.Ҳ. Таъминоти иттилоотӣ ҳамчун омили заминавии қабули қарорҳои идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / Ф.Ҳ. Соҳибов, У.О. Халилова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. – No. 2(41). – P. 215-219. – EDN EEBGIG.
4. Рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон 107,9 дарсадро ташкил дод. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» Июль 30, 2023. [Махзани электронӣ]: https://khovar.tj/2023/07/rushdi-iste-soli-ma-suloti-kishovarz-dar-to-ikiston-107-9-darsadro-tashkil-dod/
5. Жантемиров Ш., Жантемирова А. Информация в рамках модернизации сельского хозяйства // Транспортное дело в России. — 2015. — № 1. — С. 97–99.
6. Нурализода Н.Н. Такмили ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ дар заминаи робитаҳои шабакавӣ (дар мисоли корхонаҳои хурди кишоварзӣ) / автореферати дисс. Душанбе -2022.

7. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе - 2023, - саҳ. 86.
8. Шералии С. Рушди равандҳои инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъсиррасонии он ба бозори меҳнат / С. Шералии, Ш.Б. Соҳибова // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 2(36). – P. 407-416. – EDN KEUURP.

УДК 338.27

Ғафуров Ф.Ҷ.

ДУРНАМОИ ДАРОМАДҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ (ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

Дар мақола дурнамои буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлилу баррасӣ гардида, заминаи назариявӣ ва амалӣ пешниҳод мешавад. Алоқамандии байни даромадҳои буҷетӣ (андозҳои мустақим, ғайримустақим ва даромадҳои ғайриандозӣ) ва маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) таҳқиқ гардида, бо истифода аз омори 2020–2024, модели эконометрикӣ таҳия гардида то соли 2030 дурнамо дода шудааст.

Калидвожаҳо: даромадҳои буҷетӣ, андозҳои мустақим, андозҳои ғайримустақим, даромадҳои ғайриандозӣ, ММД, модели эконометрикӣ.

Гафуров Ф.Дж.

ПРОГНОЗ ДОХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА (НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН)

В статье рассматривается прогнозирование доходов государственного бюджета Республики Таджикистан, представлены теоретические и практические аспекты исследования. Изучается взаимосвязь между бюджетными доходами (прямыми налогами, косвенными налогами и неналоговыми доходами) и валовым внутренним продуктом (ВВП). На основе статистических данных за 2020–2024 годы разработана эконометрическая модель и представлен прогноз доходов до 2030 года.

Ключевые слова: бюджетные доходы, прямые налоги, косвенные налоги, неналоговые доходы, ВВП, эконометрическая модель.

Gafurov F.J.

FORECAST OF STATE BUDGET REVENUES (IN CASE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN)

The article analyzes the forecast of state budget revenues in the Republic of Tajikistan, providing both theoretical and practical foundations. The relationship between budget revenues (direct taxes, indirect taxes, and non-tax revenues) and Gross Domestic Product (GDP) is examined. Using statistical data for 2020–2024, an econometric model is developed, and a forecast of budget revenues until 2030 is presented.

Keywords: budget revenues, direct taxes, indirect taxes, non-tax revenues, GDP, and econometric model.

Даромадҳои буҷети давлатӣ дар Тоҷикистон асосан аз андозҳо ва даромадҳои ғайриандозӣ иборатанд. Омори расмӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи умумии даромадҳо дар ММД дар солҳои охир то 30-35% афзудааст. Масалан, дар соли 2024 даромадҳои андозӣ ба ҳудуди **19.7%** ва даромадҳои ғайриандозӣ **1.8%** ММД-ро ташкил додааст [1].

Даромади андозҳо бештар мутаносибан ба андозҳои ғайримустақим рост меояд, ки асосан аз ҳисоби АИ, аксизҳо ва дигар намудҳои андозҳои ғайримустақим ба шумор меравад.

Ҳамзамон, даромадҳои ғайриандозӣ пеш аз пандемия ба 4-5% ММД баробар буданд ва дар соли 2022 ин нишондиҳанда дубора ба 5% барқарор гардид [3].

Аз ҷумла, мувофиқи маълумоти Агентии омор, дар соли 2024 ҳаҷми умумии даромадҳои буҷетӣ 43,150.9 миллион сомонӣ (яъне 33.0% ММД) ва андозҳо 25,766.8 миллион сомонӣ (19.7% ММД) -ро ташкил додааст [1].

Барои таҳлили мавзуъи пешниҳодгардида омори расмии даромадҳои буҷетӣ барои солҳои 2020–2024 истифода гардида то соли 2030 дурнамо дода шуд.

Қобили зикр аст, ки дар пешбинии ММД барои солҳои 2025 то 2030, рушди иқтисодӣ дар доираи 8-8,4% ва сатҳи таваррум (шохиси нархҳо) дар ҳудуди 4-5% дар назар гирифта шудааст.

Барои ҳар як гурӯҳи даромад (мустақим, ғайримустақим, ғайриандозӣ) маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба сифати омили таъсирасон истифода шуда, муодилаи эконометрикӣ таҳия карда шуд.

Муодилаи эконометрикӣ барои ҳар як гурӯҳи даромад (мустақим, ғайримустақим, ғайриандозӣ) чунин сурат мегирад:

1) Андозҳои мустақим = f(ММД)

Натиҷаи таҳлил бо усули ARMA Generalized Least Squares нишон медиҳад, ки даромадҳои аз андозҳои мустақим вобастагии баланд аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (GDP) доранд. Дар зер натиҷаҳо ба таври муфассал шарҳ дода шудааст:

Муодилаи бадастомада чунин аст:

Андозҳои мустақим = -220.007336658 + 0.0774328001803* ММД + [AR(1)=0.643162265889,UNCOND]

Шарҳи характеристикаҳои оморӣ:

- **Intercept (C)**: -220.0073 бо аҳамияти оморӣ (Prob = 0.042) нишон медиҳад, ки дар ҳолати набудани афзоиши GDP андозҳои мустақим ба арзиши манфӣ майл доранд, ки ин танҳо аҳамияти шартии оморӣ дорад.
- **Коэффисиенти ММД**: 0.077433 бо аҳамияти баланди оморӣ (Prob = 0.0000, t-Statistic = 32.772). Ин маънои онро дорад, ки ҳар як воҳид афзоиши GDP, ба ҳисоби миёна, андозҳои мустақимро ба андозаи 0.077433 воҳид зиёд мекунад.
- **R-squared (R^2)**: 0.996717 аст, ки аз он бармеояд, ки тақрибан 99.67% тағйирёбии андозҳои мустақим аз ҷониби ***ММД*** ва динамикаи гузашта шарҳ дода мешавад. Ин нишон медиҳад, ки модели таҳияшуда хело қавӣ ва мувофиқ аст.
- **Adjusted R-squared**: 0.996331 – натиҷаҳои назарраси ошкоро тасдиқ мекунад.
- **S.E. of regression**: 117.8005, ки нисбат ба тағйирёбии умумии андозҳо (S.D. dependent var = 1944.792) хурд аст ва нишон медиҳад, ки модел пешгӯии дақиқи даромадҳои андозҳои мустақимро фароҳам меорад.
- **F-statistic**: 2580.758 бо Prob(F-statistic) = 0.000000 аст, ки аҳамияти умумии моделро пурра тасдиқ мекунад.
- **Durbin-Watson stat**: 1.774432, ки ба 2 наздик аст, ин аз набудани худкорреляцияи ҷиддӣ дар боқимондаҳои модел шаҳодат медиҳад ва аз дурустии таснифи модел дарак медиҳад.

Бо истифода аз ин муодилаи ҳисобшуда дурнамои **андозҳои мустақим** аз соли 2024 то соли 2030 дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Дурнамои андозҳои мустақим

Аз натиҷаи таҳлил чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки андозҳои мустақим дар Тоҷикистон вобастагии хеле баланд аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дошта, ҳамзамон, таъсири инерсионӣ низ доранд.

Барои беҳтар намудани даромадҳои буҷетӣ аз андозҳои мустақим, бояд сиёсати афзоиши иқтисодиро ба таври устувор ва пайваста татбиқ намуд, зеро афзоиши ММД ба таври мустақим боиси зиёдшавии даромадҳои андозҳои мустақим мегардад. Илова бар ин, муҳим аст, ки низоми андозситонӣ устувор ва пешбинишаванда бошад, ки ин барои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ ва зиёд кардани андозҳо мусоидат менамояд.

2) Андозҳои ғайримустақим = f(ММД)

Натиҷаи таҳлили бо усули ARMA Generalized Least Squares нишон медиҳад, ки андозҳои ғайримустақим низ вобастагии хеле баланд аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (GDP) дошта, хусусиятҳои динамикии онҳо аз таъсири андозҳои солҳои қаблӣ низ вобастагӣ дорад. Дар зер натиҷаҳои асосӣ оварда шудаанд:

Муодилаи бадастомада чунин аст:

Андозҳои ғайримустақим = 0.12946616174* ММД + [AR (1) = 0.484727693433,UNCOND]

2. Тавсифи нишондиҳандаҳои муҳим:

- **Коэффисиенти ММД**: 0.129466 бо Prob = 0.0000 ва t-Statistic = 44.79538 нишон медиҳад, ки ин тағйирёбанда дорои аҳамияти баланд аст ва бо афзоиши ҳар як воҳид ММД андозҳои ғайримустақим ба ҳисоби миёна ба андозаи 0.129466 воҳид афзоиш меёбанд. Ин нишондиҳанда аз аҳамияти бузурги рушди иқтисодӣ барои зиёд намудани андозҳои ғайримустақим шаҳодат медиҳад.
- **Коэффисиенти AR (1)**: 0.484728 бо Prob = 0.0464 ва t-Statistic = 2.138659 нишон медиҳад, ки таъсири андозҳои ғайримустақими давраи қаблӣ ба давраи ҷорӣ ба таври назаррас мусбӣ мебошад, ҳарчанд ин таъсир нисбат ба андозҳои мустақим камтар аст.
- **R-squared (R^2)**: 0.993684, ки маънояш ин аст, ки 99.37% тағйирёбии андозҳои ғайримустақим аз тарафи ММД ва динамикаи гузашта шарҳ дода мешавад.
- **Adjusted R-squared**: 0.993333, ки боз ҳам нишондиҳандаи баланди эътимоднокии натиҷаҳои оморӣ аст.
- **S.E. of regression**: 267.5576 нисбатан хурд аст (S.D. dependent var = 3276.872), ки нишон медиҳад, ки модел метавонад тағйирёбии андозҳои ғайримустақимро бо эътимоди баланд шарҳ диҳад.
- **Durbin-Watson stat**: 1.891531 ба 2 наздик аст, ки ин аз набудани худкорреляцияи назаррас дар боқимондаҳои модел шаҳодат медиҳад ва дурустии модели таҳияшударо тасдиқ мекунад.

Бо истифода аз ин муодилаи ҳисобшуда дурнамои **андозҳои ғаймустақим** аз соли 2024 то соли 2030 дар расми 2 оварда шудааст.



Расми 2. Дурнамои андозҳои ғаймустақим

Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки андозҳои ғайримустақим дар Тоҷикистон ба таври қавӣ ва мустақим аз рушд ва фаъолияти иқтисодӣ вобастаанд. Барои зиёд намудани андозҳои ғайримустақим бояд тадбирҳои сиёсати иқтисодиро равона кард, ки ба афзоиши тиҷорат ва хариду фурӯши молҳо мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, таъсири андозҳои солҳои гузашта ба андозҳои ҷорӣ низ муҳим аст ва барои ин нигоҳ доштани сатҳи устувории сиёсати андозӣ тавсия дода мешавад, ки ба пешгӯишаванда будани воридот аз андозҳои ғайримустақим кӯмак мекунад.

3) Даромадҳои ғайриандозӣ = f(ММД)

Муодилаи таҳлилшуда бо усули **Least Squares (OLS)** нишон медиҳад, ки даромадҳои ғайриандозӣ низ вобастагии назаррас аз маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД – GDP) доранд, гарчанде бо дараҷаи таъсири нисбатан поёнтар.

Муодилаи регрессионӣ:

Даромадҳои ғайриандозӣ = -115.990877281 + 0.0258059070674* ММД

Тафсири коэффисентҳо:

- **Intercept (C)** = -115.9909
  - Шарҳ: Ин коэффисиент аҳамияти омории миёна дорад (t = –1.9229, Prob = 0.0696), ки дар сатҳи 10% қобили қабул аст. Арзиши манфии он нишон медиҳад, ки дар сурати нол будани ММД, даромадҳои ғайриандозӣ манфӣ мешаванд, ки танҳо дар чаҳорчӯби математикӣ қобили шарҳ аст.
- **ММД** = 0.025806
  - Шарҳ: Ин коэффисиент бо аҳамияти баланди оморӣ (Prob = 0.0000) нишон медиҳад, ки ҳар як воҳид афзоиши ММД боиси зиёдшавии миёнаи 0.0258 воҳиди даромадҳои ғайриандозӣ мешавад. Ин нишон медиҳад, ки фаъолияти иқтисодӣ таъсири мусбат ба ин намуди даромад дорад, вале коэффисиент нисбат ба андозҳо хурдтар аст.
- **R-squared** = 0.942567
  - Яъне 94.26% тағйирёбии даромадҳои ғайриандозӣ аз тағйироти ММД шарҳ дода мешавад.
- **Adjusted R-squared** = 0.939544
  - Танзимшудаи R^2 низ тасдиқ мекунад, ки модел хеле хуб мувофиқ аст.
- **F-statistic = 311.8210, Prob(F-statistic) = 0.000000**
  - Модел дар маҷмӯъ аҳамияти омории баланд дорад.
- **S.E. of regression = 176.2523**
  - Хатои стандартии модел, ки бо назардошти андозаи тағйироти маълумот қобили қабул аст.
- **Durbin-Watson stat = 1.520188**
  - Ин нишондиҳанда каме аз 2 поён аст, ки метавонад нишон диҳад худкоррелятсияи ночизи боқимондаҳо вуҷуд дорад, вале дар ҳудуди қобили қабул.

Бо истифода аз ин муодилаи ҳисобшуда дурнамои **даромадҳои ғайриандозӣ** аз соли 2024 то соли 2030 дар расми 3 оварда шудааст.



Расми 3. Дурнамои даромадҳои ғайриандозӣ

Натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, ки даромадҳои ғайриандозӣ вобастагии назарраси мустақим бо ММД доранд, гарчанде ки нисбат ба андозҳо шиддати таъсир камтар аст. Аз ин натиҷаҳо чунин бармеояд:

· Иҷрои босуботи буҷет дар қисмати даромадҳои ғайриандозӣ низ ба рушди умумии иқтисодӣ вобаста аст.

· Барои афзоиши ин навъи даромадҳо, зарур аст, ки истифодаи захираҳои давлатӣ, хизматрасониҳо, амволи давлатӣ ва сарчашмаҳои ғайриандозӣ беҳтар гарданд.

· Тавсия мешавад, ки сиёсати молиявӣ ба диверсификатсияи манбаъҳои ғайриандозии буҷет нигаронида шавад, то вобастагӣ танҳо аз ММД коҳиш ёбад ва устуворӣ афзоиш ёбад.

Натиҷаи таҳлили се муодилаи регрессионии ба дастомада оид ба даромадҳои буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2024 нишон медиҳад, ки ҳар се намуди асосии даромадҳои буҷетӣ – андозҳои мустақим, андозҳои ғайримустақим ва даромадҳои ғайриандозӣ – вобастагии назаррас ва мустақим аз сатҳи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) доранд. Ин вобастагӣ тавассути модели OLS ва AR(1) бо дараҷаи баландии эътимод (t-Statistic ва Prob. < 0.05) тасдиқ мегардад.

Муодилаи аввали таҳлил ба андозҳои мустақим дахл дорад. Модел нишон дод, ки коэффисиенти ММД баробар ба 0.077433 мебошад ва дар сатҳи 1% аҳамияти оморӣ дорад. Яъне бо афзоиши 1 миллиарди сомонӣ ММД, андозҳои мустақим ба ҳисоби миёна 77.4 миллион сомонӣ зиёд мешаванд. Илова бар ин, AR(1)=0.643162 аҳамияти мусбӣ ва назаррас дорад, ки аз таъсири қавии даврaҳои гузашта ба давраи ҷорӣ дарак медиҳад. R-квадрати модел 0.9967 буда, нишон медиҳад, ки қариб тамоми тағйирёбии андозҳои мустақим аз тағйироти ММД ва динамикаи гузашта вобастагӣ дорад. Дар маҷмӯъ, модел дорои сифат ва қобилияти баланди пешгӯӣ мебошад ва метавонад ҳамчун асос барои таҳияи сиёсатҳои андозӣ истифода шавад.

Муодилаи дуюм таҳлили вобастагии андозҳои ғайримустақим аз ММД мебошад. Қимати коэффисиенти ММД дар ин муодила 0.129466 мебошад, ки назар ба муодилаи андозҳои мустақим баландтар аст. Ин маънои онро дорад, ки ҳар 1 миллиард сомонӣ афзоиши ММД, ба ҳисоби миёна, 129.4 миллион сомонӣ афзоиши андозҳои ғайримустақимро дар пай дорад. Ин ба хусусияти истеъмоливу тиҷоратии ин навъи андозҳо марбут аст, ки ба гардиши молу хизматрасонӣ алоқаманд аст.

Дар ин модел низ AR(1) = 0.484728 аҳамияти назаррас дорад, аммо таъсири он нисбат ба андозҳои мустақим заифтар мебошад. $R^2 = 0.9937$ нишон медиҳад, ки 99.37% тағйироти андозҳои ғайримустақим бо тағйироти ММД ва динамикаи гузашта шарҳ дода мешавад. Ин бозгӯкунандаи он аст, ки андозҳои ғайримустақим ба таври устувор ба фаъолияти иқтисодӣ вобастагии мустақим доранд.

Муодилаи сеюм вобастагии даромадҳои ғайриандозӣ аз ММД-ро таҳлил менамояд. Натиҷаҳои бадастомада нишон доданд, ки ҳарчанд коэффисиенти GDP = 0.025806 назар ба ду муодилаи дигар камтар аст, аммо аҳамияти омории он хеле баланд аст ($t = 17.65$, $Prob < 0.0001$). Яъне, бо ҳар як миллиард сомонӣ афзоиши ММД, даромадҳои ғайриандозӣ ба ҳисоби миёна тақрибан 25.8 миллион сомонӣ зиёд мешаванд. $R^2 = 0.942567$ ва Adjusted $R^2 = 0.9395$ нишон медиҳанд, ки қариб 94% тағйироти ин навъи даромадҳоро метавон тавассути тағйироти ММД шарҳ дод. Ин нишон медиҳад, ки даромадҳои ғайриандозӣ низ дар иртиботи устувор бо рушди иқтисодӣ қарор доранд, ҳарчанд бо шиддати камтар нисбат ба андозҳо.

Дар муқоиса, андозҳои ғайримустақим нисбат ба дигар намудҳои даромадҳо бештар ба тағйироти ММД вокуниш нишон медиҳанд, ки ба хусусияти бахши тиҷорат ва фурӯш алоқаманд аст. Андозҳои мустақим низ вокуниши баланд доранд, ки аз таъсири афзоиши даромадҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бармеояд. Даромадҳои ғайриандозӣ вобаста ба фаъолияти ғайритиҷоратӣ ва истифодаи дороиҳои давлатӣ мебошанд ва бинобар ин таъсири ММД бар онҳо нисбатан заифтар аст.

Хусусияти дигари муҳим дар таҳлил ин аст, ки ҳар се модел дорои R^2 хеле баланд мебошанд ва арзишҳои t-статистик ва Prob. нишон медиҳанд, ки ҳамаи тағйирёбандаҳо аҳамияти оморӣ доранд. Дар ҳамаи ҳолатҳо, Durbin-Watson дар ҳудуди 1.5–1.9 буда, худкоррелятсияи ҷиддӣ дар боқимондаҳо ба назар намерасад. Ин моделҳоро метавон бо эътимод барои дурнамо то соли 2030 истифода бурд. Бар замми ин, коэффисиенти AR(1) дар муодилаҳои аввал ва дуюм аҳамияти назаррас дорад, ки нишон медиҳад, ки ҷараёнҳои молиявӣ дар буҷет дорои хусусияти инерсионӣ буда, сиёсати фискалӣ бояд устувор ва дарозмуддат бошад. Таҳлили ин хусусият барои банақшагирии дарозмуддати буҷетӣ аҳамияти назаррас дорад.

Ҳамин тавр, таҳлили муодилаҳо нишон медиҳад, ки рушди устувори иқтисодӣ, яъне афзоиши ММД, метавонад ба таври қобили мулоҳиза даромадҳои буҷетиро дар шаклҳои гуногун зиёд намояд. Аз ин рӯ, барои ҳукумати ҷумҳурӣ тавсия мешавад, ки сиёсати макроиқтисодӣ ва андозиро ба шакле роҳандозӣ намояд, ки суръати афзоиши ММД-ро таъмин карда, заминаи афзоиши устувори даромадҳои буҷетиро фароҳам созад.

Таҳлили иқтисодӣ нишон медиҳад, ки афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар се бахши асосӣ - андозҳои мустақим, андозҳои ғайримустақим ва даромадҳои ғайриандозӣ - бо рушди иқтисодӣ, яъне бо сатҳи ММД алоқамандии қавӣ доранд. Дар ҳамаи муодилаҳои таҳлилшуда, нишондиҳандаҳои оморӣ R^2 ва t-Statistic аҳамияти баланди шарҳдиҳӣ ва эътимоднокиро нишон медиҳанд.

Андозҳои ғайримустақим ҳассостарин ба тағйироти ММД мебошанд, ки хусусияти онҳо бо гардиши мол ва сатҳи истеъмол иртибот дорад. Ин навъи даромад нишон медиҳад, ки ҳар як қадам дар самти рушди бозори дохилӣ ва афзоиши тиҷорат метавонад ба таври зуд ва самарабахш ба зиёдшавии воридоти буҷетӣ мусоидат намояд.

Андозҳои мустақим низ вобастагии назаррас доранд ва афзоиши онҳо аз даромадҳои шахсӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷорат вобаста аст.

Модели таҳлилшуда нишон медиҳад, ки системаи андозбандии мустақим метавонад воситаи устувори дарозмуддат барои таъмини воридоти буҷетӣ бошад, агар муҳити иқтисодӣ шаффоф ва устувор нигоҳ дошта шавад. Дар мавриди даромадҳои ғайриандозӣ, гарчанде ки таъсири ММД камтар аст, вале он ҳам ба таври устувор бо фаъолияти иқтисодӣ ҳамбастагӣ дорад. Барои зиёд намудани ин намуди даромадҳо, зарур аст, ки сиёсати самараноки идоракунии дороиҳои давлатӣ, хизматрасониҳои пулакӣ ва манбаъҳои алтернативии даромад таҳия ва амалӣ гарданд.

Таҳлили муодилаҳо инчунин нишон медиҳад, ки таъсири солҳои қаблӣ дар шакли AR(1) дар ду модели аввал аҳамияти оморӣ дорад. Ин ҳолат назарас менамояд, ки ҷараёнҳои буҷетӣ хусусияти такрорӣ ва инерсионӣ доранд ва тадбирҳои нав бояд на танҳо ба вазъияти ҷорӣ, балки ба таҳкими пайдарпайии сиёсати фискалӣ равона шаванд.

Ҳамин тариқ, пешгӯии даромадҳои буҷетӣ дар асоси ММД ва моделҳои таҳлилшуда имконият медиҳад, ки дурнамо то соли 2030 бо эътимод таҳия гардад ва заминаи назариявӣ барои сиёсати буҷетӣ ва андозӣ муайян карда шавад. Ин таҳлил ба мақсадҳои стратегӣ дар соҳаи молияи давлатӣ мусоидат менамояд ва метавонад барои банақшагирии устувори даромадҳои давлатӣ хизмат кунад.

АДАБИЁТ

1. Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan. Macroeconomic indicators (2024), stat.tj.
2. IMF. Staff Concluding Statement for the 2025 Article IV Mission to Tajikistan. Washington D.C., imf.org.
3. World Bank. Tajikistan Economic Update, 2023. Washington D.C., thedocs.worldbank.org.
4. World Bank. Tajikistan Economic Update, Summer 2024. Washington D.C., 2024.
5. Asian Development Bank (2022). Tajikistan: Macroeconomic Update
6. Barro, R. J., & Sala-i-Martin, X. (2004). Economic Growth. MIT Press
7. Blanchard, O. (2017). Macroeconomics. Pearson Education
8. Dornbusch, R., Fischer, S., & Startz, R. (2014). Macroeconomics. McGraw-Hill
9. Gujarati, D. N. (2010). Basic Econometrics. McGraw-Hill Education
10. IMF (2021). Fiscal Monitor: Strengthening the Credibility of Public Finances
11. IMF (2023). World Economic Outlook. International Monetary Fund
12. OECD (2021). Revenue Statistics in Asia and the Pacific
13. Wooldridge, J. M. (2013). Introductory Econometrics: A Modern Approach
14. World Bank (2022). Republic of Tajikistan: Public Expenditure Review

УДК 330.322.2 + 338.479.25

Давлатзода Э.Д.

МОДЕЛСОЗИИ ҶОЛИБИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР СОҲАИ НАҚЛИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба таҳлили моделсозии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар шароити набудани дастрасии мустақим ба баҳр ва вобастагии иқтисоди кишвар аз шабакаҳои минтақавӣ ва байналмилалии нақлиёт, рушди инфрасохтори нақлиётӣ аҳамияти стратегӣ пайдо менамояд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҷолибияти сармоягузорӣ ба ин соҳа бештар ба омилҳои муҳити иқтисодӣ, устуворii институтсионалӣ, сиёсати давлатии соҳа ва иштироки бахши хусусӣ вобаста аст. Дар доираи таҳлил, модел ва формулаҳои баҳодиҳии ҷолибияти сармоягузорӣ пешниҳод гардиданд, ки бо истифода аз нишондиҳандаҳои воқеии иқтисодӣ иҷро шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот тавсия медиҳанд, ки барои ҷалби муваффақонаи сармоягузорӣ бояд инфрасохтори рақамӣ ва ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ густариш ёбад, инчунин ташкили муҳити мусоиди сармоягузорӣ тавассути такмили ислоҳоти давлатӣ ва ҳуқуқии соҳа муҳим мебошад.

Калидвожаҳо: ҷолибияти сармоягузорӣ, нақлиёт, Тоҷикистон, инфрасохтор, соҳаи стратегӣ, таҳлили иқтисодӣ, сармояи хориҷӣ, моделсозӣ.

Давлатзода Э.Д.

МОДЕЛИРОВАНИЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПРИВЛЕКАТЕЛЬНОСТИ В ТРАНСПОРТНУЮ СФЕРУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена анализу моделирования инвестиционной привлекательности в транспортной сфере Республики Таджикистан. В условиях отсутствия прямого выхода к морю и зависимости экономики страны от региональных и международных транспортных сетей развитие транспортной инфраструктуры приобретает стратегическое значение. Исследование показывает, что инвестиционная привлекательность данной отрасли в большей степени зависит от факторов экономической среды, институциональной стабильности, государственной политики в сфере транспорта и участия частного сектора. В рамках анализа были предложены модели и формулы оценки инвестиционной привлекательности, основанные на реальных экономических показателях. Результаты исследования показывают, что для успешного привлечения инвестиций необходимо расширение цифровой инфраструктуры и сотрудничество с зарубежными партнёрами, а также создание благоприятной инвестиционной среды путём совершенствования государственных и правовых реформ в отрасли.

Ключевые слова: инвестиционная привлекательность, транспорт, Таджикистан, инфраструктура, стратегический сектор, экономический анализ, иностранные инвестиции, моделирование.

Davlatzoda E.D.

MODELING INVESTMENT ATTRACTIVENESS IN THE TRANSPORT SECTOR OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the analysis of modeling of investment attractiveness in the transport sector of the Republic of Tajikistan. In the context of lacking direct access to the sea and the country's economic dependence on regional and international transport networks, the development of transport infrastructure gains strategic importance. The study shows that the investment attractiveness of this sector largely depends on factors such as the economic environment, institutional stability, government policy in the transport sector, and the involvement of the private sector. Within the framework of the analysis, models and formulas for assessing investment attractiveness were proposed based on real economic indicators. The results of the study suggest that successful investment attraction requires the expansion of digital infrastructure and cooperation with foreign partners, as well as the creation of a favorable investment environment through the improvement of government and legal reforms in the sector.

Keywords: investment attractiveness, transport, Tajikistan, infrastructure, strategic sector, economic analysis, foreign investment, modeling.

Соҳаи нақлиёт яке аз ҷузъҳои муҳими системаи иқтисодии ҳар як кишвар ба шумор меравад. Он на танҳо нақши хидматрасонӣ дорад, балки ҳамчун воситаи аслии ҳамгироии бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ, тақсими ҳудудии меҳнат ва рушди тиҷорат амал мекунад. Махсусан, барои кишварҳои дорои релефи кӯҳӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии дур аз баҳр, нақлиёт нақши ҳаётӣ мебозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо тақрибан 93% ҳудуди кӯҳӣ ва набудани дастрасии мустақим ба баҳр, вобастагии шадид ба шабакаи инфрасохтории нақлиётӣ дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва рақобати афзояндаи бозорҳои молиявӣ, масъалаи ҷалби сармоя ба соҳаҳои стратегии иқтисоди миллӣ, махсусан нақлиёт, аҳамияти афзун касб мекунад. Нақлиёт яке аз рукнҳои асосии инфрасохтори иқтисодии кишвар маҳсуб ёфта, ҳамчун омили калидии ҳамгироии минтақаҳо, рушди содироту воридот ва таъмини ҳаракати

озоди аҳолӣ ва молу хизматрасониҳо баромад мекунад. Сармоягузорӣ ба ин соҳа на танҳо манфиатҳои иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва экологии зиёде низ меорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун як кишвари кӯҳистонӣ ва беназдик ба баҳр, ба шабакаи пуркуввати нақлиётӣ ва инфрасохтори муосир ниёз дорад. Ҷойгиршавии ҷуғрофии он, ки миёни Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Қирғизистон қарор дорад, имкон медиҳад, ки он ба долонҳои байналмилалии нақлиётӣ пайваст гардад. Аммо, маҳз камбуди инфрасохтор, набудани шабакаи муосири логистикӣ ва мушкилоти молиявию ҳуқуқӣ, то имрӯз монеа ба рушди пурраи он гардидааст.

Нақлиёт, ҳамчун хати ҳаётии иқтисоди миллӣ, на танҳо ҷараёни молу хизматрасониро таъмин менамояд, балки барои ҳамгироии минтақавӣ ва густариши робитаҳои тиҷоратӣ нақши калидӣ мебозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷойгиршавии ҷуғрофии хос ва набудани дастрасӣ ба баҳр, ниёз ба шабакаи мукаммали нақлиётӣ дорад. Мутаассифона, тибқи арзёбии Бонки рушди Осиё “Зиёда аз 40% роҳҳои автомобилгарди мамлакат ба талаботи байналмилалӣ ҷавобгӯ нестанд” [1].

Ҷалби сармоя ба бахшҳои зерсохтории иқтисодиёт, аз ҷумла нақлиёт, ба рушди устувори минтақаҳо ва таъмини суботи макроиқтисодӣ замина мегузорад. Ҳамин тавр, нақлиёт на танҳо воситаи ҳаракат, балки муҳаррики тараққиёти соҳаҳои дигар низ маҳсуб меёбад.

Дар кишварҳои рӯ ба рушд, сармоягузорӣ ба нақлиёт даромадноктарин шакли истифодаи маблағҳои давлатӣ ва хусусӣ ба ҳисоб меравад, агар он бо моделсозии оптималӣ ҳамоҳанг карда шавад.

Бо дарназардошти таҳлили вазъи кунунии соҳаи нақлиёт ва натиҷаҳои моделсозии ҷолибияти сармоягузорӣ, метавон хулоса кард, ки дурнамои ҷалби сармоя ба ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 қобили қабул ва умедбахш арзёбӣ мегардад. Дар ҳолати татбиқи ислоҳоти зарурии институтсионалӣ, такмили инфрасохтор ва фаъолсозии ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, сармоягузорӣ метавонад ба яке аз омили муҳими рушди устувор табдил ёбад.

Бо дарназардошти аҳамияти мавзӯъ, таҳқиқи механизму моделҳои баҳодиҳӣ ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт, муайян намудани дурнамои он ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ барои ҳукумат ва бахши хусусӣ зарур ва саривақтӣ мебошад.

Дар ин мақола кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки моделҳои таҳлилии муосир ва нишондиҳандаҳои асосии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил шуда, дурнамои рушди он дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ва ҳамгироии минтақавӣ муайян карда шавад.

Ҷолибияти сармоягузорӣ (англ. *investment attractiveness*) мафҳуми комплексӣ буда, маҷмӯи омилҳоеро дар бар мегирад, ки имконияту шароити мусоидро барои ҷалби сармоя ба соҳа ё минтақа фароҳам меоранд. Ба гуфтаи иқтисоддони машҳур П. Самуэлсон, “Ҷолибияти сармоягузорӣ аз он чизе вобаста аст, ки оё бозгашти назарраси маблағ ва кафолати молиявӣ таъмин мегардад ё не” [10, с. 861].

Ҷолибияти сармоягузорӣ бо унсурҳои зерин муайян мешавад:

- Муҳити макроиқтисодӣ (пойдорӣ, суботи молиявӣ, сатҳи таваррум);
- Муҳити институтсионалӣ (дастрасӣ ба адолат, қонунгузорӣ, хатарҳои сиёсӣ);
- Инфрасохтори техникӣ (роҳҳо, нақлиёт, логистика);
- Шароити бозор ва талабот;
- Дастрасӣ ба захираҳои меҳнатӣ ва моддӣ.

Ин мафҳум дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун асос барои таҳияи сиёсатҳои сармоягузорӣ истифода мешавад. Ҷолибияти сармоягузорӣ на танҳо ба шумораи сармоягузорони ҷалбшуда вобаста аст, балки ба сифати лоиҳаҳо, устувории сармоя ва таъсири иҷтимоиву иқтисодии онҳо низ марбут мебошад.

Соли 2023, Бонки Ҷаҳонӣ дар гузориши худ қайд кард, ки “Сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад то 1,5%-и ММД-ро дар як сол афзоиш диҳад, агар он бо ислоҳоти муассир ва идоракунии муассисаҳо ҳамҷоя шавад” [7].

Дар паи таҳлилҳои CAREC ва Бонки Осиёии Рушд низ таъкид шудааст, ки “Тоҷикистон потенсиали хос барои табдил ёфтан ба як гузаргоҳи калидии минтақавии нақлиётӣ дорад” [8].

Аз нигоҳи стратегияи давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиётро ҳамчун бахши стратегӣ барои рушди иқтисод ва ҳамгироии минтақавӣ эътироф кардааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар қисмати марҳилаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо (солҳои 2026-2030) ба таври махсус таъкид мешавад, ки “Инфрасохтори самарабахши нақлиётию логистикӣ бунёд карда шуда, сохтмони долонҳои байналмилалии транзитии нақлиётӣ ба анҷом расонида мешавад” [2, с. 25].

Бо дарназардошти он, ки бахши нақлиёт яке аз самтҳои афзалиятноки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад, зарурати таҳияи моделҳои илмӣ ва таҳлилҳои ояндабинӣ оид ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар ин бахш хеле муҳим аст. Таҳлилҳои мавҷуда нишон медиҳанд, ки ҷолибияти сармоягузорӣ ба як қатор омилҳо вобаста аст:

- Сифати инфрасохтор;
- Дастрасӣ ба бозори минтақавӣ;
- Муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ;
- Ҳавасмандсозии сармоягузорӣ;
- Рақамисозии хизматрасониҳо;
- Сатҳи талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ.

Аз ин рӯ, моделсозии илмӣ ҳамчун абзори асосии таҳлил ва қабули қарор метавонад ба арзёбии дақиқи дурнамо ва самтҳои афзалиятноки сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт мусоидат намояд.

Ғайр аз ин, дар замони ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадид, барои кишварҳои рӯ ба рушд, таъмини механизмҳои муътамади ҷалби сармоя тавассути афзоиши ҷолибияти иқтисодӣ ва сиёсати суботи макроиқтисодӣ аҳамияти асосӣ касб мекунад. Бар асоси арзёбии UNCTAD “Нақлиёт ва логистика яке аз се бахши калидии афзалиятнок барои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар Осиёи Марказӣ мебошанд” [11].

Таҳлили муфассал ва моделсозии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт зарурати хос дорад. Ҳам моделсозии таҳлилӣ ва ҳам дурнамоҳои рушди инфрасохтор имкон медиҳанд, ки роҳҳои афзалиятноки ҷалби сармоя муайян гардида, қарорҳои сиёсиву иқтисодӣ асоснок шаванд. Ба гуфтаи муҳаққиқи маъруф, Ҷ. Даннинг, дар шароити иқтисоди бозорӣ, “Сармоя танҳо ба он ҷое меравад, ки он ҷо боварӣ, фоида ва суботи институтсионалӣ бошад” [6].

Соҳаи нақлиёт ҳамчун як бахши стратегӣ ва таркибии иқтисоди миллӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши ҳаётӣ мебозад. Ҷолибияти сармоягузорӣ дар ин соҳа аз омилҳои гуногун вобаста аст, ки онҳо ба муҳити ҳуқуқӣ, суботи иқтисодӣ, инфрасохтори мавҷуда, захираҳои инсонӣ ва геополитикаи кишвар алоқаманданд. Барои таҳлили муфассали ин масъала, назарияҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва арзёбиҳои олимони ватанӣ метавонанд заминаи хуб фароҳам оваранд.

Ҷолибияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар соҳаи нақлиёт, то ҳол ба таври кофӣ истифода нашудааст. *Аксари лоиҳаҳои нақлиётӣ дар кишвар бо маблағгузории хориҷӣ амалӣ мегарданд, ки нишондиҳандаи паст будани ҷалби сармояи мустақими ватанӣ аст*. Бо вуҷуди кӯшишҳои давлатӣ барои беҳсозии муҳити сармоягузорӣ, то ҳол сатҳи хавфҳои молиявӣ, институти судҳо ва кафолати ҳуқуқии сармоягузор ба таври кофӣ рушд накардааст. Дар баробари ин, як силсила омилҳо мавҷуданд, ки ҷолибияти сармоягузорӣ дар нақлиётро тақвият мебахшанд:

· Сармоягузорӣ ба нақлиёт дарозмуддат аст ва Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин лоиҳаҳо афзалияти ҷойгиршавӣ дорад;

· Афзоиши тиҷорати минтақавӣ ва эҳёи Роҳи абрешим метавонад Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба маркази логистикии Осиёи Марказӣ табдил диҳад.

Мутахассисони Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) дар гузориши худ таъкид мекунанд: “Сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ дар кишварҳои дар қитъаи хушкӣ

ҷойгиршуда (бе роҳ ба баҳр) назар ба иқтисодиётҳои соҳилӣ бештар ба суботи давлат ва долонҳои логистикии байналмилалӣ вобаста мебошад” [9]. Яъне, кишварҳои бе дастрасӣ ба баҳр, монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд бо эътибор ба хатҳои байналмилалии транзитӣ шабакаи нақлиётии худро рушд диҳанд, то барои сармоягузорон муҳити рақобатпазир фароҳам оваранд.

Муҳаққиқи маъруфи хориҷӣ Ҷон Даннинг дар доираи парадигмаи OLI таъкид мекунад, ки сармоягузор танҳо ба он кишвар сармоя ворид мекунад, ки дар он ҷо “бартарии ҷойгиршавӣ” (location advantage) ба назар мерасад. Ӯ менависад: “Ҷараёнҳои сармоягузорӣ ба он минтақаҳое ҷалб карда мешаванд, ки якҷояи потенсиали иқтисодӣ, суботи институтсионалӣ ва низоми самараноки нақлиётиро пешниҳод мекунанд” [6]. Ин андеша барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад, зеро кишвар дар байни ду блоки иқтисодии муҳими минтақавӣ - Чин ва бозорҳои Осиёи Марказӣ - ҷойгир аст, аммо барои истифодаи пурраи ин бартарӣ, шабакаи муосири нақлиётӣ талаб карда мешавад.

Профессор Ҷон Даннинг пешниҳод мекунад, ки омилҳои асосии сармоягузорӣ аз инҳо иборатанд:

· “Ownership advantage (бартарии ширкат);
· Location advantage (ҷолибияти кишвар);
· Internalization advantage (назорати дохилӣ)” [6].

Ин модел дар бахши нақлиёт аҳамияти калон дорад, чунки сармоягузор ширкатеро меҷӯяд, ки на танҳо қонунгузории мусоид дорад, балки ҷойгиршавии стратегӣ низ фароҳам оварад.

Соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз бахшҳои калидии иқтисод мебошад, ки дар рушди иқтисоди миллӣ, содирот, воридот, логистика ва ҳамкории минтақавӣ нақши муҳим мебозад. Бо дарназардошти хусусиятҳои ҷуғрофии кишвар, ки кӯҳсор ва дур аз баҳр аст, нақлиёт воситаи асосии пайвасткунандаи минтақаҳо ва кишварҳои ҳамсоя мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шабакаи муҳими нақлиётӣ мебошад, ки аз се зербахши асосӣ иборат аст:



Расми 1. Риштаҳои пайвасткунанда: шабакаҳои нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва ҳавоӣ

Риштаҳои пайвасткунанда ба маънои он аст, ки шабакаҳои нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидии пайванддиҳандаи минтақаҳо, шаҳрҳо ва кишварҳои ҳамсояро иҷро мекунанд. Се шакли асосии нақлиёт - нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ - барои рушди иқтисодӣ, содироту воридот, ҳаракати одамон ва афзоиши ҳамгироии минтақавӣ муҳим мебошанд.

1. Нақлиёти автомобилӣ - беш аз 90% ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ анҷом дода мешавад;

2. Нақлиёти роҳи оҳан - асосан барои интиқоли масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти вазнин ва содироту воридот истифода мешавад;

3. Нақлиёти ҳавоӣ - хизматрасонии мусофиркашонӣ дар самтҳои дохилӣ ва байналмилалӣ, асосан тавассути ширкатҳои "Тоҷик Эйр", "Сомон Эйр" ва дигар ширкатҳои хориҷӣ амалӣ мегардад.

Ҳамин тавр, ин шабакаҳо мисли риштаҳо минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳам мепайванданд ва кишварро бо бозорҳои ҷаҳонӣ мепайванданд.

Бо вуҷуди пешравиҳо, соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба якчанд мушкили ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст:

- Фарсудагии инфрасохтор;
- Маҳдудиятҳои молиявӣ;
- Мавҷудияти монеаҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ.

Соҳаи нақлиёт ҳамчун яке аз артерияҳои муҳими рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ мебозад. Ҷалби сармоягузорӣ ба ин соҳа метавонад на танҳо инфрасохтори мавҷударо такмил диҳад, балки ба тавсеаи робитаҳои минтақавӣ, баландбардории рақобатпазирии иқтисод ва рушди устувори минтақаҳо мусоидат кунад. Барои таҳлили амиқи ҷолибияти сармоягузорӣ зарур аст, ки аз як модели комплексӣ бо шохаҳои пайваст истифода бурда шавад.



Расми 2. Ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт тавассути моделсозӣ

Шохаи омилҳои асосии муайянкунандаи ҷолибияти сармоягузорӣ унсурҳое мебошад, ки сатҳи муҳити сармоягузориро муайян мекунанд. Суботи макроиқтисодӣ барои сармоягузор муҳити пешгӯишаванда фароҳам меорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар ин самт пешрафтҳое нишон додааст, вале хатари вобастагӣ ба омилҳои хориҷӣ ҳанӯз боқӣ мондааст.

Баъзе камбудиҳо дар риояи шартномаҳо ва татбиқи қонунгузории сармоягузорӣ мушоҳида мешаванд.

Пешниҳод мегардад, ки барои баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон ислоҳоти ҳуқуқӣ идома дода шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои фаровони инсонии ҷавон бархурдор аст, ки метавонад сармоягузоронро ҷалб намояд, хусусан дар бахши логистика ва хизматрасонии нақлиётӣ.

Моделсозии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз як равиши системавӣ ва илмӣ бар асоси таҳлили омилҳои иқтисодӣ, инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ бархурдор бошад. Танҳо дар сурати истифодаи мутавозин ва илмии ҳамаи шохаҳои

мазкур, метавон моделсозии самарабахши ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти кишварро таъмин намуд.

Пас аз таҳлилҳои болозикр, ба модели таҳлилии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт мегузарем. Моделсозӣ дар таҳлили иқтисодӣ баёнгари системаи муносибатҳои мураккаби омилҳои таъсиррасон аст. Барои арзёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, модел бояд омилҳои макроиқтисодӣ, инфрасохторӣ, ҳуқуқӣ ва минтақавиро дар бар гирад. Истифодаи моделҳо барои таҳлили ҷолибияти сармоягузорӣ имконият медиҳад, ки равандҳои мураккаби иқтисодӣ ба таври сохторӣ ва рақамӣ арзёбӣ гарданд. Моделсозӣ воситаи муҳимтарини муосир барои муайянсозии омилҳои асосии таъсиррасон ба ҷалби сармоягузорӣ мебошад.

Модели индексии ҷолибияти сармоягузорӣ (Investment Attractiveness Index - IAI) барои баҳо додан ба сатҳи ҷолибияти соҳаи нақлиёт ҳамчун як бахши муҳими инфрасохтор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ин модел барои муайян кардани сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ бо дарназардошти маҷмӯи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва инфрасохторӣ истифода мешавад:

$$IAI = \sum_{i=1}^{n} Wi * Ni$$

Дар ин ҷо:

IAI - Индекси умумии ҷолибияти сармоягузорӣ;

Wi - вазни (аҳамияти) нишондиҳандаи i-ум;

Ni - арзиши стандартизатсияи нишондиҳандаи i-ум;

n - шумораи нишондиҳандаҳо (масалан, устувории сиёсӣ, фазои ҳуқуқӣ, дастрасӣ ба инфрасохтор, сатҳи талабот ва ғ.).

Модели таҳлилии индекси ҷолибияти сармоягузорӣ (IAI) бо истифодаи нишондиҳандаҳои калидӣ дар мисоли соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зерин нишон дода шуд:

- Сифати инфрасохтор (0.25)
- Дастрасӣ ба бозори минтақавӣ (0.20)
- Муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (0.15)
- Ҳавасмандсозии сармоягузорӣ (0.15)
- Рақамисозии хизматрасониҳо (0.10)
- Сатҳи талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ (0.15)

Модел бо истифода аз маълумоти воқеии оморӣ ва таҳлилҳои байналмилалӣ таҳия шудааст. Барои ҳар як нишондиҳанда, арзиш ва вазни мувофиқ таъин гардидааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳо ва арзишҳо

Нишондиҳанда	Арзиш (аз 10)	Вазн
Сифати инфрасохтор	5.0	0.25
Муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ	4.5	0.20
Ҳавасмандсозии сармоягузорӣ	4.0	0.15
Дастрасӣ ба бозори минтақавӣ	6.0	0.15
Рақамисозии хизматрасониҳо	4.5	0.10
Сатҳи талабот ба хизматрасониҳо	5.5	0.15

Пас аз маълум намудани нишондиҳандаҳо ва арзиши онҳо аз рӯи формулаи боло ҳисоб менамоем:

$$\mathbf{IAI} = (5.0 \times 0.25) + (4.5 \times 0.20) + (4.0 \times 0.15) + (6.0 \times 0.15) + (4.5 \times 0.10) + (5.5 \times 0.15)$$
$$= 1.25 + 0.90 + 0.60 + 0.90 + 0.45 + 0.825 = 4.93$$

Тафсири натиҷаҳо:

- IAI = 4.93 аз 10 - нишондиҳандаи миёна, ки имкониятҳои рушди соҳаи нақлиётро инъикос мекунад.

- Сифати инфрасохтор ва дастрасӣ ба бозори минтақавӣ нишондиҳандаҳои нисбатан баланд доранд, ки имкониятҳои хуб барои сармоягузорӣ мебошанд.

- Муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ ва рақамисозии хизматрасониҳо нишондиҳандаҳои пасттар доранд, ки нишондиҳандаи зарурати ислоҳот ва рушди минбаъда мебошанд.

Ҳамин тавр, пас аз таҳлили нишондиҳандаҳо ва арзишҳо чунин хулосагирӣ ва тавсия намудан мумкин аст:

1. Рушди инфрасохтори нақлиётӣ: Бо дарназардошти арзиши 5.0, зарур аст, ки сармоягузорӣ ба инфрасохтори нақлиётӣ афзоиш ёбад.
2. Ислоҳоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ: Арзиши 4.5 нишон медиҳад, ки муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсӣ бояд барои ҷалби сармоягузорон беҳтар гардад.
3. Ҳавасмандсозии сармоягузорӣ: Бо арзиши 4.0, зарур аст, ки механизмҳои ҳавасмандсозии сармоягузорӣ таҳким ёбанд.
4. Рақамисозии хизматрасониҳо: Арзиши 4.5 нишон медиҳад, ки рушди технологияҳои рақамӣ дар соҳаи нақлиёт муҳим аст.
5. Таҳкими талабот ба хизматрасониҳо: Арзиши 5.5 нишон медиҳад, ки талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ вуҷуд дорад, ки бояд бо пешниҳоди хизматрасониҳои сифатнок қонеъ гардонида шавад.

Тибқи ҳисобҳои тахминӣ, дар шароити татбиқи босамари модели индексии таҳиягардида ва ташаккули фазои мусоиди сармоягузорӣ, ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт метавонад то соли 2030 ба зиёда аз 4,5 млрд. доллари ИМА расад. Аз ин ҳаҷм, зиёда аз 50% метавонад тавассути лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДБХ) амалӣ гардад. Ҳамзамон, саҳми сармояи мустақими хориҷӣ низ метавонад дар сохтори умумии сармоягузорӣ то 35% афзоиш ёбад, ки ин нишонаи эътимоди инвесторони хориҷӣ ба фазои сармоягузории кишвар мебошад.

Бар асоси модел, рушди соҳа дар се марҳила ба нақша гирифта мешавад:

· Марҳилаи аввал (2025-2026): такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, таҳияи барномаҳои миллии сармоягузорӣ ва гузаронидани харитаи сармоягузории инфрасохтор;

· Марҳилаи дуюм (2027-2028): татбиқи лоиҳаҳои афзалиятнок дар бахшҳои роҳсозӣ, нақлиёти транзитӣ ва логистика, ҷалби сармояи хориҷӣ ва ташкили марказҳои таълими касбӣ дар соҳаи нақлиёт;

· Марҳилаи сеюм (2029-2030): тавсеаи шабакаҳои нақлиётӣ, рақамисозии хизматрасониҳо ва ноил шудан ба мавқеи устувор дар бозори нақлиёти минтақавӣ.

Барои расидан ба ин дурнамо, чунин тавсияҳои зерин дар таҳқиқот пешниҳод мегарданд:

1. Таҳияи Стратегияи миллии сармоягузорӣ ба соҳаи нақлиёт то соли 2030, ки бо назардошти дурнамои ҳамгироии минтақавӣ ва рушди бозори нақлиёт таҳия шавад;
2. Фаъолсозии механизмҳои ШДБХ, аз ҷумла, эҷоди шароити мусоид барои сармоягузории хусусӣ тавассути имтиёзҳои андозӣ ва кафолатҳои давлатӣ;
3. Таҷдид ва тавсеаи инфрасохтори мавҷуда, аз ҷумла, таъмиру навсозии роҳҳои байналмилалӣ, рушди шабакаи роҳи оҳан ва афзоиши қобилияти фурудгоҳҳо;
4. Рақамисозии идоракунии соҳа, аз ҷумла, ҷорӣ намудани системаҳои рақамии логистика, назорат ва хизматрасонии нақлиётӣ;
5. Таҳкими ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ, ба хусус бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва кишварҳои ҳамсоя ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои минтақавӣ.

Бо татбиқи пайдарпайи ин тавсияҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад на танҳо ҷолибияти сармоягузории соҳаи нақлиётро афзоиш диҳад, балки онро ба як бахши муҳими иқтисодиёти содиротгаро ва рақобатпазири кишвар табдил диҳад. Ин раванд на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба беҳтар гардидани сифати зиндагии аҳолӣ ва тақвияти амнияти нақлиётӣ низ мусоидат хоҳад кард.

Дар натиҷаи таҳлили моделсозии индекси ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум гардид, ки бо татбиқи стратегияҳои муассир ва истифодаи технологияҳои рақамӣ, имконияти ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ то соли 2030 ба таври назаррас афзоиш хоҳад ёфт. Ин раванд на танҳо ба рушди соҳа, балки ба беҳбудии иқтисоди миллӣ ва рушди устувор мусоидат мекунад. Барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ, зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар бахши нақлиёт боз ҳам фаъолтар ва ҳамоҳангтар бошад, ҳамзамон саҳмгузорӣ ва масъулияти бахши хусусӣ низ тақвият дода шавад.

Соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон имкониятҳои васеъ барои ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ дорад. Вале бе беҳбуд бахшидани инфрасохтор, соддагардонии тартиботи ҳуқуқӣ ва кам кардани хавфҳои сиёсиву молиявӣ, ин имкониятҳо пурра истифода намешаванд. Моделсозии иқтисодӣ ва дурнамоҳои муфассал метавонанд воситаи асосӣ дар қабули қарорҳои дурусти сармоягузорӣ гардад.

1. Аз таҳлил чунин хулоса бармеояд, ки ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас аз шароити геополитикӣ, институтсионалӣ ва инфрасохтории кишвар вобастагӣ дорад. Бо вуҷуди баъзе камбудиҳо, имкониятҳои назарраси рушд мавҷуданд, махсусан дар самти таҳкими логистикаи минтақавӣ ва пайвастшавӣ ба шабакаҳои нақлиётии Осиё. Мутахассисон бар он мувофиқвнд, ки сиёсати давлатии дуруст, таъмини суботи ҳуқуқӣ, ва дастгирии шарикони байналмилалӣ метавонанд нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба бахши ҷолиб ва даромадноки сармоягузорӣ табдил диҳанд.

2. Асосҳои назариявии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт заминаи муҳим барои таҳлили самтҳои афзалиятнок ва имкониятҳои воқеии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Назарияҳои муосир ва моделҳои таҳлилӣ имкон медиҳанд, ки қарорҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо асоснокии илмӣ қабул карда шаванд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фазои логистикии минтақавӣ пайваст шудан мехоҳад, омӯхтани ин назарияҳо ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити маҳаллӣ зарур аст.

3. Таҳлили амиқи назариявӣ, вазъи воқеӣ ва дурнамои рушди ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки ин бахш яке аз омилҳои калидии рушди иқтисоди миллӣ ва ҳамгироии минтақавӣ маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди мавҷуд будани монеаҳо чун инфрасохтори фарсуда, дастрасии маҳдуд ба баҳр, сармоягузории нокифоя ва камбуди технологияҳои рақамӣ, нақлиёт дорои потенсиали васеъ барои табдил ёфтан ба бахши ҷолиби сармоягузорӣ мебошад, агар ислоҳоти зарурӣ амалӣ гарданд.

4. Бо дарназардошти хусусиятҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши калидии бахши нақлиёт дар таъмини ҳамгироии минтақавӣ ва рушди содиротӣ, татбиқи моделҳои индексии ҷолибияти сармоягузорӣ яке аз воситаҳои муҳим ва бунёдӣ барои таҳлили сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ ва арзёбии динамикаи он мебошад. Таҳлили чунин моделҳо нишон медиҳад, ки бо беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои инфрасохторӣ, рақамисозӣ ва дастрасии сармоя, соҳаи нақлиёт метавонад дар 5 соли оянда ба сатҳи баланди ҷолибият бирасад.

Истифодаи чунин моделҳо на танҳо ба таҳқиқи вазъи кунунӣ мусоидат мекунад, балки ҳамчун асос барои банақшагирии сиёсати сармоягузории миёна ва дарозмуддат хизмат мекунад. Ин равиш мутобиқ ба таҷрибаи кишварҳои муваффақи минтақа (Қазоқистон, Ӯзбекистон) буда, ҷорӣ намудани системаи баҳогузории индексӣ дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 метавонад ба самаранокии татбиқи стратегия мусоидат намояд.

5. Бо дарназардошти ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нарасидани дастрасӣ ба уқёнус, нақлиёт барои кишвар на танҳо воситаи ҳамлу нақл, балки воситаи интегратсияи иқтисодии минтақавӣ ва рушди устувор мебошад. Дар ин замина, ҷалби сармоя, бахусус сармояи хориҷӣ, дар бунёди роҳҳои байналмилалӣ ва рақамисозии инфрасохтор нақши муҳим мебозад. Таҳлили барномаҳои давлатӣ ва дурнамои пешниҳоднамудаи Бонки Ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҳолати татбиқи пурраи Стратегияи миллии рушди нақлиёт то соли 2030, имконияти табдили Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маркази транзитии Осиёи Марказӣ вуҷуд дорад. Ин ҳолат,

мутаносибан, метавонад сатҳи ҷолибияти сармоягузорӣ ва рақобатпазирии байналмилалии кишварро боло барад.

6. Ҳангоми таҳлили омилҳои таъсиррасон ба ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи нақлиёт мушоҳида мегардад, ки танҳо навсозии инфрасохтор ё танзими тарифҳо кофӣ нест. Беҳтарсозии муҳити институтсионалӣ, аз ҷумла шаффофияти қонунгузорӣ, коҳиши монеаҳои маъмурӣ, ва ҷорӣ намудани механизмҳои ШДБХ ҳамчун шарти ҳатмии баланд бардоштани сатҳи ҷолибият ба шумор меравад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқоти индекси ҷолибияти сармоягузорӣ нишон медиҳанд, ки дар сурати тақвияти сиёсатҳои институсионалӣ ва фаъолияти марбут ба рақамисозӣ, метавонад сармоягузорӣ дар бахши нақлиёт то 25-30 фоиз афзоиш ёбад. Ин ҳолат талаб менамояд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлили илмии мунтазамро ба як унсури ҷудонашавандаи қабули қарорҳо табдил диҳад.

АДАБИЁТ

1. Амонуллоев И.А. Роль транспортной отрасли в развитии национальной экономики Республики Таджикистан //Материалы международной научно-практической конференции “Перспектива развития науки и образования”, 27-28 ноября 2019. - Душанбе: «ТТУ», 2019. - С.280-283.
2. Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2016, - №392. - С. 24-25.
3. Ходжаев П.Д. Зарубежный опыт формирования и развития партнерских отношений между государством и региональными предпринимательскими структурами / П.Д. Ходжаев. // Вестник Российско-таджикского (славянского) университета. - Душанбе: РТСУ, 2014. - № 3 (46). -С. 102-108.
4. Ходжаев П.Д. Особенности реализации механизмов государственно-частного партнерства в сфере услуг Республики Таджикистан/ П.Д. Ходжаев, Л.Д.Сафарова, М.Х. Саидова // Вестник Таджикского национального университета № 2/8 (181). Серия экономических наук. Душанбе: Сино, 2015. -С. 135-139.
5. Asian Development Bank. *CAREC Transport Strategy 2030*. Manila, 2020; https://www.adb.org/sites/default/files/institutional-document/559456/ carec-transport-strategy-2030.pdf [Open data 11.05.2025]
6. Dunning, J.H. *Multinational Enterprises and the Global Economy*. Addison-Wesley, New York. 1993. – 920 p.
7. https://thedocs.worldbank.org/en/doc/46328951bdfc3b29c26b4aa8255ea773-0080012023/original/Tajikistan-Economic-Update-2023-ENG.pdf [Open data 22.05.2025]
8. https://www.adb.org/documents/carec-transport-strategy-2030 [Open data 22.05.2025]
9. https://www.oecd.org/en/publications/oecd-economic-outlook/volume-2021/issue-1_edfbca02-en.html [Open data 22.05.2025]
10. Samuelson, P.A. *Economics*. New-York: McGraw-Hill, 1980. – 861 p.
11. UNCTAD. *World Investment Report 2023: Investing in Sustainable Infrastructure*. Geneva, 2023. – 231 p. https://unctad.org/system/files/official-document/wir2023_en.pdf [Open data 12.03.2025]

УДК 338.43

Давлатова Д.Р.

МАФҲУМҲОИ АСОСИИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА НАҚШИ БАХШИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТАЪМИНИ ОН

Амнияти озуқаворӣ ин ҳолатест, ки дар он ҳама одамон дар ҳама давру замон дастрасии ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ғизои кофӣ, бехатар ва серғизо доранд, ки ба талаботи парҳезӣ ва афзалиятҳои ғизои онҳо барои пешбурди ҳаёти фаъол ва солим ҷавобгӯ мебошанд. Ҷанбаҳои асосии амнияти озуқаворӣ инҳоянд: мавҷудияти ғизои кофӣ, дастрасии ғизо барои ҳама, устувории таъминот ва сифат/бехатарии ғизо. Чунон ки маълум аст, барои ҳалли бисьёр проблемаҳои ҳаёти ҷамъият танзими дурусти меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст, ки пеш аз он бояд фаҳмиши аниқи назариявии масъалаҳои дахлдор бошад. Мақолаи мазкур мафҳуми амнияти озуқавориро баррасӣ намуда, номгӯи хусусиятҳои ин мафҳумҳоро ҳам барои оптимизатсияи амалияи минбаъдаи татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ва ҳам барои таҳлили минбаъдаи мушкилоти зикршуда таҳия менамояд.

Калидвожаҳо: амнияти озуқаворӣ, амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ, иқтисоди Тоҷикистон, бӯҳрони иқтисодӣ.

Давлатова Д.Р.

ОСНОВНЫЕ ПОНЯТИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И РОЛЬ АГРАРНОГО СЕКТОРА В ЕЕ ОБЕСПЕЧЕНИИ

Продовольственная безопасность – это состояние, при котором у всех людей, всегда, есть физический, социальный и экономический доступ к достаточному количеству безопасной и питательной пищи, соответствующей их диетическим потребностям и предпочтениям для ведения активной и здоровой жизни. Основные аспекты продовольственной безопасности включают: наличие достаточного количества продовольствия, доступность продовольствия для всех, стабильность поставок и качество/безопасность продуктов питания. Как известно, для решения многих проблем в жизнедеятельности общества необходимо правильное нормативное правовое регулирование, которому должно предшествовать глубокое теоретическое осмысление соответствующих вопросов. В данной статье рассмотрено понятие продовольственной безопасности, а также сформулирован перечень признаков данного понятия как для оптимизации дальнейшей практики применения норм законодательства, так и для дальнейшего анализа указанной проблематики.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, экономическая безопасность, продовольствие, продукты питания, экономика Таджикистан, экономический кризис.

Davlatova D.R.

BASIC CONCEPTS OF FOOD SECURITY AND THE ROLE OF THE AGRICULTURAL SECTOR IN ENSURING IT

Food security is a state in which all people, at all times, have physical, social and economic access to sufficient, safe and nutritious food that meets their dietary needs and food preferences to lead an active and healthy life. Key aspects of food security include: availability of sufficient food, access to food for all, stability of supply and food quality/safety. As is known, to solve many problems in the life of society, correct normative legal regulation is necessary, which must be preceded by a deep theoretical understanding of the relevant issues. This article examines the concept of food security and formulates

a list of characteristics of this concept both to optimize further practice of applying legislative norms and for further analysis of the specified problem.

Key words: food security, economic security, food, food products, economy of Tajikistan, economic crisis.

Дар шароити ҷаҳони муосир, масъалаи таъмини амниятиозуқаворӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як давлат ба шумор меравад. Амнияти озуқаворӣ на танҳо ба дастрасии маводи хӯрокворӣ вобаста аст, балки ба рушди устувори бахшҳои истеҳсолӣ, хусусан бахши кишоварзӣ, вобастагии мутақим дорад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки беш аз нисфи аҳолии он дар минтақаҳои деҳот зиндагӣ мекунанд ва бахши аграрӣ дар таъмини шуғл, даромади аҳолӣ ва истеҳсоли маҳулоти ғизоӣ нақши калидӣ дорад, масъалаи амнияти озуқаворӣ дорои аҳамияти стратегии миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди захираҳои табиӣ, иқлими мусоил ва анъанаҳои кишоварзии қадима, кишоварзии кишвар бо як қатор мушкилоти сохторӣ, идоракунӣ ва молиявӣ рӯ ба рӯ мебошад. Истеҳсолот паст, дастрасӣ ба техника ва маблағгузорӣ маҳдуд ва вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд боқӣ мемонад.

Амнияти озуқаворӣ ҳолатест, ки дар он ҳамаи аҳолӣ дар ҳар вақт ба миқдори кофии маводи озуқаи бехатар ва ғизонок дастрасӣ доранд, ки талаботи ғизоии онҳоро қонеъ мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳаёти солим ва фаъол баранд.

Чор унсури асосии амнияти озуқаворӣ мавҷуд аст;

- **Дастрасӣ** (мавҷудияти кофии маводи озуқа дар бозор);
- **Дастёбӣ** (дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонӣ ба ғизо);
- **Истифода** (сифат ва арзиши ғизоии мавод);
- **Субот** (устувории таъминот ба таҳдидиҳо ва буҳронҳо)

Дар кишварҳои рӯ ба рушд, аз ҷумла Тоҷикистон, амнияти озуқаворӣ сахт вобаста ба рушди бахши кишоварзӣ, даромади аҳолӣ ва сиёсатҳои давлатӣ мебошад.



Диаграммаи 1. Нақши бахши кишоварзӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои оморӣ

Аз соли 2015 то соли 2024 истеҳсоли гандум ва картошка дар ҳоли афзоиш аст, ки нишон медиҳад бахши кишоварзӣ тадриҷан ба талаботи бозори дохилӣ ҷавобгӯ мешавад. Аммо новоста ба ин нишондиҳанда мушкилоти обёрӣ, камбудии техника, норасоии захираҳои молиявӣ, паст будани сатҳи коркарди баъди маҳсулот, зарурати баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав боқӣ мемонанд.

Аз ин лиҳоз, амнияти озуқаворӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ аст. Рушди бахши кишоварзӣ, сармоягузорӣ ва сиёсати дурусти давлатӣ метавонанд заминаи мустаҳкам барои таъмини он бошанд.

Бахши кишоварзӣ дар Тоҷикистон бе аз 20% ММД-ро ташкил медиҳад ва зиёда аз 60% аҳолӣ ба он вобастаанд. Истеҳсоли гандум, картошка, сабзавот ва меваҳои дохилӣ қисми зиёди талаботи дохилиро таъмин мекунад (нигаред ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Истеҳсоли маҳсулоти асосӣ (тонна)

Сол	Гандум	Картошка	Сабзавот
2015	480,000	350,000	150,000
2017	500,000	365,000	160,000
2019	510,000	370,000	170,000
2021	540,000	385,000	180,000
2023	550,000	390,000	190,000
2024	**570,000**	**400,000**	**200,000**

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсоли гандум 18,7% афзудааст. Суръати афзоиши картошка ва сабзавот бошад мутаносибан 14% ва 33% мебошад. Ин нишон медиҳад, ки бахши кишоварзӣ дар 10 соли охир тамоюли афзоиш дорад.

Ҷадвали 2

Саҳми кишоварзӣ дар ММД (% аз умумӣ)

Сол	Саҳми кишоварзӣ дар ММД
2015	18,2%
2017	19,5%
2019	20,7%
2021	21,4%
2023	22,1%
2024	**23,0%**

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки саҳми соҳа дар ММД тадриҷан меафзояд, ки нишондиҳандаи рушди устувор ва афзоиши арзиши маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

масъалаҳои муҳиме, ки ба амнияти озуқаворӣ таъсир доранд, инҳоянд:

- обу техникаи кӯҳна;
- иқлим ва офатҳои табиӣ;
- коҳиши заминҳои обӣ;
- мавҷуд набудани инфрасохтори нигоҳдорӣ

Ҳамин тариқ, барои беҳтар кардани амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон бояд:

- рушди обёрӣ ва агротехника;
- ҳавасмандсозии истеҳсолкунандагон;
- сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва захираҳои ғизоӣ

Амнияти озуқаворӣ дар заминаи таҳдидҳои ҷаҳонӣ-тағйирёбии иқлим, ноустувории иқтисодӣ ва афзоиши аҳолӣ-ба як унсури калидии сиёсати миллӣ табдил ёфтааст. Он танҳо масъалаи кишоварзӣ нест, балки соҳаҳои тандурустӣ, иқтисод, муҳити зист ва амнияти миллӣ низ ба он вобастаанд.

Дар Тоҷикистон, ки бештари аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад ва ба истеҳсоли ғизо машғул аст, рушди устувори бахши кишоварзӣ кфолати асосии таъмини амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад.

Хусусиятҳои минтақавӣ. Тоҷикистон беш аз 70% замини кӯҳӣ дорад, ки обёрии замин ва рушди кишоварзиро маҳдуд мекунад. Бо вуҷуди ин, иқлими мусоиди минтақаҳои водӣ (мисли Вахш, Зарафшон) имконияти истеҳсоли маҳсулоти сабзавотӣ, меваҷот ва гандумро медиҳад. Омодагии деҳқонон, имкониятҳои содирот ва дастгирии давлатӣ нақши муҳимеро дар баланд бардоштани амнияти озуқаворӣ мебозад.

Ҷадвали 3

SWOT - таҳлили бахши кишоварзӣ дар Тоҷикистон

Қувваҳо:	**Заифӣ:**
- захираҳои замин ва иқлим - қувваи кории дастрас - таҷрибаи деҳқонӣ	- технологияи кӯҳна - камбудии инфрасохтор - дастрасии маҳдуд ва маблағгузорӣ
Имкониятҳо:	**Хатарҳо:**
- бозори минтақавӣ - сармоягузории хориҷӣ - ҷорӣ кардани технологияи нав	- тағйирёбии иқлим - афзоиши вобастагӣ аз воридот - бӯҳронҳои иқтисодиву сиёсӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ҷадвали 4

Модели соддаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон



Сарчашма: таҳияи муаллиф

Аз ин бар меояд, ки истеҳсолоти ватанӣ ва воридот таъминоти умумро ба вуҷуд меоварад. Нарх ва логистика бошад таъсир мерасонад ба дастрасӣ, агар зихираҳои дохилӣ афзоянд, вобастагӣ аз воридот кам мешавад, аммо амнияти озуқаворӣ беҳтар мегардад.

Хулоса, таҳлил нишон медиҳад, ки бахши кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир пешрафтҳои муайянро таҷриба кардааст. Истеҳсолоти маҳсулоти асосии ғизоӣ афзоиш ёфта, саҳми соҳа дар ММД бештар шудааст. Бо вуҷуди ин, вобастагии назаррас аз воридоти баъзе маҳсулоти ғизоӣ ва набудани инфрасохтори муосир ба устувории амнияти озуқаворӣ монеа эҷод мекунад.

Фаъолгардонии сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ, таҷдиди шабакаҳои обёрӣ ва нигоҳдорӣ ва ҷалби сармояи хусусӣ аҳамияти калидӣ доранд.

Тавсияҳо:

1.Рушди технологӣ:

Ҷорӣ намудани техникаи муосир дар коркарди замин, нигоҳдорӣ ва бастабандии маҳсулот.

2.Дастгирии молиявӣ:

Таъмини қарзҳои боимтиёз барои деҳқонон ва кооперативҳо.

3.Захираи стратегӣ:

Бунёди анборҳои муосир барои нигоҳдории маҳсулоти дохилӣ ва ҳифзи бехатарии ғизоӣ.

4.Таҳкими ҳамкории минтақавӣ:

Имкониятҳои содирот ба кишварҳои ҳамсоя (Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва ғайра).

5.Мониторинги нарх ва дастрасӣ:

Назорати давлатӣ барои коҳиши таъсири болоравии нархи ҷаҳонӣ ба бозори дохилӣ

АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумоти оморӣ оид ба кишоварзӣ ва ММД,2015-2024, Душанбе,2025.
2. Қурбонов А. «Таҳлил ва пешгӯии рушди кишоварзӣ дар Осиёи Марказӣ», Журнал «Осиё ва Аврупо», 2023
3. Назарзода С. «Амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикисион:масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли он». Журнал «Иқтисодиёт ва идора», №3, 2022.
4. Созмони озуқаворӣ ва кишоварзии СММ (FAO) «Definition of Food Security». Rome, 2001.
5. Ҳусейнов М. «Нақши кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ», Душанбе, 2023.
6. Global Food Security Index. 2024 Report.

УДК 338.242

Зарипова Г.А.

ГУРӮҲБАНДИИ ТАВАККАЛИ ХОҶАГИДОРӢ - ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Дар шароити ноустувори иқтисоди бозорӣ, ки бо афзоиши хавфу таҳдидҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ тавсиф меёбад, фаҳм ва идоракунии таваккал аҳамияти афзоянда пайдо мекунад. Таваккал ҳамчун падидаи иқтисодӣ, на танҳо бо эҳтимолияти зарар, балки ҳамчун омили рушди инноватсионӣ ва таҳкими иқтидори стратегӣ баромад мекунад. Мақолаи мазкур ба омӯзиши илмии моҳият, шакл ва гурӯҳбандии таваккалҳо равона гардида, аҳамияти онҳоро дар рушди устувори соҳибкорӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ нишон медиҳад. Гурӯҳбандии таваккал воситаи муҳими таҳлил ва таҳияи стратегияҳои мувофиқ барои коҳиш ва идоракунии хавфҳо буда, ба беҳтар гардидани муҳити сармоягузорӣ, ҷалби технологияҳои нав ва тавсеаи бозорҳо мусоидат менамояд. Дар заминаи таҳлили тадқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи амалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишон дода мешавад, ки фаҳмиши дурусти навъҳои таваккал ба қабули қарорҳои самаранок ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: таваккал, соҳибкорӣ, гурӯҳбандии таваккал, таҳдидҳои иқтисодӣ, идоракунии таваккал, рушди устувор, муҳити соҳибкорӣ.

Зарипова Г.А.

КЛАССИФИКАЦИЯ ХОЗЯЙСТВЕННЫХ РИСКОВ КАК ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В условиях нестабильной рыночной экономики, сопровождающейся ростом рисков и угроз для предпринимательской деятельности, понимание и управление рисками приобретает особую значимость. Риск как экономическое явление связан не только с вероятностью убытков, но и выступает фактором инновационного развития и укрепления стратегического потенциала. Настоящая статья посвящена научному исследованию сущности, форм и классификации рисков, а также их значению в обеспечении устойчивого развития предпринимательства и повышении эффективности управления. Классификация рисков рассматривается как важный инструмент анализа и разработки соответствующих стратегий по снижению и управлению рисками, способствующих улучшению инвестиционного климата, привлечению новых технологий и расширению рынков сбыта. На основе анализа исследований отечественных и зарубежных ученых, а также практического опыта Республики Таджикистан, показано, что точное понимание видов рисков способствует принятию эффективных управленческих решений и развитию производственного предпринимательства.

Ключевые слова: риск, предпринимательство, классификация рисков, экономические угрозы, управление рисками, устойчивое развитие, предпринимательская среда.

Zaripova G.A.

CLASSIFICATION OF ECONOMIC RISKS AS A FACTOR IN THE DEVELOPMENT OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY

In the context of an unstable market economy, characterized by increasing risks and threats to entrepreneurial activity, understanding and managing risk is gaining growing importance. Risk, as an economic phenomenon, is associated not only with the likelihood of losses, but also serves as a driver of innovation and a means of strengthening strategic capacity. This article is devoted to the scientific study of the nature, forms, and classification of risks, emphasizing their significance in ensuring sustainable entrepreneurial development and improving management efficiency. Risk classification is considered a key tool for analyzing and developing appropriate strategies for risk mitigation and management, contributing to a better investment climate, the adoption of new technologies, and the expansion of market access. Based on the analysis of research by domestic and foreign scholars, as well as practical experience in the Republic of Tajikistan, the study demonstrates that a clear understanding of different types of risks supports effective decision-making and the advancement of productive entrepreneurship.

Keywords: risk, entrepreneurship, risk classification, economic threats, risk management, sustainable development, business environment.

Дар шароити муосири иқтисоди бозорӣ, ки бо тағйирёбии пайваста ва ноустувории муҳити соҳибкорӣ тавсиф меёбад, масъалаи таҳлили таваккал ва идоракунии онҳо ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ табдил ёфтааст. Таваккал ҳамчун падидаи иқтисодӣ на танҳо бо эҳтимолияти талафоти моддӣ ва молиявӣ алоқаманд аст, балки ба сифати омили таҳрикдиҳандаи навоварӣ, инноватсия ва рушди иқтидори стратегии ширкатҳо баромад мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи илмии табиати таваккал, шаклҳо ва гурӯҳбандии он, дар заминаи таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Мафҳуми таваккал дар илмҳои иқтисодӣ бо ҳолати ноаёнӣ ва номуайянӣ иртибот дошта, натиҷаи он метавонад ба фоида ё зиён оварда расонад. Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ ба

унвони унсури ҷудонашавандаи равандҳои иқтисодӣ баррасӣ мешавад ва зарурати таҳияи механизмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро барои коҳиши таъсири манфии он таъкид мекунад.

В.А. Кунин дар таҳқиқоти худ дар мавзӯи идоракунии хавфи соҳибкории саноатӣ чунин қайд менамояд, ки “Рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар шароити ҷаҳонишавӣ таъсири манфии ноустувории бозорҳои молиявиро ба соҳаи воқеии иқтисодиёт тақвият бахшида, хавфҳои фаъолияти соҳибкориро афзоиш дод. Дар шароити иқтисоди бозории муосир, хавфҳои сершумор, ки ба якдигар таъсири мутақобила мерасонанд, хавфҳои навро ба вуҷуд меоранд ва дар ниҳояти кор, ба талафоти молиявӣ оварда мерасонанд, ки самаранокӣ ва рақобатпазирии сохторҳои соҳибкориро коҳиш медиҳанд” [3, с. 1].

Таҳқиқгари ватанӣ Х.Қ, Сафарализода таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии мамлакатро таҳлил намуда, чунин қайд намудааст, ки “Таваккал, хатар ва таҳдид аз рӯйи баъзе хусусиятҳои зоҳиршавии худ аз ҳамдигар тафовути ҷиддӣ доранд. Аз ин рӯ, дар раванди таҳлилу баррасии моҳияти таҳдидҳо муайян кардани хусусиятҳои бевоситаи таваккалу хатарҳо низ хеле муҳим аст” [8, с. 69]. Дар чунин шакл таҳлил намудани масъалаҳои мазкур имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои пайдоиш ва мавқеи корбурди онҳо муайян карда шаванд.

Олими ватанӣ Р.К. Раҳимов дар таҳқиқоти худ оид ба самараи иқтисодӣ чунин қайд менамояд, ки “Дар сатҳи микроиқтисодиёт меъёри самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ, дурусттараш фаъолияти ширкат фоида мебошад. Маҳз фоида ягона омилест, ки соҳибкорро ба таваккалҳои муайян, амалӣ намудани истеъдод ва қобилиятҳои худ, навоварӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳҳои нав ва ғайра ҳавасманд мекунад” [6, с. 25].

Таҳлилгарони хориҷӣ Е.В. Светкова ва И.О. Арлюкова ҳангоми таҳлили хавфҳо дар фаъолияти иқтисодӣ онҳоро вобаста ба дараҷаи таъсиррасонӣ ба сатҳҳои гуногун тасниф менамоянд. Маълум аст, ки ҳангоми таҳлили низоми иқтисодии ҷомеа сатҳҳои зерин дар фаъолияти он ҷудо карда мешаванд: **мега-, макро-, мезо- ва микроиқтисод**. Гумон кардан ҷоиз аст, ки дар ҳар як сатҳи фаъолияти низоми иқтисодӣ хавфҳое вуруд доранд, ки ба он сатҳ хос мебошанд. Дар ин замина гурӯҳҳои зеринро аз хавфҳо ҷудо мекунанд:

“- **Хавфҳои мегаиқтисодӣ** - хавфҳое, ки ба фаъолияти иқтисоди ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ вобастаанд;

- **Хавфҳои макроиқтисодӣ** - хавфҳое, ки ба низоми иқтисодии як давлат дахл доранд;

- **Хавфҳои мезоиқтисодӣ** - хавфҳое, ки дар сатҳи соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқ ташаккул меёбанд;

- **Хавфҳои микроиқтисодӣ** - хавфҳои воҳидҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, ки шартан метавонанд ҳамчун хавфҳои дохиликорхонаӣ маънидод шаванд” [10, с. 12].

Дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ташаббус ва мустақилияти иқтисодӣ тавсиф меёбад, таваккал яке аз унсурҳои ҳамешагӣ ва ҳатмии раванди қабули қарорҳо мебошад. Омӯзиши васеи илмӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ бе қабули таваккалҳои муайян амалан имконнопазир аст. Зарурияти таҳияи системаи самараноки идоракунии таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ишора мекунад, ки метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва ноил шудан ба рушди устувори соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Таҳқиқгарони ватанӣ Ризоқулов Т.Р., Шаропова Н.Ҳ. ҳангоми таҳлили худ оид ба равияҳои методии баҳодиҳӣ ба истифодабарии иқтидори захиравии минтақа ва таснифоти нишондодҳои он ва нақши таваккал дар он чунин қайд менамоянд, ки “Захираҳои соҳибкорӣ - омили субъективии (шахсии) такрористеҳсол буда, қодир аст дар асоси ташаббускорӣ ва навоварӣ, аз масъулияти пурраи иқтисодӣ натарсида, ба таваккал рӯ ба рӯ шавад ва дигар омилҳои истеҳсолотро ба таври хоса бо мақсади дар оянда гирифтани даромади иловагӣ истифода намояд” [7, с. 84].

Иляков В.Д. дар таҳқиқотҳои худ усулҳои идоракунии хавфи хоҷагидориро ба инҳо ҷудо мекунад:

· “канорагирӣ аз хавф
· коҳиш додани хавф (қабули хавф ба зиммаи худ)
· гузаронидани хавф ба дигарон

· ҳамроҳсозии хавфи соҳибкорӣ

· гуногунсозӣ (диверсификатсия)” [2, с. 187].

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавзӯи мазкур аз аҳамияти амалии зиёд бархӯрдор аст. Тафсири таҳқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки соҳибкорони маҳаллӣ бештар ба таваккалҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ, бозорӣ ва сиёсии сатҳи миёна ва баланд дучор мегарданд, ки идоракунии дурусти онҳо метавонад ба афзоиши эътимоди сармоягузорон, ҷалби технологияҳои нав ва васеъшавии бозорҳои фурӯш мусоидат намояд.

Таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун як унсури ҷудонашавандаи равандҳои иқтисодӣ ва идоракунӣ баррасӣ мегардад. Он ҳолати номуайянӣ ва эҳтимолияти ба миён омадани зарар ё фоида дар натиҷаи қабули қарорҳои соҳибкориро дар бар мегирад. Таваккал на танҳо таҳдид, балки имконият барои рушди навоварӣ ва дарёфти бозорҳои нав мебошад.

Дар доираи фаъолияти соҳибкорӣ, таваккал метавонад аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла омилҳои дохилӣ ва берунӣ, ба вуҷуд ояд. Омӯзиши васеи илмӣ нишон медиҳад, ки фаъолияти соҳибкорӣ бе қабули таваккалҳои муайян амалан имконнопазир аст. Зарурати таҳияи системаи самараноки идоракунии таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва ноил шудан ба рушди устувори соҳибкорӣ мусоидат намояд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибкорон ба таваккалҳои молиявӣ, ҳуқуқӣ, бозорӣ ва сиёсии сатҳи миёна ва баланд дучор мегарданд. Идоракунии дурусти ин таваккалҳо метавонад ба афзоиши эътимоди сармоягузорон, ҷалби технологияҳои нав ва васеъшавии бозорҳои фурӯш мусоидат намояд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, фаҳмиши дақиқ ва гурӯҳбандии таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ аҳамияти хоса дорад. Ин имкон медиҳад, ки соҳибкорон стратегияҳои мувофиқро барои коҳиш ва идоракунии таваккалҳо таҳия намоянд, ки дар натиҷа ба рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат мекунад.

Гурӯҳбандии таваккал яке аз воситаҳои муҳими таҳлилу идоракунии таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки таваккалҳо мутобиқи хусусият, манбаъ ва таъсири онҳо ба гурӯҳҳои маъмули муайян ҷудо шаванд ва барои ҳар гурӯҳ стратегияҳои мувофиқ тарҳрезӣ гардад.

Идораи муваффақонаи таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ бидуни фаҳмиши дақиқи навъ ва шаклҳои гуногуни таваккал ғайриимкон аст. Гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки таваккалҳои умумӣ ба гурӯҳҳои таркибӣ тақсим шаванд ва таҳлил ва идоракунии онҳо самараноктар шавад.

Дар илм ва амал чанд усули асосии гурӯҳбандии таваккал вуҷуд доранд, ки маъмулан чунин истифода мешаванд:

· **Усули функсионалӣ**: таваккалҳо мутобиқи фаъолияти иқтисодӣ ва функсияҳои субъект ҷудо мешаванд. Масалан, таваккалҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ, ҳуқуқӣ;

· **Усули манбаъӣ**: таваккалҳо бо назардошти манбаъҳои пайдоишашон гурӯҳбандӣ мешаванд - дохилӣ (ихтилофи кадрӣ, хатогиҳои идорӣ) ва берунӣ (тағйироти бозор, вазъи сиёсӣ);

· **Усули натиҷавӣ**: таъсири таваккалҳо ба натиҷаҳои соҳибкорӣ - фоида, бозори фурӯш, обрӯ ва ғайра - ҷудо карда мешаванд.

Тибқи таҳқиқгари ватанӣ Фарҳудинов Ҷ.И. вобаста ба натиҷаи эҳтимолӣ дар адабиёти илмӣ се намуди таваккал мавҷуд аст: “Таваккали тоза, таваккали спекулятивӣ ва таваккали суғуртанашуда. Ҳамзамон таваккалҳо, тасниф карда мешаванд: вобаста ба хусусияти объект, вобаста бо сабабҳои бавуҷудоӣ, вобаста ба таъсири эҳтимолияти расонидани зарар ва сарчашмаи пайдошавии он. Таваккал ин ҳодисаи эҳтимолие мебошад, ки суғурташавандаҳо (хоҷагидорон) имконияти мустақилона пешгирӣ ва бартараф кардани онро надоранд” [9, с. 80].

Дар ин асос аз ҷониби таҳлилгар бо дар назардошти таҳлили гурӯҳбандии пажуҳиши олимони ватанию хориҷӣ чунин гурӯҳбандии тавакал бо мисолҳои таъсиррасон ба фаъолияти соҳибкорӣ ва эҳтимолии роҳҳои идоракунии он дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ

Намуди таваккал	Мисолҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ	Таъсири эҳтимолӣ ва роҳҳои идоракунӣ
1. Таваккалҳои дохилӣ	Камбуди кадрҳои босалоҳият дар соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ	Кам кардани самаранокӣ, афзоиши хатоҳои идорӣ; Роҳи ҳал: таълими кадрҳо, бозомӯзӣ, беҳтар намудани равандҳои дохилӣ.
	Хатогиҳои идорӣ ва номувофиқат дар муҳандисӣ	Ҷароҳати мавод ва талафот; Роҳи ҳал: ҷорӣ намудани системаи назорати сифат ва аудити дохилӣ.
2. Таваккалҳои берунӣ	Тағйироти ногаҳонии сиёсӣ (масалан, тағйири қонунгузорӣ дар соҳаи андоз)	Кам шудани фоизи фаъолият, ҷаримаҳо, боздоштани фаъолият; Роҳи ҳал: мониторинги доимии тағйирот ва муҷаҳҳаз гардонидани ҳуқуқшиносон.
	Тағйироти нархҳои асъор (қурби сомонӣ)	Афзоиши хароҷоти воридот ва коҳиши даромад; Роҳи ҳал: ҳимояи молиявӣ ва истифодаи воситаҳои ҳеджиронӣ.
3. Таваккалҳои молиявӣ	Дастнорасӣ ба қарзҳои фоизи паст	Маҳдуд шудани рушди соҳибкорӣ; Роҳи ҳал: ҷустуҷӯи сарчашмаҳои алтернативии сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявӣ.
	Тағйироти дар нархи маҳсулоти истеҳсолӣ	Нобоварии даромад; Роҳи ҳал: муҳокима ва таҳлили бозор ва банақшагирии оқилона.
4. Таваккалҳои бозорӣ	- Афзоиши рақобати дохилӣ ва воридшавии маҳсулоти хориҷӣ	Кам шудани ҳиссаи бозор; Роҳи ҳал: такмили сифати маҳсулот, таҳлили рақобат ва маркетинг.
	Тағйироти талаботи истеъмолкунандагон	Суст шудани талабот; Роҳи ҳал: омӯзиши афзалиятҳои бозор ва ихтироъгарӣ дар маҳсулот.
5. Таваккалҳои технологӣ	Норасоии таҷҳизоти муосир ва дастгоҳҳои автоматикунонӣ	Паст шудани рақобатпазирӣ; Роҳи ҳал: ҷалби сармоя барои таҷҳизот ва омӯзиши кадрҳо.
	Танзимоти нави экологӣ, талабот ба маҳсулоти экосозгор	Маҳдудияти истеҳсолот; Роҳи ҳал: сармоягузорӣ ба технологияи сабз ва идоракунии устувор.

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳо.

Таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ як падидаи мураккаб ва чандҷабҳа мебошанд, ки манбаъҳои гуногун ва хусусиятҳои фарқкунанда доранд. Муфассал дарк кардани ин омилҳо ва таҳлили таъсири онҳо барои пешгирӣ ва коҳиш додани таваккалҳои иқтисодӣ ва ташкилии соҳибкорӣ муҳим мебошад.

Ҷадвали 2. Таҳлили таъсири омилҳои гуногуни таваккал ва роҳҳои идоракунии онҳо

Гурӯҳҳои таваккал	Таъсири асосӣ	Мизони таваккал (баланд/миёна/пас)	Стратегияи идоракунӣ
Таваккалҳои молиявӣ	Баланд	Баланд	Ҳеджиронӣ, диверсификатсия
Таваккалҳои ташкилотӣ	Миёна	Миёна	Идоракунии кадрҳо, аудити дохилӣ
Таваккалҳои бозорӣ	Баланд	Баланд	Маркетинг, таҳлили рақобат
Таваккалҳои сиёсӣ	Баланд	Баланд	Муносибатҳои давлатӣ, ҳуқуқшиносӣ
Таваккалҳои технологӣ	Миёна	Миёна	Сармоягузорӣ дар технологияҳои нав

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳо.

Ҷадвали таҳлилӣ, ки бо дарназардошти омилҳои гуногуни таваккал дар муҳити соҳибкорӣ таҳия шудааст, равиши систематикӣ барои фаҳмидани мизони таваккал ва роҳҳои идоракунии онҳо пешниҳод мекунад.

Аввалан, таваккалҳои молиявӣ дар соҳаи соҳибкорӣ яке аз омилҳои асосии таваккал ба шумор мераванд. Ин гуна таваккалҳо асосан бо тағйироти ногаҳонии нархҳо, тағйироти қурби асъор ва набудани дастрасӣ ба сарчашмаҳои фоизи маблағ алоқаманданд. Таъсири ин гуна таваккалҳо метавонад ба коҳиши шадиди даромад ва ҳатто муваққатан қатъи фаъолият оварда расонад. Аз ин рӯ, барои кам кардани ин таваккалҳо, ширкатҳо метавонанд аз стратегияҳои ҳеджиронӣ ё ҳимояи молиявӣ истифода баранд, ки ин равишҳо барои ҳифзи маблағгузорӣ ва барқарорсозии равандҳои молиявӣ кӯмак мерасонанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисоли равшан ин тағйироти барзиёди қурби асъори сомонӣ аст, ки таъсири мустақим ба нарх ва арзиши воридот ва маҳсулот мерасонад.

Дуюм, таваккалҳои ташкилии дохилии ширкат, ки ба раванди идоракунӣ ва кадрҳо вобаста мебошанд, низ нақши муҳим мебозанд. Нокифоягии малакаи кормандон, хатогиҳои идорӣ ва нокомиҳои равандҳои дохилӣ метавонанд ба таъхир дар иҷрои вазифаҳо, хатарҳои техникӣ ва кам шудани самаранокии корӣ оварда расонанд. Барои идоракунии ин гуна таваккалҳо, тақвияти таълими кормандон, ҷорӣ намудани системаи назорат ва аудити дохилӣ, инчунин такмили равандҳои идоракунӣ тавсия дода мешавад. Мисол, дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон норасоии кадрҳои тахассусдор ва паст будани сатҳи омӯзиши онҳо яке аз монеаҳои асосии рушди соҳа мебошад.

Сеюм, таваккалҳои бозорӣ, ки ба тағйироти талабот, пешниҳоди маҳсулот ва рақобати бозорӣ марбутанд, метавонанд таъсири шадид расонанд. Афзоиши рақобат ё воридшавии маҳсулоти наву арзон ба бозори маҳаллӣ метавонад ҳиссаи ширкатҳоро кам ва даромадро коҳиш диҳад. Барои бартараф кардани ин таваккалҳо ширкатҳо бояд равандҳои маркетинг ва таҳлили рақобатро мунтазам амалӣ намуда, ба талаботи бозор мутобиқ гарданд. Ҳамчунин, такмили сифати маҳсулот ва навоварӣ дар истеҳсолот метавонад ба афзоиши рақобатпазирӣ мусоидат намояд.

Чорум, таваккалҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо тағйироти муқаррароти давлатӣ, танзимот ва қонунгузорӣ алоқаманданд, метавонад барои соҳибкорон мураккабӣ ва таваккалҳои номатлуб эҷод намояд. Тағйироти ногаҳонии қонунҳо, баланд шудани андозҳо ё муқаррароти нави тиҷоратӣ метавонад кори соҳибкоронро мушкил кунад ё ҳатто фаъолияти онҳоро маҳдуд созад. Ҳамзамон, фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии сиёсати давлатӣ ва иқтисодӣ қарор дорад, ки ин мавзӯъро муҳимтар месозад. Барои идоракунии ин гуна таваккалҳо зарур аст, ки ширкатҳо мониторинг ва таҳлили доимии муҳити ҳуқуқиро ба роҳ монанд ва бо мутахассисони ҳуқуқӣ ҳамкорӣ намоянд.

Панҷум, таваккалҳои технологӣ, ки ба рушди босуръати технологияҳои нав ва талаботи замони муосир вобастаанд, барои ширкатҳои тоҷик низ таваккалҳои навро пеш меоранд. Норасоии таҷҳизоти муосир, паст будани дараҷаи автоматизатсия ва набудани сармоягузорӣ ба технологияҳои нав метавонад рақобатпазирии ширкатҳоро коҳиш диҳад. Дар ҳамин ҳол, таҳкими ин соҳа ва сармоягузорӣ дар технологияҳои сабз ва инновасионӣ метавонад барои афзоиши устувории соҳибкорӣ мусоидат кунад.

Аз ин рӯ, таҳлили таъсири омилҳои гуногуни таваккал нишон медиҳад, ки барои идора кардани онҳо зарур аст, ки роҳҳои мутобиқ ва гуногунҷабҳаро қабул намуд. Ҳар як навъи таваккал ба муносибат ва стратегияҳои алоҳида ниёз дорад, ки дар маҷмӯъ ба баланд бардоштани устуворӣ ва рушди тиҷорат мусоидат мекунад.

Таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ аз манбаъҳои гуногун пайдо шуда, таъсири онҳоро метавон аз ду ҷиҳат - манбаъ ва хусусиятҳои таъсир - гурӯҳбандӣ кард. Ин модел равандро аз нуқтаи назари гуногун ва мукаммалтар баҳо медиҳад.

Гурӯҳбандии таваккалӣ яке аз усулҳои муҳими идоракунии таваккалҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор меравад, ки ба ширкатҳо имкон медиҳад таваккалҳои мухталифро дар

категорияҳо ва гурӯҳҳои муайян ҷудо намуда, барои ҳар кадоми онҳо стратегияҳои идоракунии мушаххас ва муассирро амалӣ созанд.

Гурӯҳбандии таваккал ҳамчун як василаи систематикӣ барои шинохти таваккалҳо ва коҳиш додани таъсири манфии онҳо дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ хизмат мекунад.

Дар шароити иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳилаи рушд қарор дорад ва ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ хеле ҳассос аст, гурӯҳбандии таваккал барои соҳибкорон аҳамияти калидӣ дорад. Системаи гурӯҳбандии таваккалӣ барои ширкатҳои ватанӣ имкон медиҳад, ки таҳлили самарабахши таваккалҳо ва оптимизатсияи сарчашмаҳои молиявӣ ва моддӣ ба роҳ монда шавад.

Гурӯҳбандии таваккал ба соҳибкорон кӯмак мекунад, ки таваккалҳоро ба гурӯҳҳои асосӣ, ба мисли молиявӣ, бозорӣ, ташкилии дохилӣ, сиёсӣ ва технологӣ тақсим намоянд. Ин тақсимот имкон медиҳад, ки барои ҳар гурӯҳ чораҳои махсус, аз ҷумла стратегияҳои ҳеджиронӣ, таҳдиди равандҳо, мониторинги ҳуқуқӣ ва сармоягузории навовариро татбиқ намоянд.

Дар ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки чӣ гуна гурӯҳбандии таваккал дар рушди устувори соҳибкорӣ ва идоракунии таваккалҳо дар Тоҷикистон таъсири мустақим дорад.

Ҷадвали 3. Гурӯҳбандии таваккал дар рушди устувори соҳибкорӣ ва идоракунии таваккалҳо

Гурӯҳи таваккал	Таъсир ба фаъолияти соҳибкорӣ	Стратегияҳои идоракунӣ	Мисол
Молиявӣ	Ногаҳонии қурби асъор, камбуди сармоя	Ҳеджиронӣ, диверсификатсия, сармоягузории ҷудошуда	Тағйироти қурби сомонӣ, таъсири воридот
Ташкилии дохилӣ	Норасоии кадрҳо, хатогиҳои идорӣ	Таълими кормандон, аудити дохилӣ	Норасоии мутахассисон дар бахши истеҳсолӣ
Бозорӣ	Талаботи камшаванда, рақобати шадид	Маркетинг, такмили сифат, навоварӣ	Афзоиши рақобати маҳаллӣ дар соҳаи саноат
Сиёсӣ	Тағйироти қонунгузорӣ ва танзимот	Мониторинг, машварати ҳуқуқӣ	Тағйироти муқаррароти андозӣ
Технологӣ	Набудани таҷҳизоти муосир, камбуди навовариҳо	Сармоягузорӣ дар технологияҳои нав	Норасоии автоматизатсия дар истеҳсолот

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳо.

Ин ҷадвал нишон медиҳад, ки гурӯҳбандии таваккал ба соҳибкорон воситаи муфидест барои самараноктар идора кардани таваккалҳо ва дар навбати худ, баланд бардоштани сатҳи устувории фаъолияти иқтисодӣ мебошад.

Гурӯҳбандии таваккал яке аз ҷузъҳои муҳими стратегияи идоракунии таваккал мебошад, ки қобилияти пешгӯии хатари иқтисодиро зиёд мекунад ва ба соҳибкорон дар муҳити тағйирёбандаи иқтисодӣ имкон медиҳад, ки фаъолиятро бо самаранок идома диҳанд.

Гурӯҳбандии таваккалӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо воситаи муфид барои шинохти хатарҳо ва идоракунии онҳо мебошад, балки ҳамчун омили калидӣ барои рушди устувор ва афзоиши рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ нақши муассир мебозад. Бо назардошти таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва мушоҳидаҳои воқеӣ, метавон гуфт, ки таснифи систематикӣ ва амиқ намудани гурӯҳҳои таваккалӣ имконият медиҳад, ки соҳибкорон беҳтар дарк кунанд, кадом омилҳо бештар ба фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд ва чӣ гуна роҳҳоро барои кам кардани хатари онҳо интихоб намоянд.

Яке аз муҳимтарин афзалиятҳои гурӯҳбандии таваккалӣ ин аст, ки он имкон медиҳад барои ҳар як навъи таваккал стратегияҳои идоракунии мувофиқ таҳия ва татбиқ шаванд. Масалан, барои таваккалҳои молиявӣ бештар истифодаи воситаҳои ҳеджиронӣ ва диверсификатсияи сармоягузорӣ мувофиқ аст, дар ҳоле ки барои таваккалҳои технологӣ зарурати сармоягузорӣ ба навовариҳо ва таҷҳизоти муосир пеш меояд.

Ин тафовути равишҳо нишон медиҳад, ки таҳлили гурӯҳбандии таваккалӣ нақши тактикӣ ва стратегӣ дар раванди қабули қарорҳои соҳибкорӣ дорад.

Барои мисол, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бозори соҳибкорӣ ва иқтисодиёт дар марҳилаи рушд қарор дорад, фаҳмиши амиқи гурӯҳҳои гуногуни таваккал ва роҳҳои идоракунии онҳо метавонад имконияти беҳтари мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозорро фароҳам оварад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солиҳои охир ба вазъи ҷаҳонии иқтисодӣ хеле бо эҳсос ва ҳассосият муносибат мекунад, ки ин ба мушкилоти молиявӣ ва сиёсӣ дар дохили кишвар таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, истифодаи моделҳои гурӯҳбандии таваккалӣ барои соҳибкорон барои пешгирӣ ва кам кардани хатарҳо муҳим аст.

Илова бар ин, гурӯҳбандии таваккалӣ барои баланд бардоштани сатҳи идоракунии таваккалҳо мусоидат мекунад. Ҳангоми шинохти навъи муайяни таваккал ва гурӯҳбандии он, роҳбарияти ширкат метавонад сарчашмаҳои таваккалро самаранок муайян ва идора намояд, ки ин ба мустаҳкамсозии пояҳои молиявӣ ва тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Таваҷҷӯҳ ба гурӯҳҳои муайяни таваккал имкон медиҳад, ки захираҳо ва иқдомҳо ба самти самаранок равона шаванд, ки ин дар натиҷа рушди босуботи соҳибкориро таъмин мекунад.

Дар маҷмӯъ, гурӯҳбандии таваккалӣ як абзори стратегии муҳими соҳибкорӣ аст, ки на танҳо дар омӯзиши таваккалҳо кӯмак мекунад, балки барои муайян кардани афзалиятҳои рушд ва интихоби роҳҳои дуруст дар шароити мураккаби иқтисодӣ нақши муайян дорад.

Гурӯҳбандии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ танҳо як равиши назариявӣ нест, балки барои муваффақият ва рушди устувори соҳибкорӣ муҳим аст, ки бо истифодаи механизмҳои амалии самаранок татбиқ мегардад. Ин механизмҳо асосан ба таҳлил, баҳогузорӣ ва идоракунии таваккалҳо дар доираи гурӯҳҳои муайяншуда равона мешаванд ва барои ҳар як гурӯҳи таваккал стратегияҳои муносиб пешниҳод менамоянд.

Механизмҳои амалии татбиқи гурӯҳбандии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ бояд на танҳо хусусиятҳои таваккалҳои муайянро ба назар гиранд, балки равандҳои дохилӣ ва берунӣ, инчунин қобилияти субъекти соҳибкориро барои мутобиқшавӣ ва муқовимат бо хатари номатлуб таъмин намоянд.

Дар ҷадвали 4 модели умумии механизми амалии гурӯҳбандии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ пешниҳод шудааст, ки дар он ҳамаи марҳилаҳои муҳим ва зинаҳои татбиқӣ тасвир шудаанд. Ин модел дорои шохаҳои зерин мебошад:

- Шиносоӣ ва ҷамъоварии маълумот оид ба таваккалҳо;
- Гурӯҳбандии таваккалҳо бо назардошти манбаъ ва хусусияти таъсир;
- Баҳогузории таваккалҳо бо истифодаи усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ;
- Интихоби стратегияҳои идоракунии таваккал барои ҳар гурӯҳ;
- Амалӣ намудани чораҳои идоракунӣ;
- Мониторинг ва такмилдиҳии раванд.

Ҳар як зина дар модел бо таҳлили рақамӣ асоснок карда шудааст, то ки таъсири амалии механизмҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ равшан гардад.

Ҷадвали 4. Механизмҳои татбиқи гурӯҳбандии таваккал ва таъсири онҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ

Зинаи татбиқ	Механизмҳои амалӣ	Таъсир ба фаъолияти соҳибкорӣ	Мисол
Ҷамъоварии маълумот	Баррасии таҳлилҳои дохилӣ ва берунӣ	Ҳангоми омӯхтани таваккалҳо бо маълумоти дақиқ ба нақшакашӣ кӯмак мекунад	Идораи таҳлилҳои бозорӣ ва таҳқиқи рақобат дар соҳаи истеҳсолот
Гурӯҳбандӣ	Тақсимоти таваккалҳо ба гурӯҳҳо (молиявӣ, ҳуқуқӣ ва ғ.)	Соддагардонии идоракунии таваккалҳо ва таъмини таърифи дақиқи масъулиятҳо	Қарорҳои такмили стратегияҳо дар ширкатҳои хурду миёна

Баҳогузорӣ	Истифодаи усулҳои миқдорӣ ва сифатӣ	Пешгӯии таъсири таваккал ва мутобиқсозии стратегияҳо	Таҳлили хатари тағйироти қурби асъор дар ширкатҳои содиротӣ
Интихоб ва татбиқ	Амалӣ намудани стратегияҳои камсозӣ, интиқол ва қабули таваккал	Коҳиш додани талафот ва баланд бардоштани устуворӣ	Истифодаи суғурта ва шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши савдо
Мониторинг	Назорати даврӣ ва такмили стратегияҳо	Ҳифзи фаъолияти соҳибкорӣ дар муҳити тағйирёбанда	Мониторинги тағйироти қонунгузорӣ ва танзимот

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси таҳлилҳо.

Механизмҳои амалии татбиқи гурӯҳбандии таваккал дар соҳибкорӣ на танҳо ба ҷузъиёт ва таҳлили таваккалҳо равона шудаанд, балки ба такмили доимии равандҳои идоракунӣ ва мутобиқшавӣ бо муҳити тағйирёбанда низ аҳамияти калидӣ медиҳанд. Таҳлилҳои ҳолатҳои мушаххас дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳанд, ки ширкатҳое, ки механизмҳои систематикии гурӯҳбандии таваккалҳоро татбиқ мекунанд, бештар қобилияти муқобила бо тағйироти ногаҳонии бозор ва идоракунии самараноки сармоягузориро доранд.

Тасдиқи механизми мукаммали гурӯҳбандии таваккал дар сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ ба рушди фаъол ва устувори онҳо мусоидат мекунад ва боиси тақвияти эътимоди сармоягузорон мегардад. Механизми амалии гурӯҳбандии таваккал боиси баландшавии сатҳи омодагии субъектҳои соҳибкорӣ ба хатари номатлуб, афзоиши қобилияти қабули қарор ва коҳиши хатари молиявӣ мегардад.

Ҳамчунин, истифодаи усулҳои рақамӣ ва моделҳои эҳтимолӣ барои баҳогузории таваккалҳо дар асоси гурӯҳбандӣ имкон медиҳад, ки таъсири эҳтимолии таваккалҳо дақиқтар пешгӯӣ карда шуда, роҳҳои ислоҳот ва камсозии таваккалҳо саривақт татбиқ шаванд. Ин усулҳо дар бахшҳои муҳим, аз ҷумла молия, бозор ва ҳуқуқ, хусусияти муҳим доранд.

Дар шароити кунунии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тағйироти зуд ва мухталифи дохилӣ ва берунӣ тавсиф мешавад, идоракунии таваккал яке аз омилҳои калидии рушди устувори соҳибкорӣ мебошад. Таваккал ҳамчун омили муқаррарӣ ва ногузирии фаъолияти иқтисодӣ на танҳо хатари зараррасонӣ, балки имконияти ҷустуҷӯи роҳҳои нави инноватсионӣ ва афзоиши рақобатпазириро низ фароҳам меорад.

Дар муҳити соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо набудани сохторҳои васеи ҳимояи ҳуқуқӣ ва тағйироти фаврии талаботҳои бозор тавсиф мешавад, идоракунии таваккал нақши стратегӣ дошта, барои таҳкими устуворӣ ва зиёд кардани қобилияти мутобиқшавии субъектҳои иқтисодӣ аҳамияти махсус дорад.

Дар ин замина, татбиқи систематикии гурӯҳбандии таваккал имкон медиҳад, ки соҳибкорон таваккалҳои мухталифро ба таври дақиқ муайян намуда, ба ҳар гурӯҳ чораҳои идоракунии муносибро татбиқ кунанд. Ин равиш боиси баландшавии эътимоди сармоягузорон ва шарикони тиҷоратӣ мегардад, ки ба рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармояҳои дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад.

Идоракунии таваккал дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили нақлиёт, кишоварзӣ, саноат ва хизматрасонӣ, бо хусусиятҳои хоси худ ва сатҳи таҳаммулпазирӣ ба таваккалҳои гуногун мушкилоти ҷудогона дорад.

Бо таваҷҷӯҳ ба таҳлили вазъи амалии идоракунии таваккал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон хулоса кард, ки гарчанде ки монеаҳои ҷиддӣ дар сатҳи ташкили равандҳо, дастрасии технологияҳои муосир ва омӯзиши кадрҳо мавҷуданд, имкониятҳои зиёд барои такмили идоракунии таваккал ва рушди устувори соҳибкорӣ вуҷуд доранд. Истифодаи таҷрибаи мусбат ва усулҳои навин метавонад нақши муҳим дар рушди иқтисодиёти кишвар ва устувории фаъолияти соҳибкорон бозад.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои болозикр метавон чунин хулосагирӣ намуд:

1. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳбандии таваккал яке аз унсурҳои калидии идоракунии таваккал дар муҳити мураккаби иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити тағйироти зуд ва номустақили бозори дохилӣ, қобилияти субъектҳои соҳибкорӣ барои дақиқ ва систематикӣ гурӯҳбандӣ намудани таваккалҳо ва татбиқи чораҳои идоракунии мувофиқ, самаранокии фаъолияти онҳоро зиёд намуда, устувории иқтисодиро таъмин мекунад. Ин равиш ба ширкатҳо имкон медиҳад, ки бо истифода аз таҳлилҳои мукаммал ва технологияҳои муосир таваккалҳои молиявӣ, истеҳсолӣ, бозорӣ ва дигарро пешгӯӣ ва кам кунанд;

2. Ҳолати воқеии идоракунии таваккал дар бахшҳои нақлиёт, кишоварзӣ, саноат ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ аст. Норасоии маълумоти таҳлилӣ, маҳдуд будани имкониятҳои техникию молиявӣ ва камбуди таҷрибаи пешрафтаи идоракунии таваккал дар аксари ширкатҳои хурду миёна монеаи асосӣ барои самаранок истифода бурдани гурӯҳбандии таваккал мебошанд. Бо вуҷуди ин, барномаҳои давлатӣ нишон медиҳанд, ки истифодаи систематикии гурӯҳбандӣ ва воситаҳои идоракунӣ метавонад хатари фаъолияти соҳибкориро коҳиш дода, самаранокии онро зиёд намояд.

3. Яке аз омилҳои муҳими беҳтар намудани идоракунии таваккал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла системаҳои мониторинг ва таҳлили пешбиникунанда мебошад. Ин равишҳо имкон медиҳанд, ки маълумоти дақиқ ва фаврӣ барои таҳлили таваккалҳо ҷамъоварӣ ва коркард гардад. Дар натиҷа, қарорҳои стратегӣ ва оперативӣ боэътимод ва муассир қабул мешаванд, ки ба коҳиши хатари молиявӣ ва афзоиши рақобатпазирии субъектҳои иқтисодӣ мусоидат мекунад.

4. Монеаҳои асосии рушди идоракунии таваккал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба набудани муҳити ҳуқуқии устувор, маҳдуд будани дастрасӣ ба маблағгузорӣ ва технологияҳои нав, инчунин сатҳи пасти таълим ва омӯзиши кадрҳо дар соҳаи идоракунии таваккал мебошанд. Барои бартараф намудани ин монеаҳо зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти таҳкими муҳити ҳуқуқӣ, дастгирии молиявӣ ва рушди инфрасохтори технологӣ бештар равона карда шавад.

5. Татбиқи системаи мукаммали гурӯҳбандии таваккал дар фаъолияти соҳибкорӣ метавонад ба баланд бардоштани устувории иқтисодии кишвар мусоидат намояд. Бо ин роҳ соҳибкорон метавонанд хатари талафотро коҳиш дода, дар шароити тағйироти бозорӣ босуръат мутобиқ шаванд ва имконияти ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро зиёд намоянд. Ин омилҳо дар маҷмӯъ ба рушди иқтисоди миллӣ ва устувории иҷтимоӣ таъсири мусбат мегузоранд.

6. Барои такмили идоракунии таваккал ва самаранокии гурӯҳбандии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки:

· Сохторҳои таълимӣ ва тадқиқотӣ дар соҳаи идоракунии таваккал ва технологияҳои рақамӣ таҳким дода шаванд;

· Барномаҳои дастгирии молиявӣ ва техникии давлатӣ барои ширкатҳои хурду миёна ҷорӣ ва густариш дода шаванд;

· Ташкили платформаҳои иттилоотӣ ва технологӣ барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумоти таваккалҳо ҷорӣ карда шавад;

· Таҷрибаи байналмилалӣ ва ватаниро дар самти идоракунии таваккалҳо ҷорӣ ва мутобиқсозӣ намоянд;

· Таъмини муҳити ҳуқуқии устувор барои татбиқи усулҳои муосири идоракунии таваккал дар бахшҳои мухталифи иқтисодӣ.

АДАБИЁТ

1. Бойко О.Н. Механизм снижения коммерческого риска оптово-посреднического предпринимательства в системе региональной экономики. Дисс. канд. экон. наук. Ростов-на-Дону - 2001. - 147 с.

2. Ильяков В.Д. Управление хозяйственными рисками в предпринимательских организациях на примере хозяйств "Мосзеленхоз". Дисс. экон. наук. Москва – 2006. – С. - 187.

3. Кунин В.А. Превентивное управление рисками промышленного предпринимательства. Дисс. докт. экон. наук. Санкт-Петербург - 2011. - С. - 1.
4. Петренко Ю.В., Никитина Л.Н. Обоснование классификации производственных рисков // Современные аспекты экономики. 2007. №8(121). С.176-183.
5. Поляков А.В. Система управления рисками (виды, классификация, уровень рисков)//Российский научный журнал «Экономика и управление». 2008. №6 (38). С.118-121.
6. Рахимов Р.К. Экономическая эффективность. Некоторые вопросы теории и практики//Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2005. -№1. – С. 25.
7. Ризоқулов Т.Р., Шаропова Н.Ҳ. Равияҳои методии баҳодиҳӣ ба истифодабарии иқтидори захиравии минтақа ва таснифоти нишондодҳои он. Маҷмӯаи мақолаҳои конференсияи илмию амалии байналмилалӣ бахшида ба «30-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар мавзӯи «Таъмини амнияти озуқаворӣ, тақвияти иқтидорҳои содиротӣ ва ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ» бахши II – IV. Исфара, 2021 с. - 84
8. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. Док. Илм. Сиёсӣ. Душанбе, 2024. – С. – 69.
9. Фархудинов Ҷ.И. Танзими ҳуқуқии шартномаи суғуртаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. Номз. Илм. Ҳуқуқ ш. Душанбе, 2024. – С. - 80
10. Цветкова Е.В., Арлюкова И.О. Риски в экономической деятельности / Е.В. Цветков, И.О. Арлюкова / СПб.: изд-во «ИВЭСЭП», Знание, 2002. – С. 12.
11. Щербаков И.А. Разработка и внедрение системы управления хозяйственными рисками в предпринимательских структурах. Дисс. канд. экон. наук. Тамбов - 2007. - 148 с.

УДК 330 +331.101.262

Зоирзода И.С., Ҷобиров Д.М.

РУШДИ НАЗАРИЯИ САРМОЯИ ИНСОНӢ: АФЗАЛИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МОДЕЛҲОИ Б. БЮКЕНЕН, Г. БЕККЕР ВА Ҷ. МИНСЕР

Мақолаи мазкур ба таҳлили назариявӣ ва муқоисавии моделҳои сармояи инсонӣ дар осори се иқтисоддони маъруфи ҷаҳонӣ - Гари Беккер, Ҷейкоб Минсер ва Ҷеймс Бюкенен бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди дониш, мафҳуми "сармояи инсонӣ" ҳамчун омили калидии рушди устувор ва рақобатпазирии миллӣ баррасӣ мешавад. Муаллифон дар асоси таҳлили манбаъҳои илмӣ ва моделсозии назариявӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии сармояи инсонро шарҳ дода, хосиятҳо ва маҳдудиятҳои ҳар як моделро муайян намудаанд. Модели Беккер сармояи инсонро ҳамчун воситаи афзоиши самаранокии меҳнат арзёбӣ мекунад; модели Минсер таъсири таҳсилот ва таҷрибаро ба даромад тавассути формулаи эмпирӣ нишон медиҳад; дар ҳоле ки модели Бюкенен ба озодӣ, масъулияти шахсӣ ва арзишҳои ахлоқии сармоягузорӣ ба инсон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Мақола аҳамияти татбиқи ҳамгироёнаи ин моделҳоро барои таҳияи сиёсати самарабахши иҷтимоӣ, маориф ва бозори меҳнат таъкид мекунад ва барои таҳқиқоти илмии минбаъда дар соҳаи иқтисоди захираҳои инсонӣ заминаи муҳими назариявӣ фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: сармояи инсонӣ, моделҳои назариявӣ, Б. Бюкенен, Г. Беккер, Ҷ. Минсер, захираҳои инсонӣ, бозори меҳнат, таҳлили иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ, сиёсати меҳнатӣ.

Зоирзода И.С., Джобиров Д.М.

РАЗВИТИЕ ТЕОРИИ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА: ПРЕИМУЩЕСТВА И ОСОБЕННОСТИ МОДЕЛЕЙ Б. БЬЮКЕНЕНА, Г. БЕККЕРА И ДЖ. МИНСЕРА

Статья посвящена теоретическому и сравнительному анализу моделей человеческого капитала в трудах трех всемирно известных экономистов - Гэри Беккера, Джейкоба Минсера и Джеймса Бьюкенена. В условиях глобализации и развития экономики знаний понятие «человеческий капитал» рассматривается как ключевой фактор устойчивого развития и национальной конкурентоспособности. На основе анализа научных источников и теоретического моделирования авторы объясняют экономические, социальные и философские аспекты человеческого капитала и выявляют характеристики и ограничения каждой модели. Модель Беккера оценивает человеческий капитал как средство повышения эффективности труда; модель Минсера показывает влияние образования и опыта на доход через эмпирическую формулу; в то время как модель Бьюкенена фокусируется на свободе, личной ответственности и этических ценностях инвестирования в людей. В статье подчеркивается важность комплексного применения этих моделей для разработки эффективной социальной, образовательной и трудовой политики и дается важная теоретическая основа для дальнейших научных исследований в области экономики человеческих ресурсов.

Ключевые слова: человеческий капитал, теоретические модели, Дж. Бьюкенен, Г. Беккер, Дж. Минсер, человеческие ресурсы, рынок труда, экономический анализ, социальное развитие, трудовая политика.

Zoirzoda I.S., Jobirov D.M.

THE DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL THEORY: ADVANTAGES AND FEATURES OF THE MODELS BY J. BUCHANAN, G. BECKER, AND J. MINCER

This article is devoted to a theoretical and comparative analysis of human capital models in the works of three world-renowned economists - Gary Becker, Jacob Mincer and James Buchanan. In the context of globalization and the development of the knowledge economy, the concept of "human capital" is considered as a key factor in sustainable development and national competitiveness. Based on the analysis of scientific sources and theoretical modeling, the authors explain the economic, social and philosophical aspects of human capital and identify the characteristics and limitations of each model. Becker's model evaluates human capital as a means of increasing labor efficiency; Mincer's model shows the impact of education and experience on income through an empirical formula; while Buchanan's model focuses on freedom, personal responsibility and the ethical values of investing in people. The article emphasizes the importance of the integrated application of these models for the development of effective social, educational and labor market policies and provides an important theoretical basis for further scientific research in the field of human resource economics.

Key words: human capital, theoretical models, J. Buchanan, G. Becker, J. Mincer, human resources, labor market, economic analysis, social development, labor policy.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати иқтисоди рақамӣ, таъкид ба сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушди устувор ва рақобатпазирии кишварҳо аҳамияти нав касб мекунад. Тамоюлҳои нави иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки дигар танҳо захираҳои моддӣ ва молиявӣ кафолати пешрафти миллӣ нестанд, балки маҳз дониш, малака, маҳорат, таҷриба ва қобилияти эҷодии инсон дар меҳвари рушди иҷтимоию иқтисодӣ қарор гирифтаанд. Ин тағйироти сифатии парадигмаи иқтисодӣ зарурати таҳқиқи амиқ ва такмили назарияҳои сармояи инсонӣ, аз ҷумла моделсозӣ, арзёбӣ ва татбиқи амалии онҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, илми иқтисод дар марҳалаи нав вазифадор аст, ки сармояи инсонро на танҳо ҳамчун захираи истеҳсолӣ,

балки ҳамчун меҳвари сиёсати стратегӣ дар самти маориф, тандурустӣ, бозори меҳнат ва рушди иҷтимоӣ баррасӣ кунад.

Мафҳуми «сармояи инсонӣ» яке аз дастовардҳои муҳими назариявии илми иқтисод дар нимаи дуюми асри XX ба ҳисоб меравад, ки дар асоси таҳқиқоти ҷиддии олимони маъруф - Гари Беккер, Ҷейкоб Минсер ва Ҷеймс Бюкенен - шакл гирифтааст. Ин мафҳум инсонро ҳамчун захираи иқтисодӣ ва стратегӣ арзёбӣ менамояд, ки дониш, малака, маҳорат ва қобилияти зеҳнии ӯ метавонанд ба афзоиши маҳсулнокӣ, самаранокии меҳнат ва пешрафти умумии иқтисодӣ мусоидат намоянд. Ҳар яке аз ин олимон саҳми хоси худро дар таҳияи моделҳои илмӣ ва таҳлили таъсири сармояи инсонӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисод ворид намудаанд: Г. Беккер равиши иқтисодии рафтори инсонро таҳия кард, Ҷ. Минсер робитаи таҳсилот ва даромадро ба таври оморӣ асоснок намуд, ва Ҷ. Бюкенен сармояи инсонро дар доираи озодии шахсӣ ва масъулияти инфиродӣ шарҳ дод. Дар маҷмӯъ, таҳлили онҳо барои фаҳмиши амиқи нақши сармояи инсонӣ дар сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асоси мустаҳкам гузоштаанд.

Мақсади таҳияи мақолаи мазкур таҳлили моделҳои назариявии сармояи инсонӣ дар андешаҳои Б. Бюкенен, Г. Беккер ва Ҷ. Минсер, муайян намудани афзалият ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳо ва арзёбии имконияти татбиқи онҳо дар таҳлили масъалаҳои иқтисодии муосир мебошад. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар ин мақола саҳми ҳар яке аз ин олимонро дар ташаккули назарияи сармояи инсонӣ ва аҳамияти онро барои сиёсати иҷтимоӣ ва таҳқиқоти амалӣ равшан намоянд.

Мафҳуми "Сармояи инсонӣ" яке аз дастовардҳои муҳим дар таҳаввули андешаи иқтисодӣ дар асри XX ба шумор меравад. Он ҳамчун воситаи таҳлил ва арзёбии нақши инсон дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба миён омада, равиши нави муносибат ба меҳнат, дониш, малака ва қобилиятҳои шахсиятро пешниҳод мекунад. Агар дар назарияҳои анъанавии иқтисодӣ меҳнат бештар ҳамчун омили механикӣ ва ҳамҷинса баррасӣ мешуд, сармояи инсонӣ ба таври сифатӣ ва фарқкунанда ба арзиши захираҳои инсонии дорои дониш ва қобилиятҳои хоси инфиродӣ ишора мекунад.

Мафҳуми сармояи инсонӣ нахуст дар солҳои 50–60-уми асри XX бо корҳои илмии Теодор Шултс ва Гари Беккер ба таври илмӣ шакл гирифт. Т. Шултс пешниҳод намуд, ки хароҷотҳо ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва омӯзиш ҳамчун сармоягузорӣ ба инсон баррасӣ шаванд, ки дар натиҷа самаранокии меҳнат ва даромади шахс зиёд мегардад. Гари Беккер бошад, ин мафҳумро бештар такмил дода, асоси назариявии онро дар доираи таҳлили иқтисодии рафтори инсонӣ ҷой дод. Аз ҷумла, Г.Беккер дар яке аз рисолаҳои худ қайд менамояд, ки «Сармояи инсонӣ, мисли сармояи ҷисмонӣ, яке аз манбаҳои муҳимми рушди иқтисодӣ ва фарқиятҳои даромади инфиродӣ мебошад. Сармоягузорӣ ба таҳсилот ва омӯзиш қобилияти истеҳсолии коргаронро ва даромадҳояшонро баланд мебардорад» [6, С. 18].

Сармояи инсонӣ маҷмӯи донишҳо, малакаҳо, қобилиятҳо ва хусусиятҳои шахсиро дар бар мегирад, ки тавассути омӯзиш, тағриба ва рушд дар муҳити иҷтимоӣ ва иқтисодӣ шакл мегиранд. Он ба субъект имконият медиҳад, ки дар фаъолияти иқтисодӣ самаранок иштирок намояд ва арзиши иловагӣ эҷод кунад.

Дар илм ва сиёсати иқтисодӣ мафҳуми сармояи инсонӣ ҳамчун асос барои таҳияи стратегияҳои рушди меҳнат, таҳсилот, бозори кор ва баробарии иҷтимоӣ истифода мешавад. Он имкон медиҳад, ки ба рушди инсонӣ на ҳамчун хароҷот, балки ҳамчун сармоягузории стратегӣ нигоҳ шавад. Давлатҳое, ки дар сармояи инсонӣ бештар сармоягузорӣ мекунанд, сатҳи баланди рушди устувор, сифати зиндагӣ ва қобилияти инноватсионӣ доранд.

Дар заминаи афзоиши аҳамияти иқтисоди дониш, сармояи инсонӣ ба унсури калидӣ дар рақобатпазирии глобалӣ мубаддал шудааст. Аз ин рӯ, фаҳмиш ва таҳлили назариявии он, махсусан тавассути моделҳои илмӣ, барои сиёсати давлатӣ ва рушди устувор аҳамияти бузург дорад.

Гари Беккер, дорандаи Ҷоизаи Нобел дар иқтисод (1992), яке аз аввалин олимоне буд, ки ба таҳлили иқтисодии рафтори инсонӣ ба таври ҷиддӣ рӯй оварда, мафҳуми сармояи инсонӣ ва таъсири он ба бозори меҳнатро асоснок намуд. Ӯ назарияи сармояи инсонӣ ва муносибати

иқтисодиро ба таҳсилот, тандурустӣ, муҳоҷират ва сохтори оилавӣ таҳия ва тавсеа дод. Модели ӯ ҳамчун таҳаввули назариявӣ дар соҳаи иқтисоди меҳнат ва рушди захираҳои инсонӣ мақоми муҳим дорад.

Ба андешаи Г. Беккер, “Сармояи инсонӣ - ин маҷмӯи малакаҳо, дониш, иқтидор ва дигар хусусиятҳои шахсиятест, ки боиси афзоиши қобилияти истеҳсолии шахс мегардад. Ӯ сармояи инсониро бо сармояи моддӣ шабеҳ мешуморад, зеро барои рушди он низ сармоягузорӣ зарур аст ва дар натиҷа фоида меорад. Хароҷотҳои таҳсилот, вақти сарфшуда барои омӯзиш ва тачриба, инчунин хароҷот барои нигоҳдории саломатӣ ҳамчун сармоягузорӣ ба шахсият баррасӣ мешаванд [6, С. 18].

Модели Беккер нишон медиҳад, ки шахсият дар раванди қабули қарорҳои иқтисодӣ, аз ҷумла интихоби таҳсилот, ихтисос, корфармо ва ҷойи кор, ба таври рационалӣ (оқилона) амал мекунад ва мекӯшад ҳадди аксар фоида (даромад)-ро аз сармоягузории худ ба даст орад.

Беккер шаклҳои зерини сармоягузорӣ ба сармояи инсониро муайян мекунад [6, С. 18]: **таҳсилоти умумӣ ва касбӣ -** воситаи асосии афзоиши дониш ва малака; т**андурустӣ -** нигоҳдорӣ ва беҳсозии қобилияти корӣ; м**уҳоҷират** - ҳаракат ба маконҳое, ки дар он имкониятҳои беҳтари иқтисодӣ мавҷуданд; т**арбия ва иҷтимоисозии кӯдакон** - сармоягузории оилавӣ ба насли нав.

Агар ба модели Г. Беккер ҷиддӣ назар афканем, мебинем, ки он дорои як қатор афзалиятҳои назаррас мебошад:

1) **асоси эмпирӣ ва амалӣ**, яъне он имкон медиҳад, ки таъсири таҳсилот ва малака ба сатҳи даромад ва самаранокии меҳнат бо усулҳои иқтисодӣ ҳисоб ва таҳлил карда шаванд;

2) **интегратсия ба сиёсатҳои давлатӣ**, яъне модели мазкур асоси таҳияи сиёсатҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, бозори меҳнат ва рушди иҷтимоиро фароҳам меорад;

3) **фаҳмиши васеи иқтисодии рафтори инсон**, яъне Г.Беккер дарк ва таҳлили иқтисодии рафторҳоро дар сатҳи инфиродӣ равшан намудааст, ки имкон медиҳад рафтори шахсият дар бозори меҳнат пешгӯӣ шавад.

Бо вуҷуди нақши калидӣ ва таъсири васеи модели Беккер, баъзе маҳдудиятҳо низ дар он дида мешаванд, аз ҷумла:

1) модел бештар ба арзёбии иқтисодии омилҳо такя мекунад ва омилҳои иҷтимоӣ ва фарҳангиро дар баъзе ҳолатҳо сарфи назар менамояд;

2) он раванди қабули қарорҳоро ҳамчун оқилона ва мантиқӣ тасвир мекунад, дар ҳоле ки дар воқеият бисёре аз қарорҳо эҳсосотӣ ва ирратсионалӣ мебошанд;

3) модел асосан ба бозори меҳнати муташаккил ва устувор асос ёфтааст, ки дар шароити иқтисодиёти дар ҳоли гузариш ё нобаробар, ба монанди кишварҳои рӯ ба рушд, татбиқи он метавонад маҳдуд бошад.

Модели сармояи инсонӣ дар назарияи Гари Беккер ба таҳаввулоти назариявӣ дар иқтисоди муосир заминаи мустаҳкам гузошт. Он на танҳо арзиши таҳсилот ва рушди шахсиятро ба воситаи воситаҳои иқтисодӣ арзёбӣ мекунад, балки дар ташаккули сиёсатҳои давлатӣ дар самти таҳсилот ва бозори меҳнат нақши муассир дорад. Гарчанде ки модели мазкур баъзе маҳдудиятҳо дорад, вале то имрӯз яке аз моделҳои классикӣ ва таъсиргузори назарияи сармояи инсонӣ ба шумор меравад.

Ҷ. Минсер, яке аз асосгузорони таҳқиқоти ампирӣ дар соҳаи иқтисоди меҳнат, нақши муҳим дар рушди назарияи сармояи инсонӣ бозидааст. Ӯ аввалин шуда кӯшиш намуд, ки тавассути усулҳои иқтисод санҷиши рақамии таъсири таҳсилот ва тачрибаи меҳнатиро ба даромади шахсият нишон диҳад. Модели ӯ, ки имрӯз бо номи **«Формулаи даромади Минсер»** машҳур аст, дар иқтисоди меҳнат ва таҳқиқоти иқтисодии маориф васеъ истифода мешавад.

Ҷ. Минсер пешниҳоди ин назарияро ба асос гирифт, ки таҳсилот ва тачрибаи меҳнатӣ (интихобан, синну соли меҳнатӣ) омили асосии афзоиши даромади шахсӣ мебошанд. Ӯ тавассути таҳлили оморӣ нишон дод, ки ҳар як соли иловагии таҳсил ба таври миёна сатҳи даромадро меафзояд.

Формулаи Минсер шакли зеринро дорад [1; 2; 3]:

$$\ln (w)=\beta 0+\beta 1S+\beta 2X+\beta 3X2+\varepsilon \ln(w) = \beta_0 + \beta_1 S + \beta_2 X + \beta_3 X^2 + \varepsilon \ln(w)=\beta 0+\beta 1S+\beta 2X+\beta 3X2+\varepsilon$$

ки дар ин ҷо:

- ln (w)\ln(w)ln(w) – логарифми табиии даромади шахс,
- SSS – шумораи солҳои таҳсил,
- XXX – таҷрибаи меҳнатӣ (синну соли меҳнатӣ),
- X2X^2X2 – таҷриба дар дараҷаи дуюм (барои нишон додани камшавии афзоиш дар давраҳои баъдӣ),
- βi\beta_iβi – коэффитсиентҳои модел (таъсири ҳар як омил),
- ε\varepsilonε – унсури хато (омилҳои дигаре, ки дар модел ҳисоб нашудаанд).

Модели Минсер якчанд афзалиятҳои назаррас дорад, ки он дар тадқиқоти иқтисодӣ ва сиёсати иҷтимоӣ хеле муфид мегардад, аз ҷумла:

- **Натиҷаи дақиқ ва амалӣ:** тавассути маълумоти оморӣ таъсири таҳсилот ва таҷриба ба даромадро бо дақиқӣ нишон медиҳад;

- **Фаҳмо ва содда**: формулаи модели содда буда, дар таҳлили иқтисоди меҳнат осон истифода мешавад;

- **Асоси таҳқиқоти эмпирӣ**: дар иқтисоди меҳнат барои таҳлили судмандии таҳсилот, фарқиятҳои даромад ва самаранокии сармоягузорӣ ба маориф васеъ истифода мешавад.

Бо вуҷуди он ки модели Ҷ. Минсер афзалиятҳои назаррас дорад, вале он дорои маҳдудиятҳои зерин низ мебошад:

- **Ҳадди миёнагирӣ:** модели Минсер барои тамоми гурӯҳҳо як хел амал мекунад ва таъсири омилҳои иҷтимоӣ, ҷинсӣ, миллӣ ва минтақавиро ба назар намегирад;

- **Сифати таҳсилот ба инобат гирифта нашудааст**: модел танҳо шумораи солҳои таҳсилро ба ҳисоб мегирад, на сифати муассисаи таълимӣ ё миқёси барномаҳои таълимиро;

- **Тағйирёбии бозори меҳнат**: модел бештар ба иқтисодиёти устувор мувофиқ аст ва дар кишварҳои рӯ ба рушд, ки бозори меҳнат ноустувор аст, он метавонад натиҷаҳои номуътадил диҳад.

Модели Ҷ. Минсер барои ҳукумати кишварҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун абзори сиёсати маориф ва бозори меҳнат хидмат мекунад. Бо ёрии он метавон самаранокии сармоягузорӣ ба таҳсилотро арзёбӣ намуд ва фаҳмид, ки чӣ гуна беҳтар кардани дастрасӣ ба таҳсилот метавонад ба коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат кунад [4, С. 22].

Модели Ҷ. Минсер дар таҳияи назарияи муосири сармояи инсонӣ ва фаҳмидани таъсири таҳсилот ба даромад нақши муҳим бозидааст [5, С.78]. Формулаи ӯ бо вуҷуди соддагӣ, асбоби пуркудрати таҳлили оморӣ ва таҳияи сиёсати иқтисодӣ мебошад. Гарчанде ки баъзе маҳдудиятҳо дорад, модел то имрӯз яке аз василаҳои асосии арзёбии таъсири сармояи инсонӣ ба самаранокии меҳнат ва даромади шахсӣ мебошад.

Ҷ. Бюкенен - яке аз намояндагони барҷастаи мактаби "интихоби ҷамъиятӣ" ва дорандаи Ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод (1986), ба таҳлили равандҳои иқтисодӣ аз нуқтаи назари интихоби шахсӣ ва озодии инфиродӣ машғул буд. Ӯ сармояи инсонӣ ва рафтори иқтисодии шахсро ҳамчун натиҷаи интихобҳои иродавии инфиродӣ мебинад, ки онҳоро бо масъулияти шахсӣ ва принсипҳои ахлоқӣ пайваст менамояд. Чунончи, дар яке аз асарҳои хеш қайд менамояд, ки «Озодии шахсон барои интихоби сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, ҳамроҳ бо эҳсоси масъулият барои он интихобҳо, асоси ҷомеаи озоду бобарор аст.» [8, С. 45].

Дар ҳоле ки Г. Беккер ва Ҷ. Минсер ба арзёбии эмпирӣ ва самаранокии иқтисодии сармояи инсонӣ тамаркуз мекарданд, Ҷ.Бюкенен моделро дар доираи фалсафаи сиёсӣ ва иқтисоди институтсионалӣ ташаккул дод. Ӯ бар ин назар буд, ки фард дар интихоби роҳи рушди шахсӣ ва омӯзиш, на танҳо бо манфиати иқтисодӣ, балки бо арзишҳои ахлоқӣ, масъулияти иҷтимоӣ ва озодии инфиродӣ роҳнамоӣ мешавад [9; 10].

Ба таъкиди ӯ, сармояи инсонӣ бояд ҳамчун натиҷаи шартномаи иҷтимоии байни фард ва ҷомеа фаҳмида шавад. Яъне, шахс бояд имкони интихоби озод дошта бошад, вале масъулияти интихоби худ ва натиҷаҳои онро низ бар дӯш гирад.

Модели Ҷ.Бюкенен аз моделҳои классикии сармояи инсонӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ мекунад:

1) **мавқеи марказии шахсият**, яъне фард ҳамчун субъекти комилан худогоҳ ва мустақил баррасӣ мешавад, ки худаш ба рушди малакаву донишаш сармоягузорӣ мекунад;

2) **сармояи инсонӣ ҳамчун арзиш, на танҳо васила**, яъне ба андешаи Ҷ**.** Бюкенен маориф ва рушди инсонӣ танҳо воситаи афзоиши даромад нест, балки ҷузъи рушди шахсӣ ва маънавист;

3) **эътибор ба озодӣ ва интихоб**, яъне сармоягузорӣ ба худ бояд натиҷаи интихоби озод ва боэҳсоси шахс бошад, на натиҷаи иҷбор ё талаботи сиёсати давлатӣ;

4) **пайванди сармояи инсонӣ бо демократия ва сохтори сиёсии кишвар**, яъне ба ақидаи Ҷ. Бюкенен низоми демократӣ ва иқтисоди бозоргонӣ имкониятҳои бештар барои рушди шахсӣ фароҳам меорад.

Модели Ҷ. Бюкенен беш аз он ки як модели иқтисодии ҳисобшаванда бошад, як чаҳорчӯбаи назариявӣ барои арзёбии сиёсати иҷтимоӣ ва маориф мебошад. Ин модел дар таҳияи консепсияҳои **«инсонгароёна»** ва **«институти иҷтимоии таълим»** нақши муҳим мебозад. Он инчунин барои арзёбии масъулияти шахсӣ дар раванди таълим ва худтакмилдиҳӣ асоси мустаҳкам фароҳам меорад.

Вобаста ба ин, андешаҳои *Беккер Г. ва Томас М. низ дар яке аз маҷаллаҳои иқтисоди меҳнат соли 1986 ба тариқи зайл оварда шудааст* «Ҳамгироии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ барои фаҳмиши комил аз нақши сармояи инсон дар рушди кишвар муҳим мебошад» [11].

Новобаста аз он ки модели Ҷ.Бюкенен нақши муҳиме дар равшан кардани ҷанбаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии сармояи инсонӣ мебозад, он низ дорои маҳдудиятҳои муайян мебошад, аз ҷумла: м**ушкилоти ченшавандагӣ** - арзишҳои фардӣ, озодӣ ва масъулият душвор ба ҳисобгирӣ ва моделсозии рақамӣ мебошанд; му**қоисаи амалӣ камтар** - модели Ӯ бештар таҳлили назариявӣ аст ва истифодаи мустақими он дар арзёбии иқтисодии бозори меҳнат маҳдуд мебошад; н**исбатан мушкил барои татбиқ дар кишварҳои дорои низоми марказонидашуда** - назарияҳои Ҷ.Бюкенен бештар ба шароити ҷомеаҳои озод ва бозорӣ мувофиқанд.

Модели сармояи инсонӣ дар назарияи Ҷ.Бюкенен ба фаҳмиши нав ва мукаммали робитаи байни фард, ҷомеа ва давлат дар раванди рушди инсонӣ замина мегузорад. Ӯ бо таваҷҷуҳ ба интихоб ва озодии шахс таъкид мекунад, ки сармояи инсонӣ на танҳо омили иқтисодӣ, балки ҷузъи рушди шахсӣ ва иҷтимоист. Гарчанде ки модели ӯ бештар дар сатҳи назариявӣ амал мекунад, арзиши ахлоқӣ ва сиёсие, ки он пешниҳод мекунад, барои сиёсати маориф ва иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои демократӣ муҳим мебошад.

Расми 1.

Фарқиятҳои асосии моделҳои Г. Беккер, Ҷ. Минсер ва Ҷ. Бюкенен

Г. Беккер	бештар ба арзёбии иқтисодии сармояи инсонӣ таваҷҷуҳ мекунад. Ӯ мафҳуми сармояи инсонӣ ва сармоягузориро бо модели иқтисодии рафтору интихоби рационалӣ пайваст намуда, таъкид мекунад, ки таҳсилот ва омӯзиш ҳамчун сармоягузории бофоида ба афзоиши даромад ва самаранокӣ оварда мерасонад.
Ҷ. Минсер	ба таҳлили эмпирии таъсири таҳсилот ва таҷрибаи меҳнатӣ ба сатҳи даромад машғул аст. Формулаи Ҷ.Минсер имкон медиҳад, ки таъсири омилҳои мухталиф ба бозори меҳнат бо усулҳои оморӣ ва ҳисоббарорӣ арзёбӣ гардад.
Ҷ. Бюкенен	бештар ба ҷанбаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии сармояи инсонӣ аҳамият медиҳад. Ӯ барои фард ва озодии интихоби шахсӣ дар сармоягузорӣ ба рушди худ аҳамияти махсус мегузорад ва муносибати байни фард ва ҷомеаро ҳамчун шарти асосии ташаккули сармояи инсонӣ мешуморад.

[*]**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Моделҳои сармояи инсонӣ, ки аз ҷониби Г. Беккер, Ҷ. Минсер ва Ҷ. Бюкенен пешниҳод шудаанд, ҳар кадоме бо дурнамои назариявӣ ва амалии хоси худ саҳми бузург дар таҳаввули назарияи сармояи инсонӣ гузоштаанд. Дар маҷмуъ метавон онҳоро чунин муқоиса кард:

Ҳар се модел маҳдудиятҳои худро доранд. Модели Беккер ва Минсер бештар ба омилҳои иқтисодӣ диққат медиҳанд, дар ҳоле ки модели Бюкенен ба арзишҳо ва озодӣ таваҷҷуҳ мекунад. Барои татбиқи комили назарияҳо лозим аст, ки доираи васеи омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба назар гирифта шаванд.

Вобаста ба маҳдудиятҳои моделҳои сармояи инсонӣ иқтисодчиёни машҳур *Браун С. ва Сешнс Ҷ. Г. низ чунин изҳори назар доранд:* «Гузоришҳои ҳисобӣ дар модели сармояи инсон қисмати зиёди тағйироти музди меҳнатро шарҳ медиҳанд, вале омилҳои сифатӣ монанди арзишҳои шахсӣ, таъсири фарҳангӣ ва муҳити институционалӣ зиёд инъикос намегарданд» [7, С. 18].

Умуман, сармояи инсонӣ ҳамчун омили калидии рушди иқтисодӣ, ҷомеа ва беҳбудии зиндагии инсонҳо арзёбӣ мешавад. Моделҳои таҳлилшуда метавонанд барои ташаккули сиёсати муассири маориф, бозори меҳнат ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ истифода шаванд. Ғайр аз он, онҳо ба донишҷӯён ва таҳқиқгарон манбаи қавии фаҳмиши назариявӣ ва амалӣ хизмат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Mincer J. Changes in wage inequality, 1970-1990. Res. Labor Econ. - 1971. - P.1-18.
2. Mincer J. Investment in human capital and personal income distribution / Pol. Econ. - 1958. - P.281-302.
3. Mincer J. Market prices, opportunity costs, and income effects. In: Measurement in Economics / Carl Christ. - Stanford, Calif.: Stanford University Press, 1963. - P.67-82.
4. Mincer J. The distribution of labor incomes: A survey, with special reference to the human capital approach. J. Econ. Lit. - 1970. - P.1-26.
5. Mincer J., Polachek S. Family investments in human capital: Earnings of women. J. Pol. Econ. - 1974, 82 (2, Pt.2). - P.76-108.
6. Беккер Г. Человеческий капитал // Уровень жизни населения регионов России. - 2006. - №5-6. - С.17-18.
7. Браун С., Сешнс, Ҷ.Г. Сармояи инсон ва натиҷаҳои бозори меҳнат: таҳлили эмпирикӣ. Иқтисоди меҳнат. - 2005. - 12(3). - 389–406
8. Бюкенен Ҷ.М. Асосҳои мантиқии озодии конститутсионӣ. Осори ҷамъшудаи Ҷ. Бюкенен, ҷилди 1. - 1999. - С. 45.
9. Зоирзода И.С. Классический (политэкономический) период развития теории человеческого капитала // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 10-1. – С. 30-38.
10. Зоирзода И.С. Эволюция теории человеческого капитала в научных трудах Т. Шульца, Г. Беккера и Дж. Минсера // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 11. – С. 20-25.
11. Сармояи инсон ва болоравӣ ва поёнравии оилаҳо // Маҷаллаи иқтисоди меҳнат. -1986. - 4(3). - 1–39.

УДК 336.027:658.14/.17

Ибодов Н.С.

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ РУШДИ МАРКЕТИНГИ БОНКӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ИННОВАТСИЯИ МАРКЕТИНГӢ ВА УСУЛҲОИ РАҚАМИКУНОНӢ

Мақола ба таҳлили амиқи таъсири шароити нави иқтисодӣ ва пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ ба рушди маркетинги бонкӣ бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки рақобати шадид, ҷаҳонишавӣ ва раванди рақамигардонӣ (digitalization) самтҳои фаъолияти бонкҳоро куллан тағйир дода, онҳоро водор менамояд, ки аз усулҳои анъанавӣ ба равишҳои нав, фардисозишуда ва рақамӣ гузаранд. Маркетинги муосири бонкӣ дигар танҳо воситаи таблиғ набуда, балки ҳамчун стратегияи фарогир баромад мекунад, ки таҳлили амиқи маълумоти муштариён, идоракунии муносибатҳо (CRM) ва пешниҳоди хизматрасониҳои шахсисозишударо дар бар мегирад. Дар мақола таҷрибаи кишварҳои пешрафта чун ИМА, Британияи Кабир, Чин, Кореяи Ҷанубӣ ва дигарон баррасӣ гардида, мисолҳои амалӣ чун Erica (ассистенти рақамии Bank of America), KakaoBank (Кореяи Ҷанубӣ) ва дигар абзорҳои рақамӣ оварда мешаванд, ки бо истифода аз зеҳни сунъӣ (AI) ва Big Data ба баланд гардидани қаноатмандӣ ва содиқии муштариён мусоидат мекунанд. Ҷадвалҳои таҳлилӣ дар мақола равшан нишон медиҳанд, ки маркетинги бонкӣ аз таблиғи оммавӣ ва маҳсулотмарказӣ ба равишҳои муштаримарказ, шахсисозишуда ва рақамисозишуда гузаштааст, ҳамчунин фарқиятҳои муҳими кишварҳоро дар ин раванд инъикос мекунанд. Муаллиф қайд мекунад, ки дар Тоҷикистон, бо вуҷуди пешрафтҳои муайян, маркетинги рақамӣ пурра ҷорӣ нашудааст, ки сабабаш мушкилоти инфрасохтор, сатҳи пасти саводи молиявӣ ва рақамӣ, набудани таҳқиқоти пайвастаи маркетингӣ ва маблағгузории нокофӣ мебошад. Мақола зарурати омӯхтани таҷрибаи байналмилалӣ, истифодаи технологияҳои нав ва гузариш ба маркетинги фардисозишуда ҳамчун шарти асосии баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва рушди устувори бонкҳои тиҷоратиро таъкид менамояд.

Калидвожаҳо: маркетинги бонкӣ, маркетинги рақамӣ, рақамигардонӣ, инноватсияҳои маркетингӣ, фардисозии хизматрасонӣ, таҷрибаи ҷаҳонӣ, бонки рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ, тамоюлҳои маркетинг, навовариҳои молиявӣ, инфрасохтори рақамӣ

Ибодов Н.С.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОГО МАРКЕТИНГА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН: МАРКЕТИНГОВЫЕ ИННОВАЦИИ И МЕТОДЫ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Статья посвящена глубокому анализу влияния новых экономических условий и стремительного развития информационных технологий на развитие банковского маркетинга. Автор показывает, что жесткая конкуренция, глобализация и процесс цифровизации в корне изменили направление деятельности банков, заставив их перейти от традиционных методов к новым, персонализированным и цифровым подходам. Современный банковский маркетинг уже не является просто средством рекламы, а выступает в качестве комплексной стратегии, включающей глубокий анализ данных о клиентах, управление взаимоотношениями (CRM) и предоставление персонализированных услуг. В статье рассматривается опыт развитых стран, таких как США, Великобритания, Китай, Южная Корея и др., и приводятся практические примеры, такие как Erica (цифровой помощник Bank of America), KakaoBank (Южная Корея) и другие цифровые инструменты, использующие искусственный интеллект (ИИ) и Big Data для повышения удовлетворенности и лояльности клиентов. Аналитические таблицы в статье наглядно показывают, что банковский маркетинг перешел от массовой рекламы и продуктово-ориентированных к клиентоориентированным, персонализированным и цифровизированным подходам, а также отражают важные различия между странами в этом процессе. Автор отмечает,

что в Таджикистане, несмотря на определенный прогресс, цифровой маркетинг не реализован в полной мере, что обусловлено проблемами инфраструктуры, низким уровнем финансовой и цифровой грамотности, отсутствием системных маркетинговых исследований и недостаточным финансированием. В статье подчеркивается необходимость изучения международного опыта, использования новых технологий и перехода к персонализированному маркетингу как основных условий повышения конкурентоспособности и устойчивого развития коммерческих банков.

Ключевые слова: банковский маркетинг, цифровой маркетинг, цифровизация, маркетинговые инновации, персонализация услуг, мировой опыт, цифровой банк, информационные технологии, маркетинговые тенденции, финансовые инновации, цифровая инфраструктура.

Ibodov N.S.

FOREIGN EXPERIENCE IN DEVELOPING BANK MARKETING IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: MARKETING INNOVATIONS AND DIGITALIZATION METHODS

The article is devoted to a deep analysis of the impact of new economic conditions and the rapid development of information technology on the development of bank marketing. The author shows that fierce competition, globalization and the digitalization process have fundamentally changed the direction of banks' activities, forcing them to move from traditional methods to new, personalized and digital approaches. Modern bank marketing is no longer just an advertising tool, but acts as a comprehensive strategy that includes deep analysis of customer data, relationship management (CRM) and the provision of personalized services. The article examines the experience of developed countries such as the USA, UK, China, South Korea, etc., and provides practical examples such as Erica (Bank of America's digital assistant), KakaoBank (South Korea) and other digital tools that use artificial intelligence (AI) and Big Data to improve customer satisfaction and loyalty. The analytical tables in the article clearly show that banking marketing has moved from mass advertising and product-oriented to customer-oriented, personalized and digitalized approaches, and also reflect important differences between countries in this process. The author notes that in Tajikistan, despite some progress, digital marketing has not been fully implemented, which is due to infrastructure problems, low levels of financial and digital literacy, lack of systemic marketing research and insufficient funding. The article emphasizes the need to study international experience, use new technologies and move to personalized marketing as the main conditions for increasing the competitiveness and sustainable development of commercial banks.

Keywords: banking marketing, digital marketing, digitalization, marketing innovations, personalization of services, global experience, digital bank, information technology, marketing trends, financial innovations, digital infrastructure.

Дар солҳои охир тағйироти иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ба соҳаҳои молия ва бонкдорӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Шиддат гирифтани рақобат дар бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, ки бо принсипҳо, хусусиятҳои тағйирпазирӣ ва таносубҳо фарқ мекунанд, талаб менамояд, ки бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо хизматрасониҳои анъанавиро пешниҳод намоянд, балки бо дарназардошти имкониятҳои рушд усулҳои нави маркетингиро низ ба кор баранд, то ки заминаҳои воқеӣ барои ташаккули иқтидорҳои иқтисодӣ ва устувори рақобат фароҳам оварда шаванд.

Таҷрибаи хориҷии маркетинги бонкӣ аз маҷмӯи стратегияҳо ва воситаҳои гуногуни молиявӣ иборат аст, ки муассисаҳои молиявӣ дар пешбурди фаъолият ва таблиғи маҳсулот ва хизматрасониҳои худ дар сатҳи бозорҳои байналмилалӣ мавриди истифода қарор медиҳанд. Ин амал боиси ба вуҷуд овардани таҷриба дар самти таҳлили талабот ва имкониятҳои рушди фаъолият бо мутобиқсозии нақшаҳои маркетингӣ ба хусусиятҳои маҳал ва амалисозии нақшаҳои инноватсионӣ мегардад.

Дар амал маркетинги бонкӣ аз маҷмӯи чорабиниҳои гуногуни таҳлилӣ, стратегӣ ва ояндабинӣ иборат буда, ба ҷалби муштариён, нигоҳдории онҳо, такмили хизматрасониҳо ва рушди фаъолият дар бозор равона шудааст. Он чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- таҳлили бозор ва эҳтиёҷоти муштариён;
- рушди хизматрасониҳои нав;
- пешбурди маҳсулот ва хизматрасонӣ тавассути реклама ва аксияҳо;
- идоракунии муносибатҳо бо муштариён (CRM);
- таҳияи стратегияҳои рақобатпазирӣ.

Доир ба маркетинг дар фаъолияти бонкӣ олимон андешаҳои гуногун доранд. Яке аз олимони машҳури соҳа Филип Котлер таъкид мекунад, ки маркетинг дар бонкдорӣ на танҳо як воситаи фурӯш, балки як идеологияи стратегӣ ба ҳисоб рафта, тамоми сохтор ва фаъолияти ташкилотро фаро мегирад [9]. Дар натиҷаи рушди маркетинги бонкӣ зарурати такмили барномаҳо ва консепсияҳои маркетингӣ, таҳияи инфрасохтори маркетинги бонкӣ, сохторҳои нави ташкилӣ ва идоракунӣ, рушди хизматрасониҳои фардисозишуда ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ва инноватсиониро ба миён мегузорад.

Афзоиши рақобати бозорӣ боиси тағйироти ҷиддӣ дар назария ва амалияи маркетинги бонкӣ гардид.

Сабабҳои асосии чунин тағйиротҳо инҳо мебошанд:

- рушди техника ва технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ;
- суръати баланди ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- афзоиши талаботи муштариён ба низомҳои нави технологӣ;
- имконияти муштариён барои муқоисаи пешниҳодҳои бонкҳои гуногун дар шароити дастрасии оммавии иттилоот.

Маҳз омилҳои зерин боиси он гардидаанд, ки бонкҳо аз маркетинги оммавӣ ба маркетинги фардисозишуда (персонализатсия) ва дигар намудҳои маркетинг гузаранд, зеро дар шароити имрӯза муштариён на талаботҳои оммавиро, балки бештар роҳҳои ҳалли мушкилоти шахсии худро меҷӯянд.

Яке аз инноватсияҳои маркетингӣ ин рақамигардонии натиҷаҳо ва муносибатҳо дар соҳаи бонкдорӣ маҳсуб меёбад. Таҳлили таҷрибаи ҷаҳони нишон медиҳад, ки бонкҳое, ки дар стратегияи фаъолияти худ аз технологияҳои иттилоотӣ ва инноватсионӣ васеъ истифода мебаранд, на танҳо самаранокии фаъолияти худро баланд мебардоранд, балки эътимоди муштариёнро зиёд карда, рақобатпазирии худро дар бозор таъмин менамоянд.

Масъалан, KakaoBank (Кореяи Ҷанубӣ) ҳамчун яке аз бонкҳои рақамӣ дар бозори бонкӣ бе филиал фаъолият мекунад. Ин бонк ҳамаи хизматрасониҳои худро ба воситаи замимаҳои мобилӣ анҷом медиҳад, ки боиси кам шудани хароҷоти бонк ва афзоиши эътимоду қаноатмандии муштариён гардидааст.

Ҳамчунин, Erica – Bank of America (ИМА) чат-боти зеҳни сунъӣ мебошад, ки ба муштариёнаш нақшаҳои хароҷоти шахсӣ пешниҳод намуда, масълиҳатҳои муфид медиҳад. Тадқиқоти McKinsey нишон дод, ки дар натиҷаи истифодаи Erica сатҳ ва дараҷаи қаноатмандии муштариён то 30 фоиз афзоиш ёфтааст.

Бо дастрасии оммавӣ ба интернет ва арзон шудани тарофаҳои мобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти рӯ овардани бонкҳо ба истифодаи воситаҳои нави маркетингӣ имконпазир мегардад. Аз ҷумла:

- таблиғ тавассути низомҳои ҷустуҷӯӣ;
- паёмҳои SMS ва MMS;
- блокҳои рекламавӣ дар замимаҳои мобилӣ ва ғайра.

Интизор меравад, ки дар натиҷаи рушди технологияҳои 5G, имкониятҳои маркетинги бонкӣ васеъ гардида, маркетинги мобилӣ ба таври назаррас рушд хоҳад кард. Технологияҳои мазкур имкон медиҳанд, ки муошират интерактивӣ бо муштариён фаъол гардида, видео роликҳои баландсифат истифода гарданд ва пешниҳоди маҳсулоти фардисозишуда дар асоси ҷойгиршавии ҷуғрофии муштарӣ амалӣ карда шаванд.

Дар шароити рақобати шадид, барои дар сатҳи зарури таҳлил намудани хоҳишҳои муштариён ва пешгӯии онҳо бонкҳо маҷбуранд, ки бо суръат иттилоот ҷамъ кунанд ва таҳлил намоянд, то ки ба онҳо маҳсулоти мувофиқро пешниҳод намоянд. Ҳамин буд, ки маркетинги бонкӣ дар ташаккули худ як чанд марҳилаҳоро гузаштааст.

Ҷадвали 1. – Тамоюли рушди маркетинги бонкӣ

№	Марҳила	Маркетинги пештара	Маркетинги ҳозира
1.	Аз маҳсулот ба муштарӣ (Product → Customer)	Таваҷҷуҳ ба маҳсулот (суратҳисоб, қарз). Ҳама хизматрасониҳо барои ҳамаи муштариён якхела	Таваҷҷуҳ ба муштарӣ. Ҳар муштарӣ ҳамчун шахсияти инфиродӣ.
2.	Аз таблиғи оммавӣ ба шахсисозӣ (Mass → Personalization)	Таблиғ якхела барои ҳама: телевизион, радио, эълонҳо.	Шахсисозӣ бо таҳлили Big Data ва AI. Паёмҳо фардӣ..
3.	Аз филиалҳо ба рақамӣ (Branch → Digital)	Хизматрасонӣ асосан дар филиалҳо. Истифода ками Технологияҳо.	Хизматрасонӣ рақами: интернет, мобил, чатботҳо ва ғайра.
4.	Аз маълумоти умумӣ ба Big Data (General Data → Predictive	Маълумоти умумӣ синну сол, ҷинс, даромади тахминӣ.	Big Data барои таҳлили рафтор, афзалиятҳо, хавфҳо.
5.	Аз муошрати якҷониба ба дуҷониба (One-Way → Two-Way)	Муошрати яктарафа.	Муошрати дуҷониба: чат-бот, месенҷер, шарҳҳо.
6.	Аз маҳсулоти классикӣ ба хизматрасониҳои мураккаб (Traditional → Complex)	Суратҳисоб, қарз – Маҳсулоти асосӣ.	Хизматрасониҳои мураккаб: robo-advisors, Banking-as-a-Service, қарздиҳии рақамӣ.
7.	Аз маркетинг ҳамчун шӯъба ба стратегияи умумӣ (Dept. → Strategy)	Маркетинг ҳамчун як шӯъбаи реклама.	Маркетинг ҳамчун стратегияи умумии бонк: таҳияи маҳсулот, муносибати муштарӣ, нархгузорӣ ва ғ.
8.	Аз маркетинг бе масъулияти иҷтимоӣ ба CSR (Profit-Only → CSR)	Таваҷҷуҳҳ танҳо ба фоида.	Масъулияти иҷтимоӣ: сармоягузории сабз, кӯмак ба ҷомеа.
9.	Аз маълумоти анъанавӣ ба зеҳни сунъӣ (Traditional → AI)	Таҳлили маълумоти дастӣ ва оддӣ.	AI барои шахсисозӣ, моделсозӣ, чат-ботҳо ва ғайра.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Ҷадвал нишон медиҳад, ки дар солҳои охир маркетинги бонкӣ таҳаввулоти бузургро аз сар гузаронида, аз усулҳои анъанавӣ (оммавӣ) ба усулҳои фардисозӣ, моделсозӣ, зеҳнӣ ва стратегӣ гузаштааст. Агар қаблан диққати бештар ба таблиғи оммавии молу маҳсулот равона мешуд, ҳоло бошад таваҷҷуҳ ба муштарӣ ҳамчун асоси фаъолият ва шароиту мушкилоти ӯ нигаронида шудааст. Ин тағйирот аз чунин омилҳо сарчашма мегирад:

· Рушди технологияҳои рақамӣ – вусъати интернет, смартфонҳо, платформаҳои мобилӣ ва абрӣ, ки хизматрасониҳоро зуд, қулай ва фардӣ гардондаанд.

· Беҳтар шудани имкониятҳои таҳлили маълумот – истифодаи Big Data ва зеҳни сунъӣ (AI) имкон медиҳад, ки рафтор, эҳтиёҷ ва хавфҳои муштариён бодақиқтар пешбинӣ шаванд.

· Афзоиши рақобат дар бозор – бо пайдоиши challenger banks, fintech-ҳо ва моделҳои нави хизматрасонӣ, бонкҳои анъанавӣ маҷбур шуданд, ки бештар ба навовариҳо ва таҷрибаи муштарӣ таваҷҷуҳ кунанд.

· Дастрасии қуллай ва осони хизматрасониҳо – имрӯз муштариён мехоҳанд, ки хизматрасониҳо на танҳо босифат, балки фардӣ ва дастрас бошанд.

· Талаботи иҷтимоӣ ва масъулияти корпоративӣ – ҷомеа аз муассисаҳои молиявӣ на танҳо манфиат, балки гузоштани саҳм дар рушди иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳитро интизор аст.

Маълум мегардад, ки маркетинги бонкӣ дар шароити муосир на танҳо як василаи ҷалби муштарӣ ва фурӯши маҳсулот, балки қисми муҳими стратегияи тиҷоратӣ ва таъмини устувории молиявии бонк ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати расидан ба ин устувории молиявӣ бонкҳоро зарур аст, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯи навовариҳо, усулҳои нави идоракунӣ ва фурӯши молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, истифодаи технологияҳои пешрафта ва усулҳои фардисозии хизматрасониҳо бошанд, то ки ба талаботҳои муштариёни серталаб ва бозорҳои муосир посухи муносиб дода тавонанд.

Дар рушди маркетинги муосири бонкӣ ҳамчун як ҷанбаи муҳим ин тадқиқоти пайвастаи рафтори муштариён ба ҳисоб меравад, зеро маҳз тадқиқотҳо метавонанд мушкилотро бартараф намуда, роҳҳои инкишофи маркетинги бонкиро пешниҳод намоянд. Мутаасифона, дар амалияи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи тадқиқотҳои маркетингӣто ҳол васеъ ва мунтазам ба роҳ монда нашудааст. Чунин тадқиқотҳо аксаран яквақта ва пароканда мебошанд, ки имкони дарёфти маълумоти пурра ва фарогирро намедиҳанд.

Аз ин лиҳоз, тадқиқотҳо бояд фарогири чунин самтҳо бошанд:

- талабот ва дигар ниёзҳои пинҳонии муштариён муайян карда шаванд;
- тамоюлҳои рафтори молиявӣ ва иқтисодии муштариён таҳлил ва амиқ карда шаванд;
- сабабҳои норозигии муштариён ва сатҳи қаноатмандии онҳо ба пуррагӣ муайян карда шуда, чораҳои мушаххас андешида шавад;
- рафтори ояндаи муштариён бо истифода аз AI моделсозӣ карда шавад.

Олимон (Ф.Котлер, П. Друкер, А.В. Кожухов) ба он назаранд, ки маркетинги бонкӣ, бояд як низоми муттаҳидкардашудае бошад, ки он тамоми ҷанбаҳои фаъолияти бонк - аз идоракунӣ то фурӯшро дар бар гирад [5, 6, 8, 9, 10].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вуҷуди дастрасии васеъ ба интернет, ҳоло ҳам маркетинги бонкии муосир (маркетинги рақамӣ, маркетинги мобилӣ, маркетинги фардисозӣ ва ғ.) ба пуррагӣ истифода намегардад. Аз ин ҷиҳат бонкҳои тиҷоратиро мебояд:

· тадқиқоти пайвастаи маркетингиро дар самти рафтори муштариён ба роҳ монанд;
· фардисозии хизматрасониҳоро бо истифода аз Big Data амалӣ намоянд;
· зеҳни сунъиро дар хидматрасонӣ ҳар чӣ бештар ҷорӣ кунанд;
· консепсияи таҷрибаи муштариро ҳамчун стратегияи асосӣ қабул намоянд.

Танҳо дар сурати амалисозии чунин иқдомҳо бонкҳои тиҷоратии кишвар метавонанд боварии муштариёнро зиёд созанд, афзоиши рақобатро таъмин намоянд ва бозорҳои навро ба миён оранд.

Дар шароити муосир маркетинги бонкӣ на ҳамчун як ҷузъи фаъолияти бонк мебошад, балки як ҷанбаи муҳими стратегӣ ва таъмини устувории молиявӣ ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, бонкҳое, ки аз имкониятҳои маркетинги муосир бештар истифода мебаранд, имкониятҳои васеъ барои нигоҳ доштани афзалияти рақобатпазирӣ дар бозори тағйирёбандаи молиявӣ пайдо мекунанд.

Яке аз самтҳои муҳими рушди маркетинги бонкӣ ин инноватсияҳои бонкӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар натиҷаи таҷрибаҳои хориҷии тадбиқи маркетинги бонкӣ амалӣ карда мешавад. Таҷрибаҳои хориҷӣ нишон медиҳанд, ки дар ин самт сохторҳои бонкии кишварҳои тараққикарда то андозае пеш рафтаанд. Яъне, онҳо дар фаъолияти худ барои рақобатпазир гардидан доимо аз навовариҳо истифода мебаранд ва онҳоро такмил медиҳанд. Дар ҳақиқат рушди иқтисод ва ҷомеа таҳқиқи пайвастаи навовариҳоро талаб мекунад.

Бо мақсади ба даст овардани рақобати комил дар бозори фурӯш бонкҳои тиҷорати кӯшиш менамоянд, ки аз рақибони худ бартари пайдо намоянд ва рақобатпазир гарданд. Дар чунин ҳолат бонкҳо таваҷҷуҳи бештар ба наовариҳо ва татбиқи онҳо медиҳанд.

Дар шароити муосир навовариҳои маркетингӣ дар фаъолияти бонкӣ мавқеи махсусро ишғол мекунанд, зеро онҳо асоси муваффақиятҳои бонкро ташкил медиҳанд. Навовариҳои маркетинги боиси ба вуҷуд омадани шаклҳои нав ва боз ҳам қуллайтари хизматрасониҳо

мегардад. Аз ин хотир, муштариён доимо аз навовариҳои маркетингии бонкҳо пайгирӣ менамоянд.

Дар умум, навовариҳои маркетингӣ бо фаъолияти мақсаднок равона шуда, ба эҷод, азхудкунии истеҳсолӣ ва навовариҳои маҳсулот ва хизматрасонӣ дар бозор алоқаманд аст [5, с.81].

Молодоженова В.Л. дар корҳои илмии худ чунин таърифи навовариро пешниҳод мекунад: «Навоварии маркетингӣ ин чунин навовариест, ки бо пешбурд, технологияи амалисозӣ ва эҷоди маҳсулот ё хизмати нав вобаста аст, ки дорои як қатор хусусиятҳои фарққунанда мебошад ва аз он чизе, ки қаблан истифода мешуд фарқ мекунад» [14, с.68].

Лихобабин В.К. ба он назар аст, ки пайдоиши абзорҳои инноватсионии маркетингӣ дар соҳаи молия ба бонкҳо имконияти бештарро барои афзоиши фурӯши хизматрасониҳо ва баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии муштариён фароҳам меорад. Ба андешаи ӯ, маҳз ҳамон бонкҳои тиҷоратие, ки фаъолияти худро бо тамоюлҳои маркетингии нав мутобиқ месозанд ва навсозӣ мекунанд, метавонанд ба мавқеи устувор дар муҳити бозорӣ умед банданд [13, с.47].

Олими дигари рус Бабурин В.А. андеша дорад, ки навоварии маркетингӣ як ангезандаи муайян барои ташаккули консепсияҳои нави маркетингӣ дар бонкҳо мебошад, ки ба пешбурди маҳсулот ва хизматрасониҳо равона шудааст [2, с. 89].

Кишварҳои пешрафтаи саноатии ҷаҳон (ИМА, Германия, Ҷопон, Фаронса, Британияи Кабир, Италия, Канада, Кореяи Ҷанубӣ, Австралия, Нидерланд, Шветсия, Швейтсария, Белгия, Норвегия, Дания, Финландия) пешравиҳои бузурги илмию техникӣ дар соҳаи фаъолияти маркетинки бонкӣ нишон дода истодаанд. Дар ин давлатҳо навтарин ва пешқадамтарин технологияҳои маркетингӣ рӯи кор омада, барои ҷалби бештари муштариён дар бахши бонкдорӣ ва молиявӣ истифода гардида истодаанд. Аз таҷрибаҳои онҳо дар амалияи бонкдории кишвар ба тариқи ҳамкории дуҷониба метавон васеъ истифода бурд. Дар амалияи бонкдории Тоҷикистон навовариҳои маркетингӣ нисбатан дертар ҷорӣ гардидаанд, вале онҳо аз тарафи намояндагони соҳаи молия дастгирӣ ёфтанд.

Таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷии дар амал ҷорӣ намудани навовариҳои маркетингии давлатҳои пешрафта дар ҷадвали 2 пешниҳод шудааст.

Ҷадвали 2. – Таҳлили муқоисавии таҷрибаи хориҷӣ ва истифодаи он дар амал

	Навоварии маркетингӣ	**Истифода дар амалияи Русия ва Тоҷикистон**
Bankinter (Испания)	Бонки мобилӣ (Mobile Banking) – хизматрасониҳо пурра тариқи замимаи мобилӣ, имкони кушодани суратҳисоб, пардохти хизматрасониҳо, идоракунии суғурта ва интиқоли маблағ	Тақрибан ҳамаи бонкҳои бузург ва миёнаи Русия (Сбербанк, ВТБ, КС Банк ва ғ.) чунин шакли хизматрасониро ҷорӣ кардаанд. Дар Тоҷикистон бошад, бонкҳои калон ба монанди Амонатбонк ва бонки Эсхата қадамҳои аввалинро дар ин самт гузоштаанд.
Bankinter (Испания)	Видео-консултантҳо – хизматрасонии видеоӣ барои машварати шахсӣ бо муштариён дар масъалаҳои молиявӣ бе зарурати ҳузури шахсӣ	Чунин шакли хизматрасони танҳо дар якчанд бонкҳои алоҳидаи Русия (Сбербанк) дар шакли озмоиши истифода шудааст. Дар Тоҷикистон чунин шакли хизматрасонӣ ҳоло истифода нагардидааст.
Umpqua Bank (ИМА)	Истифодаи гаҷетҳои муосир - (замимаҳо, таҷҳизоти электронӣ) дар фурӯш ва хизматрасонӣ, ба монанди планшетаҳо дар филиалҳо барои хизматрасонӣ	Аксари бонкҳои Русия (Алфа-Банк, Сбербанк ва ғ.) ин таҷрибаро қабул кардаанд. Дар Тоҷикистон танҳо баъзе бонкҳо дар марказҳои хизматрасонии худ аз планшетҳо истифода мебаранд, аммо ба таври оммавӣ ҳанӯз ҷорӣ нашудааст.

Commonwealth Bank (Австралия)	Веб-платформаи Idea Bank – веб-сайти махсус, ки ба муштариён имконият медиҳад, ки идеяҳои худро барои тавлиди маҳсулоти нав ва ё такмил додани хизматрасониҳои мавҷуда пешниҳод намоянд.	Дар амалияи Тоҷикистон ҳоло чунин веб-платформаҳо амал намекунанд. Ин шакли иштирок фикрронии мустақими муштариён метавонад барои таҳияи маҳсулоти нав хеле самаранок бошад, аммо дар сатҳи рушди техникӣ то ҳол амалӣ намешавад. Амалигардонии чунин платформаҳо имкониятҳои зиёди рушди бонкро таъмин месозанд.
Santander (Шветсия)	Паст кардани фоизҳои қарзӣ (аз 5-7% то 0,5-3%) барои ҷалби муштариёни зиёд ва бо мақсади рақобати шадид дар бозор.	Дар Тоҷикистон сатҳи баланди хавф ва арзиши маблағгузорӣ имкони тадбиқи чунин иқдомро маҳдуд мекунад. дар ҳолати мавҷудияти тадбиқи чунин амал имкон медиҳад, ки бонкҳо рақобатпазир гарданд.
Ally Bank (ИМА)	Истифодаи рекламаҳои эҳсосӣ – намоиши саҳнаҳои бозии кудакон дар видеороликҳо бо мақсади таъсиргузорӣ ба эҳсосоти муштариён ва баланд бардоштани боварии онҳо	Дар амалияи бонкдории Русия чунин навъи рекламаҳо кам истифода мешаванд ва асосан ба брендҳои ғайримолиявӣ хосанд. Дар Тоҷикистон бошад, бонкҳо бештар ба рекламаҳои анъанавӣ такя мекунанд ва истифодаи рекламаи эҳсосӣ хеле маҳдуд аст.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Тавре ки аз ҷадвал маълум гардид, дар амалияи фаъолияти бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қисми навовариҳои маркетинги бонкии давлатҳои тараққикарда мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бахусус истифодаи амалиётҳои бонки тавассути барномаҳои мобилӣ ва истифодаи гаҷетҳои муосир. Аммо як қатор навовариҳои маркетинги бонкии давлатҳои хориҷ ҳанӯз дар амалияи бонкдории кишвар мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Ба монанди веб-платформаҳои интерактивӣ барои гирифтани идеяҳои муштариён, видео-консультантҳо, рекламаи эҳсосӣ ва баъзе шаклҳои рекламаи ғайрианъанавӣ. Дар истифодаи маркетинги бонки фарқи асоси миёни тачрибаи хориҷӣ ва дохилӣ дар он аст, ки дар кишварҳои хориҷ бонкҳо тамоми муносибатҳояшонро бо иштироки фаъолонаи муштариён анҷом медиҳанд.

Дар давлатҳои пасошӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон таваҷҷуҳи бештар ба ҷорӣ намудани барномаҳо ва технологияҳои мобилӣ ва дастрасии хизматрасониҳо тавассути интернет зоҳир мегардад. Аммо консепсияҳои мураккаби навовариҳо ҳанӯз ба таври кофӣ таҳия ва амалӣ нашудааст.

Сабабҳои асосии ин ақибмонӣ набудани инфрасохтори мукаммал, паст будани сатҳи маблағгузорӣ барои тачрибаҳои навоварӣ ва паст будани саводнокии молиявии аҳолӣ ба ҳисоб мераванд.

Барои пурратар муқоиса намудани маркетинги бонкии кишвар бо тачрибаи давлатҳои пешрафта, зарур аст, ки баъзе хусусиятҳо, афзалиятҳо ва камбудиҳои маркетинги бонкии давлатҳои тараққикардаро таҳлил намоем. Чунин таҳлил дар ҷадвали 3 пешниҳод гардидааст.

Ҷадвали 3. – Хусусиятҳои маркетинги бонкӣ дар давлатҳои тараққикарда

Кишвар	Хусусиятҳои фарққунанда	Афзалиятҳо	Камбудиҳо
ИМА	Маркетинги рақамӣ, бонкҳои рақобатпазир, инноватсия	Истеҳсолоти баланди маҳсулоти нав, тачриба бо Big Data	Мушкилоти махфият ва бехатарии маълумотҳо
Британияи Кабир	Таваҷҷуҳ ба нео-банкҳо ва «Open Banking»	Хизматрасонии шаффоф ва рақобатнок	Қонунгузории сахт ва душвор барои навовариҳо
Олмон	Таваҷҷуҳ ба эътимод ва анъанаҳои устувор	Мизоҷони вафодор, имичи устувор	Суст будани раванди рақамисозӣ дар баъзе бахшҳо

Ҷопон	Хизматрасонии мизоҷ бо сатҳи хеле баланд	Сифати олӣ, эътимоди мизоҷон	Паст будани суръати қабулкунии технологияҳои нав
Чин	Бонкдории мобилӣ ва платформаҳои финтек	Интегратсияи амиқ бо экосистемаи рақамӣ (WeChat, Alipay)	Мушкилоти махфият, назорати давлат
Кореяи Ҷанубӣ	Хизматрасонии рақамӣ бо сатҳи хеле пешрафта	Навоварии баланд, истифодаи васеи мобилбанк	Пойгоҳи кӯҳнаи муштариён, ки технологияи навро суст қабул мекунад
Сингапур	Маркази минтақавии молиявӣ ва финтек	Қонунгузории муносиб, дастгирии давлат	Рақобати шадид байни бозигарони молиявӣ
Шветсия	Таваҷҷуҳ ба «Cashless society» ва бонкдории рақамӣ	Пардохтҳои осон, истифодаи васеи технологияҳо	Ризокории пасти гурӯҳҳои калонсол ба рақамисозӣ
Испания	Бонкҳои бузург бо шабакаи васеъ	Инноватсия дар маҳсулоти банкомат ва рақамӣ	Баъзе минтақаҳо ҳанӯз ҳам бо бонкдории анъанавӣ маҳдуданд
Ҳиндустон	Таваҷҷуҳ ба фарогирии молиявӣ ва бонкдории рақамӣ	Рушди босуръати бонкдории рақамӣ, сармоягузорӣ аз давлат	Норасоии инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳои деҳот

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Аз ҷадвали овардашуда маълум мегардад, ки ҳар як давлат вобаста ба хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии худ ба маркетинги бонкӣ муносибатҳои махсус доранд. Бархе аз давлатҳои тараққикарда ба монанди ИМА, Кореяи Ҷанубӣ, Чин ва Шветсия дар самти рақамисозии муносибатҳои молиявӣ ва инноватсияҳои маркетингӣ пешсаф мебошанд.

Давлатҳои Олмон ва Ҷопон бошанд, бештар ба боварии муштариён такя намуда, рушди фаъолияти бонкӣ ва маркетинги бонкии худро дар ин замина таъмин намудаанд.

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки аксаран камбудиҳо ин суст будани низоми қонунгузорӣ, набудани инфрасохтори бонкдории рақамӣ ва дастрас набудан ба навоварии технологӣ мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва афзоиши рақобат яке аз омилҳои рушди устувор ва ҷалби муштариён дар фаъолияти бонкӣ ин истифодаи самараноки усулҳои маркетинг ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки яке аз муваффақиятҳои тиҷоратии бонкҳои хориҷ ин дар сатҳи баланд қонеъ гардонидани талаботҳои муштариён ва таъмини муносибатҳои дарозмуддати онҳо мебошад. Аз ин рӯ, омӯхтани таҷрибаи хориҷии истифодаи маркетинги бонкӣ барои кишварҳои рӯ ба рушд аҳамияти назаррас дорад.

Иёлоти Мутаҳидаи Амрико (ИМА) яке аз давлатҳои пешрафта дар соҳаи бонкдорӣ мебошад. Бонкҳои амрикоӣ ба маркетинг ҳамчун воситаи муҳими стратегӣ муносибат мекунанд.

Масалан, JPMorgan Chase ва Bank of America бо таҳлили васеи маълумоти муштариён (Big Data) хизматрасониҳои инфиродӣ (таҳияи нақшаи даромад ва хароҷоти шахсӣ, машваратҳои сармоягузорӣ, ҳисоби пасандози шахсӣ ва ғ.) пешниҳод мекунанд. Дар Амрико CRM-платформаҳо барои идоракунии муносибатҳо бо муштариён нақши муҳим мебозад.

ИМА дар соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ яке аз давлатҳои пешсаф буда, тавонистааст, ки бо пешниҳоди навовариҳои бонкӣ дар ҷаҳон рақобатпазир бошад. Маркетинги бонкӣ, ки яке аз қисматҳои калидии рушди устувори бонкиро дар ин кишвар ташкил медиҳад ба сатҳи хело баланди технологӣ ва фардисозӣ расидааст. Масалан, “JPMorgan Chase” - яке аз калонтарин бонкҳои ҷаҳон буда, аз технологияҳои таҳлили маълумоти калон (Big Data) барои таҳияи пешниҳодҳои шахсисозишуда истифода мебарад. Дар ин бонки барномаи Chase Offers истифода мегардад, ки маълумотҳои муштариёнро таҳлил намуда, ба онҳо пешниҳоди тахфиф месозад. Ин барнома на танҳо хизматрасонӣ мекунад, балки ба бонк даромадҳои иловагӣ меорад.

Барномаи дигаре, ки дар Амрико истифодаи васеъ дорад, ин барномаи Erica Bank of America мебошад. Ин барнома яке аз навовариҳои муҳим дар пешсафсозии бонкдории рақамӣ ба ҳисоб меравад. Erica ҳамчун ассистенти рақамӣ (Digital Assistant) арзёбӣ гардида, бо истифода аз технологияҳои интелекти сунъӣ (AI) ва коркарди забони табиӣ (NLP) ба муштариён хизмат мерасонад. Бо ҷолибият ва имкониятҳои васеи худ танҳо дар солҳои аввали фаъолият Erica тавонистааст, ки зиёда аз 10 миллион муштариро ҷалб кунад. Ин нишон медиҳад, ки талабот ба хизматҳои рақамӣ дар муҳити бонкдорӣ хеле баланд аст ва Erica тавонистааст, ки натиҷаҳои хуб нишон диҳад.

Имкониятҳои барномаи Erica хеле зиёд буда, дар соҳаи бонкдорӣ муфид мебошад. Он ба мизоҷон имконият медиҳад, ки маслиҳатҳои шахсӣ дар бораи буҷети шахсӣ (personalized budgeting advice) гиранд, инчунин иттилоот дар бораи пардохтҳои қарзӣ ба даст оранд ва имкониятҳои сармоягузориро омӯзанд.

Бо ин васила, Erica ҳамчун воситаи баланд бардоштани таҷрибаи муштариён (customer experience) ва афзоиши содиқӣ (customer loyalty) хизмат мекунад. Ин амалро метавон намунаи персонализатсияи (фардисози)-и хизматрасониҳои молиявӣ ҳисобид, ки дар иқтисоди рақамӣ муҳим мебошад.

Инчунин, Wells Fargo - яке аз чор бонки бузурги ИМА ба ҳисоб рафта, соли 1852 таъсис ёфтааст. Ин бонк дар ҷараёни рақамисозии хизматрасониҳояш CRM-платформа (Customer Relationship Management)-ро истифода мебарад. Бо истифодаи CRM бонк имконият пайдо намудааст, ки маълумотҳои калони муштариёнро ҷамъоварӣ созад ва онҳоро таҳлил намояд, вобаста ба ин рафтори ҳар як муштариро дар алоҳидагӣ омӯзад ва ҳар як шахсро ҳамчун сегменти алоҳида (individual segment) таҳлил намояд. Ин равиш ба маркетинги фармоишӣ (customized marketing) ва пешниҳоди хизматрасониҳои мувофиқ мусоидат мекунад, ки имрӯз ба яке аз самтҳои муҳими маркетинги бонкӣ мебошад.

Ҳамчунин, дар Амрико Wells Fargo бо финтек-компанияҳо ҳамкорӣ намуда, маҳсулоти рақамии инноватсионӣ тавлид месозад, сифати хизматрасониҳои рақамиро баланд бардошта, ба ин васила мавқеи худро дар рақобати бозори молиявӣ мустаҳкам менамояд. Ҳамкорӣ бо финтекҳо дар шароити имрӯза як намунаи хуби экосистемаи кушодаи молиявӣ (open financial ecosystem) мебошад, ки ба рушди банкинги рақамӣ (digital banking) ва таҳкими фарогирии молиявӣ (financial inclusion) мусоидат мекунад.

Амалигардонии чунин барномаҳо (BoA ва Wells Fargo) имкон медиҳанд, ки инноватсияҳои рақамӣ, ба мисли ассистентҳои рақамӣ ва CRM-платформаҳо, ба рушди фаъолияти бонкҳо бевосита таъсир расонида, ба баланд бардоштани сатҳи қаноатмандии муштариён, персонализатсияи хизматрасониҳо ва таъмини самаранокии амалиётҳои бонкҳо мусоидат кунад.

Ин раванд як ҷузъи муҳими рақамикунонии маркетинги бонкӣ дар Амрико буда, дар асоси истифодаи технологияҳои интелекти сунъӣ (AI), Big Data Analytics, CRM ва ҳамкорӣ бо финтекҳо рақобатпазирии бонкҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳон таъмин менамояд.

Британияи Кабир яке аз давлатҳои аз ҷиҳати технологияҳои рақамӣ пешсаф ба ҳисоб рафта, тавонистаанд рушди фаъолияти бонкии худро дар асоси технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳои маркетингӣ таъмин намоянд. Бонкҳои Британияи Кабир яке аз тадбиқгарони маркетинги инфиродӣ (personalized marketing) дар низоми молиявӣ ба ҳисоб мераванд. Ин бонкҳо бо истифода аз технологияҳои муосир ва равишҳои инноватсионӣ, таҷрибаи муштариёнро беҳтар намуда, самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии худро дар бозори ҷаҳонӣ таҳким мебахшанд.

Дар Бри танияи Кабир назорати молиявии инфиродӣ “Barclays Bank” барномаи мобилие таҳия намудааст, ки тавассути он муштариён метавонанд назорати пурраи ҳисобҳои бонкии худро (bank accounts) анҷом диҳанд.

Ин равиш ҳамчун як намунаи нави бонкинги мобилӣ (mobile banking) буда, инкон медиҳад, ки рушди бонкинги рақамӣ (digital banking) таъмин карда шавад ва ба фарогирии молиявӣ (financial inclusion) мусоидат намояд.

Ҳамчунин, дар Британияи Кабир барномаи Digital Eagles истифода шудааст. Мақсади асосии ин барнома баланд бардоштани саводнокии рақамӣ (digital literacy) ва молиявии муштариён мебошад. Зимни амалии ин барнома муштариён оиди тарзи истифодаи маҳсулоти бонкӣ ва хизматрасониҳои рақамии бонкӣ маълумот гирифта, боварӣ ва эътимоди онҳоро нисбат ба технологияҳои рақамӣ тақвият бахшида, саҳифаҳои муҳими стратегии бонкинги муштаримарказ (customer-centric banking strategy)-ро ба миён меорад.

Ин раванд дар доираи Open Banking ва рушди экосистемаи молиявӣ (financial ecosystem) хеле муҳим мебошад ва ба принсипҳои фарогирии молиявӣ (financial inclusion) ва муштаримарказӣ (customer-centricity) ҷавобгӯ аст.

Таҷрибаи бонкдории Британияи Кабир нишон медиҳанд, ки рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои навин (AI, Machine Learning, CRM, Open Banking) яке аз самтҳои муҳими рушди низоми банкии муосир мебошанд.

Бонкҳои Британия бо пешниҳоди сатҳи баланди маҳсулотҳои рақамии инноватсионӣ ва усулҳои фардисозӣ дар маркази таваҷҷуҳ ва рушди экосистемаи молиявии рақамии ҷаҳон қарор доранд ва метавонанд ҳамчун намуна, барои дигар кишварҳо хизмат кунанд.

Олмон давлате мебошад, ки аз ҷиҳати бонкдорӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дар сатҳи байналмилалӣ маъруф аст. Маъруфияти Олмон на танҳо дар нишондиҳандаҳои молиявӣ, балки дар рушди маркетинги бонкӣ, тавлиди маҳсулоти нав ва инноватсияҳои рақамӣ низ зоҳир мегардад.

Инноватсияҳои маркетингӣ дар Олмон аз ду сарчашма ба вуҷуд меоянд:

1. Талаботи бозор. Дар Олмон муштариён ба молҳои баландсифат талаботи бештар доранд;
2. Рақобати шадид. Барои тоб овардан дар рақобати шадид олмониҳо маҷбур мешаванд, ки молҳои нав истеҳсол кунанд, яъне ба навоварӣ рӯ оваранд.

Дар Олмон Deutsche Bank соли 2016 «Digital Factory»-ро дар Франкфурт таъсис дод. Ин як маркази тадқиқотӣ ва таҳия мебошад, ки коршиносони гуногунсоҳа аз барномасозон то таҳлилгарони маълумот ва дизайнерҳоро муттаҳид сохтааст.

Ҳадафҳои асосии он истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои рақамии нави ба эҳтиёҷоти муштариён ҷавобгӯ ба ҳисоб рафта, ба ин васила онҳо мехоҳанд вақти баровардани маҳсулоти нав ба бозорро (time-to-market) коҳиш диҳад.

Олмониҳо афзоиши рақобатпазирӣ тавассути истифодаи технологияҳои рақамии навро як равиши ба назарияи маркетингӣ мувофиқ меҳисобанд, ки онро маркетинги инноватсионӣ (Innovation Marketing) меноманд. Дар ин раванд, маҳсулот ё хизматрасониҳои нав ҳамчун манбаи дифференсиатсия истифода мешаванд, то мавқеи бонк дар бозор мустаҳкам шавад.

Дар Олмон Digital Financial Advisor ҳамчун як маҳсулоти рақамии Deutsche Bank мебошад, ки бо истифода аз алгоритмҳои зеҳни сунъӣ (Artificial Intelligence, AI) ва омӯзиши мошинӣ (Machine Learning, ML) ба муштариён маслиҳатҳои инфиродӣ ва ёриҳои шахсӣ мерасонад.

Ин навъи маҳсулоти рақамӣ ба маркетинги шахсӣ (Personalized Marketing) асос ёфтааст. Дар асоси ин афзалиятҳо ва ниёзҳои муштариён таҳлил карда шуда, хизматрасониҳо фардисозӣ мешаванд. Тибқи назарияи маркетинг чунин амал боиси баланд шудани сатҳи қаноатмандии муштариён (Customer Loyalty) мегардад.

Дар Олмон Commerzbank фаъолият мекунад, ки ҳамчун яке аз пешсафони истифодаи Predictive Analytics (Таҳлили пешгӯишаванда) мебошад. Predictive Analytics маҷмӯи усулҳои оморӣ ва зеҳни сунъӣ мебошад, ки барои пешгӯии рафтори муштариён, муайянсозии дараҷаи талабот ба маҳсулот, сатҳи хавфҳои қарзӣ ва ё дигар равандҳои тиҷоратии муштариён истифода мешавад. Бо истифода аз чунин барномаҳо қарорҳои идоракунӣ на бо эҳсосот, балки бо далелҳои оморӣ қабул карда мешаванд.

Ҳамин аст, ки Commerzbank тавозуни нозук байни шахсисозӣ ва махфиятро нигоҳ медорад, ки ин дар соҳаи молия дар аврупо як раванди муосир ба шумор меравад.

Бонкҳои олмонӣ, хусусан Deutsche Bank ва Commerzbank, нишон медиҳанд, ки инноватсияҳои технологӣ ва маркетингӣ як қисми ҷудонашавандаи стратегияҳои рушди онҳо мебошанд.

Соҳаи бонкдорӣ дар Нидерландия яке аз пешрафтатарин ва рақамитарин ба ҳисоб меравад. Нидерландия бо навовариҳои технологӣ ва тамоюлҳои маркетинги муосир шинохта шудааст. Дар ин давлат ду бонки калонтарин ING Group ва Rabobank дар ин самт нақши муҳим доранд. ING Group яке аз калонтарин моликони бонкҳои чакана ва корпоративӣ дар ҷаҳон буда, он дар беш аз 40 кишвари ҷаҳон фаъолият мекунад ва яке аз пионерҳои воқеии бонкдории рақамӣ (Digital Banking Pioneer) дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад.

Дар Нидерландия ҳанӯз соли 1997 ING аввалин бонки рақамии худро таъсис дод (ING Direct). Ҳоло бошад ин бонк зиёда аз 20 миллион муштариёни рақамӣ дорад. Бонк (ING Direct) тавонистааст, ки фаъолияти худро пурра рақамӣ ба роҳ монад ва ин имкон дод, ки муштариён бештари хизматрасониҳоро пурра онлайн анҷом диҳанд, аз кушодани ҳисоб то сармоягузорӣ. Дар шароити имрӯзаи бонкдории Тоҷикистон ин бисёр як таҷрибаи хуб мебошад.

Вазифаҳои асосии ин бонк (ING Direct) муомилоти байналмилалӣ (Trade Finance), идора кардани пулҳои нақди муштарӣ (Cash Management), нақдкунии маблағҳо (Liquidity Management), муомилоти асъорӣ ва молиявӣ мебошад.

Системаи ин бонк чунон ҳушбин омода карда шудааст, ки агар як муштарӣ каме бештар маблағ сарф кунад, система автоматики огоҳӣ диҳад ва роҳи сарфаи малбағҳоро пешниҳод менамояд, ки ин ба манфиати муштариён мебошад.

Бонкдории Нидерландия нишон медиҳад, ки чи гуна маркетинг ва технология дар соҳаи молия бо ҳам пайваст шудаанд. Дар ин давлат ING Group бо Think Forward ва ING InsideBusiness ба мизоҷон таҷрибаи рақамии олӣ ва хизматҳои шахсисозишударо пешниҳод мекунанд. Rabobank бошад, ба кишоварзон хизматрасонии рақамии фаъолона мерасонад ва дар ин самт таҷрибаи хуб дорад.

Испания яке аз кишварҳои пешсаф дар истифодаи маркетинги рақамӣ мебошад. Дар Испания Banco Santander фаъолият мекунад, ки яке аз намунаҳои ширкатҳои молиявии рақамӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин кишвар барномаи Santander One амал мекунад, ки маҳсулот ва хизматрасониҳоро ба талаботи муштарии алоҳида мутобиқ мекунад. Santander дар баробари маркетинги маҳсулот, ба маркетинги иҷтимоӣ (Social marketing) низ диққати ҷиддӣ медиҳад.

Дар Норвегия DNB Bank як намунаи хуби истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар маркетинг мебошад. Бонк тариқи сомонаҳои Instagram ва YouTube видеоҳои омӯзиши месозад ва бо ин роҳ муштариёнро ҷалб менамояд. DNB дар бахши қарздиҳии манзил (mortgage) бо пешниҳоди хизматҳои рақамӣ нисбат ба дигар бонкҳо бартарӣ дорад.

Дар Аврупо тамоюли асосӣ рақамикунонӣ ва маркетинги рақамӣ мебошад. Deutsche Bank, ING Group ва Santander хидматрасониҳои мобилӣ ва онлайнро васеъ гардонида, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ бо муштариён муошират мекунанд. Ин бонкҳо бо роҳи пешниҳоди хизматрасонии рақамӣ ва хизматҳои “омехта” (финтек + бонкдорӣ) мавқеи худро дар бозор тақвият медиҳанд.

Дар кишварҳои Осиё, махсусан Чин ва Кореяи Ҷанубӣ, маркетинги бонкӣ ба ҳамгироии бонкдорӣ бо платформаҳои технологӣ (WeChat Pay, KakaoBank) асос ёфтааст. Ин усулҳо на танҳо хизматрасонии молиявиро осон мекунанд, балки муштариёнро ба экосистемаи васеи рақамӣ ҷалб менамоянд.

Дар асоси таҳлилҳои овардашуда усулҳои маркетинги бонкиро дар чунин шакл метавон пешниҳод намуд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки маркетинги бонкӣ на танҳо фазои ҷалби муштариён, балки як ҷузъи стратегии рушди устувори бонкҳо буда, рақамигардонӣ, фардисозии хизматрасониҳо, истифодаи зеҳни сунъӣ (AI), Big Data ва CRM-платформаҳо унсурҳои калидии рушди маркетинги муосири бонкӣ мебошанд.

Барои бонкҳои кишварҳои рӯ ба рушд омӯзиши ин таҷриба ва мутобиқсозии он ба шароити миллӣ метавонад имкониятҳои навро фароҳам созад. Бонкҳои пешрафта бо истифода аз инноватсияҳои маркетингӣ, ба монанди ассистентҳои рақамӣ (мисли Erica), банкинги мобилӣ, платформаҳои интерактивӣ ва рекламаи эҳсосӣ, сатҳи қаноатмандӣ ва эътимоди муштариёнро ба таври назаррас баланд бардоштаанд.

Ҷадвали 4. – Усулҳои муосири маркетинги бонкӣ дар кишварҳои хориҷӣ

Усул	Моҳият	Хусусиятҳо
Шахсисозии хизматрасонӣ (Personalization)	- Муштариро як шахси инфиродӣ ҳисобидан - Таҳлили маълумоти шахсӣ (хароҷот, пасандоз, афзалиятҳо); - Пешниҳоди маҳсулот ё хизматрасонӣ мувофиқи эҳтиёҷоти шахсӣ.	• Bank of America (ИМА) — Erica тавсия медиҳад: «Шумо барои нақлиёт 20% зиёд сарф кардед. Мехоҳед маслиҳат гиред?». • ING (Нидерланд) — пешниҳод мекунад: -суғуртаи сафар; - кортҳо бо комиссияи паст.
Истифодаи Big Data ва таҳлили пешгӯи (Predictive Analytics)	- Ҷамъоварии маълумоти калон: хароҷот, даромад, ҷойи транзаксияҳо, маълумоти иҷтимоӣ; - Пешгӯии эҳтиёҷ ё хавф.	• JPMorgan Chase (ИМА): - муайян мекунад, ки кадом муштарӣ ҳисобро мебандад. - кадом маҳсулот барои ҷавонон ҷолиб аст. • Commerzbank (Олмон): - пешниҳод кардани қарз барои муштарие, ки охири моҳ пул наемонад.
Маркетинги рақамӣ (Digital Marketing)	- Истифодаи каналҳои рақамӣ: вебсайт, шабакаҳои иҷтимоӣ, мессенҷерҳо, реклама, видео.	• HSBC UK: - Instagram: маслиҳатҳои молиявӣ - видеоҳои таълимӣ. • KakaoBank (Кореяи Ҷанубӣ): - паёмҳо дар Kakao Talk; - пешниҳоди қарз бидуни комиссия.
Чат-ботҳо ва ассистентҳои рақамӣ (Digital Assistants)	-Ҷавоб ба саволҳои муштариён; -Амалиётҳои молиявӣ (масалан, интиқоли пул).	• Erica — Bank of America (ИМА): «Салом! Мехоҳед дид, ки ҳафтаи гузашта чӣ қадар сарф кардед?» • Mizuho Bank (Ҷопон): - ҷавоб ба саволҳо бо забонҳои гуногун.
Хизматрасонии мобилӣ (Mobile Banking)	-Иҷрои ҳама хизматрасониҳои бонкӣ аз телефон: интиқол, қарз, назорати ҳисоб, суғурта ва ғ.	• Santander One (Испания): - ҳама маҳсулот дар як барнома. - пешниҳоди инфиродӣ. • Deutsche Bank (Олмон): - Digital Factory барои хизматрасонии мобилӣ.
Иттиҳод бо финтекҳо (FinTech Collaboration)	-Ҳамкорӣ бо ширкатҳои технологӣ; -Тезтар баровардани маҳсулот; - Кам кардани хароҷот;	• Santander (Испания) + Ripple: - интиқоли пул бо блокчейн. - суръати баланд. • Deutsche Bank (Олмон) + Solarisbank: - Banking-as-a-Service.
Робо-адвайзорҳо (Robo-Advisors)	- Маслиҳати сармоягузорӣ бо алгоритмҳо; -Дастрас барои сармоягузории хурд; - Хизматрасонии арзон.	• Wealthfront (ИМА): - сармоягузории автоматӣ. • MUFG Bank (Ҷопон): - «My Money Advisor» барои маслиҳат.

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳарчанд заминаҳои муайян барои рушди маркетинги инноватсионӣ ва рақамӣ, монанди дастрасии васеи интернет ва арзон шудани хизматрасониҳои мобилӣ мавҷуд бошанд ҳам, аммо ҷорӣ кардани таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ аст. Аз ҷумла, сатҳи пасти инфрасохтори рақамӣ, маҳдуд будани маблағгузорӣ, саводи пасти молиявӣ ва рақамии аҳолӣ, инчунин набудани тадқиқоти мунтазами маркетингӣ.

Бо дарназардошти тамоюлҳои ҷаҳонӣ, барои рушди самараноки маркетинги бонкӣ дар Тоҷикистон тавсия дода мешавад, ки:

- тадқиқоти мунтазами рафтори муштариён ба роҳ монда шавад;
- фардисозии хизматрасониҳо бо истифодаи Big Data ва AI амалӣ карда шавад;

- маркетинг ба як қисми стратегии фаъолияти бонкҳо табдил дода шавад;
- таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ, бо мутобиқсозӣ ба шароити маҳаллӣ, ҷорӣ карда шавад.

Танҳо дар ин сурат бонкҳои Тоҷикистон метавонанд дар муҳити рақобатпазир ва тағйирёбандаи молиявӣ мавқеи устувор пайдо намуда, ба қонеъ кардани талаботи рӯзафзуни муштариён ноил гарданд.

Ҳамин тавр, бонкҳо бояд ба инноватсияҳои маркетингӣ, рақамикунонӣ, шахсисозӣ ва идоракунии муносибатҳои муштариён аҳамияти махсус диҳанд, то мавқеи худро дар бозори молиявии ҷаҳонӣ мустаҳкам намоянд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллозода Ф. Маркетинг дар низоми бонкии Тоҷикистон / Ф. Абдуллозода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 145 с.
2. Бабурин В.А. Инновационный маркетинг в банковской деятельности / В.А. Бабурин. – Москва: Финансы и статистика, 2020. – 192 с.
3. Боговиз А.В. Маркетинг в банках / А.В. Боговиз. – М.: Финансы и статистика, 1998. – 212 с.
4. Бритченко И.Г. Маркетинг менеҷмент организации: потенсиал и система: Учебное пособие / И.Г. Бритченко. – Донецк, ДонНУ, 2001. – 279 с.
5. Друкер П. Менежмент: Задачи, ответственности, практики / П. Друкер. – М.: Речь, 2004. – С. 91.
6. Друкер П. Практикаи идоракунӣ / П. Друкер. – Ню-Йорк: Ҳарпер энд Роу, 1954. – 650 с.
7. Имомов М.Қ. / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). (ISSN 2413-5151), бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ №6. Қисми II. – Душанбе, 2024. – С. 74-81.
8. Кожухов А.В. Банковский маркетинг: теория и практика / А.В. Кожухов. – М.: Экономика, 2011. – 272 с.
9. Котлер Ф. Основы маркетинга / Ф. Котлер. – М.: Прогресс, 1990. –736 с.
10. Котлер Ф., Келлер, К.Л. Маркетинг менежмент / Ф. Котлер, К.Л. Келлер. – М.: Вильямс, 2016. – 816 с.
11. Кочетков А.П. Банковский маркетинг / А.П. Кочетков. – М.: Дело и Сервис, 2005. – 240 с.
12. Левитт Т. Маркетинг: Миёпияи маркетинг / Т. Левитт. – Бостон: Ҳоутон Мифлин, 1960. – С. 45–50.
13. Лихобабин В.К. Современные инструменты банковского маркетинга / В.К. Лихобабин. – Санкт-Петербург: Питер, 2021. – 176 с.
14. Молодоженова В.Л. Маркетинговые инновации в финансовой сфере / В.Л. Молодоженова. – Алматы: Экономика, 2022. – 158 с.
15. Николаева Т.П. Банковский маркетинг: Учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ. 2009. – 224 с.
16. Пакова О.Н. Особенности современного банковского маркетинга / О.Н. Пакова, А.В. Саакян / Евразийский Союз Ученых (ЕСУ). – 2014. – № VIII. – Экономические науки. – С.76.
17. Попов Е.В. Маркетинг финансовых услуг / Е.В. Попов. – М.: Финансы и статистика, 2005. – 248 с.
18. Романов А.Н. Банковский маркетинг: Учебное пособие / А.Н. Романов. – СПб.: Питер, 2020. – 192 с.
19. Салимзода М. Маркетинги бонкӣ ва нақши он дар рушди низоми молиявӣ / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). (ISSN 2413-5151), бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ №6. Қисми II. – Душанбе, 2024. – С. 74-81.
20. Тарасевич, В.М. Маркетинг: Учебник для вузов / В.М. Тарасевич, Г.Л. Багиев. – 3-е изд., перераб и доп. – СПб.: Питер, 2010. – С. 91.
21. Хабаров В.И., Попов Н.Ю. Банковский маркетинг / В.И. Хабаров, Н.Ю. Попов. – М.: Масковская финансово-промышленная академия, 2004. – 165 с.
22. Cheese, J.; Day, A.; Wills, G. Handbook of Marketing and Selling Bank Services / J. Cheese et al. – London: Bank Marketing Assoc., 1988. – 186 p.
23. Cundiff, E.W., Still, R.R. Marketing: Concepts and Strategies / E.W. Cundiff, R.R. Still. – Boston: Houghton Mifflin Company, 1964. – p. 6

УДК: 336.711.65

Икромӣ Ф.Н.

МОНИТОРИНГИ ФАЪОЛИЯТИ ИНСТИТУТҲОИ МАКРОПРУДЕНСИАЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

Дар мақола сохтор ва фаъолияти институтҳои макропруденсиалии таъминкунандаи суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки дар низоми муосири молиявӣ, институтҳои макропруденсиалӣ - аз ҷумла институтҳои низоми молиявӣ - ҳамчун унсурҳои асосии таъмини суботи молиявӣ шинохта шуда, дар фаъолияти макропруденсиалӣ нақши калидӣ доранд. Ба ин институтҳо бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии хурд ва дигар субъектҳои бозори молиявӣ шомил мешаванд, ки дар ташкили муҳити устувори молиявӣ ва пешгирии хавфҳои системавӣ саҳми назаррас мегузоранд. Аз ин рӯ, назорати пайвастаи фаъолияти онҳо ва арзёбии он дар доираи таҳлилҳои макропруденсиалӣ ин расидан ба ҳадафи таъмини суботи молиявӣ дар низоми бонкӣ мебошад.

Калидвожаҳо: бонк, қарз, макропруденсиал, амалиёт, молия, сохтор, институт, устуворӣ, субот, таҳлил, арзёбӣ, механизм, бонки миллӣ, устувории молиявӣ, хавфҳои системавӣ ва ғайра.

Икроми Ф.Н.

МОНИТОРИНГ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ МАКРОПРУДЕНЦИАЛЬНЫХ ИНСТИТУТОВ ФИНАНСОВОЙ СТАБИЛЬНОСТИ В БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЕ

В статье рассматриваются структура и деятельность макропруденциальных институтов, обеспечивающих финансовую стабильность в банковской системе. Автор подчеркивает, что в современной финансовой системе макропруденциальные институты - в том числе институты финансовой системы - рассматриваются как ключевые элементы обеспечения финансовой стабильности и играют важную роль в макропруденциальной деятельности. К таким институтам относятся коммерческие банки, микрофинансовые организации и другие субъекты финансового рынка, которые вносят существенный вклад в формирование устойчивой финансовой среды и предотвращение системных рисков. Поэтому постоянный мониторинг их деятельности и ее оценка в рамках макропруденциального анализа являются необходимыми условиями для достижения цели обеспечения финансовой стабильности в банковской системе.

Ключевые слова: банк, кредит, макропруденциальный, операции, финансы, структура, институт, устойчивость, стабильность, анализ, оценка, механизм, национальный банк, финансовая стабильность, системные риски и др.

Ikromi F.N.

MONITORING THE ACTIVITIES OF MACROPRUDENTIAL INSTITUTIONS FOR FINANCIAL STABILITY IN THE BANKING SYSTEM

The article examines the structure and activities of macroprudential institutions that ensure financial stability within the banking system. The author emphasizes that in the modern financial system, macroprudential institutions - including those within the broader financial framework - are recognized as key elements in maintaining financial stability and play a crucial role in macroprudential operations. These institutions include commercial banks, microfinance organizations, and other financial market participants, all of which make a significant contribution to the creation of a stable financial environment and the prevention of systemic risks. Therefore, continuous monitoring of their activities and assessment

within the framework of macroprudential analysis is essential to achieving the goal of financial stability in the banking system.

Keywords: bank, credit, macroprudential, operations, finance, structure, institution, stability, resilience, analysis, assessment, mechanism, central bank, financial stability, systemic risks, etc.

Дар низоми муосири фаъолияти институтҳои макропруденсиалии суботи молиявии низоми бонкӣ, институтҳои низоми молиявӣ ҳамчун унсурҳои асосии таъминкунандаи суботи молиявӣ шинохта мешаванд ва дар фаъолияти институтҳои макропруденсиалӣ нақши калидӣ мебозанд. Ин институтҳо, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои қарзии хурд ва дигар субъектҳои бозори молиявӣ, дар ҷараёни ташкили муҳити устувори молиявӣ ва пешгирии хавфҳои системавӣ саҳми бевосита доранд. Аз ин ҷост, ки фаъолияти онҳоро пайваста зери назорат гирифтан ва дар доираи таҳлилҳои макропруденсиалӣ арзёбӣ кардан муҳим мебошад [13].

Институтҳои молиявию қарзӣ яке аз унсурҳои муҳими низоми иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Барои дарки амиқи моҳият ва вазифаҳои онҳо, пеш аз ҳама бояд, мо худи мафҳуми “институти молиявию қарзӣ”-ро таҳқиқ намуда, баъдан ба масоилҳои дигари он гузарем.

Дар раванди омӯзиш маълум гардид, ки “институти молиявию қарзӣ” на танҳо воситаи тақсимоти захираҳои молиявӣ ба ҳисоб мераванд, балки ҳамчун воситаи муомилоти қарзӣ ва сармоягузорӣ низ баромад мекунанд. Фаҳмиши дурусти вазифа ва нақши онҳо имкон медиҳад, ки муносибатҳои муосири молиявию қарзӣ дуруст арзёбӣ шаванд. Барои таҳлили амиқ ва илмии ин равандҳо, дар адабиёти илмии ҷаҳонӣ корҳои бисёр муҳаққиқони маъруф зикр шудаанд.

Аз ҷумла, олимони машҳур чун Т. Веблен ва У. Гамилтон дар асоси таҳқиқоти худ моҳияти институтҳои иқтисодиро равшан намудаанд. Инчунин, саҳми муҳаққиқоне чун Р. Коуз, Д. Норт ва Г. Саймон дар рушди назарияи институтсионалӣ хеле назаррас аст. Ақидаҳои онҳо дар мавриди ташаккули меъёрҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба рафтори бозорҳои хизматрасониҳои бонкӣ хеле муҳиманд. Гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ-назариявӣ бе таҳқиқоти ин мутафаккирон тасаввурнопазир мебошад. О. Уилямсон, яке аз олимони номдор, низ назарияи харочоти муомиларо таҳия карда, ба фаҳмиши институтҳо саҳми арзанда гузоштааст.

Аз олимони ватанӣ бошад, метавон Қодирзода Д.Б. [16], Собирзода Н.М. [20], Бабаджанов С.Р. [1], ва Норов Ф.И. [18]-ро ном бурд, ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва амалии институтҳои молиявию қарзӣ саҳмгузоранд.

Инчунин, В.В. Вольчик [2] дар омӯзиши таъсири институтҳои молиявӣ ба рушди бозор ва иқтисоди миллӣ корҳои муҳиме анҷом додаанд. Л.В. Земтсова [4] бошад, ба равандҳои ташаккули механизмҳои назорати молиявӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст.

Бе шубҳа, таҳқиқоти ин олимон барои фаҳмидани хусусиятҳои дохилӣ ва берунии институтҳои молиявию қарзӣ заминаи мустаҳкам фароҳам меоранд. Ин гуна институтҳо дар ташаккули сиёсати молиявии давлатҳо низ нақши муҳим мебозанд. Онҳо ҳамчун василаи танзими муносибатҳои байни истеҳсолкунанда, сармоягузор ва давлат амал мекунанд. Ба ин тартиб, институтҳои молиявию қарзӣ на танҳо дар низоми иқтисодӣ ҷойи муҳим доранд, балки рушди устувори иқтисоди миллиро низ таъмин менамоянд. Омӯзиши таҷриба ва назарияи олимони номбурда барои таҳкими дониши мутахассисони соҳа ва рушди таҳқиқоти минбаъда аҳамияти калон дорад. Ҳамин тариқ, фаҳмидани моҳият ва принсипҳои фаъолияти ин институтҳо барои ҳалли масъалаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ бисёр муҳим мебошад.

Тибқи андешаи Т. Веблен яке аз бунёдгузорони иқтисоди институтсионалӣ, институтҳо маҷмӯи қоидаҳо ва расму ойинеанд, ки рафтор ва муносибатҳои иқтисодии инсонҳоро танзим мекунанд. Ӯ бар он нуқтаи назар аст, ки ин қоидаҳо дар ҷараёни таърих ва таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул ёфта, дар зеҳни ҷамъият ҷой мегиранд. Институтҳо ҳамчун унсурҳои муҳим дар ташаккули сохтори иҷтимоию иқтисодӣ амал мекунанд ва роҳнамои рафтори шахсият дар ҷомеа мебошанд. Самаранокии фаъолияти инсонҳо дар ҷомеа ба он вобаста аст, ки то кадом андоза ин институтҳо бо хислатҳои фитрии инсон мувофиқ бошанд. Вақте ки чунин мутобиқат вуҷуд дорад, раванди рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо суботи бештар ва самараи бештар сурат мегирад [15].

Ба андешаи иқтисоддони маъруф Дуглас Норт институтҳо ҳамчун маҷмӯи қоидаҳо ва маҳдудиятҳои иҷтимоӣ шинохта мешаванд, ки рафтори одамонро дар ҷомеа ба таври мушаххас муайян мекунад [19]. Ӯ институтҳоро ҳамчун “қоидаҳои бозӣ” меномад, ки аз ҷониби инсонҳо сохта шуда, муносибатҳои байнифардиро дар муҳити иқтисодию иҷтимоӣ ба низом медароранд. Аз ин гуфтаҳо метавон хулоса кард, ки нақши шахсият дар ташаккули фазои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ аз нигоҳи Норт хеле муҳим аст. Ба ақидаи ӯ, институтҳо муҳитеро ба вуҷуд меоранд, ки дар он одамон тавассути воситаҳои иқтисодӣ равобити мутақобила барқарор менамоянд ва сохторҳои иҷтимоиро ба ҳам мепайванданд. Аз ин рӯ, институтҳо на танҳо маҳдудият, балки механизми созандаи ҳамгироии иҷтимоиву иқтисодӣ мебошанд.

Аз нуқтаи назари У. Гамилтон институт он гуна тарзи тафаккур ё рафторест, ки дар зеҳни гуруҳи иҷтимоӣ ҳамчун як одати устувор ҷой гирифтааст. Ӯ бар он аст, ки чунин шаклҳои рафтор ва андешаронӣ дар заминаи таҷрибаи тӯлонӣ ва урфу одатҳои мардум ташаккул меёбанд ва аз насл ба насл интиқол меёбанд. Бинобар ин, институтҳо ҳамчун унсурҳои пойдору тағйирнопазири фарҳангӣ, равандҳои иҷтимоиро ба тартиб медароранд ва ба таҳкими низоми умумии ҷомеа мусоидат менамоянд.

Бо дарназардошти гуногунандешиҳои мавҷудбуда дар атрофи мафҳуми "институт", метавон онро ҳамчун низоми муайяни қоидаҳо ва меъёрҳои рафторӣ маънидод кард, ки аз ҷониби инсонҳо ба вуҷуд омадаанд. Ин гуна қоидаҳо дар ҷомеа барои ба танзим даровардани муносибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ хизмат мекунанд ва дар ташаккули тартибу суботи умумӣ нақши калидӣ мебозанд. Ҳамин тариқ, институтҳо муҳити муайянеро ташкил медиҳанд, ки дар он рафтори одамон ба воситаи меъёрҳои пазируфташуда роҳандозӣ ва ҳамоҳанг мегардад.

Дар илми иқтисод, мафҳуми институтҳо на танҳо ҳамчун маҷмӯи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор, балки ҳамчун шаклҳои ташаккулёфтаи амалҳои дастаҷамъона, ба монанди корхонаҳо, хонаводаҳо ва давлат, шарҳ дода мешавад. Ин гуна таҳлил ба мо имкон медиҳад, ки табиати институтсионалии воҳидҳои иқтисодӣ ҳам дар сатҳи микро ва ҳам дар сатҳи макро амиқтар фаҳмида шавад. Бо истифода аз ин дидгоҳ, равандҳои мураккаби иқтисодӣ аз нуқтаи назари сохтор ва таъсири институтҳо равшан мегарданд ва мо бо ин васила метавонем робитаҳои сохтории байни ҷомеа ва иқтисодро дақиқтар шарҳ диҳем.

Институтҳои молиявию қарзӣ, ки ҳамчун рукни муҳими институтҳои иқтисодӣ шинохта мешаванд, раванди амалиётҳои ғайринақдии бозори хизматрасониҳои бонкиро танзим ва назорат мекунанд. Ин равандҳо, ки дар он миёнаравҳои молиявӣ (филиали бонкҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои хурди қарзӣ, ташкилотҳои амонатию қарзӣ, МХБ ва ғ.) иштирок мекунанд, дар Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ зери назорати қатъӣ қарор доранд. Ҳадафи асосии ин ниҳодҳо таъмини шаффофият ва устувории муомилоти бозори молиявӣ мебошад, то эътимоди иштирокчиён ва рушди иқтисоди миллӣ таъмин гардад (расми 1).



Расми 1. Сохтори институтсионалии муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ дар пояи институтҳои иқтисодӣ. (Таҳияи муаллиф)

Чуноне ки аз расми 1 мушоҳида мегардад, бахши бонкӣ яке аз зерсохторҳои муҳими институтҳои молиявию қарзӣ маҳсуб меёбад. Ин бахш барои танзими муомилоти пулӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ масъул мебошад ва фаъолияти асосии он амалиёти гардиши маблағҳоро дар бар мегирад. Дар ин раванд, маблағҳо тавассути низоми клирингӣ байни ҳисобҳои харидор ва фурӯшанда ба таври ғайринақдӣ интиқол меёбанд. Ин амалиётҳо бо истифода аз технологияи муосир ва низомҳои бехатар сурат гирифта, кафолати дурусти пардохтро таъмин менамоянд.

Бо назардошти нақши марказии худ, бонкҳо барои хизматрасонӣ ҳаққи муайяни комиссионӣ мегиранд, ки ин як қисми ҷараёни муомилоти молиявӣ мебошад. Аз ин рӯ, бонкҳо ҳамчун воситаи миёнарав дар байни сармоягузорон ва истифодабарандагони маблағҳо амал мекунанд. Ин раванд дар бозори молиявӣ барои таъмини гардиши оқилона ва таъсири сармояҳо аҳамияти махсус дорад. Ҳамзамон, назорати қатъии бонкҳо ва низомҳои муосири молиявӣ кафолат медиҳанд, ки муомилот бо шаффофият ва бе хатогӣ сурат гиранд.

Аз ин рӯ, барои фаҳми бештари аҳамияти институтҳои макропруденсиалӣ дар таҳкими суботи молиявии низоми бонкӣ, бояд онҳоро ба таври амиқ ва фарогир таҳлил намуд. Инчунин, зарур аст, ки на танҳо самтҳои фаъолияти асосии ин институтҳо баррасӣ шаванд, балки сохтори ташкилии онҳо низ бо диққати хос омӯхтанаш аз аҳамият холӣ нест. Танҳо тавассути чунин таҳлили ҳамаҷониба мо метавонем нақши воқеии онҳо дар идоракунии тавозуни молиявӣ ва пешгирии хавфҳои системавиро дуруст арзёбӣ намоем (ниг. ба расми 2).



Расми 2. Сохтори институтҳои макропруденсиалии суботи молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон. (Таҳияи муаллиф)

Расми пешниҳодшуда ба таври равшан нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ниҳодҳои муҳими макропруденсиалӣ фаъолият доранд, ки дар таҳкими суботи молиявӣ нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, Шурои миллии суботи молиявӣ, Кумитаи суботи молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун унсурҳои калидии ин сохтор шинохта мешаванд. Ин институтҳо тавассути таҳияи сиёсати макропруденсиалӣ, муайянсозии хавфҳои молиявӣ ва қабули тадбирҳои пешгирикунанда дар низоми молиявӣ таъсири назаррас мерасонанд. Ҳар кадоми онҳо дорои салоҳиятҳо ва вазифаҳои махсус буда, дар ҳамоҳангсозии чораҳои иқтисодӣ ва назоратӣ фаъолона иштирок мекунанд. Танзими самараноки муносибатҳои байниинститутсионалӣ миёни ин се ниҳод ба устувории низоми молиявӣ мусоидат менамояд. Барои дарки ҳамаҷонибаи аҳамияти ин сохторҳо, омӯзиши амиқи онҳо дар сатҳи инфиродӣ зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо мекӯшем, ки фаъолияти ҳар як ниҳодро ҷудогона таҳлил намоем. Ин гуна таҳлил ба фаҳми возеҳтаре дар бораи механизмҳои амалиётии низоми бонкӣ мусоидат хоҳад кард. Дар шароити ноустувории иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои беруна, зарурати баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозии ин институтҳо рӯз ба рӯз меафзояд.

Натиҷаи таҳқиқи амалӣ ва таъсири фаъолияти институтҳои макропруденсиалӣ дар самти таъмини суботи молиявӣ, пеш аз ҳама, дар динамика ва сохтҳои тағйирёбандаи институтҳои молиявӣ-қарзии кишвар таҷассум меёбанд [5]. Аз нуқтаи назари таҳлили иқтисодии низоми бонкӣ, муҳим аст, ки ин равандҳо на танҳо бо роҳи оморӣ, балки бо арзёбии миқдориву сифатии рушди институтҳои молиявӣ-қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Дар ин замина, муайян кардани алоқаи байни сиёсати макропруденсиалӣ ва тағйироти сохтории институтҳои молиявӣ-қарзӣ имкон медиҳад, ки самаранокии сиёсати қабулшуда дар сатҳи низомии бонкӣ бо диди амиқ арзёбӣ гардад. Илова бар ин, таваҷҷуҳи хос ба равандҳои барҳамхӯрӣ ё муттаҳидшавии чунин институтҳо ба мо имкон медиҳад, ки таъсири таҳаввулоти макроиқтисодӣ ва берунӣ ба вазъи бозори молиявии кишварро амиқтар дарк намоем.

Аз ин рӯ, таҳлили пӯёи сохтори институтҳои молиявӣ-қарзӣ дар таҳқиқотҳои гузаронидашудаи мо як бахши ҷудонашавандаи арзёбии фаъолияти макропруденсиалӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба муайянсозии тамоюлҳои рушди устувор дар низоми бонкӣ мусоидат мекунад (ниг. ба расми 3).



Расми 3. Пӯёи сохтори институтҳои молиявӣ-қарзӣ бо дороиҳои онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикисон дар солҳои 2005-2024*

***Сарчашма:** Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/sharhi-rushdi-nizomi-moliyav.php, Бюллетени омори бонкӣ. 12 (281) 2024. – С. 74-74. Бюллетени омори бонкӣ. 12 (197) 2011. – С. 85-90. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С.243-245.

Тибқи маълумоти тасвири пешниҳодгардида, дар соли 2005 шумораи умумии институтҳои молиявӣ-қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 44 адад расида, дороиҳои онҳо ба маблағи умумии 1 602 миллион сомонӣ баробар буд. Вале дар тӯли солҳои минбаъда ин шумора ва ҳаҷми дороиҳо афзоиш ёфта, то соли 2024 шумораи чунин муассисаҳо ба 65 адад расид ва дороиҳои онҳо ба 47 478 миллион сомонӣ баробар шуд. Агар мо раванд ё динамикаи (пӯёи) ин тағйиротро, бахусус дар фосилаи солҳои 2010 то 2015 мавриди таҳлил қарор диҳем, метавон ба чунин натиҷаи таҳқиқот ноил гардем, ки ҳарчанд дороиҳо афзоиш ёфтаанд, вале шумораи чунин институтҳо тамоюли коҳишро нишон медиҳанд. Ин коҳишёбӣ бо як қатор омилҳо, аз ҷумла таъсири буҳронҳои воридгардида аз давлатҳои тараққикардаи ҷаҳон, тағйирот дар сиёсати низоми бонкии кишвар, мутамарказшавии бозор ва ё муфлисшавии баъзе ташкилотҳо вобаста мебошад. Ҳамин тавр, таҳлилу арзёбиҳо собит намуданд, ки рушди сохтори институтҳои молиявӣ-қарзӣ на танҳо ба шумора, балки ба самаранокии фаъолияти муассисаҳо низ вобастагӣ дорад.

Бо назардошти зарурати арзёбии воқеӣ ва ҳамаҷонибаи самаранокии фаъолияти институтҳои молиявию қарзӣ, таҳлили амиқи сохтор ва низоми ташкилии онҳо аҳамияти муҳим дорад. Маҳз тавассути омӯзиши сохторӣ ва арзёбии танзими дохилии ин муассисаҳо метавон ба хулосаҳои муътамаду илмӣ дар бораи самти рушди онҳо ноил гардид (ниг. ба расми 4).



Расми 4. Пӯёи сохтори таркибии институтҳои молиявӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикисон дар солҳои 2005-2024*

***Сарчашма:** Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон: https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/sharhi-rushdi-nizomi-moliyav.php, Бюллетени омори бонкӣ. 12 (281) 2024. – С. 74-74. Бюллетени омори бонкӣ. 12 (197) 2011. – С. 85-90. Рушди низоми бонкӣ дар 25 соли Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – С.243-245.

Тибқи маълумоти манбаъҳои оморӣ, ки дар расми таҳлилии мазкур инъикос ёфтаанд, тайи солҳои 2005 то 2010 шумораи умумии институтҳои молиявӣ-қарзии амалкунандаи ҷумҳурӣ ба 138 адад расидааст. Ин афзоиши назаррас аз як тараф, бозгӯкунандаи тақвияти инфрасохтори молиявии кишвар мебошад ва аз сӯи дигар, шаҳодат медиҳад, ки талабот ба хизматрасониҳои молиявию қарзӣ дар ин давра рӯ ба афзоиш доштааст. Бештари ин афзоиш аз ҳисоби густариши ташкилотҳои маблағгузории хурд ба вуҷуд омадааст, ки шумораи онҳо дар соли мазкур ба 121 адад расида, ҳудуди 87,7 фоизи ҳаҷми умумии сохтори институтҳои молиявӣ-қарзиро ташкил медиҳад. Ин нишондод худ далели таъсири амиқи чунин ташкилотҳо дар шаклгирии бозори молиявии дохилӣ ва қонеъсозии талаботи мардум ба манобеи молиявӣ мебошад. Дар баробари ин, бонкҳои тиҷоратӣ низ дар равандҳои рушди низоми низоми бонкӣ мавқеи хос доранд — шумораи онҳо дар соли 2010 ба 14 адад расида, 10,1 фоизи умумиро ташкил медиҳад. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар ҳамин давра бо теъдоди 3 адад фаъолият доштанд, ки мутаносибан 2,2 фоизи сохтори умумии институтҳоро ташкил менамояд. Ин тақсимоти сохторӣ ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки хати асосии рушди низоми низмои бонкии кишвар дар ин марҳала маҳз аз ҳисоби ташкилотҳои маблағгузории хурд сурат гирифтааст.

Сабаби асосии ин раванд дар дастрасии осон, шарту шароити мусоид ва фарогирии васеи чунин ташкилотҳо дар минтақаҳои дурдасти кишвар зоҳир менамояд. Онҳо барои соҳибкорони хурду миёна, шахсони камбизоат ва аҳолии деҳот яке аз сарчашмаҳои асосии дастрасии қарз гардидаанд. Аз ин рӯ, дар заминаи таҳлилҳои мазкур ба хулоса омадан мумкин аст, ки ташкилотҳои маблағгузории хурд дар ин давра ҳамчун муҳаррики асосии рушди шабакаи молиявии кишвар баромад кардаанд ва дар ташаккули бозори фарогири хизматрасониҳои молиявӣ нақши муайянкунандаро бозидаанд.

Дар соли 2015 низ пӯёи фаъолияти институтҳои молиявӣ-қарзӣ дар кишвар бо равиши рӯ ба пастӣ дучор шуда, вазъи ин ниҳодҳо нисбат ба солҳои пешин бадтар гардид. Дар ин сол, теъдоди ин институтҳо то 123 адад коҳиш ёфта, ин нишондиҳанда қариб 10,9% кам гардид, ки нисбати соли 2010 -15 адад камшавӣ ба назар мерасад. Сабаби аслии ин коҳишёбӣ таъсири манфии буҳрони бонкии солҳои 2014-2015 ба иқтисоди Тоҷикистон арзёбӣ мешавад, ки дар натиҷа бисёре аз ташкилотҳои қарзӣ, бахусус ташкилотҳои қарзи хурд, ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гаштанд. Ба ҳисоби миёна, дар давраи мазкур 15 ташкилоти молиявӣ-қарзӣ маҷбур ба қатъ кардани фаъолияташон шуданд, ки ин омил сабаби асосии коҳиши умумии шумораи институтҳои молиявӣ шуд. Ҳолати мазкур таъсири манфии худро бар фаъолияти молиявии кишвар гузошта, зарурати тадбирҳои муассирро барои барқарорсозии ин соҳа бештар нишон дод.

Дар натиҷаи таъсири манфии буҳронҳои воридотии марбут ба пандемияи COVID-19, ки аз соли 2019 оғоз шуда буд, вазъи институтҳои молиявӣ-қарзӣ дар кишвар бо мушкилоти ҷиддӣ рӯбарӯ гардид. Ин буҳрон боиси коҳиши назарраси теъдоди ин ташкилотҳо дар давоми солҳои баъдӣ шуд ва таъсири манфии худро дар сохтори соҳа нишон дод. Барои мисол, дар соли 2020 шумораи институтҳои молиявӣ-қарзӣ ба 69 адад поин омад, ки ин нишондод нисбат ба соли 2010 қариб 44 фоиз ё 54 адад камтар буд. Ин коҳишёбӣ нишон медиҳад, ки чӣ гуна вазъияти ҷаҳонӣ ва буҳрони иқтисодии ба вуҷуд омада боиси барҳамхӯрии ташкилотҳои молиявӣ дар Тоҷикистон гардид. Аз ин рӯ, таъсири буҳрони COVID-19 ба низоми бонкӣ на танҳо мӯҳлати кӯтоҳ, балки оқибатҳои дарозмуддат дошта, зарурати тадбирҳои махсус барои барқарорсозии соҳа ва устувор кардани онро тақозо мекунад.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта бармеояд, ки нақши институтҳои макропруденсиалӣ дар таъмини суботи молиявии низоми бонкӣ ниҳоят муҳим ва ҳалкунанда мебошад [5]. Ин институтҳо бо роҳандозии сиёсат ва тадбирҳои зарурӣ, барои пешгирии хавфҳои системавӣ ва нигоҳ доштани устувории молиявӣ саҳми назаррас мегузоранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳое, ки масъулияти таъмин намудани суботи молиявии низоми бонкӣ ба дӯши онҳо гузошта шудааст, ба ду гуруҳи асосӣ тақсим мешаванд. Гуруҳи аввалро институтҳои дохилии Бонки миллии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки ба он Кумитаи суботи молиявӣ ва Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ шомил мебошанд. Гуруҳи дуюмро институти дастаҷамъонаи сатҳи ҳукуматӣ ташкил медиҳад, ки онро Шурои миллии суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагӣ мекунад. Ҳар яке аз ин ниҳодҳо вазифа ва самти фаъолияти хоси худро дорад, ки онҳо ҳамдигарро такмил медиҳанд. Кумитаи суботи молиявӣ асосан бо арзёбии хавфҳо ва таҳияи тавсияҳои сиёсати макропруденсиалӣ машғул аст. Кумитаи сиёсати пулию қарзӣ бошад, ба танзими меъёрҳои асосии сиёсати пулӣ ва фоизӣ равона шудааст. Шӯрои миллии суботи молиявӣ ҳамчун платформаи ҳамоҳангсози байниидоравӣ хизмат мекунад ва сиёсати умумии давлатиро дар самти суботи молиявӣ муайян месозад. Ин ҳамоҳангсозӣ миёни сохторҳои гуногун барои самаранокии сиёсати молиявӣ ва пешгирии буҳронҳои эҳтимолӣ мусоидат мекунад. Вазифаи муштараки ҳамаи ин институтҳо, новобаста аз сохтор ва сатҳи намояндагӣ, таъмини суботи молиявӣ ва коҳиш додани хавфҳои дохилию берунӣ мебошад.

Дар шароити тағйирёбии пайвастаи муҳити иқтисодӣ ва таъсири омилҳои берунӣ, нақши ин ниҳодҳо боз ҳам бештар эҳсос мешавад. Онҳо бо истифода аз таҳлили маълумоти макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои молиявӣ, барои қабули қарорҳои стратегӣ заминаи илмӣ фароҳам меоранд. Ҳамкории байни ин ниҳодҳо бояд пайваста ва муассир бошад, то тавонанд дар ҳолатҳои буҳронӣ фавран тадбирҳои мувофиқро амалӣ намоянд, чунки таҳлили таҷрибаи буҳронҳои молиявии гузашта нишон дод, ки низоми бонкии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам ба ташкили механизмҳои устувори макропруденсиалии муосир ниёз дорад. Чунин ниёз аз он бармеояд, ки ҳар як буҳрон бо хусусиятҳои махсуси худ ва дараҷаи гуногуни осебпазирӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, зарурати роҳандозии фишангҳои муассир ва муассисаҳои фаъол барои назорат ва танзими хавфҳои системавӣ хеле муҳим аст. Ин фишангҳо бояд ба таври ҳадафманд ва мувофиқ бо таҳаввулоти иқтисодӣ ва молиявии дохилӣ ва байналмилалӣ татбиқ шаванд. Дар натиҷа, танҳо тавассути таъсири дуруст ва муназзами институтҳои макропруденсиалӣ метавон ба суботи дарозмуддати низоми бонкӣ ва молиявии кишвар ноил гардид.

АДАБИЁТ

1. Бабаджанов С.Р. Институциональные основы формирования и использования человеческих ресурсов в условиях трансформируемой экономики (на материалах Республики Таджикистан): специальность 08.00.01 "Экономическая теория": диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Бабаджанов Сухроб Рустамович.-Душанбе, 2011.-151 с.
2. Вольчик В.В. Институциональная экономика: учебное пособие для вузов / В.В. Вольчик. - Москва: Издательство Юрайт, 2021. – 227 с.

3. Джагитян, Э. П. Макропруденциальное регулирование банковской системы как фактор финансовой стабильности: монография / Э. П. Джагитян. - М.: Издательство Юрайт, 2019. - 215 с. - С.84
4. Земцова Л.В. Институциональная экономика: учебное пособие / Л.В. Земцова. - Томск: Эль Контент, 2012. - 168 с.
5. Икромӣ Ф.Н. Мавқеи сиёсати макропруденсиалӣ дар низоми танзими фаъолияти хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн] / Икромӣ Н.Қ., Зиёев З.М. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №1. – Душанбе, 2025. – С.103-112. ISSN 2413-5151
6. Икромӣ Ф.Н. Масоили танзими макропруденсиалӣ ва баъзе аз муаммоҳои он дар шароити муосир [Матн] / Икромӣ Ф.Н. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаббуси шашуми байналмилалии Тоҷикистон «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» дар мавзуи «Механизмҳои муосири идоракунии давлатӣ дар шароити номуайянии рушди глобалӣ: назария, амалия, методология ва дурнамои рушд» (26-уми декабри соли 2024) // Зери таҳрири номзади илмҳои илҳмҳои иқтисодӣ, дотсент, Одиназода Ф.Ҷ., Бобозода А.О. – Душанбе: Академия, 2024. – 664 с. - С.119-124. ISBN 978-99985-932-8-2
7. Икромӣ Ф.Н. Нақши Бонки миллии Тоҷикистон дар амалигардонии сиёсати асъорӣ ва бозори он [Матн] / Икромӣ Ф.Н. // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳои илмӣ / зери таҳрири умумии д.и.и., профессор И.Р. Иброҳимзода. – Матбааи ДМТ, 2024. – С.230-238. ISBN 978-99985-46-26-4
8. Икромӣ Ф.Н. Стратегияи пешгирии хавфҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ [Матн] / Давлатов Н.А. // Механизми идоракунии молияи давлатӣ дар раванди рушди босуботи инноватсиониву индустриалии Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷмуаи мақолаҳои илмӣ / зери таҳрири умумии д.и.и., профессор И.Р. Иброҳимзода. – Матбааи ДМТ, 2024. – С.265-274. ISBN 978-99985-46-26-4
9. Икромӣ Ф.Н. Усулҳои ҳисоб намудани андоз аз даромади шахси воқеӣ - резидент дар муассисаҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ [Матн] / Икромӣ Н.Қ., Шарифзода Б.Х. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №12.–Душанбе, 2024.-С.280-286.ISSN2413-5151
10. Икромов Ф.Н. Масоили назариявию методологии қарзи давлатӣ дар шароити дигаргуншавии рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Саломова У.Т., Икромов Н.Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2018. - №4/2. - С. 154-160. ISSN 2308- 054X.
11. Икромов Ф.Н. Масоили солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Икромов Н.Қ., Содиқзода П. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – №5. – Душанбе, 2023. – С.43-49. ISSN 2413-5151
12. Икромов Ф.Н. Масъалаи баҳодиҳии даромаднокӣ ва хавфи сандуқи сармоягузорӣ дар шароити муосири иқтисодӣ [Матн] / Икромов Н.Қ. // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: ДДТТ, 2018. - №4/2. - С. 137-146. ISSN 2308- 054X.
13. Икромов Ф.Н. Стратегия ва дурнамои танзими зиддибуҳронии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Икромов Н.Қ. // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. №4(51)2022/II. – Душанбе, 2022.– С. 165-173. ISSN 2707-8000
14. Кадомцева С.В. Макропруденциальное регулирование и разработка системы раннего оповещания о потенциальном возникновении финансовой нестабильности в России / С. В. Кадомцева, М. А. Исраелян // Научные исследования экономического факультета. Электронный журнал. – 2015. – Т. 7, № 4(18). – С. 7-27.
15. Кадыров Д.Б., Мещеряков Д.А. Институциональная экономика / Д.А.Мещеряков, Д.Б. Кадыров. – Воронеж-Душанбе:ВИЭСУ-ИПС, 2013. С.25.
16. Кодирзода Д.Б. Институциональное обеспечение оказания инновационных банковских услуг коммерческими банками в условиях цифровизации экономики / Д. Б. Кодирзода, Ф. И. Махмудов // Актуальные вопросы развития бухгалтерского учета, аудита, анализа, налогообложения, государственного финансового контроля: современные вызовы и вектор развития: Материалы I

Международной научно-практической конференции, Душанбе, 18–19 января 2023 года. – Душанбе: Таджикский национальный университет, 2024. – С. 388-397.
17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» аз 28 июни соли 2011, №722.
18. Норов Ф.И. Становление и развитие института банкротства в трансформационной экономике (на примере Республики Таджикистан): специальность 08.00.01 "Экономическая теория": диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Норов Фирдавс Исматуллоевич. – Душанбе, 2012. – 168 с.
19. Норт Д. Институты, институциональные изменения и функционирование экономики / Пер. с англ. А.Н. Нестеренко; предисл. и науч. ред. Б.З. Мильнера. — М.: Фонд экономической книги “Начала”, 1997. С.17.
20. Собиров Н.М. Танзими давлатии иқтисоди кишоварзӣ дар доираи мактаби институтсионалӣ / Д. Б. Қодиров, Н. М. Собиров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2019. – №9. – С. 28-33.
21. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон (Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31 декабри соли 2024): https://www.nbt.tj/

УДК 331.4

Инноятова М.З.

ТАҲЛИЛ ВА БАҲОДИҲИИ ДИНАМИКАИ РУШДИ МУҲИТИ ИҶТИМОӢ ДАР ДОИРАИ ОМӮЗИШИ СОҲАҲОИ АЛОҲИДАИ МУНОСИБАТҲОИ ИҶТИМОӢ – МЕҲНАТӢ

Дар мақолаи мазкур вазъи таҳлил ва баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар ҳамаи шаклҳои динамикаи рушди иҷтимоӣ вобаста ба низоми бозори меҳнат дар доираи қонунҳои амалкунанда мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Бозори меҳнат ва имкониятҳои фарогирии он бо қувваи корӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Вазъ ва ҳолати пулҳои аз берун ба кишвар интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва баҳодиҳии сатҳи иқтисодиии оилаҳо таҳлил гардидааст. Оид ба ташаккули бозори меҳнат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он, таркибии ташаккули механизми бозорӣ ва танзими он бо роҳи рафъи таназзули истеҳсолот, пешгирии бекории оммавӣ ва андешидани тадбирҳо барои ба даст овардани механизми бозорӣ ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ қайд карда шудааст.

Калидвожаҳо: баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ, бозори меҳнат, шуғли доимӣ ва мавсимӣ, истеҳсолоти моддӣ, ташаккули механизми бозорӣ, ҷойҳои корӣ, муҳити иҷтимоӣ, қувваи қобили меҳнат ва ғ.

Инноятова М.З.

АНАЛИЗ И ОЦЕНКА ДИНАМИКИ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОЙ СРЕДЫ В РАМКАХ ИЗУЧЕНИЯ ОТДЕЛЬНЫХ НАПРАВЛЕНИЙ СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

В данной статье исследуется состояние анализа и оценки социально - трудовых отношений во всех формах динамики социального развития, связанных с системой рынка труда, в рамках действующего законодательства. Анализируется рынок труда и возможности его взаимодействия с рабочей силой в условиях глобализации. Проанализировано состояние

денежных переводов трудовых мигрантов из-за рубежа в страну и оценка экономического уровня семей. Что касается формирования рынка труда в экономике Таджикистана и отдельных его регионов, то была отмечена составляющая формирования рыночного механизма и его регулирования путем устранения спада производства, предотвращения массовой безработицы и принятия мер по созданию рыночного механизма для повышения уровня жизни населения.

Ключевые слова: оценка социально – трудовых отношений, рынок труда, постоянная и сезонная занятость, материальное производство, формирование рыночного механизма, рабочие места, социальная среда, рабочая сила и др.

Innoyatova M.Z.

ANALYSIS AND ASSESSMENT OF THE DYNAMICS OF THE DEVELOPMENT OF THE SOCIAL ENVIRONMENT IN THE CONTEXT OF STUDYING INDIVIDUAL AREAS OF SOCIAL AND LABOR RELATIONS

This article examines the state of analysis and assessment of social and labor relations in all forms of the dynamics of social development associated with the labor market system, within the framework of current legislation. The labor market and the possibilities of its interaction with the labor force in the context of globalization are analyzed. The state of money transfers of labor migrants from abroad to the country and the assessment of the economic level of families are analyzed. As for the formation of the labor market in the economy of Tajikistan and its individual regions, the component of the formation of the market mechanism and its regulation by eliminating the decline in production, preventing mass unemployment and taking measures to create a market mechanism to improve the standard of living of the population was noted.

Key words: assessment of social and labor relations, labor market, permanent and seasonal employment, material production, formation of a market mechanism, jobs, social environment, labor force, etc.

Таҳлил ва баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ асосан дар ҳамаи шаклҳои динамикаи рушди иҷтимоӣ ба ҷой оварда шуда, дар ин васила низоми бозори меҳнат ва доираи қонунҳои мунтазам амалкунандаи он ба инобат гирифта мешаванд. Ин тартиб ба бозори меҳнати ҳамаи кишварҳои олам, чи кишварҳои пешрафта ва чи кишварҳои рӯ ба пешрафт бевосита дахл дорад.

Аз ҷумла дар шароити имрӯзаи кишвари мо низ ҳадафи аслии бозори меҳнати муосир ва дар ин васила танзимсозии муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ бо ҳамин роҳ муайяну ошкор карда мешаванд. Бояд гуфт, ки дар сурати ошкор ва муайян гардидани ҳадафу вазифаҳои зикргардида ҳолати кунунии захираҳои меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аниқ карда мешавад ва ин ба раванди пешбурди иқтисодиёти кишвар таъсири нишонрас расонида метавонад.

Инак, пеш аз он, ки дар бораи таҳлил ва баҳодиҳии ҷараёни инкишофи муҳити иҷтимоӣ барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарф занем, шарҳу тавзеҳи бозори ҷаҳонии меҳнатро вобаста ба нуқтаи назари олимони соҳа дида мебароем.

Дар ин васила олими соҳа А. Безруков ақида дорад, ки: «шабакаи бозорҳои меҳнати кишварҳои ҷаҳон дар якҷоягӣ бозори ҷаҳонии меҳнатро ташкил медиҳанд ва дар ин доира дар доираи ҷаҳонишавии бозорҳои дохилии меҳнат ба муомилоти пулию молӣ баровардани қуввaҳои меҳнатӣ ба роҳ монда мешавад ва марҳила ба марҳила метавонад инкишофи бемайлон дошта бошад. Ин тариқи муносибати меҳнатӣ ҳамасола дар байни бозори ҷаҳонии меҳнат инкишоф ёфта, бо роҳҳои тарғиботӣ бештар тавассути шабакаҳои интернетӣ ва иттилоърасониҳои байнидавлатӣ хелу зуд ва осон паҳн шуда метавонад» [4, с.22-23].

Дар ин васила С.В.Разянсев низ ин ақидаро тақвият медиҳад, ки: «бозори меҳнат дар саросари олам ба ҳайси як раванди хеле пурмаҷрои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - меҳнатӣ ҷараён гирифта, соҳаҳои хеле мухталифу бисёрсамтаи он аз бозорҳои минтақавӣ сарчашма мегиранд» [15, с. 51].

Давраи ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон яке аз омилҳои ба бозори меҳнат ва хосатан ба муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ таъсиргузор кашмакашҳои дохилӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ буд. Муҳаққиқону коршиносони соҳа бар он назаранд, ки «танҳо дар даҳ соли аввали истиқлолият, яъне байни солҳои 1991 то 2000 шумораи аҳолии қобили меҳнат то 9,5 % паст рафта, дар ибтидои соли асри нав ба 425 ҳазор нафар баробар шуд ва як қисми зиёди муҳоҷирони меҳнатии хориҷи кишвар ба ин шумора дохил нагардида буданд. Метавон гуфт, ки он давра аз ин шумораи умумии зикргардидаи қувваи қобили меҳнат дар баробари мардон занон низ фаъолияти густурда доштанд ва мувофиқи ҳисобҳои оморӣ саҳми занон дар бозори меҳнатӣ дохилӣ ва хориҷӣ бештар аз 32 фоизро ташкил медод» [10, с. 88].

Маълумоти оморӣ бозгӯи онанд, ки “аз соли 2005 то соли 2010 шумораи коргарон дар хоҷагиҳои деҳқонии навташкил то 10 фоиз поин омадааст. Шумораи умумии аҳолӣ дар доираи хоҷагиҳои кишоварзии деҳот то 40 фоиз ва шумораи умумии хоҷагиҳои деҳот тог 2 маротиба афзуда, дар нимаи аввали соли 2010 ба беш аз 35 расидааст, ки ин нишондиҳанда аз рӯи талаботи бозори меҳнат дар соҳаи хоҷагиҳои кишоварзӣ нисбатан кам аст [6].

Дар бозори меҳнати дохилӣ доираи имкониятҳо вобаста ба минтақаҳои гуногуни кишвар тақсимоти нобаробар доранд. Аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ, «танҳо дар нимаи аввали соли 2021 шумораи аҳолии қобили меҳнат дар минтақаи калонтарини кишвар - вилояти хатлон ба 1902,5 ҳазор нафар расидааст, ки ин 56,8 фоизи шумораи умумии аҳолиро ташкил медихад. Агар афзоиши аҳолӣ дар солҳои 2018—2019 76,3 ҳазор нафар ё 2,4 фоиз бошад, пас афзоиши аҳолии қобили меҳнат 38,2 ҳазор нафар ё 2 фоизро ташкил медиҳад» [1, с. 26-32].

Ҳамин минвол, «нишондиҳандаҳои бозори меҳнат дар ВМКБ аз дигар минтақаҳо бо хусусияти худ фарқ мекунанд. Масалан, дар ин ҷо шумораи бо кор таъминшудаи аҳолӣ сол то сол кам шуда, шумораи бекорон меафзояд. Яъне бо таъсири омилҳои демографӣ (афзоиши табиии аҳолӣ дар моҳи январи соли 2020 13,9%) ва дигар шароитҳо нишондиҳандаҳои бозори меҳнат аз дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фарқ мекунанд. Вобаста ба ин, проблемаи тафовути минтакавии бозори мехнат дар Чумхурии Точикистон ба миён меояд» [13, с.3].

Бояд гуфт, ки меҳнати кироя дар шароити бозори меҳнати дохилӣ дар Тоҷикистон ба нимаи дуввуми солҳои 90-уми садсолаи гузашта, ҳанӯз дар замони авҷи кашмакашҳои дохилӣ рост меояд ва чунин раванди пурмонеаву мушкил дар баробари мардон занҳоро низ маҷбур сохт, ки ба бозори меҳнати кироя ворид шаванд. Ин омил махсусан бо падид омадани шароитҳои номусоди таъмини оилавӣ рабт дошт. Нахустин бор, пас аз давраи шӯравӣ вожаи ба бозори меҳнати ғайрирасмӣ алоқадоштаи “мардикор” ба вуҷуд омад, ки баъдтар олимони соҳаи демография онро рӯшанӣ андохтанд [8, с. 74].

Нимаи дуввуми солҳои 2000-ум авҷи тағйирёбии самтҳои бозори меҳнат дар аксар кишварҳои олам ва ҳамзамон такмили муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дониста мешавад. Ин падида дар муддати кутоҳ ба аксари кишварҳои олам таъсир гузошта, аз ҷумла кишварҳои Осиёи Марказӣ ва кишвари моро ҳам фаро гирифт.

Боиси тазаккур асст, ки чандин коршиносон ва муҳаққиқону донишмандони тоҷик дар доираи илмҳои соҳавӣ зимни гузаронидани тадқиқот далелҳои равшан овардаанд, ки шароитҳои нави бозори меҳнат нисбат 20-30 соли пеш, фарқи калон дошта, талаботи замони навро фарогир аст. Ин раванд албатта ба давраи гузариши иқтисодиву иҷтимоӣ рост меояд ва метавонад дар давоми ду се даҳсола марому тартиби худро пайдо намояд. Зеро аз таҷрибаҳои ҷаҳонӣ бармеояд, ки ин гуна ҷараён дар аксар кишварҳои рӯ ба тараққии олам падид омада, бо мурури вақт танзим ёфтааст.

Ба андешаи мо, дар шароити ҷаҳонишавии самтҳои иқтисодиёт ва бозори меҳнат, ки кишвари мо низ аз берун буда наметавонад, захираҳои меҳнатӣ дар умум ба ду самт вобастагӣ

дошта метавонанд ва «чунин тақсимбандӣ низоми муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - меҳнатиро то андозае возеҳ нишон дода метавонад» [11]:

1) вобаста ба хусусиятҳои синнусолии шахсони ба меҳнат ҷалбшаванда;

2) вобаста ба дараҷаи касбият ва тахассуси қувваҳои қобили меҳнат.

Олимони соҳа ин гуна тақсимотро аксаран дар доираи таҳлилҳои қиёсӣ бо бозорҳои меҳнати ҳамсоякишварҳо анҷом додаанд, вале ба андешаи мо, аз рӯи талаботи давраи нави муносибатҳои бисёрҷониба маҳз ин тариқи натиҷагирӣ танҳо ба бозори меҳнати дохилии шароити ҳозира рост омада метавонад.

Дар шароити имрӯзаи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ташкил шудани даҳҳо донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва чандин коллеҷу литсейҳои касбӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал пайвастанд. Далелу рақамҳои мушаххас собит менамоянд, ки давоми ду даҳсола даҳҳову садҳо ҳазор нафар бо дипломи касбӣ ба доираҳои бозори меҳнати дохилӣ ҷалб карда шудаанд.

Вале, бо вуҷуди ин чунин ба назар мерасад, ки дар баъзе самту соҳаҳои бозори меҳнат то имрӯз низ мутахассисони соҳавӣ намерасанд. Ин раванд бештар дар соҳаҳои маориф, иқтисоди рақамӣ, микроэлектроника ва ин амсол ба мушоҳида мерасад.

Мавриди зикр аст, ки вобаста ба омӯзишу таҳқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ аҳолии қобили меҳнат аз рӯи синну сол ба дараҷабандии ягонаи синну солӣ ҷудо карда мешаванд, ки ин нишондиҳанда аз синни 16 сола то 63 соларо барои мардон ва аз 17 то 58 соларо барои занони қобили меҳнат дар бар мегирад.

Тақсимбандии дараҷаи синну соли қобили меҳнат барои мардон ва занон дар ҷадвали зерин нишон дода мешавад:

Ҷадвали 1

Нишондиҳандаҳои синну солии қобили меҳнат барои мардон ва занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Синну соли қувви қобили меҳнат барои мардон					**Синну соли қувви қобили меҳнат барои занҳо**				
Аз 18 то 60 (63 сола) то синну соли нафақаи иҷтимоӣ					Аз 17 то 55 (58 сола) то синну соли нафақаи иҷтимоӣ				
18-25	26-30	31-40	41-50	51-60	20-27	28-34	35-40	41-50	51-58

Таҳияи муаллиф.

Дар асоси нишондиҳандаҳои синну солии ҷадвали боло, ки ба дараҷаи меҳнатии аҳолии қувваи қобили меҳнат дар шароити Тоҷикистон нигаронида шудаанд, метавон гуфт, ки қувваи қобили меҳнати шахсиятҳо дар ҳар синну соли муайяни дар ҷадвал дарҷгардида метавонад ҳам дар мардон ва ҳам дар занон тағйир ёбад. Масалан, муҳаққиқон ошкор намудаанд, ки давраи пӯхтарасии нерӯи меҳнатӣ, яъне бардоштаи таҷриба ва маҳорату малакаи корӣ дар мардон аз 30 то 50 солагӣ ва дар занон аз 35 то 55 солагӣ мебошад.

Оиди динамикаи инкишофи муҳити иҷтимоӣ барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ таҳқиқот анҷом дода, дар доираи баҳодиҳии ин раванд метавон гуфт, ки ҳанӯз «дар давоми солҳои 2005 - 2010 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумла барои рушди бонизоми соҳибкории занону бонувон даҳ ҳаҷми калон кумакҳо ва грантҳои президентӣ ҷудо сохта, ба ин қишри ҷомеа таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст» [9].

Дар ин васила дар давоми даҳ соли минбаъда беш аз 200 лоиҳаҳои махсус рӯи кор омада, ҳазорон нафар занону бонувон бо ҷои кори мавсимӣ ва доимӣ таъмин гардиданд.

Бо вуҷуди дар давоми беш аз се даҳсола ташкил гардидани ҳазорҳо ҷойҳои кории расмию қонунӣ барои қувваҳои қобили меҳнат, бозорҳои ғайрирасмие, ки шумораи зиёди корҷӯёнро бо маоши нисбатан қонеъкунандаи коргарон таъмин менамуд, бо хусусиятҳои хоси худ пешсаф боқӣ монданд [7, с. 175].

Мувофиқи далелҳои расмии оморӣ дар охири соли 2023 ва ибтидои соли 2024 шумораи корҷӯён дар бозорҳои дохилии кишвар аз ҳисоби мардон 22,5 фоизро ташкил дода, аз ҳисоби занон ба 12,8 фоиз расид. Вале ин нишондиҳанда дар бозорҳои хориҷи кишвар ҳам аз ҳисоби

мардон ва ҳам аз ҳисоби занон хеле баланд буда, бинобар дастрас ва мушаххас набудани нишондиҳандаҳои дақиқи оморӣ фоизи онҳо бештар ба рақамҳои тахминӣ дакка мезанад.

Олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар ин робиба ба он назаранд, ки майли берунаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла Тоҷикистон ҳамасола рӯ ба афзоиш аст [8, с.74].

Пажӯҳишҳо собит намудаанд, ки айни замон ҳам дар бозорҳои дохилии меҳнат ва дар бозорҳои меҳнати кирояи ғайрирасмии беруна беш аз 35 фоизи корҷӯён дар иқтисоди “соягӣ” ё худ ғайриқонунӣ фаъолият менамоянд, ки дар ин доира теъдоди занону бонувон низ кам нестанд [13, с.3].

Натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқот, ки дар диаграммаи зерин инъикос ёфтаанд, метавонанд ба динамикаи инкишофи муҳити иҷтимоӣ барои ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ ба таври возеҳ равшанӣ андозанд:

Диаграммаи 1

Дараҷаи маълумот ва тахассуснокии корҷӯёни бозори берунии меҳнати кироя:



Таҳияи муаллиф

Мавриди зикр аст, ки нишондоди диаграммаи мазкур дар асоси далелҳои вобаста ба таҳқиқи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ҷамъоваришуда муайян гардидаанд ва мувофиқи ин нишондиҳандаҳо аз шумораи умумии корҷӯён дар бозорҳои меҳнати дохил ва хориҷи мамлакат, ки бештар дар “иқтисоди соя” ё худ бозорҳои меҳнати ғайрирасмӣ фаъолият мекунанд 41,7 фоизашон дорои маълумоти умумии пурра (хатмкардаи синфи 10 ё 11) мебошанд. маълумоти бадастомада шаҳодат медиҳанд, ки аксар маврид шахсони бемаълумот ё дорои маълумоти ибтидоии нопурра, ки берун аз қонунгузориҳо мондаанд, бо сабаи надонистани қонунҳои меҳнат ва ҳуқуқҳои худ ба корҳои ғайриқонунӣ ҷалб карда мешаванд. Зеро ин гуна афрод агар аз як тараф қонунҳоро сарфаҳм наравванд, аз тарафи дигар касбу ихтисос ё ҳунари маъмулиеро низ соҳиб нестанд.

Бояд гуфт, ки Тоҷикистон ҳанӯз даҳ сол пеш, яъне аз соли 2015 сар карда то имрӯз аз самти аграрӣ - саноатӣ ба самти саноатӣ - аграрӣ майл намуд ва ин раванд то имрӯз идома дорад. То ибтидои соли 2020 дар қаламрави кишвар беш аз 220 корхонаҳои нави саноатӣ, бо таъсиси зиёда аз 3000 ҷойҳои корӣ фаъол гардиданд, ки қариб 60 000 ҷойҳои корӣ ба вилояти Суғд, 55 000 ҷойҳои корӣ ба вилояти Ханлон, садҳо ҷои корӣ ба ВМКБ ва ҳазорҳо ҷойҳои нави корӣ ба шаҳри Душанбе ва Ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурӣ рост меоянд.

Далелҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки танҳо дар соли 2016 61,9 фоизи корҷӯёни бозори меҳнати дохилӣ дар бахшҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ ба корҳои мавсимӣ ва доимӣ фаро гирифта шудаанд. Дар соҳаҳои агросаноатӣ ва хоҷагиҳои деҳоти кишвар саҳми қувваҳои қобили меҳнат дар умум, нисбат ба соҳаҳои дигар, аз ҷумла соҳаҳои саноати вазнин ва сабук мутаносибан 52,7 ва 49,5 фоизро ташкил медод.

Мувофиқи далелу рақамҳои бадастомада як муддат, яъне аниқтараш дар давоми солҳои 2020 - 2022 қатори дигар соҳаҳои хоҷагидорӣ ва саноатӣ пахншавии бемории COVID-19 ба хоҷагиҳои кишоварзии деҳот низ зарари ҷиддӣ ворид намуд, ки ин раванд сабаби як муддат афзуншавии сафи бекорон дар мамлакат гардида, як қисми онҳоро барои ҷустуҷӯи кори даромаднок ба бозорҳои меҳнати хориҷи кишвар ҷалб намуд ва дар муддати ду соли минбаъда сафи муҳоҷирони меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷ то 14,7 фоиз боло рафт.

Метавон гуфт, ки вобаста ба афзоиши муҳоҷирати меҳнат ва ҷалби корҷӯён ба бозорҳои меҳнати хориҷи кишвар «тафриқаҳои умумӣ дар шуғли доимӣ ва мавсимӣ аз рӯи категорияи мутахассисон дар бозорҳои меҳнати дохилӣ асосан аз ҷониби сегрегатсияи саноатӣ вобаста ба ҷинс муайян карда мешаванд. Масалан, шумораи роҳбарони мард дар ҳама сатҳҳо нисбат ба занон қариб 4 маротиба зиёд буда, мутахассисони дараҷаи олӣ - 1,5 баробар ва коргарони ихтисосноки самтҳои саноат - 6,7 баробарро ташкил медоданд» [6, с. 96].

Дар ин васила метавон гуфт, ки вобаста ба шароити ондавраи самтҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳӣ ва дақиқисозии раванди муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ танҳо бо назардошти пулҳои аз берун ба кишвар интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ имконпазир буд. Зеро таъминоти асосии аксар хонаводаҳои шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ ба муҳоҷирони меҳнатӣ бор буд.

Муҳаққиқони соҳа дар ин маврид ба он назаранд, ки интиқоли пули муҳоҷирон ҳам ба буҷаи кишварҳо ва ҳам ба кулли самтҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири бевосита мерасонад. Далелҳои бадастомадаи молиявӣ бозгӯи онанд, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон нисбат ба дигар кишварҳои минтақа пули муҳоҷиронро бештар қабул мекунанд ва аксаран маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ аз Федератсияи Россия интиқол дода мешавад.

Маълумоти соли 2023 пешниҳоднамудаи Бонки Ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳанд, ки танҳо дар давоми солҳои 2022-2023 ҳаҷми интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ ба бештар аз 30%-и ММД-и Тоҷикистон ва 28%-и ММД-и Қирғизистон рост меояд.

Аз рӯи мушоҳидаҳои илмӣ ин ду кишвари Осиёи Марказӣ дар рӯйхати даҳгонаи кишварҳои аз муҳоҷирони меҳнатӣ вобастабуда дар саросари олам ворид мешаванд. Дар кишвари Ӯзбекистон бошад ҳаҷми интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ ба 16%-и ММД баробар аст ва кишвари Қазоқистон дар ин раддабандӣ саҳми камтаринро соҳиб аст, ки он ҳамагӣ 0,2,5%-ро ташкил медиҳад [14].

Дар асоси таҳлилҳои маълумоти пешниҳоднамудаи Бонки Ҷаҳонӣ ва сарчашмаҳои дигари оморӣ метавон ба хулосае омад, ки дар шароити кишвари мо доираи васеи муҳоҷирати меҳнатӣ, сафҳои беш аз якмиллионаи муҳоҷиронро дар бар мегирад, яке аз сарчашмаҳои асосии таъмини буҷаи оилаҳои тоҷик аст. Вобаста ба арқому далелҳои ҷойдоштаи

Ташкилоти молиявии ҷаҳонӣ «Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба таҳлилҳои расмии Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи интиқоли пули муҳоҷирати меҳнатӣ дар феҳрасти кишварҳои вобастабудаи пули муҳоҷирони меҳнатӣ қарор дорад. Ҳанӯз пеш аз бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ Тоҷикистон аз ҳисоби муҳоҷирони корӣ рушд мекард: дар соли 2015 4,1 миллиард доллар ё муодили 31,5% ММД-и Тоҷикистон; соли 2018 4,9 миллиард доллар ё зиёда аз 41% ММД» [5].

Диаграммаи 2



Мавриди зикри хос аст, ки дар давоми солҳои 2022-2023 ҳисоботи интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ аз Россия ба кишварҳои Осиёи Марказӣ се маротиба пешниҳод гардид. Бо назардошти далелҳои ин гузориш, «нишондоди ҳаҷми умумию солонаи маблағҳои фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои худ тули бист соли охир ба тариқи пайваста ва рӯзафзун афзоиш дошта, пас аз поиншавии раванди бемории дар ҷаҳон ба таври васеъ паҳнгардидаи COVID-19, ки ба ҳамаи смту соҳаҳои бозори меҳнат халали ҷиддӣ ворид намуда буд, қариб 2,1 баробар зиёд гардидааст» [12].

Мутобиқи нишондоди ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ пандемияи COVID-19 як ҳолате арзёбӣ мегардад, ки хатари аз ҳамдигар вобаста будани кишварҳоро дар сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар самтҳои иқтисодию меҳнатӣ нишон медиҳад.

Аз ҷумла дар ҳисобот қайд гардидааст, ки баста шудани сарҳадҳо ва поин омадани доираи васеи амалкарди байни одамону байнидавлатӣ боиси 6% камшавии интиқоли пул дар соли 2020 шудааст.

Ҷадвали 2

Кишварҳои Осиёи Миёна	**Пешгӯйии афзоиши интиқоли пул (бо фоиз)**	**Пешбинии такрорӣ (бо фоиз)**
Қазоқистон	8,1	-22
Қирғизистон	4,5	-34
Тоҷикистон	**3,1**	**-28**
Ӯзбекистон	2,9	-27
Тибқи ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ (солҳои 2022-2023)		

Доираи тадқиқот фарогири бештар аз 14 соли охири ҳаёти иҷтимоӣ - меҳнатии аҳолии кишварро дар бар гирифта, маводҳои гирдовардаи солҳои 2010 - 2024 мавриди таҳлилу тадқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Вале дар атрофи таҳқиқ ҳамчунин барои муқоиса арқому далелҳои иқтисодию иҷтимоии солҳои пешин низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ин васила метавон гуфт, ки дар маълумоти омории расмии Бонки ҷаҳонӣ, ки соли 2010 таҳия ва нашр гардида, чанд соли пешро дар доираи бозори меҳнат бо ҳам қиёс менамояд, аз ҷумла оварда шудааст, ки танҳо дар давраи солҳои 2005 то ибтидои соли 2010 «аз кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шумори умум беш аз 98 фоизи муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишвари Россия рост меояд» [5].

Бо вуҷуди ин, аз рӯи нишондоди расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар раванди панҷ сол, яъне аз ибтидои соли 2006 то оғози соли 2011 сафи мардони дар муҳоҷирони меҳнатӣ қарордошта 93,4 фоиз ва занони дар муҳоҷирати меҳнати ҷалбгардида 5,1 фоиз, ҷавонони синни аз 15-30 сола 58 фоиз (261,1 ҳазор нафар)-ро ташкил медиҳанд. Дар ин росто, синну соли миёнаи муҳоҷирони мещнать аз Тоҷикистон 35 сол муайян гардидааст. Танҳо дар соли 2010 тибқи маълумоти расмӣ аз кишвари мо ба кишвари Россия беш аз 7000 ҳазор нафар корҷӯён барои дарёфти кор сафар намудаанд» [6, с.106].

Вобаста ба таҳлилу баҳодиҳии динамикаи рушди иҷтимоӣ ва меҳнатӣ, метавон гуфт, ки дар шумори кишварҳои рӯ ба пешрафти ҷаҳон, ки ҷумҳурии мо низ ба он гурӯҳ ворид мешавад, «ҳар қадар сарфи маблағҳои буҷавӣ ва ғайрибуҷавӣ барои тақвияти шуғл ва фароҳамсозии ҷойҳои нави корӣ афзун бошад, ҳамон қадар сатҳи бекорӣ дар кишвар, чун қоида, паст мешавад ва сатҳи умумии фаъолияти меҳнатии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мешавад» [16].

Ташаккули бозори меҳнат дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он бояд ҷузъи таркибии ташаккули механизми бозорӣ бошад ва танзими он бо роҳи рафъи таназзули истеҳсолот, пешгирии бекории оммавӣ ва андешидани тадбирҳо барои ба даст овардани механизми бозорӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагонии аҳолӣ раванд ёбад.

Дар баробари аз нав ташкил кардани корхонаҳои калони хоҷагии деҳот (совхозҳо, колхозҳо ва корхонаҳои байнихоҷагӣ) Тоҷикистон ҳоло дар байни ташкилоти идоракунӣ дар саноат занҷири равшани амудӣ вуҷуд надорад. Чандин муассисаҳои давлатии хоҷагии деҳот ба дастгоҳҳои Вазорати кишоварзии кишвар бевосита тобеъ нестанд. Ин омилҳои номбаршуда дар аксар мавридҳо ба доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ ва ҳам иқтисодӣ дар кишвар таъсири амиқ расонида, аз ниҳодҳои дахлдор ҳалли саривақтии масоили мазкурро талаб менамояд.

Дар ин росто, ба ақидаи олими соҳа Қ. Х. Барфиев: «...нақши калидӣ ва саҳми асосии ниҳодҳои давлатии марбут ба самту соҳаҳои кишоварзӣ бояд аз татбиқи бевоситаи сиёсати аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои кишоварзии мамлакат иборат бошад. Зеро татбиқи сиёсати мазкур, пеш аз ҳама вазифаи Вазорати кишоварзии кишвар ва дигар ниҳодҳои марбутаи давлатӣ дониста мешавад. Метавон гуфт, ки ниҳодҳои тобеи Вазорати кишоварзии кишвар, ки дар тамоми қаламрави Тоҷикистон шумораи онҳо ба садҳо мерасад, барои амалӣ намудани сиёсати маазкур вазифадоранд ва дар ин росто қудрати ҳал намудани мушкилоти ҷойдоштаро низ доранд» [3].

Ба ақидаи коршиносон поин ё болоравии нишондоди омории зикргардида, ба таъсири омилҳои зерин рабт дошта метавонанд:

1. Фарогирии аҳолӣ ба ин ё он шуғли доимӣ ё мавсимӣ аз ҳаҷми хароҷоти умумӣ сарчашма мегирад. Дар ин раванд, пеш аз ҳама манбаъҳои аслии сармоягузорӣ, хоҳ сармоягузории давлатӣ бошад, хоҳ сармоягузории хусусӣ нақши бориз бозида метавонад.

Собит гардидааст, ки дар бисёр маврид фоидаи андози ба буҷаи умумиҷумҳуриявӣ алоқамандидошта, ки фиксалӣ маҳсуб меёбад, ба раванди истеҳсолу фурӯши молҳои дорои даромаднокии баланду муътадил халали ҷиддӣ ворид карда метавонад. Ин доира дар баъзе мавридҳо қариб 10 фоизро ташкил медиҳад ва барои сармоягузорӣ ҳиссаи на чандон баланд дониста мешавад.

2. Чунин ба назар мерасад, ки дар доираи сармоягузориҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат ба иқтисодиёти кишвар номуайянӣ ва ҳатто баъзан хавфҳои эҳтимолӣ вуҷуд дорад. Ин ду омил ҳамвора ба танзими бозори меҳнати дохилӣ низ таъсири манфӣ расонида метавонад.

3. Яке аз сабабҳои дигаре, ки ба танзими шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати дохилӣ хатар эҷод мекунад ин қарзҳои бонкӣ мебошанд. Зеро дар аксари бонкҳои кишвар фоизи баланди даромад аз пули қарз ба мушоҳида мерасад. Ин гуна қарзҳо барои сармоягузорӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳот, хоҷагии ҷангал, моҳипарварӣ, таъмири мошинҳо ва ин амсол созгор нестанд ва танҳо дар баъзе самтҳои тиҷорат барои сармоягузории мустақим истифода бурда мешаванд. Ба андешаи мо, ҳамин раванд сабабгор аст, ки дар самтҳои тиҷорату савдо афзоиши шуғл нисбатан бештар ба назар мерасад.

Ҳамин минвол, дар василаи натиҷабардорӣ аз мавзӯи мазкур метавон хулоса намуд, ки нишондодҳои дақиқи доираи муносибатҳои иҷтимоӣ - меҳнатӣ дар самти иқтисоди миллӣ ва дигар самту соҳаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сол то сол ва зина ба зина рӯ ба инкишоф овардаанд.

Дар ин росто, тамоюли ҷаҳонӣ ин аст, ки самтҳои иҷтимоӣ ва меҳнатӣ дар доираҳои иқтисод якҷоя бо афзоиши сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ алоқаманд аст.

АДАБИЁТ

1. Агенти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020. – с. 26-32
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: 2021. – С. 92., – С.107.
3. Барфиев К.Х. Конкурентоспособность дехканских (фермерских) хозяйств в условиях многоукладной экономики: на материалах Республики Таджикистан./ Автореферат дисс. на соискание уч. зван. кандидата экономических наук. Душанбе. - 2010.
4. Безруков Д. А. Глобализация и рынок труда//автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.01 / Д.А. Безруков. - Саратов: [б. и.], 2009. - 23 с.: ил. - Библиогр.: с. 22-23(12 назв.)

5. Бонки ҷаҳонӣ: Тоҷикистон аз ҳама бештар аз интиқоли пул дар ҷаҳон аст. URL: http://news.tj/ru/news/vb-tadzhikistan-naibolee-zavisimaya-ot-denezhnykh-perevodov-strana-mira. 13 декабри соли 2011 (санаи дастрасӣ: 08/12/2012).
6. Вазъияти бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти қувваи корӣ дар моҳҳои июн-июли соли 2009 Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2010. С. 96, С. 106
7. Дар тадқиқот моҳият ва механизми фаъолияти бозори меҳнати занони навъи «мардикор» муфассалтар омӯхта шудааст: Абдуллоев Х.А., Исломов З.С., Бозори «мардикорӣ»-и занон дар Тоҷикистон./ дар маҷмӯа. : Раванди пиршавии ахолӣ ва проблемахои он. – Душанбе, 2009, с.175
8. Исломов С.И., Абдуллоев Х., Исломова З.С. Бозори ғайрирасмии меҳнати навъи «мардикорство» - Душанбе, Ирфон, 2010. Саҳ. 65, Саҳ. 74.
9. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2008 N448 «Дар бораи таъсиси грантҳои Президентӣ дар соҳаи соҳибкорӣ дар байни занон барои солҳои 2008-2010».
10. Қувватова А. Ҷанбаҳои гендерии рушди аҳолии деҳоти Тоҷикистон дар шароити муосир // Системаи гендерӣ: ҳолат ва тамоюлҳои рушд. Реп. ред. Шоисматуллоев. Душанбе, 2004. – С.88
11. Нехода Е.В. Развитие социально - трудовых отношений в современных условиях. / Статья. ВЕСТНИК ТОМСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА Учредители: Национальный исследовательский Томский государственный университет ISSN: 1561-7793
12. Постановление Правительство Республики Таджикистан «О Государственной программе содействия занятости населения Республики Таджикистан на 2023-2027 годы». / г.Душанбе, от 28 марта 2023 года, №135.
13. Раҷабов О.Ҷ. Таҳлили омории шуғли аҳолӣ ва бозори меҳнат дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон / Автореферати диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051200-Омор. Душанбе - 2022. - С.3
14. Эл ресурс. URL: http: // news.tj/ru/news/vb-tadzhikistan-naibolee-zavisimaya-ot-denezhnykh-perevodov-strana-mira. 13 декабри соли 2022 (санаи дастрасӣ: 08/01/2023).
15. Эл ресурс. URL: http: // k-probleme-formirovaniya-novoy-evolyutsionnoy-modeli-rossiyskogo-rynka-truda-v-usloviyah-integratsii-i-globalizatsii-chast-ii.pdf
16. Юсуфбеков Ю.Р. Социально-экономические основы совершенствования системы управления трудом в Республике Таджикистан Источник: https: // www.bibliofond.ru/view.aspx?id=907131© Библиофонд

УДК 331.152.5

Исмоилова Д.М.

ТАКОМУЛИ МЕХАНИЗМИ БАНАҚШАГИРИИ МОЛИЯВӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

Банақшагирии молиявӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии молияи давлатӣ ба таъмини устувории низоми буҷет, идоракунии қарзи давлатӣ, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ ва дастгирии рушди инноватсионӣ нигаронида шудааст. Дар мақола муҳимияти банақшагирии молиявӣ дар шароити муосир муайян гардидааст, зеро он имкон медиҳад, ки мушкилот ва имкониятҳоеро, ки дар оянда ба миён меоянд, таҳлил шаванд; таъсири тағйироти пешбинишавандаи иктисодиёт ва вазъияти демографӣ ба вазъи молияи давлат баҳо дода шавад; хаҷми захираҳое, ки барои иҷрои вазифаҳои аввалиндараҷаи тараққиёти иқтисодиёт заруранд, муайян гарданд; зарурати ислоҳоти сектори буҷетӣ бо мақсади таъмин намудани мувозинати дарозмуддат дар тараққиёти иқтисодиёти минтақа сари вақт муайян гардад.

Калидвожаҳо: нақшагирии молиявӣ, буҷет, буҷети маҳаллӣ, даромади буҷет, хароҷоти буҷет, тавозуни захираҳои молиявӣ.

Исмоилова Д.М.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ФИНАНСОВОГО ПЛАНИРОВАНИЯ КАК ФАКТОРА ФИНАНСОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕГИОНА

Финансовое планирование как составная часть управления государственными финансами направлено на обеспечение устойчивости бюджетной системы, управление государственным долгом, а также выполнение социальных обязательств и поддержку инновационного развития. В статье определена важность финансового планирования в современных условиях так как оно позволяет проанализировать вызовы и возможности, которые могут возникнуть в перспективном периоде; оценить влияние ожидаемых изменений в экономике и демографической ситуации на состояние государственных финансов; определить объемы ресурсов, требующихся для реализации приоритетных задач экономического развития; своевременно выявить необходимость реформирования бюджетной сферы с целью обеспечения долгосрочной сбалансированности экономического развития региона.

Ключевые слова: финансовое планирование, бюджет, местный бюджет, доходы бюджета, расходы бюджета, балансы финансовых ресурсов.

Ismoilova D.M.

IMPROVEMENT OF FINANCIAL PLANNING MECHANISM AS A FACTOR OF FINANCIAL SUPPORT FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY

Financial planning as an integral part of public finance management is aimed at ensuring the sustainability of the budget system, public debt management, as well as fulfilling social obligations and supporting innovative development. The article defines the importance of financial planning in modern conditions, as it allows analyzing the challenges and opportunities that may arise in the long-term period; assessing the impact of expected changes in the economy and demographic situation on the state of public finances; determining the volume of resources required to implement priority tasks of economic development; timely identifying the need to reform the budget sphere in order to ensure long-term balance in the economic development of the region.

Keywords: financial planning, budget, local budget, budget revenues, budget expenditures, balances of financial resources.

Раванди бозтақсими захираҳои молиявӣ байни субъектҳои гуногуни низоми молиявӣ ва дохили онҳо ҳамеша ба ноил гардидан ба мақсадҳои муайян нигаронида шудааст, бино бар ин он ба таври стихиявӣ амалӣ гардонида шуда наметавонад ва мутаносибан ташкили ягон сохтори идораро тақозо мекунад. Таърифҳои мухталифи истилоҳи «идора» мавҷуд аст. Ба таври умумӣ метавон гуфт, ки идора ин ташаккули мақсадноки раванди ягон фаъолият ё таъсири мақсадноки субъекти идора ба объекти идора мебошад. Ба сифати объектҳои идораи молия намудҳои гуногуни муносибатҳои молиявӣ, аз ҷумла муносибатҳои махсус баромад мекунанд, ки онҳоро сохти иҷтимоии давлат (масалан, равандҳои бозтақсими моликияти давлатӣ, ҳамчунин ғайридавлатӣ), ҷобаҷошавии нерӯҳои сиёсӣ дар мамлакат ва дигар омилҳо, ки ба равандҳои бозтақсимӣ таъсир мерасонанд, муайян менамоянд.

Дар молияҳои давлатию маҳаллӣ, дар молияи субъектҳои хоҷагидор ба сифати субъектҳои идора умури махсус баромад мекунанд, ки дастгоҳи молиявӣ номида мешавад. Нақшагирӣ яке аз воситаҳои идораи молия мебошад. Як қатор аломатҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки ин фаъолиятро тавсиф мекунанд: а) тартибпазирӣ; б) алоқа бо коркарди иттилоот; в) самтгирӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳои муайян; г) характери муваққатӣ доштан.

Таҳти мафҳуми нақшагирӣ раванди таҳия ва қабули муқаррароти дорои характери миқдорию сифатӣ ва муайян кардани роҳҳои аз ҳама самарабахши ноилшавӣ ба онҳоро мефаҳманд. Натиҷаи нақшагирӣ нақша ё маҷмӯи нақшаҳо мебошад. Нақша натиҷаи раванди мураттаб мебошад, ки дар воситаҳо барои дар оянда ба мақсад ноил шудан муайян гардидааст. Нақшагирӣ тавассути қабули чораҳои мувофиқашуда дар муҳити тағйирёбандаи берунию дохилӣ ба сифати воситаи муассири ба даст овардани мақсадҳои гузошта баромад мекунад. Мақсади олии нақшагирӣ – сари вақт ошкор сохтани воситаҳо мебошад, ки таваккали қабули қарорҳои нодурустро паст мекунад [4].

Нақшагирии молиявӣ дар низоми нақшагирии иқтисодиёти миллӣ марҳилаи хотимавӣ ба шумор меравад. Маҳдудияти нисбии қисмҳои алоҳидаи низоми молиявӣ таҳияи нақшаҳои комплексии молиявиро барои ҳар як соҳа, ҳар як субъекти низоми молиявӣ пешбинӣ мекунад. Объектҳои асосии нақшагирии молиявӣ захираҳои молиявӣ мебошанд, ки байни субъектҳои алоҳидаи низоми молиявӣ бозтақсим мешаванд. Ҳаракати захираҳои молиявӣ дар нақшаҳои дахлдор таҳким мешавад, ки онҳо низоми ягонаи нақшагирии молиявиро ташкил мекунанд. Ҷои марказиро дар низоми нақшаҳои молиявӣ буҷетҳо ишғол мекунанд. Дар буҷетҳо ифодаи миқдории шакли ташаккул ва харҷи фондҳои воситаҳои пулӣ, ки барои таъмини молиявии вазифаҳои давлат ва худидораи маҳаллӣ пешбинӣ шудаанд, инъикос меёбанд.

Дар солҳои 90-ум қарни XX муносибат ба таҳияи буҷетҳо куллан тағйир ёфт. Ду лаҳза дар таҳияи буҷетҳо асосӣ маҳсуб мегарданд: 1. Гузариш ба таҳияи буҷетҳои миёнамуддат (маъмулан ба се, панҷ сол); 2. Гузариш аз нақшагирии захираҳои молиявӣ ба нақшагирии натиҷаҳои маблағгузорӣ. Масалан, дар Австралия, Испания, Шветсия нақшагирии миёнамуддат се солро фаро мегирад. Дар ИМА ва Олмон бошад, лоиҳаҳои буҷет ба мӯҳлати панҷсола пешбинӣ мешаванд. Олатҳои асосии таҳияи буҷет нақшаи миёнамуддати молиявӣ, тавозуни якҷояи молиявӣ ва барномаи буҷетӣ мебошад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ муносибати ягона ба муқаррар намудани мақоми ҳуқуқии параметрҳои буҷетӣ дар дурнамои миёнамуддат вуҷуд надорад. Дар Олмон, Испания, Канада, Австралия ва як қатор мамлакатҳои дигар нақшаҳои миёнамуддати молиявиро аз рӯи нишондиҳандаҳои яклухт таҳия мекунанд ва аз ҷониби мақомоти иҷроия ба мақомоти қонунгузорӣ танҳо ба мақсадҳои маълумотию таҳлилӣ пешниҳод мегарданд. Дар мамлакатҳои дигар, масалан ИМА, нишондиҳандаҳои алоҳида, ки ба нақшагирии миёнамуддати молиявӣ барои ҳар соли нақшаи панҷсола мансуб аст, тасдиқ карда мешавад. Дар навбати аввал ин ба нишондиҳандаҳои даромад, хароҷот аз ҷумла ба мудофиа, каср ва профитсити буҷет дахл дорад. Дар Шветсия нишондиҳандаҳои нақшаи миёнамуддати молиявиро бо роҳи қонунгузорӣ якҷоя бо буҷети солона тасдиқ мекунанд.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” дар самти рушди идоракунии молияи давлатӣ, алоқаманд намудани раванди буҷет бо банақшагирии стратегӣ самти афзалиятнок ҳисобида мешавад [1].

Агар шароити иқтисодии ба миён омада ба таври боэътимод ба ояндабинии нишондиҳандаҳои рушд имконият надиҳад, қабули буҷетҳои бисёрсола босуботии сиёсати буҷетии татбиқшавандаро кафолат намедиҳад. Айни замон, таҳия ва тасдиқи буҷетҳои бисёрсола барои қабули қарорҳои стратегии идорӣ ва татбиқи онҳо шароит фароҳам меорад, барои истифодаи нисбатан мунтазами маблағҳои буҷет имконият медиҳад ва, аз ҳама муҳимаш, барои инкишофи мустақилияти субъектҳои нақшагирии буҷетӣ имконият муҳайё мекунад [5].

Имкони нисбатан пурра амалигардонии самтҳои интихобшудаи сиёсати буҷетӣ, тадбирҳо оид ба дастгирии давлатии иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, ҳамчунин баланд бардоштани

масъулияти мақомоти молиявии ҳукумат баҳри иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузошта аз ҷумлаи афзалиятҳои тасдиқи нишондиҳандаҳои буҷет ба мӯҳлати се сол мебошад.

Чи хеле, ки аз таҳлилҳои мақомоти андоз маълум гардид, воридоти маблағҳои андоз аз молу мулк ба қисми даромади буҷет дар вилояти Суғд тадриҷан афзоиш меёбанд. Ин ҳам дар заминаи болоравии нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва ҳам иҷрои он мебошад. Масалан, дар соли 2024 нақшабандии андоз аз молу мулк дар қиёс ба соли пеш ба андозаи 114,4 фоиз ва афзоиши иҷрои он 115,5 фоизро ташкил додааст.

Ҳамин тавр, аз ҳисоби андозҳо аз молу мулк дар соли 2024 ба буҷет 368,9 млн сомонӣ маблағ ворид карда шудааст, ки 106,1 фоизро ташкил дода, 21,1 млн сомонии он барзиёд аз нақша мебошад.

Бояд қайд намуд, ки сатҳи афзоиш нисбат ба нақша ва иҷрои, на дар ҳама шаҳру навоҳии вилоят қаноаткунанда аст. Масалан, сатҳи пасти афзоиш нисбати нақшаи пешбинигардида дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд - 110,1%, Исфара - 109,8%, Панҷакент - 101,3%, Бӯстон - 108,7%, Деваштич - 111,3%, Мастчоҳ - 105,5% ва Бобоҷон Ғафуров - 104% - ро ташкил додааст. Аммо сатҳи пасти афзоиш нисбат ба иҷрои нақшаи пешбинигардида дар шаҳру ноҳияҳои Исфара - 111%, Гулистон - 108,4%, Хуҷанд - 110,9%, Бӯстон - 115%, Айнӣ - 110,8%, Деваштич - 111,6%, Бобоҷон Ғафуров - 105%, Шаҳристон - 106,2% ва Кӯҳистони Мастчоҳ - 101,9% - ро дар бар мегирад.

Илова бар ин, нақшаи пешбинигардидаи андоз аз объектҳои ғайриманқули шахсони ҳуқуқӣ дар вилоят дар соли 2024 дар ҳаҷми 101,5% таъмин гардида бошад ҳам, як қатор шаҳру ноҳияҳо аз иҷрои он набаромаданд, аз он ҷумла шаҳру ноҳияҳои Панҷакент 98,9%, Истиқлол 91,8% ва Айнӣ 88,4 фоиз. Ба ҳамин монанд, нақшаи пешбинигардидаи андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ дар вилоят 103% иҷро гардидааст. Лекин ин нишондиҳандаро шаҳру ноҳияҳои Истиқлол ҳамагӣ ба андозаи 91,3%, Айнӣ 87,2%, Деваштич 98,6% ва Мастчоҳ 97,8% иҷро карда тавонистанду халос. Дар натиҷа, аз ин ҳисоб 39,8 ҳазор сомонӣ маблағи ин намуди андоз ба буҷет ворид нагардидааст.

Яке аз сабабҳои дар сатҳи зарурӣ афзоиш наёфтани иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андозҳои маҳаллӣ сифатнок ва сари вақт иҷро накардани Фармоиши Кумитаи андоз аз 5 феврали соли 2024, №83 “Оид ба баҳисобгирӣ (инвентаризатсияи) молу мулки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ” мебошад [2]. Ҳарчанд дар ҳудуди вилоят сатҳи анҷом додани баҳисобгирии (инвентаризатсияи) шахсони ҳуқуқӣ 98 фоизро ташкил медиҳад, вале аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Конибодом (94,0 фоиз), Спитамен (84 фоиз), Шаҳристон (96,0 фоиз), Айнӣ (94 фоиз), Панҷакент (94 фоиз) ва Ашт (91 фоиз) чунин баҳисобгирӣ дар сатҳи паст гузаронида шуда, масоҳатҳои иловагӣ ошкорнамуда ва маблағҳои иловагӣ ҳисобшуда ночиз мебошанд. Умуман, дар миқёси вилоят масоҳати иловагӣ ошкоргардида аз ҳисоби объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ 5,9 млн. метри мураббаъ, масоҳати қитъаи замин 2285,3 га ва андозҳои иловагии ошкоршуда 13,9 млн. сомониро ташкил медиҳанд.

Гарчанде аз ҷониби нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои вилоят баҳисобгирӣ гузаронида шуда бошад ҳам, аммо воридкунии санадҳо ба барномаи компютерӣ ба талабот ҷавобгӯй намебошад. Рафти воридкунии санадҳои дар давраи баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) тартибдодашуда ба барномаи компютерӣ дар вилоят 101,0 фоизро ташкил медиҳад, ки нисбат ба шумораи дар ҳисобот нишондодашуда 2,0 фоиз ва ё аз рӯи шумора 16,3 ҳазор адад кам мебошад. Чунончи, шумораи андозсупорандагоне, ки таҳти баҳисобгирӣ қарор дода шудаанд, мувофиқи ҳисобот дар ноҳияи Ҷаббор Расулов 24552 адад ё 101,0 фоизи шумораи умумии объектҳоро ташкил дода, шумораи санадҳои ба барномаи компютерӣ воридгардида 23523 адад ё 100,5 фоизи шумораи умумии объектҳоро дар бар мегирад. Ҳолати мазкур дар шаҳру ноҳияҳои Деваштич аз 37668 адад танҳо 28049 адад ё 74,5 фоиз, Шаҳристон аз 10052 адад танҳо 9458 адад ё 94,0 фоиз ва Мастчоҳ аз 22767 адад танҳо 18452 адад ё худ 81,0 фоизро фаро мегирад, ки аз бесифат гузаронида шудани баҳисобгирӣ дарак медиҳад.

Зикр бояд дошт, ки бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар ҳудуди вилоят ба санаи 1 – уми январи соли 2024 маблағи 156,0 млн. сомониро ташкил дода, ин нишондод ба санаи 1 – уми декабри соли гузашта ба 109,8 млн. сомонӣ расонида шуд. Яъне ба маблағи 46,2 млн. сомонӣ бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар ҳудуди вилоят кам карда шуд, ки ин ҳам ба талабот ҷавобгӯй намебошад. Сатҳи пасти фоизнокии кам намудани бақияи қарзи андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд 15 фоиз, Айнӣ 21,4 фоиз, Зафаробод 12,7 фоиз, Панҷакент 4,9 фоиз, Шаҳристон 11 фоиз, Истиқлол 7,4 фоиз ва Ашт 6,3 фоиз ба назар мерасад. Дар баробари ин шаҳру ноҳияҳои Гулистон ба маблағи 144,7 ҳазор сомонӣ (5%), Мастчоҳ 430,5 ҳазор сомонӣ (6,4%), Кӯҳистони Мастчоҳ 50,3 ҳазор сомонӣ (487,6%) нисбати аввали сол бақияи қарзи андози мазкурро зиёд намудаанд.

Ҳамзамон, шумораи андозсупорандагоне, ки бақияи қарзи андоз доранд, дар вилоят нисбат ба аввали сол аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Гулистон 53 адад, Шаҳристон 420 адад ва Кӯҳистони Мастчоҳ 925 адад зиёд гардидааст. Шумораи андозсупорандагоне, ки аз ҳисоби объектҳои молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ бақияи қарзи андоз доранд, ба санаи 1 январи соли 2024 дар вилоят ба 285 ҳазор адад расида, ба 167 ҳазор адади онҳо огоҳинома ирсол карда шудааст, ки 58,3 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили махзани маълумоти барномаи компютерӣ нишон медиҳад, ки шумораи андозсупорандагоне, ки аз ин намуди андоз қарздор мебошанд, дар ноҳияи Деваштич ба 15711 адад баробар буда, дар давраи ҳисоботӣ танҳо ба 4717 адад огоҳинома ирсол карда шудааст, ки 30 фоизи шумораи андозсупорандагони қарздорро ташкил медиҳад. Фоизнокии мазкур дар шаҳру ноҳияҳои Спитамен 42,8 фоиз, Истаравшан 10,5 фоиз, Бобоҷон Ғафуров 17,7 фоиз ва ноҳияи Ашт 2,6 фоизро дар бар мегирад [11].

Банақшагирии буҷетӣ маҷмӯи чорабиниҳоест, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои ташкил, асосноккунии иқтисодӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷотҳои буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетӣ равона гардида, амалӣ карда мешавад [5]. Аксарияти камбудиҳои нақшагирии буҷетии солҳои гузашта аз бисёр ҷиҳат бо шароити объективӣ марбут буданд, ки ба қатори онҳо аз ҷумла эътимоднокии нокофии ояндабинии макроиқтисодӣ, зуд-зуд ва ба тарзи пешгӯинашаванда тағйир ёфтани қонунгузории андоз, вобастагии даромади буҷети давлатӣ аз омилҳои иқтисодии беруна, хароҷот аз ислоҳоти сохтории татбиқшаванда мансубанд.

Баробари буҷетҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, сатҳи маҳаллӣ, фондҳои ғайрибуҷавӣ ташаккул ёфта метавонанд [2]. Ҳаракати маблағҳои пулӣ дар он фондҳо мутаносибан дар харҷномаҳои даромаду хароҷот инъикос меёбанд. Дар сатҳҳои умумидавлатӣ ва ҳудудӣ ба низоми нақшагирии молиявӣ таҳия ва татбиқи нақшаҳои дурнамои молиявӣ, тавозунҳои молиявӣ, ҳамчунин тавозунҳои ҳаракати даромаду хароҷоти аҳолӣ дохил карда мешаванд [10].

Тавозунҳои захираҳои молиявӣ аз маҷмӯи ҳамаи даромаду хароҷоти эҳтимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои хоҷагидор дар минтақаи муайян иборат аст. Тавозуни ҷамъбастии молиявии давлат дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мешавад. Он ба корҳои зерин имконият медиҳад: ба ҳам марбут сохтани таносубҳои моддию молиявӣ дар хоҷагии халқ, мувофиқгардонии нишондиҳандаҳои ҳамаи ҷузъҳои низоми молия ва қарз, муайян кардани манбаи маблағгузории чорабиниҳое, ки дар дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии давлат муайян карда шудаанд; ошкор сохтани захираҳои иловагии молиявӣ; амалӣ гардонидани ҳисобкардҳои молиявии пешбинишаванда ва ворид сохтани тасҳеҳи зарурӣ ба самтҳои сиёсати молиявӣ.

Тавозуни ҷамъбастии молиявӣ инъикоси пайдарпаи раванди ташаккули захираҳои молиявӣ ва истифодаи онҳо, ҳамчунин гардишҳои солонаи захираҳои молиявиро таъмин мекунад [8]. Таҳияи ин ҳуҷҷат дар сатҳи давлат ба ҳалли вазифаҳои зерини таҳлилию ояндабинӣ дар раванди коркарди сиёсати давлатӣ имкон медиҳад: 1) Умуман муайян кардани таркибу сохтори захираҳои молиявӣ оид ба иқтисодиёт ва бахшҳои ниҳодии (институсионалии) он; 2) таҳлили сабабҳои каср (дефитсит) ё профитсити захираҳои иқтисодӣ умуман оид ба иқтисодиёт ва бахшҳои ниҳодии он; 3) таҳлили робитаҳои мутақобилаи равандҳои ташаккул, тақсим (бозтақсим) ва истифодаи захираҳои молиявӣ ҳам дар бахшҳои ниҳодии иқтисодиёти дохилӣ ва

ҳам байни иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳони боқимонда; 4) таъмини мутаносибии низоми буҷетӣ; 5) таъмини суботи сиёсати буҷетӣ тавассути арзёбии имкониятҳои давлат бобати маблағгузории ӯҳдадориҳои хароҷоти қабулшуда ва қабулшаванда [12].

Дар тавозуни даромаду хароҷоти пулии аҳолӣ ҳаракати захираҳои пулии аҳолӣ дар шаклҳои нақдию ғайринақдӣ инъикос меёбад. Даромадҳои пулии аҳолӣ аз се манбаъ ташаккул меёбад: 1) музди меҳнат ва иловапулиҳо ба музди меҳнат, мукофот, маблағи хароҷоти сафарҳои хидматӣ, пардохтҳои дорои характери иҷтимоӣ, ки корфармо нисбат ба коргарони кироя амалӣ мегардонад; 2) даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, иштирок дар фоидаи корхонаҳо, амалиёт бо амволи хусусӣ ва даромад аз амалиёти кредитию молиявӣ; 3) трансфертҳои иҷтимоӣ (нафақаи давлатӣ, кӯмакпулӣ, идрор ва ғайра). Хароҷот ба қисмҳои зерин тақсим мешавад: а) хароҷоти истеъмолӣ; б) андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва ҳиссаҳои ихтиёрӣ; в) пасандозҳои пулӣ. Тавозуни даромаду хароҷоти пулии аҳолӣ барои нақшагирии гардиши пули нақд, гардиши чаканаи мол, воридоти андоз, захираҳои кредитӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Нақшагирии дурнамоии молиявӣ ба мақсади таъмини ҳамоҳангсозии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсати молиявӣ, ҳамчунин ояндабинии комплексии оқибатҳои молиявии ислоҳоти мавриди назар, барномаҳо, қонун, пайгирии тамоюлҳои дарозмуддати манфӣ ва саривақт андешидани тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардонида мешавад [9]. Чунин нақшагирӣ алоқаи байни мақсадҳои сиёсӣ, идорӣ ва иқтисодии мамлакатро, ки дорои характери дарозмуддат аст, таъмин мекунад. Дар доираи нақшагирии солонаи молиявӣ муқаррар намудани ин робитаҳо амалан номумкин аст. Таҳия ва татбиқи нақшаи ояндабинии молиявӣ (миёнамуддат) танҳо дар асоси муносибати низомӣ ба ташаккули мақсадҳои сиёсати давлатӣ ва таҳлили омилҳои рушди он имконпазир аст. Дар сурати набудани аломатҳои аниқ тасвияшуда ва аз лиҳози миқдорӣ андозашавандаи комплексӣ масоили сершумори ҳаллашон мушкил ба миён меоянд, ки бо таъмини ҳамоҳангсозии нақшаҳои рушди соҳаҳою минтақаҳо, таъмини ягонагии раванди идораи давлатӣ ва ғайра марбутанд.

Гузариш ба нақшагирии миёнамуддати молиявӣ, ки дар доираи он сикли буҷа аз таҳлили параметрҳои асосии қаблан пазируфтаи нақшаи миёнамуддати молиявӣ дар соли дахлдор, таҳлили тағйирёбии омилу шароитҳои беруна, асосноккунии тағйирот, ки ба нишондиҳандаҳои асосии буҷавии давраи мавриди нақша қарор гирифта, ҳамчунин тасҳеҳ ё таҳияи лоиҳаҳои буҷа барои солҳои минбаъдаи марҳилаи пешгӯишаванда оғоз меёбад, дар Тоҷикистон низ амалӣ гардид. Ҳангоми ташаккули нақшаи дурнамои молиявӣ ва лоиҳаи буҷаи давлатӣ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул мешуморад: а) самтҳои асосии сиёсати андоз, гумрук, қарзӣ дар давраҳои мавриди нақшагирӣ, шароити сенариявӣ, параметрҳои асосии ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар дурнамои миёнамуддат, ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар соли навбатӣ; б) нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ ва нақшаи дурнамои молиявӣ; в) тавсифи асосии лоиҳаи буҷаи давлатӣ ва тақсими хароҷоти буҷаи давлатӣ дар соли навбатӣ тибқи таснифи функсионалии хароҷоти буҷаи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳангоми ташаккули нақшаи дурнамои молиявӣ ва лоиҳаи буҷети давлатӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро анҷом медиҳад: а) самтҳои асосии сиёсати андозу қарз, ҳамчунин пешниҳодҳоро оид ба самтҳои асосии сиёсати гумрук (марбутан ба қисме, ки дар он тартиби назорати арзиши гумрукии молу воситаҳои нақлиёт муайян карда мешавад) таҳия мекунад; б) нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ, лоиҳаи нақшаи дурнамои молиявӣ, лоиҳаи буҷаи давлатиро таҳия мекунад; в) характеристикаҳои асосии лоҳаи буҷаи давлатӣ, тақсими хароҷоти буҷаи давлатиро мувофиқан ба таснифи функсионалии хароҷоти буҷаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мекунад; г) ба маълумоти субъектҳои нақшагирии буҷавӣ ҳаҷми интиҳоии буҷаҳои онҳоро дар давраи нақшагирӣ ва лоиҳакашии буҷавӣ дар соли навбатӣ (аз ҷумла ҳаҷми интиҳоии аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимшудаи хароҷоти дорои хусусияти сармоягузорӣ) мерасонад.

Ҳангоми ташаккули нақшаи дурнамои молиявӣ ва лоиҳаи буҷети давлатӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зеринро ба субут мерасонад: а) самтҳои асосии

сиёсати гумрукиро (дар қисми марбут ба муайян кардани тартиби назорати арзиши гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) таҳия мекунад; б) шароити сенариявӣ, нишондиҳандаҳои асосии ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дар дурнамои миёнамуддат, ояндабинии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар соли навбатӣ, тавозуни ҷамъбастии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия мекунад; в) якҷоя бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таркиби хароҷоти дорои хусусияти сармоягузориро муайян мекунад; г) оид ба тақсими ҳаҷми интиҳоии хароҷоти дорои хусусияти сармоягузорӣ тибқи субъектҳои нақшагирии буҷавӣ ва маъмурони асосии воситаҳои буҷаи давлатӣ пешниҳодҳо таҳия карда, ба комиссияи буҷавӣ пешниҳод мекунад; д) номгӯи барномаҳои мақсадноки давлатиро, ки роҳбарии методиро ба таҳияи барномаҳои мақсадноки давлатӣ таъмин мекунанд, ташаккул медиҳад, ҳаҷми маблағгузории онҳоро дар соли навбатӣ ва давраи нақшавӣ ҳамоҳанг месозад; е) тибқи тартиби муқарраргардида лоиҳаи барномаи мушаххаси давлатии сармоягузориро таҳия менамояд, лоиҳаи номгӯи сохтмону объектҳоро барои эҳтиёҷоти давлатӣ тартиб медиҳад, пешниҳодҳои субъектҳои нақшагирии буҷавиро оид ба муайян кардани ҳаҷми хароҷоти сохтмону объектҳои ба номгӯи мазкур ворид карда ҳамоҳанг месозад.

Нақшаи дурнамои молиявӣ биноан ба зарурати муҳайё сохтани шароит барои таъмини мутаносибӣ ва устувори низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва буҷаҳои маҳаллӣ, пойдории макроиқтисодӣ, пешгӯишавандагии сиёсати буҷавӣ, андозӣ, гумрукӣ, қарзӣ ва пулию кредитӣ, иҷрои ӯҳдадориҳои амалкунанда ва қабулшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда мешавад. Нақшаи дурнамои молиявӣ дар се марҳила таҳия мегардад.

Дар марҳилаи аввал самтҳои асосии сиёсати андозу гумрукӣ, нишондиҳандаҳои асосии тавозуни ҷамъбастии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин шароитҳои сенариявӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, параметрҳо ва афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои миёнамуддат таҳия мегарданд ва тасдиқ карда мешаванд.

Дар марҳилаи дувум нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ, ҳамчунин самтҳои асосии сиёсати қарзӣ таҳия ва тасдиқ карда мешаванд. Нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ бо мақсади муайян кардани ҳаҷми умумии захираҳои молиявӣ, ки онҳоро ба иҷрои ӯҳдадориҳои хароҷоти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи нақшавӣ ҳини шартҳои додашудаи сенариявӣ равона кардан мумкин аст, таҳия карда мешавад. Самтҳои асосии сиёсати қарзӣ таҳлил ва ояндабинии ҳаҷму сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосноккунии пешниҳодҳо оид ба ҳаҷми қарз дар бозорҳои дохилию беруна, баҳодиҳӣ ба арзиши хизматрасонӣ ва ҳаҷми адои қарзи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи нақшавӣ дар бар мегирад.

Нишондиҳандаҳои асосии нақшаи дурнамои молиявӣ ва самтҳои асосии сиёсати қарзиро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мекунад, сипас он дар Комиссияи буҷа маврди баррасӣ қарор мегирад ва онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул мекунад. Дар мавридҳои зарурӣ ҳукумат ба самтҳои асосии сиёсати андозу гумрукӣ ва ба шартҳои сенариявӣ тағйироти дахлдор ворид мекунад.

Дар марҳилаи севум лоиҳаи нақшаи дурнамои молиявӣ таҳия ва тасдиқ карда мешавад. Лоиҳаро Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мекунад, Комиссияи буҷавӣ баррасӣ менамояд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мепазирад (маъқул мекунад).

Банақшагирии буҷетӣ маҷмӯи чорабиниҳоест, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ барои ташкил, асосноккунии иқтисодӣ ва муқоисаи нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷотҳои буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетӣ равона гардида,амалӣ карда мешавад [6]. Вазифаҳои банақшагирии буҷетӣ иборатанд аз:

- муайян кардани ҳаҷми зарурии воридот ба буҷетҳои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷетӣ, ки барои иҷрои вазифаҳои дарназардошта имконият медиҳад;

- муайянкунии ҳаҷм ва самтҳои хароҷоти воситаҳои буҷетӣ, инчунин самтҳои афзалиятноки харҷи онҳо дар давраи буҷетӣ;

- ошкор кардани захираҳо ҷиҳати афзун намудани самаранокии хароҷотҳои буҷетӣ;

- таъмини истифодаи мақсадноки воситаҳои буҷетӣ бо роҳи муқаррар кардани меъёрҳо ва қоидаҳои тақсимкунии онҳо;

- таҳлили нишондиҳандаҳои аслӣ бо мақсади баланд бардоштани дурустии нишондиҳандаҳои нақшавӣ;

- гузаронидани чорабиниҳо дар самти афзоиши даромадҳои буҷетие, ки ба фаъолнокии иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ таъсири манфӣ намерасонанд;

- баҳодиҳии омилҳои ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои нақшавӣ таъсиррасонандаи давраи буҷетӣ ва таҳлили оқибатҳои имконпазир. Муносибатҳои иқтисодӣ доир ба муайянкунии ҳаҷм ва сохтори нишондиҳандаҳои буҷетӣ ба сифати объекти банақшагирии буҷетӣ баромад мекунанд.

Ҳамаи мақомоту идораҳои давлатие, ки ҳуқуқи тақсимкунии маблағҳо ва лимитҳои ӯҳдадориҳои буҷетиро аз рӯи тақсимкунандагон ва гирандагони маблағҳои буҷетӣ ба уҳда доранд, ҳамчун субъектҳои банақшагирии буҷетӣ баромад мекунанд. Иштирокчиёни банақшагирии буҷетӣ мақомоте, ки дорои ваколатҳои буҷетӣ буда, ҳар яки онҳо вазифаҳои худро доранд ва дар доираи ваколатҳои худ амал мекунанд, инчунин иштирокчиёни раванди буҷетӣ, ки уҳдадориҳои оид ба ташаккули фондҳои марказонидашудаи воситаҳои пулӣ ба зиммаи онҳо вогузоршударо иҷро менамоянд.

Барои нақшагирии молиявӣ он иттилоте аҳамияти махсус дорад, ки дар бораи вазъияти кор дар оянда тасаввурот медиҳад. Ба ибораи дигар гӯем, иттилоот барои ояндабинӣ аҳамияти махсус дорад. Раванди ҳосил шудани ин иттилоот ояндабинӣ ном дорад. Ояндабинӣ ин тасаввуроти эҳтимолӣ дар бораи воқеаҳои оянда мебошад, ки ба мушоҳида, ҷамъбастҳои назариявӣ, иҷозату маҳдудият асос меёбад.

Ояндабинии молиявӣ ин пеш аз ҳама асосноккунии нишондиҳандаҳои нақшаҳои молиявӣ, пешгӯии вазъи молиявӣ дар ин ё он давраи вақт мебошад. Дар назарияю амалия ояндабинии молиявии миёнамуддат 5, 10 сол ва дарозмуддат бештар аз 10 солро фарқ мекунанд [7].

Мақсади асосии ояндабинии молиявӣ муайян кардани ҳаҷми воқеан имконпазири захираҳои молиявӣ ва талаботи онҳо дар давраи ояндабинӣ мебошад. Пешгӯиҳои молиявӣ унсури зарурӣ ва ҳамзамон давра дар таҳияи сиёсати молиявӣ ба шумор мераванд. Онҳо имкон медиҳанд, ки сенарияҳои гуногуни ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар назди ҳамаи субъектҳои низоми молиявӣ истодаанд, таҳия карда шавад.

Дар назария ва амалия усулҳои гуногуни ояндабинӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Байни онҳо усулҳои зеринро ҷудо мекунем: 1) усулҳои арзёбиҳои экспертӣ; 2) усулҳои таҳлили вазъиятӣ ва ояндабинӣ, аз ҷумла усули амсиласозӣ, амсилаи афзоиш; 3) усулҳои вобастагии таносубии нишондиҳандаҳо, аз ҷумла функсияҳои истеҳсолӣ ва функсияҳои хароҷот.

Ҳамин тариқ, банақшагирии молиявӣ ва ҳам худи раванди таҳияи нақшаҳо чун низоми таҳлили эҷодӣ, ҷамъбасткунӣ ва ба ҳам марбут сохтани нишондиҳандаҳои молиявии ҳамаи ҷанбаҳои фаъолият ва рушди молиявии давлату минтақаҳои он ҳисобидан ҷоиз аст. Ба таҳияи амсилаи шаклии фаъолияти давлат баробар кардани нақшагирӣ ва дар асоси он муайян намудани низоми нишондиҳандаҳои молиявии нақшавиро, ки аксаран дар амалия ба чашм мерасад, танҳо чун сохтори кории нақшагирии молиявӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Дар назар доштан лозим аст, ки дар раванди нақшагирии молиявӣ бояд бисёр омилҳои ғайрирасмӣ ё ғайризоҳирӣ ба назар гирифта шаванд, ки қобилияти ҳаётии таъмини молиявии фаъолияти минтақаро баланд мебардоранд.

АДАБИЁТ

1.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.12.2016, №636 қабул гардидааст.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон » барои соли 2022-2025.

3. Фармоиши Кумитаи андоз аз 5 феврали соли 2024, №83 “Оид ба баҳисобгирии (инвентаризатсияи) молу мулки шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ”
4. Александрова А.И., Скрипниченко М.В., Жужома Ю.Н. Финансовое планирование: учебное пособие / А.И. Александрова, М.В. Скрипниченко, Ю.Н. Жужома. – СанктПетербург: «ИБИН», 2020. – 146 с.
5. Буҷет ва низоми буҷет/ зери таҳрири умумии Буриева М.Ч./, Нашриёти “Эр -граф”, Душанбе, 2014, 400 с.
6. Бюджет и бюджетная система: учебник / Мст. П. Афанасьев, А. А. Беленчук, И. В. Кривогов; под ред. Мст. П. Афанасьева ‟ 3-е изд., М.: Издательство Юрайт, 2012.
7. КаверинаО.Д. Управленческий учет: системы, методы, процедуры. М.:Финансы и статистика, 2013.
8. Мингалёва Ж.А., Гершанок Г.А. Устойчивое развитие региона: инновации, экономическая безопасность, конкурентоспособность // Экономика региона, 2012. - № 3. – С. 68-77.
9. Раҳимзода Ш. Муомилоти пул ва қарз/ Душанбе. “Эр -граф”. 2008
10. Финансы: учебник /С. А. Белозёров, С. Г. Бродский, С. Г. Горбушина; отв. ред. В. В. Ковалёв. - 3-е изд., перераб. доп.- Москва: Проспект, 2013. - 928 с.
11. Рӯзномаи “Боҷу хироҷ”, нашрияи кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №5 аз 30 январи соли 2025, мақолаи “Вазъи ҷамъоварии андозҳои маҳаллӣ”, саҳ. 10
12. Финансовое планирование и прогнозирование: учеб. пособие / [Е.А. Разумовская, М.С. Шуклин, В. И. Баженова, Е.С. Панфилова]; под общ. р ед. Е.А. Разумовской; М-во образования и науки Рос. Федерации, Урал. федер. ун-т. — Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. — 284 с.

УДК 330.121.1+ 316.4

Исомадинова Ф.М., Бадалов Ҷ.Ҷ.

ҶОМЕАИ ИТТИЛООТӢ: НАЗАРҲОИ ЭВОЛЮТСИОНӢ ВА ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВӢ

Дар ин мақолаи илмӣ равишҳои асосии истилоҳҳои «иттилоот» ва «ҷомеаи иттилоотӣ» баррасӣ мешавад. Таваҷҷӯҳи асоси ба дарки таҳлили иҷтимою-фалсафии мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ», афзалият дар фазои консептуалии муосир дар байни дигар соҳаҳои тадқиқот асоснок карда шудааст. Дар муқоиса бо мафҳумҳои мавҷуда, тадқиқот тасдиқ мекунад, ки ҷомеаи иттилоотӣ на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ, сиёсӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ-фалсафӣ мебошад, ки омилҳои фарҳангию маънавии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳлилу таҳқиқ шуда, рушд ва вусъат пайдо кардани технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар низоми иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа омили муҳимми баҳамназдикшавии фарҳангҳо ва ҷаҳонишавии арзишҳоро дар ҷомеа сабт мегардад.

Калидвожаҳо: иттилоот, ҷомеаи иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, воситаҳои техникӣ, маҳсулоти истеъмолӣ, технологияҳои иттилоотию-коммуникатсионӣ, сиёсати иттилоотӣ, ҷаҳонишавии арзишҳо.

Исомадинова Ф.М., Бадалов Дж.Дж.

ИНФОРМАЦИОННОЕ ОБЩЕСТВО: ЭВОЛЮЦИОННЫЕ ТЕОРИИ И ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ

В данной научной статье рассмотрены основные подходы к терминам «информация» и «информационное общество». Основное внимание уделено осмыслению социально-

философского анализа понятия «информационное общество», его приоритетности в современном концептуальном пространстве среди других направлений исследований. В сравнении с существующими концепциями исследование подтверждает, что информационное общество-это не только экономическое, социальное, технологическое, политическое, но и социально-философское понятие, анализирующее и изучающее культурные и духовные факторы формирования информационного общества, фиксирующее развитие и расширение информационно-коммуникационных технологий в социально-политической и экономико-культурной системе общества как важный фактор сближения культур и глобализации ценностей в обществе.

Ключевые слова: информация, информационное общество, информационная безопасность, технические средства, потребительские товары, информационно-коммуникационные технологии, информационная политика, глобализация ценностей.

Isomadinova F.M., Badalov J.J.

INFORMATION SOCIETY: EVOLUTIONARY THEORIES AND THEORETICAL ANALYSIS

This scientific article examines the main approaches to the terms "information" and "information society". The main attention is paid to understanding the socio-philosophical analysis of the concept of "information society", its priority in the modern conceptual space among other areas of research. In comparison with existing concepts, the study confirms that the information society is not only an economic, social, technological, political, but also a socio-philosophical concept that analyzes and studies the cultural and spiritual factors of the formation of the information society, recording the development and expansion of information and communication technologies in the socio-political and economic-cultural system of society as an important factor in the rapprochement of cultures and the globalization of values in society.

Key words: information, information society, information security, technical means, consumer goods, information and communication technologies, information policy, globalization of values.

Гузориши масъала. Иттилоот дар рушди инсоният нақши истисноӣ дорад, ба дигаргуниҳо мусоидат мекунад. Пайдо шудани иттилооти нав, афзудани ҳаҷми он боиси инқилобҳои иттилоотӣ мегардад. Оқибати инқилобҳои иттилоотӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ ҷомеаи иттилоотӣ буд, ки ташаккули он як раванди иҷтимоӣ мебошад, зеро маҳз иттилоот ҳамчун фишанги ҷомеа амал мекунад. Ҷомеаи иттилоотии муосир дар заминаи як манбаи беназири ғайримоддӣ - иттилоот сохта шудааст, ки ҳам ба ҷузъҳои рӯҳӣ ва ҳам ҷисмонии мавҷудияти инсон таъсир мерасонад. Вай аз як тараф муҳити зисти моро ташкил дода, дар шакли технологияҳои навоварӣ, таъминоти барномавӣ ва воситаҳои иртибот зуҳур карда бошад ҳам, аз тарафи дигар ҳамчун воситаи асосии муошират байни одамон, пайваста табдил ва такмил меёбад. Зарур аст, ки масъалаҳои марбут ба нақш ва аҳамияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бунёди ҷомеаи иттилоотӣ амиқтар омӯхта ва таҳким бахшида, нишон дода мешавад, ки самаранокии системаи иттилоотии кишвар ба пешрафти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва кафолати амнияти он бевосита вобаста аст. Ба аҳамияти таъсиси ҳукумати электронӣ дар кишвар таваҷҷуҳи хоса зоҳир мешавад, ки ба гуфтаи муҳаққиқон, дар пешбурди сиёсати иттилоотӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии техникии аҳолӣ нақши калидӣ дорад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Масъалаҳои ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ дар таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ ба монанди М. Пората, Й. Масуди, Э. Тоффлер, Д. Белл, Г. Стоунера, У. Мартин, Р. Катца, П. Дракера, М. Кастельса, А. Лаборита, Дж. Мартина, Б. Уинстона, Ф. Уэбстера олимони рус ба монанди А.И. Ракитов, О.А. Финко, Ю.М. Нестеров ва дигарон баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқони тоҷик ба монанди Н.Д. Маҳмадизода, С.Ишанова, А.Ш Қурбонов, Х.Қ.Сафарализода, Х.У. Идиев, Р.Л. Давлатов, Д.С.Таваров ва Ш.Т. Беҳбудов низ оид

ба пайдоиш, ташаккул ва тамоюлгирии ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқотҳои алоҳида анҷом додаанд. Дар тадқиқоти муосир ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун сатҳи сифатан нави сохтори иҷтимоӣ муаррифӣ шудааст, ки дар он бахши иттилоотии фаъолона афзояндаи технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт нақши асосиро мебозад.

Мақсади мақола. Ҳадафи мақолаи мазкур ин омӯзиши хусусият ва моҳияти ҷомеаи иттилоотӣ тавассути омӯзиши тамоюлҳои экспоненсиалӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Мафҳуми «иттилоот» арзиши умумии фарҳангӣ табдил ёфтаистодааст. Онро бори нахуст соли 1928 олими амрикоӣ Р. Хартли барои муайян кардани ченаки миқдори ахборе, ки тавассути каналҳои техникии алоқа пахн мешавад, ба илм ворид карда буд [7, с. 335-363].

Имрӯз ин истилоҳ ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Дар баробари ин олими англис Т. Стоунер таъкид мекунад, ки “Зиндагӣ дар ҷомеае, ки мо онро иттилоотӣ меномем, мо ба ҳар ҳол намедонем, ки иттилоот чист” [19, с. 257—263].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот» ин мафҳумро ба таври зайл муайян мекунад: «маълумот дар бораи шахс, ашё, воқеаҳо, падидаҳо ва ҷараёнҳо сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо мебошад”. Ҳамзамон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот” мафҳуми иттилооти ҳуҷҷатикунонида (аснод) пешбинӣ шудааст: “...ин иттилооти дар манбаи моддии иттилоот қайдшуда бо маълумотҳое(реквизитҳое), ки барои ҳаммонандкунии он имкон медиҳанд он сабт шудааст” [1].

Тибқи таърифи забоншинос ва лексикографи барҷастаи шӯравӣ С.И. Ожегов “иттилоот” маълумотест, ки дар бораи олами атроф ва ҳодисаҳои дар он рухдода, ки аз ҷониби шахс ё тавассути воситаҳои техникӣ ба даст оварда мешавад, таъриф ёфтааст. Дар навбати худ, «иттилоот» ин аст: «1) дониш дар баъзе соҳа, дониш, андеша дар бораи чизе; 2) ахбор, хабар» мебошад [15, с. 253].

Дақиқ ва ҳамаҷониба таърифи мафҳуми «иттлоот» яке аз мушкилтарин вазифаҳои илмӣ боқӣ мемонад. Файласуфон, иттиллотро бо мафҳумҳои категориявӣ, аз қабили материя ва энергия дар як саф баррасӣ мекунанд. Иттилоот ин интиқол, инъикоси гуногунии ҳама гуна объектҳо ва равандҳои табиати зинда ва ҳатто беҷон аст, дар назар доранд.

Назарияи ҷомеаи иттилоотӣ падидаи нисбатан нав дар илми муосир мебошад. Пайдо ва рушди он бо рушд ва такмили технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки яке аз арзишҳои ҷомеаи техногенӣ ба ҳисоб рафта, ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ворид шудааст, алоқаманд мебошад.

Истилоҳи «ҷомеаи иттилоотӣ» дар солҳои 60-ум асри 20 аз ҷониби иқтисоддони амрикоӣ Ф. Махлуп ва муҳаққиқони ҷопонӣ Т. Умесао и Ю. Хаяши ворид карда шуда буданд. Ибораи johoka shakai маънои ҷомеаеро дорад, ки дар он муошират тавассути компютерҳо сурат мегирад (ҷамъияти коммуникатсионӣ тавассути компютер) [14].

Ҳанӯз таърифи умумӣ қабулшудаи ҷомеаи иттилоотӣ вуҷуд надорад. Равишҳои таърифии онро ба ду равия тақсим кардан мумкин аст:

1) аз рӯи истилоҳот («иттилоот» ва калимаҳои аз он гирифташуда);

2) на бештар ба истилоҳот, балки ба моҳияти масъала – маъно ва нақши иттилоот ва дониш (бо таърифҳои гуногуни онҳо) асос ёфта, мебошад.

Аввалин асарҳои марбут ба ин таҳқиқот дар солҳои 60-70 уми асри 20 аз тарафи файласуфони барҷастаи амрикоӣ ба монанди Д. Белл, Э. Тоффлер ва дигарон дар шакли консепсияҳои ҷамъиятии баъдииндустриалӣ пайдо шуданд. Ба ақидаи файласуфон коркардҳои муосири техникӣ, ки дар соҳаҳои хизматрасонӣ ҷорӣ карда шудаанд, ки омили муҳими рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд. Чӣ тавре олими амрикои Д. Белл дар асарҳои худ қайд мекунад: «агар дар ҷомеаҳои саноатӣ омилҳои муайянкунандаи моликият ва меҳнати ҷисмонӣ мебошанд, дар ҷомеаи пасондустриалӣ асос иттилоот ва дониш мебошад. Дар он мутахассисон, аз қабили олимон, муҳандисон, роҳбарон ва ходимони фарҳанг як табақаи нави касбию техникиро ташкил медиҳанд ва мақоми иҷтимоии шахсро на аз рӯи салоҳият ва маҳорати ӯ, балки ба як табақаи муайяни мансубияти ӯ муайян карда мешавад» [2 с. 655].

Мутафаккири маъруф оид ба омӯзиши раванди ҷомеаи иттилоотӣ Э. Тоффлер дар асари худ «Мавҷи сеюм» мафҳуми «ҷомеаи иттилоотӣ»-ро ба се давра, яъне ба марҳилаҳои рушди тамаддуни башарӣ таҳлил менамояд: давраи тосаноатӣ – ин давра аз асри VIII милодӣ то нимаи дуюми асри 17 мебошад, ки дар ин давра ба кори дастӣ афзалият дода шуда буд. Марҳилаи навбатии таҳаввулоти тамаддуни башарӣ ташаккул ва пешрафти ҷомеаи саноатӣ мебошад, ки аз миёнаҳои асри 17 оғоз ёфта, то миёнаҳои асри 20 давом кард. Ба охир расидани давраи ҷомеаи саноатӣ аз ҳисоби афзудани шумораи коргароне, ки дар соҳаҳои хизматрасонӣ кор мекунанд, вобаста аст, ки ин ба тараққиёти минбаъдаи ин соҳа ҳавасманд гардид. Мавҷи сеюми рушди тамаддун ба пайдоиши ҷомеаи пососаноатӣ (иттилоотӣ) рост меояд, ки омили эҷоди технологияҳои навоварии муосир гардид [21, с. 31].

Солҳои минбаъда дарки равияҳои нави ҳолати муосири ҷомеаро дар асарҳои муътабари иқтисодӣ, фалсафӣ ва иҷтимоӣ аз тарафи якқатор файласуфон ба монанди М. Кастелс, Ю. Масъуда, М. Порат, Т. Стоунер ва ғайраҳо дидан мумкин аст. Дар ин маврид муҳаққиқи англис Т. Стоунер дуруст қайд кардааст, ки барои расидан ба мақсадҳои худ иттилоот ҳам мисли сармоя бояд нигоҳ дошта, ҳифз ва самаранок истифода шавад. Вай аҳамияти дороиҳои иттилоотии миллиро ҳамчун унсури асосии некӯаҳволии миллӣ таъкид кард. Аз ин лиҳоз, дар шароити воқеияти имрӯза бояд бахши куллан нави иқтисод - соҳаи иқтисодиёти иттилоот бояд таъсис дода шавад [18, с. 394].

Сарфи назар аз корҳои сершуморе, ки ба ин мавзӯъ бахшида шудаанд, то ҳол консепсияи ягонаи таҳияшудаи ҷомеаи иттилоотӣ вуҷуд надорад, инчунин таърифи ин падида аз ҷониби ҳама набошад, ҳам ҳадди аққал аз ҷониби аксарияти олимон эътироф карда нашудааст. Ҳар як муаллиф таърифи худро пешниҳод мекунад, ки дар он баъзе хусусиятҳои вазъияти ҳозираи ҷамъият инъикос ёфтааст. Масалан, «Ҷамъияти нав»-и П. Дракер, [6, с.174]. «индустриалии нав»-и Ч. Гэлбрейт, [3, с. 264]. «Ҷамъияти пасомуосир»-и Ч.Ф. Лиотард [11, с.248]. ва ғайраҳо мебошанд. Як гурӯҳи томи назарияҳои илмии олимон ба нақш ва мавқеъи инсон дар ҷомеаи иттилоотии рушдёбанда нигаронида шудаанд, ба монанди назарияҳои ҷомеаи «фаъол»-и А. Этсион, [9, с.165]. назарияҳои ҷомеаи «кооперативи»-и Д. Клиффорд [4, с.57]. мебошад. Як қатор дигар назарияҳои илмӣ ба тағйироте, ки тавассути рушди дониш ва технология ба вуҷуд меоянд, пешниҳод шудааст, ки ин назарияи «ҷомеаи телепатики»-и Ҷ. Мартин [12, с.356] ва назарияи «иттилооти»-и А. Леборит [10, с. 204]. ва дигарон мебошанд.

Олими амрикои Ҷ. Мартин чунин хислатҳои асосии ҷомеаи иттилоотиро муайян мекунад: дигаргуниҳо дар сохтори иқтисодӣ, аз ҷумла тағйирот дар ташкили меҳнат; нақши ҳалкунандаи иттилоот ва технологияҳои иттилоотӣ дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ; талаботи афзоянда ба малакаҳои компютерӣ; истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ; мунтазам вусъат додани компютеркунонии соҳаҳои гуногун; ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар илм ва маориф; дастгирии давлатии рушди телекоммуникатсия ва технологияи компютерӣ; афзоиши босуръати интернет, афзоиши шумораи истифодабарандагон ва дар баробари ин, афзоиши шумораи барномаву вирусҳои компютерӣ [22, с. 60-61].

Мувофиқи нуқтаи назари мутафаккири рус А.И. Ракитов, ҷомеаи иттилоотӣ бо он тавсиф мешавад, ки воситаҳои гуногуни техникӣ ва технологияҳои иттилоотӣ - аз компютерҳо ва системаҳои иттилоотӣ то шабакаҳои кабелӣ, алоқаи моҳворай, таҷҳизоти видеоӣ, нармафзор ва коркардҳои илмӣ - ба таъмини дастрасии ҳамагон ба иттилоот нигаронида шудаанд, ки одамон имкон медиҳанд, ки маълумотро барои фаъолияти ҳамарӯзаи худ самаранок истифода баранд [16, с. 74].

Дар баробари олимони хориҷӣ муҳаққиқони ватанӣ низ оид ба масъалаҳои пайдоиш, ташаккул ва тамоюлҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқотҳои алоҳида анҷом доданд. Донишмандони тоҷик, бахусус Н.Д. Маҳмадизода, аҳамияти амнияти иттилоотиро барои ҳифзи амният ва устувории ҷомеа таъкид намуданд. С. Ишанова амнияти иттилоотиро ҳамчун воситаи идоракунии муҳити зист дар замони ҷаҳонишавӣ ва А.Ш. Қурбонов дастрасии иттилоотро воситаи таҳкими ҳамкориҳо арзёбӣ кардааст. Ба ғайр аз ин, бо такя ба методология ва маълумоти воқеи вазъи иттилоотии кишвар ва мавқеи шахсро дар он омухтаанд.

Ҷомеашиноси тоҷик Х.К. Сафарализода дар осори худ ба тағйирот ва рушди сохтори сиёсии ҷомеаи муосир таваҷҷӯҳ намуда, кибертерроризм ва киберэкстремизмро натиҷаи пешрафт ва паҳншавии технологияи иттилоотӣ донистааст [17, с.271-275].

Дар асарҳои файласуфони тоҷик Х.Қ. Сафарализода, Х.У. Идиев ва Р.Л. Давлатов, ҷанбаҳои фарҳангӣ ва маънавии ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Онҳо рушду густариши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар бахшҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангиро омили муҳими наздикшавии фарҳангҳо ва ҳамгироии ҷаҳонии арзишҳо медонанд [8, с.49-53; 5, с.154].

Дигар файласуфи точик Д.О. Мунаварова дар корҳои илмии худ рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва таъсири он ба фарҳанг ва ташаккули ҳувияти миллиро омӯхта, ин равандҳоро бо падидаҳои «муосир» ва «иттилоот» пайванд медиҳад [13, с. 22].

Корҳои илмии сиёсатшиноси тоҷик Д.С. Таваров ба таҳлили ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ аз нигоҳи сиёсӣ, инчунин барои муайян намудани роҳҳои рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Д. Таваров дар асоси омӯзиш ва муқоисаи андешаҳои муҳаққиқони гуногун се хусусияти асосии ҷомеаи иттилоотиро муайян мекунад:

Аввалан, иттилоот ҳамчун сарвати пуразриши иқтисодӣ амал мекунад; ташкилоту корхонаҳо барои самаранокии корияи худ ва мустаҳкам намудани мавқеъҳои фаъолияти худ дар бозор ба таври васеъ истифода мебаранд. Дуюм, иттилоот ҳамчун маҳсулоти дастраси истеъмолкунандагон табдил меёбад. Сеюм, дар соҳаи иқтисодиёт иттилоот бо суръати баланд пеш рафта, аз рушди дигар соҳаҳо пеш гузашта истодааст. [20, с. 36].

Хулоса: Дар ҷамъбаст метавон гуфт, ки раванди рушди ҷомеаи иттилоотӣ ҳам барои кишварҳои дорои иқтисодашон пешрафта ва ҳам барои кишварҳои рӯ дар раванди тараққӣ қарор дорад. Ҳамин тавр, таҳлил ва муқоисаи андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ нишон медиҳанд, ки инсон ва ҷомеа ҳамеша дар ҳоли тағйирёбӣ ва рушд қарор доранд. Вобаста ба таҳаввулот ва дигаргуниҳои рухдода инсон кушиш менамояд, ки худро ба муҳити иҷтимоӣ, ки муҷаҳҳаз бо воситаҳои техникӣ ва фазои иттилоотӣ созгор аст мутобиқ намояд ва ҳамзамон он муҳитро дигаргун карда, шароити муосидро барои ҳаётгузаронӣ ва расидан ба ҳадаф, ки рақобатро талаб менамояд, фароҳам созад. Аз ин рӯ, технология одатан барои инсон воситаи дастрасӣ ёфтан ба ҳадафи муайян, ба таври сунъӣ офаридани маҳсулот, маводи зарурӣ, ки қонеъкунандаи талаботи рӯзмарраш мебошанд, ба ҳисоб меравад. Иттилооти саҳеҳ, пурра ва боэътимод дар тӯли таърихи тамаддуни инсонӣ ҳамеша қадр карда мешуд ва ба манфиати мардум, рушди кишварҳо, таъмини амният ва ғайра хизмат мекард. Бинобар ин, одамон доимо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки иттилооти интиқолшаванда сари вақт, бе таҳриф, мувофиқи муқаррарот ба ҷой ва соҳиби аслиаш рафта расад.

Дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон низ иттилоъ ин арзиши худро аз даст надода, ҷойгоҳи худро бештар фарох кардааст. Хусусан, раванди рушди иттилоотонии ҷомеа ва мавриди истифодаи умум қарор гирифтани воситаҳои техникӣ ва технологияи муосир дар тамоми самтҳои фаъолияти кормандон масъалаи амнияти иттилоотиро ба дараҷаи болотар бардоштааст. Аз ин рӯ, ҳалли ин масъаларо дар баҳисобгирии маҷмӯи омилҳои нави интиқол ва қабули иттилоот, эҷод ва истифодаи захираҳои иттилоотӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ муҳити иттилоотиро ташкил медиҳанд, ҷустан лозим меояд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320 с. 2012, №7, мод. 698 Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с., № 1164)
2. Белл Д. Грядущее постиндустриальное общество. Опыт социального прогнозирования /Д.Белл. – М.: Academiya, 1999. – С. 655.
3. Гэлбрейт Дж. Новое индустриальное общество. М.: прогресс 1976. 264р.
4. Clifford P.R. The death of the dinosaur: towards a co-operative society. L., 1972. P. 57.

5. Давлатов Р.Л. Роль современных информационных технологий в глобализации и взаимодействие культур: дис. … канд. филос. наук. -Душанбе, 2014. –154 с.
6. Drucker P.F. The new Society. The anatomy of industrial order.N.Y., 1962. 174p.
7. Hartley R. V. L. Transmission of Information // Bell System Technical Journal. 1928. № 7. P. 335—363.
8. Идиев Х.У. Место информационных технологий в расширении пространства культурного взаимодействия стран СНГ // Культура в Евразийском пространстве: традиции и новации. – 2018. –№1 (2). –С.49-53.
9. Etzioni A. The active Society. N.Y., 1968. 165p.
10. Laborit L. Society informalionncllc: idees pour Гautogestion. P., 1973. 204 p.
11. Lyotard J.-F. La Condition postmoderne: rapport sur le savoir. P., 1979. 248 p.
12. Martin J., Oner T. Telematic Society: a challenge for tomorrow Englewood Cliffs. N.Y., 1981. 356p.
13. Мунаварова Д.О. Фарҳанг ва роҳҳои вусъати таъсири он ба худшиносии миллӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон (Таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ). Авт. дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11. – фалсафаи иҷтимоӣ. – Душанбе, 2021. – 22с.
14. Machlup F. The Production and Distribution of Knowledge in the United States. N. J.: Princeton, 1962; Umesao T., Hoso A. Joho sangyo ron. Information Industry Theory: Dawn of the Coming Era of the Ectodermal Industry. Tokyo: VP, 1963; Hayashi Y. Johoka shakai: Hado na shakai kara sofuto na shakai. Tokyo: Feo, 1969.
15. Ожегов С. И. Словарь русского языка. М.: Дело, 1991. С. 253.
16. Ракитов А.И. Наш путь к информационному обществу // Теория и практика общественно-научной информации. - М.: ИНИОН, 1989. –С. 74.
17. Сафарализода Х. Кибертерроризм ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2017. –№ 2/4. – С.271-275.; Ташаккулёбии ҳукумати электронӣ заминаи муҳимми рушди ҷомеаи иттилоотӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2018. –№6. – С.252-257.
18. Стоуньер Т. Информационное богатство: профиль постиндустриальной экономики //Новая технократическая волна на Западе. - М.: Прогресс, 1986. – С.394.
19. Stonier T. Towards a new theory of Information // Journal of Information Science. 1991. № 17. P. 257—263.
20. Таваров Д.С. Раванди ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ дар шароити муосир (таҷрибаи Тоҷикистон): дис. барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ. – Душанбе, 2020. – 180с.
21. Тоффлер Э. Третья волна / Э.Тоффлер. – М.: Изд-во АСТ, 1999. – С.31.
22. Фридман М.Ф. Теория глобальной научно-образовательной политики информационного общества: социально-философский анализ и прогноз. Монография. –М.: Изд-во «Перо», 2015. – С.60-61.

УДК 631:332 (575.3)

Исраилова А.Р.

УПРАВЛЕНИЕ ВОДНЫХ РЕСУРСОВ НА ОСНОВЕ ВОДНАЯ ПОЛИТИКА В КОНТЕКСТЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

В статье рассматриваются вопросы государственной и региональной водной политики для достижения целей устойчивого развития. Отмечено, что использование водных ресурсов в последние годы стало более затруднительным в связи с беспрецедентным глобальным потеплением и сокращением количества осадков. Определено, что глобальное потепление

привело к снижению уровня грунтовых вод, что затрудняет доступ к питьевой воде и ведению сельского хозяйства. Проанализирован опыт зарубежных стран по использованию бассейновых и транснациональных вод и предложен для использования в опыте Республики Таджикистан. Предложены экономические механизмы использования водных ресурсов для снижения экологического и антропогенного воздействия на водные ресурсы.

Ключевые слова: водные ресурсы, управление, эколого-экономический, сельское хозяйство, трансграничный, мелиорация земель.

Исраилова А.Р.

ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБӢ ДАР АСОСИ СИЁСАТ ДАР СОҲАИ ОБ ДАР ҲОШИЯИ РУШДИ УСТУВОР

Дар мақола самтҳои сиёсати давлатӣ ва минтақавӣ дар соҳаи об барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки истифодаи захираҳои об таи солҳои охир бинобар сабаби гармшавии бесобиқаи ҳарорати ҳаво дар кураи замин ва коҳишёбии боришот душвор шуда истодааст. Муаяйн карда шудааст, ки ҳарорати кураси замин ба поин рафтани сатҳои обҳои зеризаминӣ оварда расонида дастрасиро ба оби ошомиданӣ ва соҳаи кишоварзӣ мушкилтар намуда истодааст. Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти истифодаи обҳои ҳавза ва трансмиллӣ таҳлил ва барои истифода дар таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Механизмҳои иқтисодии истифодаи захираҳои обӣ баҳри коҳиш додани таъсири экологӣ ва антропогенӣ ба захираҳои обӣ пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: захираҳои обӣ, идоракунӣ, экологӣ-иқтисодӣ, соҳаи кишоварзӣ, байнисарҳадӣ, мелиоратсия.

Isroilova A.R.

WATER RESOURCES MANAGEMENT BASED ON WATER POLICY IN THE CONTEXT OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT

This article examines issues of national and regional water policy for achieving sustainable development goals. It is noted that water resource use has become more challenging in recent years due to unprecedented global warming and reduced precipitation. It is determined that global warming has led to a decrease in groundwater levels, which hinders access to drinking water and agriculture. The experience of foreign countries in the use of basin and transnational waters is analyzed and proposed for use in the Republic of Tajikistan. Economic mechanisms for water resource use are proposed to reduce the environmental and anthropogenic impact on water resources.

Keywords: water resources, management, environmental and economic, agriculture, transboundary, land reclamation.

С древних времен водные ресурсы считались драгоценным и ценным ресурсом, и в связи с их широким использованием в сельском хозяйстве производство экологически чистой электроэнергии привлекает все большее внимание. В этом контексте водные ресурсы требуют лучшего управления, устойчивого использования и реализации государственной водной политики. В современных условиях водная среда в регионе и мире находится под угрозой дефицита и загрязнения, что объясняется, с одной стороны, глобальным потеплением и уменьшением стока рек, а с другой стороны, увеличением числа водопользователей, нерациональным использованием воды в сельском хозяйстве, экономическим развитием в регионе и мире, ростом городов.

Строкал и Кроз [22, с.14] утверждают, что ухудшение экологического состояния воды и ее загрязнение являются одной из основных глобальных проблем, в результате чего в развитых странах около 2,1 млрд человек не имеют доступа к чистой питьевой воде, а вдвое больше людей нуждаются в безопасной санитарии.

Ведущие таджикские ученые К. Хушвахтзода и Ф. Рахими [13, с.7] утверждают, что растущий спрос на питьевую воду, дисбаланс, дефицит и перерасход воды в будущем могут привести к обострению проблем нехватки воды, деградации водной экосистемы, росту бедности в регионе и мире.

В связи с этим, для снижения влияния этих тенденций современная водная политика требует междисциплинарного, регионального и международного сотрудничества.

Исследователь В.К. Хильчевский подчеркивает, что водная политика или политика в области водных ресурсов – это процесс разработки законов, влияющих на потребление, использование и охрану водных ресурсов [12, с.10].

Водная политика на национальном уровне различается в зависимости от региона и зависит от наличия или дефицита воды, состояния водных систем и региональных потребностей в воде. Ведущие ученый Х.А. Одинаев определил водную политику следующим образом: это государственная политика, направленная на управление водными ресурсами, определяющая ее форму, цели и задачи для развития водопользования [7, с.140].

Водная политика, по мнению А.П. Эльханса, представляет собой систему управления конфликтами и сотрудничества между государствами по вопросам водных ресурсов, расположенных за их пределами [16, с.152]. П. П. Маллинга [18, с.17] разделил водную политику на 4 части:

1. Политика повседневного управления водными ресурсами;
2. Водная политика в рамках независимых государств;
3. Межгосударственная водная политика;
4. Международная водная политика.

Управление эколого-экономическим использованием водных ресурсов в настоящее время является спорным вопросом между государствами в мировой политике. Основные споры возникают вокруг использования трансграничных и внеграничных вод, объёмов использования каждым государством и способов их взаимного использования. В этом контексте можно выделить три фактора, способствующих возникновению споров о водопользовании:

1. Социальные факторы. Полное обеспечение населения чистой питьевой водой в рамках обеспечения прав граждан и их социальной справедливости;

2. Экономический фактор основан на том, что вода имеет экономическую ценность, а охрана, управление, использование, ущерб, причиненный водой, и связанные с ними услуги должны быть платными;

3. Экологический фактор является одним из важнейших компонентов в современных условиях и важен для эффективности, улучшения водной экосистемы, снижения солености водных объектов и эколого-экономического управления водными ресурсами.

Сегодня во многих странах мира принята и реализуется политика, связанная с эколого-экономическим использованием водных ресурсов и реализацией региональной и глобальной водной политики. В мире насчитывается 303 межгосударственных водных бассейна, 155 трансграничных рек и 100 водных бассейнов и столько же трансграничных речных бассейнов [20, с.149]. Более 75% территории 153 стран мира расположено в международных речных бассейнах. На трансграничные речные бассейны приходится около 54% мирового речного стока [28, с.900]. Это показывает, насколько важно бассейновое сотрудничество для прибрежных государств. В этой связи во многих странах мира разработаны и реализованы ряд целей устойчивого развития, а также международных конвенций и инструментов.

В этой связи Организация Объединенных Наций (ООН) приняла Цели устойчивого развития (ЦУР) для улучшения качества окружающей среды и водных экосистем во всем мире. Это новый набор целей, задач и показателей, которые реализуются государствами-членами ООН

для повышения уровня использования водных ресурсов, их эффективного использования, снижения антропогенного воздействия на окружающую среду, водные экосистемы и доступа к продовольственной безопасности в рамках государственной политики. Важность устойчивого развития в социально-экономической сфере была предложена еще в 1987 году Всемирной комиссией по окружающей среде и развитию, которая по сей день считается системой управления на глобальном и международном уровне. В 2000 году ООН приняла «Декларацию тысячелетия», целью которой были, в частности, Цели развития тысячелетия (ЦРТ), направленные на защиту природной экосистемы и ее сохранение для будущих поколений. На этой основе в 2015 [24, с.42] году были приняты ЦУР на период до 2030 года, которые состоят из 17 целей устойчивого развития.

В связи с этим в диссертации разработаны характеристики ЦРТ и ЦУР в виде плана для выявления изменений в заявленных целях (таблица 1.).

Таблица 1. Схема анализа долгосрочных целей ЦРТ и ЦУР

Категория I: Цель(и) устойчивого развития	
ЦРТ направлены на сокращение бедности	**ЦУР направлены на комплексное развитие**
Устойчивое развитие направлено на: **Код а**. Сокращение бедности как главная цель **Код б**. Рост в пользу бедных для сокращения бедности **Код в**. Усиление экономического роста, оказание помощи и улучшение управления для сокращения бедности	Устойчивое развитие направлено на: **Код а**. 5 Р: люди, процветание, планета, партнерство и мир как одинаково важные цели **Код б**. Инклюзивный рост и комплексное развитие **Код в**. Достижение согласованности/интеграции политики, усиление синергии
Категория II: Средства достижения устойчивого развития	
ЦРТ для (макро-) экономической политики	**ЦУР для политики, ориентированной на людей**
Политика устойчивого развития направлена на: **Код а**. Удовлетворение основных потребностей людей посредством экономической политики **Код б**. Участие в глобальной экономике и открытой экономической торговой системе **Код в**. Агрегаты и средние национальные показатели, фокус на беднейших слоях населения	Политика устойчивого развития направлена на: **Код а**. Улучшение жизни людей путем интеграции экономических, социальных и экологических проблем в политику **Код б**. Равенство и справедливость поощряются в торговой системе (ООН, 2015a , Цель 17.10, 27) **Код в**. Дезагрегирует, отдельных лиц и/или населенные пункты, фокусируется на наиболее уязвимых и маргинализированных, чтобы «никто не остался позади» (ООН, 2015a 31)
Категория III: Отношения между развитыми и развивающимися странами	
ЦРТ создают разделенные отношения	**ЦУР формируют универсальные отношения**
Отношения между развитыми и развивающимися странами, сформулированные следующим образом: **Код а**. Разделение ответственности **Код б**. Помощь развивающимся странам **Код в**. Пассивная роль развитых стран	Отношения между развитыми и развивающимися странами, сформулированные следующим образом: **Код а**. Всеобщая ответственность **Код б**. Партнерство с развивающимися странами **Код в**. Активная роль развитых стран

Источник: составлен авторам на основе [24, 25]

Дар солҳои охир дар низоми қарздиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиши қарзҳои дуҷониба ба мушоҳида мерасад. Ин ҳолат бештар ба далели пешниҳоди маблағҳои грантӣ аз ҷониби шарикони анъанавии рушд, монанди Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёии Рушд вобаста аст.

Дар соли 2023, дар маҷмуи сандуқи қарзӣ, қарзҳои дуҷониба ва коғазҳои қиматнок (евробондҳо) ба маблағи 1 681,4 миллион доллари ИМА, яъне 52,1 фоизро ташкил доданд; қарзҳои бисёрҷониба ба маблағи 1 406,1 миллион доллари ИМА ё 43,6 фоиз ва қарзҳои дигар, ки дар бар мегиранд қарзҳои бо кафолати давлатӣ, 140,7 миллион доллари ИМА ё 4,4 фоизро ташкил карданд.

Моҳи январи соли 2023 қарзи давлатии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 459,1 миллион доллари ИМА ё 4 фоизи Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ арзёбӣ шуд. Бонки Миллии Тоҷикистон қарздиҳандаи аслии қарзи дохилӣ буда, ҳиссаи он дар сандуқи қарзи дохилӣ 97,7 фоиз аст.

Аз рӯи ҳолати 1 январи соли 2023, ҳиссаи васиқаҳои давлатӣ барои сармоягузории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» дар сохтори қарзи давлатии дохилии Тоҷикистон 45,2 дарсадро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2022 ба 0,3 банди фоизӣ кам шудааст.

Дар соли 2023 қарзи давлатии дохилии Тоҷикистон нисбат ба соли 2022 ба андозаи 11,5 миллион доллари ИМА кам шуд. Ин коҳиш асосан ба сабаби қисман пардохти қарзи асосӣ мебошад, ки аз рӯи васиқаҳои давлатӣ барои сармоягузории ҶСК «Тоҷиксодиротбонк» ва ҶСК «Агроинвестбонк», қарзи ҷалбкардаи Вазорати молия аз Бонки Миллии Тоҷикистон, васиқаҳои танзими қарзи ҶСК «Агроинвестбонк» (37 қарзи мушкилситон), васиқаҳои хазинадории давлатӣ барои пӯшонидани касри буҷет ва пардохти уҳдадориҳо оид ба маблағгузории бахши энергетика (ҶСК «НБО Роғун») ва вомбаргҳои дарозмуддати Вазорати молия мебошад. Инчунин пардохтҳо ба хоҷагиҳои пахтакор низ дахл доранд.

Мақсади иқтисодиёти миллии ҳар кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароит барои беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ва таъмин намудани тамоми ниёзҳои ҷомеа дар доираи захираҳои мавҷуда ва рушду устувории давлат мебошад.

Дар шароити муосир иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар интегратсияи иқтисодиёти ҷаҳонӣ қарор дошта, дар ин робита ислоҳоти молиявию иқтисодиро татбиқ гардонида истодааст.

Бо мақсади самараноктар кардани назорат бар қарзҳои хориҷии давлатӣ ва риояи шартҳои қарзҳо, Ҳукумат комиссияи байниидоравиро таҳти роҳбарии Вазорати молия таъсис медиҳад. Дар ҳайати комиссия раиси Бонки Миллии Тоҷикистон ва роҳбарони дигар вазорату идораҳо бо фармони Ҳукумат шомил мешаванд.

Дар ниҳоят, гуфтан мумкин аст, ки қарзи беруна нисбат ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар натиҷаи чорабиниҳои андешида дар сатҳи муътадил нигоҳ дошта шудааст.

Низоми молияи давлатии мамлакатҳои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии низоми иқтисодӣ ва унсури муҳими сиёсати молиявӣ маҷмуаи муносибатҳои молиявӣ ва фаъолияти мақомотҳои молиявиро дар назар дорад, ки бо ташкил ва истифодабарии фондҳои марказонидашудаи давлатӣ дар сатҳи макроиқтисодиёт ва фондҳои пулии ғайримарказӣ дар сатҳи микроиқтисод алоқаманд мебошад ва дар ҳар як мамлакати ҷаҳон дорои хусусиятҳои хос аст.

Низоми молиявӣ ва молия ҳамчун индикатори иқтисодиёти миллӣ, рушди некӯаҳволӣ, маҳдудияти лаҳзаҳои номатлуб дар рушди иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Чӣ қадаре ки муносибатҳои бозаргонӣ бештар тараққӣ карда бошанд ҳамон қадар алоқаҳои гуногунҷабҳа дар давлат ва инчунин низоми молиявӣ мураккаб мегардад.

Низоми молиявӣ бо пайдоиши давлат ба вуҷуд омада, бо фаъолияти он ҷудонопазирона алоқаманд аст. Бо воситаи низоми молиявӣ давлат барои нигоҳ доштани дастгоҳи худ, инчунин онҳоро барои иҷрои вазифаҳои худ равона мекунад.

Аз як тараф низоми молиявӣ маҷмуи ҷудонашавандаи соҳаҳо ва ҷузъҳои алоқаманд ба шумор меравад. Низоми молиявӣ муносибатҳои пулиро дар байни давлат ва корхонаҳо, ташкилотҳо, давлат ва аҳолӣ, байни корхона ва дохили он иҳота менамояд.

Аз тарафи дигар, низоми молиявӣ маҷмуаи бозорҳо ва дигар ниҳодҳое мебошад, ки дар ҳолати бастани созишномаҳои молиявӣ, ивази дороиҳо ва хавфҳо, инчунин мақомотҳои молиявӣ ва ниҳодҳое, ки идоракунии селаҳои пулиро дар мамлакат амалӣ мегардонад, истифода бурда мешавад. Дар таркиби ин низом ниҳодҳои молиявӣ, миёнаравҳои молиявӣ, фирмаҳое ҷойгиранд, ки хизматрасонии молиявиро пешниҳод менамоянд ва мақомотҳое, ки фаъолияти ҳамаи онҳоро ба танзим медароранд, дохил мешаванд.

Дар кишварҳои пешрафта низоми молиявии давлатӣ ҷузъҳои муносибатҳои молиявиро дар бар мегирад, ки аз ҷумлаи онҳо мебошанд:

1. буҷети давлатӣ;

2. молияи минтақавӣ;
3. қарзҳои давлатӣ ва қарзҳои мақомотҳои маҳаллӣ, инчунин дар кишварҳои федеративӣ қарзҳои узвҳои федератсия;
4. фондҳои махсуси ғайрибуҷавӣ;
5. молияи ширкатҳои хусусӣ ва давлатӣ.

Ҳар як ҷузъи низоми молиявӣ ба худ хос вазифаҳоро иҷро менамояд. Масалан, молияи корхонаҳо ба истеҳсолоти моддӣ хизмати худро мерасонад. Онҳо дар бунёди ММД ширкат меварзанд.

Дар низоми молиявии ҷаҳонӣ нақши марказҳои ҷаҳонии молиявӣ калон буда, ин марказҳои ҷойгиршавии бонкҳо ва институтҳои махсусгардонишудаи молиявӣ-қарзӣ буда, дар он амалиётҳои байналхалқии асъорӣ, қарзӣ ва молиявӣ, инчунин амалиётҳо бо коғазҳои қиматнок ва тилло амалӣ гардонида мешавад.

Чунин марказҳои ҷаҳонии молиявӣ - Лондон, Нюйорк, Франкфурт – На-майне, Люксембург ва Сингапур ба ҳисоб меравад.

Нишондиҳандаҳои асосии инъикоскунандаи низоми молиявии мамлакатҳои хориҷӣ инҳо мебошанд:

1. Маҷмуаи маҳсулоти дохилӣ.
2. Сатҳи бекорӣ.
3. Намояи нархҳои истеъмолӣ.
4. Меъёри баҳисобгирии Бонки марказӣ.

То ҷанги якуми ҷаҳонӣ маркази асосии молиявӣ дар низоми молиявии ҷаҳонӣ Лондон ба ҳисоб мерафт, зеро ки сатҳи баланди инкишофи капитализм дар Британияи Кабир, муносибатҳои васеи савдоии ин давлат бо мамлакатҳои дигар, устувории нисбат ба қурби фунтстерлинг ва рушди низоми қарзӣ вобаста буд.

Баъди ҷанги якуми ҷаҳон маркази амалкунандаи ҷаҳонии молиявӣ дар ИМА ҷорӣ карда шуд. Аз солҳои 1960–ум мавқеи монополии ИМА–ро марказҳои нав Аврупои ғарбӣ ва Ҷопон ишғол намуданд.

Низоми молиявии ҳар як давлатро чунин омилҳо муайян мекунанд:

1. Сатҳи мустақилии молиявӣ
2. Хислати сиёсати молиявӣ-қарзӣ.
3. Вазъи сиёсӣ дар мамлакат.
4. Сатҳи таъмини қонунии механизми молиявӣ.

Дар мамлакатҳои хориҷӣ соли молиявӣ бо соли тақвимӣ мувофиқат накарда, он одатан аз санаи якуми июл оғоз ёфта, моҳи июн ба анҷом мерасад.

Идоракунии умумии молиявиро мақомотҳои олии Ҳокимияти давлатӣ ба уҳда доранд. Аз рӯи сохтори давлатӣ мақомотҳои олии қонунгузорӣ шаклҳои гуногунии идоракунии молиявиро ба вуҷуд оварда метавонанд.

Тибқи ҳисобҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР), дар семоҳаи аввали соли 2022 сатҳи солонаи таваррум дар ИМА ба 8% ва дар минтақаи евро 6,1% расид.

Умуман омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва рушди низоми молиявӣ ба мо имконият медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки фаъолияти низоми молиявии онҳоро омӯхта баҳри вусъат бахшидани низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барем.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.12.2023 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2022.
3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Низоми дастраскунӣ www. stat. tj.

4. Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2023, №587.
5. Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. www.moliya.tj.

УДК 330.59

Курбонов А.Р., Сафолзода Ф.С.

НАҚШИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ДАР ТАҚВИЯТ ЁФТАНИ ММД ВА БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола нақши ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар тақвият ёфтани ММД ва буҷети давлатӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, ки мувофиқи мушоҳидаҳои муаллифон бо суръат бахшидан ба амалиёти ғайринақдӣ падидаи беҳтар гаштани вазъи иқтисоди миллӣ ба миён омадааст. Муаллифон ҳолати ҳозираи ҳисоббаробаркунии ғайринақдиро дар мамлакат мавриди таҳқиқ қарор дода, дар асоси он таҳлили имкониятҳои рушди соҳаро дида баромада, захираҳои воқеии боз ҳам тавият додани амалиётҳои мазкурро муайян намуданд. Қайд намуда мешавад, ки барои амалӣ намудани талаботи қонунгузорӣ дар самти амалиёти ҳисоббаробаркунӣ, алалхусус дар ҷодаи тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, фарҳанги молиявии аҳолӣ ва қоидавӣ фаъолият намудани соҳибкорон нақши муҳимро иҷро менамояд. Муаллифон дар ақидаи онанд, ки маърифати молиявии аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар самти ташкили ҳисоббаробаркунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, бо ташкили ҳамагуна корҳои фаҳмондадиҳӣ аз ҷониби масъулини соҳа ва аҳли ҷамъиятчигӣ, ки моҳияти масъаларо хуб сарфаҳм мераванд, басо муҳим аст.

Калидвожаҳо: маҷмӯи маҳсулоти ҷамъиятӣ, ҳисоббаробарунии ғайринақдӣ, иқтисодиёти миллӣ, иқтисоди рақамӣ, маданияти молиявӣ, буҷети давлатӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти бонкӣ.

Курбонов А.Р., Сафолзода Ф.С.

РОЛЬ БЕЗНАЛИЧНЫХ РАСЧЕТОВ В УКРЕПЛЕНИИ ВВП И ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА

В статье рассматривается роль безналичных расчетов в укреплении ВВП и государственного бюджета, что, по наблюдениям авторов, привело к улучшению состояния национальной экономики за счет ускорения безналичных расчетов. Авторы изучили современное состояние безналичных расчетов в стране, проанализировали возможности развития сектора и выявили реальные ресурсы для дальнейшего укрепления этих операций. Отмечено, что финансовая культура населения и законопослушность предпринимателей играют важную роль в реализации требований законодательства о расчетных операциях, особенно в направлении укрепления безналичных расчетов. Авторы считают, что финансовая грамотность населения и юридических лиц в вопросах организации расчетов в условиях цифровой экономики, а также организация всевозможной разъяснительной работы со стороны отраслевых экспертов и общественности, понимающих суть вопроса, весьма важны.

Ключевые слова: Совокупный общественный продукт, безналичные расчеты, национальная экономика, цифровая экономика, финансовая грамотность, государственный бюджет, предпринимательство, банковская деятельность.

Kurbonov A.R., Safolzoda F.S.

THE ROLE OF NON-CASH SETTLEMENT IN STRENGTHENING GDP AND THE STATE BUDGET

The article examines the role of non-cash settlements in strengthening GDP and the state budget, which, according to the authors' observations, has led to an improvement in the national economy with the acceleration of non-cash transactions. The authors studied the current state of non-cash settlements in the country, analyzed the development opportunities of the sector, and identified real resources for further strengthening these operations. It is noted that the financial culture of the population and the legality of entrepreneurs play an important role in implementing the requirements of the legislation on settlement operations, especially in the direction of strengthening non-cash settlements. The authors believe that the financial literacy of the population and legal entities in the direction of organizing settlements in the conditions of the digital economy, with the organization of all kinds of explanatory work by industry experts and members of the public who understand the essence of the issue, is very important.

Keywords: Total public product, non-cash settlements, national economy, digital economy, financial literacy, state budget, entrepreneurship, banking activities.

“... Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст” [1].

Оре, бо гузариш ба иқтисоди рақамӣ сатҳи шаффофияти иқтисодӣ баланд гашта, иқтисодиёти соягӣ, ки яке аз омилҳои хуб тараққӣ наёфтани иқтисоди соир мамлакатҳо мебошад, коста гашта, иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ фаъолияти худро қонунӣ ба роҳ мемонанд, ки ин ба баланд гаштани даромаднокии буҷети давлатӣ метавонад боис шавад.

Иқтисоди соягӣ зуҳуротест, ки дар тамоми мамлакатҳои дунё мавҷуд буда, бо як қатор омилҳо аз қабили ба даст овардани даромади муфт бо роҳи кам пардохтан ё умуман напардохтани андозҳо вобаста буда, ҳамчунин даст задан ба фаъолияти мамнуъ вобастагӣ дорад.

Сатҳи иқтисоди соягӣ дар баъзе мамлакатҳо баланд буда, дар мамлакатҳои дигар камтар аст ва имрӯз ягон мамлакати дунё гуфта наметавонад, ки пурра ин зуҳуротро дар худ маҳв намудааст.

Махсусан дар мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ зуҳуроти мазкур зиёдтар ба назар мерасад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамон зумра мамолик маҳсуб мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ эъмори иқтисодиёти ба бозор майлдоштаро пешаи худ намуда, сохтҳои мухталифи моликиятро эътироф карда, бо баробари шахсони ҳуқуқӣ ба шахсони воқеӣ низ ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкориро рухсат медиҳад.

Ин аст, имрӯз дар мамлакат садҳо ҳазор нафар ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул буда, зиёда аз 30 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ ва зиёда аз 100 ҳазор хоҷагиҳои деҳқонӣ амал менамоянд.

Шумораи субъектҳои хоҷагидории шаклҳои гуногун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1. оварда мешавад.

Аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали 1. айён мегардад, ки қариб дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ теъдоди субъетҳои амалкунанда сол аз сол тақвият меёбанд. Танҳо теъдоди соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар панҷ соли охир кам гардидааст, ки ин бо гузаронидани чунин соҳибкорони ба савдо машғул буда, ба шаҳодатнома бо шартҳои махсус робита дорад.

Агар теъдоди ҳардуро яъне соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ва шаҳодатнома бо шартҳои махсус амалкунандаро бо ҳам ҷамъ намоем дар маҷмӯъ афзоиши нишондиҳандаи мазкур ҳосил мегардад.

Ҷадвали 1. Маълумот оид ба теъдоди субъектҳои хоҷагидории фаъолияткунанда аз ФЯД дар мақомотҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои 2020-2024.

Солҳо	Шахсони ҳуқуқӣ (адад)	Шаҳодатнома	Хоҷагиҳои деҳқонӣ	Патент	Шаҳодатнома бо шартҳои махсус	Ҳамагӣ
2020	**31 225**	**37 264**	**161 376**	**105 400**	**-**	**335 265**
2021	31 386	36 663	167 009	104 349	-	339 407
2022	32 853	35 749	172 108	99 405	-	340 115
2023	33 748	36849	179 586	51 984	61 748	363 915
2024	34 867	37 855	188 254	52 822	62 664	376 462
2024 бо% ба 2020	**111,66**	**101,59**	**116,66**	**50,12%**	**-**	**112,29**

Сарчашма: бо истифода аз ҳисоботи даврии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сайти электронӣ www. Andoz tj

Дар ҳамин ҷо низ ба ақидаи мо, баъзе аз соҳибкороне, ки тибқи патент ё шаҳодатнома бо шартҳои махсус фаъолият кунандае ёфт мешаванд, ки дар мақомоти андоз худро ба қайд нагирифта, ба фаъолияти доимӣ машғул мебошанд. Ба ин мисол мешавад шаҳрвандоне, ки ба мусофиркашонӣ ё боркашонӣ машғуланд, инчунин теъдоди зиёди шаҳрвандон имрӯз тариқи интернет ба тиҷорати электронӣ машғул мебошанд, ки на ҳамаи онҳо бақайдгирии давлатиро гузаштаанд.

Яке аз сабабҳои паҳн шудани иқтисоди соягӣ ин зиёд истифода шудани пулҳои нақд дар амалиётҳои муомилотӣ маҳсуб мешавад, ки он метавонад ба кам нишон додани амалиёти воқеӣ сабаб гардад.

Чунин хавфҳои иқтисодии муосирро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарк намуда, чораҳои зиёди амалиро имрӯзҳо роҳандозӣ менамояд, ки ба он мисол шуда метавонад қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ” аз 22.03.2023 таҳти рақами 586 маҳсуб мешавад.

“ ... Соли 2024-ум ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар ба беш аз 150 миллиард сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз расонида шуд” [1].

Ин нуқтаҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми имсолаи худ санаи 23.12.2024 иброз намуда буданд ва аз рӯи омори воқеӣ ин нишондиҳандаҳо то охири соли 2024 имконпазир гашта, ҳатто аз он ҳам баландтар гаштанд.

Дар шароити имрӯза низ аз рӯи натиҷаҳои нимсолаи аввали соли 2025 нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз нақша зиёдтар афзоиш ёфта, дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ пешравӣ ба назар мерасад.

Дар паи ин тадбирҳо дар се соли охир суръати афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳамасола зиёда аз 8% афзоиш ёфта, мувофиқи пешбиниҳо дар соли 2026 он то ба марзи 200 млрд. сомонӣ мерасад.

Дар ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои 2019-2023 .

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали №2 ба хулоса омадан лозим аст, ки ММД дар панҷ соли охир қариб ду маротиба афзоиш ётааст, инчунин қисмати даромади буҷети давлатӣ дар соли 2023 ва 2024 бо қабули фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ яке якбора аз 8 то 10 млрд. дар як сол афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2023

Нишондиҳанда	Воҳиди ченак	2019	2020	2021	2022	2023	2023 бо % ба 2019
ММД	млн. сомонӣ	79109,8	83958,3	101076,3	118181,7	130791,6	165,3
Даромади буҷети давлатӣ	млн. сомонӣ	23490,4	25065,0	30053,8	36 056,8	43903,4	186,9
Даромадҳо аз андоз	млн. сомонӣ	16317,7	15366,5	19667,0	21 824,2	25 769,1	157,9
Даромадҳои ғайриандозӣ	млн. сомонӣ	1182,3	1895,4	1640,7	2 418,5	2 333,2	197,3
Даромади буҷети давлатӣ	бо % нисбат ба ММД	29,69	29,85	29,80	29,5	33,56	+3,87
Даромадҳо аз андоз	бо % нисбат ба даромади буҷети давлатӣ	69,47	61,31	66,72	60,5	58,69	-10,78
Музди меҳнат (миёнаи моҳона дар як сол)	сомонӣ	1233,82	1335,52	1393,78	1730,29	2013,11	163,16
Индекси нархҳои истеъмолӣ	нисбати соли гузашта	107,9	**108,6**	**109,0**	**106,6**	**103,7**	-
Мубодилаи қурби сомонӣ нисбат ба доллари ИМА (баҳисоби миёна дар 1 сол)	сомонӣ ба 1 доллари ИМА	9,6872	10,3219	11,3089	10,961	10,95	-

Ҳамаи ин боис гашт, ки ҳамасола музди меҳнати кормандоне, ки аз буҷети давлатӣ маблағузорӣ мешаванд то 40% зиёд карда мешаванд ва мо боварии комил дорем, ки дар солҳои оянда низ чунин баландбардории музди меҳнати кормандони соҳаҳои аз буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда бо суръат баланд карда мешаванд.

Мақсад аз овардани маълумот вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар он аст, ки он чораҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ андешида истодааст натиҷаи худро нишон дода, ба баланд гаштани сатҳи даромади буҷети давлатӣ оварда расонид.

Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки вазъи иҷтимоии мардум беҳтар гашта, даромади кормандони соҳаҳои аз буҷети далатӣ маблағгузоришаванда сол то сол тақвият дода шавад.

Акнун ба умқи маънои амалиётҳои ғайринақдӣ ва аҳамияти он баҳри рушди иқтисоди миллӣ бо таҳқиқи илмии он ҳаракат менамоем, ки ворид гардем.

Аз оғози муносибатҳои иқтисодӣ, ки ба истеҳсолот, мубодила ва истеъмолот вобаста аст, доду гирифт яъне амалҳои хариду фурӯш ба воситаи миёнаравии молиявӣ яъне гардиши пулӣ амалӣ карда мешуд. Дар даврaҳои ибтидоии ташкили муносибатҳои мубодилавӣ мол бо мол иваз карда шуда, миёнарави молиявӣ мавҷуд набуд, ки ин ҷараёни доду гирифтро душвор менамуд.

Инсоният роҳҳои осон намудани мубодилаи молиявиро ҷусту ҷӯ намуда, яке аз молҳоро ба ҳайси миёнарави муносибатҳои доду гирифт истифода мебурд, ки он ҳам ҳалли масъала нагардид. Истифодаи метал ҳамчун миёнарави муносибатҳои доду гирифт яке аз шаклҳои аввалини пулӣ маҳсуб шуда, аз оҳан то нуқраю тилло мавриди истифода қарор доштани воситаҳои пулӣ тасдиқи таърихӣ доранд.

Шакли таҳавулотии амалиётҳои пулӣ ин мавриди истифода қарор ёфтани пулҳои қоғазӣ аст, ки то имрӯз дар ҷаҳони муосир истифода мешаванд. Бо рушди илму тадбиқи шаклҳои инкановатсионӣ дар амалиётҳои ҳисоббарорбаркунӣ, шакли ғайринайдии он маъмул гашт.

Имрӯз тибқи талаботи қонунгузории соҳаи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баробари амалиётҳои нақдӣ, амалиёти ғайринақдӣ пешбинӣ шудаанд, ки баҳри тақвият додани он тадбирҳои муассирро Ҳукумати мамлакат солҳои охир роҳандозӣ намудааст.

Асосан, аз сатҳи хизматрасонии пардохтӣ ва истифодаи шаклҳои муосири он рушди низоми бонкӣ ва дар маҷмӯъ рушди иқтисод вобастагӣ дорад. Ин аст, ки дар ҷаҳони муосир шаклҳои навӣ пардохтию ҳисоббаробаруниҳо ба миён омаданд, ки ҷараёни амалиётҳои молиявиро хело осон намуда, ҳодисаҳои руйпуш намудани даромадҳоро бо мақсади кам пардохтани андозҳо коҳиш дода, ба баланд гаштани дараҷаи некуаҳволии аҳолии дилхоҳ мамлакат боис мегарданд.

“... Тибқи маълумоти Бонки миллӣ, дар чор соли охир шумораи амалиёт тавассути ҳамёнҳои электронӣ 73 фоиз афзуда, аз 10,7 миллион сомонӣ дар соли 2020 то 18,5 миллион сомонӣ дар соли 2024 расидааст. Ҳамзамон, маблағи умумии ин амалиётҳо дар ин давра қариб 5,5 баробар зиёд шуда, аз 543 миллион сомонӣ то ба 2 миллиарду 967 миллион сомонӣ расидааст” [3].

Сол аз сол афзоиш ёфтани теъдоди шахсоне, ки тибқи кортҳои падохтӣ ё ҳамёнҳои электронӣ амалиётҳои ҳисоббаробаркуниҳои худро ба анҷом мерасонанд афзоиш меёбад, ки ҳиссаи амалиёти ғайринақдӣ ба ҳамин васила метавонад зиёд карда шавад.

Ба ақидаи корманди Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Абдуғаниев “... Оммавӣ гардидани истифодаи воситаҳои электронии пардохтӣ, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ ва ғайра ҳангоми пардохти молу хизматрасонӣ ба вусъати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии мамлакат мусоидат намуда, якчанд бартарият фароҳам меорад, аз ҷумла дар иқтисодиёт ҷараёнҳои молиявӣ шаффоф гардида, ҳаҷми иқтисодиёти ғайрирасмӣ қоҳиш меёбад ва боиси зиёдшавии воридоти маблағҳои андоз мегардад” [3].

Шароити муосири рушди муносибатҳои рақамӣ дар мамлакат ба он боис мешавад, ки аҳолӣ бештар ба пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ рӯй биоранд.

Ҳамин тариқ, аз рӯи нишондиҳандаҳои оморӣ ва ҷараёни босуръати рақамикунонии иқтисоди миллӣ муайян карда шуд, ки саҳми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар рушди иқтисоди миллӣ ва даромади буҷети давлатӣ басо назаррас арзёбӣ карда мешавад.

Хулоса, дар ҳолати тақвият ёфтани амалиётҳои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва афзалтар гаштани он шаффофияти амалиётҳои пулӣ ба вуҷуд меояд, ки он ба ғанӣ гаштани буҷети давлатӣ ва афзоиш ёфтани ММД оварда мерасонад.

Тадбирҳои мазкур оид ба тақвият додани амалиёти ҳисоббаробаркунии ғйринақдӣ ба паст шудани омилҳои коррупсионӣ ва таъсири омилҳои инсонӣ метавонад боис гардад ва дар ҳамин замина аҳолии кишвар дар тамоми қаламрави мамлакат бештар ба хизматрасониҳои инноватсионӣ имкон пайдо намуда, ба тариқи фосилавӣ амалиёти ҳисоббаробаркуниро анҷом дода, вақти худро сарфа намоянд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12. 2024 (захираи электронӣ): www.president.tj.
2. Шабакаи электронӣ - www. Andoz tj - Санаи мурочиат 2.09.2025.
3. Шабакаи электронӣ https://pressa.tj/54-million-amaliyoti- санаи мурочиат 12.09.25.
4. Шабакаи электронӣ -_https://fundamental-research.ru/article/view?id=42996. Санаи мурочиат 2.10.2025.

УДК 658.8

Лутфулоев М.Д., Раҳмонӣ Румейса

ФАЪОЛИЯТИ МАРКЕТИНГИИ СУБЪЕКТҲОИ ЧАКАНА ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Дар мақола хусусиятҳои идоракунии фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ баррасӣ карда шудааст. Тағйирот дар афзалиятҳо ва рафтори истеъмолкунандагон, ки зери таъсири технологияҳои рақамӣ ба вуҷуд меоянд, инчунин таъсири ҷаҳонишавӣ ва моделҳои нави тиҷорат ба рақобатпазирии ширкатҳои чакана баррасӣ карда шудааст. Он воситаҳо ва стратегияҳоеро, ки метавонанд дар шабакаҳои рақамӣ, аз ҷумла васоити ахбори иҷтимоӣ, маркетинги мундариҷа ва пешниҳодҳои фардӣ истифода шаванд, баррасӣ менамояд. Диққати махсус ба татбиқи системаҳои CRM ва таҳлили додаҳо барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ба мизоҷон ва оптимизатсияи чорабиниҳои маркетингӣ дода шудааст. Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда барои мутобиқ кардани фаъолияти маркетингии субъектҳои савдои чакана ба шароити муосир тавсияҳо пешниҳод карда шудааст, ки метавонанд ба беҳтар шудани мавқеи онҳо дар бозор ва баланд бардоштани садоқати истеъмолкунандагон мусоидат кунанд.

Вожаҳои калидӣ: фаъолияти маркетингӣ, савдои чакана, субъектҳои савдои чакана, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои рақамӣ интернет, маркетинги рақамӣ, муҳити инноватсионӣ, фурӯши онлайн.

Лутфулоев М.Д., Рахмони Румейса

МАРКЕТИНГОВАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ СУБЪЕКТОВ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье исследуются особенности управления маркетинговой деятельностью субъектов розничной торговли в условиях цифровой экономики. Рассматриваются изменения в потребительских предпочтениях и поведении, возникающие под влиянием цифровых технологий, а также влияние глобализации и новых бизнес-моделей на конкурентоспособность retail-компаний. Анализируются инструменты и стратегии, которые могут быть эффективно применены в рамках цифровых каналов, включая социальные сети, контент-маркетинг и персонализированные предложения. Особое внимание уделяется внедрению CRM-систем и аналитики данных для повышения уровня обслуживания клиентов и оптимизации маркетинговых кампаний. На основе проведенного исследования сформулированы рекомендации по адаптации маркетинговой деятельности субъектов розничной торговли к современным условиям, что может способствовать улучшению их позиций на рынке и повышению лояльности потребителей.

Ключевые слова: маркетинговая деятельность, розничная торговля, субъекты розничной торговли, цифровая экономика, цифровые технологии, интернет, цифровой маркетинг, инновационная среда, онлайн-продажи.

Lutfuloev M.D., Rahmoni Rumeysa

MARKETING ACTIVITIES OF RETAIL TRADE ENTITIES IN THE DIGITAL ECONOMY

The article examines the features of managing the marketing activities of retail entities in the digital economy. It considers changes in consumer preferences and behavior that arise under the influence of digital technologies, as well as the impact of globalization and new business models on the

competitiveness of retail companies. It analyzes the tools and strategies that can be effectively applied within digital channels, including social networks, content marketing and personalized offers. Particular attention is paid to the implementation of CRM systems and data analytics to improve customer service and optimize marketing campaigns. Based on the conducted research, recommendations are formulated for adapting the marketing activities of retail entities to modern conditions, which can help improve their market positions and increase consumer loyalty.

Keywords: marketing activities, retail, retail entities, digital economy, digital technologies, Internet, digital marketing, innovative environment, online sales.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ, фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана махсусан муҳим ва мубрам мегардад. Бо рушди доимии технология ва тағирёбии афзалиятҳои истеъмолкунандагон, ширкатҳо бояд пайваста стратегияҳои маркетингии худро мутобиқ ва такмил диҳанд.

Иқтисоди рақамӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи савдои чаканаи муосир гардид ва ба фаъолияти маркетингии иштирокчиёни бозор таъсири назаррас расонд. Бо рушди интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ ва дигар технологияҳо истеъмолкунандагон имкон пайдо мекунанд, ки дар бораи молу хизматрасонӣ маълумот гиранд, харидорӣ кунанд ва бо фурӯшандагон дар ҳар вақт ва маконе, ки барояшон қулай бошад, дар тамос бошанд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти муваффақонаи маркетинг дар иқтисодиёти рақамӣ истифодаи шабакаҳои муошарати онлайн мебошад [1]. Бо рушди интернет ва васоити ахбори иҷтимоӣ, ширкатҳо метавонанд ба доираи васеи муштариёни эҳтимолӣ дастрасӣ пайдо кунанд ва бо онҳо ба таври муассир муошират кунанд. Таблиғи онлайн, маркетинги номгуи мол, маркетинги почтаи электронӣ ва дигар воситаҳо ба фурӯшандагон имкон медиҳанд, ки маҳсулот ва хидматҳои худро таблиғ кунанд, муштариёни навро ҷалб намуда, зимни ин муштариёни мавҷударо нигоҳ доранд [2].

Ҷанбаи дигари муҳим ин фардикунонии чорабиниҳои маркетингӣ мебошад. Бо миқдори зиёди маълумот дар бораи муштариёни худ, ширкатҳо метавонанд пешниҳодҳои фармоишӣ ва маводҳои таблиғотиро ташкил кунанд, ки ба манфиатҳо ва ниёзҳои ҳар як муштарӣ мувофиқат кунанд. Ин ба афзоиши табдил ва баланд бардоштани садоқати муштариён кӯмак мекунад.

Ҷанбаи дигари муҳим таҳлили маълумот аст. Дар иқтисодиёти рақамӣ, ширкатҳо ба миқдори зиёди маълумот дар бораи муштариён, афзалиятҳо ва рафтори онҳо дастрасӣ доранд. Таҳлили ин маълумот ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки аудиторияи мақсадноки худро беҳтар дарк кунанд, стратегияҳои маркетингии худро оптимизатсия кунанд ва қарорҳои оқилона қабул кунанд.

Ниҳоят, як ҷанбаи муҳими фаъолияти муваффақонаи маркетинг дар иқтисодиёти рақамӣ ин таҷдиди доимӣ ва навоварӣ мебошад. Технология ва эҳтиёҷоти муштариён пайваста тағир меёбанд, аз ин рӯ ширкатҳо бояд тамоюлҳои навро мунтазам назорат кунанд ва дар стратегияи маркетинги худ равишҳои инноватсиониро татбиқ кунанд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии фаъолияти маркетингӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ташаккул ва нигоҳдории ҳузури онлайн мебошад. Фурӯшандагон бояд сомона, саҳифаҳои шабакаҳои иҷтимоӣ ва замимаҳои мобилӣ дошта бошанд , ки дар он истеъмолкунандагон метавонанд дар бораи маҳсулот маълумот гиранд, фармоиш диҳанд, баррасиҳо гузоранд ва савол диҳанд [3]. Муҳим аст, ки интерфейси барои истифодабаранда мувофиқ ва ҷолиб барои ҳавасманд кардани истеъмолкунандагон ба харид мавҷуд бошад.

Ҷанбаи дигари муҳими маркетинги рақамӣ ин фардикунонӣ мебошад. Бо ёрии пойгоҳи додаҳо ва воситаҳои таҳлилӣ, фурӯшандагон метавонанд маълумотро дар бораи харид ва рафтори истеъмолкунандагон таҳлил кунанд, то ба онҳо маҳсулот ва хидматҳои фардӣ, инчунин огоҳиҳо ва пешниҳодҳои махсусеро, ки ба афзалиятҳои инфиродии онҳо мувофиқанд, пешниҳод кунанд.

Дигар воситаи муҳими маркетинги рақамӣ маркетинги мундариҷа мебошад. Тоҷирон бояд мундариҷаи босифатеро эҷод кунанд, ки барои истеъмолкунандагон ҷолиб ва муфид бошад. Инҳо

метавонанд мақолаҳо, баррасиҳои видеоӣ, блогҳо, дастурҳо ва дигар шаклҳои иттилоот бошанд, ки ба истеъмолкунандагон ҳангоми қабули қарори дуруст ҳангоми харид кӯмак мекунанд.

Ҳамин тариқ, дар иқтисодиёти рақамӣ, фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар ҷалби муштариён ва афзоиши фоидаи ширкат нақши калидӣ мебозад. Стратегияҳои маркетинги дуруст сохташуда, ки ба технологияҳои нав ва ниёзҳои муштариён мутобиқ карда шудаанд, ба ширкатҳо имкон медиҳанд, ки дар муҳити рақобати имрӯза бомуваффақият фаъолият кунанд.

Умуман, иқтисодиёти рақамӣ ба фурӯшандагон имкониятҳои бузург барои зиёд кардани фурӯш ва ҷалби истеъмолкунандагони нав фароҳам меорад. Аммо, барои бомуваффақият татбиқ кардани маркетинги рақамӣ, бояд доимо тағйирот дар технология ва рафтори истеъмолкунандагон назорат карда шуда, ҳамчунин стратегия ва тактикаи худиро ба воқеиятҳои нави бозор мутобиқ намоем.

Иқтисодиёти муосири рақамӣ барои субъектҳои савдои чакана имкониятҳо ва мушкилоти нав фароҳам меорад. Онҳо бояд фаъолияти маркетингии худро ба воқеияти нав мутобиқ кунанд, то рақобатпазир боқӣ монанд ва мизоҷонро ҷалб кунанд [5].

Яке аз ҷанбаҳои асосии идоракунии фаъолияти маркетингӣ барои субъектҳои чакана дар иқтисодиёти рақамӣ истифодаи воситаҳо ва технологияҳои рақамӣ мебошад. Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои пешбурди маҳсулот, ҷалби аудиторияи мақсаднок ва муошират бо истеъмолкунандагон имкониятҳои васеъ фароҳам меоранд.

Барои самаранок идора кардани фаъолияти маркетингӣ дар иқтисодиёти рақамӣ, фурӯшандагон бояд ҷанбаҳои зеринро ба назар гиранд [4]:

1. Таҳлили аудиторияи рақамӣ. Бо истифода аз абзорҳо ва таҳлилҳои махсус рафтори аудиторияи рақамӣ, афзалиятҳо ва ниёзҳои онро омӯхтан лозим аст. Дар асоси ин маълумот стратегияҳо ва таблиғоти шахсии маркетингро таҳия кардан мумкин аст.

2. Оптимизатсияи фурӯши онлайн. Тоҷирон бояд таҷрибаи корбаронро дар платформаҳои онлайни худ пайваста такмил диҳанд ва онҳоро барои муштариён қулай ва ҷолиб гардонанд. Инчунин таҳия кардани стратегияҳои самараноки маркетинги рақамӣ барои ҷалби муштариёни бештар муҳим аст.

3. Муносибат бо мизоҷон. Технологияҳои рақамӣ ба фурӯшандагон имкон медиҳанд, ки бо мизоҷон муносибатҳои наздиктар барқарор кунанд. Онҳо метавонанд шабакаҳои иҷтимоӣ ва мессенҷерҳои фаврӣ барои пешниҳоди фикру мулоҳиза ба муштариён, гузаронидани пурсишҳо ва анкетаҳо, инчунин таблиғ ва таблиғи маҳсулотро истифода баранд.

4. Мониторинг ва таҳлили натиҷаҳо. Барои самаранок идора кардани фаъолиятҳои маркетинг, фурӯшандагон бояд пайваста натиҷаҳои маъракаҳои маркетингии худро назорат ва таҳлил кунанд. Дар асоси маълумоти гирифташуда, шумо метавонед стратегияҳо ва тактикаи маркетингии худро танзим кунед ва онҳоро самараноктар кунед.

Ҳамин тариқ, идоракунии фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар иқтисодиёти рақамӣ муносибати маҷмӯиро талаб мекунад, ки истифодаи технологияҳои рақамӣ, таҳлили маълумот ва такмили пайвастаи стратегияҳои маркетингро дар бар мегирад. Танҳо чунин ширкатҳо метавонанд дар бозор рақобатпазир боқӣ монанд ва бомуваффақият рушд кунанд.

Барои бомуваффақият идора кардани фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар иқтисодиёти рақамӣ зарур аст, ки технологияҳо ва асбобҳои муосирро истифода баред, ки ба шумо имкон медиҳанд, ки мизоҷонро самаранок ҷалб ва нигоҳ доред, инчунин маълумотро дар бораи молҳо ва ниёзҳои истеъмолкунандагон таҳлил кунед.

Яке аз воситаҳои асосии идоракунии фаъолияти маркетинг маркетинги рақамӣ мебошад. Ин маҷмӯи фаъолиятҳои маркетингӣ дар асоси истифодаи технологияҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, замимаҳои мобилӣ, почтаи электронӣ ва дигар воситаҳои алоқа мебошад. Маркетинги рақамӣ ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки намоёнии бештари бозорро ба даст оранд, муштариёни навро ҷалб кунанд ва муносибатҳоро бо муштариёни мавҷуда беҳтар созанд [6].

Ҷанбаи дигари муҳими идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар иқтисоди рақамӣ истифодаи таҳлили додаҳо мебошад. Бо истифода аз барномаҳо ва алгоритмҳои махсус, шумо метавонед рафтори истеъмолкунандагонро таҳлил кунед, самаранокии маъракаҳои маркетингиро

арзёбӣ кунед, тамоюлҳоро муайян кунед ва талаботро ба мол ва хидматҳо пешгӯӣ кунед. Ин ба фурӯшандагон имкон медиҳад, ки қарорҳои оқилона қабул кунанд ва ба тағирот дар бозор зуд вокуниш нишон диҳанд.

Илова бар ин, барои бомуваффақият идора кардани фаъолияти маркетингӣ дар иқтисодиёти рақамӣ, риоя кардани пешрафтҳои технологӣ ва рақобат дар бозор низ муҳим аст. Ташкилотҳо бояд омода бошанд, ки зуд тағйир диҳанд ва ба шароити нав мутобиқ шаванд, равандҳои худро мунтазам такмил диҳанд ва роҳҳои нави ҷалби муштариёнро ҷустуҷӯ кунанд.

Ҳамин тариқ, идоракунии фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар иқтисодиёти рақамӣ муносибати маҷмӯӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва таҳлили маълумот, инчунин чандирӣ ва омодагӣ ба тағиротро талаб мекунад. Танҳо чунин ширкатҳо метавонанд дар бозор рақобати муассир дошта, мавқеи пешсафиро нигоҳ доранд.

Дар иқтисоди рақамӣ, фурӯшандагон метавонанд методологияҳои гуногунро барои идоракунии фаъолияти маркетингии худ истифода баранд. Ба қатори ин методологияҳо дохил кардан мумкин аст [6]:

1. Истифодаи таҳлили додаҳо: Ҷамъоварӣ, таҳлил ва тафсири маълумоти рафтори истеъмолкунандагон ба оптимизатсияи стратегияҳо ва амалҳои маркетинг кӯмак мекунад. Таҳлили маълумот дар фаҳмидани афзалиятҳо ва ниёзҳои истеъмолкунандагон ва инчунин самаранокии маъракаҳои маркетингӣ кӯмак мекунад.

2. Аризаи маркетинги рақамӣ: Истифодаи каналҳои муошират онлайн, аз қабили васоити ахбори иҷтимоӣ, почтаи электронӣ ва муҳаррикҳои ҷустуҷӯ барои расидан ба истеъмолкунандагон ва таблиғи маҳсулот ва хидматҳо.

3. Идоракунии мундариҷа: Эҷоди мундариҷаи босифат барои таблиғи маҳсулот ва брендҳо бо истифода аз форматҳои гуногун, аз қабили видеоҳо, мақолаҳо, инфографика ва ғайра.

4. Фардикунонии маркетинг: Истифодаи маълумоти истеъмолӣ барои эҷоди пешниҳодҳо ва маъракаҳои фардӣ, ки ба ниёзҳо ва афзалиятҳои инфиродӣ мутобиқ карда шудаанд.

5. Маркетинги бисёрканалӣ: истифодаи каналҳои сершумори иртиботӣ барои расидан ба ҳадди аксар шунавандагон ва таблиғи самараноки маҳсулот ва хидматҳо.

6. Agile: Истифодаи принсипҳои чандири идоракунии лоиҳа барои зуд вокуниш ба тағйироти бозор ва қабули қарорҳои муассир.

7. Истифодаи зеҳни сунъӣ: автоматикунонии равандҳои маркетингӣ бо AI барои беҳтар кардани иҷрои маърака ва пешгӯии рафтори истеъмолкунандагон.

Хулоса, метавон гуфт, ки идоракунии фаъолияти маркетингии субъектҳои чакана дар иқтисодиёти рақамӣ як раванди мураккаб, вале ҳамзамон ҳаяҷоноварест, ки аз ширкатҳо чандир, навовар будан ва дарки амиқи афзалиятҳои истеъмолкунандагонро талаб мекунад.

Рақамизатсия тарзи муошират мо бо муштариёнро тағир дода, абзорҳои навро барои фардӣ кардани пешниҳодҳо ва беҳтар кардани таҷрибаи муштариён фароҳам овард.

Мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор, истифодаи таҳлил барои қабули қарорҳои асоснок ва татбиқи фаъолонаи технология ҳама қисми ҷудонашавандаи стратегияи муваффақи маркетинг мешаванд. Дар муҳити рақобати шадид, ки дар саноати чакана вуҷуд дорад, қобилияти идоракунии самараноки маркетинг дар иқтисодиёти рақамӣ омили муҳими зинда мондан ва рушд мегардад.

Аз ин рӯ, фурӯшандагон бояд сармоягузорӣ дар рушди платформаҳои рақамии худ, сохтани бренди худ ва омӯзиши кормандони худро барои истифодаи самараноки технологияҳои нав идома диҳанд. Ин ягона роҳи таъмини рушди устувори тиҷорат ва қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагони муосир мебошад.

АДАБИЁТ

1. Архипов А.Е. Маркетинг в условиях цифровизации экономики: дизайн-коммуникации, тренды, эффективность / А.Е. Архипов, В.Д. Еськов, А.Я. Потемкин // Интеграция и

дифференциация науки и практики в контексте приоритетных парадигм развития цивилизации : сб. науч. ст. по итогам науч.-практ. конф. – Санкт-Петербург, 2020. – С. 188-191.
2. Колчанов В.Б. Цифровизация маркетинга: тренды и перспективы // Государство и бизнес. Экосистема цифровой экономики : материалы XI Междунар. науч.-практ. конф. – Санкт-Петербург, 2019. – С. 44-49.
3. Методологические основы цифровизации маркетинга / Лутфулоев М.Д. // Перспективные исследования в технических и естественных науках: сборник статей международной научной конференции (Великий Новгород, Март 2024). – СПб.: МИПИ им.Ломоносова, 2024. – 64 с. С. 45-49
4. Полищук Н.В. Тенденции развития маркетинга в цифровой экономике / Н.В. Полищук, Н.В. Кирюшкина // Транспортное дело России. – 2020. – № 1. – С. 24-26.
5. Развитие розничной торговли в условиях цифровой экономики: Монография / М.Д. Лутфулоев / Под ред. д-ра экон. наук, проф. Ф.Р. Шаропова. - Худжанд: ТехноПарк ТГУ ПБП, 2023. -184 с. (на тадж. яз.).
6. Цифровизация маркетинга: проблемы и тенденции развития/ Лутфулоев М.Д.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе.- 2024. - №1 (51)/. – С. 142-147. (ISSN 2308-054X)

УДК 330.121.2 + 330.5.

Маҳмудзода М.Қ.

ХУСУСИЯТҲОИ МУВОЗИНАТИИ МАҶМӮИ ТАЛАБОТ ВА МАҶМӮИ ПЕШНИҲОД ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур мувозинати макроиқтисодии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро меомӯзад. Муаллиф назарияҳои асосии классикӣ ва кейнсианӣ дар мавриди мувозинати макроиқтисодӣ баррасӣ намуда, аҳамияти танзими давлатӣ ва сиёсати пулиро дар шароити номутаносибии имрӯза таҳлил мекунад. Муаллиф зарурати ислоҳоти макроиқтисодиро таъкид мекунад: ҳавасманд кардани истеҳсолот, коҳиши вобастагӣ ба воридот ва афзоиши андӯхти давлатӣ. Таҳқиқ нишон медиҳад, ки истифодаи низоми ҳисобҳои миллӣ барои шиносоии мушкилоти сохторӣ ва тартиб додани стратегияҳои иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Натиҷаҳо барои таҳияи чораҳои мӯътадилсозии макроиқтисодӣ дар Тоҷикистон аҳамияти амалӣ доранд.

Калидвожаҳо: мувозинати макроиқтисодӣ, маҷмӯи талабот, маҷмӯи пешниҳод, ҳисобҳои миллӣ, харочоти истеъмолӣ, андӯхт, иқтисоди Тоҷикистон.

Махмудзода М.К.

ХАРАКТЕРИСТИКИ РАВНОВЕСИЯ СОВОКУПНОГО СПРОСА И СОВОКУПНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ В ЭКОНОМИЧЕСКИХ УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье изучается макроэкономическое равновесие совокупного спроса и совокупного предложения в экономике Республики Таджикистан. Автор рассматривает основные классические и кейнсианские теории макроэкономического равновесия и анализирует значение государственного регулирования и денежно-кредитной политики в современных несбалансированных условиях. Автор подчеркивает необходимость макроэкономических реформ: стимулирования производства, снижения зависимости от импорта и увеличения государственных расходов. Исследования показывают, что использование системы национальных счетов имеет большое значение для выявления структурных проблем и разработки

экономических стратегий. Результаты имеют практическое значение для разработки мер макроэкономической стабилизации в Таджикистане.

Ключевые слова: макроэкономическое равновесие, совокупный спрос, совокупное предложение, национальные счета, потребительские расходы, сбережения, экономика Таджикистана.

Mahmudzoda M.K.

CHARACTERISTICS OF AGGREGATE DEMAND AND AGGREGATE SUPPLY EQUILIBRIUM IN THE ECONOMIC CONDITIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article studies macroeconomic equilibrium of aggregate demand and aggregate supply in the economy of the Republic of Tajikistan. The author considers the main classical and Keynesian theories of macroeconomic equilibrium and analyses the importance of state regulation and monetary policy in modern unbalanced conditions. The author emphasises the need for macroeconomic reforms: stimulating production, reducing dependence on imports and increasing public spending. The research shows that the use of the system of national accounts is important for identifying structural problems and developing economic strategies. The results have practical significance for the development of macroeconomic stabilisation measures in Tajikistan.

Keywords: macroeconomic equilibrium, aggregate demand, aggregate supply, national accounts, consumer spending, savings, economy of Tajikistan.

Унсурҳои асосии мувозинатии макроиқтисодӣ пеш аз ҳама ин маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод ба ҳисоб мераванд. Моҳиятан маҷмӯи талабот ҷамъи талаботи ҳама агентҳои макроиқтисодиро (хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо, давлат ва бахши хориҷиро) ифода намуда, ҳамзамон алоқамандии байни эҳтиёҷоти маҷмӯавиро ба молу хизматрасониҳо дар иқтисодиёти миллӣ дар сатҳи муайяни нархҳо нишон медиҳад. Маҷмӯи пешниҳод бошад, шумораи умумии молу хизматрасониҳоро ифода мекунад, ки дар иқтисодиёти миллӣ истеҳсол ва барои истеъмолкунандагон дар сатҳи нархҳои додашуда пешкаш карда мешавад.

Дар назарияи иқтисодӣ оид ба мувозинатии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод ду муносибат аҳамияти калон дорад. Муносибати аввал ба таълимоти равияти иқтисодиёти сиёсии классикӣ мувофиқат карда, ақидаро дастгирӣ менамояд, ки мувофиқи он маҷмӯи пешниҳод талаботро ҳавасманд мегардонад. Мувофиқи ақидаи намояндагони равияи классикӣ (А.Смит, Д.Рикардо, Т.Малтус, Д.С.Милл, Л.Валрас, А. Маршалл, А.Пигу ва дигарон) пешниҳоди молу хизматрасониҳо дар иқтисодиёт аз тарафи молистеҳсолкунандагон ба ҳолате оварда мерасонад, ки дар он баъд аз фурӯши моли истеҳсолшуда, истеҳсолкунанда ба воситаҳои пулии дастрасгардида дигар молҳоро харидорӣ менамояд. Яъне чи қадаре ки истеҳсоли молҳо зиёд шавад, ҳамон қадар даромад ва талабот дар иқтисодиёт афзоиш меёбад.

Дар шароити муосир иқтисоддонҳо дар чунин муносибат камбудиҳоро мушоҳида менамоянд, зеро муносибати классикӣ ба мувозинатии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод фаъолияти бозори пулӣ, андӯхти пулӣ ва бозори берунаро ба инобат намегиранд. Новобаста ба ин як қатор намояндагони иқтисоди сиёсии классикӣ ба монанди Ж.Б. Сэй мавҷудияти мувозинатиро дар бозори меҳнат, бозори молу хизматҳо ва бозори пулӣ дар назар доранд. Ҳамин тавр, дар таълимоти классикии мувозинатии макроиқтисодӣ мафҳуми дихотомияи классикӣ ба миён меояд. Дихотомияи классикӣ ин низоми фаъолияти ду бозор мебошад: бозори аслӣ (бозори молӣ ва меҳнат) ва бозори пулӣ [4, с. 79].

Ба ақидаи намояндагони равияи классикӣ мувозинатӣ дар бозори аслӣ ва пулӣ бояд ба воситаи мӯътадилкунандагони автоматӣ нигоҳ дошта шавад, зеро бозор қобилияти худтанзимкунии мувозинатии макроиқтисодиро дорад. Чунин ақидаҳо ба намояндагони равияи классикӣ имкон фароҳам оварда, ки дахолат накардани давлатро ба фаъолияти иқтисодӣ исбот намоянд.

Ақидаи куллан дигар оид ба мувозинатии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод аз тарафи пайравони равияи кейнсӣ дар ибтидои асри XX баён карда шуд. Ҷ.М. Кейнс зарурати танзими давлатии иқтисодиётро асоснок намуда, ба мувозинатии макроиқтисодӣ муносибати навро пешкаш мекунад. Мутобиқи ақидаҳои ин иқтисоддон васеъшавии доираи талабот ба афзоиши хароҷоти хоҷагиҳои хонавода, фирмаҳо ва давлат оварда расонида, маҷмӯи пешниҳодро барои зиёдшавӣ ҳавасманд мегардонад. Инчунин дар доираи таҳқиқоти худ Ҷ.М.Кейнс ба пасандоз ва андӯхт дар ҷамъият аҳамият дода, таъсири инвеститсияҳоро ба маҷмӯи талабот муайян намуд [1, с. 241].

Ҷоиз ба таъкид аст, ки назарияи мувозинатии макроиқтисодии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, барои қабули қарор дар сатҳи макроиқтисодӣ шароит фароҳам меоварад. Таҳқиқи мувозинатии макроиқтисодии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод имкон медиҳад, ки қонуниятҳои ҳодисаҳои иқтисодӣ дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ дарк карда шаванд. Тамоюли тағйирёбии мувозинатии макроиқтисодии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод барои коркарди сиёсати иқтисодии самаранок хизмат карда, оид ба вазъияти умумии макроиқтисодӣ маълумот дода метавонад.

Барои таҳқиқи тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаҳои маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод дар доираи мувозинатии макроиқтисодӣ истифодабарии нишондиҳандаҳои ҳисоби миллӣ (НҲМ) мувофиқи мақсад мебошад. Зеро табиати таҳлили функсионалии макроиқтисодӣ вобастагии байни нишондиҳандаҳои низоми ҳисоби миллиро ифода менамояд. Ба воситаи НҲМ ва нишониҳандаҳои он таҳлили ташаккулёбӣ ва алоқамандиҳои зарурии нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро амалӣ намудан мумкин аст, ки шарти асосӣ ва заминаи муайян намудани қонуниятҳои воқеъӣ ва тамоюли тағйирёбии тараққиёти иқтисодиёти миллиро ифода карда, оид ба самаранокии татбиқи сиёсати мӯътадилгардонии макроиқтисодӣ маълумот дода метавонанд.

Низоми ҳисобгирии миллӣ имкон медиҳад, ки як қатор таносубҳо байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ муайян карда шаванд. Дар ин ҷода пайдо намудани тасаввурот оид ба айниятҳои макроиқтисодӣ дар асоси алоқамандиҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои иқтисодиёти кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса дорад.

Муайян намудани алоқаҳои байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ барои таҳлили таносубҳои макроиқтисодӣ дар иқтисодиёти миллӣ ва муайян намудани самтҳои такомули онҳо ба воситаи таҳлили маълумоти оморӣ ниҳоят муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Дар низоми нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) нишондиҳандаи калидӣ ба ҳисоб меравад. Зеро аз ҳаҷм ва тамоюли тағйирёбии он рушди иқтисодии мамлакат, тағйиротҳо дар сатҳи некуаҳволии аҳолӣ ва мавқеи мамлакат дар иқтисодиёти ҷаҳон муқаррар карда мешаванд. Ба ғайр аз ММД дар низоми ҳисоб ҳисоби миллӣ даромади миллӣ, маҳсулоти софи дохилӣ, маҷмӯи даромади ихтиёрии миллӣ, истеъмолоти ниҳоӣ, андӯхти умумӣ, қарзгирии соф, пасандозҳои соф ва боигарии миллӣ ба инобат гирифта мешаванд. Ҷиҳати асосии модели мувозинатии макроиқтисодӣ, ки дар он НҲМ асос ёфтааст, ин баробарии байни маҷмӯи пешниҳоди молу хизматҳо ва маҷмӯи талабот ба онҳо мебошад.

Мутобиқи принсипи сохтории НҲМ маҷмӯи пешниҳоди молу хизматҳо барои давраи муайян аз истеҳсоли онҳо аз тарафи истеҳсолкунандагони дохилӣ **Y** ва воридот аз хориҷа **IM** муайян карда шуда, маҷмӯи талабот бошад бо хароҷоти истеъмолӣ **C**, инвеститсияҳо **I** ва ҳаҷми содирот **Ex** ба хориҷа муайян карда мешавад. Дар ин ҷо ба як ҳолат диққат додан зарур, ки ҳаҷми содирот **Ex** барои ба сохтори маҷмӯи талабот дохил карда мешавад, ки сектори (бахши) хориҷӣ дар макроиқтисод ҳамчун агенти мустақили макроиқтисодӣ баромад карда, истеъмоли мол ва хизматҳои дар мамлакат истеҳсолшударо аз тарафи дигар кишварҳо дар назар дорад. Бинобар ҳамин дар намуди умумӣ маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳод дар шароити иқтисодиёти кушод бо баробарии зерин муқаррар карда мешавад:

$$\mathbf{Y + IM = C + I + Ex}\ [2,\ с.73] \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо:

Y – ҳаҷми мол ва хизматҳои истеҳсолшуда дар мамлакат:

ІМ – ҳаҷми воридоти молу хизматҳо;
С – ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматҳо дар мамлакат;
І – ҳаҷми инвеститсияҳои дохилӣ (андӯхти умумӣ);
Ех – ҳаҷми содироти мол ва хизматҳо.

Дар ин формула (**Ү + ІМ) –** ин маҷмӯи пешниҳод ва **(С + І + Ех)** -маҷмӯи талабот мебошад. Бо истифода аз формулаи мазкур дар асоси маълумоти расмии оморӣ вазъ ва тағйирёбии мутаносибии маҷмӯи талабот ва маҷмӯи пешниҳодро дидан мумкин аст. Дар ин росто барои муайян намудани таркиби маҷмӯи пешниҳод ва маҷмӯи талабот аз рӯи маълумоти дар Ҳисобҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда истифода бурдан мумкин аст. Зеро дар ин маҷмӯи оморӣ тамоми ҳисобҳои НҲМ инъикос ёфта барои таҳлили эмпирикӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Ҷоиз ба қайд аст, ки барои муайян намудани ҳаҷми мол ва хизматҳои дар мамлакат истеҳсолшуда нишондиҳандаи истеҳсоли умумӣ истифода шуда метавонад, зеро ин нишондиҳанда ҳаҷми истеҳсоли дар дохили кишвар дар давоми сол бавуҷуд овардаро ба пуррагӣ ифода менамояд. Дигар хусусияти ҳисоб ин муқаррар намудани таркиби маҷмӯи талабот ба ҳисоб меравад. Ҳангоми муайян намудани ҳаҷми истеъмоли мол ва хизматҳо дар дохили мамлакат бояд хароҷот барои истеъмоли ниҳоӣ ва истеъмолоти мобайнӣ (фосилавӣ) дар якҷоягӣ ҳисоб карда шавад, зеро истеъмолоти мобайни дар доираи худ истеъмоли масолеҳ, молҳои нимтайёр ва ё ниҳоии аз тарафи субъектони гуногуни хоҷагидорӣ истеҳсолшударо фарогир мебошад. Бо дарназардошти чунин хусусиятҳо дар ҷадвали 1 таркиби нишондиҳандаҳои маҷмӯи пешниҳод ва маҷмӯи талабот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда ҳамчун нишондиҳандаи ибтидоӣ барои ҳисоб намудани ҳаҷми маҷмӯи пешниҳод ва маҷмӯи талабот хизмат менамояд.

Ҷадвали 1. - Таркиби нишондиҳандаҳои маҷмӯи пешниҳод ва маҷмӯи талабот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (млрд. сомонӣ) [8, с. 24; 31]

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					
	2018	**2019**	**2020**	**2021**	**2022**	**2023**
Истеҳсол бо нархҳои асосӣ **(Ү)**	129,8	146,1	155,6	189,1	225,1	242,1
Ҳаҷми воридоти мол ва хизматрасонӣ **(ІМ)**	29,5	32,5	32,3	48,2	58	64,3
Истеъмолоти мобайнӣ **(С)**	65,8	74,7	79,1	97,8	117,6	122,5
Харoҷот барои истеъмолоти ниҳоӣ **(С)**	62,2	69,1	74,9	92,2	115,5	133,1
Содироти мол ва хизматрасонӣ **(Ех)**	10,2	11,8	14,5	24,4	19,3	22,8
Ҷамъи андӯхт **(І)**	26,5	28	28,1	35,2	42	42

Ба воситаи ҷо ба ҷо гузории нишондиҳандаҳои мазкур ба формулаи 1 дар ҷадвали 2 таносуби маҷмӯи пешниҳод ва маҷмӯи талабот дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2018 то соли 2023 муайян карда шуданд.

The article examines the theoretical foundations of managing the development of enterprises, including small ones, associated with the study of the patterns of development of social and economic phenomena and processes, clarifying and disclosing their content, determining their cause-and-effect and functional relationships. The authors paid serious attention to the study of the essence of the enterprise, falling under the theory of managing the economic development of the enterprise and the specification of its tasks, as well as various theories of the development of enterprises (firms), which form and develop methodological and methodological approaches to their management. It is substantiated that when choosing and improving mechanisms for managing the development of enterprises in modern conditions, when the rate of change in the external environment and its significant influence are observed, reliance on neo-institutional relations increases the efficiency of management processes and is appropriate. Because it is institutional relations and mechanisms that have a significant impact on the role and significance of social, cultural and ethical relations that shape the interests of the individual, the goals and methods of organizing and conducting economic activity, and contribute to increasing its competitiveness. Serious attention is paid to the role and significance of social, cultural and ethical relations that influence the formation of individual interests, goals and methods of organizing and conducting economic activity, contributing to the increase of its competitiveness. In this regard, a number of recommendations and proposals have been developed.

Key words: enterprise, small enterprise, enterprise development theories, enterprise development management, entrepreneurship and small and medium enterprises, institution, institutional relations and enterprise management mechanisms.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 такид шудааст, ки «сатҳи пасти ҳамкориҳои дохилисоҳавӣ, байнисоҳавию байниминтақавӣ ва ҳамгироӣ, рушд наёфтани муносибатҳои кластерӣ, сифати пасти маҳсулот, талаботи зиёд доштан ба истифодаи неру, меҳнат ва масолеҳ ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, ки сатҳи пасти рақобатпазирии онро пешакӣ муайян мекунад, инчунин номукаммал будани механизмҳои идоракунии партовҳои истеҳсолоти саноатӣ» [13, с.78] мушкилоти назаррасро дар роҳи рушди корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, бахусус саноат, эҷод менамояд. Бинобарон, ба андешаи мо, барои бартараф намудани мушкилотҳои зикршуда такмили технологияи таъминоти институсионалии идоракунии рушди корхонаҳои бахши воқеии иқтисодиёт, бахусус саноат муҳим мебошад ва нақши калидӣ ҳам мебозад.

Асосиҳои назариявии идоракунии рушди корхонаҳо, аз он ҷумла корхонаҳои хурд ба таҳқиқи категорияҳои иқтисодӣ, қонуниятҳои инкишофи ҳодисоту равандҳои иҷтимоиву иқтисодии ташкил медиҳад. Зеро маҳз аниқ ва равшан кардани мазмуни ҳодисоту равандҳои

иқтисодӣ, алоқамандии сабабиву оқибатӣ ва функсионалии онҳо имкон медиҳад, ки воқеияти объективии фаъолияти иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ арзёбӣ гарданд ва натиҷаҳои он дар мавриди қабули қарорҳои идоракунӣ истифода шаванд. Аммо бояд таъкид намуд, ки ҳар як тадқиқот ба фарзияҳо асос меёбанд. Фарзияҳо бо гуфтаи Андерсон П., анъанаҳое ҳастанд, ки «...ба муҳақиқон ҳам чаҳорчӯбаи онтологӣ ва ҳам методологияи тадқиқотро таъмин мекунанд» [1, с.91].

Агар онтология ифодагари алоқамандии «объект-субъект»-и идоракуниро тавсиф намояд, пас методология тартиби мантиқиро муайян кунад, яъне тавассути он назарияи мукаммал эҷод шуда муносибатҳову усулҳои баррасии гуногун пайдо мешавад. Аз ин лиҳоз дар майдони пажуҳишҳои муаммоии илмии ҳаёти иқтисодиву иҷтимои дар мавриди таҳқиқи ҳамон як мавзӯъи татқиқот муносибатҳои гуногун вомехуранд. Ин раванд, бахусус дар марҳилаи муосири рушди илми иқтисодӣ хеле шиддатнок рушд ёфта истодааст. Зеро, дар баробари назарияҳои неоклассикӣ назарияҳои ба истилоҳ назарияҳои иқтисодии алтернативӣ, ки онҳо фарогири як қатор ҷараёнҳои ба таври куллӣ инкишофёфта буда бемайлон густариш ёфта истодаанд. Ба онҳо метавон иқтисодиёти эволютсионӣ, иқтисоди неоинститусиалӣ ва инчунин гурӯҳи назарияи рафториро дохил намуд [8, с.34] Сабаби рушди ин ҷараёнҳои илмиро бӯҳрони менеҷменти амрикоии солҳои 70-уми асри 20 шудааст, ки дар натиҷа бӯҳрони назарияҳои неоклассикӣ оғоз ёфта буд.

Намояндагони назарияҳои алтернативӣ кушиш ба харҷ медиҳанд, ки дар асоси тамсилаҳои назариявӣ ҳодисоту раванадҳои дар фаъолияти воқеии субъектҳои системаи иқтисоди бозорӣ ба амал оянда дар шаклу мазмуни мушахас наабстактӣ шарҳ дода шавад. Ин муносибат мустақиман барои қабул намудани қарорҳои идоракунии муоссир мусоидат намуд. Хусусиятҳои фарққунандаи назарияҳои алтернативиро дар муқоиса бо дигар ҷараёни иқтисодӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Ҷадвали 1. Хусусиятҳои фарққунандаи назарияҳори алтернативӣ аз назарияи неоклассикӣ

№	Меъёрҳои қиёс	Назарияи иқтисодӣ неоклассикӣ	Назарияи иқтисодӣ алтернатива
1.	**Сатҳи баррасии проблемахо**	Абстактӣ	Воқеият
2.	**Сифати универсалӣ**	Хеле баланд	Қисман
4.	**Предмети тақиқи**	Мувозинати объективӣ ва интихоби он ҳамчун натиҷа	Раванди воқеии иқтисодии қабули қарор дар бораи интихоб
5.	**Сабабҳои интихоб**	Муқоисаи мантиқии алтернативаҳои мавҷуда	Мавқеи фаъоли маърифатӣ
6.	**Сабабҳои амал**	Тағйирот дар муҳити беруна	Тағйирот дар олами ботинии шахс
7.	**Омӯзиши номуайянӣ**	Дар асоси эҳтимолиятҳои маълум	Аслан имконнопазир аст, таъсири онро танҳо кам кардан мумкин аст
8.	**Иттилоот**	Комилан объективӣ ва дастрасаст	Маҳдуд, зеро мушкилоти дастрасӣ ва имкони коркарди ғайри имконии он мавҷуд аст.
9.	**Рафтори инсон**	Рафтори инсон оқилона аст	Маҳдудияти рафтори оқилона.
10.	**Ҳадафҳо**	Қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти афзоянда, ноил шудан ба нафъи максималӣ	Илова ба назарияи неоклассикӣ, ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас, эҷодии шахсияти фаъоли маърифатӣ
11.	**Инсон**	Қувваи истеҳсолкунанда	Коргар, соҳибкор, истеъмолгар

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Мирсаидов А.Б. Альтернативние экономические теорий: онтолгия или “реальное картина мира”, Иқтисодиёти Тоҷикистон, 2017, № 4, с 43-53.

Дар адабиёти иқтисодии замони муосир бисёре аз муаллифон қайд мекунанд, ки «...парадигмаҳое, ки бо назарияи неоклассикӣ ва маржинализм алоқаманд аст, сарфи назар аз дастовардҳои ошкораш, ба анҷом расидани иқтидори худ наздик шудааст ва авҷ гирифтани баҳсҳои методологие, ки интизори пайдо

шудани ғояҳо ва равишҳои куллан навро ташкил медиҳанду рушди илми иқтисодиро дар асри 21 муайян мекунанд, зоҳир мегардад» [15, с.22].

Ин равандҳои нави илмӣ водор менамояд, ки дар асри равон тамоюли рушди иқтисодӣ ва масъалаҳои идоракунии рушди корхонаҳо, аз он ҷумла корхонаҳои хурди иқтисодӣ, ҳамчун заминаи ташкили фаъолияти соҳибкори хурду миёна, дар доираи парадигамаҳои назарияи алтернативии иқтисодӣ, пеш аз ҳама аз назарияи иқтисодии неоинститусионалӣ таҳқиқу арзёбӣ гарданд. Вобаста ба ин талабот мо ба таҳқиқи идоракунии рушди иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ ва самранокии онро дар доираи мафҳуми мухтасари субъект-корхона, ки онро дар назарияти классикӣ фирма унвон доданд, оғоз мекунем.

Зери мафҳуми корхонаҳо (фирмаҳо) ҳамчун объекти идоракунӣ шакли махсуси ташкили иктисодиеро дар назар доранд, ки ба принсипҳои тамаркузгардии захираҳои иқтисодӣ, мутамарказшавии онҳо, инчунин таксимоти мехнат ва тахассусгардӣ асос мегирад. Дар ин ҷо корхона ҳамчун системаи кушод дорои муносибатҳои мураккаб дар масоили координатсияи фаъолият, ташкилу идоракунии фаъолияти иқтисодиву тиҷоратӣ субъектҳои муносибатҳои иктисодӣ мебошад. Илова бар ин муносибатҳои шартномавӣ истифодаи аз институтҳои контракт дар самти ҳалии масъалаҳои интеграцияи уфуқӣ ё амудӣ низ унсури муҳими фаъолияти онҳо мебошад. Қуллаи секунҷаи фаъолияти корхонаро бозор ҳамчун институт ва шакли фарогиртарини ташкили иқтисодӣ ташкил медиҳад. Барои ташкилу идоракунии рушди иқтисодӣ корхонаҳо субъекти асосии муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, яъне тавассути онҳо фаъолияти иқтисодӣ ва идораи он дар сатҳи микро ташкил мешавад. Корхона хамчун субъект ва ё агентҳои муносибатҳои иктисоди чунин хусусиятҳоро доро мебошад, ки дар вазифаҳо ва механизмҳои идоракунӣ инъикос меёбанд:

а) сатҳи муайяни озодиву интихоби фаъолиятро доранд, яъне мустакилиятро дар фазову мухити иқтисодии муаяйн доранд;

б) соҳиби массаи иқтисодӣ мебошанд, яъне дорои маҷмӯи захираҳои иқтисодӣ (инсонӣ, моддӣ, молиявӣ ва ғайраҳо), инчунин нишондиҳандаҳои миқдориву сифатӣ, ки ба обрӯ ва мавқеи онро дар бозор муаяйн мекунад, мебошанд.

Бинобар он омӯзиши табиати корхона як мавзӯи марказӣ мебошад, ки дар зери назарияи идоракунии рушди иқтисодии корхона ва мушахасгардонии вазифаҳо он қарор мегирад. Дар адабиёти иқтисодӣ назарияҳои гуногуни рушди корхонаҳо (фирмаҳо) вомехуранд, ки дар муносибатҳои методологиву методологии иддоракунии онҳоро ташаккулу рушд медиҳанд. (Ниг. ҷадвали 2.)

Ҷадвали 2. Назарияҳои асосии корхонаҳо, ки тарҳи мунсибатҳои гуногуни идоракунии рушди онҳоро ммуаяйн менамояд.

№	Назарияҳои фирма	Тавсифи мухтасар
1.	**Назарияи австриявии фирма (Д.Рикардо ва К.Менгер).**	Хамчун модели микроиктисодии рақобати мукаммал, ки хусусиятхои асосии он баробарии мутлақи ҳамаи субъектҳои (фирмаҳои) хоҷагидор ва набудани фоида эътироф шудаанд. Мукофоти ягона - ин рента, ки аз истифодаи навъу сифатҳои гуногуни захираҳо гирифта мешавад. Ғояи марказии таъсиси корхонаро бардошти нафънокӣ, дар навбати аввал, аз ҳисоби мурратабсозии ва ташкили равандҳои фаъолияти иқтисоди ташкил медиҳад.
2.	**Назарияи неоклассикӣ**	Корхона ҳамчун барандаи вазифаи асосии истеҳсолӣ, яъне ҷалби захираҳо ва табдили онҳо ба маҳсулоти ниҳоӣ барои бозор ва саъй мекунад, ки раванде чунон ташкил шавад, ки дар он ҳаҷми маҳсулоти тайёр бо харҷи камтарин таъмин карда шавад. Фоида ҳамчун шакли ифодаи самаранокии кори корхона баромад мекунад.
3.	**Назарияи институтсионалии фирма (Дуглас Норт)**	Маҷмуи меъёрҳои расми ва ғайрирасмии рафтор, ҳамчунин қоидаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳамбастагии зич муҳити институтсионирo ташкил медиҳанд, ки дар дохили он равандҳои истеҳсолот ва мубодила ба амал меоянд. Дар доираи ин муносибат бояд гуфт, ки проблемаи рафтори оқилонаи субъекти хоҷагидорӣ дар ҳамбастагии манфиатҳои менеҷмент ва моликият қарор дорад. Дар ибтидо корхона як симбиози шакли ташкилии фаъолияти иқтисодӣ ва объекти моликияти хусусӣ буд ва дар ин ҳолат корхона ҳамчун роҳи амалӣ намудани манфиатҳои хусусии молик ё гурӯҳи соҳибмулкон он амал мекунад.
4.	**Назарияи неоинституционалии фирма**	Корхонаро ҳамчун «соҳаи мутобиққунии манфиатҳои иштирокчиён дар асоси ҳуқуқи хусусӣ дар маҷмуи мураттабшудаи омилҳои истеҳсолот, ки соҳибони онҳо кушиш менамоянд, бо роҳи мубодилаи ҳуқуқи моликияти омилҳои ба

		онҳо тааллуқдошта манфиатҳои худро амали намоянд» [5, с.38]. Корхона ҳамчун яке аз институтҳои асосии иқтисодӣ бояд ду хусусият дошта бошад: шахси ҳуқуқӣ ва корхонаи амалкунанда. Мақоми шахси ҳуқуқӣ дар ҷомеа мавҷудияти маҷмӯи шартҳои зарурии мавҷудияти корхонаро нишон медиҳад ва аломати корхонаи амалкунанда иҷрои ин шартҳоро таъмин намуда, шарти кофии мавҷудияти корхона мегардад.
5.	**Назарияи муносибати агентӣ (аз ҷониби М. Йенсен ва В. Меклинг)**	Нуқтаи бунёдии назария падидаи мавҷудияти хароҷоти «агентӣ», яъне хароҷоти вобаста ба фаъолияти идоракунӣ мебошад. Ташкил ва мавҷудияти корхона ҳамчун шакли ташкили иқтисодӣ шарҳи мантиқии кори механизми кам кардани ин хароҷот мебошад. Қувваи пешбарандаи механизми мавриди назар ҳолати ихтилофест, ки дар натиҷаи тафовути манфиатҳои байни ду гурӯҳи асосӣ ба вуҷуд меояд: принсипҳо (соҳибон) ва агентҳо (роҳбарони кироя). Ҳар яки онҳо як ҳадаф доранд - ба ҳадди максимум расонидани сармояи худ! Корхона маҷмӯи шартномаҳо, яъне шакли махсуси ташкили ин шартномаҳо мебошад.
6	**Назарияи эволютсионии фирма**	Консепсияи асосӣ, инчунин сарчашмаи ҳамаи тағйиротҳо ва қувваи пешбаранда муҳити зист, алалхусус макромуҳити аст. Ба вуҷуд омадан ва вуҷуд доштани корхона ҷуз оқибати мубориза барои зинда мондан дар ин муҳит чизе беш нест. Асосҳои заминавии худи назарияи эволюционӣ инҳо мебошанд: дониш ва дарки муҳити беруна нокомил; механизми универсалии мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити зист вуҷуд надорад; ҳамеша имкони кашфи чизи нав вуҷуд дорад; динамикаи инкишофи равандҳо бо фаъолияти қуввахои интихоб таъмин карда мешавад. Дар назарияи эволютсионӣ корхона дар як вақт ҳамчун популятсияи биологӣ ва ҳамчун механизми муайяни институтсионалӣ, ки донишҳои махсус – иттилоотро ҷамъ мекунад.
7.	**Назарияҳои потенсиали ташкилӣ (И.Ансофф)**	Ин консепсия дар рушди идоракунии стратегӣ асос шудааст, ки дар он таваҷҷуҳи асосӣ ба вазифаи такористеҳсол ҳамчун асоси таъмини бартариҳои рақобатии дарозмуддати корхона дода мешавад. Тезиси бунёдӣ аз он иборат аст, ки байни табиати муносибатҳои беруна ва рафтори корхона, аз як тараф ва ташкили дохилии он, аз тарафи дигар, робитаи зич вуҷуд дорад. Корхонаро ҳамчун иерархияи идоракунӣ метавон ҳамчун ташкилоте фаҳмид, ки аз бисёр воҳидҳои махсус иборат аст.
8.	**Назарияи соҳибкории фирма (П.Друкер, Ҷ.Шумпетер ва ғ.)**	Дар маркази фаъолияти ташкилоти соҳибкорӣ мустақилият, нерӯманд, тамоюлот ба таваккал, суботкорӣ, ба комёбӣ нигаронида шудааст, ки метавонад ҳолатҳои мухолифро ба манфиати худ истифода барад. Асоси корхонаи соҳибкориро сохтори тағйирпазир ва доимо тағйирёбанда ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, дар ин ҷо корхона ҳамчун агенти муайяне баррасӣ карда мешавад, ки ҳадафи асосии он ба сатҳи максимум расонидани фоида аст ва имкониятҳои технологии он ба таври экзогенӣ дар шакли функсияи истеҳсолӣ ё функсияи хароҷот муқаррар карда мешаванд.
9	**Назарияи зинда мондан**	Дар давраи гузариш корхона наметавонад ба тағйироти доимии муҳити беруна ва пеш аз ҳама ба тағйирёбии номгӯву ҳачми истеҳсолот, инчунин ба тағйироти вазъи молиявии таъминкунандагон ва истеъмолкунандагон мутобиқ шавад. Институтҳои бозор номукаммаланд. Вазифаи асосии корхона зинда мондан аст, бинобар ин эволютсияи ҳамвор ва ҳамоҳангшуда бо муҳити беруна ғайриимкон аст. Дар ин шароит, роҳбарият қарорҳо қабул мекунад, ки пеш аз ҳама ба фоидаи кӯтоҳмуддат асос ёфтааст.

Таҳияи муаллифон.

Дар айни замон назария ё равиши неоклассикӣ дар илми иқтисоди ҷаҳонӣ таълимоти паҳншудатарин мебошад. Методи ташкилу идоракунии аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахши фаъолияти иқтисодиву истеҳсолии эътирофшуда ҳамон гуна тарзест, ки хароҷоти истеҳсолиро кам мекунад. Дар ин ҷо ҳадафи асосии корхонаро пайдо кардани чунин ҳаҷм ва комбинатсияи истифодаи захираҳо, ки имкони муайян намудани нархи маҳсулот, ки фоидаи зиёд мекунад, муқаррар кунад.

Тахмин аст, ки агар корхона фоидаи муайянеро интизориро, аксаран максималиро, ба даст наорад, пас вай дер ё зуд аз қатори субъектҳо ва ё корхонаҳои фаъолияткунандаи системаи

иқтисоди бозорӣ дар ҷараёни интихоби табби, ки тавассути институт ва ё механизми рақобати бозорӣ амалӣ мегардад, берун меравад. Дар акси ҳолат, дар мавриди коэффисиенти табдили захираҳо барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳои баланд бошад (зиёда аз 1), пас корхона соҳиби динамикаи мусбати рушд мебошад. Аммо дар доираи истифодаи технологияи мавҷуда, яъне зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот то ҳадди максималӣ бидуни ҷаҳиши хароҷоти доимӣ ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, корхонаро дар доираи назарияи неоклассикӣ фаъолияти онро одатан ҳамчун «қуттии сиёҳ» ифода мекунанд. Дар ин «қутӣ» табдили захираҳо ба маҳсулот мутобиқ ба хусусияти функсияҳои истеҳсолӣ ва муҳити бозор (шароити рақобати комил, монополия, олигополия, рақобати монополистӣ) сурат мегирад. Дар ин раванд, ҷуръати гирифтани сатҳи максималии фоида ва идоракунии ин раванд ҳамчун вазифаи мақсадноки корхона пазируфта мешавад. Назарияи неоклассикӣ дар мавриди таҳлили масъалаҳои ташкили фаъолияти иқтисодиву тиҷорати фазои маҳдуд дорад. Афзудани ҳудуди татбиқи механизми нарх дар доираи назарияи неоклассикӣ ва нақши бартаридоштаи барало мушоҳида мешавад, ки ҳалли аксари муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоии корхонаро низ маҳдуд менамояд. Дар ин ҷо муҳақиқон дар масоили дарку арзёбии раванди истеҳсол ва

тақсимот бештар ба механизми нарх такия менамоянд. Бешубҳа метавон гуфт, ки тамсилаи неоклассикӣ назария содда ҳам мебошад, ки дар он ҳамаи омилҳои таъсиркунанда идорашавандаанд ва аз ин рӯ, на ба механизми мутобиқшавии фирма ба тағйиротҳо тавоҷӯҳи асосӣ дода мешавад, балки тавоҷӯҳ ба ҳолати мувозинатӣ (чун нуқтаи ибтидоӣ ё воситаи муайян кардани дараҷаи нобаробарӣ) дода мешавад. Камбудии назарияи неоклассикиро сифати тамсилаи статикии он муаян менамоя. Илова бар ин дар ин назария технология дода шудааст ва ҷуръати корхона барои аз нав муайян кардани он заиф мебошад ва ё заруратро ба ин кор намебинад. Ҳамин тариқ, дар мавриди қабули қарорҳои идоракунӣ ба хароҷоти алтернативӣ тавоҷӯҳ дода намешавад. Ҳамин тариқ, функсияи такрористеҳсолии корхона, ки ҳамчун тамсилаи динамикаи функсияи истеҳсолии он аз доираи назар дур мемонад.

Тавре, ки дар боло ишора намудем, корхона ҳамчун агенти иқтисодӣ буда хусусиятҳои зеринро доро мебошад:

– субъекти мустақил, яъне агенте, ки дар системаи иқтисоди бозорӣ аз ҷиҳати ҳуқуқи мустақил мебошад;

– корхона дар системаи иқтисодӣ барои иҷрои вазифаи махсус водор шудааст

– харидани захираҳо ва табодули онҳо барои истеҳсоли минбаъдаи мол ва хизматрасонӣ;

– озодона ташкил намудани сохтор ва ё навъи ташкилоти дохилӣ;

– фаъолияти босубот ва рушди иқтисодии онҳо аз ҳисоби фоида, ки дар натиҷаи фарқи байни даромад ва хароҷот пайдо мешавад.

Ҳарҷанд яке аз меъёрҳои муҳими рафтори корхона ва ҳадафи асосии фаъолияти он фоида мебошад, аммо аз миёнаҳои қарни 20 масъалаи категорияи фоида дар майдони илмии иқтисодӣ мавриди оғози баҳсҳои шадид гардид. Дар доираи ин баҳсҳо, бахусус дар бораи мундариҷаи ғайрипулии ҳадафҳои корхонаҳо ва соҳибкорӣ, масаълаҳо асосан дар доираи назари институтсионалӣ ва эволютсилнӣ оғоз ёфта то имрӯз идома доранд [13]. Тибқи ин назарияҳои номбаршуда фоида ҳарчанд барои ҳар як корхонаҳои мухталиф ва ё соҳибкрӣ муҳим аст, вале он дар радифи ҳадафи асосӣ ҳисоб кардан мумкин нест. Ин ақида мавриди дастгирии аксари олимон ҳам шуд. Онҳо қайд карданд, ки ҳадафе, ки дар давраи таърихӣ тезиси муқарраршуда (бо гузашти вақт) доир ба фоида ҳамчун ҳадафи асосии фаъолияти корхонаҳо, соҳибкорӣ зарари назаррасро ба системаи иқтисодии кишварҳо ба бор овардааст. Агар қиёси шароити иҷтимоию иқтисодии асрҳои 18 - 19-ро гузаронем, пас дар замони муосир маълум мешавад, ки мазмун ё арзиши фоида хеле паст шудааст. Тавре Милнер Б. навиштааст, "он ташкилотҳое, ки танҳо ба афзоиши даромади саҳмдорон тамаркуз мекунанд, барои зинда мондани дарозмуддат имкони камтар доранд." [7, с.117]

Шикстани анъанаи тафсири максимизацияи фоида аз тарафи иқтисодчии намоён П.Дракер сурат гирифтааст, яъне вай аввалинҳост, ки ақидаи максимизатсияи фоидаро ҳамчун мақсади

асосии корхона инокор намудааст. Ба ақидаи ӯ, «максимизатсияи фоида мафҳуми бардурӯғ аст, хоҳ фоидаи кӯтоҳмуддат бошад, хоҳ дарозмуддат» [2, с.75]. Ӯ пешниҳод кард, ки ҳадафи асосии корхона на фоида, балки зинда мондан аст. П.Друкер дар «Мушкилоти менеҷмент барои асри бисту як», мавқеи индустрияи хизматрасонии молиявиро ҳамчун «босуръат рушдкунанда ва шукуфонтарин дар ҷаҳон» қайд карда, чунин таъкид намудааст: «Мо бояд мафҳуми «самаранок»-и корхонаро аз нав муайян кунем. Мо бояд мувозинат кардани ҳадафҳои фаврӣ, ки дар бораи арзиши саҳҳомӣ гап мезанем, дар назар дорем мақсадхои дарозмуҳлати зиндамонӣ ва гул-гулшукуфии корхона». "Ин маънои онро надорад, ки идома медиҳад П. Друкер, - фоида ва даромаднокӣ муҳим нест [4]. Агар ба мазмуни воқеии фаъолият ворид гардем, пас даромаднокӣ ҳадафи корхона ва фаъолияти соҳибкорӣ набуда, балки чуни омили маҳдудкунандаи ин фаъолият баромад мекунад. Фоида ин на тавзеҳот, сабаб ё далели пешбурди тиҷорат ё қабули қарорҳои тиҷоратӣ мебошад; балки ин як санҷиши дурустӣ ва асоснокии он аст. Ҳатто дар мизи директори на соҳибкорон, балки фариштаҳо нишаста бошанд ҳам, онхо ҳануз дар бораи даромаднокии корхона ғамхорӣ мекарданд. Бинобар ин вазифаи ҳар як корхона на зиёд кардани фоида, балки ба дараҷаи фоидае, ки барои пушондани хароҷот, хавфи фаъолияти иктисодӣ кифоя аст ва бо ҳамин ба талафот роҳ надодан аст» [3].

Дар асоси ҷамъбасти гуфтаҳои боло, бояд қайд кард, ки қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон, яъне ҳадафҳои ғайрипулии фаъолияти корхона аҳамияти бештар доранд ва бояд дар ҷавҳари системаи идоракунии рушди корхона қарор гирад. Ин рафтору муносибатҳо ки бештар хусусияти ҳадафҳои стратегӣ ва муносибатҳои маркетингиву фарҳанги ташкилии корхонаро мегирад, муҳим мебошад. Аз тарафи дигар, накши ин муносибатҳо аҳамияти фоидаро барои фаъолияти корхонаҳо паст намекунад. Зеро худи далели мавҷудияти он дар шароити фаъолият дар системаи иқтисоди бозор зери шубҳа қарор мегирад. Табиатан ҳеҷ яке аз субъектҳои иқтисоди бозорӣ ҳавасманд намебошанд, ки даромад ва ё фоидаи худро ба хотири қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон қурбонӣ кунад. Ҳамин тариқ, фоида ҳамчун ҳадаф муҳимияти худро талаф намекунад. Дар баробари ин зимнан бояд қайд намуд, ки ҳадафҳои ғайрипулӣ ва пулӣ аз ҳамдигар ҷудонашаванда мебошанд. Онҳо алоқамандандии зич доранд, яъне фоида ва ҳадафҳои стратегӣ яндигарро пурра мекунанд. Сатҳу мавқегирии онҳо вобаста ба шароитҳои гуногун сифати мубраммияти худро пайдо мекунанд вале аммо онҳо ҳамдигарро инкор ва ё бекор намекунанд. Аз ин рӯ, ба ҳадди максимали расонидани фоида бояд дар доираи маҳдуд баррасӣ карда шавад, яъне дар ин маврид мавҷудияти ниҳонии меъёрҳои ғайрипулӣ ва ҳадафҳои рушди дарозмуддати корхона ба назар гирифт шавад. Дар ин шароит муқарароти асосии намояндагони иқтисодшиносони классикӣ бояд ҳамчун шарти ибтидоӣ қабул карда шавад, ҳадафҳои дигар бошад"...бояд ҳамчун омилҳои маҳдудкунандаи ҳадафи асосии корхона - максимизатсияи фоида баррасӣ шаванд, на ҳамчун ангезаҳои мустақили рафтор. Танҳо ба максимумрасонии фоида кам кардани хароҷотро таъмин мекунад. Аз ин рӯ, корхонаҳое, ки ҳадафи максимизатсияи фоидаро аз бозор надоран, номзадҳои эҳтимолии рондашавии аз бозор мебошад. Ба ҳадди ниҳои расонидани фоида мухолифи дохили корхонаҳо ҳамвор мекунад ва ба он имкон медиҳад, ки ба таври муқаррарӣ фаъолият кунад" [10, с.124].

Умуман системахои мавҷудаи назарияҳои корхонаҳоро, ки заминаи консептуалии идоракунии рушди онҳоро муайян менамояд, метавон ба гуруҳҳои зерин ҷудо намуд:

а) назарияи ва ё консепсияи технологии фирма, ки ба парадигамаи классикӣ ва неоклассикӣ асос ёфтааст;

б) назарияи институтсионалии корхона, ки ба институтҳои контракт (шартномавӣ) ва дигар институтҳои ҳамгироии корхона ба муҳити беруна асос ёфтааст;

в) назарияи эволютсионалӣ, ки ба итилооту омӯзиши муҳити номуайянзудтаъғирёбандаи ни беруна ва механизмҳои мутобиқшавӣ ба тағйироти муҳити зист асос мегирад.

Миёни ин гуруҳҳои назарияҳо вобаста ба меъёрҳои зерин фарқ ҳам мекунанд:

- бо коркарду татбиқи муносибатҳои методӣ ва тарзӣ таҳқиқи фаъолияту рафтори корхонаҳо;

- муаян намудани маҷмӯи омилҳое, ки дар системаи иқтисодиёт мавҷудияти корхонаҳои

ҳачму соҳибмулкиашон гуногун, инчунин сатҳи тамаркузи захираҳоро дар иқтисодиёт ва соҳаҳои алохидаи он тавсиф мекунанд;

- вобаста бо меъёрҳое, ки ҳадафу фаъолияти корхонаҳоро арзёбӣ менамояд;
- сифату хусусиятҳои мухталифи шаклҳои ташкилии корхонаҳо;
- аз рӯи меёри муайян кардан ё интихоби намудани хусусиятҳои пешбари рафтор ва механизми фаъолияти корхонаҳо ва ғ.

Баҳсҳо ҳам дар бобати мустақилияти ташкилии корхонана мавҷуд аст ва ин масаълаҳо ҳамчун объекти таҳлили назарияҳои гуногун қарор мегирад ва ба паҳлӯҳои мухталифи ин падида таъкид ҳам шудааст. Дар доираи назарияи иқтисодии классикӣ ва неоклассикӣ корхона ҳамчун натиҷаи пешрафти технологӣ дар низоми иҷтимоиву иқтисодӣ барассӣ мешавад, ки охирин барои муҳайё намудани шароити мусоид барои баланд намудани самаранокии фаъолият ва ҳосилнокии меҳнат нигаронида шудааст. Пайваста бо васеъгардиву афзоиши ҳаҷми бозорҳо фаъолияти корхонаҳо низ васеъ мегардад. Ин васеъгардиву афзоиши ҳаҷми фаъолиятро ҳавасмандиву рафтори корхонаҳои иқтисодиро ҳадафи ба зиёд кардани ҳаҷми фоида мусоидат менамояд. Дар доираи назария ва парадигмаи неоклассикии вазифаи асосии корхона истеҳсоли мол ва хизматрасонӣ буда, ҳамчун сохтори иқтисодие пазируфта мешавад, ки хароҷотро дар истеҳсолоти додашуда вобаста бо хусусиятҳои технологии истеҳсолот оптимизатсия мекунад. Чунон ки А.Смит қайд карда буд вақте, ки хароҷоти минимали воҳиди маҳсулот дар шароити самаранокии минимумии истеҳсолоти ин ё он соҳа таъмин карда мешавад, пас дараҷаи минималии хароҷоти миёнаи дарозмуддат ба даст меояд [11, с.78]. Ҳамин тариқ, вобастагии хароҷотро аз истеҳсолот маҳз сарҳади технологии истеҳсолот дар корхона муайян мекунад. Ин дар доираи фаъолият дар системаи мутақобилаи горизонталӣ ва вертикалӣ зуҳур мегардад. Андозаи алоқаҳои горизонталӣ бо хароҷоти субаддитивӣ ва ё сарфаи мусбати миқёси корхонаҳо муайян карда мешавад. Хароҷоти субаддитивӣ ин хароҷотест, ки ҳангоми истеҳсоли маҳсулот дар ҳудуди як корхона нисбат ба он ки он дар ҳудуди якчанд корхона, камтар аст. Ин изҳоротро метавон бо формулаи зерин ифода кард:

$$\sum TC(Q_i) \succ TC\left(\sum Q_i\right)$$

Дар ин ҷо:

∑TC(Qi) – хароҷоти умумии истеҳсоли маҳсулот дар дохили корхонаҳои (фирмаҳои) алоҳида;

TC(∑Qi) – хароҷоти умумии истеҳсоли ҳамон маҳсулот (молҳо) дар як корхона.

Дар асоси хароҷоти субаддитивӣ метавон андозаи алокаҳои вертикалиро низ муайян намуд. Дар равандҳои технологӣ, яъне дар марҳалаи пай дар пай коркард захираҳо ва табодули онҳо ба маҳсулот корхона кушиш менамояд, ки аз истеҳсолоти худ бештар нафъ ба даст оварад. Ин самара дар он маврид ба амал меояд, ки агар хароҷоти истеҳсоли умумии моли хизматрасонӣ нисбат ба харидани он паст бошад. Дар натиҷаи афзоиши алоқамндии вертикалӣ андозаи вертикалии корхона низ меафзояд.

Ҳамин тариқ дар доираи назарияи иқтисодии неоклассикӣ ҳаҷму андозаи алоқаҳои мутақобилаи горизонталииву вертикалӣ аз рӯи сатҳ ё ҳаҷми хароҷоти субаддитиви муайян карда мешавад. Дар мавриди гузаронидани омӯзишу таҳлили ин таъсири мутақобила намояндагони назарияи неоклассикӣ фақат ба ҳаракати ҷараёни моддию пули тавоҷӯҳ медиҳанд. Аммо, дар раванди таҳқиқ маҷмӯи муносибатҳои коммуникатсионӣ аз доираи мавзӯи таҳлилу арзёбӣ берун мешаванд. Ҳамин тариқ дар системаи идоракунии рушди корхонаҳо ин масаълаҳо дар мади дуввум меафтад, ки самаранокии натиҷаҳои қарорҳои идоракуниро коҳиш медиҳад.

Доираи фарогири алоқаву муносибатҳои коммуникатсионӣ ва муносибатҳои институтсионалӣ дар корхона дар доираи мавзӯи таҳқиқи назария ва ё парадигмаи неоинституционалӣ қарор мегирад. Ақши бунёдии ин назария дар менеҷменти муосир сабаби дар адабиёти иқтисодии ватанӣ нерӯ гирифтани тамоюли афзояндаи тавоҷҷӯҳ ба назарияи институтсионалӣ ва неоинститутсионлӣ ҳам шудааст. Назарияи неоинститутсионлӣ нопурра будани тахминҳои неоклассикиро зери танқид қарор дода ва зарурати ҳатмии ба назар гирифтани

хусусиятҳову омилҳои маҳдудиятиву нокомилии иттилоот, инчунин интизориҳо ва таъсири амалҳову институтҳои коллективиро ба фаъолияти корхона таъкид менамоянд. Ягон шубҳа вуҷуд надорад, ки дар бозори мураккабу номуайяни муосир фарзия ҷиҳати он, ки ҳар як вгенти ва ё субъекти алоҳидаи бозор дар бораи дигар агентҳои бозор итилооти пурра дошта бошад, беасос мебошад. Бинобар он илова кардани фарзия доир бо нопуррагӣ ва ё нокомилии иттилоот тақозои шароити муосир аст. Вобаста ба ин пешгӯиҳо ва таҳияи барномаҳоли стратегӣ бояд на ба ҳолати статикӣ балки ба мувозинати иқтисодии динамикӣ асос ёбанд. Зеро корхонаҳо тамоми субъектҳои иқтисодӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пеш аз ҳама на ба ҳолати ҳозира, балки ба ҳолати ояндаи интизоришаванда баҳо диҳанд. Зеро ҳама гуна фаъолияти иқтисодӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ бо омили интизорӣ алоқаманд аст. Бинобар он дар замони муосир идоракунии стратегии корхонаҳо афзалият пайдо намуда истодааст.

Дар доираи назария ва парадигмаҳои неоинституционалӣ корхона ҳамчун маҷмӯ ва ё системаи муносибатҳои байни кормандон, менеҷерҳо ва соҳибмулкон пазируфта мешавад. Ин гурӯҳи муносибатҳо дар шартномаҳои сифати расмиву ғайирасмидошта инъикос меёбанд. Дар воқеият ҳатто дар сурати ба қолаби муайяни расмӣ шомил нашудни бархе муносибатхои миёни иштирокчиёни системаи муносибатҳо (коргарон, роҳбарон, менеҷерҳо, соҳибмулкон, таъминкунандагони захираҳо, ва истеъмолкунандагони маҳсулот ва ғ.) қоидаҳои муайяни рафтор муқарар ҳам шудаанд. Ин қоидаҳо дар шартномаҳои ғайирасмӣ ва шифоӣ ифода ёфтаанд. Аслан, мушоҳидаҳо тасдиқ менамояд, ки сифату ин қоидаҳо, ки дар тӯли муддати тӯлонӣ ташаккул ёфтаанд, нисбат ба қоидаҳои расмӣ устувортар мебошанд. Имкони вайрон шудани онҳо дар мавриди норозогии ва ё низои иштирокчиён пайдо мешавад. Маъмул аст, ки институтҳо, ки вазифаи муқаррар кардани доира ва ё чаҳорчӯбаҳои муайян ва ташкили ҳамкории кормандонро дар корхона ба иҷро мерасонад, номуайяниро дар фаъолият ва системаи идоракунии корхонаҳо коҳиш медиҳанд. Аз ин лиҳоз маҳз ташаккулу рушди муҳити институтсионалии муассир дар корхона инкишофи корхонаро мусоидат менамояд. Тавре Норт Д. қайд кардаст, "Чорчӯбҳои институтсионалӣ ҳам барои пайдоиши чигунаи ташкилот ва ҳам барои инкишофи он таъсири муассир мерасонад. Аммо дар навбати худ, ташкилот низ ба раванди тағйир додани чаҳорчӯбаҳои институтсионалӣ таъсир мерасонанд» [9, с.94]., ҳамин тавр, Сохтори институтсионалӣ, яъне институтҳову муҳити институтсионалӣ, дараҷаи хавф ва номуайяниро барои ташкили муомилот ва ё трансаксия муайян мекунанд

Агар корхонаро аз нуқтаи назари маҷмӯи муносибатҳои мутақобилае, ки вай анҷом медиҳад, баррасӣ намояем, пас он аз маҷмӯи муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ иборат мебошад. Тамоми корхонаҳо фаъолияти худро дар система ва ё шабакаи шартномавӣ, контрактӣ, ташкил менамоянд. Хароҷот вобаста ба ташкили чунини муносибатҳову алоқаҳоро хароҷоти транзаксионӣ номида мешаванд. Р.Коуз бозорро ҳамчун шабакаи таъсири мутақобилаи беруна ё шартномаҳои беруна ва корхонаро шабакаи ҳамкориҳои дохилӣ ё шартномаҳои дохилӣ барассӣ намудааст [6, с.144]. Дар корхона ва сохтори он, ки бо шартномаҳо муносибатҳои дохилихоҷагӣ ва байнихоҷагӣ муқарар карда шудааст, метавонад як ҷузъи номукаммалии механизми бозор ҷуброн ва як қисми муайяни координацияи заруриро таъмин намояд. Интихоби контрактҳо ва ё шартномаҳои берунӣ ва ё дохилӣ аз сатҳи хароҷоти трансаксионӣ ва назорат вобаста аст. Аз ин рӯ, мутобиқи муқаррароти назарияи неоинституционалӣ корхонаҳо ҳамчун субъекти алоҳида дар миёни ду намуди хароҷот қарор дорад: хароҷоти трансаксионӣ ва хароҷоти назорат. Андозаи ин хароҷотҳо сарҳади поёнӣ ва болоии корхонаҳоро муайян мекунад ва комбинатсияи оптималии онҳо андозаи оптималии фирмаро муқаррар мекунад. Роналд Коуз дар асоси мусаллаҳ шудан бо асбобҳои оптимизатсия ва фарзияҳо дар бораи паст намудани хароҷоти транзаксия, аз чаҳорчӯбаи таҳлили неоклассикӣ берун баромад.

Ҳамин тариқ дар мавриди интихобу такмили миеханизмҳои идоракунии рушди корхонаҳо дар замони муосир, ки суръати зудтаъғирёбанда муҳити беруна ва таъсир назарасси барало мушоҳидда мешвад, такия намудан ба муносибатҳои неоинстититсионалӣ самаранокии равандҳои идоракуниро баланд мебардорад. Зеро:

- муносибати институтсионалӣ ба нақш ва аҳамияти муносибатҳои иҷтимоӣ, фарҳанг ва

ахлоқӣ, ки дар ташаккули манфиати шахсият, мақсад ва усулҳои ташкил ва пешбурди фаъолияти иқтисодӣ таъсир мерасонад, таваҷҷӯҳи ҷиддӣ медиҳад;

- ин назария бар хилофи неоклассикҳо, ки ба фаъолияти «инсони иқтисодӣ» тамаркуз мекунад (чун як мошини ҳисобкунӣ доимии фарқи миёни фоида ва зиён, хизматрасонӣ ва қурбониҳоро ҳисоб мекунад) рафтори иқтисодии субъектро, пеш аз ҳама, натиҷаи қолабҳои устувори фаъолият, расму оинҳо ва одатҳо маънидод мекунад ва ба таҳлили институтҳо ва сохтори институсионалии корхонаҳо сару кор дорад;

- иқтисодиёт системаи кушодро мепазирад, ки дар зери таъсири самараҳои «сабабҳои кумулятивӣ» (омилҳои ба ҳам алоқаманд ва ҳамдигарро тақвияткунанда) доимо инкишоф меёбад.

- ба зарурати таъмини рушди инсон ва сармояи инсони (ҳамчун маҳсули муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангии доимо инкишофёбанда), ки барои ташкили идоракунии фаъолияти эҷодӣ ва инноватсионии инсон, дониш кӯмак мекунад.

АДАБИЁТ

1. Андерсон П. Маркетинг, стратегическое планирование и теория фирмы // Классика маркетинга / Сост. Б.М. Энис, К.Т. Кокс, М.П. Моква. – СПб.: Питер, 2001. – С. 117.
2. Ансофф И. Новая корпоративная стратегия. СПб.: Питер Ком, 1999. С. 75.
3. Друкер П. Задачи менеджмента в XXI веке. М.: Издательский дом «Вильямс», 2003. С. 91
4. Друкер П. Эффективное управление. Экономические задачи и оптимальные решения. М.: ФАИР-
5. Зотов В. В., Пресняков В.Ф. Фирма как экономическое явление и институт общества // Экономика и математические методы. 1995. Т. 31. Вып. 2. С. 38.
6. Коуз Р Природа фирмы: Пер. с англ. - М.: Дело, 2001. - 360 с. [Под ред. О.И. Уильямсона и С.Дж. Уинтера]. - С.144
7. Мильнер Б. Управление знаниями — вызов XXI века // Вопросы экономики. 1999. № 9. С. 117.
8. Мирсаидов А.Б. Назарияи иқтисодии ғайриклассикӣ: баъзе масъалаҳо-Хуҷанд: Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, 2011. - 130 с. С. 34
9. Норт Д. Институциональные изменения: рамки анализа // Вопросы экономики. – 1997. – №3. С.94
10. Розанова Н.А. Эволюция взглядов на природу фирмы в западной экономической науке // Вопросы экономики. – 2002. – №1. – С. 124 – 146.
11. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов: В 2-х томах – М.-Л.: Государственное социально-экономическое издательство, 1935, с. 78
12. Нельсон Р., Уинтер С. Эволюционная теория экономических изменений: Пер. с англ. – М.: Дело, 2002; Эволюционная экономика и «мэйнстрим». – М.: Наука, 2000; Эггертссон Т. Экономическое поведение и институты: Пер. с англ. – М.: Дело, 2001Хэй Д., Моррис Д. Теория организации промышленности: Пер. с англ. – СПб.: Экономическая школа, 1999;
13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с. 78
14. Цит. по: Ансофф И. Новая корпоративная стратегия. СПб.: Питер Ком, 1999. С. 75.
15. Экономика / Под ред.А.Г. Грязновой, И.П. Николаевой, В.М. Кадыкова. – М., 2001. С. 22.

УДК 658.8

Навруз Носирӣ

ТАБДИЛИ РАҚАМИИ МАРКЕТИНГ ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии табдили рақамии маркетинг дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Таҳлили сатҳи камолоти рақамӣ, технологияҳои истифодашаванда ва монеаҳои асосӣ дар роҳи татбиқи технологияҳои рақамӣ гузаронида мешавад. Маҳдудиятҳои ташкилӣ, инфрасохторӣ, таъминот бо кормандон ва институтсионалӣ ошкор карда мешаванд. Самтҳои афзалиятноки рушд, аз ҷумла истифодаи низомҳои CRM, платформаҳои автоматикунонӣ, таҳлили рақамӣ ва шарикӣ бо бахши IT асоснок карда шудаанд.

Калидвожаҳо: маркетинги рақамӣ, соҳаи саноат, табдили рақамӣ, таблиғ ва пешбурди маҳсулот, дастгирии институтсионалӣ, каналҳои рақамӣ, маҳдудиятҳои инфрасохторӣ.

Навруз Носири

ТРАНСФОРМАЦИЯ ЦИФРОВОГО МАРКЕТИНГА НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты цифровой трансформации маркетинга на промышленных предприятиях Республики Таджикистан. Проведен анализ уровня цифровой зрелости, используемых технологий и основных препятствий для внедрения цифровых технологий. Выявлены организационные, инфраструктурные, кадровые и институциональные ограничения. Обоснованы приоритетные направления развития, включая использование CRM-систем, платформ автоматизации, цифровой аналитики и партнерство с IT - сектором.

Ключевые слова: цифровой маркетинг, отрасль промышленности, цифровая трансформация, реклама и продвижение продукции, институциональная поддержка, цифровые каналы, инфраструктурные ограничения.

Navruz Nosiri

TRANSFORMATION OF DIGITAL MARKETING AT INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: PROBLEMS AND PROSPECTS

The article examines the theoretical and practical aspects of digital transformation of marketing at industrial enterprises of the Republic of Tajikistan. The analysis of the level of digital maturity, the technologies used and the main obstacles to the implementation of digital technologies is carried out. Organizational, infrastructural, personnel and institutional limitations are identified. Priority areas of development are substantiated, including the use of CRM systems, automation platforms, digital analytics and partnership with the IT sector.

Keywords: digital marketing, industry, digital transformation, advertising and product promotion, institutional support, digital channels, infrastructural limitations.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ корхонаҳои саноатӣ ба зарурати бозбинии ҳамаҷонибаи равишҳои худ ба фаъолияти маркетингӣ дучор меоянд. Табдили рақамии маркетинг на танҳо ҷорӣ кардани технологияҳои нав, балки тағйироти муназзам дар тарзҳо ва роҳҳои ҳамкорӣ бо муштариён, усулҳои таблиғ ва пешбурди маҳсулот, инчунин механизмҳои қабули қарорҳо дар

асоси маълумот мебошад. Ҷаҳони имрӯз шоҳиди рушди босуръати воситаҳои рақамӣ, аз қабили таҳлили ниҳоӣ, низомҳои идоракунии муносибатҳои муштариён (CRM – Customer relationship management), платформаҳои автоматикунонии маркетинг ва каналҳои фурӯши рақамӣ мебошад, ки ба корхонаҳо барои баланд бардоштани рақобатпазирии худ имкон медиҳад.

Барои соҳаи саноат, ки дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши асосӣ дорад, табдили рақамии маркетинг аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Аммо мушоҳида мешавад, ки дар амал корхонаҳои саноатӣ бо як қатор монеаҳо дар ин самт дучор меоянд, аз қабили: нарасидани мутахассисон, дастрасии маҳдуд ба технологияҳои нав, камолоти рақамии паст ва ҳамгироии сусти маркетинг бо идоракунии стратегӣ. Ин мушкилот мутобиқшавиро ба талаботи нави бозор суст карда, имкониятҳои ворид шудани корхонаҳои саноатиро ба бозорҳои хориҷӣ маҳдуд мекунанд.

Ҳадафи ин мақола таҳлили вазъи муосири маркетинги рақамӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ошкор кардани мушкилоти асосӣ дар татбиқи технологияҳои рақамӣ, инчунин муайян кардани дурнамо ва самтҳои рушди он мебошад. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар ташаккули тавсияҳо барои корхонаҳо ва мақомоти давлатии дастгирии соҳибкорӣ, ки ба суръат бахшидан ба рақамикунонии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ нигаронида шудаанд, ифода меёбад.

Омӯзиши адабиёт нишон медиҳад, ки ҷанбаҳои муайяни маркетинг дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои пажӯҳишгарони ватанӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, Б.Ҳ. Каримов ба масъалаҳои назариявию методологии мафҳуми маркетинг ва пайдоиши он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл намуда [2], аҳамияти таҳқиқоти маркетингиро дар рушди соҳаи сайёҳӣ таъкид мекунад [1; 3]. Ҷ.С. Ниёзов ба маркетинг ҳамчун воситаи устувории тиҷорат дар шароити табдили иқтисодӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда [6], М.Н. Нусратзода иқтидори технологияҳои рақамиро дар рушди маркетинги инноватсионӣ ифшо мекунад [7]. Сарфи назар аз тамаркуз ба соҳаҳои алоҳида, хулосаҳои муалифон оид ба маркетинг ба корхонаҳои саноатӣ низ дахл доранд, зеро онҳо принсипҳои умумии маркетингро инъикос мекунанд.

Маркетинги рақамӣ маҷмуи стратегияҳо, воситаҳо ва технологияҳоест, ки ба истифодаи каналҳои рақамӣ барои бунёд, пешбарӣ ва расонидани арзиши муайян ба истеъмолкунанда асос ёфтааст. Дар тафовут аз маркетинги анъанавӣ, маркетинги рақамӣ ба иртиботи интерактивӣ, фардисозӣ, таҳлили фаврӣ ва ҳамкории ҳамаҷонибаи бисёрканалӣ бо муштариён тамаркуз мекунад. Он чунин унсурҳои асосиро дар бар мегирад: маркетинги муҳтаво, беҳсозии низоми ҷустуҷӯӣ (SEO - Search Engine Optimization), маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ (SMM – Social Media Marketing), тиҷорати электронӣ, ирсолҳои почтаи электронӣ, истифодаи маълумоти калон (Big Data), инчунин платформаҳои автоматикунонидашудаи идоракунии муносибатҳои муштариён – CRM (Customer Relationship Management) ва воситаҳои таҳлили ниҳоӣ.

Табдили рақамии маркетинг на танҳо татбиқи технологияҳои алоҳида, балки тағйир додани тамоми мантиқи фаъолияти маркетингиро ифода мекунад. Ин табдили равандҳо, амсилаҳои тиҷоратӣ ва таҷрибаи муштариён бо истифода аз технологияҳои рақамӣ мебошад. Дар соҳаи саноат чунин табдил на танҳо ба пешбурди маҳсулот, балки ба ҳамкорӣ бо шарикон, беҳсозии занҷираҳои таъминот, ояндабинии талабот ва дастгирии даври зисти маҳсулот низ таъсир мерасонад.

Рақамикунонии маркетинг дар бахши B2B (тиҷорат барои тиҷорат), дар тафовут аз B2C (тиҷорат барои истеъмолкунанда), хусусиятҳои худро дорад. Дар соҳаи саноат амалиёт ва аҳдҳои тиҷоратӣ аксар вақт дарозмуддат, серхарҷ буда, муносибати инфиродӣ бо муштариро талаб мекунанд. Қарорҳо дар асоси таҳлили хусусиятҳои техникии маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ, муҳлати таҳвил ва имконоти мутобиқсозӣ қабул карда мешаванд. Ин афзалияти чунин воситаҳоро ба монанди каталогҳои электронӣ, платформаҳои саноатӣ, порталҳои инфиродии B2B, низомҳои идоракунии муносибатҳо бо муштариён (B2B CRM), инчунин муҳтавои таҳлилии занҷираҳои бунёди арзишро муайян мекунад.

Самти муҳим инчунин истифодаи каналҳои рақамӣ барои нишон додани бартариҳои технологии маҳсулот, аз қабили вебинарҳо, презентатсияҳои виртуалӣ, баррасии видеоии

равандҳои истеҳсолӣ, визуализатсияи 3D-и маҳсулот мебошад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди маркетинги рақамии B2B барои тавсеаи имконияти содиротӣ ва баланд бардоштани шинохти технологии саноати ватанӣ дар бозори байналмилалӣ аҳамияти хоса дорад.

Таҷрибаҳои ҷаҳонӣ афзоиши устувори нақши технологияҳои рақамиро дар маркетинги саноатӣ нишон медиҳанд. Тибқи гузоришҳои ширкатҳои машваратии бузурги ҷаҳонӣ - McKinsey, Deloitte ва PwC, корхонаҳо платформаҳои рақамиро бештар барои таҳлили ояндабинӣ ва автоматикунонии иртибототи муштариён ҳамгиро мекунанд. Аҳамияти зеҳни сунъӣ дар ояндабинии рафтори истеъмолкунандагон, инчунин истифодаи технологияҳои блокчейн дар логистика ва ҳамкорӣ бо паймонкорон меафзояд.

Стратегияҳои омниканал (бисёрканалӣ) васеъ паҳн шудаанд, ки иртибототи офлайн ва онлайнро дар як канали ягонаи муштарӣ муттаҳид мекунанд. Мафҳумҳои дугоникҳои рақамӣ (digital twins)-и маҳсулот ва истеҳсолот пайдо мешаванд, ки на танҳо барои беҳсозии равандҳои истеҳсолӣ имкон медиҳанд, балки инчунин мавқеи маркетингро тавассути визуаликунонӣ ва санҷиши виртуалӣ такмил медиҳанд. Барои мамлакатҳои рӯ ба рушд, аз Ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон табдили рақамии маркетинг як воситаи бартараф кардани монеаҳои инфрасохторӣ ва бозорӣ, васеъ кардани каналҳои воридшавӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ мегардад.

Таҳқиқоти мо нишон дод, ки сатҳи камолоти рақамии маркетинг дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон умуман паст ва пароканда мебошад. Дар аксар мавридҳо рақамикунонӣ бо таҳияи сомонаи интернетии асосӣ, сабти ном дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва истифодаи гоҳ-гоҳ аз паёмрасонҳо (мессенҷерҳо) барои муошират бо муштариён маҳдуд мешавад. Банақшагирии стратегии маъракаҳои маркетингӣ бо истифода аз маълумоти рақамӣ амалан вуҷуд надорад ва равиши ҳамгирошуда ба табдили рақамӣ хеле кам ба назар мерасад. Сабаби ин ҳам дар сатҳи маҳдуди фарҳанги идоракунӣ ва ҳам ҷалби ками хадамоти маркетинги корхонаҳо бар равандҳои қабули қарорҳои стратегӣ мебошад.

Дар асоси мусоҳибаи муалиф бо намояндагони 15 корхонаи саноатӣ (саноати нассоҷӣ, масолеҳи сохтмонӣ, сохтмон, хӯрокворӣ ва металлургия) танҳо 3 корхона изҳор доштанд, ки онҳо шуъбае доранд, ки махсус бо маркетинги рақамӣ сарукор дорад. Боқимондаҳо маркетингро пеш аз ҳама ҳамчун фаъолияти марбут ба фурӯш ва таблиғ, бидуни истифодаи платформаҳои таҳлилии рақамӣ ё низом CRM мебинанд.

Имрӯзҳо каналҳои асосии маркетинги рақамӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

– сомонаҳои интернетии корпоративӣ бо маълумоти асосӣ дар бораи маҳсулот ва тамосҳо;

– паёмрасонҳо (WhatsApp, Telegram) – асосан бо мақсади иртибот бо муштариёни доимӣ;

– шабакаҳои иҷтимоӣ (асосан Facebook ва Instagram) – номунтазам, бидуни стратегияҳои мақсадноки таблиғот истифода мешаванд;

– ирсолҳои почтаи электронӣ – одатан дастӣ ва бидуни ба бахшҳо ҷудо кардани доираи муштариён (истифодабарандагон).

Низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии муносибатҳои муштариён (CRM), хизматрасониҳои таҳлилии ниҳоӣ, таблиғи SEO ва таблиғи пулакии онлайн хеле маҳдуд истифода мешаванд. Аксарияти корхонаҳои ба пурсиш ҷалбшуда технологияҳои рақамиро барои таҳлили талабот, банақшагирии фаъолиятҳои маркетингӣ ё фардӣ кардани пешниҳодҳо истифода намебаранд. Бо вуҷуди ин, таваҷҷуҳ ба омӯзиш дар соҳаи маркетинги интернет, бахусус дар байни мутахассисони ҷавон меафзояд.

Дар асоси мусоҳибаҳои муаллиф бо коршиносон – намояндагони роҳбарият ва мутахассисони корхонаҳои саноатӣ ва таҳлили ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, якчанд маҳдудиятҳои устувореро, ки ба табдили рақамии маркетинг халал мерасонанд, ҷудо кардан кардан мумкин аст, аз қабили:

– норасоии кормандон (нарасидани мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаи маркетинги рақамӣ, сатҳи пасти саводнокии рақамӣ дар байни кормандони роҳбарикунанда);

– маҳдудиятҳои молиявӣ (набудани маблағгузории мақсаднок барои рақамикунонии равандҳои маркетинг, махсусан дар корхонаҳои хурд ва миёна);

– мушкилоти инфрасохтор: дастрасии ноустувор ба Интернет дар аксари минтақаҳо, сифати пасти хизматрасониҳои рақамӣ ва хадамоти IT (технологияҳои иттилоотӣ);

– монеаҳои фарҳангӣ: дарки сусти маркетинг ҳамчун вазифаи стратегии корхона;

– набудани пойгоҳи меъёрию методологӣ: таҳияи сусти стандартҳои давлатӣ ё тавсияҳо оид ба маркетинги рақамӣ дар соҳаи саноат.

Омили иловагӣ – дастрасии маҳдуд ба платформаҳо ва воситаҳои таҳлилии хориҷӣ мебошад, ки иқтидори байналмилалӣ гардонидани саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро тавассути каналҳои рақамӣ коҳиш медиҳад.

Раванди табдили рақамии маркетинг дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор монеаҳо дучор мешавад, ки ҳам хосияти дохилӣ (ташкилӣ) ва ҳам хосияти берунӣ (инфрасохторӣ ва институтсионалӣ) доранд. Бартараф кардани онҳо равиши муназзам, ҳамгироии кӯшишҳои давлат, бахши соҳибкорӣ ва низоми таҳсилотро тақозо мекунад.

Аксари корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун анъана амсилаи иерархии идоракуниро истифода мебаранд, ки дар он маркетинг вазифаи стратегӣ ҳисобида намешавад. Қарорҳои рақамӣ ба таври тасодуфӣ, аксар вақт ҳамчун ташаббусҳои ҷудогона бидуни банақшагирии дарозмуддат ё пайвастшавӣ ба стратегияи корпоративӣ амалӣ карда мешаванд. Қоидаҳо ва расмиёти дохилӣ барои дастгирии рақамии муносибатҳои муштариён ва фурӯш вуҷуд надоранд.

Маҳдудиятҳои инфрасохторӣ дастрасии нобаробар ба интернети баландсуръатро дар бар мегиранд, махсусан дар минтақаҳои дурдасти саноатӣ. Омили дигари муҳим ин ҳамгироии сусти корхонаҳо бо экосистемаҳои рақамӣ мебошад, масалан, платформаҳои соҳавии маркетинг, хадамоти логистикии IT ва каталогҳои муштараки онлайнии маҳсулот вуҷуд надоранд.

Табдили рақамӣ бидуни сармояи инсонӣ ғайриимкон аст. Дар соҳаи саноати миллӣ нарасидани мутахассисон оид ба маркетинги рақамӣ, таҳлили маълумот ва идоракунии платформаи рақамӣ баръало мушоҳида мешавад. Дар бисёр корхонаҳо фаъолияти маркетингӣ аз ҷониби кормандон бидуни омӯзиши махсус амалӣ карда мешавад, ки ин ҳатто ҳангоми мавҷудияти технологияҳои появӣ самаранокиро коҳиш медиҳад.

Илова бар ин, дар байни кормандони роҳбарикунанда сатҳи пасти саводнокии рақамӣ мушоҳида мешавад, ки боиси нодида гирифтани нақши технологияҳои рақамӣ мегардад. Мушкилот азбоиси робитаи сусти корхонаҳои саноатӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ боз ҳам шадидтар мешаванд: барномаҳои амалкунандаи омодасозии мутахассисони соҳаи маркетинг хеле кам ба хусусиятҳои рақамии B2B ва муҳити саноатӣ нигаронида шудаанд.

Яке аз монеаҳои асосӣ маҳдуд будани захираҳои молиявӣ мебошад. Корхонаҳои хурд ва миёна, ки асоси саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, имкони татбиқи низомҳои CRM, автоматикунонии равандҳо ва омӯзиши кормандонро надоранд. Дар аксари мавридҳо, сармоягузориҳо ба ниёзҳои истеҳсолӣ равона карда мешаванд ва маркетинг ҳамчун вазифаи дуюмдараҷа қабул карда мешавад.

Дастгирии институтсионалӣ барои рақамикунонии маркетинг дар сатҳи соҳа ба таври мунтазам ба роҳ монда намешавад. Барномаҳои мақсадноки давлатӣ, субсидияҳо ва грантҳо барои ҳавасмандгардонии корхонаҳо ба табдили рақамӣ вуҷуд надоранд. Ҳамчунин ҳуҷҷатҳои меъёрию методии ба вазифаҳои маркетинги рақамӣ дар саноат мутобиқбуда таҳия карда нашуданд.

Ҳамин тариқ, табдили рақамии маркетинг дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби маҳдуд будани захираҳо, сатҳи пасти камолоти рақамӣ ва дастгирии сусти институтсионалӣ ба монеаҳои васеъ дучор меояд. Барои вокуниши муассир ба ин мушкилот равиши муназзам лозим аст, ки гурӯҳбандии монеаҳо ва таҳияи механизмҳои мувофиқи бартараф кардани онҳоро дар бар мегирад.

Дар ҷадвали 1 таҳлили муқоисавии монеаҳои мавҷуда, оқибатҳо ва роҳҳои ҳалли имконпазири онҳо оварда шудааст.

Ҷадвали 1. – Монеаҳои асосии табдили рақамии маркетинг дар саноат ва роҳҳои рафъи онҳо

Гурӯҳи монеаҳо	Зуҳуроти мушаххас	Оқибатҳо барои маркетинг	Роҳҳои бартараф кардан
Ташкилӣ	– набудани стратегияи рақамӣ – маркетинг ба низоми идоракунии корхона дохил карда нашудааст	– ҳамоҳанг набудани амалҳо – набудани афзалиятҳои рақамӣ	– ҷорӣ намудани маркетинги стратегӣ – омӯзиши роҳбарият оид ба равишҳои рақамӣ
Инфрасохторӣ	– дастрасии маҳдуд ба интернет – набудани платформаҳои соҳавии рақамӣ	– истифодаи маҳдуди каналҳои онлайнӣ – паст будани самаранокии иртибот	– сармоягузорӣ ба инфрасохтори IT – таҳияи платформаҳои соҳавии маркетингӣ
Таъминот бо кормандон	– норасоии мутахассисон – сатҳи пасти саводнокии арқамӣ	– хатоҳо дар таҳлил ва ҳадафгирӣ – натиҷанокии пасти маъракаҳои маркетингӣ	– рушди таҳсилоти касбӣ – шарикӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва ширкатҳои IT
Молиявӣ	– набудани буҷетҳо барои маркетинг – арзиши баланди технологияҳои рақамӣ (нармафзор)	– маҳдудият дар истифодаи палатформа ва хизматрасониҳои муосир	– истифодаи маблағгузории хурд барои рақамикунонӣ – андозбандии имтиёзноки сармоягузориҳо ба IT
Институтсионалӣ	– набудани барномаҳои дастгирӣ – норасоии санадҳои меъёрӣ	– набудани ангеза барои рақамикунонӣ – дастрасии маҳдуд ба дастгирии давлатӣ	– таҳияи барномаҳои давлатӣ – таҳияи стандартҳои маркетинги рақамӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Таҳлили васеи ҷадвал нишон медиҳад, ки табдили рақамии маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ бидуни нақши фаъоли давлат, ҳамоҳангсозии кӯшишҳои бахши соҳибкорӣ ва низоми таҳсилоти олӣ, инчунин рушди инфрасохтори саноатӣ ғайриимкон аст. Бояд таъкид кард, ки бисёре аз монеаҳои мазкур бо ҳамдигар вобастаанд ва тадбирҳои ҳамоҳангкардашудаи таъсиррасонио талаб мекунанд, аз ҷумла: навсозии низоми таъминот бо кормандон бояд бо дастгирии институтсионалӣ ва тағйироти ташкилӣ – бо ташаккули тафаккури стратегӣ дар идоракунӣ якҷоя карда шаванд.

Роҳҳои рафъи монеаҳои дар ҷадвал пешниҳодшуда бояд дар доираи барномаҳои давлатии рақамикунонӣ, ташаббусҳои таҳсилотӣ ва таъсиси платформаҳои миллии дастгирии маркетинги саноатӣ муфассал баррасӣ карда шаванд. Татбиқи самараноки технологияҳои рақамӣ на танҳо афзоиши камолоти рақамии корхонаҳоро таъмин мекунад, балки рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ низ афзоиш медиҳад.

Тезонидани табдили рақамии маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ на танҳо бартараф кардани монеаҳои мавҷуда, балки ташаккули ҳадафмандонаи шароит барои татбиқи технологияҳои пешрафтаи рақамиро тақозо мекунад. Самтҳои ояндадори рушди рақамикунонӣ ҳам ба таҷдиди технологӣ ва ҳам ба механизмҳои дастгирии институтсионалӣ ва шабакавӣ алоқаманданд, ки устуворӣ ва миқёспазирии ташаббусҳои рақамиро таъмин мекунанд.

Дар байни технологияҳои ояндадори рақамӣ барои маркетинги саноатӣ самтҳои зеринро метавон қайд кард:

– низомҳои CRM ва платформаҳои идоракунии таҷрибаи муштариён (Customer Experience Management, CEM), ки баҳисобгирии мутамаркази ҳамкорӣ бо муштариён, фардикунонии пешниҳодҳо ва баланд бардоштани садоқати муштариёнро таъмин мекунанд;

– воситаҳои таҳлили рақамӣ (Google Analytics, Yandex Metrica, Power BI ва ғ.), ки барои таҳлили рафтори муштариён, пайгирии самаранокии маъракаҳои маркетингӣ ва қабули қарорҳои асоснок имкон медиҳанд;

– платформаҳои автоматикунонии маркетинг (масалан, Bitrix24, HubSpot) – барои беҳсозии равандҳои меҳнатталаб, автоматикунонии ирсолот, ба бахшҳо ҷудо кардани доираи муштариёни ҳадафнок ва идоракунии хати фурӯш мадад мерасонанд;

– технологияҳои визуаликунонӣ ва муаррифии рақамӣ (аз ҷумла, амсилаҳои 3D-и маҳсулот) – махсусан барои корхонаҳои сохтмонӣ ва мебелсозӣ, ки маҳсулоташон диданро талаб мекунанд, муҳим аст;

– замимаҳои мобилӣ ва платформаҳои B2B, ки ҳамчун воситаи муассир барои ҳамкорӣ бо муштариёни доимии корпоративӣ, шарикон ва дистрибюторҳо хизмат мекунанд.

Татбиқи ин технологияҳо бояд марҳила ба марҳила бо назардошти миқёси корхона ва хусусиятҳои соҳа, дар якҷоягӣ бо омӯзиши кормандон ва ҳамгироӣ ба равандҳои тиҷоратӣ амалӣ карда шавад. Ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ онҳо «як қатор бартариҳоро таъмин мекунанд, аз қабили зиёд кардани чандирии истеҳсолот аз ҳисоби тағйири фаъоли хусусиятҳои раванди истеҳсолот ва таъмини ҳамгироии иттилоотии марҳилаҳои даври зисти маҳсулоти истеҳсолшаванда» [4, с. 22].

Барои таъмини рушди устувори маркетинги рақамӣ дар саноат сиёсати фаъоли давлатӣ барои ҳавасмандгардонии рақамӣ зарур аст. Тадбирҳои афзалиятнок иборатанд аз:

– ташкили барномаҳои миллии дастгирии рақамикунонии маркетинг дар соҳаи саноат, аз ҷумла субсидияҳо барои хариди нармафзор ва гузаронидани аудити камолоти рақамии корхонаҳо;

– ташаккул додани имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ барои корхонаҳое, ки технологияҳои рақамиро дар маркетинг татбиқ мекунанд, аз ҷумла имтиёзҳои истеҳлок барои таҷҳизоти IT;

– дастгирии грантӣ барои лоиҳаҳои озмоишии маркетинги рақамӣ, ки дар ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо ва ширкатҳои IT амалӣ мешаванд;

– таъсиси платформаи ягонаи рақамӣ барои маркетинги саноатӣ дар мамлакат, ки дорои каталогҳои онлайнии маҳсулот, биржаҳои таҳвил, воситаҳои пешбурд ва содирот мебошад.

Нақши давлат на танҳо дар кӯмаки молиявӣ, балки дар таҳияи тавсияҳои методӣ, стандартикунонии равандҳои рақамӣ ва тарғиби фарҳанги маркетинги инноватсионӣ дар байни корхонаҳои саноатӣ низ ифода меёбад.

Рушди маркетинги рақамӣ бидуни бунёди экосистемаи ҳамкорӣ байни корхонаҳои саноатӣ, ширкатҳои IT ва муассисаҳои таҳсилотӣ ғайриимкон аст. Дар шароити рақамӣ корхонаҳо «бояд бо шумораи зиёди шарикон тавассути қарорҳои инноватсионии технологӣ, замимаҳо ва барномаҳои гуногун ҳамкорӣ кунанд ва платформаҳои рақамӣ ба меҳвари ташаккули экосистемаҳои рақамӣ табдил меёбанд» [5, с. 164].

Дар ин замина инҳо нақши асосиро мебозанд:

– кластерҳои саноатӣ, ки корхонаҳоро аз рӯи соҳа ва минтақа муттаҳид мекунанд. Онҳо мубодилаи таҷриба, таблиғ ва пешбурди дастаҷамъонаи маҳсулот, таҳияи муштараки технологияҳои IT-ро таъмин мекунанд;

– акселераторҳо ва инкубаторҳо, ки ба рақамикунонии саноат махсусгардонида шудаанд. Дар доираи онҳо, корхонаҳо метавонанд технологияҳои маркетингиро озмоиш кунанд, барои роҳандозӣ анмудани стартапҳо машварат ва дастгирӣ гиранд;

– консорсиумҳои таҳсилотӣ ва инноватсионӣ, аз ҷумла донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳо ва корхонаҳое, ки қодиранд омодасозии мутахассисонро дар соҳаи маркетинги рақамӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ амалӣ созанд;

– шарикӣ бо бахши хусусии IT, ки ба татбиқи технологияҳои тайёри рақамӣ, инчунин таҳияи платформаҳои таҳсилотии корпоративӣ ва аутсорсинги маркетингии берунӣ нигаронида шудааст.

Бунёди чунин шаклҳои ҳамкорӣ хароҷоти татбиқи воситаҳои рақамиро хеле кам карда, мутобиқшавии корхонаҳоро ба шароити нави рақобати рақамӣ метезонад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки табдили рақамии маркетинг дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи аввали рушд қарор дошта, бо сатҳи пасти камолоти рақамӣ, истифодаи сусти воситаҳои таҳлилӣ ва автоматикунонидашуда, инчунин равиши парокандаи ҳамгироии технологияҳои рақамӣ ба амалияи идоракунӣ тавсиф мешавад.

Мушкилоти асосии муайяншуда инҳо мебошанд:

– монеаҳои ташкилӣ, ки бо набудани тафаккури стратегии маркетинг алоқаманданд;

– маҳдуд будани инфрасохтори IT ва рушди сусти каналҳои рақамӣ;

– нарасидани кормандони соҳибихтисос ва саводнокии нокифояи рақамӣ;

– дастрасии ками захираҳои молиявӣ барои навсозӣ;

– набудани механизмҳои самараноки дастгирии давлатӣ ва пойгоҳи меъёрӣ.

Ҳамзамон, таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва тамоюлҳои муосир барои муайян кардани якчанд самтҳои ояндадор, ки рушди маркетинги рақамиро дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин карда метавонанд, имкон медиҳад, аз қабили:ҷорӣ намудани CRM, автоматикунонии иртибот, рушди платформаҳои B2B, истифодаи технологияҳои визуалӣ, инчунин густариши ҳамкориҳо бо ширкатҳои IT ва муассисаҳои таҳсилотӣ.

Табдили рақамии маркетинг дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои ҳамоҳангшударо дар ҳама сатҳҳо – аз корхонаҳои алоҳида то ниҳодҳои давлатӣ тақозо мекунад. Ташаккули муҳити устувори маркетинги рақамӣ на танҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии соҳаи саноат, балки ба ҳамгироии он ба занҷираҳои ҷаҳонии бунёди арзиш мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Каримов, Б.Х. Маркетинговые исследования в туристической отрасли Республики Таджикистан / Б.Х. Каримов // Время науки: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей IV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и Просвещение». – 2024. – 336 с. - С. 95-99

2. Каримов, Б.Х. Основы возникновения понятия маркетинга и его развитие в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, А. Давлаталии // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 4. – С. 78-87

3. Каримов, Б.Ҳ., Курбанова, С.М. Рушди таҳқиқоти маркетингӣ дар соҳаи сайёҳӣ / Б.Ҳ. Каримов, С.М. Курбанова // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - № 4/2 (70). – С. 119-128

4. Косарева, И.Н., Самарина, В.П. Особенности управления предприятием в условиях цифровизации / И.Н. Косарева, В.П. Самарина // Вестник евразийской науки. – 2019. – Т. 11. – № 3. – С. 20-28

5. Кравченко, Л.А., Троян, И.А. Развитие бизнеса в цифровой экосистеме: возможности, риски и управление / Л.А. Кравченко, И.А. Троян // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. – 2023. – № 1(62). – С. 161-171

6. Ниёзов, Ҷ.С. Усулҳои маркетингии таъминоти устувории фаъолияти молиявии корхонаҳои соҳаи хизмат / Ҷ.С. Ниёзов, А.А. Алиев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2023. –№ 3(272). – С. 59-65

7. Нусратзода, М.Н. Технологияи иттилоотӣ ва нақши он дар рушди маркетинги инноватсионӣ / М.Н. Нусратзода, С.З. Нуридинов, Н.Н. Умарзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – С. 1(45). – С. 268-277

УДК 657.629.1+ 65.01

Неъмонов Ҷ.М., Мирзоалиев А.А.

ФАЛСАФАИ АУДИТ ВА МОҲИЯТИ ОН

Дар мақола ҷанбаҳои фалсафии аудит ва моҳияти он ҳамчун муносибатҳои иҷтимоӣ, ки зиддияти диалектикӣ дорад, баррасӣ шудааст. Принсипхо ва постулатхои асосии аудит муайян карда шудаанд. Хусусан дар мавриди ба рушди аудит таъсир расонидани қонунҳои диалектикӣ, тобеъияти ин раванд ба қонуниятҳо баррасӣ гардидаанд. Баҳои озод нисбати даврaҳои таърихии аудит аз нуқтаи назари қонунҳои илми мантиқ ва фалсафа дода шуда, зарурияти аудит дар ҳалли мушкилот оид ба ташаккули эътимод дар ҷомеа исбот карда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: аудит, фаъолияти аудиторӣ, скептисизми касбӣ, қонуни инкори инкор, қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо, қонуни гузариши миқдорӣ ба сифат, тафаккури касбӣ.

Неъмонов Дж.М., Мирзоалиев А.А.

ФИЛОСОФИЯ АУДИТА И ЕЕ СУТЬ

В статье рассматриваются философские аспекты аудита и его сущность как социального отношения, имеющего диалектическое противоречие. Определены основные принципы и постулаты аудита. В частности, рассмотрено влияние диалектических законов на развитие аудита и подчинение этого процесса закономерностям. Дана независимая оценка исторических периодов аудита с точки зрения законов логической науки и философии, а также доказана необходимость аудита в решении проблем, связанных с укреплением доверия в обществе.

Ключевые слова: аудит, аудиторская деятельность, профессиональный скептицизм, закон отрицания отрицания, закон единства и борьбы противоположностей, закон перехода количества в качество, профессиональное суждение.

Nemonov J.M., Mirzoaliev A.A.

PHILOSOPHY OF AUDIT AND ITS ESSENCE

The article examines the philosophical aspects of audit and its essence as a social relationship with a dialectical contradiction. The main principles and postulates of audit are defined. In particular, the influence of dialectical laws on the development of audit and the subordination of this process to laws is considered. An independent assessment of historical periods of audit from the point of view of the laws of logical science and philosophy is given, and the need for audit in solving problems related to strengthening trust in society is proven.

Keywords: audit, auditing activity, professional skepticism, law of negation of negation, law of unity and struggle of opposites, law of transition of quantity into quality, professional judgment.

Муқаддима. Дар адабиёти илмӣ ҷанбаҳои фалсафӣ ва қонуниятҳои аудитро асосан олимони хориҷӣ дар сатҳи мантиқи расмӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Дар байни ин гуна олимон Шараф Х.А., Робертсон Ҷ. ва дигаронро қайд кардан лозим аст. Асарҳои онхо диққатро ба мавҷуд будани зиддиятҳо ва низоъҳо дар соҳаи аудит ҷалб мекунанд.

Бо назардошти воқеиятҳои имрӯза, омӯзиши аудит танҳо аз нуқтаи назари мантиқи расмӣ бидуни равшан кардани хосиятҳои гуногун ва мухолифи он кифоя нест. Аудитро ҳамчун муносибатҳои мураккаби иҷтимоӣ, ки қонунхои фалсафа ва категорияҳои диалектика ба роҳбарӣ гирифтаанд, шуморидан зарур аст.

Дар натиҷаи ин муносибати методологӣ мумкин аст, ки моҳияти фаъолияти аудиторӣ ва аудит ҳамчун зиддияти иҷтимоӣ муайян карда шавад. Бо таҳлили ин зиддият қонунҳо ва постулатҳои аудит роҳнамо мегарданд. Ҳамин тариқ, пайдо кардани имкониятҳо ва роҳҳои беҳтар намудани фаъолияти аудиторӣ дар Тоҷикистон ҳадаф ва вазифаҳои асосии таҳқиқотанд.

Усулҳои таҳқиқот. Дар таҳқиқот аз таҳлили формалологӣ, қонунҳо ва категорияҳои мантиқи диалектикӣ истифода шудааст. Омӯзиши мунтазам ва ҷамъбасти таҳқиқоти муаллифони ватанӣ ва хориҷӣ, пойгоҳи интернетӣ гузаронида шуданд.

Таҳлили таҳқиқот ва нашрияҳо дар ин мавзӯъ. Масъалаҳои фалсафии аудит то ҳол аз ҷониби олимони ватанӣ таваҷҷуҳи зарурӣ нагирифтаанд. Олимони хоричии дар боло номбаршуда ба ин масъала асархои дахлдор бахшидаанд. Асарҳои олимони ватанӣ Низомов С.Ф., Шобеков М., Содиқов С.И., Бадалов Х.Ҳ., Раҳимов Ғ.М. ва гайра асосан ба таҳлили таҷрибаи хориҷӣ ва дар амалияи ватанӣ ҷорӣ намудани он нигаронида шудаанд. Камбудии асарҳои фундаменталии илмӣ оид ба асосҳои консептуалиии фаъолияти аудиторӣ ва аудит ба назар мерасанд.

Камбудиҳои зикршуда ба амалия таъсири манфи мерасонанд. Дар соҳаи аудити ватанӣ мунтазам мушкилотҳои гуногун ба миён меоянд. Барои дуруст ҳалли онҳо қонунҳои асосии аудитро дар сатҳи муосир донистан лозим аст.

Натиҷаҳои таҳқиқот. Вазифаи муҳими имрӯз барои кишвари мо ин рушди иқтисодиёт, ки зарурати ислоҳоти институтҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин ҳамоҳангсозии қонунгузории дохилиро бо қонунгузории ҷаҳонӣ дар назар дорад, мебошад. Бе ба назар гирифтани вазъияти реалии кор дар мамлакати мо аз таҷрибаи хориҷӣ фақат нусхабардорӣ кардани ин гуна тадбирҳоро бомуваффақият ба амал баровардан мумкин нест. Барои аниқ кардани тамоюл ва қонуниятхои тараққиёти ҷамъият таҳқиқи фундаменталии илмӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои алоҳидаи ҳаёт зарур аст [1, 2, 3].

Гуфтаҳои боло ба аудит ҳамчун қисми таркибии назорати молиявӣ дар мамлакати мо комилан дахл доранд. Қадамҳои аввалин дар татбиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (СБА) ба таври боварибахш аз мавҷудияти фарқиятҳои назаррас дар таҳия ва баррасии ҳисоботи молиявӣ, мавҷудияти талаботи гуногуни истифодабарандагон нисбати ҳисоботи молиявӣ, набудани назорати пурраи ҷамъиятии фаъолияти аудиторӣ ва мушкилоти дигар шаҳодат медиҳанд. Кӯшишҳои доимӣ барои ворид намудани тағйироти комилан мухолиф ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» чӣ арзиш доранд? Кӯшиши тобеияти аудит ба мақомоти давлатӣ ва бо ин маҳдуд кардани мустақилияти он ва фароҳам овардани шароит барои коррупсия [5; 8; 14; 15; 18] ба назар мерасад.

Сифати кори бисьёр ширкатҳои аудиторӣ бинобар як қатор вазъиятҳо ҳанӯз ҳам хеле паст аст. Дар сурати набудани даромади мувофиқ, ширкатҳои аудиторӣ наметавонанд хароҷоти иловагиро барои ташкили низоми назорати дохилӣ маблағгузорӣ кунанд. Дар навбати худ, мизоҷони аудит кӯшиш мекунанд, ки бо аудиторҳои инфиродӣ - субъектҳои тиҷоратӣ ё бо ширкатҳои хурд ё оддӣ шартнома банданд. Дар натиҷа, бе ягон санҷиш ба даст овардани хулосаи аудиторӣ ба вуҷуд меояд.

Ин ҳолати рушди аудит дар Тоҷикистон таҳлили ҳамаҷонибаро аз нуқтаи назари асосҳои консептуалии фаъолияти аудиторӣ талаб мекунад. Махсусан, фалсафаи аудит ва моҳияти онро аз нуқтаи назари қонунхои асосии диалектикӣ равшан кардан зарур аст.

Имрӯз камбудии чунин як доираи таҳқиқоти илмӣ ошкоро мушоҳида мешавад. Ҳангоми инъикоси асосҳои консептуалии аудит олимони ватанӣ, чун қоида, танҳо бо истинод ба асарҳои муаллифони хориҷӣ маҳдуд мешаванд. Натиҷаи ҳамин аст, ки омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ то ҳол як расмиятчигӣ гардидааст. Истифодаи он дар соҳаи амалӣ асосан ба мутобиқшавии ибтидоӣ барои ҳалли манфиатҳои шахсии гурӯҳи муайяни одамон нигаронида шудааст.

Аз маъхазҳои мавҷуда маълум аст, ки масъалаҳои фалсафаи аудит ва асосҳои консептуалии онро як вақтҳо олимони хориҷӣ Шараф Х.А., Робертсон Ҷ.К., Аренс А., Адамс В., Лоббекс Ҷ. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Корҳои онҳо постулатҳои дахлдори

аудитро таҳия мекунанд, ки мавҷудияти зиддиятҳо ва ихтилофҳоро дар фаъолияти аудиторӣ эътироф мекунанд. Аммо тахлили бунёдии фалсафаи аудит ва моҳияти он аз нуқтаи назари қонунҳои диалектика гузаронида нашудааст [1, 3; 4; 5; 6].

Тавре воқеияти имрӯза нишон медиҳад, аудитро дар як ҷиҳат бе аниқ накардани хосиятҳои гуногун ва зиддиятноки он, ки танҳо дар асоси мантиқи расмӣ дар асоси қонуниятҳои шахсият, зиддиятнокӣ ва дигар қонунҳо роҳнамоӣ карда, дар як ҷиҳат таҳқиқ кардан кифоя нест. Зарур аст, ки аудитро аз ҷиҳати гуногун, ҳамчун ҳодисаи мураккаби иҷтимоӣ, аз ҷиҳати мантиқи диалектикӣ, ки ба қонуни ягонагию муборизаи зиддиятҳо ва дигар қонуну категорияҳои фалсафа асос ёфтааст, баррасӣ кард.

Аз ин рӯ, ба чунин қонунҳои диалектика, монанди қонуни ягонагӣ ва муборизаи зиддиятҳо, қонуни ба хамдигар гузаштани тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ, қонуни инкор диққат додан зиёдатист. Маҳз қонунҳо ва мутобиқан категорияҳои фалсафа роҳро ба шинохти принсипҳои умумии ҳастии ҳастӣ ва шуур, аз ҷумла асосҳои консептуалии чунин падидаи иҷтимоӣ, монанди аудит [11;15] мекушоянд.

Қонуни ягонагӣ ва муборизаи зиддиятҳо манбаи дохилии ҳаракат ва инкишофи табиат, ҷамъият ва шуурро тавсиф мекунад. Мувофиқи ин қонун сабаби асосии ҳар як ҳаракат ва тараққиёт зиддиятҳои дохилии ба ҳамаи предмету ҳодисаҳои воқеияти объективӣ хос мебошад. Таъсири мутақобилаи ҷудонашаванда ва доимии зиддиятҳо боиси ба ҳамдигар гузаштани як тарафи зиддият ба тарафи дигар ва ба ин васила муборизаи доимии байни онҳо ва ташаккули ягонагии нисбӣ мегардад.

Ягонагӣ як тасодуфи муайяни зиддиятҳо мебошад, ки аз сабаби он, ки онҳо ҳамдигарро тавлид мекунанд ва бидуни ҳамдигар вуҷуд надоранд. Дар навбати худ муборизаи зиддиятҳо аз он сабаб характери мутлақ дорад, ки зиддиятҳо ҳамдигарро истисно мекунанд ва таъсири доимии онхо боиси задухӯрдҳои байни худ дар намуди шаклҳои гуногуни муборизаи ҳамдигар мегардад. Дар ниҳояти кор, муборизаи зиддиятҳо боиси ҳал шудани зиддиятҳо ва гузаштани онҳо ба зиддияти сифатан нав мегардад ва ҳамин тариқ боиси инкишофи предмету ҳодисаҳо бо тағйироти мусбат ё манфӣ мегардад.

Файласуфи Юнони кадим Гераклит диққатро ба он ҷалб карда буд, ки ҳама чиз аз зиддият иборат буда, моҳияти ҳар як чиз ё ҷараёнро муайян мекунад. Дар натиҷаи таъсири мутақобилаи зиддиятҳо ҳолати шиддатнокӣ ба вуҷуд меояд ва мувофиқати муайяни ашё дар шакли ягонагии олӣ ташаккул меёбад. Дар баробари ин муборизаи зиддиятҳо, ба ақидаи Гераклит, адолати ҳақиқӣ ва шарти мавҷудияти кайҳон аст.

Агар қонуни ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо манбаъи дохилии раванди тараққиётро тавсиф кунад, пас қонуни ба ҳамдигар гузаштани тағйироти миқдорӣ ба тағйироти сифатӣ худи механизми ҳаракат ва инкишофро нишон медиҳад. Аз ҷумла, дар он ба саволе ҷавоб дода мешавад: тағйирёбии чиз ё ҳодиса чӣ тавр оғоз меёбад ва ҳангоми аз кӯхна ба нав гузаштан он чӣ гуна шаклҳоро мегирад? Дар ҷихати қонуни мазкур категорияи «сифат» ҳамчун маҷмӯи хосиятҳои ашё ё ҳодисае баррасӣ мешавад, ки устувории нисбии онҳо ва фарқи онҳоро аз дигар ашё ё ҳодисаҳо муайян намуда, дар навбати худ боварии дахлдори ашё ё ҳодисаро ташкил медиҳанд.

Байни яқин будани бевоситаи сифати ашё ё ходисаро, ки дар сатҳи эмпирикӣ тавассути узвҳои ҳиссиёт дарк карда мешавад ва сифатро дар шакли хосиятҳои муҳим, ки бавосита тавассути шинохту ҷамъбасти назариявӣ муайян мекунанд, фарқ кардан лозим аст. Чун қоида, чунин умумӣсозии назариявӣ тавассути абстраксия сурат мегирад.

Дар навбати худ категорияи «миқдор» параметрхои муайяни ашё ё ҳодисаро дар шакли андоза, ҳаҷм, суръати ҳаракат, шиддати инкишоф ва давомнокии мавҷудият инъикос мекунад. Гегел пешниҳод кард, ки миқдорро ҳамчун як итминони дуршуда дида бароем, ки он ҳамчун инкори сифат амал карда, дар натиҷаи таъсири мутақобила бо он мухолифати диалектикиро ташкил медиҳад. «Эътимоди барҳамхӯрда» маънои ҳифз, нигоҳдорӣ ва қатъи ашё ё падидаро дорад.

То замони муайян тағйир ёфтани миқдор ва таъсири он ба сифати предмет ё ҳодиса онҳоро танҳо мегузорад, зеро ченак тағйир намеёбад. Махз бо ёрии категорияи «ченак» чунин ягонагии миқдор ва сифат муайян карда мешавад, ки дар натичаи он предмет ё ҳодиса ба худ баробар мешавад. Ба дараҷае, ки «айёнӣ аз байн меравад» миқдор ва сифат мустақилияти худро гум карда, ҳамчун тарафҳои ба ҳам зид ба назар мерасанд, ки ягонагии диалектикии боварии миқдорӣ-сифатиро ташкил медиҳанд. Дар натиҷа итминони муайяни сифатии предмет ё падида ҳамеша танҳо ба итминони зарурӣ мувофиқат мекунад, ки ҳатман дар ягонагӣ ва таъсири мутақобила вуҷуд дорад. Миқдор метавонад дар ҳаҷми муайян бидуни тағйир додани сифати ашё ё падида тағйир ёбад. Андоза маҳдудияти мушаххаси мавҷудияти ашё ё падида бо сифати мувофиқи он мебошад. Ҳангоми аз доираи он берун рафтан дар предмет ё ҳодиса тағйироти сифатӣ ба амал омада, онро ба ченаки нави таносуби миқдор ва сифат, яъне ба предмет ё ҳодисаи дигар табдил медиҳад.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки дар воқеияти объективӣ ба ҳамдигар гузаштани миқдор ба сифат ва баръакс ба амал меояд. Дар хусуси тағйироти миқдорӣ бошад, онҳо на ҳамеша якхела ва устуворанд. Тағйироти миқдорӣ метавонад дар натиҷаи ҷамъшавии тадриҷан ба амал ояд, ногаҳон боиси пайдоиши сифати нав гардад ё боиси ба миқдори нав гузаштани сифат гардад. Дар ҳама гуна шароит миқдор ва сифат ҳамчун зиддияти диалектикӣ ба ҳам таъсир карда, бо ҳамин механизми инкишофи предмет ё ҳодисаро муайян мекунанд.

Қонуни инкори инкор самт ва шаклҳои инкишофро дар натиҷаи ягонагии доимӣ ва тағйирёбӣ, ба вуҷуд омадани нав дар заминаи кӯҳна, робитаи табиии байни инкор ва инкор нишон медиҳад. Чунин давомнокӣ ба таври объективӣ, ҳамчун инкори диалектикии хосиятҳои кӯҳна ва тасдиқи хосиятҳои нав, вале дар шакли табдилёфта ва «бардошташуда» ба амал меояд.

Кӯхна ва нав ду тарафи инкори диалектикиро ташкил медиҳанд. Маҳз раванди ҳифзи мусбат ва қобилияти рушд аст, ки онро "бартараф кардан"-и инкор меноманд. Бартараф кардани эътироз аз бартараф кардани кӯҳна бо нигоҳ доштани он чизи мусбате, ки дар марҳилаи қаблӣ ба даст омадааст, иборат аст.

Инкори диалектикӣ на дар натиҷаи дахолати қувваи беруна, балки дар натиҷаи худкорӣ ва ба муқобили он гузаштани предмет ё ходиса инкишоф меёбад. Дар зиддияти нав инкоршуда ва он чизе, ки инкор мекунад, тарафҳои зиддияти ягона мебошанд. Дар ин зиддият сабаби дохилии тараққиёт ғайр аз муборизаи зиддиятҳо чизи дигаре нест.

Ҳамин тариқ, инкори инкор ҳам мутлақ ва ҳам нисбӣ аст. Мутлақ аз он сабаб, ки инкишофи ҳама гуна ашё ё падида танҳо тавассути инкор сурат мегирад. Нисбӣ аз он сабаб, ки дар ҷараёни рушд нестшавии мутлақи предмет ё ходиса, балки нигоҳ доштани баъзе хосиятҳои он, ки барои рушди минбаъда заруранд, сурат мегирад.

Дар назар доштан лозим аст, ки иваз кардани як объект ё ходисаро бо дигараш на ҳама вақт тараққиёти прогрессивӣ ҳисоб мекунад. Дар ҳақиқат инкишофи регрессивӣ низ ба амал меояд, ки дар он тағйир ёфтани предмет ё ҳодиса на танҳо боиси пайдоиши хосиятҳои ҳаётбахш намегардад, балки баръакс боиси гум шудани онҳо мегардад.

Дар раванди тараққиёт пешравӣ ва ақибмонӣ муқобиланд. Барои равшанӣ, пешрафт ҳамчун хати боло ва регрессия ҳамчун хати паст нишон дода мешавад. Шартнок, вазъияти ягонагии пешрафт ва регрессияро бо як хатти боло ишора кардан мумкин аст. Вақте ки регрессия тобеъ мешавад, рушд шакли спиралро мегирад, ки дар он рушд гӯё сатҳҳои гузаштаро такрор мекунад, аммо дар зинаи баландтар.

Дар маҷмӯъ, радди инкор аз се марҳилаи асосӣ мегузарад:

1. Ҳолати ибтидоии инкишофи ашё ё падида.
2. Ба воситаи инкор табдил додани ашё ё ходисаро ба муқобили он.
3. Табдил додани ин зиддият ба муқобили он.

Дар ҳар яке аз ин марҳилаҳо тақсимшавии як ва ба ҳамдигар гузаштани зидҳо ба амал меояд ва ба ҳамин тариқ амали қонуни ба ҳамдигар гузаштани миқдор ба сифат, ҳамчунин қонуни ягонагӣ ва муборизаи зидҳо зуҳур меёбад. Дар натиҷаи амали ин қонунҳо нав дар ниҳояти кор аз

бисьёр ҳодисаҳо ва тамоилҳои регрессивӣ роҳ пеш мегирад, ки дар натиҷаи он мазмуни прогрессивӣ пайдо карда, дар муддати муайян бартарафнашаванда мегардад.

Дигар постулятҳои аудит, ки Ҷ.К. Робертсон пешниҳод намудааст, инчунин характери расмӣ доранд. Дар ин постулатхо, ки аудитро дар сатхи зухуроти муайян инъикос мекунанд, диалектикаи ягонагӣ ва гуногунрангии мувофиқи моҳияти худ ҳамчун зиддият мушоҳида карда намешавад. Дар ҳама гуна шароит, постулатҳои аудит бояд ҳамчун зуҳуроти берунии субъект хизмат кунанд. Дар натиҷа, зарурати таҳияи постулятҳои зерини аудит ба миён меояд:

1. Ҳисоботи молиявие, ки ба талаботи муқарраршуда мувофиқат мекунанд, метавонанд бар асари қаллобӣ ё иштибоҳ маълумоти бардурӯғ дошта бошанд.

2. Шахсоне, ки дар пешниҳоди нодурусти ҳисоботи молиявӣ гунаҳгоранд, метавонанд ба аудитор ҳангоми ошкор кардани чунин маълумоти бардурӯғ мухолифат намоянд.

3. Дар натиҷаи мухолифат ба аудитор дар иҷрои дурусти ӯҳдадориҳояш ихтилофҳо ба вуҷуд меоянд, ки ҳалли онҳо аз аудитор ва дигар шахсони ваколатдор чораҳои муносиби вокунишро талаб мекунад.

4. Муқарраркунии мавҷудият ва ё мавҷуд набудани таҳрифоти ҳисоботи молиявӣ аз аудитор амалро ба таври мустақил бо риояи скептисизми касбӣ, ки ба таври танқидӣ арзёбии далелҳои аудиторӣ ва ба даст овардани эътимоди кофиро имкон медиҳад, талаб менамояд.

5. Ҳама гуна маълумоти мувофиқ ва қобили қабул метавонад ҳамчун далел истифода шавад, ки дар асоси он аудитор метавонад мавҷудият ё набудани изҳороти нодурустро дар ҳисоботи молиявӣ муқаррар намояд.

6. Асоснокӣ ва баҳодиҳии маълумоти молиявие, ки аудитор дар асоси таҳлили муносибатҳои эҳтимолӣ ба даст овардааст, ба фарзия асос ёфта наметавонад.

7. Санҷиши объективӣ ва ҳамаҷонибаи ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби аудитор бо сатҳи ба қадри кофӣ баланд, вале мутлақ набуда, бо итминони мӯътадил нисбат ба баррасии ҳисоботи молиявӣ, дар шароити расмиёти мувофиқашуда ва машваратҳое, ки аудитор бидуни изҳори итминон дар бораи мавҷудият ё набудани таҳрифоти ҳисоботи молиявӣ анҷом медиҳад, имконпазир аст.

8. Боварии оқилонаи аудитор хавферо аз байн намебарад, ки расмиёти таҳлилӣ ва дигар расмиёти дуруст иҷрошударо дар ҳисоботи молиявӣ ошкор накунанд.

9. Аудитор барои зарари қасдан дар сурати ба таври номатлуб изҳор кардани боварӣ ба он, ки ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи қаллобӣ ё хатогӣ аз таҳрифи холӣ аст, инчунин барои вайрон кардани одоби касбӣ ва ӯҳдадориҳои шартномавӣ масъулият дорад.

10. Мақоми махсуси аудитор назорат ва назорати ҷамъиятиро аз болои фаъолияти аудиторӣ талаб мекунад.

Принсипҳои аудити зикршуда дар Стандартҳои Байналмилалии Аудит инъикоси муайян пайдо кардаанд [14]. Баъзеи онҳо татбиқи минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва тавсияҳои методиро талаб мекунанд. Инчунин барои муайян кардани самтҳои истифодаи онҳо барои такмили минбаъдаи фаъолияти аудиторӣ дар Тоҷикистон муҳокима кардани постулатҳои пешниҳодшудаи аудит дар байни олимон ва намояндагони амалия муфид хоҳад буд.

Саҳифаҳои рушди аудит дар Тоҷикистон тӯли 25 соли охир аз ҷониби бисёре аз муаллифон ба таври мухтасар бидуни нишон додани ихтилофҳо ва мувофиқан ташаккули диалектикии аудити ватанӣ оварда шудааст. [18, с. 109]. Ҳарчанд ба фарқ аз дигар давлатҳо рушди фаъолияти аудиторӣ ва аудит дар ҷумҳурии мо хеле босуръат оғоз ёфт, аммо тӯли 10 солаи охир рушди он назаррас нест. Моҳияти аудити ватанӣ аз мавҷудияти низоъҳои иҷтимоӣ дарак намедиҳад. Боз як қатор камбудиҳо дар ташкили низоми дар ҳақиқат мустақил ва муносиби аудиторӣ то имрӯз ҳалнашуда боқӣ мондаанд.

Дар ибтидо рушди сифатан хуби фаъолияти аудиторӣ ва ба субъектҳои соҳибкорӣ ҳадди аксар паҳн кардани он ба назар мерасид. Ба шарофати ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии аудит ин соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ мақоми боварибахши иҷтимоӣ пайдо карда буд. Дар миёнаҳои солҳои 2010-ум пас аз қабули тарҳи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар

бораи фаъолияти аудиторӣ» аудит сифати худро гум кард. Ба ҷои ин равандҳои баръакс ба амал омаданд [18; 19].

Новобаста ба ҳукми қонун даромадани аудити ҳатмӣ, муқаррар намудани корхонаҳои бо аудит фарогир, афзудани миқдори ширкатҳои аудиторӣ, мазмуни аудит то андозае аз моҳияти таърихӣ ва рисолати аслияти худ дур гардид. Ҳоло аудит ба сифати як расмиёте баромад мекунаду халос. Тадбирҳои ба мақомоти давлатӣ тобеъ кунонидани аудит ва фаъолияти аудиторӣ ба назар мерасанд.

Ба ҷои ин, худи ҷорӣ намудани Стандартҳои Байналмилалии Аудит дар Тоҷикистон ҳамчун стандартҳои миллӣ пешрафтҳои муайяни мусбат дошт, аммо дар самти баланд бардоштани сифати аудити дохилӣ натиҷаҳои назаррас наовард. Тамоми масъала дар он аст, ки инкишофи реалии аудит дар мамлакати мо бо сабаби мавчуд будани душворихои иқтисодӣ, номукаммалии қонунгузорӣ ба кадри кифоя назаррас нест. Мисоли ин ҳолат талаби Бонки миллии Тоҷикистон аз аудиторон дар мавриди пешниҳоди ҳамаи ҳуҷҷатҳои корӣ ба мақомоти назоратӣ, пешниҳоди гузориш дар бораи ихтилофот дар дохили мақомоти бонк, рафтани ғайричашмдошти роҳбарони бонкҳо ва дигар ҳодисаҳои номатлуб аст, ки бар рушди аудити миллӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дарвоқеъ, чунин талабот мустақилияти аудиторро ҳангоми аудити ҳисоботи молиявии бонк ба таври возеҳ маҳдуд мекунад. Махсусан иҷрои вазифаҳои ҷамъоварии маълумоти манфӣ дар бораи кормандони бонк.

Дар ҳамин ҳол, Бонки миллии Тоҷикистон тасмими Кумитаи Базелро дар мавриди зарурати нозирони бонкӣ барои додани дастурҳои мушаххас ба аудиторон барои санҷиши ҳисоботи молиявии бонк дар ҳолати зарурӣ нодида гирифт. Яъне, бо риояи принсипи мустақилият вазифаҳои ба аудити берунӣ хосро иҷро мекарданд.

Тадбирхои гуногуни ба мақомоти давлатӣ тобеъ гардондани аудит то имрӯз давом доранд. Бо вуҷуди ин, дастурҳои Стандартҳои байналмилалии аудит оид ба ҷорӣ намудани назорати ҷамъиятии фаъолияти аудиторӣ бе баррасии дуруст боқӣ мемонанд [6, с.80-86]. Баръакс, кӯшиш мекунанд, ки онҳоро ба самти муқобил истифода баранд, то ин ниҳодро аз ҳисоби хизматчиёни давлатӣ ташкил кунанд.

Новобаста ба ин ҳама, инкишофи аудит дар мамлакати мо, ки дар боло зикр гардид, тобеияти онро ба конунхои диалектика ба таври боварибахш нишон медихад.

Мо таҳқиқи инкишофи диалектикии вокеахои боло ва дигар масъалаҳои рушди аудити ватаниро ба ихтиёри муаллифони дигар мегузорем. Пеш аз ҳама, қайд кардан мехоҳем, ки тамоми фаъолияти аудиторӣ мисли дигар объекту ҳодисаҳо бо роҳи инкор, ба ҳамдигар табдил ёфтани миқдор ба сифат, дар натиҷаи ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳо ба таври даврӣ инкишоф ёфта, рушд меёбад.

Ҳалли масъалаҳои дар боло зикршуда ва дигар низоъҳо дар соҳаи аудит ва фаъолияти аудиторӣ бе таҳлили фалсафии онҳо аз рӯи қонунҳои асосии диалектика имконнопазир аст. Вақти он расидааст, ки зиддиятҳои ҳаётан муҳими иҷтимоиро ба назар гирифта, бо мақсади дар мамлакатамон ба ҳам мутобиқ гардондани муносибатҳои ҷамъиятӣ рушди аудити муосир ҳарчониба таҳқиқ карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Адамс Р. Основи аудита / Р. Адамс. – М.: Аудит. ЮНИТИ, 1995. – с. 398.
2. Аналитическая философия / Под. ред. Лебедева М.В., Черняка А.З. – М.: РУДН, 2004. – 740 с.
3. Аренс А. Аудит / А. Аренс, Дж. Лоббек. – М.: Финансы и статистика, 1995. – 558 с.
4. Аудит Монтгомери. – М.: Аудит, ЮНИТИ, 1997. – 542 с.
6. Аудит ва ибрози эътимод / С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, М.В. Калемуллоев, С.Х. Раҳимов. – Душанбе: Мега-принт, 2020. – 364 с.
7. Бабесов Е.М. Конфликтология / Е.М. Бабесов. – Минск.: Право и экономика, 1997. – 360 с.

8. Бадалов Х.Х. Концепция развития аудита в условиях цифровой экономики: теория и практика / Х.Х. Бадалов, С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев. – Душанбе: Графика принт, 2021. – 218 с.
9. Балашов Л.Е. Философия / Л.Е. Балашов. – М.: Дашков Й.К., 2009. – 664 с.
10. Брюханов М. Искажения в финансовой отчетности: как выявить мошенничество / М. Брюханов // Финансовый директор. – 2006. – № 6.
11. Додж Рой. Краткое руководство по стандартам и нормам аудита / Рой Додж. – М.: Финансы и статистика. ЮНИТИ, 1992. – 240 с.
12. Козер Л. Функции социального конфликта / Л. Козер. – М.: Идея Пресс, 2000. – 128 с.
13. Кудрявцев В.Н. Правовое поведение: норма и патология / В.Н. Кудрявцев. – М.: Наука, 1980. – 231 с.
14. Мирзоалиев А.А. Институциональные основы регулирования аудита в Таджикистане / А. А. Мирзоалиев, Х.Х. Бадалов // Аудит и финансовый анализ. – 2018. – № 5. – С. 80-84.
15. Мирзоалиев А.А. Международные стандарты аудита и контроля качества в Таджикистане: вопросы внедрения / А.А. Мирзоалиев, Ш.С. Камолова // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учёта, финансового менеджмента: Сборник материалов международной научной конференции, Новосибирск, 05–06 декабря 2017 года / Под редакцией Е.Н. Лищук, Е.И. Лерненко, Е.С. Еременко, В.А. Суровцевой, М.К. Чернякова, Л.П. Наговициной. Том Часть 1. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2017. – С. 132-138.
16. Низомов С.Ф. Проблемы и пути совершенствования бухгалтерского учета и аудита в цифровой экономике / С.Ф. Низомов, Г.М. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2(41). – С. 168-179.
17. Протасов В.Н. Правоотношения как система / В.Н. Протасов. – М.: Юридлит, 1991. – 342 с.
18. Рахимов Г.М. Некоторые проблемы аудита в Таджикистане и пути их решения / Г.М. Рахимов, Х.Х. Бадалов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/5-2. – С. 106-112.
19. Рахимов Г.М. Организационные аспекты развития института аудиторства в Таджикистане / Г.М. Рахимов // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учёта, финансового менеджмента: Сборник материалов международной научной конференции, Новосибирск, 05–06 декабря 2017 года / Под редакцией Е.Н. Лищук, Е.И. Лерненко, Е.С. Еременко, В.А. Суровцевой, М.К. Чернякова, Л.П. Наговициной. Том Часть 1. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2017. – С. 161-167.
20. Робертсон Дж. Аудит / Дж. Робертсон. – М.: КРМС: Контакт, 1993. – 496 с.
21. Философия / Под. ред. Лавриненко В.Н. – М.: Юристъ, 2004. – 511 с.
22. Философия / Под. ред. Миронова В.В. – М.: Норма, 2005. – 928 с.
23. Честнов И.Л. Методология и методика юридического иследования / И.Л. Честнов. – Спб, 2004. – 128 с.
24. Шобеков М. Социальный аудит: сущность, необходимость и направления деятельности / М. Шобеков, Г. Ходжиев // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2015. – № 2(25). – С. 101-106.

УДК 338.46 (575.3)

Орипов А.С.

РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ ВА ТАКМИЛИ НИЗОМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ОН

Муаллиф дар мақола нақш ва мақсади асосии механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рушди таҳсилоти томактабӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ як ҷузъи муҳими системаи маориф ва сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, зарурати тағйир ва мутобиқсозии равишҳои идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ пеш омадааст. Ин тағйирот ба такмил додани самаранокии идоракунӣ, таъмини манбаъҳои молиявӣ ва фароҳам овардани муҳити рақобатпазир равона гардидааст, гуфта шудааст.

Вожаҳои калидӣ: механизмҳои ташкилию иқтисодӣ, таҳсилоти томактабӣ, системаи маориф, идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ, шароити иқтисоди бозорӣ.

Орипов А.С.

РАЗВИТИЕ ДОШКОЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ЕГО ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ

Автор статьи рассматривает роль и основное назначение организационно-экономических механизмов управления развитием дошкольного образования в условиях рыночной экономики как важной составляющей системы образования и социальной политики каждого государства. В условиях перехода к рыночной экономике возникает необходимость изменения и адаптации подходов управления в сфере дошкольного образования. Было отмечено, что эти изменения направлены на повышение эффективности управления, обеспечение финансовых ресурсов и создание конкурентной среды.

Ключевые слова: организационно-экономические механизмы, дошкольное образование, система образования, управление в сфере дошкольного образования, условия рыночной экономики.

Oripov A.S.

DEVELOPMENT OF PRESCHOOL EDUCATION AND IMPROVEMENT OF ITS ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC SYSTEM

The author of the article examines the role and main purpose of organizational and economic mechanisms for managing the development of preschool education in a market economy as an important component of the education system and social policy of each state. In the context of the transition to a market economy, there is a need to change and adapt management approaches in the field of preschool education. It was noted that these changes are aimed at improving management efficiency, providing financial resources and creating a competitive environment.

Key words: organizational and economic mechanisms, preschool education, education system, management in the field of preschool education, conditions of a market economy.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ байни субъектҳои истеҳсолкунандаи молу хизматҳо муносибатҳои нави иқтисодӣ ва механизмҳои нави таъсиррасонӣ ба онҳо ба вуҷуд меоянд. Ин ҷараён аз эҳтиёҷоти нави одамон ва истеҳсолот сарчашма мегирад, зеро он водор мекунад, ки

истеҳсолкунандагон шаклҳои оқилонатари ташкили истеҳсолотро пайдо намуда, аз қуввaҳои истеҳсолкунанда ва имкониятҳои истеҳсолӣ самаранок истифода намоянд.

Муносибатҳои иқтисодӣ дар навбати худ маҷмуи муносибатҳои техникӣ-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ, мебошад, ки ба ҳамдигар алоқаманд ва тобеъ мебошанд. Дар сохтори муносибатҳои иқтисодӣ муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ мақоми хоса доранд ва ин шакли муносибатҳо ташкилу идоракунии самараноки муносибатҳои байни одамонро оид ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли молу хизматҳо ифода менамояд. Дар маҷмуъ муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегиранд:

- интихоби бозор, молу хизматҳо ва харидорону шарикон;
- роҳҳои кам кардани хароҷот;
- роҳҳои зиёд намудани фоида ва самаранокӣ;
- интихоби усулҳои хоҷагидорӣ ва ғайра.

Дар адабиётҳои иқтисодӣ баъзе аз муаллифон мафҳумҳои “муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ” ва “механизмҳои ташкилӣ-иқтисодӣ-ро бо ҳамдигар омехта менамоянд. Ин ду мафҳум ба ҳамдигар монанд нестанд. Агар муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодӣ ин муносибати байни субъектҳои иқтисодиро ифода намояд, механизми ташкилӣ-иқтисодӣ маҷмуи воситаҳоеро ифода менамояд, ки тавассути онҳо ин муносибатҳо дар амал татбиқ карда мешаванд.

Мафҳуми “механизми ташкилию иқтисодӣ”-и рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт як низоми хело мураккаб буда дар илмҳои иқтисодӣ дар солҳои 60-70 асри гузашта пайдо шудааст ва айни ҳол ягон таърифи умумӣ ва ниҳоишудаи ин мафҳум вуҷуд надорад. Ба назари мо барои кӯшода додани мазмуни ин мафҳуми мураккаб бояд аз мафҳумҳои содатаре мисли “механизм” оғоз намудан лозим аст.

Мафҳуми “механизм” дар истилоҳҳо ва илмҳои техникӣ бештар истифода шуда, асосан маҷмуи дастгоҳҳои дохилии ба ҳамдигар алоқамандеро ифода менамояд, ки ҳаракат ва интиқоли энергияро таъмин месозанд. Дар илмҳои иқтисодӣ ҳамчунин мафҳуми “механизми хоҷагидорӣ” низ истифода мешавад, ки онро бо мафҳуми “ташкилию иқтисодӣ” омехта намудан дуруст нест.

Мафҳуми “механизми хоҷагидорӣ” аз нигоҳи олимони иқтисодшинос маҷмуи сохторҳо, муассисаҳо, шаклҳо ва усулҳои хоҷагидориеро ифода менамояд, ки тавассути онҳо робитаю ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҷамъиятӣ, гурӯҳӣ ва хусусӣ таъмин карда шуда рушди иқтисодиёт таъмин карда мешавад.

Аз нигоҳи олими рус Андрюшенко Э.С. механизми хоҷагидорӣ ин маҷмуи системаҳои зерин мошад: системаи шаклу усулҳои ташкил ва фаъолияти истеҳсолот, системаи мақомотҳои идоракунӣ ва системаи муносибатҳои ташкилию иқтисодие, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию техникӣ танзим карда мешаванд. Агар чунин мавқеи муаллифи дар боло номбаршударо асос шуморем, пас метавон, гуфт, ки механизми ташкилию иқтисодӣ як қисми таркибии механизми хоҷагидорӣ ба ҳисоб меравад [4].

Дар адабиётҳои иқтисодӣ таърифҳои гуногуни механизми ташкилию иқтисодиро вохӯрдан мумкин аст. Олими рус Жуков И.В. механизми ташкилию иқтисодиро ҳамчун маҷмуи усулҳои иқтисодӣ, маъмурӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии таъсир расонидан ба объекти идоракунӣ, шарҳ додааст [5].

Рушди низоми таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Ин самт дар баробари дигар соҳаҳои маориф дар стратегияи миллии рушди маориф ҷойгоҳи махсус дорад ва ҳадафи он фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқии кӯдакон аз синни барвақтӣ мебошад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои охир барои густариши муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ намудааст. Бунёд ва таҷдиди кӯдакистонҳои давлатӣ, таъсиси гурӯҳҳои томактабӣ дар назди мактабҳо, инчунин дастгирии ташаббусҳои хусусӣ дар ин самт мебошанд. Ин амалҳо барои васеъ намудани дастрасии кӯдакон ба хизматрасониҳои томактабӣ ва баланд бардоштани сифати онҳо равона шудаанд.

Дар ин раванд, як қатор барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ гардидаанд, ки мақсади онҳо баланд бардоштани сатҳи фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, беҳтарсозии муҳити таълимӣ, омодасозии кадрҳои соҳа ва мукаммал гардондани муҳтавои барномаҳои таълимӣ мебошад. Барномаҳои мазкур кӯшиш доранд, ки имкони таҳсили босифатро ба ҳамаи кӯдакон, аз ҷумла кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус, фароҳам созанд.

Дар доираи ин барномаҳо таваҷҷуҳи махсус ба омодагии педагогҳои соҳаи томактабӣ дода мешавад. Омӯзгорон ва мураббиён бо барномаҳои махсус омода карда мешаванд, то ки кӯдаконро бо усулҳои муосир ва интерактивӣ таълим диҳанд. Инчунин, курсҳои такмили ихтисос барои кормандони муассисаҳои томактабӣ мунтазам баргузор мегарданд.

Илова бар ин, аҳамияти забони давлатӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тақвият ёфта, омӯзиши унсурҳои аввалияи савод ва ҳисоб низ ба муҳтавои таълим дохил гардидааст.

Ҳамзамон, ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ, тафаккури мантиқӣ ва муносибатҳои иҷтимоии кӯдакон таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Ҳамкории Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ЮНИСЕФ ва дигар ташкилотҳои рушди соҳаи маориф, барои дастгирии рушди таҳсилоти томактабӣ аҳамияти калон дорад. Ин ҳамкорӣ дар самти омӯзиш, дастрасии таҷҳизот, таҳияи барномаҳо ва таҳқиқоти илмӣ дар бораи таҳсилоти барвақтӣ равона шудааст.

Ба назари мо яке аз мушкилоте ки таърифҳои дар боло овардашуда ҷой дорад, ин аст, ки аксари муаллиффон дар зери мафҳуми механизми ташкилию иқтисодӣ танҳо сохтор ва усулҳои таъсиррасониро ҳангоми идоракунӣ ба объекти идорашаванда мефаҳманду халос.

Дар ин масъала наметавонем ба фикри олими рус Удалсова Н.Л. рози нашавем, ки чунин қайд намудааст: “Механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти соҳа инчунин муассисаҳои давлатӣ, воҳиди илмӣ ва дигар ташкилотҳоеро дар бар мегирад, ки ба рушди соҳибкорию инноватсия дар як бахши муайяни иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунанд” [6].

Воқеан ҳама гуна омилҳои ташкилию иқтисодиеро, ки ба рушди як соҳаи иқтисоди миллӣ таъсир мерасонанд метавонем ба сифати унсур ё сохтори таркибии механизми ташкилию иқтисодӣ қабул намоем. Алоқамандие, ки байни ин унсур ва сохторҳо вуҷуд доранд маҷмуи муносибатҳои иқтисодиеро ифода менамоянд, ки дар ҷараёни рушди соҳа ҷой доранд. Муҳимтарин унсур ё сохтори таркибии механизми ташкилию иқтисодӣ воситаҳои танзими давлатии соҳа ва умуман иштироки давлат дар рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди милли мебошад. Давлат дар сохтори таркибии механизми ташкилию иқтисодӣ меҳвари асосӣ буда, муносибатҳои байни дигар сохтору унсурҳоро танзим менамояд ва худаш ҳамчун субъети асосӣ дар рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ нақши калидӣ мебозад.

Механизми ташкилию иқтисодӣ аз ду қисмати “механизмҳо” - ташкилӣ ва иқтисодӣ таркиб ёфтааст. Аксари олимон ба қисмати ташкилии ин механизм қонунҳо, фаъолияти қонунбарорӣ, идоракунии муассисаҳо ва танзими давлатии соҳаҳои алоҳидаро дохил менамоянд. Аз ҳамин лиҳоз, таҳияи стандарту барномаҳои гуногун (таълимӣ ва рушди соҳа), ҷорӣ намудани меъёру қоидаҳои алоҳида, таъмини ахборотии ҷараёни идоракунии муассисаҳои таълимӣ, назорати давлатии ташкил ва сифати таълиму тарбия, ҳамчунин ташкили муассисаҳои томактабии давлатӣ унсурҳои асосии қисмати ташкилии механизми дар боло зикршуда ба ҳисоб мераванд.

Ин унсурҳо на танҳо аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ, балки аз ҷониби муассисони муассисаҳои томактабӣ низ муайян ва ҷорӣ карда мешаванд. Аз ҳамин лиҳоз механизми ташкилию иқтисодӣ на танҳо ҷараёни танзими давлатии муассисаҳои таълимӣ, балки тамоми ҷараёнҳои марбут ба истеҳсол, тақсимот, мубодила ва истеъмоли хизматҳои маърифатиро (таълимиро) дар бар мегирад. Ин шакли механизм барои рушди муассисаҳои томактабӣ на танҳо аз ҷониби давлат, балки аз ҷониби муассисон низ метавонад татбиқ шавад ва даврa ба даврa такмил дода шавад.

Механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рушди таҳсилоти томактабӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ як ҷузъи муҳими системаи маориф ва сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ, зарурати тағйир ва мутобиқсозии равишҳои идоракунӣ дар соҳаи таҳсилоти томактабӣ пеш омадааст. Ин тағйирот ба такмил додани

самаранокии идоракунӣ, таъмини манбаъҳои молиявӣ ва фароҳам овардани муҳити рақобатпазир равона гардидааст.

Яке аз ҷанбаҳои муҳими ин механизмҳо фарогирии шаклҳои гуногуни молиявии дастгирии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ, маблағгузорӣ танҳо аз ҳисоби буҷаи давлатӣ на, балки бо ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ, маблағҳои волидон, ташкилотҳои байналмилалӣ ва донорҳо васеъ ба роҳ монда мешавад. Ин гуногуншаклии манбаъҳои маблағгузорӣ имконият медиҳад, ки муассисаҳо мустақилона барномаҳои рушд, такмили инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати хизматрасониро амалӣ намоянд.

Механизмҳои ташкилии идоракунӣ дар заминаи принсипҳои самаранокӣ, шаффофият ва ҷавобгарӣ ташкил карда мешаванд. Муассисаҳои томактабӣ бештар ба тарзи худидоракунӣ мегузаранд, ки дар он роҳбарият ҳуқуқи васеъ барои идоракунии захираҳо, интихоби кадрҳо ва банақшагирии рушди дохилӣ дорад. Ҳамзамон, назорати давлатӣ дар самти риояи стандартҳо, дастрасӣ ба таҳсилот ва кафолати сифати он нигоҳ дошта мешавад.

Дар ин шароит, рақобат байни муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ як омили муҳими пешбурди сифат ба ҳисоб меравад. Муассисаҳо мекӯшанд, ки бо пешниҳоди барномаҳои ҷолиб, муҳити беҳтари таълимӣ ва хизматрасонии хубтар волидон ва кӯдаконро ҷалб намоянд. Ин раванд боиси рушд ва навовариҳои пайваста дар соҳа мегардад.

Механизмҳои иқтисодӣ ҳамчунин ба тарзи самараноки истифодабарии захираҳо ва рушди устувори муассисаҳо равона шудаанд. Бо гузаштан ба маблағгузории натиҷагирои (результативӣ), муассисаҳо барои ба даст овардани нишондиҳандаҳои муайян ҳавасманд мешаванд, ки ин ба болоравии сифати хизматрасонӣ ва истифодаи оқилонаи манбаъҳо мусоидат мекунад.

Илова бар ин, иштироки фаъолонаи ҷомеа ва бахши хусусӣ дар ташкили муассисаҳои томактабӣ, аз ҷумла тавассути таъсиси кӯдакистонҳои хусусӣ ва гурӯҳҳои таълимии алтернативӣ, яке аз механизмҳои муосири рушди таҳсилоти барвақтӣ мебошад. Давлат бо ҷорӣ кардани низоми иҷозатномадиҳӣ ва танзими меъёрҳои умумӣ, фаъолияти ин муассисаҳоро танзим намуда, ҳамзамон шароити мусоид барои рушди онҳо фароҳам меорад.

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди бозорӣ, рушди таҳсилоти томактабӣ тавассути механизмҳои мутақобилан алоқаманди ташкилию иқтисодӣ ба роҳ монда мешавад, ки дар маркази онҳо самаранокӣ, дастрасӣ, сифат ва ҷавобгӯ будан ба талаботи бозор қарор дорад. Ин раванд ба таҳкими пояҳои рушди зеҳнии кӯдакон ва беҳтар сохтани ояндаи таълими умумӣ мусоидат мекунад.

Дар маҷмӯъ, рушди низоми таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самти тавсеа ва такмил роҳ гирифта, ҳамчун заминаи муҳими рушди кӯдак ва омодагии ӯ ба таҳсилоти умумӣ баррасӣ мешавад. Ин раванд яке аз омилҳои асосии рушди устувори иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмини ояндаи солими миллат ба шумор меравад.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. – Душанбе, 2019. - С.6-7.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ - техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 26 сентябри соли 2020, №503 [Матн]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj. санаи мурочиат: 10.12.2020, кушода.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2013, №288, Дар бораи «Консепсияи миллии ҳадафноки илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028».
4. Андрющенко Е.С. Основы формирования хозяйственного механизма топливно-энергетического комплекса региона теоретический аспект [Текст] / Е.С. Андрющенко // Экономика и управление. – 2013. – № 2. – С. 122-126.

5. Жукова И.В. Сущность и содержание организационно-экономического механизма управления горнодобывающей промышленностью [Текст] / И.В. Жукова // Власть и управление на востоке России. – 2010. – № 4. – С. 43-49.
6. Удальцова Н.Л. Организационно - экономический механизм функционирования отрасли национальной экономики [Текст] / Н. Л. Удальцова // Экономические науки. – 2012. – № 06. – С. 94-98.

УДК 338.436.33(575.3)

Раҳимова Қ.О.

АРЗЁБИИ РУШДИ МУОСИР ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақола ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ҷузъи бунёдии КАС мебошанд, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст Инчунин такмили механизмҳои ташкиливу иқтисодии идоракунии комплекси агросаноатии мамлакат ва минтақаҳои он, ки сатҳи амнияти иқтисодиву озуқаворii мамлакатро баланд мебардорад, асоснок карда шудааст. Коркарди барномаҳои рушди КАС-и минтақавӣ ва андешидани тадбирҳоро дар самти баланд бардоштани сатҳи амнияти иқтисодии онҳоро тақозо менамояд. Ҳамзамон дар мақола таъкид карда шудааст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини амнияти озуқаворii мамлакат ва татбиқи самтҳои рушди истеҳсолоти аграрӣ дар заминаи инноватсия зарурати такмили асосҳои консептуалии стратегияи рушди комплекси агросаноатӣ дар шароити бозори ҷаҳонии озуқа ва тағйир ёфтани тамоюлот дар муносибатҳои иқтисоди беруна ба миён омадааст. Вобатста ба ин роҳҳои такмили механизми ташкиливу иқтисодии идоракунии КАС ва амнияти иқтисодиву озуқаворӣ пешниҳодҳои назарас карда шудааст.

Калидвожаҳо: амнияти иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ, иқтисодиёти аграрӣ, комплеси агросаноатӣ, рушди стратегӣ, паҳншавии ҳудудӣ, инноватсия, индустриализатсия, коэффисиент, кооператсия, интегратсия, маҳсулоти озуқаворӣ, саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ экологӣ ва ғ.

Рахимова К.О.

ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОГО И ОПРЕДЕЛЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

В статье исследовано решение проблем обеспечения экономической безопасности сельскохозяйственных предприятий, которые являются фундаментальной частью КАС, а также совершенствование организационно-экономических механизмов управления агропромышленным комплексом. страны и ее регионов, что повышает уровень экономической и продовольственной безопасности страны. Это требует разработки региональных программ развития КАС и мер по повышению уровня их экономической безопасности ЧАС. При этом в статье подчеркивается, что для достижения целей обеспечения продовольственной безопасности страны и реализации направлений развития аграрного производства на инновационной основе необходимо совершенствование концептуальных основ. стратегии развития агропромышленного комплекса в условиях мирового продовольственного рынка и изменения тенденций во внешнеэкономических связях. В связи с указанными путями совершенствования организационно-экономического механизма управления КАС, экономической и продовольственной безопасностью выдвинуты существенные предложения.

Ключевые слова. экономическая безопасность, продовольственная безопасность, аграрная экономика, агропромышленный комплекс, стратегическое развитие, территориальная экспансия, инновации, индустриализация, коэффициент, кооперация, интеграция, продукты питания, экологическая промышленность по переработке сельскохозяйственной продукции и т.д.

Rahimova K.O.

ASSESSMENT OF THE CURRENT TREND IN AGRICULTURAL DEVELOPMENT, WHICH DETERMINES THE STATE OF ECONOMIC SECURITY

The article explores the solution to the problems of ensuring the economic security of agricultural enterprises, which are a fundamental part of the CAS, as well as improving the organizational and economic mechanisms for managing the agro-industrial complex. the country and its regions, which increases the level of economic and food security of the country. This requires the development of regional programs for the development CAS and measures to increase the level of their economic security. At the same time, the article emphasizes that in order to achieve the goals of ensuring the country's food security and implementing directions for the development of agricultural production on an innovative basis, it is necessary to improve the conceptual framework. Strategies for the development of the agro-industrial complex in the conditions of the global food market and changing trends in foreign economic relations. In connection with the indicated ways to improve the organizational and economic mechanism for managing CAS, economic and food security, significant proposals have been put forward.

Keywords. economic security, food security, agricultural economics, agro-industrial complex, strategic development, territorial expansion, innovation, industrialization, coefficient, cooperation, integration, food, ecological industry for processing agricultural products, etc.

Дар шароити муосири иқтисодии ҷаҳонӣ дар буҳрони иқтисодию молиявӣ ва озуқаворӣ қарор дошта ва таъсири он ба субъектҳои КАС эҳсос шаванда, онҳоро маҷбур месозад, ки ба шароити муосир мутобиқ шаванд ва барои коҳиш додани таҳдидҳо ба фаъолияти иқтисодиву молиявии худ кӯшиш кунанд. Айни замон ҳалли муаммоҳои таъмини амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ, ки ҷузъи бунёдии КАС мебошанд, коркарди барномаҳои рушди КАС-и минтақавӣ ва андешидани тадбирҳоро дар самти баланд бардоштани сатҳи амнияти иқтисодии онҳоро тақозо менамояд. Албатта, татбиқи ин барномаҳо дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони кишоварзиро, ки ҷузъи муҳими амнияти иқтисодии КАС мебошад, талаб менамояд.Дар мавриди коркарди барномаҳои рушд ва таъмини амнияти иқтисодии КАС муайян ва арзёбӣ намудани сатҳи таҳдидҳои молиявию иқтисодӣ зарур аст.

Амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ аз устуворӣ ва тамоюли рушди дороиҳои онҳо низ вобастагӣ дорад. Дар давраи солҳои 2017-2021 захираҳои моддии корхонаҳои кишоварзӣ аз 19,4 то 60, млн. сомонӣ ва ё беш аз 3 маротиба афзудааст, ки суръати рушди он аз суръати рушди ин нишондиҳандаи тамоми корхонаҳои вилоятӣ баланд мебошад. Ин тамоюли мусбӣ аст, аммо, ҳаҷми хароҷотҳои пешпардохтшуда дар ин давраи таҳлилӣ 56,9 фоиз ва воситаи пулӣ дар хазина 62,8 фоиз ва воситаҳои пулӣ дар бонкҳо 29,7 паст фаромадааст, ки ин ҳолат дар бораи сатҳи пасти пардохтпазирии корхонаҳои кишоварзӣ шаҳодат медиҳад.

Соҳаи аграрӣ соҳаи асосии вилояти Хатлон маҳсуб меёбад ва беш аз 23 фоизи маҷмӯми маҳсулоти минтақаро истеҳсол мекунад, вале захираҳои моддии корхонаҳои кишоварзӣ бошад 3,3 банди фоизи захираҳои моддии субъектҳои иқтисодии минтақаро ташкил дода, дар дигар нишондиҳандаҳо бошад, дороиҳо низ чунин сатҳи хело пастро ишғол мекунад.

Бори дигар қайд кардан ба маврид аст, ки дар қатори таҳдидҳои молиявӣ сатҳи ками пардохтнопазирию муфлисшавии корхонаҳои кишоварзӣ, ки бо сабабҳои гуногун пайдо шудаанд, бисёрашон бо мавсимӣ будани истеҳсолоти кишоварзӣ зич алоқаманд ҳастанд. Бартарӣ доштани байни давраҳои хароҷот ва давраҳои даромад боиси аз даст рафтани пардохтпазирии

ҷорӣ мегардад ва дар натиҷа пешниҳод кардани зарурати тезтари ҷалби сарчашмаҳои инвесторҳои иловагиро ба вуҷуд меорад, ки ин ҳолат худ боиси зиёд шудани қарзи кредиторӣ дар бонкҳо мегардад ва дар натиҷа зиёдшавии хароҷот мустаҳакамии молиявиро халалдор мекунад. Ин равиш дар навбати худ хавфи пасти сармоягузорӣ ва ҷолибияти инноватсияро рӯи кор меорад. Инчунин дар вақти таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ, кам будани ҷолибияти сармоягузорӣ ва инноватсионии истеҳсолоти кишоварзӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳоро қайд кардан лозим аст. Аз сабаби вазнинии вазъи молиявӣ ва сатҳи пасти даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ барои онҳо сармоягузорон ҷолиб нестанд. Агар мо хароҷоти зиёди навсозии техникӣ ва таҷҳизоти технологии кишоварзиро ба назар гирем, дар он вақт ҷолибияти ин соҳа барои сармоягузорон ба таври қатъӣ ба сифр баробар мешавад. Дар вақти беэътиноӣ ба вазъи молиявӣ ва фоизи баланди қарзӣ, ҳамаи даромадҳо бисёр вақт на ба навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ, балки барои нишон надодани қарзҳо равона карда мешаванд, ки ин ҳам ҷолибияти сармоягузориро паст мекунад.

Дар ҳоли ҳозир дар корхонаҳои бахши аграии иқтисодиёти вилоят таҳдиди норасоии кадрҳои соҳибихтисосро эҳсос мекунад ки дар натиҷа дараҷаи пасти малакаву дониши мутахассисони ин соҳа хавфи муҳим ба корхонаҳои кишоварзӣ мебошад. Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳукумат мунтаззам ба соҳаи кишоварзӣ ёрии молиявӣ мерасонад, аз ҷумла ҷойҳои буҷетӣ барои тайёр кардани мутахассисон дар самтҳои агарӣ-иқтисодӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва додани қарзҳои имтиёзнок барои беҳтару хубтар кардани соҳаи кишоварзӣ дар ноҳияву деҳотҳо ва инчунин барои баланд бардоштани ҷолибияти мардуми деҳот шаоит фароҳам оварда мешавад. Аммо сарфи назар аз дастгирии давлат ва ҳукумати ҷумҳури, ҳанӯз ҳам камбуди мутахассисон дар соҳаи кишоварзии мамлакат дида мешавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳиссаии кормандони соҳаи кишоварзии дорои ихтисоси касбии олӣ дар давраи солҳои 2015 -2017 аз 25 то 15 фоиз паст шудаас. Имрӯзҳо як мушкилии хеле калон дар муҳоҷирати меҳнатии беруна шомил шудани қувваи кории дар назар дида мешавад. Илова бар ин дар солҳои охир қисми зиёди кормандони касбу кори кишоварзӣ ба сини нафавқа ва ё пеш аз нафақа расидаанд, аз ҷумла бисёрии онҳо, ки дар зироаткорӣ, чорводорӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва фаъолияти агросаноатӣ таҷрибаи зиёд доштанд. Норасиҳои зиёде мавҷуданд, ки мутахассисони ҷавонро аз кору зиндагӣ дар деҳотҷойҳо дилсард мекунанд. Меҳнати вазнин ва маоши кам дар соҳаҳои кишоварзӣ яке аз сабабҳои ин мебошад. Кор дар ин соҳа ҳам ҷолибият надорад, чунки кори мавсимӣ ва даромади на он қадар хуби маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасмандии кормандони ин соҳаро ба худ кам мекунад. Даромад аз маҳсулоти фурухташуда вобаста аст, ҳарчанде ки хароҷоти меҳнат ва сармоягузорӣ барои як ҳаҷмӣ истеҳсол метавонад ҳаргуна бошанд. Дар баробари ин ба он таваҷҷуҳи зиёд нишон додан даркор аст, ки барои насли наврас, ки умри худро дар шаҳр гузаронидаанд, кору бори деҳот барои онҳо фаъолияти нав буда, барои ёд гирифтани техналогияҳою истеҳсолот вақти зиёду хароҷоти сармояи иловагиро талаб менамояд. Барои ҷавонон монеаҳои зиёде пеш меояд, ки дар маҷмӯ, таваҷҷуҳро ба ин самт бисёртар коҳиш медиҳад [1].

Дар иқтисодиёт ва соҳаҳои гуногуни кишоварзии минтақа тамоюли ноустувории талабот ба нархи маҳсулоти кишоварзӣ айён мешавад, ки ба сатҳи амнияти иқтисодии корхонаҳоӣ кишоварзӣ таъсир худро мерасонад. Тағирёбии мусбати талабот нархи маҳсулоти кишоварзӣ тағйир намеёбад, ки ин бо дигар шудани нархи мол дар бозор, инчунин бо мушкилоти нигоҳ доштан ва кашонида расонидани ин намуди маҳсулот алоқаманд аст. Меъёрҳои ҳалкунандае, ки ба чандирии талабот бисёртар таъсир мерасонад, хеле кутоҳтар шудани муҳлати нигоҳдории маҳсулот мебошад. Дар натиҷа, зарурати тезтар ва ба фурӯш баровардани маҳсулот ба миён меояд, лекин истеҳсолкунандагони мол ин хел имконият ва шароити дар бозорҳо таблиғ (реклама)-и молу маҳсулотҳои худро надоранд Аз ин хотир, истеҳсолкунандагон бояд молро на бо нархи мехостагии худашон, балки бо нархи дар бозор муқарраршуда фурушанд. Ин боиси рақобатпазири гардидани маҳсулоти кишоварзӣ ва дар натиҷа аз даст додани амнияти иқтисодии тамоми корхонаҳо мегардад.

Дар қатори таҳдидҳои дар боло қайд шуда хавфҳои экологӣ, ки дар баробари амнияти озуқаворӣ ҷузъи функсионаламниятӣ иқтисодӣ мебошад, намоён мебошад. Бисёр вақт ин мафҳум ба ҳолати муҳити зист дахолат мекунад, ки эҳтимолӣ халал расонидан ба инсон табиат ва захираҳои моддӣ мебошад. Агар хароҷоти баланди навсозии техники ва таҷҳизоти технологии кишоварзиро ба назар гирем, он гоҳ ҷолибияти ин соҳа барои сармоягузорӣ ба сифати паст оварда мерасонад.

Коркарди хоҷагиҳои кишоварзӣ бевосита ба муҳити зист таъсиррасонида бо алоқаманди ва аз ин рӯ, бо амнияти экологӣ ва хатарҳои экологӣ муқобил мебошанд. Аз ҷумла асосашонро инҳонишон медиҳанд: аз ҳисоби шудгори такрор ба такрор ва киштукори ҳарсола, дар як майдони замини кишт, корношоям кардани техникаҳои истеҳсолот, бо сурати тез афзудани интенсификатсияи истеҳсолот, кам шудани заминҳои кишоварзӣ.

Нишондиҳандаҳои номбаршуда боиси тезтар шудани ҳосилнокию зиёдшавии иқтисодию табии заминҳои кишт, кам шудани ҳосилхезии заминҳо ва ҳосилнокии кишоварзӣ, аз будаш зиёд андохтани нуриҳои маъданӣ ва воситаҳои муҳофизатӣ растаниҳо боиси кам шудани сифати маҳсулот ва ифлосшавии атроф мегардад.

Аз нигоҳи олимони ҷаҳонӣ ин равандҳо на танҳо ба амнияти экологии худӣ балки субъектҳои хоҷагидорӣ низ, ба амнияти экологии вилоят ва аз ин рӯ, ба тамоми системаи амнияти иқтисодии кишвар таъсир мерасонад. Дар асоси пайдо шудани баъзан нофаҳмиҳо зарурати бехатарии таъсис додани механизме ба миён меояд, ки бо ёрии он равандҳои бади ба экологияи муҳити зист таъсир мерасонад, пайгирӣ карда шавад. Инчунин, ин механизмҳо коргаронро водор месозанд, ки кори худро пеш аз ҳама дар асоси принспҳои стандартҳои экологӣ ба кор баранд ва манфиятҳои тиҷоратиро дар мадди дуюм монанд.

Таҳлиҳо нишон медиҳанд, ки дар самти ба расмият даровардани дастгирии давлатӣ, низ таҳдидҳо ба амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ вуҷуд дорад. Асоси дастгирии давлати хоҷагиҳои деҳқонӣ маблағгузории субсидиявӣ мебошад. Барои ба даст овардани дастгирии давлатӣ, хоҷагиҳоро лозим аст, ки рӯйхати аниқӣ монеаҳоро бартараф намоянд, ки барои аксари ташкилотҳои корӣ хеле зиёд мегардад. Ин монеаҳо инҳо мебошанд.

- доираи хеле калони ҳуҷаттҳои зарурӣ барои пешниҳоди ариза, барои қабул, ҳамзамон дер ҷавоб додан ба дархостҳои пешниҳодгардида;

- заминаи заиф шудани қонунгузорӣ, ки ба хизматчиёни давлатӣ имкон медиҳад, ки рафти маблағгузориро ба муддати тулонӣ боздоранд;

- ворид намуданиҳуҷатҳои зиёдатӣ аз тарафи мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ба рӯйхати ҷумҳуриявии ҳуҷатҳои зарурӣ пешниҳодшаванда, ки дар навбати худ раванди гирифтани субсидияҳоро кам мекунад;

- равиши дурударозӣ интиқол бо сабаби бюрократизм аз ҳад зиёди мақомоти давлатӣ.

Ҳамин тариқ, миёни тамоми субъектҳои иқтисодии вилоят пасттарин сатҳи амнияти иқтисодӣ дар корхонаҳои кишоварзӣ ба чашм мерасад. Ин андешидани тадбирҳои мушахассро, дар асоси таҳлилу арзёбии сатҳи таҳдиду бехатарии онҳо, талаб менамояд.

Барои муаяйн намудани сатҳи таъсири таҳдидҳо аз 100 нафар роҳбарон ва мутахассисони хоҷагиҳои деҳқонӣ пурсиши иҷтимоӣ гузаронидем. Дар мавриди пурсиш баҳогузорӣ шкалаи 100 холаро истифода бурдем: то 30 хол сатҳи паст (минималӣ), аз 30-60 миёна ва аз 60 хол боло баланд (максималӣ) қабул карда шуд.

Чуноне, ки ҷамъбасти натиҷаҳои пурсишнома, ки дар ҷадвали 1 оварда шудааст нишон медиҳад, беш аз 60 фоизи пурсидашудагон – роҳбарон ва мутахассисони хоҷагиҳо бо таври ҷиддӣ ба масаълаҳои гузошташуда, яъне сатҳи таъсири таҳдидҳо ба фаъолияти хоҷагидорию амнияти иқтисодии хоҷагиҳо бо таври ҷиддӣ холи худро гузоштанд. Чуноне ки аён аст, холи миёнаи 88 нафар пурсидашудагон ба гурӯҳи таҳдидҳои табиӣ-иқлимӣ 65 холро ташкил додааст, ки ба сатҳи баландтарини таҳдид рост меояд.

Ҷадвали 1. Натиҷаи арзёбии пурсидашудагон ҷиҳати сатҳи таъсири хавфҳо ба амнияти иқтисодии хоҷагиҳо (соли 2022).

Гурӯҳи хавфҳо	Шумораи ҷавобдодагон, ки холи нисбатан баланд гузоштанд. нафар	Холи миёна	Сатҳи таҳдид
Табиӣ-иқлимӣ	88	65	Баланд
Истеҳсолӣ-технологӣ	75	30	Паст
Молиявӣ	80	63	Баланд
Сатҳи пасти пардохтнопазиривӣ	68	45	Миёна
Сатҳи пасти чандирии талабот аз нархи маҳсулоти кишоварзӣ	64	34	Миёна
Сатҳи пасти ҷолибияти сармоягузорӣ	70	60	Баланд
Таҳдидҳои экологӣ	60	35	Миёна
Нарасидани кадрҳои соҳибихтисос	65	30	Паст
Ба расмият даровардани дастгирии давлатӣ	70	26	Паст

Таҳияи муаллиф дар асоси ҷамъбасти натиҷаи пурсишномаҳо.

Яъне коршиносон хеле аниқ мушоҳида намуданд ва таҷриба бардоштанд, ки дар солҳои охир ба фаъолияти иқтисодиву хоҷагидории корхонаҳои кишоварзӣ таъсири гармшавии табиат ва умуман дигаргуг шудани ҳавою иқлим нерӯ гирифта истодааст. Хоҷагиҳо вобаста ба ин хароҷоти калони истеҳсолиро доранд, ки на аз ҳаҷми истеҳсолот, яъне васеъ намудани истеҳсолот вобаста аст, балки барои бартараф намудани таъсири манфии табиат (хушксолӣ, селу боронгариҳо, сардиҳои ғайричашмдошт ва ғ.) вобаста аст. Вақте, ки майдони ҳосилро селу борон шуст, кишти дубора ва мувоффиқан ҳароҷот дубора дар мавриди хушксолӣ хароҷоти иловагӣ барои кишти дубораву таъмини обёрии сунъӣ ва ғайра рӯи кор меояд. Илова бар ин, паст шудани ҳосилнокии замин вобаста ба талаф ёфтани гумус ва дигар унсурҳои химиявию биологии заминҳои кишт, эрозия ва ғ. зарари моддиву молиявиро меорад.

Ҳамин тариқ таҳдидҳои табии ва экологӣ дар якҷоягӣ таъсири назарасрро ба амнияти иқтисодӣ корхонаҳои кишоварзи меорад ва барои рӯи кор баровардани дигар таҳдидҳо, пеш аз ҳама таҳдиди молиявӣ, ки ҷои сеюмро ишғол менамояд ва бинобар он сатҳи пасти ҷолибияти сармоягузорӣ ва ғайраҳоро такон мебахшад. Азбаски субъектҳои иқтисодиёти бахши аграрӣ бо сарчашмаҳои дохилии худ ин таҳдидҳоро пешгирӣ карда наметавонанд, бинобар он ба дастгирии давлатӣ ниёз доранд. Аммо, ба расмият даровардани дастгирии давлатӣ низ дар гурӯҳи таҳдидҳои таъсирбахш ворид шудааст. Ба назари коршиносон ин навъи таҳдидҳо дар ҷои чорум қарор гирифтааст. Ангезиши таҳдиҳои нарасидани кадрҳои соҳибихтисос (ҷои 6), сатҳи пасти пардохтнопазирӣ (ҷои 8) ва сатҳи пасти чандирии талабот аз нархи маҳсулоти кишоварзӣ (ҷои 9.) низ таъкид шудааст.

Ба амнияти иқтисоди корхонаҳои кишоварзӣ олмилҳои дохиливу беруна таъсир мерасонанд. Маҷмӯи омилҳои таъсирарасони дохилиро метавон ба чор гурӯҳ тақсим намуд: *технологӣ, кадрӣ, маркетингӣ, инноватсионӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ* [2]. Ҳар як ин гурӯҳи омилҳо нишондиҳандаи худро доранд.

Барои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзӣ баҳодиҳии таъсири омилҳои дохилиро ба бехатарии иқтисодӣ дар асоси нишондиҳандаҳои дар боло нишондодашуда мемонем. Барои муқоисаи арзиши нишондиҳандаҳои миёна ва қимати максималиро дар хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб ҳамчун нишондиҳандаи муқоисави қабул менамоянд.

Дар ҷадвали 2. аз натиҷаҳои баҳодиҳии амнияти иқтисодии даҳ хоҷагиҳои кишоварзии фаъоли шаҳри Кӯлоб дар асоси таҳлилӣ омилҳои дохилӣ оварда шудаанд.

Аз натиҷаи маълумот дар бораи вазъи молиявию иқтисодии истеҳсолкунандагон маҳсулоти кишоварзӣ дар комплекси агросаноатии шаҳри Кӯлоб мавриди санҷиш қарор гирифт.

Ҷадвали 2. Арзёбии амнияти иқтисодии корхонаҳои кишоварзии шаҳри Кӯлоб дар асоси таҳлили омилҳои дохилӣ

Нишондиҳандаҳо	Қиммати миёнаи вилоят	Қиммати максималӣ дар вилоят	Қиммати хоҷагиҳои таҳқиқшаванда	Сатҳи фарқият нисбат ба:	
				қиммати миёна	қиммати максималӣ
Омилҳои технологӣ					
Боздиҳии заминҳои кишоварзӣ, ҳазор сомон/га	48,15	56,15	52,4	1,08	0,93
Боздиҳии фондҳо, сомон.	1,15	1,29	1,20	1,04	0,93
Боздиҳии захираҳои истеҳсолӣ, сомонӣ.	1,20	1,26	1,23	1,02	0,97
Омили кадрӣ					
Ҳосилнокии меҳнат, ҳазор сомон.одам.	66,8	78,4	76,23	1,14	0,97
Музди миёнаи моҳҳонаи меҳнат, сомонӣ	537,29	870,4	710,4	1,32	0,81
Коэффисиенти мукофотдиҳӣ, %	0,11	0,13	0,12	1,09	0,92
Омилҳои маркетингӣ					
Нархи фурӯши ғалладонаҳо, сомонӣ./сентнер	620,1	712,4	811	1,30	1,13
Нархи фурӯши сабзавот, сомонӣ/сентнер	412,3	488	392	0,95	0,80
Нархи фурӯши шир, сомонӣ/сентнер	450	480	460	1,02	0,95
Омилҳои инноватсионӣ					
Коэффитисиенти азнавкунӣ, %	0,77	1,14	0,67	0,87	0,57
Мӯҳлати азнавкунӣ, сол.	7,50	5,5	7,4	0,98	1,34
Коэффисиенти фарсудашавӣ, %	0,29	0,38	0,26	0,89	0,68
Омилҳои молиявӣ					
Сатҳи даромаднокӣ,%	25,3	33,5	32,4	1,28	0,97
Нишондиҳандаи умумии пардохтпазирӣ	0,56	0,66	0,58	103	0,88
Коэффисиенти пардохтапазии қорӣ	1,43	1,52	2,54	1,77	1,67
Омилҳои сармоягузорӣ					
Коэффисиенти сармоягардӣ	1,34	2,21	1,45	1,08	0,65
Коэффисиенти мустақилияти молиявӣ	1,68	1,80	1,77	1,05	0,98
Ба ҳисоби миёна	х	Х	х	0,98	0,95

Таҳияи муаллиф азрӯи ҳисоботи хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Кӯлоб дар соли 2022.

Бояд қайд намуд ки на ҳама нишондиҳандаҳои дар боло тавсияшуда дар ҷадвал инъикос мешаванд, чунки ҳисоботи корхона маълумоти зарури барои натиҷагирии пурраи (ҳамаҷонибаи) омилҳои дохилиро дар бар намегирад. Мо омилҳои асосии технологиро бо натиҷаи ҳосилнокии замин, боздиҳи,фондҳо ва захираҳои истеҳсолӣ муайян кардем. Интихоб ба он монанди дорад, ки натиҷаи истифодаи захираҳои истеҳсолии корхонаҳо ва сарфаи онҳоро технологияи истеҳсолот нишон медиҳад.

Муқоисаи нишондиҳандаҳои, корхона ки барои ба даст овардани бо арзишҳои миёнаи минтақавӣ ва максималӣ, ки мувофиқан ба ҳисоби миёна бо бузургии 1,04 ва 0.94 аз ҳамдигар фарқ менамоянд аз истифодаи самаранокии захираҳо аз ҷониби корхонаҳо шаҳодат медиҳад.

Воқеан хоҷагиҳо то даравҷаи қимати максимали ба ҳисоби миёна дар сатҳи 0,06 паст аст, аммо аз қимати миёна дар сатҳи 0,04 баланд мебошад, ки ин ҳам натиҷаи мусбӣ дар ҷодаи таъмини амнияти иқтисодӣ мебошад.

Омилҳои кадрӣ, ки амнияти иқтисодии корхонаро ташаккул медиҳанд, ҳосинокии меҳнат, музди миёнаи меҳнат ва андозаи мукофотпулиро ифода мекунанд. Баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат нишон медиҳад, ки хоҷагиҳои таҳлилшавада захираҳои меҳнатиро нисбат ба қимати миёна 1,14 баробар зиёдтар самаранок истифода мебаранд, аммо аз қиммати миёна дар сатҳи 0,03 паст мебошад. Пас имконияти аст, ки ин нишондиҳандаро боз ҳам баланд бардоранд. Чунин натиҷаи кор аз он сабаб шуда метавонад,ки музди миёнаи моҳонаи кори коргарон (710,4 сомонӣ) аз сатҳи миёнаи 1,32 маротиба зиёд буда аз сатҳӣ максималӣ ба андозаи 0,19 кам мебошад. Нисфи мукофоти музди меҳнат низ дар ҳамин аҳвол мебошад.

Нархи фуруши ғаладона ва зироатҳои лубиёгӣ, сабзавот ва шир, ки маҳсулоти молӣ барои ин хоҷагиҳои наздишаҳри мебошанд, метавон ҳамчун омилҳои маркетинг муайян намуд. Ин интихоби маҳсулоти кишоварзии барои хоҷагиҳои шаҳри Кӯлоб маҳсулоти асосӣ аст ва беш аз 70 фоизи ҳаҷми истеҳсолти онҳоро ташкил медиҳад.

Дар соҳаи чорводорӣ асосӣ маҳсулот ширу гушт бошад арзёбии омилҳои маркетингӣ нишон медиҳад, ки маҳсулотӣ фуруши ғаладонаҳо нисбат ба дигар корхонаҳои вилоят бо нархи каме баландтар фӯрухта мешавад, нархи фуруши сабзавот ва шир, баръакс аз нархи миёна ва максималӣ арзон фӯрухта мешавад.

Набудани маълумотҳои зарурӣ дар ҳисобот дар бораи вазъиятӣ молиявию иқтисодии хоҷагиҳо имкон намедиҳад, ки тадқиқоти мо пурра гардад, ва нишондиҳандаҳое,ки сифати инноватсиониро нишон медиҳад онҳоро аз ҳисоби ҳисоботи хоҷагӣ ҳисоб ҳисоб кардан мумкин аст, бо коэффисиенти азнавсозӣ, фарсудашавӣ ва муҳлати навсозии фондҳои асосӣ ифода карда мешаванд. Дар хоҷагиҳои таҳқиқшаванда нишондиҳандаҳои ниҳоят пасти ҳолати фондҳо ба чашм мерасад. Хоҷагиҳо бояд минбаъд ба маблағгузориро ба фондҳои асосӣ хеле зиёд кунад, ки ин самараи истеҳсолотро баланд мебардорад.

Омилҳои молиявӣ нишон медиҳанд, ки арзиши нишондиҳандаи умумии пардохтпазирӣ аз арзиши миёна да сатҳи 1,08 банди зиёд аст. аммо аз сатҳи максималӣ ба андозаи 0,12 паст мебошад, таносуби мутлақи пардохтпазирӣ ба хулосае меорад, ки хоҷагиҳо дар давраи таҳқиқшаванда метавонад бо пули нақд қисми зарурии уҳдадориҳоро баргардонанд.

Омилҳои сармоягузориро бо истифода аз нишондиҳандаҳои сармоягардӣ (капитализатсия) ва коэффициенти мустақилияти молиявӣ арзёбӣ намудем. Коэффисиенти сармоягардии хоҷагиҳои таҳқиқшаванда нисбат ба қиммати миёна дар сатҳи 1,08 баланд мебошад, аммо аз сатҳи максималӣ ба андозаи 0,35 паст мебошад. Мустақилияти молиявӣ натиҷаи маблағгузории фаъолиятӣ иқтисодии хоҷагиҳоро инъикос менамояд. Дар натиҷаи таҳлил ва мустақилияти молиявии хоҷагиҳо аён шуд, ки онҳо мисли дигар корхонаҳои вилоят аз кредиторон вобаста аст. Коэффисиенти мустақилияти молиявӣ хоҷагиҳои таҳқиқшаванда аз қиммати миёна ба андозаи 1,05 баланд буда, аммо аз сатҳи максималӣ ба андозаи 0,08 паст мебошад. Умуман, барои хоҷагиҳои таҳқиқшаванда шаҳри Кӯлоб омилҳои дохилӣ, ки ба сатҳи амнияти иқтисодӣ таъсир мерасонанад ба ҳисоби миёна 0,98 -и қиммати миёнаро ташкил дод.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳлили амнияти иқтисодии корхонаи кишоварзӣ, ки дар ҷадвал нишон дода шудаанд, имкон дод, ки сатҳи амнияти онро дар робита бо вазъи кунунии соҳа арзёбӣ кунем, самтҳои мушкилотро муайян ва инкишоф диҳем, маҷмуи тадбирҳои безарар гардондани таҳдидҳои мавҷудаи дохилиро бартараф намоем. Дар хоҷагиҳои таҳқиқшаванда зарур аст, маҷмуи тадбирҳоро ба самтҳои зерин ба амал бароранд: таҳқими системаи ҳавасмандкунии моддии кормандон; нав кардани фондҳои асосӣ; фурухтани шир бо нархи на камтар аз дараҷаи миёнаи минтақа; таъмини мустақилияти молиявӣ ва устувории молиявӣ ва ғ.

1. Рушди устувори соҳаҳои кишоварзӣ бештар дараҷаи амнияти иқтисодии мамлакатро муайян мекунад. Дар вилояти Хатлон дигар соҳаеро ёфтан душвор аст, ки ба иқтисодиёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ин андоза васеъ ва гуногунсоҳа таъсир расонад. Фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон барои таъмини амнияти озуқаворӣ, ба сафарбар

намудани захираҳои дохилӣ барои таъмини кафолатҳои он равона шудааст. Тамсилаи мантиқӣ тағйироти ҳаётӣ тавассути таҳияи стратегияи ислоҳоти иқтисодиёти КАС, рушди устувор, истифодаи меъёрҳои ҳуқуқии муассир ва таъмини сифати зиндагии мардуми деҳотро дар бар гирифтааст. Хусусиятҳои асосии бахши кишоварзии иқтисодиёти минтақа - истифодаи замин ва муҳити табиӣ ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот, вобастагии шароити иқлим ва обу ҳаво, паҳншавии тереторияви истеҳсолот, васеъ истифода бурдани маҳсулоти худи кишоварзӣ дар раванди такрористехсолкунӣ маҳсулот истеҳсол моҳирона истифода мешавад. Тараққиёти соҳаҳои кишоварзии минтақа дараҷаи амниятӣ иқтисодии минтақа ва мамлакатро бештар муайян менамояд.

2. Новобаста аз зиёд шудани иқтисодиёти кишоварзӣ таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ дида мешавад:

- ҳосили на он қадар хуб ва дар баъзе хоҷагиҳо сатҳи пасти ҳосили зироатҳо вобаста ба таҳдидҳои табиию иқлимӣ:
- махсулнокии ноустувор ва пасти чорво ва мурғ (аз ҷумла, кам шудани шир, кам истеҳсол намудани тухм,фоизи пасти парвариши чорво, пастшавии истеҳсоли пашм дар як сол, пастшавии маҳсулнокӣ хошок ва аз меёр зиёд шудани фавти чорво ва ғайра).
- дараҷаи пасти техникӣ-технологӣ дар ҳамаи звеноҳои истеҳсолоти кишоварзӣ (парвариши зироатҳо, фарбеҳ кардант чорво, ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан, кашондан ва ғ).
- нокифоя будани маблағгузорӣ ва навоварӣ дар таҷдиди заинаҳои техникиву технологии истеҳсолти кишоварзӣ;
- сифати пасти захираҳои меҳнатӣ, кадрҳои ихтисосманд, дараҷаи пасти тайёрии касбӣ мутахассисон , ки сабаби дуздӣ, вайроншавӣ, талафоти молу мулк, бемории кормандон ва баъзе дигар таҳдидҳоро дучор шудан;
- сатҳи пасти молиявии аксари корхонаҳои кишоварзӣ: ҳиссаи зиёди қарзҳои кредитӣ, аз ҷумла қарзҳои мугузашта аз руи онҳо; “буҳрони пардохт накардан”
- хароҷоти баланд аз сабаби таҳдидҳои дигар, масалан баландии нархҳо барои сузишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, ки даромади пасти корхонаҳоро боис мегардад;
- муфлисшавӣ дар натиҷаи мавсими истеҳсолот мавҷуд будани камбудиҳои пардохтпазирӣ.

3. Таҳдидҳои молиявӣ дар хоҷагиҳои кишоварзӣ аз ҷиҳати аҳмият ва басомади руйдод дар ҷои дуюм, пас аз амниятӣ табиву иқлимӣ қарор гирифтааст.Таҳдиди дигаре, ки дар корхонаҳои бахши аграрии иқтисодиёти вилоят ба ташвиш меорад.

Нарасидани кадрҳои баландихтисос ва дараҷаи пасти малакаву дониши мутахассисони мавҷудаи соҳа мебошад. Сарфи назар аз дастгирии давлат дар самти тайёр кардани кадрҳо ҳоло ҳам камбудиҳо дида мешавад. Ҳиссаи коргарони соҳаи кишоварзии дорои ихтисосӣ касбӣ олӣ дар солҳои 2015-2022 аз 25 то 15 фоиз кам шудааст.

Илова бар ин солҳои охир қисми зиёди кормандони касбу кори кишоварзӣ ба синни пеш аз нафақа расидаанд аз ҷумла онҳое, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, чорводорӣ зироаткорӣ ва дигар соҳаҳои агросаноатӣ таҷрибаи бой доранд.

АДАБИЁТ

1. Мирсаидов А.Б. Институциональные аспекты оценки национальной экономической безопасности // Таджикистан и современный мир, 2019, № 1, с. 262–269.
2. Мирсаидов А.Б., Раҳимова Қ.О. Тамоюли стратегии рушди комлекси агросаноатӣ ва таъмини амнияти иқтисодиву озуқавории Тоҷикистон. Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон ISSN 2413-5151, 2023. №7, с. 143-153.
3. Мирсаидов А.Б. Файзизода М.С. Вазъи муосири таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон // Иқтисоди Тоҷикистон-2020. - № 4. – С. 149 – 156.
4. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991- 2021 – Сарраёсати Агентии омори назди Президенти ҶумҳурииТоҷикистон дар вилояти Хатлон, с. 255-261.

5. Раҳимова Қ.О. Амнияти миллии ҷумҳурӣ дар баробари омилҳои иқтисодии марказ ва минтақаҳо. Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир» (Кӯлоб, 9-10 июни соли 2023) с. 347-351.

УДК 657.47:336.71

Сабзаева М.С.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГИИ БАҲИСОБГИИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР БОНКҲО

Мақолаи мазкур ба таҳлили баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии баҳисобгирии идоракунӣ, ва масъалаҳои татбиқ намудани ҳисоботи идоракунӣ бахшида шудааст. Мақсади мақола мафҳум ва моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳо, ҷамъоварии маълумот, банақшагирии даромаду хароҷоти бонк, таҳлили амалиётҳои дохилибонкӣ, аз он ҷумла таҳлили сандуқи қарзӣ, баҳогузории хавфҳои бонкӣ, таҳлили натиҷаҳои молиявӣ ва дигар равандҳои идоракунӣ, ки асосии пешрафти рушди устувори фаъолияти бонкҳо ба ҳисоб рафта, донистан ва дуруст тартиб додани он гарави самаранокии фаъолияти молиявии бонк маҳсуб меёбад, мебошад. Инчунин, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар баҳисобгирии идоракунӣ бо истифодаи технологияҳои муосир ва ташкили қарорҳои стратегӣ оид ба фаъолияти бонкҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Вожаҳои калидӣ: баҳисобгирии идоракунӣ, бонк, марказҳои масъулият, буҷет, рақамикунонӣ.

Сабзаева М.С.

ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ УПРАВЛЕНЧЕСКОГО УЧЕТА В БАНКАХ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ

Данная статья посвящена анализу управленческого учета в кредитных организациях, основным целям и задачам управленческого учета, и вопросам внедрения управленческого учета. Целью статьи является раскрытие понятия и сущности управленческого учета в банках, сбора данных, планирования доходов и расходов банка, анализа внутрибанковских операций, включая анализ кредитного портфеля, оценку банковских рисков, анализа финансовых результатов и других управленческих которая считается основой устойчивого развития банковской деятельности, а ее знание и правильное составление являются гарантией эффективности финансовой деятельности банка. Также исследованы внедрение цифровых технологий в управленческий учет с использованием современных технологий и организация принятия стратегических решений в деятельности банков.

Ключевые слова: управленческий учет, банк, центры ответственности, бюджет, цифровизация.

Sabzaeva M.S.

THEORETICAL AND METHODOLOGICAL FOUNDATIONS OF MANAGEMENT ACCOUNTING IN BANKS IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION

This article is devoted to the analysis of management accounting in credit institutions, the main goals and objectives of management accounting, as well as issues of implementation of management

accounting. The purpose of the article is to reveal the concept and essence of management accounting in banks, data collection, planning of bank income and expenses, analysis of intra-bank operations, including loan portfolio analysis, assessment of banking risks, analysis of financial results and other management which is considered the basis for sustainable development of banking activities, and its knowledge and correct preparation are a guarantee of the effectiveness of the bank's financial activities. The introduction of digital technologies in management accounting using high-quality technologies and the organization of strategic decision-making in the activities of banks is also studied.

Key words: management accounting, bank, responsibility centers, budget, digitalization

Гузориши масъала. Баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ яке аз фишангҳои асосии фаъолияти хоҷагидорӣ маҳсуб ёфта, маълумот ва ахбороти самтҳои гуногуни фаъолияти дохилибонкиро дар бар мегирад ва бевосита дар раванди идоракунӣ истифода бурда мешаванд. Баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, даромаду хароҷоти банақшагирифташуда ва воқеан иҷрошуда ва инчунин натиҷаҳои молиявӣ дар мачмуъ дар бонк ва дар бахшҳои он таҳлил карда шавад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашриёт. Тайи солҳои охир дар самти баҳисобгирии идоракунӣ дар бонкҳо олимони хориҷӣ, алалхусус Коренева, О.Н., Хохлова Н.Б., Мынбаева Д.Е. тадқиқотҳои илмӣ анҷом доданд. Дар асарҳояшон мавзуҳои мубрами фаъолияти баҳисобгирии идоракунии ташкилотҳои қарзӣ, алалхусус баҳисобгирии идоракунии даромаднокии бонк, тартиби таҳияи ҳисоботи идоракунӣ ва инчунин мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракуниро дар бонкҳои сатҳи дуюм, ки ба таҳкими устувории вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо равона карда шудааст, пурра ифода намуда, тавонистанд то андозае баҳри баланд бардоштани малакаи кори амалӣ-таҷрибавии мутахассисони ташкилотҳои қарзӣ ҳиссагузор бошанд.

Муҳтавои асосии мавод. Айни замон афзоиши рақобат дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва ватанӣ, рушди босуръати технологияҳо, диверсификатсияи тиҷорат ва мураккаб шудани равандҳои тиҷоратӣ дар идоракунии корхона ва ташкилотҳои тиҷоратӣ боиси зарурати тағйирот дар хизматрасонӣ мегардад. Дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳо нақши муҳим мебозад.

Баҳисобгирии идоракунӣ имкон медиҳад, ки равандҳои иттилоотӣ ва технологӣ, ки ба қабули қарорҳои идоракунӣ равона карда шудаанд, камбудиҳои баҳисобгирии молиявиро сари вақт бартараф намояд. Омӯзиши маълумоти боэътимод дар баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), эътимоднокӣ, устуворӣ ва амнияти дороиҳои ташкилот ба мо имкон медиҳад, ки робитаи байни идоракунӣ ва баҳисобгирии андозро омӯзем ва ба ин васила ба фаъолияти муваффақ ва фоидаовар мусоидат намоем.

Баҳисобгирии идоракунӣ баҳисобгирии муосири истеҳсолӣ ва ҳисоботи идоравӣ буда, муҳосиб фаъолияти ташкилотро аз нигоҳи мақомоти роҳбарикунанда дар асоси ахборот, иттилооти зарурӣ ва пешгӯиҳои молиявӣ анҷом медиҳад. Натиҷаи мусбати фаъолияти корхона аз маълумоти амиқи муҳосиб вобастагии калон дорад.

Бояд қайд намуд, ки баҳисобгирии идоракунӣ маълумоти заруриро танҳо барои истифодабарандагони дохилӣ пешниҳод менамояд.

Мутахассисони америкоӣ Ц. Хорнгрен ва Ҷ. Фостер "...баҳисобгирии идоракуниро ҳамчун раванди муайянкунӣ, андозагирӣ, ҷамъоварӣ, системасозӣ, таҳлил, коркард, тафсир ва интиқоли иттилооте, ки барои идоракунии ҳама гуна объектҳо заруранд, мефаҳманд" [11].

Олими англис К. Дрюри қайд мекунад, ки "...баҳисобгирии идоракунӣ ин тайёр кардани иттилооти зарурӣ барои амалигардонии фаъолияти идоракунӣ ба монанди қабули қарор, банақшагирӣ, назорат ва танзим мебошад" [4].

Баҳисобгирии идоракунӣ дар натиҷаи таҳаввулоти чандинсолаи баҳисобгирии муҳосибӣ ба вуҷуд омада, бо ташабусси Ассотсиатсияи баҳисобгирии муҳосибӣ аввалин барномаи таълимӣ барои мутахассисони баҳисобгирии идоракунӣ таҳия карда шуд ва ба хатмкунандагони тахассуси муҳосиб-таҳлилгар пешниҳод шуда буд.

Таърихи рушди иқтисодӣ нишон медиҳад, ки то солҳои 90-ум баҳисобгирии идоракунӣ ҷузъи баҳисобгирии истеҳсолӣ ва баҳисобгирии истеҳсолӣ қисми сохтори баҳисобгирии ташкили низоми иттилоотии корхонаҳо буд.

Мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ дар сатҳи қонунгузорӣ вуҷуд надорад. Он аксар вақт тавассути ахбороти баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлили иқтисодӣ ва баҳисобгирии амалиётӣ дида мешавад. Иқтисодчиён дар асарҳои худ муносибатҳои муайян кардани моҳияти ҳисоби идоракуниро фарқ мекунанд: ба қавли Соколов Ю.В., Медведев "...ҳисоби идоракунӣ танҳо як қисми ҳисоби истеҳсолот", Вахрушина М.А., Шеремет А.Д. "...зергурӯҳи баҳисобгирии муҳосибӣ", Дусаева Е.М., Карпова Д.М. "...низоми муттаҳидшудаи усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар корхона", Палий В.Ф., Ивашкевич В.Б. "...баҳисобгирии идоракунӣ - як соҳаи нави дониш" [12].

Бояд тазакур дод, ки баҳисобгирии идоракуниро муҳандисон ва технологҳо офаридаанд, аммо шакли муосири худро ба шарофати кори муҳосиб Роберт Энтонӣ гирифтааст. Ин баҳисобгирӣ дар натиҷаи камбудиҳои ҳисоби анъанавӣ ба вучуд омадааст.

Мэй чунин мешуморад, ки ҳисоботи муҳосибӣ барои идора кардани корхона мувофиқ нест, зеро он ба таври доимӣ кӯҳна шуда буд ва аз ин рӯ самаранок нест. Моҳияти баҳисобгирии идоракунӣ ва мақсади он бо формулаи маъруф, яъне "истеҳсоли иттилоот барои идоракунӣ" ифода карда мешавад. Ин дастур барои идоракунӣ муҳим мебошад. Энтонӣ аз такрор кардан хаста намешавад, ки "...менеҷерҳо барои иҷрои вазифаҳои худ ба иттилоот ниёз доранд" [2]. Бо вуҷуди ин, аксари тадқиқотҳо дар ин самт имкон медиҳанд, ки баҳисобгири идоракуниро воҳиди мустақили илмӣ, ҷузъи муҳими фаъолияти корхона ё ташкилот ҳисоб намоем.

Дар айни замон моделҳои анъанавӣ ва низомҳои баҳисобгирии назариявии идоракунӣ назаррас мебошад, ки ба интихоби иттилоотии истифодабарандагони дохилӣ нигаронида шудаанд. Дар ин асно тамоюлҳои зерин рушд меёбанд: истифода бурдани имкониятҳо ҷиҳати ба низоми СБҲМ (Стандартҳои байналмиллали ҳисоботи молиявӣ) наздик кардани баҳисобгирии идоракунӣ; истифодаи равандҳои буҷетӣ ва имкониятҳои автоматикунонӣ дар назарияи баҳисобгирии идоракунӣ; ташаккули низоми назорати дохилӣ ва аудит дар асоси самти муайянкунии хавфҳо бо истифодаи элементҳои буҷетсозӣ; таҳияи тавсияҳои методӣ вобаста ба баҳогузории самаранокӣ ва муносиби низоми назорати дохилӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, зеро ки чизеро, ки чен карда мешавад, идора кардан мумкин аст. Барои самаранок идора кардан бошад, чизеро, ки чен карда мешавад, ҳатман бояд назорат кард [3].

Дар соҳаи баҳисобгирии идоракунӣ маълумоти зарурӣ танҳо барои истифодабарандагони дохилӣ омода ва пешниҳод карда мешавад. Сохтани ҳисоботҳои берунӣ ба ҳисоботи молиявӣ тааллуқ дошта, қатъиян тобеи принсипҳои стандартӣ мебошанд, сохтани ҳисоботҳои идоракунӣ бошанд, баҳисобгирии ками стандартиро дорад.

Баҳисобгирии идоракунӣ дар ташкилотҳои қарзӣ низоми ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди маълумот дар бораи фаъолияти бонк, барои қабули қарорҳо аз ҷониби сатҳи роҳбарикунанда мебошад. Ба шарофати ташкил ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлили вазъи молиявию иқтисодии бонк, тақсимоти захираҳо, самаранокии хароҷот, беҳтар кардани нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявии бонк имконпазир мегардад [8].

Бояд қайд кард, ки мақсади бонкҳои тиҷоратӣ ба ҳадди аксар расонидани фоида аст, яъне зиёд намудани даромад ва кам кардани хароҷот бе талафоти сифат. Вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ объектҳои баҳисобгирии идоракунӣ марказҳои фурӯши маҳсулоти бонкҳо (қарзҳо, пасандозҳо, кортҳои бонкӣ), ҳисоббаробаркуниҳо (хазинавӣ, амалиёти асъорӣ), марказҳои ҳисоботи молиявӣ мебошанд. Инчунин, бонкҳои тиҷоратӣ дар бораи гардиши пули нақд, қарзи кредиторӣ ва дебиторӣ, базаи мизоҷон, яъне маблағи дар суратҳисобҳои онҳо буда маълумот ҷамъ намуда, фаъолияти муштариён, филиалҳо, инчунин амалиёти анҷомдодаи хоҷагидориро таҳлил менамоянд.

М.А. Вахрушина "...мафҳуми чаҳор намуди масъулият: маркази хароҷот, маркази даромад, маркази фоида ва маркази сармоягузориро пешниҳод менамояд, ки ҳар яки онҳо масъулиятҳои гуногунро дар бар мегиранд, аз он ҷумла м**аркази хароҷот** воҳиди сохтории

корхона мебошад, ки банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолиро бо мақсади назорат ва идоракунии хароҷоти захираҳои истеҳсолӣ, инчунин баҳодиҳии истифодаи онҳо ташкил мекунад, м**аркази даромад** бошад барои тавлиди даромад масъул аст, м**аркази фоида** ҳам барои даромад ва ҳам барои хароҷот масъул буда, натиҷаи ниҳоии марказро нишон медиҳад, **маркази сармоягузорӣ бошад,** даромаду хароҷоти корхона ва самаранокии истифодаи маблағҳои ба онҳо вогузошташударо назорат мекунанд" [1].

Дар ташкилотҳои қарзӣ **марказҳои хароҷот:** шуъбаҳои кадрҳо, ҳуқуқ, хадамоти амният, нақлиёт, инчунин шуъбаҳое мебошанд, ки аз ҳисоби аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ маблағ ҷалб мекунанд, яъне шуъбаҳои кортҳои пардохтӣ, амонатҳои давлатӣ, пули нақд ва ғ. М**арказҳои даромад:** шуъбаҳои чойгиркунии маблағҳо, яъне қарздиҳӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, коғазҳои қиматнок ва муомилоти асъор ва **марказҳои фоида** метавонанд филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ бошанд.

Барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ низоми баҳисобгирии идоракунӣ метавонад буҷетсозиро ҳамчун воситаи асосии банақшагирии молиявӣ истифода барад, ки он ба бонкҳо имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар асоси омӯзиши захираҳои мавҷуда ва интихоби варианти муносиби истифодаи онҳо ба нақша гиранд.

Ба қавли А.В. Колесникова "...татбиқи системаи буҷетӣ марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: ташкили сохтори молиявӣ; ташаккули нақшаи буҷетӣ, яъне муайян намудани намудҳои зарурии буҷетҳо ва ҳамкории байни онҳо; таҳияи шаклҳои буҷет, яъне муайян кардани шакл ва мазмуни ҳар як буҷет; таҳияи шаклҳои назорати буҷетӣ, яъне муқоисаи нишондиҳандаҳои пешбинишуда ва амалӣ ва таҳлили тағйироти онҳо" [5].

Бояд тазаккур дод, ки буҷети бонк- ин силсилаи меъёрҳо аз рӯйи ҳамаи самтҳои даромад ва хароҷот фаҳмида мешавад. Таҳияи буҷет дар бонк мавқеи асосиро ишғол менамояд. Бо мақсади таъмин намудани фаъолияти мунтазам ва инчунин ноил гаштан ба натиҷаҳои беҳтарини молиявӣ бонҳо бо ёрии раванди буҷетсозӣ даромад ва хароҷоти худро ба ҳаҷми самаранокии амалиётҳои баанҷомрасида мувофиқ кунонида, пардохтҳои андозӣ ва хориҷкунии ҳатмиро камтар намуда, ҳадди ақали маржаи амалиётиро дар давраи оянда муайян менамоянд [9].

Ба воситаи пешгӯии дурусти молиявӣ бонкҳо метавонанд, ки ҳаҷми фоида ва зарари худро таҳлил намуда, хароҷоти зиёдатиро камтар намуда, ба ин васила хавфи бонкиро аз муфлисшавӣ нигоҳ доранд. Давраи буҷет дар бонк 1 сол маҳсуб ёфта, нишондиҳандаҳо ба 4 чорьяк тақсим карда мешаванд. Раванди буҷетсозӣ дар бонкҳо дар асоси дастурҳои мақомотҳои идоракунии бонк, пешгӯии нишондиҳандаҳои фоиданокии молиявии бонк тартиб дода шуда, дар алоҳидагӣ ба зерсохторҳои тобеӣ, яъне филиалҳои бонк бо нишон додани даврaҳои сол ва намудҳои маҳсулотҳои бонкӣ таҳия мегардад.

Бонкҳо ҳангоми таҳияи буҷет (пешгӯии молиявӣ) аз ҳама маълумотҳои бонкӣ истифода мебаранд, аз он ҷумла:

- тавозуни пешакии бонк (бо маълумотҳои ҳисоботии воқеӣ);
- тарофаҳо барои хизматрасонӣ ба мизоҷони бонкҳо;
- ҳуҷҷатҳои дохилинизомии бонк, ки сиёсати фоизии бонкро муайян менамоянд;
- низомномаҳои дохилинизомӣ, ки тартиби гузаронидани амалиётҳои алоҳидаи бонкиро ба низом медароранд (аз рӯйи қарзҳо, амонатҳо, интиқоли маблағ ва ғайра);
- ҷадвали бастии воҳидҳои сохтории бонк;
- маълумот оид ба хароҷотҳои асосии ҷорӣ ва нақшавӣ, ки маблағгузории заруриро барои соли пешгӯишаванда дар бар мегирад.
- Дар рафти буҷетсозӣ ба сиёсати тарофавӣ, фоизӣ ва кредитии бонк диққати махсус дода мешавад. Бахусус нишондиҳандаҳои ин ҳуҷҷатҳои дохилинизомӣ ва ҳаҷми нақшаҳои мудириятҳои фронт-офисро бо мизоҷон (мудириятҳои амалиётии бонкҳо, ки бо мизоҷони бонк кор мебаранд) ба ҳисоб гирифта, бандҳои даромад ва хароҷоти буҷет ба нақша гирифта мешавад:
- даромади фоизии соф (даромади фоизӣ тарҳи хароҷоти фоизӣ);
- даромад аз амалиётҳои хазинавӣ-ҳисоббаробаркунӣ;

· даромад аз амалиётҳои интиқолӣ;

· даромади соф аз амалиётҳои асъорӣ (даромад аз хариду фурӯши асъори хориҷӣ тарҳи хароҷот хариду фурӯши асъори хориҷӣ);

· дигар даромадҳои комиссионӣ;

· даромад аз барқароркунии фонди пӯшонидани талафотҳои имконпазир аз рӯйи қарзҳо.

Яке аз равандҳои дигари идоракунӣ дар бонкҳо фаъолияти **таҳлилӣ** маҳсуб ёфта, ин раванди тақсим намудани як объект ё амал ба якчанд қисматҳо ва минбаъд таносуб додани онҳо ба якдигар, бо мақсади беҳтар омӯхтани сохтор, хусусият, рафтор ва ғайраҳо мебошад.

Таҳлил яке аз усулҳои самараноктарини омӯзиш ба ҳисоб рафта, барои хубтар дарк кардани ҳолати мавҷуда ва қабули қарор истифода бурда мешавад. Вазифаи асосии таҳлил ин беҳтар намудани фаъолияти бонк мебошад. Фаъолияти таҳлилӣ ба нақшагирии молиявии муҳосибот ва ба амалиёти муҳосибавӣ таъсир мерасонанд. Бонкҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин: дороиҳо, уҳдадориҳо, пардохтпазирӣ, даромаднокӣ, фаъолияти корӣ, шиддати пулӣ, нархи бозорӣ таҳлили молиявӣ гузаронида, ҳолати молиявии бонкро баҳогузорӣ менамоянд ва эҳтимолияти муфлисшавии бонкро пешгӯӣ намуда, тавсияҳои худро пешниҳод менамоянд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили фаъолияти бонкӣ аз **маълумотҳои беруна** (*вазъи иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, қурби асъор, нархи амвол ва қоғазҳои қиматнок, нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии дигар*) ва **маълумотҳои дохилибонкӣ** (*маълумотҳои муҳосибӣ ва идоракунӣ: тавозуни бонк, сандуқи депозитӣ, сандуқи қарзӣ, ҳисоботҳои кортҳои пардохтӣ, интиқолҳои пулӣ, ҳисоботҳои амалиётӣ, маълумотҳои сохторҳои дахлдор*) истифода бурда мешавад.

Нишондиҳандаҳои таҳлилӣ тавассути ченакҳои махсус баҳогузорӣ карда карда мешаванд, аз ҷумла:

1. Даромаднокӣ (даромад / дороиҳо);
2. Фоиданокӣ (фоидаи соф / хароҷотҳо);
3. Фоиданокии сармоя (Фоидаи соф / сармоя);
4. Фоиданокии дороиҳо (Фоидаи соф / дороиҳо);
5. CIR (Хароҷотҳои амалиётӣ/даромади софи амалиётӣ);
6. Пӯё (тамоил ё худ тренд);
7. Баҳогузорӣ;
8. Сарборӣ;
9. Нуқтаи безарар.

CIR яке аз нишондиҳандаи самаранокии раванди тиҷорат маҳсуб ёфта, муносибати хароҷоти амалиётиро нисбати фоидаи амалиётӣ дар давраи ҳисоботӣ нишон медиҳад ва бо фоиз ифода карда мешавад. Агар меъёри нишондиҳандаи мазкур аз 100% зиёд бошад, фаъолияти бонк зараровар баҳо дода мешавад. Барои бонк нишондиҳандаи мазкур бояд дар доираи 50% бошад.

Бонкҳо дурнамои молиявиро барои солҳои минбаъда барои мақсадҳои стратегӣ ва вазифаҳои худ, аз он ҷумла барои ноил шудан ба натиҷаҳои молиявии дилхоҳ, яъне зиёд намудани маҳсулотҳои қарзӣ ва депозитӣ ва инчунин дигар хизматрасониҳо пешбинӣ намуда, ба ин васила шумораи шабакаҳои хизматрасониро зиёд ва сатҳи рақобатпазирии худро ҷиҳати ҷалб намудани мизоҷон ва маблағҳои пулӣ пурзӯр менамоянд.

Дигар раванди идоракунӣ дар бонкҳо ин **раванди баҳогузорӣ**, алалхусус баҳогузории хавфҳои бонкӣ маҳсуб меёбад. Мақсади асосии баҳогузории хавфҳо ин зоҳир намудани мутобиқии натиҷаҳои корҳои муайяни ташкилоти қарзӣ ба шароитҳои бозори ҷорӣ мебошад. Барои ин бисъёртар усули истифодабарии таҳлилии сандуқи қарзӣ ва инчунин нишондиҳандаҳои асосии молиявӣ истифода бурда мешавад. Ин имконияти фаъолияти бонк ва инчунин самти асосии фаъолияти кориро инъикос менамояд. Ғайр аз ин, баҳогузорӣ барои муайян намудани дараҷаи хавфи қарзӣ мусоидат менамояд. Баҳогузории дурусти арзиши хавфҳо ба бонк имконият медиҳад, ки ҳаҷми зарарро муайян намуда, роҳҳои ихтисор намудани онро пешбинӣ намоянд. Баҳогузории дурусти хавфҳои бонкӣ барои рушд устувори фаъолияти бонкӣ

аввалиндараҷа мебошад, натиҷаҳои баҳогузории нодуруст бошад барои қабул намудани амалҳои зарурӣ ғайриимкон мегарданд, ки оқибатҳои он зарарҳои калон ва дар интиҳо ба муфлисшавӣ оварда мерасонад.

Таҳлили хавфҳои бонкӣ ин андозаи баҳогузорӣ мебошад, ки ба мақсади паст намудани зарарҳо ва зиёд намудани даромаднокии бонк равона гардидааст. Усулҳои истифодашавандаи таҳлил қобилияти иҷро намудани уҳдадориҳои қарзии мизоҷро баҳогузорӣ менамоянд [10]. Таҳлили дурусти хавфҳо имконият медиҳад, ки талафоти имконпазирро аз рӯйи сандуқи қарзӣ, андозаи захираҳои ҳатмии бонкӣ, таснифнамоии қарздории дебиторҳо аз рӯйи ҳаҷми хавф пешгирӣ карда шавад. Идоракунии дурусти хавфҳои молиявӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Дар ин ҷанбаъ интихоби стратегияи муносиб аҳамияти муҳим дорад.

Мақсади асосии идоракунии хавфҳои бонкӣ кам кардан ё ин ки маҳдуд намудани пайдоиши имкониятҳои талафотҳои молиявӣ мебошад. Барои ин мунтазам чорабиниҳои махсус гузаронида шуда, диққати бисъёр ба масъалаҳои идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, назорати меъёрҳои муқарраргардида ва ҳисоботҳо дода мешавад.

Баҳисобгирии муосири идоракунӣ ба оянда нигаронида шуда, ба интизориҳои муштарӣ асос ёфта, ҳамаҷониба бо назардошти таъсири беруна ба корхона сохта шуда, асоси банақшагирии стратегии фаъолияти ояндаи бонкро ташкил медиҳад. Таҳия ва татбиқи қарорҳои муассири идоракунӣ ҳамчун як шарти асосии рақобатпазирӣ дар бозор ва татбиқи сиёсати дақиқи ташаккулёфтаи кадрҳо хизмат мекунад.

Мақсади истифодаи баҳисобгирии идоракунӣ таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти корхона буда, мавқеи он дар бонк хеле назаррас аст. Дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии идоракунӣ, ки яке аз самтҳои асосии он банақшагирӣ ва пешгӯии фаъолияти хоҷагидорӣ-молиявӣ мебошад, барои нуфузу эътибор ва рушди ояндаи бонк муҳим мебошад. Ҷорӣ намудани низоми ҳисоби идоракунӣ барои арзёбии дурнамои имкониятҳои пайдошаванда иттилооти таҳлилӣ тавлид намуда, механизмҳои зарурии мониторинги иҷрои қарорҳои қабулшударо фароҳам меорад. Инчунин, афзоиши босуръати технология ва пайдоиши технологияи нав, такмил додани методологияи баҳисобгирии идоракунӣ ва ташаккули муносибатҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок, татбиқи онро дар амал талаб менамояд. Омӯхтани баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун категорияи мустақил, ҷудокунии ниҳоии он аз баҳисобгирии муҳосибӣ аҳамияти калон дорад.

Мушкилоти муосири таҳқиқоти муосири системаи идоракунӣ дар амалияи фаъолияти ташкилотҳо, гарчанде ки онҳо барои илми иқтисодӣ нисбатан нав мебошанд, дар адабиёти илмӣ ба таври васеъ ифшо карда мешаванд. Тадқиқоти асосии ин масъала, пеш аз ҳама ба олимон, Вахрушева О.Б., Карпова Т.П., Шароватова Е.А мутаалиқанд [7].

Бояд қайд кард, ки хусусиятҳои вазъи кунунии таҳқиқот оид ба таъсири баҳисобгирии технологияҳо дар соҳаи таҳлил ва коркарди технологияҳои амалии техникӣ дар соҳаи таҳлили корхонаҳо, ки тафсилоти таҳқиқотро дар ин самт тақозо мекунад, вобаста аст. Марҳилаи кунунӣ дар рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ бо як амали васеи технологияҳои рақамӣ тавсиф меёбад. Рақамикунонии иқтисод дар соҳаи истеҳсолот технологияҳои навтарин, тарзи пешбурди тиҷорат, инчунин талаботро ба ташкили раванди баҳисобгирӣ тағйир медиҳанд. Рушди интернет ва дигар технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ амалияи тиҷоратиро дар муносибат бо таъминкунандагон, истеъмолкунандагон, дигар ширкатҳо ва муассисаҳои молиявӣ, мақомоти давлатӣ ва инчунин минтақаҳои истифодаи захираҳои рақамӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва идоракунӣ дигаргун менамояд.

Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ба амалияи шароити замонавӣ дар баланд бардоштани самаранокии ҷараёни иттилоот ва тавсеаи назарраси воситаҳои таҳлилӣ, ки дар раванди идоракунӣ истифода мешаванд, ба таври назаррас мусоидат мекунад. Дар навбати худ, имкон медиҳад, ки коркарди маълумоти калон стратегияҳои мураккаб ва гуногунҷанба фароҳам оварад. Рақамикунонӣ ба амалияи баҳисобгирии идоракунии бонкҳо, низ таъсири беандоза мерасонад, зеро истифодаи дастгоҳҳои нави таҳлилӣ ҳисобҳо ва барномаҳои таҳлилиро содда менамоянд ва инчунин имкон медиҳад, ки рушди стратегии бонк такмил дода шавад.

Ҳамин тариқ, ҷорӣ ва ба роҳ мондани баҳисобгирии идоракунӣ ва рақамикунонӣ дар шароити муосир ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки фаъолияташонро самараноктар намуда, ба нишондиҳандаҳои беҳтарини молиявӣ, фаъолияти дарозмуддат ва рушди устувор, ки ба таҳкими вазифаҳои бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамоянд, ноил гарданд.

АДАБИЁТ

1. Бухгалтерский управленческий учет: учеб. для студентов вузов, обучающихся по экономическим специальностям / М.А. Вахрушина. – 9-е изд., стер. – М.: Издательство «Омега-Л», 2011.
2. В.Т. Чая., Н.И. Чупахина. // Этапы развития управленческого учета. Экономический анализ: Теория и практика .21-(102) 2007. Журнал экономических исследовний. Том 3. №4. 2017.
3. Величковский А.В. // Неопределенность и риск при оценке активов в бухгалтерской отчётности в соответствии с МСФО. Международный бухгалтерский учёт. 2014. №9. С. 19-31.
4. Друри К. Управленческий и производственный учет // Шестое издание. Учебник. Перевод с английского. Москва 2012.
5. Колесникова А.В. Бюджетирование как средство реализации банковских стратегий // Банковское дело. – 2009. №10, стр. 50-52.
6. Кравченко В.А., Шерстюк О.Д. // Особенности современного управленческого учета.
7. Лабынцев Н.Т., Чухрова О.В. Развитие управленческого учета в условиях цифровой экономики (научная статья).
8. Сабзаева М.С. Баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳо, Васоити таълимӣ, КВД “Матбаа”- 2024.
9. Сабзаева М.С. Бонк ва бонкдор, Васоити таълимӣ, ҶСК “Матбуот”- 2019.
10. Сабзаева М.С. “Методологии баҳисобгиирии идоракунӣ дар бонкҳо дар шароити рақамикунонӣ” // Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон, магистрантону докторантон ва донишҷӯён бахшида ба «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидани солҳои 2025-2030, «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон шудани соли 2025 ва 34-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // (21-26 апрели соли 2025) – Душанбе, 2025.- 136 саҳ. Саҳ 10-14.
11. Ч.Т.Хорнгрен, Дж.Фостер. // Бухгалтерский учет: Управленческий аспект. Москва “Финансы и статистика” 2003. стр 8.
12. Экономическая сущность управленческого учета, его содержание и назначение //[Электронный ресурс]. URL: http://cde.osu.ru/demoversion/course180/html/glava1_1.html.

УДК 336.14

Саёраева Р.Ш.

НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола назорати давлатии молиявӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф мушкилоти ҷойдоштаро оид ба пешрафт ва рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва ошкор намуда, шароиту имкониятҳои ҳалли онҳоро дар шакли хулосабарорӣ ва пешниҳодҳо таҳия кардааст. Муҳаққиқ нахуст мазмуни назорати давлатии молиявиро оварда, қайд менамояд, ки назорати давлатии молиявӣ назорате мебошад, ки аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ бо мақсади қонунӣ будани амалҳо дар рафти ҷамъоварӣ, тақсимот ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулии давлатӣ ва маҳалӣ бо мақсади татбиқи сиёсати босамари молиявӣ дар ҷомеа ва таъмини ҳуқуқу озодии шаҳрвандон гузаронида мешавад.

Баъдан, дар қисмати таҳлилии таҳқиқот, яъне дар расми 1. – роҳҳо оиди фаҳмиши назорати давлатии молиявӣ, расми 2. – методологияи аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расми 3. – таснифоти намудҳои назорати давлатии молиявӣ таҳия гардидаанд. Дар мақола нуқтаи назари иқтисодчиён – мутахассисони ватанию хориҷӣ омӯхта шуда, дар натиҷа хулосаҳои зарурӣ бароварда шудааст. Ҳамин тавр, дар ҷамъбасти таҳқиқот пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати рушди назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидаанд, ки ҳолатҳои зеринро дар бар мегиранд: коркард ва истифодаи консепсияи умумиқабулкардашудаи назорати давлатии молиявӣ, банизомдарории назорат, устувории амали мутақобилаи байни мақомотҳои назоратӣ, ҳамкории зич байни мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ, таъмини мустақилияти амалии хадамоти аудити дохилӣ ҳамчун субъектҳои назорати давлатии молиявӣ, рушди IT-аудит дар бахши аудити мустақили давлатӣ.

Калидвожаҳо: назорати давлатии молиявӣ, аудити давлатӣ, инноватсия, самаранокӣ, аудити дохилӣ, воситаҳои буҷетӣ, методология, баҳодиҳӣ, иқтисоди рақамӣ, мустақилият, қонуният, ҳисобот, назорати дохилӣ, зарари молиявӣ.

Саёраева Р.Ш.

ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ФИНАНСОВЫЙ КОНТРОЛЬ И ЕГО РАЗВИТИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассматривается государственный финансовый контроль. Автором выявлены и раскрыты имеющиеся проблемы в развитии государственного финансового контроля в Республике Таджикистан, а также разработаны условия и возможности их решения в виде выводов и предложений. Исследователь впервые раскрывает содержание государственного финансового контроля, отмечая, что государственный финансовый контроль – это контроль, осуществляемый уполномоченными государственными органами в целях обеспечения законности действий в процессе сбора, распределения и использования государственных и местных денежных средств в целях реализации эффективной финансовой политики в обществе, обеспечения прав и свобод граждан. Затем в аналитической части исследования, а именно на рисунке 1. – способы понимания государственного финансового контроля, на рисунке 2. – методология аудита Счетной палаты Республики Таджикистан и на рисунке 3. – разработана классификация видов государственного финансового контроля. В статье рассматриваются точки зрения экономистов — специалистов отечественных и зарубежных и делаются необходимые выводы. Таким образом, в заключение исследования разработаны авторские предложения по развитию государственного финансового контроля в Республике Таджикистан, которые включают в себя следующее: разработка и использование общепринятой концепции государственного финансового контроля, регламентация контроля, стабильность взаимодействия органов контроля, тесное сотрудничество органов государственного финансового контроля и служб внутреннего аудита организаций государственного сектора, обеспечение практической независимости служб внутреннего аудита как субъектов государственного финансового контроля, развитие IT-аудита в секторе независимого государственного аудита.

Ключевые слова: государственный финансовый контроль, государственный аудит, инновации, эффективность, внутренний аудит, бюджетные средства, методология, оценка, цифровая экономика, независимость, законность, отчетность, внутренний контроль, финансовые убытки.

Sayoraeva R.Sh.

STATE FINANCIAL CONTROL AND ITS DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers state financial control. The author identified and disclosed the existing problems in the development of state financial control in the Republic of Tajikistan, and also developed the conditions and possibilities for their solution in the form of conclusions and proposals. The researcher for the first time reveals the content of state financial control, noting that state financial control is a control carried out by authorized state bodies in order to ensure the legality of actions in the process of collecting, distributing and using state and local funds in order to implement effective financial policy in society, ensuring the rights and freedoms of citizens. Then, in the analytical part of the study, namely in Figure 1. - ways of understanding state financial control, in Figure 2. - audit methodology of the Accounts Chamber of the Republic of Tajikistan and in Figure 3. - a classification of types of state financial control is developed. The article considers the points of view of economists - domestic and foreign specialists and makes the necessary conclusions. Thus, in conclusion of the study, the author's proposals for the development of state financial control in the Republic of Tajikistan have been developed, which include the following: development and use of a generally accepted concept of state financial control, regulation of control, stability of interaction between control bodies, close cooperation between state financial control bodies and internal audit services of public sector organizations, ensuring the practical independence of internal audit services as subjects of state financial control, development of IT audit in the sector of independent state audit.

Key words: state financial control, state audit, innovation, efficiency, internal audit, budget funds, methodology, assessment, digital economy, independence, legality, reporting, internal control, financial losses.

Назорати давлатии молиявӣ ин назорате мебошад, ки аз тарафи мақомотҳои салоҳиятдори давлатӣ бо мақсади қонунӣ будани амалҳо дар рафти андухти воситаҳои марказонидашуда ва ғайримарказонидашуда, ки истифодабарандагони воситаҳои буҷетӣ маҳсуб меёбанд ба роҳ монда мешавад. Назорати давлатии молиявӣ ба манфиати доираи васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳандозӣ гардида, мақсади он арзёбии татбиқи сиёсати молиявии давлат мебошад.

Назорати давлатии молиявӣ низоме мебошад, ки аз унсурҳои сершумор таркиб ёфтааст, ки муҳимтарин таркибдиҳандагони низоми мазкур мақоми олии аудити берунаи мустақили давлатӣ, ва мақоми олии назорати давлатии молиявӣ мебошанд. Самти бартаридоштаи татбиқи чораҳои назоратӣ – санҷишӣ, таҳлиию ташхисӣ ва арзёбию муқоисакунии назорати давлатии молиявӣ иҷрои пурра ва саривақтии вазифаҳои ташкилотҳои буҷетию давлатӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки ҳадафи ниҳоии назорати давлатии молиявӣ аз муайян намудани дараҷаи истифодаи мақсадноку самаранок, риояи меъёрҳои қонунгузории соҳаи молия, дақиқии амалиётҳои молиявию хоҷагидорӣ, ошкор намудани шароиту имкониятҳои ғанигардонии воситаҳои буҷети давлатӣ иборат мебошад.

Фаъолияти мақомотҳои давлатии назоратӣ бояд ба самти санҷиши иҷроиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама қонунҳои давлат ва фармонҳои Президент, ҳадафнок истифода бурдани воситаҳо, натиҷанок будани фаъолияти ташкилотҳои буҷетию давлатӣ ва дар ниҳоят, идоракунии тамоми намудҳои захираҳои иқтисодӣ равона гардад.

Иқтисодчии ватанӣ Давлатзода Д.А. дар яке аз таълифотҳои илмии худ оид ба самаранокии санҷишҳои аудиторӣ чунин нуқтаи назар дорад: «санҷиш босамар дониста мешавад, агар бо харҷи ками захираҳои пулӣ ва меҳнатӣ дар он натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шавад» [2, с. 234].

Таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ ва маводи таълимӣ нишон дод, ки оид ба фаҳмиши назоратии давлатии молиявӣ нуқтаи назари муаллифон гуногун аст. Лекин, ибораҳои калидии мафҳумҳои пешниҳоднамудаи онҳо нисбатан фарқкунанда мебошанд.

Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, маҷмӯи фаҳмишҳои пешниҳодшударо ба чор қисмат ҷудо намудем (ниг. ба расми 1).



Расми 1. – Роҳҳо оиди фаҳмиши назорати давлатии молиявӣ

Сарчашма: Муаллиф дар асоси адабиёти [1] таҳия кардааст.

Матни дар расми 1 ба низом даровардашуда нишон медиҳад, ки ибораҳои калидии дар фаҳмишҳои назорати давлатии молиявӣ истифодашуда ба муқарраоти санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ки мазмуни назорати давлатии молиявро муайян кардаанд наздик мебошанд ва тафсири онҳо низ шуда метавонанд. Бинобар ин, таърифҳои муаллифони сатҳи назария ва амалияи соҳа қобили қабул мебошанд.

Методологияи санҷишҳои Палатаи ҳисоб ҷузъҳоеро дар бар мегиранд, ки асосҳои ташкил, баргузорӣ ва ҷамъбасту хулосабарории чорабиниҳои аудитириро фаро мегиранд (Ниг. ба расми 2).



Расми 2. – Методологияи аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [3, с. 6].

Аз пайдарпайии мантиқии унсурҳои шакли кутоҳкардашудаи методологияи аудити Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дида мешавад, ки мақоми олии аудити берунаи мустақили давлатӣ дар асоси низоми комили чорабиниҳои санҷишию назоратӣ ва таҳлилию ташхисӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

Назорати давлатии молиявӣ дар як намуд ва ё шакл татбиқ намегардад, аз ин рӯ, он вобаста ба шароиту зарурати амалӣ дар намудҳои гуногун роҳандозӣ мегардад (Ниг. ба расми 3.).

Маълумоти расми 3 бар меояд, ки назорати давлатии молиявӣ вобаста ба аломатҳои гуногун гуруҳбандӣ мешаванд. Гуруҳбандии пешниҳодшуда натиҷаи зарурати амалӣ буда, аксари онҳо дар натиҷаи ғанӣ гардидани таҷрибаи мақоми назорати давлатии молиявӣ пайдо гардидаанд.



Расми 3. – Гуруҳбандии намудҳои назорати давлатии молиявӣ.

Сарчашма: Муаллиф дар асоси адабиёти [8, с. 11] таҳия кардааст.

Дар декларатсияи Лимагии соли 1977 принсипҳои асосии назорати давлатии молиявӣ коркард шудаанд, ки риояи онҳо имконият медиҳад, то самаранокии назорати давлатии молиявӣ таъмин карда шавад. Принсипҳои мазкур инҳо мебошанд [7, с.21]:

Принсипи мустақилият. Субъектҳои назорати давлатии молиявӣ бояд нисбат ба роҳбарони ташкилотҳои буҷетию давлатӣ, ки объектҳои назоратӣ маҳсуб меёбанд, бояд новобаста бошанд ва мавқеи устувори мустақилӣ дошта бошанд. Инчунин мақомоти назорати молиявӣ ҳуқуқ дорад ба таври мустақилона предмети назоратшаванда, методҳои назоратӣ, инчунин мазмун ва шаклҳои ҳисоботҳоро мустақилона муайян намояд.

Принсипи ошкоро. Натиҷаҳои назорати давлатии молиявӣ бояд барои доираи васеи истифодабарандагон дастрас бошад. Воқеан дастрасии маълумот оиди натиҷаи назорати давлатии молиявӣ бо ду роҳ таъмин карда мешавад: а) пешниҳоди ҳисоботҳои солона ва давравӣ ба роҳбари мақомоти олии назорати молиявӣ; б) нашри натиҷаи назорати давлатии молиявӣ дар васоити ахбори омма ва сомонаи мақомотти назорати давлатии молиявӣ. Дар амалияи фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ баъзе аз натиҷаҳои санҷиш имконияти ба таври фаврӣ ошкоршавиро надоранд, аз ҷумла натиҷаи санҷише, ки бо мақсади ошкоркунии шахсони гунаҳкор ва муҷозоткунии онҳо дар таҳқиқоти минбаъдаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ қарор дорад.

Принсипи қонуният. Фаъолияти мақомоти назорати давлатии молиявӣ бояд ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакат мувофиқат намояд. Инчунин дар муносибат ба субъектҳои назоратшаванда набояд талабот ва принсипҳои санаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда мади назар карда шавад.

Принсипи воқеият. Принсипи мазкур ба он асос меёбад, ки бояд ягонагии маълумоти дар рафти назорат ба даст овардашуда ва натиҷаҳо аз он таъмин карда шавад. Маълумоти рақамии аз назорати давлатии молиявӣ ба даст овардашуда бояд дақиқ, муқоисашаванда ва эътимоднок бошад. Мутахассисони назораткунанда бояд чорабиниҳои назоратию санҷиширо воқеъона ба роҳ монанд.

Принсипи ҷавобгарӣ. Ин принсип ҷавобгарии назоратчиёни мақомоти назорати давлатии молиявӣ, назоратшавандагон ва шахсони сеюмро дар назар дорад.

Принсипи баробарӣ. Барои муайян намудани уҳдадориҳои субъекти назорат бояд ҳуқуқ ва имкониятҳо муайян карда шаванд.

Принсипи низомнокӣ. Принсипи мазкур низомнокии фаъолияти мақомотҳои назорати молиявиро дар бар мегирад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда дақиқ гардид, ки назорати дохилӣ вазифаҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

1.Таъмини риояи қонунгузориҳои амалкунанда;

2.Риояи сиёсати (стратегияи) корҳбарияти муассиса, иҷрои ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ;

3.Таъмини самаранокии банақшагирии фаъолияти молиявӣ-иқтисодӣ;

4.Таъмини дурустии пешбурди баҳисобгирӣ ва ҳисобот;

5.Таъмини ҳуқуқ ва нигоҳдории амволи муассиса;

6.Муайян намудани мақсаднокии амалиётҳои низоми назорати дохилӣ;

7.Арзёбии фаъолияти субъектҳои назорати дохилӣ;

8.Муайян ва ошкоркунии шароиту имкониятҳои устувор гардонидани нерӯи молиявию иқтисодии муассиса;

9.Чораандешӣ намудан нисбати ашхоси масъули риояи талаботи қонунгузории молиявӣ-иқтисодӣ;

10.Қабули қарорҳои фаврӣ ва босамаре, ки барои ошкору бартараф намудани норасоиҳо, қонунвайронкуниҳо ва кам намудани таваккали пайдоиши камбудиҳо нигаронида шудаанд.

Чораҳои назоратӣ дар шакли назорати дохилӣ низ татбиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, вобаста ба иҷрои вазифаҳои муҳим, субъектҳои назорати дохилӣ ба якчанд сатҳ ҷудо мешаванд.

Ҷараёни такмилдиҳии назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае аз ноустувории омилҳои болозикр ва мавҷудияти мушкилоти зерин вобаста мебошад:

1.Такрор будани салоҳияти мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ. Дар натиҷаи такрор гардидани салоҳияти назоратии якчанд мақомот бо эҳтимолияти зиёд тадбирҳои санҷишии баъзеи онҳо объектҳоро ба пуррагӣ фаро гирифта наметавонанд.

2.Набудани тартиботи мушаххас ҷиҳати ба ҷавобгарӣ кашидани ашхоси масъул.

3.Роҳандозӣ нагардидани роҳу равиши мушаххаси ҷорикунии қоидаҳои назоратӣ – санҷишӣ.

4.Набудани махзани иттилооти муайян, ки тавонад барои идоракунии саривақтӣ ва босамари маълумоти зарурӣ мусоидат намояд.

Истифодаи васеи шароиту имкониятҳое, ки дар шакли стандартҳо ва ё тафрибаи пешрафтаи назорати давлатии молиявӣ қабул шудааст. Ҳамчунин дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт самт ва ҳадафу вазифаҳои аудит низ сифатан дигаргун мегардад. Аз ин рӯ, аудити мустақили давлатӣ низ бояд аз имкониятҳои инноватсионӣ – рақамӣ истифода намояд.

Иқтисодчии ватанӣ Саидов Р.Н. дар яке аз мақолаҳои илмии худ қайд менамояд, ки дар шароити рақамикунонӣ ҳадафи аудит на танҳо ҳалли мушкилоти ҷорӣ, балки тарҳрезии дурнамои рушди субъекти иқтисодӣ мебошад [10, с.116]. Вобаста ба ин, метавон истифодаи имкониятҳои рақамикуниро дар соҳаи назорати давлатии молиявӣ манбаъи пешрафт ҳисобид.

Дигар шарти муҳими такмили назорати давлатии молиявӣ-коркарди таснифоти қоидавайронкуниҳо дар нисбати истифодаи воситаҳои буҷетӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳа ва ғ. мебошад. Яъне мавҷуд будани ҷавобгарии конкретӣ барои қоидавайронкунии конкретӣ [5, с.106].

Ҳамин тавр, назорати давлатии молиявӣ ба тамоми муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи буҷетӣ, аз ҷумла ба механизми идоракунии давлатӣ тавассути марказонии захираҳои молиявии ҷамъкардашуда таъсири худро мерасонад. Бо назардошти нуқтаҳои болозикр, зарур мешуморем, ки назорати давлатии молиявӣ дар асоси механизми мукаммал тадбирҳои назоратию арзёбиро роҳандозӣ намояд ва имконияти муайян кардани дараҷаи истифодаи қонунӣ, мақсаднок ва самараноки воситаҳои давлатиро дошта бошад.

То кунун дар кишвар заминаҳои назарияи илмии назорат дар ҳадди зарурӣ ташаккул наёфтааст. Ҳамчунин методологияи татбиқи назорати давлатии молиявӣ, тартиботи меъёрии он зарурат ба мукаммалгардонӣ дорад.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти асосии баланд бардоштани самараи низоми назорати давлатии молиявӣ инҳо маҳсуб меёбанд: а) нисбатан мушаххас набудани вазифаҳои назорати давлатии молиявӣ; б) мавҷуд набудани принсипҳои мушаххас дар

низоми ягонаи назорати давлатии молиявии ҳамчун мушкилотҳои консептуалӣ; в) ҷой доштани монеаҳои ҷиддӣ дар сохтори мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ, ки имконияти бо муваффақият фаъолият намудани онҳоро маҳдуд менамоянд.

Бо иллати мавҷудияти ҳолатҳои зикршуда вазифаҳои мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ то ҳадди зарурӣ ва ба таври конкретӣ иҷро нашуда, ҳудуди ҷавобгарии онҳо халалдор мегардад ва фаъолияташон нисбатан заифу номувофиқ мешавад. Мақомотҳои мазкур бояд якҷоя амал намоянд, то масъулияти ҳар яки онҳо дар доираи объектҳои назоратии худ муайян гардад.

Натиҷаи омузишу таҳлилҳо нишон дод, ки бо мақсади мутобиқ сохтани фаъолияти Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар субъектҳои назорати давлатии молиявӣ атрофи масъалаҳои назорати молиявӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар муносибат ба масъалаҳои молиявӣ, оид ба қонунгузории назорати молиявӣ ва дигар масъалаҳо, ки ҳаллу фасли онҳо дар санадҳои меъёрии амалкунанда нишон дода нашудааст, салоҳиятҳои иловагӣ дода шавад. Бинобар ин, зарур аст, ки низоми умумиқабулкардашудаи меъёрҳо, стандартҳо ва қоидаҳои ягона барои мақомотҳои назорати давлатии молиявии ҷумҳурӣ коркард карда шаванд.

Барои ҳалли мушкилоти мавҷуда аз нигоҳи мо, аз байн бурдани ҳолатҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад: бенизомии фаъолияти назорати давлатии молиявӣ ва номуайянии ҳуқуқии он; то андозае номуносибии заминаҳои қонунгузорӣ ва методологӣ. Ҷорӣ намудани унсурҳои методологии назорати давлатии молиявӣ, ки ба шароити иқтисоди рақамӣ мувофиқ бошад. Роҷеъ ба ин масъала мутахассисон қайд менамоянд, ки истифодаи имкониятҳои инноватсионии равишҳои назоратӣ ҷиҳати ба даст овардани манфиати бештар мусоидат менамояд [9, с.60]; то кунун коркард нагардидани консепсияи нисбатан мушаххаси назорати давлатии молиявӣ ва махзани ягонаи маълумотӣ; маҳдуд намудани ҳамкории ноустувори субъектҳои низоми назорати давлатии молиявӣ.

Дар соли 2009 роҷеъ ба масъалаи назорати молиявӣ интернет-конференсия баргузор гардид, ки дар ин чорабинии илмӣ Раиси Палатаи ҳисоби Федератсияи Россия С.В. Степашин дар мавзуи “Мушкилоти актуалии таъмини низоми ягонаи назорати молиявӣ дар Федератсияи Россия” баромад намуданд [4, с.20]. Мавсуф иброз доштанд, ки низоми ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои назоратӣ дар мақомотҳои назорати давлатии молиявӣ нисбатан мушаххас нестанд.

Бо назардошти мушкилоти мавҷуда дар фаъолияти мақомотҳои назорати давлатии молиявии кишвар, аз нигоҳи мо такмилдиҳии соҳа дар самтҳои зерин бояд ба роҳ монда шавад:

1.Такмили методологии назорати давлатии молиявӣ. Зарурати бунёди асосҳои методологии назорати давлатии молиявӣ дар мамлакат, ки ба ҳама гуна шароит муносиб бошад.

Мавҷуд набудани тартиботи умумӣ оиди таснифоти назорати молиявӣ, инчунин набудани истилоҳоти ягона оиди муайян намудани фаҳмишҳои калидӣ ба монанди намуд, шакл, методҳои назорат, зарари молиявӣ ва намудҳои он дар коркард ва қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (ҳуҷҷатҳои методии назорати фаъолияти мақомотҳои назоратӣ) мушкилӣ эҷод менамояд.

2.Зарурати устувор намудани ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои касбӣ ва иттиҳодияҳои мақомотҳои назорати молиявӣ. Дар масъалаи такмили назорати давлатии молиявӣ нақши калонро иттиҳодияҳои гуногуни касбӣ, иттиҳодияҳои мақомотҳои назорати молиявӣ мебозанд. Чунки фаъолияти онҳо барои ҳалли масъалаҳои алоҳидаи марбут ба фаъолияти ин ё он намуди назорати молиявӣ, инчунин масъалаҳои калидии методологияи назорати молиявӣ мусоидаткунанда мебошад.

3.Коркард ва қабули консепсияи ягонаи назорати давлатии молиявӣ, ки тавонад ба фаъолияти ҳама субъектҳои низоми назорати давлатии молиявӣ мувофиқ бошад.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаю пешниҳодҳои зерин бароварда шуд: коркард ва истифодаи консепсияи умумиқабулкардашудаи назорати давлатии молиявӣ; зарурати ба низоми муайян даровардани тадбирҳои назоратӣ – санҷишӣ ва ташхисию таҳлилӣ; ба роҳ мондани ҳамкории зич байни мақомотҳои азоратӣ; ҳамкории зич байни мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои санҷиш; таъмини мустақилияти амалии

хадамоти аудити дохилӣ бо мақсади таъмини ягонагии натиҷаҳои санҷиши мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва хадамоти аудити дохилӣ; ҷиҳати татбиқи чорабиниҳои назоратӣ – санҷишӣ ва таъмини самаранокии фаъолияти мақомотҳои назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди аудити технологияи иттилоотиро муҳим меҳисобем.

АДАБИЁТ

1.Альбеков З.А., Карепина О.И., Романова, Т.Ф. Организация системы государственного финансового контроля в Российской Федерации: Теория и практика.–М.: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2002. – 320 с.
2.Давлатзода Д.А. Способы повышения эффективности осуществления государственного аудита в Республике Таджикистан / Д.А. Давлатзода // Управленческий учет. – 2023. – № 3. – С. 233-240.
3.Дастурамал оид ба тартиби гузаронидани санҷишҳои аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.01.2013 с., №3.1.
4.Клещенко Ю.Г., Савченко М.М. Финансовый контроль как один из факторов обеспечения финансовой безопасности // Финансовое право.- 2009. - № 5. - С. 20-25.
5.Кондрат Е.Н. Государственный финансовый контроль: основополагающие начала (принципы) // Юридическая наука: история и современность. – 2015. – №1. – С.103–109.
6.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 22 июни соли 2023, № 1977. -http://mmk.tj
7.Лимская декларация руководящих принципов контроля // Контроллинг. – 1991. – N 1. – 120 с.
8.Овсянников Л.Н. Государственный финансовый контроль: кому он нужен // Президентский контроль. – 1996. № 5.
9.Саидов Р.Н. Афзалиятҳои ҳамкории воҳидҳои аудити дохилии ташкилотҳои бахши давлатӣ бо мақоми олии аудити давлатӣ / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024.– № 3 (42). С.58-65.
10.Саидов Р.Н. Ташаккул ва такмили асосҳои рушди аудити технологияҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Р.Н. Саидов // Паёми молия ва иқтисод. 2025. № 1 (44). С. 110-119.
11.Ситникова В. А. Институт государственного аудита в России и его место в действующей структуре государственного финансового контроля страны // Символ науки. 2016. №8-1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/institutgosudarstvennogo-audita-v-rossii-i-ego-mesto-v-deystvuyuschey-strukturegosudarstvennogo-finansovogo-kontrolya-strany (дата обращения: 23.04.2025).

УДК 334.1(575.1)

Самиева М.Б.

САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва рақобати афзояндаи бозорӣ, соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба шумор меравад. Давлатҳо ва ҷомеаҳои муосир барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ, ба хусус дар бахшҳои илм ва технология, ба рушди соҳибкории инноватсионӣ аҳаммияти калон медиҳанд. Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкории инноватсионӣ шакли фаъолияти соҳибкориест, ки дар он маҳсулот, хизматрасонӣ ё раванди нав истифода мешавад. Он ба тавсеаи бозор, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Бо рушди технология ва рақамикунонӣ, зарурати татбиқи инноватсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бештар эҳсос мегардад.

Калимаҳои калидӣ: инноватсия, соҳибкорӣ, соҳибкории хурду миёна, истеҳсолот, шуғли аҳолӣ, сифат, сатҳи зиндагӣ, сифати зиндагӣ, некӯаҳволӣ, вазъи иқтисодӣ, ҳаёти иҷтимоӣ, нишондодҳо, дастгирии соҳибкорӣ.

Самиева М.Б.

ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье автор отмечает, что в условиях глобализации экономики и усиления рыночной конкуренции инновационное предпринимательство рассматривается как важный фактор устойчивого экономического и социального развития. Современные государства и общества для достижения стратегических целей, особенно в научно-техническом секторе, придают большое значение развитию инновационного предпринимательства. Также автор отмечает, что инновационное предпринимательство-это форма предпринимательской деятельности, в которой используется новый продукт, услуга или процесс. Это способствует расширению рынка, повышению эффективности производства и повышению уровня жизни населения. С развитием технологий и цифровизацией необходимость внедрения инноваций во все сферы экономики становится все более острой.

Ключевые слова: инноватсия, предпринимательство, малое и среднее предпринимательство, производство, занятость, качество, уровень жизни, качество жизни, благосостояние, экономическое положение, социальная жизнь, показатели, поддержка бизнеса.

Samieva M.B.

PRIORITY DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In this article, the author notes that in the context of economic globalization and increased market competition, innovative entrepreneurship is considered as an important factor in sustainable economic and social development. Modern states and societies attach great importance to the development of innovative entrepreneurship in order to achieve strategic goals, especially in the scientific and technical sector. The author also notes that innovative entrepreneurship is a form of entrepreneurial activity that uses a new product, service, or process. This helps to expand the market, increase production efficiency and improve the standard of living of the population. With the development of technology and digitalization, the need to introduce innovations in all areas of the economy is becoming more acute.

Keywords: Innovation, entrepreneurship, small and medium entrepreneurship, production, employment, quality, standard of living, quality of life, well-being, economic situation, social life, indicators, business support.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ як раванди мураккаб, вале ниҳоят муҳим барои ноил шудан ба иқтисодиёти донишбунёд ва рақобатпазир аст. Самтҳои номбаршуда ҳамчун асос барои сиёсати миллӣ ва рушди стратегияи инноватсионӣ хидмат мекунанд ва метавонанд ба баланд бардоштани сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мусоидат намоянд.Самтҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ инҳоянд:

1. Муҳити ҳуқуқӣ ва сиёсати давлатӣ - барои рушди инноватсия зарур аст, ки сиёсати давлатӣ дар самти дастгирии соҳибкорон фаъол бошад. Қонунгузории махсус, имтиёзҳои андозӣ, дастгирии молиявӣ ва соддасозии бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ бояд таъмин карда шаванд.

2. Тақвияти инфрасохтори инноватсионӣ - паркҳои технологии инноватсионӣ, марказҳои рушди стартапҳо, инкубаторҳои тиҷоратӣ ва шабакаҳои ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо бояд таъсис ёбанд ва густариш дода шаванд. Ин инфрасохтор барои ҳамгироии илм, технология ва тиҷорат

заминаи устувор фароҳам меорад.

3. Сармоягузорӣ ба таҳқиқоти илмӣ ва технологӣ - инноватсия бидуни таҳқиқоти илмӣ ва таҷрибавӣ рушд намекунад. Ҳамкории муассисаҳои илмӣ ва соҳибкорон, инчунин дастгирии молиявии лоиҳаҳои инноватсионӣ, яке аз шартҳои асосии рушди ин самт мебошад.

4. Тайёр кардани мутахассисони соҳаи инноватсия - таҳсилоти муосир бояд ба талаботи бозори меҳнат ва талаботи технологияи нав мутобиқ карда шавад. Омӯзиши касбии соҳибкорон, барномаҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос аҳамияти калидӣ доранд [8, с. 199].

5. Ҳамкории байналмилалӣ ва рақобатпазирӣ - бо мақсади тақвияти рақобатпазирии маҳсулоти инноватсионӣ дар бозори ҷаҳонӣ, ҳамкории байналхалқӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва табодули таҷриба муҳим мебошанд.

6. Рақамикунонӣ ва автоматикунонии равандҳо - истифодаи технологияҳои рақамӣ ба монанди зеҳни сунъӣ, блокчейн, интернети ашё ва автоматикунонии истеҳсолот имконият медиҳад, ки самаранокии фаъолият ва рақобатпазирии соҳибкорон афзоиш ёбад.

Дар шароити гузариши иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба модели донишбунёд, соҳибкории инноватсионӣ ҳамчун муҳаррики асосии рушд ва рақобатпазирии миллӣ баромад мекунад. Он на танҳо воситаи татбиқи технологияи нав ва таъсиси ҷойҳои корӣ баландихтисос мебошад, балки самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатҳо низ ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад, таҳлили самтҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ аҳамияти назаррас дорад.

Соҳибкории инноватсионӣ – ин фаъолияти ташаббускоронаест, ки ба татбиқи маҳсулот, хизматрасонӣ ё равандҳои нав асос ёфта, ба бозор пешниҳод мешавад. Мақсади асосии он офаридани арзиши нав ва қонеъ гардондани талаботи нави истеъмолкунандагон мебошад. Тафовути асосии он аз дигар шаклҳои соҳибкорӣ - сатҳи баланди хавф ва ниёз ба захираҳои зеҳнӣ мебошад.

Самтҳои калидии рушди соҳибкории инноватсионӣ:

1. Таъмини асосҳои ҳуқуқӣ ва ниҳодии рушд - эҷоди системаи қонунгузории махсус, ки амнияти ҳуқуқии соҳибкорони инноватсиониро кафолат медиҳад, ҷиҳати ҷалби сармоя ва ташвиқи фаъолияти навоварона нақши калидӣ мебозад. Қонунҳо дар бораи моликияти зеҳнӣ, сармоягузории венчурӣ ва сиёсати андозгузорӣ бояд рушддиҳанда бошанд.

2. Тақвияти ҳамгироии илм, маориф ва истеҳсолот - ба роҳ мондани ҳамкории фаъол байни муассисаҳои илмӣ, донишгоҳҳо ва бахши хусусӣ имконият фароҳам меорад, ки лоиҳаҳои инноватсионӣ аз марҳилаи таҳқиқот ба истеҳсолот гузашта, ба бозор роҳ ёбанд. Барномаҳои "донишгоҳ – саноат – бозор" аз ҷумлаи василаҳои муассир мебошанд.

3. Рушди инфрасохтори инноватсионӣ - таъсиси технопаркҳо, марказҳои инкубатсионӣ ва фондҳои сармоягузории навоварӣ муҳити мусоид барои ташаккули стартапҳо ва соҳибкорони ҷавон фароҳам месозад. Ин сохторҳо на танҳо дастгирии моддӣ, балки омӯзиш, машварат ва шабакаи робитаҳоро таъмин менамоянд.

4. Татбиқи рақамикунонӣ ва технологияи рақамӣ - технологияҳои рақамӣ ба мисли зеҳни сунъӣ, автоматикунонӣ, интернети ашё ва маълумоти калон (Big Data) барои инноватсия шароити комилан нав эҷод мекунанд. Ин имконият медиҳад, ки соҳибкорон равандҳои худро самараноктар, мутобиқшаванда ва рақобатпазир гардонанд.

5. Таъмини дастрасии сармоя - бо назардошти хавфҳои баланд, соҳибкории инноватсионӣ бештар ба дастгирии молиявии давлатӣ ва сармоягузории хусусии венчурӣ ниёз дорад. Ташкили фондҳои давлатӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ яке аз самтҳои муҳими рушд ба шумор меравад.

6. Таҳкими захираҳои инсонӣ ва инноватсионӣ - рушди малакаҳои касбӣ, дастгирии истеъдодҳои ҷавон, таълими соҳибкорӣ ва илм дар муассисаҳои таҳсилотӣ, инчунин ҷорӣ кардани фанҳои инноватсионӣ дар зинаҳои гуногуни таҳсилот зарурат дорад.

Соҳибкории инноватсионӣ на танҳо ҳамчун воситаи рушди иқтисодӣ, балки ҳамчун платформаи асосии рақобатпазирии миллӣ ва ҷаҳонӣ баромад мекунад. Самтҳои зикршуда ҳамчун ҷузъҳои калидии экосистемаи инноватсионӣ на танҳо рушди ин навъи соҳибкориро таъмин менамоянд, балки ба гузариши иқтисодиёт ба марҳилаи зеҳнӣ ва устувор мусоидат мекунанд [4, с.130].

Дар замони муосир, рушди инноватсионӣ ба яке аз сутунҳои асосии такмили иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Ҷомеаҳои мутараққӣ бо истифода аз инноватсияҳо на танҳо рақобатпазирии худро афзоиш медиҳанд, балки ба рушди устувор ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ ноил мегарданд. Дар ин раванд, соҳибкории инноватсионӣ нақши муҳими стратегиро мебозад.

Соҳибкории инноватсионӣ фаъолияти навоворонаест, ки дар асоси татбиқи дастовардҳои илмӣ ва техникӣ ба амал меояд. Он метавонад шакли маҳсулоти нав, усулҳои тавлид, моделҳои нави тиҷоратӣ ва ё хизматрасонии рақобатпазирро дар бар гирад. Мақсади асосии чунин соҳибкорӣ - офаридани арзиши иловагӣ ва қонеъ намудани талаботи нав аст.

Соҳибкории инноватсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллии Тоҷикистон мебошад. Дар шароити гузариши иқтисодӣ ва рушди тадриҷии соҳаҳои гуногун, истифодаи технологияҳои нав ва навоварӣ метавонад такони ҷиддӣ ба афзоиши маҳсулнокӣ, рақобатпазирӣ ва беҳбуди сатҳи зиндагии аҳолӣ диҳад. Аммо барои ташаккули пурраи ин навъи соҳибкорӣ дар кишвар зарурати ҳал намудани як қатор масъалаҳои муҳим мавҷуд аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тадбирҳои мушаххасеро барои рушди соҳаҳои инноватсионӣ амалӣ кардааст. Қонунҳои марбут ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ, таъсиси баъзе марказҳои инноватсионӣ дар назди донишгоҳҳо, ва иштироки кишвар дар барномаҳои минтақавии ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ намунаи ин пешрафтҳоянд. Бо вуҷуди ин, саҳми соҳибкории инноватсионӣ дар ММД (Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ) ҳанӯз ҳам ночиз аст. Сатҳи рақамикунонӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар иқтисоди миллӣ паст буда, заминаи воқеии таъсиси стартапҳо ва тиҷорати навоварона ҳанӯз ба таври кофӣ рушд накардааст.

Мушкилоти асосӣ дар ин самт инҳоянд:

1. Норасоии инфрасохтори инноватсионӣ - дар кишвар шумораи парки технологӣ, марказҳои стартапӣ ва инкубаторҳо хеле кам аст. Бештари соҳибкорон ба чунин имкониятҳо дастрасӣ надоранд.

2. Камбуди дастгирии молиявӣ ва сармоягузорӣ - барои соҳибкории инноватсионӣ, ки хавфи баланди иқтисодӣ дорад, дастрасӣ ба сармояи венчурӣ ва грантҳои давлатӣ маҳдуд аст.

3. Мушкили кадрҳои баландихтисос - таълими муосир ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаҳои илм, технология ва соҳибкорӣ ҳанӯз ба сатҳи зарурӣ нарасидааст.

4. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ва идоракунии заиф - қонунгузорӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба дастгирии фаъолияти инноватсионӣ ниёз ба такмил ва мутобиқсозӣ бо талаботи ҷаҳонӣ дорад.

Дар асри XXI, ки бо номи асри технология ва дониш маъруф аст, инноватсияҳо ҳамчун муҳаррики асосии рушди иқтисод ва такмили ҷомеа ба шумор мераванд. Дар заминаи рақобати шадиди бозор ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт, кишварҳое муваффақ ҳастанд, ки метавонанд технологияи нав ва усулҳои пешрафтаи идоракуниро татбиқ намоянд.

Инноватсия – ҷараёни эҷоди маҳсулот, хизматрасонӣ, раванд ё усули нав аст, ки ба рушди иқтисодӣ, баландбардории самаранокӣ ва қонеъ намудани талаботи нави бозор равона шудааст. Инноватсияҳо метавонанд технологӣ, идоракунӣ, ташкилӣ ё маркетингӣ бошанд.

Нақши инноватсия дар рушди иқтисод ба чунин натиҷаҳо оварда мерасонад:

1. Афзоиши маҳсулнокӣ ва самаранокии истеҳсолот - истифодаи технологияи муосир имконият медиҳад, ки бо камтар захира маҳсулоти бештар ва босифат истеҳсол гардад.

2. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди захираҳои инсонӣ - инноватсияҳо боиси пайдоиши соҳаҳои нави иқтисодӣ ва талабот ба мутахассисони нав мегарданд.

3. Тақвияти рақобатпазирии миллӣ - кишварҳое, ки дар заминаи илм ва навоварӣ пешсафанд, дар бозорҳои байналмилалӣ ҷойгоҳи мустаҳкам пайдо мекунанд [2, с. 59].

4. Таҳкими содирот ва ҷалби сармояи хориҷӣ - маҳсулоти инноватсионӣ бештар дар бозори ҷаҳонӣ харидор дорад, ва ҷалби сармоягузоронро низ осонтар мегардонад.

Монеаҳо дар роҳи рушди иқтисоди инноватсионӣ инҳо ба шумор мераванд: норасоии сармоягузорӣ дар соҳаи илм ва таҳқиқот; камбуди кадрҳои баландихтисос; сатҳи пасти ҳамкорӣ миёни илм ва саноат; қонунгузории номукаммал ва инфрасохтори заиф.

Инноватсия воситаи муҳими афзоиши қобилияти рақобат, беҳтарсозии зиндагии аҳолӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Барои ноил шудан ба иқтисодиёти инноватсионӣ,

кишварҳо бояд ба дастгирии тадқиқот, маориф, соҳибкории навоварона ва рушди инфрасохтори муосир таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд. Аз нигоҳи иқтисодӣ, инноватсия на танҳо ихтироъи чизи нав, балки истифодаи самараноки он барои тавлиди арзиши иловагӣ мебошад. Инноватсия метавонад ба шакли маҳсулоти нав, раванди истеҳсолии нав, усулҳои нави фурӯш, ё тағйирот дар идоракунӣ ва модели бизнес зоҳир шавад.

Робитаи байни инноватсия ва иқтисодиёт чунин нишондиҳандаҳоро метавон номбар намуд:

1. Таъсир ба афзоиши ММД - тадқиқотҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки саҳми бахшҳои инноватсионӣ дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳо пайваста меафзояд. Инноватсия воситаи афзоиши арзиши истеҳсолот ва хизматрасонӣ мебошад.

2. Ҳавасмандкунии сармоягузорӣ ва тиҷорати нав - муҳити инноватсионӣ сармоягузорони ватанӣ ва хориҷиро ҷалб мекунад. Лоиҳаҳои стартапӣ бо ғояҳои навҷӯёна ба муҳаррики рушди иқтисод табдил меёбанд.

3. Мусоидат ба рақамикунонӣ ва рақобатпазирӣ - истифодаи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки корхонаҳо ба бозор зуд мутобиқ шаванд, арзиши маҳсулотро коҳиш диҳанд ва сифатро баланд бардоранд.

4. Рушди захираҳои инсонӣ ва бозори меҳнат - тавассути инноватсия муҳити нави меҳнатӣ ва имкониятҳои касбии нав барои мутахассисон фароҳам мешавад. Бозори меҳнат ба донишу малакаҳои нав такя мекунад.

Чунин тавсияҳоро барои рушди инноватсионӣ метавон номбар намуд:

1. Баланд бардоштани сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ ба тадқиқот ва рушд;

2. Таъсиси технопаркҳо, марказҳои навоварӣ ва дастгирии соҳибкорон;

3. Рушди кадрҳои дорои малакаи рақобатпазир ва зеҳнии баланд;

4.Такмили қонунгузорӣ ва ҳавасмандгардонии андозӣ барои ширкатҳои инноватсионӣ.

Инноватсия воситаи муҳими рушди иқтисод ва таъминкунандаи пешрафти миллист. Дар шароити имрӯза, бе навоварӣ ва истифодаи донишҳои муосир, расидан ба рушди воқеӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёт номумкин аст. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар, аз ҷумла Тоҷикистон, бояд сиёсати устувор дар соҳаи инноватсия ва иқтисоди донишбунёдро рушд диҳад [4, с.130].

Замони муосирро бе инноватсия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Технологияҳои пешрафта, воситаҳои муосири иртибот, таҳлили маълумотҳои калон ва равандҳои рақамикунонӣ ҳаёти инсониятро куллан дигаргун сохтаанд. Инноватсияҳо имрӯз яке аз муҳимтарин воситаҳои пешбурди ҷомеа, иқтисод ва тамаддун маҳсуб меёбанд.

Аҳамияти инноватсия дар ҷаҳони муосир метавонад, чунин имкониятҳоро диҳад:

1. Тезонидани рушди иқтисодӣ -кишварҳои инноватсионӣ имкониятҳои васеи тавлиди арзиши иловагӣ ва маҳсулоти рақобатпазир доранд.

2. Беҳбуди сатҳи зиндагӣ ва муҳити зист -тавассути технологияҳои тоза ва энергоиқтисодӣ, имкони истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва коҳиши ифлосшавӣ фароҳам мегардад.

3. Таъсир ба муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ - инноватсияҳо, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ ва платформаҳои рақамӣ, шакли муошират, омӯзиш ва фарҳангро тағйир додаанд.

4. Тақвияти амният ва соҳаи тандурустӣ -инноватсияҳои тиббӣ, аз қабили ташхиси рақамӣ, роботика ва биотехнология, имкониятҳои навро дар пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳо фароҳам овардаанд.

Дар шароити имрӯзаи ҷаҳони пуртағйир, ки бо суръати баланд рушд ёфтани технология ва рақобати иқтисодӣ фарқ мекунад, мафҳуми инноватсия аҳамияти хоса пайдо кардааст. Инноватсияҳо воситаи асосии рушди устувор ва баланд бардоштани сифати зиндагии инсонҳо ба шумор мераванд. Таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, ки бе истифодаи самараноки имкониятҳои илмӣ ва технологӣ, дастёбӣ ба пешрафти воқеии иҷтимоию иқтисодӣ номумкин аст [3, с.30].

Самтҳои асосии татбиқи инноватсия дар замони муосир инҳоянд:

1. Иқтисодиёт - инноватсия муҳаррики асосии рушди соҳаҳои иқтисодӣ мебошад. Бо

истифода аз технологияҳои пешрафта истеҳсолот босамар ва рақобатпазир мегардад.

2. Маориф ва илм - қорӣ намудани воситаҳои рақамӣ дар таълим, омӯзиши фосилавӣ ва таҳқиқоти илмии замонавӣ самаранокии омӯзишро афзоиш медиҳанд.

3. Тиб ва тандурустӣ - пешрафтҳои инноватсионӣ дар соҳаи тиб, аз қабили ташхиси рақамӣ, роботика ва телемедицина, барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо нақши калон доранд.

4. Кишоварзӣ - истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ, сенсорҳо ва системаҳои худкор имконият медиҳад, ки маҳсулнокӣ ва самаранокии истеҳсоли озуқаворӣ афзоиш ёбад.

Имрӯз дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ва рушди босуръати технологӣ, инноватсия ба унсури асосии пешбурди иқтисоди миллӣ табдил ёфтааст. Кишварҳое, ки ба рушди илм ва татбиқи инноватсияҳо аҳамият медиҳанд, метавонанд рақобатпазирии худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ таҳким бахшанд ва ба рушди устувор ноил шаванд.

АДАБИЁТ

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28.12.2024, шаҳри Душанбе.

2.Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, с. 8.

3. Исламов С.И. Особенности репродуктивного поведения в семье. /Детность семьи: вчера, сегодня, завтра. [Текст]: / С.И. Исламов. - М., 1986. -212.

4. Иттилоотикунонии ҷомеа омили асосии баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ дар Тоҷикистони муосир [Матн]: / М.Б. Самиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2019, №5. – С.129-135.

5. Кадыров Д.Б. Доходы населения как фактор роста благосостояния. [Текст]: /Д.Б. Кадыров. – Воронеж: ВГУ, 2004. – 231с.

6. Комилов С.Ҷ., Алиева Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷменти рушди фаъолияти навҷорсозӣ (инноватсионӣ). [Матн]: / Комилов С.Ҷ., Алиева Г.Ш. - Душанбе: Ирфон, 2008. - 220 с.

7. Муносибатҳои методологӣ оид ба баҳодиҳии сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ [Матн]: / М.Б. Самиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. ISSN 2413-5151, 2020, №10. – С.77-81.

8. Мирсаидов А.Б. Ҳамкории муштараки давлату соҳибкорӣ: баъзе масъалаҳои назариявӣ [Матн]: / А.Б. Мирсаидов / Маводи конференсияи душанбегии байналмилалии илмию амалӣ, - Д., 2012. - 199с.

9. Маҷаллаи идоракунии давлатӣ. Мақола “Асосҳои назариявии таҳлили категорияи сатҳи зиндагии аҳолӣ” саҳ. 76-80 . Самиева М.Б.

10. Brennen S., & Kreiss D.. Digitalization. The International Encyclopedia of Communication Theory and Philosophy. 2016.

11. UNCTAD / Digital Economy Report. 2022.

12. ICT Development Report, Tajikistan 2023.

УДК 314.748

Сафарова М.Б., Нуралиева М.Д.

ҲОЛАТИ МУОСИРИ РАВАНДИ МУҲОҶИРАТИ ДОХИЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Масъалаи муҳоҷирати меҳнатии дохила як аз самтҳои сиёсати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади азхуднамоии заминҳои бекорхобида дар минтақаҳои гуногуни кишвар, бахусус деҳотҷойҳо, ташаккул ва рушд додани соҳаҳои гуногуни хоҷаги халқ

дар ин ҷойҳо роҳандозӣ мегардад. Пеш гирифтани сиёсати мазкур ба ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим, аз ҷумла ташкил ва ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, тақсимоти баробари қувваи корӣ дар минтақаҳо ва тақвият бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар мусоидат менамояд. Раванди муҳоҷират, бахусус муҳоҷирати дохила пас аз ба эътидол омадаи вазъи сиёсии кишвар ва барқарор гардидани сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақаҳои зарардида роҳандозӣ гардид. Бо мақсади ба танзим даровардани раванди муҳоҷирати дохила, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳо, стратегия, низомнома ва барномаҳои соҳавӣ қабул ва таҳия гардиданд. Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ ба монанди муҳоҷирати беруна дар зери таъсири омилҳои гуногун ба вуҷуд омада, яке аз шаклҳои васеъ паҳнгаштаи муҳоҷирати дохилӣ дар мамлакат муҳоҷирати экологӣ мебошад. Аммо на дар ҳама ҳолат раванди кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ тибқи «Низомнома дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сурат мегирад, ки ин ҳолат боиси норозигии оилаҳои муҳоҷир дар ҷойҳои нави зист мегардад.

Калидвожаҳо: муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ), муҳоҷирати экологӣ, оилаҳои муҳоҷир, қувваи корӣ, шуғли пурмаҳсул, ҷойҳои корӣ.

Сафарова М.Б., Нуралиева М.Д.

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ПРОЦЕССА ВНУТРЕННЕЙ МИГРАЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Вопрос о внутренной трудовой миграции является одним из направлений государственной политики Республики Таджикистан и проводится с целью освоения залежных земель в различных регионах страны, в частности сельских районах, формирования и развития различных отраслей хозяйства в этих местах. Проведение этой политики способствует решению ряда важных вопросов, включая организацию и охват населения занятостью, равное распределение рабочей силы в регионах и усиление социальной защиты населения страны. Процесс миграции, особенно внутренней миграции, был начат после стабилизации политической ситуации в стране и восстановления национального мира и согласия в стране в целях преодоления последствий гражданской войны в пострадавших районах. В целях регулирования процесса внутренней миграции Правительством Республики Таджикистан приняты и разработаны отраслевые законы, стратегии, положения и программы. Внутренняя миграция населения, как и внешняя миграция, обусловлена воздействием различных факторов, и одной из наиболее широко распространенных форм внутренней миграции в стране является экологическая миграция. Однако не во всех случаях процесс переселения внутренне перемещенных лиц осуществляется в соответствии с «Положения о порядке внутренней миграции в Республике Таджикистан», и это обстоятельство вызывает недовольство семей мигрантов в новых местах проживания.

Ключевые слова: внутренняя миграция (добровольная), экологическая миграция, семьи иммигрантов, рабочая сила, производительная занятость, рабочие места.

Safarova M.B., Nuralieva M.D

CURRENT STATE OF THE PROCESS OF INTERNAL MIGRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The question of internal labor migration is one of the directions of state policy of the Republic of Tajikistan and is carried out with the aim of developing fallow lands in various regions of the country, in particular rural areas, the formation and development of various sectors of the economy in these places. The implementation of this policy contributes to the solution of a number of important issues, including the organization and coverage of the population with employment, equal distribution of labor

in the regions and strengthening social protection of the country's population. The migration process, especially internal migration, was initiated after the political situation in the country had stabilized and national peace and harmony in the country had been restored in order to overcome the consequences of the civil war in the affected areas. In order to regulate the process of internal migration, the Government of the Republic of Tajikistan has adopted and developed sectoral laws, strategies, regulations and programs. Internal migration of the population, like external migration, is due to the influence of various factors, and one of the most widespread forms of internal migration in the country is environmental migration. However, not in all cases the process of resettlement of internally displaced persons is carried out in accordance with «the Regulations on the Procedure for Internal Migration in the Republic of Tajikistan», and this circumstance causes dissatisfaction among migrant families in new places of residence.

Keywords: internal migration (voluntary), environmental migration, immigrant families, labour force, productive employment, jobs.

Муҳоҷират ҳамчун раванди иқтисодию иҷтимоӣ захираҳои меҳнатии кишварҳо ва минтақаҳои қабулкунанда ва интиқолдиҳандаро тағйир дода, ба вазъи иқтисодию иҷтимӣ ва сиёсии ҳарду ҷониб таъсири назаррас мерасонад. Муҳоҷирати дохилӣ ин раванди ҷойивазкунии бебозгашт, муваққатӣ инчунин мавсимии шахси воқеӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад [6]. Муҳоҷирати дохилӣ ҳамчун ҳаракати бебозгашт, муваққатӣ ва мавсимии шахсони алоҳида ба ҳисоб меравад

Муҳоҷирати дохила ва беруна дар зери таъсири омилҳои гуногун ба вуҷуд омада, дар ин ҷо метавон омилҳои дохила ва беруна, сабабҳои муҳоҷират ба монанди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, фарҳангӣ ва ғайраро номбар намуд. Омӯзиши амиқи сабабҳои пайдоиш ва ҳалли мушкилоти муҳоҷират нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоми аҳамияти он, омили иқтисодиро ҳамчун омили асосӣ ва муайянкунанда баррасӣ кардан мумкин нест. Ҳар як шахси фаъол дар шароити муҳоҷирати фазоӣ таҳти таъсири омилҳои эндогенӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, динӣ, психологӣ, тиббӣ ва муҳоҷирати пиронсолон ва кӯдакон) ё омилҳои экзогенӣ ҳаракат мекунад (омилҳои сиёсии институтсионалӣ, омилҳои муҳити зист).

Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирию ташаббуси бевоситаи Ҳукумати кишвар ташкил намудани муҳоҷирати дохила бо мақсади аз ноҳияҳои куҳистон, ки зичии аҳолӣ баланд аст ва ноҳияҳое, ки камзамин мебошанд ба водию минтақаҳое, ки заминҳои бекорхобида дошта, барои зист ва ташкили шароити зист мусоид мебошанд, роҳандозӣ гардид. Ҳамзамон пеш гирифтани сиёсати мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим, аз ҷумла ташкил ва ба шуғл фаро гирифтани аҳолӣ, тақсимоти баробари қувваи корӣ дар минтақаҳо ва тақвият бахшидан ба ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишвар мусоидат менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ бо мақсади аз ҷониби давлат идора намудани раванди муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандони кишвар ва ба ин васила азхуднамоии заминҳои бекорхобида дар минтақаҳои гуногуни кишвар, бахусус деҳотҷойҳо, ташаккул ва рушд додани соҳаҳои гуногуни хоҷаги халқ дар ин ҷойҳо роҳандозӣ мегардад. Дар навбати худ раванди мазкур ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони дохилаи ҷумҳурӣ, ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагонии аҳоли маскунгардида дар ин минақаҳо ва ҳазамон паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар ин минтақаҳо ва дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Шиддат ёфтани муҳоҷирати аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар пас аз соҳибистиқолоии кишвар, ки дар ин марҳила мутаасифона пуршиддат гардидани вазъи сиёсии кишвар ва ҷанги шаҳрвандӣ вазъияти номусоид ва хавфу хатарро барои зист дар аксари минтақаҳои кишвар ба вуҷуд овард, муҳоҷирати маҷбурии аҳолӣ мушоҳида гардид.

Раванди муҳофират, бахусус муҳофирати дохила пас аз ба эътидол омадаи вазъи сиёсии кишвар ва барқарор гардидани сулҳу ризоияти миллӣ дар кишвар бо мақсади бартараф намудани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақаҳои зарардида роҳандозӣ гардид.

Дар самти муҳофирати дохилӣ (ихтиёрӣ) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонун ва қарорҳо, барнома ва нақшаҳои кутоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат ба тасвиб расида, тавассути онҳо масъалаи муҳофирати дохилаи аҳолӣ дар кишвар танзим карда шуда ва сиёсати давлатии идоракунии муҳофирати дохилӣ амалӣ гардонида мешавад. (ниг. Ҷадвали 1)

Ҷадвали 1.

Санадҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳофирати дохила

Санадҳои қонунӣ	Шумора ва макони кӯчонидани муҳофирони дохилӣ
Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳофират" аз 10 майи соли 2002, №31, (тағйироту иловаҳо аз 28.12.2005, №145, аз 31.12.2008, №470, аз 12.01.2010, №470, аз 03.08.2018, №1541)	
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кӯчонидани муҳофирони дохилӣ аз 11 январи соли 2001, №10 "Дар бораи муҳофирати ихтиёрии марҳила ба марҳилаи оилаҳои ҷавон аз Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ба ноҳияҳои Қабодиён ва Бешкенти вилояти Хатлон"	50 оилаи ҷавон аз Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон дар соли 2001 ба ноҳияи Кубодиён кӯчонида шуданд.
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 августи соли 2002, № 347 «Дар бораи муҳофирати дохилӣ (ихтиёрӣ)»	100 оила аз шаҳри Кӯлоб ва 55 оила аз ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (Шӯрообод) ба ноҳияи Бешкенти вилояти Хатлон кӯчонида шуданд.
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2003, №193 «Оиди нақшаи миёнамуҳлати кӯчонидани муҳофирон аз ноҳияҳои кӯҳӣ ба минтақаҳои заминҳои нокорами ҷумҳурӣ барои солҳои 2003-2007»	Тибқи ин нақша, дар тӯли 5 сол дар ҳудуди ҷумҳурӣ кӯчонидани 4110 оилаи муҳофирони дохилӣ (ихтиёрӣ) ба нақша гирифта шуда буд, аз ҷумла дар солҳои 2003 150 оила, 2004 - 986 оила, 2005 - 982 оила, 2006 - 974 оила, 2007 - 1018 оила кӯчонида шуд.
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани кредит ба хоҷагиҳо ва кӯчонидани онҳо аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2000-2004 таҳти таъсири равандҳои экзогенӣ қарор мегиранд», аз 4 августи соли 1999, № 467	Мувофиқи нақша дар давоми солҳои 2000-2004-ум бояд 7664 оила ҳамчун муҳофирони экологӣ ба ҷои бехавф кӯчонида мешуданд, аммо бо сабаби зикргардида дар ин давра танҳо 2720 оилаҳои муҳофирони экологӣ кӯчонида шуданд.
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008, № 467 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби муҳофирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"	
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №211 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳофирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №211 «Тартиби амалӣ намудани муҳофирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Тартиби амалӣ намудани муҳофирати экологӣ.
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.08.2014 № 532 «Низомномаи тартиби муҳофирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»	Барои танзими раванди муҳофирати дохилӣ (ихтиёрӣ).
Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №521 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳофирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2019-2021»	Ба тартиб даровардани раванди муҳофирати дохилӣ.
Стратегияи танзими равандҳои муҳофират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.	Аз Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон - 716 оила ва вилояти Хатлон - 229 оила кӯчонида шуд.

Сарчашма: Таҳияи муаллифон.

Ҳамзамон аз ҷониби Ҳукумати кишвар барои аз ноҳияҳо ва хоҷагҳои камзамин ва минтақаҳои сераҳоли кӯҳистон ба минтақаю водиҳое, ки заминҳои бекорхобида доранд, нақшаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат тарҳрезӣ гардида, амалӣ гашта истодаанд.

Таҳлилҳои муқоисавии ҳисоботу маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки солҳои 2001-2002 дар марҳилаи аввали кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ дар ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарорҳои дахлдори Ҳукумати кишварро қабул гардида бошанд ҳам, аммо нақшаҳои кӯчонидани оилаҳои муҳоҷирон тасдиқ карда нашуда буданд, ки он амалисозии сиёсати давлат дар самти муҳоҷирати дохилии ихтиёриро ба таъхир андохт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки муҳоҷирати дохилӣ ба ҳалли масъалаҳои демографӣ, ташкил ва бунёди деҳаҳои нави муосир бо шароитҳои мусоиди моддию маишӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ равона шудаст. Ҳамзамон ташкили инфрасохтори зарурӣ, ба монанди таъмини оби нӯшокӣ, хатти таъмини қувваи барқ, сохтмони роҳ, муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва дигар шароитҳои мусоид яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар қарорҳои қабулнамудаи Ҳукумати кишвар оиди татбиқи сиёсати давлат дар самти муҳоҷирати дохилиӣ ба ҳисоб меравад.

Яке аз шаклҳои васеъ паҳнгаштаи муҳоҷирати дохилӣ дар мамлакат муҳоҷирати экологӣ мебошад. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират»: «муҳоҷирати экологӣ - маънои кӯчидани шаҳрвандон дар ҳудуди давлати худ вобаста ба вайрон гардидани вазъи муҳити зист ё фалокатҳои экологиро дорад. Муҳоҷирони экологӣ шахсоне мебошанд, ки бинобар офатҳои экологӣ маҷбур мешаванд, манзилҳои худро тарк кунанд, яъне як қисми аҳолӣ, ки дар минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок зиндагӣ мекунанд ва бо мақсади пешгирии талафоти ҷонӣ аз офатҳои табиӣ фаврӣ ё нақшавӣ бояд кӯчонида шаванд» [5].

Вобаста ба тағйирёбии иқлим ва мавқеи географии минтақаҳо як қатор сабабҳои асосии зарурати кӯчонидани сокинони маҳалҳо аз минтақаҳои хатарнок ба минтақаҳои бехавф мавҷуданд, аз ҷумла фаромадани ярч, мавзеҳои тармафаро, селҳо, ҳолатҳои фавқулодаи техногенӣ ва дигар офатҳои табиӣ, ки ба ҳаёти одамон дар ин минтақаҳо хатар эҷод мекунанд.

Тибқи маълумоти Хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди муҳоҷирати экологӣ дар кишвар аз соли 2000 оғоз гардида, дар давоми солҳои 2000-2017 дар ҳудуди мамлакат 8540 хоҷагӣ, ки зиёда аз 45000 нафарро ташкил медиҳанд, аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуданд. Ба ин восита бехатарии гуруҳи муайяни шаҳвандони кишвар таъмин карда шуд, ки аксари онҳоро занону кӯдакон ташкил медоданд. Аз ин рӯ муҳоҷирати экологӣ барои аҳолии кишвар аҳамияти калони иқтисодию иҷтимоӣ дорад.

Тавре аз маълумотҳои диаграммаи 1 бармеояд тамоюли бештари афзоиш ва коҳиш ёфтани муҳоҷирати экологӣ дар давоми солҳои 2000 -2010 мушоҳида мегардад. Соли 2011 дар муқоиса ба соли 2010 шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони экологӣ 58% кам гардида, дар солҳои минбаъда асосан тамоюли муътадили кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ мушоҳида мегардад. Агар дар давоми солҳои 2000-2010 шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони экологӣ ба ҳисоби миёна 603,91 хоҷагиро ташкил диҳад, ин нишондиҳанда дар давоми солҳои 2010-2022 ба ҳисоби миёна 312,8 хоҷагиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба марҳилаи пешин 1,9 маротиба кам мебошад, ки аз имкониятҳои воқеии давлат ва маблағгузорӣ ба сохторҳои марбута дар ин самт вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон дар ҷойҳои нави зист ба ҳар як оилаи муҳоҷири экологӣ 0,08 га. қитъаи замин барои сохтмони манзил ва қитъаи наздиҳавлигӣ ва қарзи имтиёзнок дар ҳаҷми 3000 сомонӣ дода мешавад. Инчунин барои ба тартиб даровардани хоҷагиҳои зарардида ва сохтмони манзил дар ҳолатҳои фавқулода аз ҳисоби фонди захиравии Президенти кишвар маблағҳои иловагӣ ҷудо карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ аз соли 2000-ум, пас аз ба даст омадани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар раванди муҳоҷирати экологӣ оғоз гардида, дар ин самт қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани кредит ба хоҷагиҳо ва кучонидани онҳо аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар солҳои 2000-2004 таҳти таъсири равандҳои экзогенӣ қарор мегиранд» 4 августи соли 1999, №467 қабул карда шуд.

Диаграммаи 1.
Динамикаи шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи муҳоҷирони экологӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2022.



Сарчашма: Стратегияи танзими муҳоҷират дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.

Тибқи қарори мазкур кӯчонидани 7664 оилаи муҳоҷирони экологӣ ба ҷойҳои бехавф дар давоми 5 сол ба нақша гирифта шуд. Нақшаи мазкур аз ҷониби мақомотҳои дахлдор бинобар сабаби набудани маблағҳои зарурӣ иҷро нагардид.

Мувофиқи нақша дар давоми солҳои 2000-2004-ум бояд 7664 оила ҳамчун муҳоҷирони экологӣ ба ҷои бехавф кӯчонида мешуданд, аммо бо сабаби зикргардида дар ин давра танҳо 2720 оилаҳои муҳоҷирони экологӣ кӯчонида шуданд, яъне танҳо 36 %-и нақша иҷро гардид. Аммо дар солҳои минбаъда раванди кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар кишвар то андозае каме коҳиш ёфт. (Ҷадвали 2)

Аз маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, ки дар дар давоми солҳои 2016-2018 нақшаи кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар кишвар пурра иҷро гардида, танҳо соли 2019 – 95,44%, соли 2020 – 97,38%, соли 2021 – 80,48% ва соли 2022 бошад – 92,76%иҷро карда шуда, каме коҳиш ёфт.

Ҷадвали 2.
Шумораи оилаҳои муҳоҷирони экологӣ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2016-2022

№ р/т	Номгӯи ҳудудҳои маъмурӣ	2016 Нақша/ иҷро	2017 Нақша/ иҷро	2018 Нақша/ Иҷро	2019 Нақша/ иҷро	2020 Нақша/ иҷро	2021 Нақша/ иҷро	2022 Нақша/ иҷро
1	Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон	46/46	46/46	59/59	53/53	49/40	8/8	7/7
2	вилояти Хатлон	190/190	158/158	146/146	147/139	133/133	86/67	88/88
3	Вилояти Суғд	59/59	37/37	37/37	41/41	41/41	54/54	60/52
4	Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ	105/105	92/92	99/99	94/86	102/102	62/40	66/58
5	шаҳри Душанбе	-	16/16	16/16	16/16	18/18	-	-
6	Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ	400/400	349/349	357/357	351/335	343/334	210/169	221/205

Сарчашма: Стратегияи танзими муҳоҷират дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.

Дар доираи амалигардонии сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохила, тули солҳои зикргардида асосан ба кӯчонидани аҳолии кишвар ба деҳотҷойҳо бо дарназардошти омилҳо ва шарту шароитҳои дар болозикр ва рушди соҳаи кишоварзӣ дар ин ноҳияҳо ва деҳаҳо равона гардидааст. Аз ҷумла, яке минтақаҳое, ки ба қабули муҳоҷирони дохилӣ дар кишвар пешбинӣ шудааст ноҳия Хуросон буда, ба ин макон шурӯъ аз соли 2007-ум муҳоҷирони дохилӣ макони нави зист пайдо намуда, дар давоми солҳои 2007-2021 ба ин ноҳия зиёда аз 1200 оила аз вилояти Суғд, ВМБК ва ноҳияю деҳотҷойҳои сераҳолии худи вилояти Хатлон кӯчида омадаанд. Аз соли 2007 то ба имрӯз тибқи нақшаи муҳоҷирати дохилӣ, ба 1247 оила замин барои сохтмони манзили зист ҷудо гардидааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди тартиби амалигардонии муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои кӯҳии камзамин ва сераҳолӣ ба водиҳои ҷумҳурӣ, ки дорои заминҳои партов мебошанд, дар давоми солҳои 2022-2024» ба ноҳияи Хуросон кӯчидани 410 оила аз тамоми минтақаҳои кишвар дар назар аст. Аз ҷумла кӯчонидани аҳолӣ аз ноҳияҳои Айнӣ, Масчоҳи кӯҳӣ, Ишкошим, Дарвоз, Тоҷикобод, Муъминобод, Восе, Кушониён ва шаҳрҳои Левакант ва Бохтар ба се участкаҳои дар ноҳияи Хуросон пешбинӣ гардид.

Муҳоҷирати аҳолӣ дар дохили кишвар барои таъмини бехатарии одамон аз офатҳои табиӣ нақши муҳим бозида, ҳамзамон барои рушди минбаъдаи минтақаҳо, бунёди маҳалҳои зисти нав ва пешрафти минбаъдаи ҷомеа имконият фароҳам меоварад. Ҳамзамон муҳоҷирати экологӣ дар ҳудуди кишвар имконият медиҳад, ки дар минтақаҳои кӯчонидани муҳоҷирон заминҳои нокорам азхудкардашуда, истифодаи самараноки қувваи корӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, афзоиши истеҳсолот мусоидат мекунад.

Вазифаи муҳимтарини кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ аз ҷиҳати иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини сатҳи муайяни ҳаракат ва тақсимоти ҳудудии он, аз ҷумла ба марказҳои саноатӣ бо назардошти миқёси муҳоҷирати муҳоҷирон, инчунин ба минтақаҳои азхудкардашуда бо заминҳои нокорам мебошад. Ҳамин тариқ, муҳоҷирати экологӣ ба истифодаи пурраи қувваи корӣ ва афзоиши истеҳсолот дар ҷойҳои нави истиқомати муҳоҷирон ва оилаи онҳо мусоидат мекунад.

Муҳоҷирати экологӣ на танҳо вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии оилаҳои муҳоҷирро, ки аз минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ хавфнок кӯчонида шудаанд, тағйир медиҳад,балки ин намуди муҳоҷират ба омӯзиш ва касбомӯзии муҳоҷирон ва аъзоёни оилаҳои онҳо мусоидат намуда, ҳамзамон боиси васеъ гардидани ниёзҳо ва манфиатҳои ҳамаи ҷонибҳои мавриди таваҷҷуҳ дар раванди рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва инноватсионии давлат иштироккунанда мегардад.

Дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон раванди кӯчонидани муҳоҷирони дохилии ихтиёрӣ аз як минтақа ба минтақаи дигар тибқи талаботи «Низомнома дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар 1 октябри соли 2008 № 467 ба имзо расонида шудааст, танҳо пас аз додани кафолати расмӣ аз ҷониби мақомотҳои дахлдор оиди ташкил ва таъмини инфрасохторҳои иҷтимоӣ барои ин гурӯҳ аҳолӣ сурат мегирад. Бояд зикр намуд, ки дар ҳуҷҷати мазкур зери мафҳуми шароити мусоид чунин инфрасохторҳо дар назар дошта шудааст:

- таъминоти манзил ё ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони бинои истиқоматӣ;
- таъмини оби нӯшокӣ;
- хизматрасонии тиббӣ-амбулаторӣ;
- кашидани хатти барқ;
- бокортаъминкунии аъзоёни қобили меҳнати оилаҳои кӯчонидашуда;
- муассисаҳои таҳсилоти миёна ва томактабӣ;
- кафолати ҳолати мусоиди санитарӣ ва ғайраҳо.

Зимни таҳияи низомномаи зикргардида, таҷрибаҳои мусбӣ ва манфии қаблӣ оиди муҳоҷирати дохила ба инобат гирифта шуда, барои самаранокии ташкили раванди муҳоҷират бо дарназардошти ҳама ҷанбаҳои он тавассути таҳия ва ба роҳ мондани механизмҳои ҳамкориҳои мутақобилаи ҳама вазорату муассисаҳо ва сохторҳои зарурӣ ва муаззаф кардани онҳо, дар иҷрои вазифаҳои мушаххас, бо мақсади таъмин намудани шароити мусоиди зиндагию корӣ барои оилаҳои муҳоҷиргашта, таҳия карда шудааст.

Мутаасифона, на дар ҳама ҳолат раванди кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ бо риояи талаботҳои Низомнома ба роҳ монда мешавад, ки ин ҳолат боиси нигаронӣ ва норозигии оилаҳои муҳоҷир гашта, онҳо ба мушкилотҳои зерин рӯ ба рӯ мегарданд:

- омода набудани ҷойҳои зисти муҳоҷирон;
- набудани инфрасохтори барои зист зарурӣ;
- набудани хатти оби нӯшокӣ;
- набудани роҳҳои мошингард;
- набудани муассисаҳои таҳсилоти миёна ва томактабӣ;
- набудани муассисаҳои тиббӣ;
- набудани ҷойҳои кори доимӣ ва ғайраҳо.

Агар аз як тараф ҳолати мазкур боиси норизогии оилҳои муҳоҷир гардад, аз тарафи дигар ин ҳолат бархилофи амалисозии сиёсати муҳоҷирати давлат дар дохили кишвар гардида, дар оқибат боиси афзудани муҳоҷирати меҳнатии беруна мегардад.

Яке аз роҳҳои асосии бартараф намудани мушкилотҳои мазкур дар самти муҳоҷирати дохила, тақвият бахшидан ба ҳамоҳангсозии вазифаҳо ва фаъолиятҳои идораю муассисаҳои дахлдор ва аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои муҳоҷират ва тақвият бахшидан ба ичрои саривақтии онҳо ба ҳисоб меравад. Чунки дар ин ҷо гап сари ичрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати кишвар меравад ва муссалам аст, ки бо мақсади рушди кишоварзӣ тавассути меҳнати инфиродӣ ва фаъолияти дастаҷамъӣ дар ҷойҳои нави зист, механизми ҳавасманд намудани муҳоҷирони дохилӣ, ки ба рушд намудани деҳотҷойҳо дар минтақаҳои кишвар нигаронида шуда, дар доираи амалисозии сиёсати давлатӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ роҳандозӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии муҳоҷирони дохилӣ дар ҷойҳои нави зист, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ин ҷо метавонем аз таҷрибаи Ҷумҳурии Белорус ёдовар шавем. Дар кишвари Белорус барои ин гуруҳи аҳолӣ меъёри фоизи қарз 3-5 фоизи солони барои 20-30 соли оянда пешбинӣ гардида, ин шакли қарздиҳии имтиёзнок рушди соҳибкории хурд ва миёна дар байни муҳоҷирони ба ҷойҳои нав кӯчонидашуда мусоидат мекунад. Инчунин бо мақсади муайян ва амалисозии фаъолиятҳои мушаххас, ки манфиатҳои муҳоҷирони дохила дар ҷойҳои нави минтақаҳои кишвар равона гардида, зарур аст, ки нақш ва масъулияти мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар ташкил намудани ҷойҳои нави кории мавсимӣ ва доимӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба лоиҳаҳои рушди минтақаҳо равонагардида ва таъмини фаъолияти шаффоф дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти миллии кишвар, баланд бардошта шавад.

Тоҷикистон ҳамчун як узви ҷомеаи ҷаҳонӣ дар зери таъсири вазъи ноустувори сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ қарор дошта, бахусус таъсири бештаре ба бозори меҳнати кишвар мушоҳида мегардад. Дар ин асно бо дарназардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ, хело муҳим аст, ки дар самти мусоидат намудан ба шуғли пурмаҳсули аҳолӣ тавассути баланд бардоштани дараҷаи тахассуси касбии аҳолии кишвар бо дарназардошти бозори меҳнат, риояи таъмини самаранокии ҷобаҷогузории аҳолии қобили меҳнат дар соҳаҳои гуногун, чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Маҳз ба шуғли пурмаҳсул фаро гирифтани аҳолии кишвар ва таъсиси ҷойҳои корӣ, яке аз масъалаҳои марказӣ дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул ҳамчун ҳадафҳои стратегӣ интихоб гардидаст.

Бо дарназардошти ҳадафи чоруми стратегии мамлакат қабул гардидани саноатикунонии босуръат, бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодии ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, истеҳсоли молҳои рақобатпазир ва ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ, ҳамзамон солҳои 2022–2026 эълон гардидани «Солҳои рушди саноат» зимни ироаи Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 21 декабри соли 2021, мо чунин меҳисобем, ки дар самти муҳоҷирати дохила муносибат ва равишҳо бояд аз нав дида баромада шаванд.

Яъне, дар раванди муҳоҷирати дохила дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳо ва деҳотҷойҳои қабули муҳоҷирони дохилӣ, ин гуруҳи аҳолӣ ҳамчун нерӯ ва захира

барои дар амал татбиқ намудани барнома ва нақшаҳои рушди соҳаи саноат дар минтақаҳои гуногуни кишвар мавриди истифода қарор гиранд.

Тибқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат то соли 2026 шаҳрвандони аз 18 сола боло дар саросари кишвар, ки дорои ягон касбу ҳунар нестанд, бояд бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуда, ҷиҳати бо шуғл таъмин намудани сокинони кишвар, алалхусус занон ва ҷавонон аз ҷониби сохторҳои дахлдор чораҳои қатъӣ андешида шаванд ва дар панҷ соли минбаъда бояд як миллион нафар шаҳрвандони Тоҷикистон соҳибкасб гарданд [1].

Аз ин ҷо бармеояд, ки зимни таҳияи нақшҳои рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо, ки масъалаи рушди саноат ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад ва норасогии мутахассисон дар ин самт яке аз омилҳои монеавӣ ба ҳисоб меравад, истифода намудани шаклҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби муҳоҷирони дохила ба ин ва ё он минтақаҳои кишвар ба мақсад хело мувофиқ аст. Ҳамзамон қонунгузории миллии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохила ва рушд додани соҳаи саноат бо ҳам мувофиқанд.

Як қатор мушкилотҳоеро номбар намудан мумкин аст, ки онҳо садди роҳи самаранок амалӣ гардидани раванди муҳоҷирати дохилӣ мегарданд, аз ҷумла таъмини маҳалаҳои нави аҳолинишини муҳоҷирон бо оби ошомиданӣ, оби полезӣ, кашидани хатти қувваи барқ, сохта ва ба истифода додани муассисаҳои таълимӣ, боғчаҳои бачагона, майдончаҳои варзишӣ, муассисаҳои тиббӣ, роҳ ва дигар инфрасохторҳои зарурӣ барои зист. Дар аксар ҳолат бинобар сабаби аз ҷониби мақомотҳои ваколатдори дахлдор сари вақт ташкил нагардидани шароити мусоид дар ҷойҳои нави истиқомати муҳоҷирон, боиси бозгашти ин гуруҳи аҳолӣ ба минтақаҳои қаблии худ ва рӯй овардан ба муҳоҷирати меҳнатии беруна мегардад ва дар маҷмӯъ ба самаранок амалисозии раванди муҳоҷирати дохилии кишвар таъсири манфӣ мерасонад.

Мушкилоти дигар дар ин самт аз он иборат аст, ки солҳои охир арзиши масолеҳи сохтмонӣ дар бозорҳои кишвар боло рафта, қарзи имтиёзноке, ки барои сохтмони манзили зисти муҳоҷирони экологии кӯчонидашуда пешбинӣ шудааст, наметавонад талаботи онҳоро дар харидорӣ намудани масолеҳи сохтмонӣ қонеъ гардонад. Бинобар ин зарур аст, ки масъалаи зиёд кардани ҳаҷми қарзи имтиёзнок ба муҳоҷирони дохилӣ дида баромада шавад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21 декабри 2021, шаҳри Душанбе.
2. Стратегияи танзими муҳоҷират дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040.
3. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2008 № 467 «Низомнома дар бораи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, № 211 «Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №211 «Тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.08.2014 № 532 «Низомномаи тартиби муҳоҷирати дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон».
7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №521 «Дар бораи тартиби амалӣ намудани муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2019-2021».

УДК 330.34

Собирҷонов А.С.

КОНСЕПСИЯ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ТАТБИҚИ “ИҚТИСОДИ САБЗ” ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мавзуи актуалӣ таҳлил карда шудааст, зеро мушкилоти экологӣ торафт дар ҳаёти хоҷагидорӣ торафт афзоиш ёфта истодааст, ки бо сабаби ғайриоқилона истифода намудани имкониятҳои пешравии илмию техникӣ ва муносибатҳои истеъмолӣ ба муҳити зист ва захираҳои табиии намояндагони бизнес, саноат ва давлат, ки танҳо зиёд шуда истодааст алоқамандӣ дорад. «Иқтисоди сабз» дар даҳсолаҳои охир тамоюли ҷаҳонӣ гардидааст, лекин бояд қайд намуд, ки аксарияти мамлакатҳо ба он ҳатто каме ҳам наздик нашудааст. Бузургии гузариши Тоҷикистон ба иқтисоди сабз шартан хусусияташ дар он аст, ки оқибати тағйирёбии иқлим ва офати табиӣ, аз ҷумла хушкӣ, обхезӣ, тармафаромӯй, лағзиш зарари бузург ба иқтисодиёт мерасонад. Инчунин аҳамияти гузариш ба иқтисоди сабз дар Тоҷикистон муҳимияти ба даст овардани энергияи тозаи экологӣ бо истифодаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда, инчунин кам намудани таназзули муҳити атроф, устувории амнияти озуқаворӣ аз ҳисоби инкишофи имконияти хоҷагии қишлоқи органикӣ ҳангоми кам намудани истеъмоли захираҳои табиӣ ва баланд бардоштани сифати ҳаёти одамон муайян карда шудааст. Консепсияи «Иқтисоди сабз» ва имкоиятҳои амалисозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф қайд намудааст, ки ҳимояи муҳити атроф ва беҳтар гардидани сифати ҳаёти инсон аз ҳисоби самаранок истифодабарии қисмати ҷории амалигардонии талаботҳои «Иқтисоди сабз» ноил гаштан имконпазир мебошад. Инчунин дар мақола самтҳо ва мақсадҳои рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷкистон дарҷ гардидааст.

Калидвожаҳо: консепсия, созишнома, иқтисоди сабз, тағйирёбии иқлим, технологияи тозаи экологӣ, таназзули муҳити атроф ва ғайра

Собирджонов А.С.

КОНЦЕПЦИЯ И ВОЗМОЖНОСТИ РЕАЛИЗАЦИИ «ЗЕЛЕНОЙ ЭКОНОМИКИ» В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Анализируется актуальная тема, поскольку экологические проблемы все чаще становятся проблемой экономической жизни, что связано с нерациональным использованием возможностей научно-технического прогресса и растущим потребительским отношением к окружающей среде и природным ресурсам со стороны представителей бизнеса, промышленности и государства. «Зеленая экономика» стала мировым трендом последних десятилетий, однако следует отметить, что большинство стран даже близко не подошли к нему. Значимость перехода Таджикистана к зеленой экономике обусловлена тем, что последствия изменения климата и стихийные бедствия, в том числе засухи, наводнения, лавины, оползни, наносят огромный ущерб экономике. Также определена значимость перехода к зеленой экономике в Таджикистане, важность получения чистой экологической энергии с использованием возобновляемых источников энергии, а также снижения деградации окружающей среды, стабильности продовольственной безопасности за счет развития возможности органического сельского хозяйства при снижении потребления природных ресурсов и улучшении качества жизни людей. Автор отмечает, что защита окружающей среды и повышение качества жизни людей за счет её эффективного использования являются неотъемлемой частью реализации требований «Зеленой экономики». В статье также обозначены направления и цели развития зеленой экономики в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: концепция, соглашение, зеленая экономика, изменение климата, чистые экологические технологии, источники возобновляемой энергии, органическое сельское хозяйствои т. д.

Sabirzhanov A.S.

CONCEPT AND FEASIBILITY OF IMPLEMENTATION OF "GREEN ECONOMY" IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The topical issue is analyzed, since environmental problems are increasingly becoming a problem in economic life, which is associated with the irrational use of the opportunities of scientific and technological progress and the growing consumer attitude to the environment and natural resources of representatives of business, industry and the state. The “green economy” has become a global trend in recent decades, but it should be noted that most countries have not even come close to it. The magnitude of Tajikistan’s transition to a green economy is conditionally characterized by the fact that the consequences of climate change and natural disasters, including droughts, floods, avalanches, landslides, cause great damage to the economy. The importance of the transition to a green economy in Tajikistan is also determined by the importance of obtaining clean ecological energy using renewable energy sources, as well as reducing environmental degradation, ensuring food security through the development of organic agriculture while reducing the consumption of natural resources and improving the quality of life of people. The article analyzes the concept of green economy and its implementation in the Republic of Tajikistan. The author notes that protecting the environment and improving people's quality of life due to its effective use are an integral part of implementing the requirements of the "green economy". In the article, the directions and goals of green economy development in the Republic of Tajikistan are also indicated.

Key words: concept, agreement, green economy, climate change, clean ecological technologies, etc.

Солҳои охир созмонҳои байналмилалӣ дар ҳисоботҳои даврии нашршавандаи худ бештар истилоҳи «энергияи сабз», «маблағгузории сабз», «рушди сабз», «бозори сабз», «сабзгардонӣ»-и иқтисодиёт, «саноати сабз», «ҷои кори сабз», ва дигар истилоҳҳоро одатан бо калимаи «сабз» оғоз намуда истифода карда истодаанд.

Яке аз ҷанбаҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ ҳамкории дутарафаи иқтисодиёт ва экологияи мамлакатҳоро ифода мекунад. Маҳз «Иқтисоди сабз» ба зуд тағйирёбии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат карда истодааст. Дар натиҷа чандирӣ ва зуд тағйирпазирии иқтисодиёт ба беҳтаршавии сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ мушоҳида шуда истодааст. «Иқтисоди сабз» ба маънои васеъ-ин бе вайрон кардани муҳити атроф ҳосил кардани неруи зарурӣ мебошад.

Ин мафҳум дар Британияи Кабир аз тарафи олимон Д. Пирс, А. Маркандья ва Э. Барбье соли 1989 ба истифодаи илмӣ ҷорӣ карда шудааст» [14].

Барои роҳ надодан ба вайроншавии муҳити экологӣ ғояи асосии ҷанбаи «Иқтисоди сабз» рушди иқтисодиро бояд бо принсипҳои экологӣ якҷоя намуда мувозинатро байни инкишофи иқтисодӣ ва нигоҳ доштани муҳити атрофи мусоид ва захираҳои табиӣ барои насли оянда риоя карда шавад. Дар натиҷаи риоякунӣ зуд татбиқшавии консепспияҳои рушди «Иқтисоди сабз» дар шароити пайвастшавии иқтисодиёти миллӣ ба хоҷагии ҷаҳонӣ ба вуҷуд омада дар сохтори ММД-и мамлакат ҳиссаи «Иқтисоди сабз» меафзояд.

Муаллифи консепсияи «Иқтисоди сабз» Д. Пирс дар он вазъияте барои таҳия намудан шурӯъ намудааст, ки ҳангоми инкишофи иқтисодӣ ва паҳнкунии пешравии илмӣ оиди мушкилии экологӣ, оиди аз даст додани гуногунии сайёраи биологӣ ёдовар шудан муҳим мебошад, зеро захираҳои табиӣ беандоза намебошад.

«Иқтисоди сабз» принсипи нигоҳ доштани сайёраи солим (инвеститсияи давлатӣ дар барқарор намудани экосистема ва нигоҳ доштани гуногунии биологӣ), оқилона истифода намудани захираҳои табиӣ ва бойгарӣ, кам намудани партовҳои газҳои гулхонаӣ, паст намудани

сатҳи таъсири гази карбон (CO_2) ба муҳити экологӣ, кам кардани миқдори партовҳои саноатӣ, ҳимояи экосистема, зиёд намудани ҷойи кор, беҳтар намудани некуаҳволии иҷтимоиро ифода менамояд.

Масалан мамлакатҳои Норвегия, Шветсия, Дания, Австрия, Финляндия ва Олмон манбаи барқароршавии энергия мақсадҳои бомуваффақият муайяншуда оиди кам намудани партовҳои карбон ва зиёд намудани ҳиссаи энергияи сабз дар тавозуни энергетикӣ мисол овардан мумкин мебошад.

Таърифи ягона оиди истилоҳи «Иқтисоди сабз» то ҳол вуҷуд надорад ва «Иқтисоди сабз»-ро дар асоси омиҳои калидии зерин муайян мекунанд: баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва адолат, ҳамзамон паст намудани хавфҳои экологӣ ва ғайра.

Дар ҳисоботи даврии ташкилоти Созмони Миллали Муттаҳид оиди ҳифзи муҳити зист (ЮНЕП) мафҳуми «Иқтисоди сабз» чунин омадааст; «...Иқтисоди сабз ҳамчун фаъолияти хоҷагидорӣ аз сармояи табии замин иборат буда онро зиёд менамояд ва таҳдиду хавфи экологиро паст намуда ба беҳтаршавии некуаҳволӣ ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми паст гардидани хавфи иқтисодӣ ва норасоии захираҳои табиӣ мусоидат менамояд» [1].

Бо ибораи дигар бошад, зери мафҳуми «Иқтисоди сабз», «таҳия, истеҳсол ва ба истифода додани технология ва таҷҳизот барои назорат ва кам намудани партовҳои ифлоскунанда ва газҳои гулхонаӣ, мониторинг ва пешгуии тағйирёбии иқлим, инчунин технологияҳои сарфаи энергия ва захираҳо ва энергияи барқароршаванда» [2] фаҳмида мешавад.

Муносибатҳои гуногун (иқтисодӣ, иҷтимоию-иқтисодӣ ва экологию-иқтисодӣ) ба масъалаи инкишофи «Иқтисоди сабз» дар таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ бархурдор шудан мумкин мебошад. Аҳамияти зиёдтар ба муносибатҳои иқтисодию-иҷтимоии таҳқиқотҳои олимони иқтисодчии бузург Саидмуродов Л.Х., Умаров Х.У,Усманова Т.Ҷ. ва чанде дигарон зоҳир кардан мумкин аст. Гуруҳи дигари таҳқиқотчиён Исайнов Х.Р., Одинаев Х.А.. Ғаниев Т.Б., Давлатова М.М ва чанде дигарон истифодаи муносибатҳои экологию иқтисодиро беҳтар меҳисобанд [5].

Мувофиқи таҳқиқотҳои мазкур фаҳмишҳои гуногун оиди истилоҳи «Иқтисоди сабз» пешниҳод намудаанд, ки дар ҷадвали №1 оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Равишҳои асосии муайян намудани консепсияи иқтисоди «сабз» [5]

Муаллиф	Таъриф	Равиш
Бобылов С.Н. ва Захаров В.М	Иқтисоди сабз - ин гузаштан аз модели ашёии иқтисодӣ ба баланд бардоштани самаранокии энергетикӣ, ташаккули модели рушди устувор ва татбиқи сиёсати “бурди дукарата” марбут ба таъмини самарнокии иқтисодӣ ва коҳиши партовҳои зараровар алоқаманд буда, кафолати истифодаи устувори захираҳои табиӣ, истеҳсоли кампартов мебошад.	Экологӣ-иқтисодӣ
Бочко В.С.	Иқтисоди сабз - ин истеҳсоли молҳои озуқавории аз ҷиҳати экологӣ тару тоза ё ин ки инкишофи соҳаҳаои алоҳида дар асоси принсипи «сабз», аз ҷумла дар асоси гузариш ба сатҳи пасти иқтисоди карбон гузариш ба истеҳсоли технологӣ, ки таъминкунандаи ташкили моҳои саноатии экологии тоза ва озуқаворӣ мебошад.	Экологӣ-иқтисодӣ
Алинов М.Ш.	«Иқтисоди сабз»- ин фаъолияти иқтисодие мебошад, ки ба истеҳсол, тақсимот, истеъмоли молу хизмат ва беҳтар намудани шароити некуҳволии одамон дар давраи дарозмуддат бе расонидани хавфҳои бузурги экологӣ ба насли оянда ё камчинии экологӣ машғул аст.	Иҷтимоӣ-иқтисодӣ
Яшалова Н.Н.	Иқтисоди сабз - иқтисодест, бо партови ками карбон истифодабарии самараноки захираҳо ба манфиати ҷамъият ҷавобгӯ буда, «имконияти нигоҳ доштан, зиёд намудан ва барқарор намудани сармояи табииро дорад, ки манбаи асосии неъмати ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад».	Иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Зомонова Э.М.	Иқтисоди сабз - ин модели беназири рушди иқтисодӣ мебошад, ки «ба рушди устувор, ҷаҳонишавии берунӣ, маҷмӯи равишҳо ба раванди қабули қарор, беҳтар гардидани сифати ҳаёт дар шароити сарфаи захираҳо ва самаранокии захираҳо бо истифода аз технологияҳои нав ва навъоварӣ асос ёфтааст.	Иҷтимоӣ-иқтисодӣ
Фюкс Р.	Иқтисоди сабз як синтези самараноки эволютсияи биологӣ ва технология якҷоя бо табиат афзоиш меёбад».Навъоварии экологӣ ва пеш аз ҳама навъоварии биотехнологӣ ва гузариш ба манбаҳои энергияи барқароршаванда ва технологияи самаранок мавҷи тулонии минбаъдаи рушдро пуштибонӣ хоҳад кард. Дар натиҷа марҳила ба марҳила гузариш ба биоиқтисодиёт мешавад.	Экологӣ-иқтисодӣ
М Портер ва К Ван дер Линде	Иқтисоди сабз - ин усули самараноки идоракунӣ стандартизатсияи баланди экологӣ ва рақобатпазирӣ барои ширкат: ҳарчи қадаре ки стандарти экологии мамлакат баланд бошад, ҳамон қадар рақобатпазирии ширкат баланд мегардад, азбаски онҳо ширкатро маҷбур мекунад, ки имкониятҳои кам намудани партовҳоро ҷустуҷӯ намояд, технологияи тозаро ворид созад ва маҳсулотҳои навро истеҳсол кунад.	Экологӣ-иқтисодӣ
Исайнов Х.Р.	Иқтисоди сабз низоми иқтисодиро ифода мекунад, ки технологияи соф ва самаранок аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хоҷагии устувори кишоварзӣ ҳамчун омили рушди иқтисодӣ ва амнияти муҳити атроф баррасӣ карда мешавад.	
Одинаев Х.А.	Иқтисоди сабз - ин аз худкунии оқилона ва самаранок истифодабарии иқтидори энергетикӣ инчунин ҳадди аксар паст кардани таъсири манфӣ ба муҳити атроф афзоиши шуғли аҳолӣ бо роҳи ташкил ва васеъ намудани саноати энергияталаб ва инфрасохтори соҳаҳо мебошад.	
Саидмуродов Л.Х.	Иқтисоди сабз дар худ раванди рушди устуворро ифода мекунад, ки мақсади асосӣ таъмини инкишофи иқтисодӣ, устувории иҷтимоӣ ва баланси экологӣ дар давраи дарозмуддат ва таъмини самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин “иқтисоди сабз”- ин фаъолияти иқтисодиест, ки бо истеҳсолот, тақсимот ва истеъмоли молҳо ва хизмат алоқамандӣ дошта некуаҳволии одамон ва нигоҳдории сармояи табииро дар давраи дарозмуддат таъмин менамояд. (ба СРИС-2037 ворид шудааст)	Иҷтимоӣ-иқтисодӣ
Бонки умумиҷаҳонӣ	Иқтисоди сабз ҳамчун рушди “сабз” ба масъалаи самаранокии энергия ва захираҳо такя менамояд (оқилона истифода кардани захираҳои табиӣ)	Экологӣ-иқтисодӣ
Бонки аврупоии рушд ва азнавсозӣ	Иқтисоди сабз - ин иқтисодиётест, ки дар он инвеститсияи давлатӣ ва хусусӣ тавре ба амал бароварда мешавад, ки таъсири фаъолияти иқтисодӣ ба муҳити зист ҳадди ақалл кам карда мешавад.	Иқтисодӣ

Сарчашма: *Обидов К.Р. «Зелёная экономика»: концептуальные основы развития в Республике Таджикистан/ К.Р. Обидов, НАНТ Ин-т экономики и демографии.-Душанбе «Дониш», 2024. -211с. стр-23-25*

Ҳамин тавр, «Иқтисоди сабз»- «дар самти илми иқтисодӣ дар доирае, ки иқтисодиёт аз компонентҳои муҳити табиӣ вобаста мебошад ва дар ҳудуде мавҷуд аст, ки қисмати он ба ҳисоб меравад, инчунин барои нигоҳ доштани некуаҳволии ҷамъият аз ҳисоби самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ, баргардонидани маҳсулоти ниҳоӣ ба давраи истеҳсолӣ» [3] равона карда шудааст.

Рушди таҳдиди экологӣ ва инкишофи буҳрони молиявии ҷаҳонӣ (солҳои 2008-2009) нишон дод, ки зарурияти ворид намудани унсурҳои амнияти экологӣ ба низоми иқтисодии хоҷагии ҷаҳон ҷой дорад. «Нақши ҳалкунандаи ташаккулёбии "иқтисоди сабз" мутобиқи принсипҳои инкишофи устувор дарҷ гардидааст, ки ҳамчун алтернативаи иқтисоди анъанавӣ (қаҳваранг); ҳамчун якчанд иқтисоди сабз; ҳамчун камкарбон, самаранокии захираҳо ва иқтисоди фарогири иҷтимоӣ дар мубориза ба тағйирёбии иқлими умумибашарӣ; ҳамчун самти алоҳидаи фаъолият доир ба таҳия, истеҳсол ва татбиқи технологияи тозаи экологӣ, маҳсулот ва хизмат баррасӣ шудааст» [12].

«Иқтисоди сабз» дар барномаи СММ оиди ба муҳити атроф (UNEP) ҳамчун беҳтар гардонидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ қайд шудааст. Инчунин мувофиқи таҳлили ақидаҳои олимон "иқтисоди сабз" ба таври кифоя хавфи таназзули муҳити атроф ва камбизоатиро паст менамояд. Ҳамин тавр, иқтисоди сабз барои қонеъ гардонидани талаботҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Умуман дар баробари мафҳуми «иқтисоди сабз» консепсияи «рушди сабз», «энергияи сабз», «иқтисоди рақамии сабз»-и инкишофи иқтисодӣ бо устувории экологӣ, партови ками гази карбон ва ченкунии иҷтимоӣ (ЭСКАТО) истифода мешавад.

Се нишондиҳандаи сатҳи муайян намудани рушди устувор ба муваффақ гардидан ва ҳам даҳ мақсадҳои ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки дар байни онҳо мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мавқеи асосиро ишғол менамояд. «Аз руи пешгӯиҳо беназоратии гармшавии умумиҷаҳонӣ ба камшавии ММД-и ҷаҳонӣ ба 23% то соли 2100-ум меорад, ки дар ин маврид талафот то 75% барои 40%-и мамлакатҳои камбағали ҷаҳон ташкил медиҳад» [13].

Моҳи ноябр-декабри соли 2015 дар Париж Конфронси тарафҳо конвенсияи чаҳорчӯбаи Созмони Милали Муттаҳид (Париж-2015) COP21 (Conference of the Parties, COP21, КС-2)оид ба тағйирёбии иқлим гузаронида шуд. Аз руи натиҷаи конфронс «Созоишномаии таърихии Париж" қабул гардид, ки ҳамаи 196 давлат имзо намуданд [6].

Созишнома барои мустаҳкам намудани танзими умумиҷаҳонӣ ба таҳдиди тағйирёбии иқлим (Созишномаи Париж моддаи 2) дар партави рушди устувор ва саъю кушиш барои барҳам додани камбизоатӣ равона карда шудааст, аз ҷумла бо воситаи:

-нигоҳ доштани баландшавии ҳарорати миёнаи ҷаҳонӣ камтар аз 2°С ва пешниҳоди саъю кушиш ба мақсади маҳдудияти рушди ҳарорат то 1,5°С, ки бо андозаи бузург, хавф ва тасъсири тағйирёбии иқлимро кам менамояд;

-баланд бардоштани қобилияти мутобиққунӣ ба таъсири номусоиди тағйирёбии иқлим ва мусоидаткунӣ ба инкишоф ҳангоми сатҳи пасти партовҳои газҳои гулхонаӣ ва ҳамин тавр, зери таҳдид нагузоштани истеҳсоли озуқаворӣ;

-интиқоли воситаҳои молиявӣ дар самти инкишоф, сатҳи пасти партовҳо ва муқобилият ба тағйирёбии иқлимро ифода мекунад;

Созишномаи Париж чораҳои мушаххасро ба муқобили тағйирёбии иқлим буда ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ мақсаднок мебошад, муайян карда шудааст, ки коркарди пурраи механизми баамалбарорӣ ба ҳукумати миллӣ вогузор карда шудааст.

Созишнома гузаришро ба модели нави камкарбонноки рушди иқтисодӣ дар асоси марҳила ба марҳила даст кашидан аз технологияи анъанавии саноати истихроҷ, коркард ва истифодаи захираҳои истихроҷи маъдан (пеш аз ҳама ашёи карбогидрид) ба фоидаи технологияҳои «сабз» муттаҳид ва расмӣ мекунад.

Соли 2020 мамлакатҳо стратегияи милли худро дар соҳаи партофти CO_2 (гази карбон) ба самти камшавӣ таҷдиди назар кардаанд.

Уҳдадории мамлакатҳои иштирокчии созишномаи Париж ҳар панҷ сол ибтидо аз соли 2022 таҷдиди назар ба нақша гирифта шудааст.

Барои татбиқи барнома нигоҳ доштани гармшавии умумибашарӣ ба мамлакатҳои ру ба инкишоф дастгирии молиявӣ пешниҳод карда шудааст. Мувофиқи созишномаи Париж маҷмуи молиякунонии давлатӣ ва хусусӣ ба мамлакатҳои рӯ ба инкишоф соли 2020 ба 100 млрд. доллар расидааст.

Фарқи байни протоколи Киото аз созишномаи Париж дар он аст, ки протоколи Киото квотаи миллиро ба ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ сахт пешниҳод намудааст.

Хусусияти муҳими созишномаи Париж асосан ихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Созишномаи Париж таъмини интихоби барномаҳои миллиро оиди ноил гаштан ба вазифаҳои мақсаднок ифода менамояд. Барномаҳо ҳамчун нияти баҳодиҳӣ тартиб дода мешавад. Фишанги асосӣ нияти паст кардани ҳаҷми партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳисоб меравад. Лоиҳаҳо аз рӯи мамлакат фарқ карда мешавад.

Созишномаи Париж дар фарқият аз протоколи Киото механизми квота баррасӣ карда намешавад.

Дар созишномаи Париж таҳрим барои мамлакат ба тоб наовардани иҷрокунии маблағгузории миллӣ вуҷуд надорад. Созишнома танҳо барои ташкили механизми ҳавасмандкунӣ, ки бояд субъектони хоҷагидорӣ ва давлатро барои бомуваффақият кам гардидани партовҳои газҳои гулхонаи онҳо ҳавасманд менамояд, тасдиқ мегардад.

Ба ғайр аз ин фарқи созишномаи Париж аз протоколи Киото дар худи низоми ноил гаштан ба маҳдудияти партовҳои гази гулхонаӣ ифода мегардад. Протоколи Киото дар асоси низоми «аз боло ба поён»: аввал мақсади умумӣ оиди кам намудани маҷмӯи партовҳо ва дар асоси он дараҷаи мақсадноки партовҳои мамлакатҳои мушаххас ташкил карда шудааст. Чунин низом ноустувории худро нишон дод: масалан Протоколи Киоторо ШМА ратификатсия накард.

Ҳиссаи партовҳои ратификатсиякардашудаи Созишномаи Париж тарафҳо конвенсияи чаҳорчубаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим 82,55%-ро ташкил додааст.

Ҷадвали 1

Тасдиқ ва имзо намудани созишномаи Париж аз тарафи мамлакатҳои ИДМ

Мамлакат	Фоизи газҳои гулхонаӣ барои ратификатсия	Санаи имзо	Сана, вақте ки созишнома ба қувваи амал даромадааст
Азарбайҷон	0,13%	22 апрели 2016	8 феврали 2017
Арманистон	0,02%	20 сентябри 2016	22 апрели 2017
Беларус	0,24%	22 апрели 2016	4 ноябри 2016
Қазоқистон	0,84%	2 августи 2016	5 январи 2016
Қирғизистон	0,03%	21 сентябри 2016	
Молдова	0,04%	21 сентябри 2016	25 январи 2017
Федератсияи Россия	7,53%	22 апрели 2016	
Тоҷикистон	0,02%	22 апрели 2016	21 апрели 2017
Туркманистон	0,20%	23 сентябри 2016	19 ноябри 2016
Украина	1.04 %	22 апрели 2016	4 ноябри 2016
Узбекистон	0,54%		

Сарчашма: https://en.wikipedia.org/wiki/Paris_Agreement#Parties_and_signatories

Дар уҳдадориҳои пешакии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои вазифаҳои созишномаи Париж ва роҳҳои татбиқи он дар инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистон оид ба тағйирёбии иқлим то соли 2030 алоқамандӣ доранд, маҳдуд намудани партови газҳои гулхонаӣ ба сатҳи мувофиқ ба 80-90% -и сатҳи соли 1990 бо истифода аз ҳисоби маблағҳои худи мамлакат ва 65-75% -ин сатҳ бо дастгирии ҷиддии байналмилалӣ пешбинӣ шудааст.

Зиёда аз 95%-и ҳамаи электроэнергияи дар мамлакат тавлидшуда аз ҳисоби нерӯи обӣ истеҳсол мешавад, ки дар якҷоягӣ бо истеъмоли ками сӯзишвории истихроҷшаванда дар мамлакат он вақеъиятро ифода мекунад, ки Тоҷикистон аз ҳама камтар партовҳои газҳои гулхонаӣ дар Осиёи Марказӣ дорад.

Дар даҳсолаҳои охир ҳаҷми партовҳо устувор гардида даҳсолаи минбаъда бошад афзоиши он дар назар дошта шудааст. Тавсия оид ба паст кардани таъсир ба иқлим ва мусоидаткунӣ ба

оқибатҳои он, инчунин имкониятҳо дар ин соҳаҳо дар нақшаи амалиёти Миллӣ доир ба тағйирёбии иқлим ифода ёфтааст (2003с).

Уҳдадории миқдорӣ ва сифатӣ то соли 2030 имконияти кам намудани партовҳои газҳои гулхонаӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 65-75%-и сатҳи соли 1990 расидан бо шарти мавҷуд будани дастгирии байналмилалӣ пешбинӣ шудааст.

Базаи меъёрию ҳуқуқии татбиққунандаи созишномаи Париж сеюмин иттилооти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оиди тағйирёбии иқлим аз соли 2014 ин ҷониб ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои сабз дар соҳаи энергетика ва соҳаи хоҷагии қишлоқи органикӣ барои истеҳсоли моҳои экологии тару тоза, истифодабарии нақлиёти электронӣ ва инфрасохтори экологӣ мебошад. «Тоҷикистон метавонад чорумин мамлакат дар ҷаҳон оиди истеҳсоли энергияи таҷдидшаванда бо истифодаи иқтидори миллӣ оиди коркарди электроэнергия аз сарчашмаҳои барқароршаванда гардад, зеро соҳиби имконияти ҳақиқӣ аз ҳисоби захираҳои обӣ ва энергияи офтобӣ мебошад. Тоҷикистон таҷрибаи мамлакатҳои хориҷиро дар татбиқи принсипҳои иқтисоди сабз дар гуруҳи 20-мамлакати дорои беҳтаршавии индексҳои маҷмӯи инкишоф шомил шудааст» [8].

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руи нишондиҳандаи партовҳои газҳои гулхонаӣ дар ҷаҳон ҷои 135-умро ишғол мекунад, ки дар миқёси минтақавӣ камтарин партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳар як сари аҳолиро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаи мазкур дар беҳтар гардидани вазъият ва ҳалли масъалаи экологӣ дар сатҳи умумиҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳиссаи намоён ба ҳисоб меравад [9].

Мақсад аз қабул намудани стратегияи инкишофи «Иқтисоди сабз» оқилона ва самаранок истифода кардани захираҳои табиии мавҷуд буда ба рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи сифати ҳаёти одамон, баробарии экологӣ дар давраи дарозмуддат кумак расонидан ба ҳисоб меравад.

Ба мақсади дастгирии ҳимояи ҳуқуқи инсон, ҷалбкунӣ ба муҳити солим ва некуаҳволии инсон соли 2001-ум конвесияи Охусро имзо гардидааст. Конвенсияи имзогардида Тоҷикистонро ба Конвенсияи комиссияи иқтисодии аврупоии СММ «Оид ба дастрасӣ ба иттилоот, иштироки ҷамъиятӣ дар қабули қарор ва дастрасӣ оид ба масъалаҳои адолатро ба муҳити зист дахл дорад» ифода менамояд.

Як қатор барномаҳо ва санадҳои меъёрию-ҳуқуқиро ба мақсади инкишоф додани манбаъҳои неруи барқароршаванда Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудааст. Ба монанди комплекси мақсаднок ба мақсади истифодабарии васеъи манбаҳои неруи барқароршаванда дар солҳои 2007-2015 қабул гардида буд. Дар баробари ин соли 2010 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба истифодабарии манбаъҳои барқароршаванда» қабул гардидааст. Бояд қайд намуд як қатор имтиёзҳоро ба монанди субсидиякунонии соҳа, пурра ё қисман озод кардан аз намуди андоз аз арзиши иловашуда, пешниҳоди қарзҳои имтиёзнок ба истеҳсолкунандагони неруи барқароршаванда муқаррар кард. Масалан дар Ҷумҳурии Узбекистон истеҳсолкунандагони дастгоҳҳои манбаҳои неруи барқароршаванда дар давоми панҷ сол аз санаи ба қайдгирӣ аз пардохти ҳамагуна намуди андоз озод карда шудааст [7].

Мувофиқи кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон воридкунандагони воситаҳои нақлиёти электромобилӣ, электробусҳо, тролейбусҳо аз намудҳои андози андоз аз арзиши иловашуда, андози аксиз ва аз пардохтҳои ҳатмии гумруки дар соли 2022 озод карда шуда буданд [4]. Тоҷикистон таҷрибаи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии халқии Хитой оиди ҷорӣ намудани иқтисоди сабз дорад, масалан инвеститсияи Хитой аз соли 2007 то ин ҷониб зиёда аз 3,34 млрд. долларро ташкил дода аст, инчунин зимни сафари худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Хитой соли 2024 меморандум оиди кумаки тарафайн дар соҳаи мазкур имзо намудаанд. Ҷалби сармояи хориҷӣ ба манбаъҳои неруи барқароршаванда таъсиси корхонаи муштарак оиди истеҳсоли панелҳои офтобӣ ва батареяҳо барои электромобилҳо ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, дар шароити «Иқтисоди сабз» аҳамияти бештар ба он фаъолияти иқтисодие, дода мешавад, ки дар баробари таҷҳизонидан ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, ба беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳбудии муҳити зист низ равона шуда бошад.

Дар аксарияти мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ мақсади “Иқтисоди сабз” инкишофи рақобат ва таъмини ҷойҳои корӣ, расидан ба рушди устувор, паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ мебошад. Муттасифона дар ягон ҳуҷҷатҳои расмӣ мушкилоти экологӣ, махсусан маҳдудияти экологии рушд дар мафҳуми иқтисоди сабз ишора нагардидааст.

Ба мақсади рушди иқтисоди «сабз», мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ва ҷалби сармояю технологияҳои каммасраф Стратегияи рушди иқтисоди «сабз»-ро барои солҳои 2023–2037 тибқи талаботи Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудааст ва аз 30 сентябри соли 2022 №482 тасбиқ шудааст [10].

Ба ақидаи муаллиф стратегияи қабулгардида дар таъмини рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва расидан ба ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон-баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат дар заминаи рушди устувори иқтисодии «сабз» мусоидат мунамояд

Бо туфайли имконияти потенсиалии Тоҷикистони муосир имкониятҳои зиёд барои рушди иқтисоди «сабз» аз ҳисоби куҳҳои баланди захираҳои гуногуни бой дошта, табиати нотакрор, обҳои мусаффо ва манбаъҳои барқароршаванда дар назар дошта шудааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 64 фоизи захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул ёфта, нерӯи барқ дар кишвар асосан аз манбаъҳои неруи барқароршаванда истеҳсол карда мешавад, ки ба имкониятҳои инкишофи «Иқтисоди сабз» боз ҳам мусоидат менамояд.

Бинобар ин неруи барқии обӣ манбаи асосии таъмини аҳолӣ ва иқтисодиёти миллӣ бо энергияи сабз ба ҳисоб меравад, зеро неруи барқ асосан аз неругоҳҳои барқи обӣ ҳосил мегардад ва ин соҳа дар рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон мавқеи асосиро ишғол менамояд. Ва чи хеле ки ба ҳамагон маълум аст, Тоҷикистон дорои иқтидори истеҳсоли 527 млрд. кВт/соат қувваи барқ дар як сол мебошад ва дар айни замон танҳо, ҳамагӣ 6 фоизи ин иқтидорҳо аз худ карда шудаасту халос.

Мувофиқи таҳқиқотҳо дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикиситон метавонад бо истифода аз иқтидорҳои тавлиди неруи барқ аз манбаъҳои барқароршаванда дар ҷаҳон ҷойи намоёнро ишғол намуда пурра ба содиркунандаи бузурги қувваи барқ махсусан дар минтақаи Осиёи Марказӣ табдил ёбад. Ҳамчунин Тоҷикистон бо дар назардошти талаботи бозори ҷаҳонӣ имконияти рушди кишоварзии органикӣ, инфрасохтору нақлиёти барқӣ ва савдои «сабз»-ро дорад, ки боз ҳам ба инкишофи «Иқтисоди сабз» имконият медиҳад.

Вобаста ба ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалигардонии се самти имконияти ташаккули иқтисоди «сабз»-ро ҷудо кардан мумкин мебошад:

– самти иқтисодӣ; бо мақсади пешбурди иқтисодиёти самаранок ва истифодаи камкарбон ба мақсади ҳифзи муҳити зист ва пеш аз ҳама истифодабарӣ аз чораҳои маъмурии маҳдудкунии ҳаҷми ихроҷҳо атмосфера ва дуюм аз истифодакунии воситаҳои иқтисодӣ ба монанди андозбандии «сабз», пардохтҳои экологӣ ва субсидияҳои «сабз» ташкил медиҳанд; сеюм чораҳои ихтиёриро дар бар мегирад, ки ташкили маҳзани маълумоти дахлдор ва низоми идоракунии ба шарикии давлату бахши хусусӣ тақозо менамояд;

– самти иҷтимоии иқтисоди «сабз» бошад аз ҳисоби мусоидат ба сармоягузории «сабз» ба технологияҳо, сайёҳии экологӣ, маориф ва илм, афзоиши даромад ва шуғли аҳолӣ, кам кардани ихроҷи гази карбон ва ифлосшавии муҳити зистро таъмин менамояд ва ба баланд бардоштани самарабахшии энергия ва захираҳо ташаккул хоҳад ёфт;

– самти экологии иқтисоди «сабз» тақозо менамояд, ки манбаъҳои маъданӣ (зеризаминӣ)-и неруи тамомшаванда самаранок истифода шавад, ба монанди истифодабарии бошиддати онҳо аз як тараф ба иқлим таъсири манфӣ расонад, аз тарафи дигар боиси маҳдудияти захираҳои табиӣ барои наслҳои оянда мегардад. Аз ин рӯ, асоси ин самти иқтисоди «сабз» ё ба таври дигар иқтисоди камкарбониро он принсипҳои таъмини боэътимоди энергия ташкил медиҳанд, ки ба

сарфаи энергия, самаранокии он ва гузариш ба манбаъҳои неруи барқароршаванда такя мекунанд [10].

Мақсадҳои «стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027», қабулшуда маҳз дар самтҳои инкишофи барқароркунии сарчашмаҳои энергия, сарфа ва самаранокии он, рушди хоҷагии қишлоқи устувор ва самараноки органикӣ, идоракуни партовҳо, оқилона истифода кардани захираҳои об, инкишофи «воситаҳои нақлиёти сабз», нигоҳдорӣ ва самаранок идоракунии экосистемаҳо дарҷ карда шудааст.

Ҳамин тавр самтҳои номбаркардашуда ба мақсади баланд бардоштани сифати рушди иқтисодӣ (афзоиши ММД) ишнкишофи технологияҳо ва инноватсияҳо рушди иқтисодии аз ҷиҳати экологӣ устувор, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши сармоягузории «сабз» нигаронида шудааст.

Инчунин ба баланд бардоштани некуаҳволӣ, таъмини дастрасии тамоми қишри ҷомеа ба маҳсулоти асосӣ ва неъматҳо (молҳои ғизоӣ ва ғайриозуқа) ва хизматрасониҳо (нақлиётӣ, сохтмонӣ, хоҷагию манзилӣ), ки ба дарозумрӣ таъсир мерасонад равона шуда, дорои ҳусусиятҳои нигоҳ доштани сармояи табиӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои экологӣ, кам кардани ихроҷи гази карбон (CO2), таъмини самаранокии истифодаи нерӯи барқ ва баланд бардоштани маърифати экологӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Глобальный «зеленый» новый курс: доклад UNEP/UNEP. -2009-март. -42 с [электронный ресурс] – URL: http://greenlogic.by/content/files/GREENTRANSPORT/UNEP90_RUS.pdf (дата обращения: 26.09.2025).

2.Там же.

3. Егорова М.С. Экономические механизмы и условия перехода к зеленой экономике//Фундаментальные исследования.2014. -№6-6. С.1262-1266.

4. Закон Республики Таджикистан от 18 марта 2022 г., № 1867 «О внесении изменений и дополнений в Налоговый кодекс Республики Таджикистан» //www.mmk.tj

5. Обидов К.Р. «Зелёная» экономика: концептуальные основы и перспективы развития в Республике Таджикистан / К.Р. Обидов, НАНТ Ин-т экономики и демографии. - Душанбе: «Дониш», 2024. - 211 с. стр. 23-25

6. Парижское соглашение РКИК ООН.12 декабря 2015

7. Расулов Г. Государственная политика Таджикистана в производстве и реализации возобновляемой энергии / Г. Расулов // Журнал центральноазиатских и евразийских исследований. – 2021. – Т. 1. № 4. – С. 53-63

8. Солехзода А.А. Республика Таджикистан: путь к устойчивому развитию на базе принципа «зелёной экономики» / Солехзода А.А. // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. - №2. – С.60-69.

9. Самадова З.А. К вопросу о формировании зелёной экономики в Республике Таджикистан/ Вестник ТГУПБП», выпуск 2 (103), 2025. стр 134-140

10. Стратегияи рушди иқтисоди «Сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2022 таҳти №482) / Ҳолати дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=143404

11. Там же

12. Хангулыева О. Концепция зеленой экономики//Международный научный журнал «Символ науки» 11-1-1/2023. Стр.116.

13.Там же стр.117

14. Pearc D., Markandya A., Barbier E.B. Blueprint for a Green Economy. – London: Earthscan, 1989. – 192 p

УДК 339.5:339.727

Содиқзода Парвиз., Обидов У.Ф.

ТАҲАВВУЛОТИ РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВӢ ДАР ТАҲЛИЛ ВА АРЗЁБИИ МУҚОИСАВИИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИҶОРАТӢ-САРМОЯГУЗОРӢ

Мақола ба таҳлили таҳаввулоти равишҳои назариявӣ дар омӯзиши ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бахшида шудааст. Дар он нишон дода мешавад, ки афзоиши сармоягузориҳои фаромиллӣ, рақамикунонии бозорҳо ва бозсозии занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда зарурати таҳлили мукаммали бисёрсоҳавиро ба миён меоранд. Дар ин замина, панҷ мактаби назариявӣ-классикӣ, неоклассикӣ, паснеоклассикӣ, институтсионалӣ ва шабакавӣ-экосистемавӣ ба таври муқоисавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Барои ҳар як равиш, дар матритсаи таҳлилии муқоисавӣ, афзалиятҳо, маҳдудиятҳо ва метрикаҳои мувофиқи ченкунӣ ба таври низомманд тасниф шудаанд. Дар натиҷаи таҳқиқ собит мегардад, ки танҳо модели гибридии “омилӣ-институтсионалӣ-шабакавӣ” қодир аст, ки омилҳои захиравӣ, институтсионалӣ ва рақамиро ба таври ҳамгиро фаро гирад.

Калидвожаҳо: сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда, иқтисодиёти платформавӣ, хароҷоти транзаксионӣ, бартарияти нисбӣ, иқтисодиёти институтсионалӣ, сиёсати саноатӣ, ҳамкории тиҷоратӣ-сармоягузорӣ.

Содикзода Парвиз., Обидов У.Ф.

ЭВОЛЮЦИЯ ТЕОРЕТИЧЕСКИХ ПОДХОДОВ В АНАЛИЗЕ И СРАВНИТЕЛЬНОЙ ОЦЕНКЕ МЕЖДУНАРОДНОГО ТОРГОВО-ИНВЕСТИЦИОННОГО СОТРУДНИЧЕСТВА

Статья посвящена эволюции теоретических подходов к анализу международного торгово-инвестиционного сотрудничества. Показано, что рост транснациональных инвестиций, цифровизация рынков и перестройка глобальных цепочек стоимости требуют междисциплинарного комплексного анализа. В этой связи сравнительно рассмотрены пять школ-классическая, неоклассическая, постнеоклассическая, институциональная и сетево-экосистемная. Для каждой школы в компаративной аналитической матрице систематизированы преимущества, ограничения и соответствующие метрики измерения. Исследование доказывает, что ресурсные, институциональные и цифровые факторы может охватить лишь гибридная модель «факторно-институционально-сетевая».

Ключевые слова: прямые иностранные инвестиции, глобальные цепочки добавленной стоимости, платформенная экономика, транзакционные издержки, сравнительное преимущество, институциональная экономика, промышленная политика, торгово-инвестиционное сотрудничество.

Sadiqzode Parviz., Obidov U.F.

EVOLUTION OF THEORETICAL APPROACHES IN THE ANALYSIS AND COMPARATIVE ASSESSMENT OF INTERNATIONAL TRADE AND INVESTMENT COOPERATION

The article is devoted to the evolution of theoretical approaches to the analysis of international trade and investment cooperation. It demonstrates that the growth of transnational investments, the digitalization of markets, and the restructuring of global value chains require an interdisciplinary and comprehensive analytical framework. In this context, five schools of thought are comparatively

examined - classical, neoclassical, post-neoclassical, institutional, and network-ecosystem. For each school, a comparative analytical matrix systematizes their advantages, limitations, and relevant measurement metrics. The study argues that only a hybrid "factor–institutional–network" model is capable of encompassing the resource-based, institutional, and digital determinants.

Keywords: foreign direct investment, global value chains, platform economy, transaction costs, comparative advantage, institutional economics, industrial policy, trade and investment cooperation.

Гузориши масъала. Дар фазои иҷтимоию иқтисодии асри XXI ҷараёнҳои сармоягузории фаромиллӣ, тағйироти сохторӣ дар занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда ва конвергенсияи бозорҳои мол ва хадамоту сармоя бо суръати бесобиқа шиддат гирифта истодаанд. Ин раванд, аз як самт, ба диверсификатсияи манбаъҳои маблағгузорӣ, интиқоли технологияҳо ва ташаккули салоҳиятҳои нав мусоидат мекунад, аз самти дигар, сатҳи омилҳои номуайянӣ, хавфҳои системавӣ ва асимметрияи иттилоотиро боло бурда, зарурати таҳлили комплексӣ, байнифаннӣ ва мураттаби институтсионалии ин падидаҳоро пешорӯи илм қарор медиҳад. Дар чунин шароит, арзёбии илмии равобити тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бояд на танҳо матритсаи анъанавии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (ҳаҷми СМХ, талафоти хароҷотии бозор, коэффисиенти тиҷоратӣ-сармоягузорӣ)-ро дар бар гирад, балки механизми ҳамкории институтсионалӣ, дастрасии инфрасохтори рақамӣ, ҳамоҳангсозии танзимоти ҳуқуқӣ ва таъсири мутақобилаи шабакаҳои истеҳсолиро низ фаро гирифта, бо истифода аз моделсозии эконометрии панелӣ, таҳлили шабакавӣ ва методологияи хароҷоти транзаксионӣ устувории экосистемаи тиҷоратӣ-сармоягузориро дар сатҳҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ муайян созад.

Таҳлили таҳқиқотҳои охир ва нашрияҳо. Аз муаллифони ватанӣ масоили ҳамкориҳои сармоягузориро Содиқов М.С., Солеҳзода А.А., Қодирзода Ф.А., масоили ҳамкориҳои тиҷоратиро Асрорзода У.С., Содиқзода П. ва дигарон омӯхта баромадаанд.

Аз олимони намоёни хориҷӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ, муҳаққиқони зерин ҳамчун пешсаф шинохта мешаванд: П. Антрас, Г. Гиреффи, Р. Болдуин, А.В. Кузнетсов, А.С. Булатов, Т.В. Гудкова ва дигарон.

Мақсади тадқиқоти мазкур таҳияи қолаби назариявӣ-методологии комил барои ба низом даровардани равишҳои таҳқиқи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байналмилалӣ мебошад.

Муҳтавои асосии мавод. Равиши классикӣ дар омӯзиши ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байналмилалӣ бар мафҳуми бартарии нисбӣ такя мекунад, ки онро Д. Рикардо дар модели «ду кишвар – ду мол» шарҳ додааст. Ӯ тавассути қонуни таносуби арзиши меҳнат ва махсусгардонии захираҳои истеҳсолӣ фоидаи мутақобилаи савдоро асоснок менамояд [18]. Минбаъд, Ҷ.С. Милл, бо истифода аз модели мувозинати байналмилалии арза ва тақозо, тарзи тақсимоти фоидаи маржиналиро дар шароити савдои озод тавзеҳ дода, нишон медиҳад, ки манфиатҳо миёни кишварҳои иштирокчӣ ба таври одилона тақсим мешаванд [16]. Дар марҳилаи баъдӣ, К. Маркс мафҳуми «сармоя ҳамчун мол»-ро ташаккул дода, тавзеҳ медиҳад, ки табдил ёфтани сармоя ба унсури василаи миёнарав байни истеҳсолот ва савдо аз рӯи даври гардиши он (П — М — П′) ва механизми фетишизатсияи арзиш муайян карда мешавад [15]. Ҳамин тариқ, мактаби классикӣ тавассути се такягоҳи назариявӣ — бартарии нисбӣ, мувозинати Милл ва сармояи молии Маркс — пояи методологии таҳлили муосири ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузориро фароҳам месозад.

Дигар равиш дар таҳқиқи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-сармоягузории байналмилалӣ – неоклассикӣ аз се пояи методологӣ иборат аст. Аввалан, модели Ҳекшер–Олин нишон медиҳад, ки махсусгардонии тиҷорат ва самти ҷараёни сармоягузориҳои мустақим аз фаровонии нисбии омилҳои истеҳсолот — меҳнат, сармоя ва замин — вобастагӣ дорад; тафовут дар таъмин будани кишварҳо бо захираҳои истеҳсолӣ на танҳо самти табодули мол, балки ҷойгиршавии сармоягузориҳои хориҷиро низ муайян мекунад [17]. Дувум, фарзияи Линдер тавоҷуҳро ба монандии сохтори даромад ва афзалиятҳои истеъмолии аҳолӣ равона намуда, исбот мекунад, ки давлатҳои сатҳи даромади миёнаи аҳолиашон муқоисашаванда, бештар ба тиҷорати дохилисоҳаӣ ва сармоягузориҳои дуҷониба тамоюл мекунанд, зеро талаботи «синфи миёна» ба кам шудани

тафовут дар намудҳои маҳсулот мусоидат менамояд [11]. Сеюмин, назарияи иқтисоди миқёс, ки аз ҷониби П. Кругман таҳия шудааст, афзалияти бозорҳои калон ва таъсири мусбати бозгашти афзояндаро дар шароити рақобати инҳисорӣ шарҳ медиҳад. Аз дидгоҳи ин назария, ширкатҳои фаромиллӣ, бо истифода аз самараи «бозори дохилӣ» ва равонасозии стратегияҳо ба коҳиши хароҷоти истеҳсолот, содирот ва сармоягузориҳои мустақими хориҷиро дар доираи модели ҷойгиркунии истеҳсолоти содиротӣ ба ҳам мепайванданд [10]. Ҳамгироии ин се равиши назариявӣ имконият медиҳад, ки омилҳои захиравӣ, бозорӣ ва технологӣ ба таври систематикӣ дар чаҳорчӯби як модели таҳлилии ягона мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд.

Равиши пасонеоклассикӣ ва доктринаи «саноатгароии нав» бар таҳлили сохтории тиҷорати дохилисоҳавӣ ва манфиатҳои иқтисоди миқёс такя мекунад, ки дар он моделҳои рақобати номукаммал бо бозгашти афзоянда дар бозорҳои калон муттаҳид гардидаанд. Нахуст, коэффитсиенти Грубел–Ллойд нишон медиҳад, ки ҳиссаи баланди мубодилаи дохилисоҳавӣ хоси соҳаҳои дорои маҳсулоти дифференсиалишуда (монанди автомобилсозӣ, саноати химия ва электроника) дар иқтисодиёти саноатӣ мебошад [5]. Сипас, модели Ҳелпман–Кругман дар чаҳорчӯби назарияи рақобати инҳисорӣ исбот менамояд, ки сарфаҷӯӣ аз миқёс ба ширкатҳо имкон медиҳад, то содирот ва сармоягузориҳои мустақими хориҷиро бо мақсади коҳиш додани хароҷоти миёна ва баланд бардоштани гуногунии номгӯи маҳсулот якҷоя амалӣ намоянд [7]. Дар марҳилаи навбатӣ, модели Мелитс, бо ворид намудани динамикаи гетерогении корхонаҳо, нишон медиҳад, ки вуруди ширкатҳои баландсамар ва хориҷшавии ширкатҳои камсамар ба тақвияти ҳосилнокии соҳа мусоидат намуда, ҷараёнҳои сармоягузориро фаъол месозад [12]. Илова бар ин, консепсияи «саноатгароии нав» зарурати амалисозии сиёсати фаъоли саноатиро дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таъкид мекунад, ки ба дастгирии ҳамгироии дуҷонибаи «содирот + СМХ» ва ташаккули занҷираҳои арзиши иловашудаи минтақавӣ равона гардидааст [13].

Равиши институтсионалӣ дар таҳлили ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ бар консепсияи хароҷоти транзаксионӣ такя мекунад, ки онро нахуст Р. Коуз [2] асос гузошта, сипас О. Уилямсон [14] рушд додааст. Ин равиш хароҷоти марбут ба гуфтушунид, мониторинг ва таъмини иҷрои ӯҳдадориҳоро ҳамчун омили калидии интихоби шакли ташкилии ширкат мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Модели «нигоҳдории иҷборӣ» (масъалаи hold-up), ки аз ҷониби Клейн, Кроуфорд ва Алчиан [9] пешниҳод шудааст, нишон медиҳад, ки дороиҳои махсусгардонидашуда пас аз анҷом ёфтани сармоягузорӣ осебпазир ба таҳдиди оппортунистӣ мегарданд ва ин вазъият ҷараёни сармоягузориро бозмедорад. Назарияи шартномаҳои нопурра, ки аз ҷониби Гроссман–Харт [4] ва Харт–Мур [6] рушд дода шудааст, исбот мекунад, ки дар ҳолати асимметрияи иттилоотӣ ва номуайянӣ тақсимоти ҳуқуқи назорат аз пурра будани шартномаҳо вобаста мегардад. Мувофиқан, танзими самараноки ҳуқуқи моликият ва механизмҳои иҷбории иҷрои ӯҳдадориҳо ҳамчун омили калидӣ дар коҳиши хароҷоти транзаксионӣ ва таҳрики СМХ баромад мекунанд. Ин маҷмӯи назариявӣ имкон медиҳад, ки стратегияҳои идоракунии хатарҳои шартномавӣ, интихоб миёни сармоягузориҳои дохилӣ ва ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ, инчунин тарҳрезии институтсионалии бозорҳои сармоя таҳқиқ карда шаванд.

Равишҳои таҳлили шабакавӣ ва экосистемӣ ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузориро ҳамчун маҷмӯи гиреҳҳои мутақобилан пайваст шарҳ медиҳанд, ки дар онҳо арзиши иловашуда тавлид, тақсим ва азхуд карда мешавад.

Аввалан, консепсияи занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда (Global Value Chains, GVC), ки аз ҷониби Гиреффи, Ҳамфрӣ ва Каплински таҳия шудааст, бар он ишора мекунад, ки рақобатпазирии ширкатҳо ва кишварҳо аз мақоми онҳо дар сохтори модулӣ — «тарроҳӣ – истеҳсол – маркетинг» — вобаста мебошад. Дар ин сохтор, ҳамоҳангсозии фаъолиятҳо тавассути робитаҳои зинавӣ, модулӣ ва релясионӣ амалӣ мегардад [3]. Порчакунии раванди истеҳсолот ва афзоиши ҳиссаи ҷараёнҳои савдои молҳои мобайнӣ ба тақвияти сармоягузориҳои мутақобила мусоидат менамоянд, дар ҳоле ки идоракунии салоҳиятҳои гиреҳӣ (lead-firm governance) тақсимоти рентаро дар тӯли занҷираи арзиш пешакӣ муайян месозад.

Ҷадвали 1. Матритсаи муқоисавии таҳлили равишҳои назариявии омӯзиши ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ

№	Равиш	Афзалиятҳо	Маҳдудиятҳо	Метрикаҳои асосии андозагирӣ
1.	Мактаби классикӣ	• консепсияи пойгоҳии «бартарияти нисбӣ»; • соддагии ҳисобҳо (ду кишвар/ду мол); • талаботи паст ба додаҳо	• ба инобат нагирифтани гуногунии маҳсулот; • пешрафти технологӣ ва хароҷоти амалиётӣ ба эътибор гирифта намешаванд	• Индекси хароҷоти нисбӣ барои меҳнат; • Индекси шартҳои савдо
2.	Неоклассика (Ҳекшер–Олин; Линдер; Кругман)	• ба инобат гирифтани таъминот бо омилҳои истеҳсолот; • гуногунии дохилисоҳавӣ ва миқёс; • робита бо саноатикунонӣ	• қобилияти пешгӯии заиф дар ҳолати мувофиқати омилҳо; • норасоии омили институтсионалӣ	• Индекси бартарияти нисбии ошкоршуда (RCA); • Индекси Грубел–Ллойд - Индекси савдои дохилисоҳавӣ; • Коэффитсиенти фурӯши дохилӣ (DSR)
3.	Пасонеоклассика ва «Саноатгароии нав»	• ба инобат гирифтани гунугонтаркибии корхонаҳо; • динамикаи вуруд ва хориҷи корхонаҳо дар бозор; • дастгирии сиёсати фаъоли саноатӣ	• талабот ба истифодаи додаҳои корхонаҳо; • мушкилоти баҳогузории самараҳои сиёсӣ; • хатари протексионизм	• Модели Мелитс; • Индекси диверсификатсияи содирот
4.	Иқтисодиёти институтсионалӣ	• тафсири рафтори бозорӣ тавассути хароҷоти транзаксионӣ; • арзёбии сифати институтҳо ва низоми ҳуқуқи моликият; • таҳлили интихоби шартномавӣ	• мушкилоти ченкунии мустақими хароҷоти транзаксионӣ; • хусусияти тағйирёбандаи рафтори оппортунистӣ	• Индекси байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи моликият (IPRI); • Индекси сифати идоракунии давлатӣ (WGI); • Нишондиҳандаи таъмини иҷрои шартномаҳо (Doing Business)
5.	Равишҳои шабакавӣ-экосистемавӣ	• ҳамгироии ҷараёнҳои савдо, сармоя ва додаҳо; • арзёбии топологияи занҷираҳои арзиши иловашуда; • ба инобат гирифтани омилҳои рақамӣ ва платформавӣ	• талаботи баланд ба додаҳои серманбаъ ва мураккаб; • мушкилоти махфият ва ҳуқуқи моликият ба додаҳо	• Индекси иштирок дар занҷираҳои ҷаҳонии арзиши иловашуда (GVC Participation Index); • Нишондиҳандаҳои марказият (degree, betweenness); • Индекси Ҳерфиндал–Ҳиршман (HHI) барои ченкунии консентратсияи платформаҳо

Сарчашма: таҳияи муаллиф.

Дуввум, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, иқтисодиёти платформавӣ (platform economy) ташаккул меёбад, ки дар он миёнравони бисёрҷониба (монанди Amazon, Alibaba, MercadoLibre) таъсири шабакавиро фароҳам оварда, ба ширкатҳо ва истеъмолкунандагон имкони анҷом додани ҳамзамони амалиёти тиҷоратӣ, мубодилаи додаҳо ва ҳисоббаробаркуниҳои молиявиро медиҳанд [8]. Платформаҳо сохтори хароҷотро тағйир медиҳанд: онҳо хароҷоти транзаксионии ҷустуҷӯ ва муқоисанамоиро коҳиш медиҳанд, вале ҳамзамон вобастагӣ аз таҳсимоти алгоритмии диққат ва комиссияҳоро ба вуҷуд меоранд, ки ин ба стратегияи ҷойгиркунии СМХ дар инфрасохтори «мили охирин» ва марказҳои коркарди маълумот таъсири мустақим мерасонад.

Сеюмин, маълумот ҳамчун омили чорумини истеҳсолот баромад мекунад, ки тавассути омӯзиши алгоритмҳо ва шахсисозии пешниҳодҳо, «бозгашт аз маълумот»-ро (returns to data) тавлид менамояд [1]. Назорат бар ҷараёнҳои додаҳо ба тақвияти қудрати бозории платформаҳо мусоидат намуда, ба предмети баҳсҳои танзимгарона табдил меёбад (GPDR, Data Act-и ИА; Digital Markets Act-и ИМА), ки дар навбати худ сатҳи капитализатсияи ширкатҳоро муайян ва самти сармоягузориҳои венчуриро ташаккул медиҳад. Равиши шабакавӣ-экосистемавӣ, ба ин тартиб, ба арзёбии ҳамгироёнаи топологияи занҷираҳои арзиш, меъмории платформаҳо ва низоми танзимии додаҳо ниёз дорад, то индекси маҷмӯии “вобастагии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ”-и кишварҳо ҳисоб карда шавад.

Матритсаи пешниҳодшуда ҳамчун абзори методологиии ҳамгироёна амал менамояд, ки таҳаввулоти равишҳои назариявӣ аз модели классикӣ то парадигмаҳои шабакавӣ-экосистемавиро инъикос менамояд ва гузариши таваҷҷуҳ аз омилҳои захиравӣ ба омилҳои институтсионалӣ ва рақамиро дар раванди таҳлил бозтоб мекунад (ҷадв. 1).

Нахуст, чунин қабатбандии назариявӣ интихоби нуқтаи назари таҳқиқотиро осон менамояд: чӣ қадаре ки сохтори иқтисоди ҷаҳонӣ мураккабтар бошад, ҳамон қадар нишондиҳандаҳои топологияи шабакавӣ ва сифати институтҳо аҳамияти бештар касб мекунанд.

Дуввум, мансуб сохтани метрикҳои мушаххас ба ҳар мактаби назариявӣ барои ташаккули чаҳорчӯби равшан ва устувори таҳлили эмпирикӣ замина фароҳам меорад, ки имкон медиҳад ҳадафҳои таҳқиқ бо дастрасии додаҳо мувофиқ гарданд - аз макроиндикаторҳои классикӣ то индексҳои иштирок дар занҷираҳои ҷаҳонии арзиш ва нишондодҳои консентратсияи платформаҳо.

Сеюм, маҳдудиятҳои зикршуда барои пажӯҳишгар ҳамчун нишондоди хатарҳои методологӣ хидмат мекунанд - аз ҷумла, аз мушкилоти ченкунии мустақими хароҷоти транзаксионӣ то хатари нақзи махфият ҳангоми истифодаи додаҳои рақамӣ.

Чорум, матритса метавонад ҳамчун харитаи стратегӣ барои сиёсати иқтисодии амалии давлатӣ хизмат кунад: муқоисаи афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои ҳар як равиш интихоби маҷмӯи беҳтарини воситаҳои таҳлилӣ ва амалиро дар соҳаҳои монанди ҷалби сармояи хориҷӣ, диверсификатсияи содирот ва танзими бозорҳои рақамӣ осон мегардонад.

Таҳлили комплексии равишҳои назариявӣ дар омӯзиши ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ-сармоягузорӣ нишон медиҳад, ки ҳар як парадигма - аз классикӣ то шабакавӣ-экосистемавӣ - дорои мантиқ, метрика ва доираи татбиқи хоси худ мебошад.

Консепсияи бартарии нисбӣ ва моделҳои омилӣ имкон медиҳанд, ки детерминантҳои захиравӣ арзёбӣ шаванд, дар ҳоле ки равишҳои пасонеоклассикӣ ва «саноатгароии нав» таваҷҷуҳро ба динамикаи дохиликорхонавӣ ва сиёсати фаъоли саноатӣ равона месозанд. Иқтисодиёти институтсионалӣ заминаи ҳуқуқии қарорҳои сармоягузориро васеъ карда, парадигмаи шабакавӣ-экосистемавӣ ба ҷараёнҳои рақамӣ ва додаҳо ҳамчун меҳвари асосии таҳлил аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Ин таҳаввулот зарурати ҳамгироии мултипарадигмавиро нишон медиҳад: танҳо гузариш аз моделҳои ҷудогона ба матритсаи муқоисавии таҳлилии фарогир ба пажӯҳишгар имкон медиҳад, ки таҳлили низомманд, комплексӣ ва бо иқтидори баланди пешгӯикунанда анҷом диҳад.

Бо назардошти афзоиши сармоягузориҳои фаромиллӣ, ҳамгироии бозорҳо ва падид омадани додаҳо ҳамчун «омили чоруми таҳқиқот», зарур аст гузариш ба модели гибридии «омилӣ-институтсионалӣ-шабакавӣ» амалӣ гардад.

Хулосаҳои бадастомада асоси илмии сиёсати иқтисодиро ташаккул медиҳанд, зеро имконият фароҳам меоранд, ки абзорҳои коҳиши хароҷоти транзаксионӣ, тақвияти устувории занҷираҳои арзиш ва истифодаи ҳалли рақамӣ дар стратегияи ҷалби СМХ ва диверсификатсияи содирот ба таври муназзам ҳамоҳанг карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Brynjolfsson E., Collis A., Shapiro G. Data Capitalism: The Value of Data and the Need for New Business Models // Communications of the ACM. — 2021. — Vol. 64, No. 6. — P. 22–24.
2. Coase R. H. The Nature of the Firm // Economica. — 1937. — Vol. 4, No. 16. — P. 386–405.
3. Gereffi G., Humphrey J., Kaplinsky R. Introduction: Globalisation, Value Chains and Development // IDS Bulletin. — 2001. — Vol. 32, No. 3. — P. 1–8.
4. Grossman S. J., Hart O. D. The Costs and Benefits of Ownership: A Theory of Vertical and Lateral Integration // Journal of Political Economy. — 1986. — Vol. 94, No. 4. — P. 691–719.
5. Grubel H. G., Lloyd P. J. Intra-Industry Trade: The Theory and Measurement of International Trade in Differentiated Products. — London: Macmillan, 1975. — 226 p.
6. Hart O., Moore J. Property Rights and the Nature of the Firm // Journal of Political Economy. — 1990. — Vol. 98, No. 6. — P. 1119–1158.
7. Helpman E., Krugman P. R. Market Structure and Foreign Trade: Increasing Returns, Imperfect Competition, and the International Economy. — Cambridge, MA: MIT Press, 1985. — 492 p.
8. Kenney M., Zysman J. The Rise of the Platform Economy // Issues in Science and Technology. — 2016. — Vol. 32, No. 3. — P. 61–69.
9. Klein B., Crawford R. G., Alchian A. A. Vertical Integration, Appropriable Rents, and the Competitive Contracting Process // Journal of Law and Economics. — 1978. — Vol. 21, No. 2. — P. 297–326.
10. Krugman P. R. Increasing Returns, Monopolistic Competition, and International Trade // Journal of International Economics. — 1979. — Vol. 9, No. 4. — P. 469–479.
11. Linder S. B. An Essay on Trade and Transformation. — New York: John Wiley & Sons, 1961. — 167 p.
12. Melitz M. J. The Impact of Trade on Aggregate Industry Productivity and Intra-Industry Reallocations // Econometrica. — 2003. — Vol. 71, No. 6. — P. 1695–1725.
13. Rodrik D. Industrial Policy for the Twenty-First Century. Working Paper RWP04-047. — Cambridge, MA: Harvard University, 2004. — 75 p.
14. Williamson O. E. The Economic Institutions of Capitalism: Firms, Markets, Relational Contracting. — New York: Free Press, 1985. — 450 p.
15. Маркс К. Капитал: критика политической экономии. Т. 1, кн. 1: Процесс производства капитала. — М.: URSS, 2022. — 800 с.
16. Милл Дж. С. Основы политической экономии: в 2 т. Т. 1. — М.: Прогресс, 1980. — 903 с.
17. Олин Б. Межрегиональная и международная торговля / пер. со шведа. предисл. и науч. ред. А.С. Манцурова. — М.: Прогресс, 1996. — 480 с.
18. Рикардо Д. Начала политической экономии и налогообложения / пер. с англ.; под ред. Н. А. Шахназарова. — М.: Гос. изд-во соц.–экон. лит., 1955. — 564 с.

УДК 338.48

Сохибов А.Н.

ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДИИ ТУРИЗМИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: АРЗЁБИИ ИМКОНИЯТҲО

Мақола ба омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодии сайёҳии экотуризм дар Тоҷикистон бахшида шуда, ба арзёбии имкониятҳои рушди он дар кишвар диққати махсус дода шудааст. Сайёҳии экотуризм дар Тоҷикистон аз ҳисоби сарватҳои табиӣ, аз қабили кӯҳҳои баланд, обанборҳои нотакрор, мамнӯъгоҳҳо ва гуногунии олами набототу ҳайвонот дорои иқтидори назаррас

мебошад. Ин захираҳо метавонанд заминаи рушди сайёҳии устувор гарданд ва ҳам ба ҳифзи минтақаҳои табиӣ ва ҳам ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии минтақа мусоидат кунанд. Дар мақола омилҳои асосии таъсиррасонанда ба ташаккули саноати экотуризм таҳлил карда шудаанд. Муҳимтарини онҳо сарватҳои табиии кишвар, ҳифз ва истифодаи оқилонаи онҳост. Масъалаҳои рушди инфрасохтор низ баррасӣ мешаванд: мавҷудияти шабакаи нақлиётӣ, маҷмааҳои меҳмонхонаҳо, экопоёҳҳо ва дигар иншоот барои сайёҳон. Таваҷҷуҳи хоса ба шароити иҷтимоиву иқтисодӣ, аз қабили сатҳи шуғли аҳолии маҳаллӣ, дастрасии таҳсилот ва омӯзиш, инчунин нақши давлат дар дастгирии туризми экологӣ дода мешавад. Он меомӯзад, ки чӣ тавр экотуризм метавонад ба ҳавасмандгардонии рушди устувори минтақавӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳбуди зиндагии сокинони маҳаллӣ ва ҷалби сармоягузорӣ мусоидат кунад. Интизор меравад, ки рушди ин бахш метавонад ба кишвар фоидаи иқтисодӣ расонад, обрӯи байналмилалии Тоҷикистонро ҳамчун як макони сайёҳӣ боло барад ва боиси беҳбуди сифати зиндагии мардум дар деҳот шавад. Арзёбии имкониятҳо ва мушкилоти мавҷуда дар соҳаи сайёҳии экотуризм дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар бораи зарурати таҳия ва татбиқи стратегияи дарозмуддати рушд хулоса барем. Чунин стратегия бояд на танҳо ҷалби сармоягузорӣ, балки рушди устувори инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба сайёҳон, инчунин дастгирии ҷомеаҳои маҳаллиро, ки дар фаъолияти экологӣ фаъолона иштирок мекунанд, дар бар гирад.

Калидвожаҳо: экотуризм, Тоҷикистон, рушди устувор, захираҳои табиӣ, сармоягузорӣ, инфрасохтор, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, экотуризм, ҳифзи табиат, имкониятҳо ва мушкилот.

Сохибов А.Н.

ЭКОНОМИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ: ОЦЕНКА ВОЗМОЖНОСТЕЙ

Статья посвящена исследованию экономических аспектов экологического туризма в Таджикистане, с акцентом на оценку возможностей для его развития в стране. Экологический туризм в Таджикистане имеет значительный потенциал благодаря богатству природных ресурсов, таких как высокие горы, уникальные водоемы, природные заповедники и разнообразие флоры и фауны. Эти ресурсы могут стать основой для развития устойчивого туризма, способствующего как сохранению природных территорий, так и улучшению экономической ситуации в регионе. В работе анализируются ключевые факторы, влияющие на формирование эко туристической индустрии. Важнейшими из них являются природные ресурсы страны, их сохранение и рациональное использование. Также рассматриваются вопросы развития инфраструктуры: наличие транспортной сети, гостиничных комплексов, эко троп и других объектов для туристов. Особое внимание уделяется социально-экономическим условиям, таким как уровень занятости местного населения, доступность образования и подготовки кадров, а также роль государства в поддержке экологического туризма. Исследуется, как экологический туризм может способствовать стимулированию устойчивого развития регионов, созданию новых рабочих мест, улучшению жизни местных жителей и привлечению инвестиций. Ожидается, что развитие данного сектора может обеспечить экономическую выгоду для страны, повысить международную репутацию Таджикистана как туристической местности и привести к улучшению качества жизни в сельских районах. Оценка существующих возможностей и вызовов в сфере экотуризма в Таджикистане позволяет сделать выводы о необходимости разработки и внедрения долгосрочной стратегии развития. Такая стратегия должна включать не только привлечение инвестиций, но и устойчивое развитие инфраструктуры, повышение качества обслуживания туристов, а также поддержку местных сообществ, которые будут активно участвовать в эко туристической деятельности.

Ключевые слова: экологический туризм, Таджикистан, устойчивое развитие, природные ресурсы, инвестиции, инфраструктура, социально-экономическое развитие, экотуризм, охрана природы, возможности и вызовы.

Sohibov A.N.

ECONOMIC ASPECTS OF ECOTOURISM IN TAJIKISTAN: ASSESSMENT OF OPPORTUNITIES

The article is devoted to the study of the economic aspects of ecotourism in Tajikistan, with an emphasis on assessing the possibilities for its development in the country. Ecotourism in Tajikistan has significant potential due to the wealth of natural resources, such as high mountains, unique reservoirs, nature reserves and a variety of flora and fauna. These resources can become the basis for the development of sustainable tourism, contributing to both the conservation of natural areas and improving the economic situation in the region. The work analyzes the key factors influencing the formation of the eco-tourism industry. The most important of them are the country's natural resources, their conservation and rational use. The issues of infrastructure development are also considered: the availability of a transport network, hotel complexes, eco-trails and other facilities for tourists. Particular attention is paid to socio-economic conditions, such as the level of employment of the local population, the availability of education and training, as well as the role of the state in supporting ecotourism. The article examines how ecotourism can help stimulate sustainable development in regions, create new jobs, improve the lives of local residents and attract investment. It is expected that the development of this sector can provide economic benefits for the country, enhance Tajikistan's international reputation as a tourist destination and lead to an improvement in the quality of life in rural areas. An assessment of the existing opportunities and challenges in the field of ecotourism in Tajikistan allows us to draw conclusions about the need to develop and implement a long-term development strategy. Such a strategy should include not only attracting investment, but also sustainable development of infrastructure, improving the quality of service for tourists, as well as support for local communities that will actively participate in eco-tourism activities.

Keywords: ecotourism, Tajikistan, sustainable development, natural resources, investment, infrastructure, socio-economic development, ecotourism, nature conservation, opportunities and challenges.

Туристическая отрасль в Таджикистане имеет уникальную специфику в региональной экономике, охватывая широкий спектр деятельности, включая туристические услуги и продажу товаров для туристов. Это влияет на экономику регионов, особенно сельских и горных, создавая рабочие места и стимулируя рост потребительского спроса. Развитие туризма способствует поддержке малого бизнеса, улучшению инфраструктуры и повышению качества жизни местных жителей, что вносит значительный вклад в экономический рост и устойчивое развитие страны.

Ключевыми драйверами экотуризма в Таджикистане являются природные и экологические ресурсы, включая уникальные экосистемы, биоразнообразие и историко-культурные объекты. Для эффективного развития экотуризма необходимо не только сохранение этих ресурсов, но и создание экологически безопасной инфраструктуры, устойчивого транспорта и услуг. Важны также программы по экологическому образованию. Эти шаги способствуют сохранению природы и экономическому росту через развитие экотуризма [12].

Экономическое значение ресурсов экотуризма в Таджикистане проявляется не только в привлечении туристов, но и в сохранении окружающей среды и поддержке устойчивого развития местных сообществ. Эти ресурсы помогают создавать экологически устойчивый туристический продукт, который особенно привлекателен для осознанных путешественников, стремящихся минимизировать воздействие на природу.

Инвестиции в устойчивую инфраструктуру и экологические проекты в Таджикистане могут существенно повысить экономическую отдачу от экотуризма, создавая новые рабочие места, увеличивая доходы местного населения и способствуя росту налоговых поступлений. Особенно важно, что такие инвестиции способствуют долгосрочному сохранению природных и культурных ресурсов, что делает экотуризм одним из самых перспективных направлений для страны.

Кроме того, ресурсы экотуризма играют ключевую роль в формировании позитивного экологического имиджа туристических мест в Таджикистане. Это повышает их привлекательность как для экологически ответственных туристов, так и для инвесторов, заинтересованных в устойчивом развитии. Эффективное использование этих ресурсов способствует устойчивому экономическому росту, обеспечивая долговременные выгоды и минимизируя негативное воздействие на окружающую среду [13].

С экономической точки зрения, социально-экономические рекреационно-туристские ресурсы представляют собой важный компонент туристической индустрии, поскольку они определяют не только привлекательность туристических мест, но и их доступность, и экономическую устойчивость. Эти ресурсы напрямую зависят от состояния экономики, уровня доходов населения, уровня инвестиций в туристическую инфраструктуру, а также от состояния рынка труда и качества предлагаемых услуг.

Исследователи делят социально-экономические рекреационно-туристские ресурсы на три большие группы:

1. Материально-технические ресурсы.

Включают в себя инфраструктуру, необходимую для функционирования туристической отрасли, такую как транспортные системы, гостиницы, рестораны, парки и другие объекты, обеспечивающие комфорт и удобство туристов.

С экономической точки зрения, эти ресурсы требуют значительных капиталовложений и играют ключевую роль в создании рабочих мест и привлечении туристов.

2. Человеческие ресурсы.

Включают квалифицированную рабочую силу, задействованную в сфере туризма, а также уровень профессиональной подготовки и образования персонала.

Экономическое значение этой группы заключается в способности повышать качество туристических услуг и обеспечивать высокий уровень сервиса, что, в свою очередь, влияет на удовлетворенность туристов и их желание повторно посещать туристическое место.

3. Финансовые ресурсы.

Включают источники финансирования, такие как инвестиции, в туристическую инфраструктуру, государственные субсидии, а также доходы от туризма, которые перераспределяются на развитие региона [11].

Таблица 1.

Социально-экономические рекреационно-туристские ресурсы

Группа ресурсов	Описание	Экономическое значение
Материально-технические ресурсы	Инфраструктура: транспорт, гостиницы, рестораны, парки и другие объекты.	Требуют значительных инвестиций, способствуют созданию рабочих мест, повышают привлекательность региона.
Человеческие ресурсы	Квалифицированная рабочая сила, уровень профессиональной подготовки персонала.	Повышают качество услуг, влияют на удовлетворенность туристов, способствуют повторным визитам.
Финансовые ресурсы	Источники финансирования: инвестиции, государственные субсидии, доходы от туризма.	Определяют возможности для развития отрасли, стимулируют экономический рост, улучшают положение населения.

Источник: Составлен автором на основе обзора литературы.

Эти ресурсы определяют возможности развития туристической отрасли, стимулируют экономический рост и способствуют улучшению социально-экономического положения местного населения.

Социально-экономические ресурсы играют центральную роль в устойчивом развитии туристической отрасли, оказывая влияние на её эффективность, качество и экономическую устойчивость. Несмотря на прошлые воздействия человеческой деятельности, на территории заповедников и заказников, правительство Таджикистана видит огромный потенциал в этих природных зонах для развития устойчивого туризма. Признание необходимости дополнительных защитных мер свидетельствует о серьезном подходе к сохранению уникальных экосистем страны. Введение таких мер не только поможет восстановить и защитить природное богатство, но и создаст основу для ответственного и экологически устойчивого туризма, способствуя одновременно социально-экономическому развитию регионов [1].

Эти усилия позволят привлечь туристов, заинтересованных в сохранении природы, и могут стать мощным стимулом для экономического развития местных сообществ. В свою очередь, это обеспечит долгосрочные выгоды для региона, включая создание новых рабочих мест, повышение осведомленности о необходимости охраны окружающей среды и улучшение инфраструктуры, что в конечном итоге сделает Таджикистан более привлекательным для туристов и инвесторов.

Таблица 2.

Заповедники и заказники Республики Таджикистана

Наименование	Расположение	Описание
Заповедник Тигровая балка	Джиликульский район Хатлонской области	Лесопокрытая площадь - около 16 тыс. га. Фауна включает 35 видов млекопитающих, 150 видов птиц, 20 видов рыб. Среди них - бухарский олень, джейран, полосатая гиена, камышовый кот и другие.
Заповедник Рамит	Кофарнихонский район	Площадь - 16,1 тыс. га. Обитают свыше 120 видов птиц и животных, включая редкие виды. Является важной зоной отдыха и туризма.
Заповедник Даштиджум	Шуробадский район Хатлонской области	Площадь - 19,7 тыс. га. Включает редкие и исчезающие виды растений. Обитают винторогий козел, снежный барс, каменная куница, бурый медведь и другие.
Заповедник Зоркуль	Мургабский район Горно-Бадахшанской автономной области	Площадь - 80 тыс. га. Имеет важное орнитологическое значение. Обеспечивает охрану архара, снежного барса, буроголовой чайки и других видов.
Зеравшанский государственный заказник	Пенджикентский район Согдийской области	Площадь - 2,38 тыс. га. Основная задача - охрана естественной популяции зеравшанского фазана.
Государственный заказник Каратау	Пархарский район Хатлонской области	Площадь - 14,4 тыс. га. Основная задача - сохранение экосистем эфемеровых растительных сообществ, миндалевого и фисташкового редколесья.
Нурекский государственный заказник	Кофарнихонский район	Площадь - 30 тыс. га. Включает редкие виды млекопитающих.
Алмасинский государственный заказник	Гиссарский район	Площадь - 6 тыс. га. Специализируется на сохранении генофонда и восстановлении мест произрастания ценнейших видов флоры Таджикистана.
Акташский государственный заказник	Аштский район Согдийской области	Площадь - 15 тыс. га. Задача - сохранение и восстановление уникального арчевого леса и других растительных сообществ. Охране подлежат

		заброшенные штольни, которые стали местом зимовки рукокрылых.
Даштиджумский государственный заказник	Муминабадский район Хатлонской области	Площадь - 50,1 тыс. га. Основная задача - сохранение естественной популяции винторогого козла.
Государственный заказник Искандеркуль	Айнинский район Согдийской области	Площадь - 30 тыс. га. Задача - сохранение среднегорных и высокогорных экосистем Центрального Таджикистана.
Сайвотинский государственный заказник	Айнинский район Согдийской области	Площадь - 4 тыс. га. Задача - сохранение и восстановление массивов арчовых лесов.
Государственный заказник Кусавлисай	Истаравшанский район Согдийской области	Площадь - 19,8 тыс. га. Задача - сохранение и восстановление уникальных массивов арчовых лесов.
Государственный заказник Комаров	Гармский район	Площадь - 9 тыс. га. Задача - комплексная охрана экосистем среднегорного пояса, контроль за пастбищной нагрузкой, исключение охотничьего промысла.
Государственный заказник Чилдухтарон	Муминабадский район Хатлонской области	Площадь - 14,6 тыс. га. Охраняются 3 типа экосистем и ландшафтно-геологический памятник - массив Чильдухтарон.
Сангворский государственный заказник	Тавильдаринский район	Площадь - 50,9 тыс. га. Задача - комплексное сохранение экосистем горных лесов Центрального Таджикистана и Бадахшана.
Музколский государственный заказник	Мургабский район Горно-Бадахшанской автономной области	Площадь - 66,9 тыс. га. Задача - комплексное сохранение высокогорных экосистем Памира, включая редких представителей животного мира.
Ширкентский историко-природный парк	Турсунзадевский район	Площадь - 31,9 тыс. га. Геологические формации включают палеозойские осадочно-метаморфические и вулканогенные толщи. Включает 30 видов млекопитающих, 40 видов оседлых и более 55 видов перелетных птиц, 40 объектов историко-геологических памятников.
Таджикский национальный парк	Горы Памира	Площадь - около 2 миллионов га. Включает ледник Федченко, пик И. Сомони, Сарезское озеро и другие природные объекты.

Источник: Составлено автором

Таким образом, видно, что Республика Таджикистан обладает значительным количеством факторов в рамках имеющихся природных ресурсов для развития туристических мест в стране. Как отмечается в Национальной стратегии развития Таджикистана на период до 2030 года, уникальная природа с озёрами, редкими животными, растениями и высокими горами является важным условием для развития туризма и роста ВВП страны. Представленные факторы дают широкую возможность для создания туристических мест в области агротуризма, охотничьего туризма, горно-альпинистского, спелеологического и других видов экотуризма [2].

Таблица 3.

Структура санаторно-курортного комплекса Таджикистана в распределении по регионам

Регион	Число санитарно-курортных объектов	Емкость койко-мест
Районы республиканского подчинения	42	3507
Хатлонская область	9	207
Согдийская область	7	1850
Горно Бадахшанская автономная область	4	160
Всего	**62**	**5724**

Источник: Составлено автором

С укреплением экономического положения в стране, помимо непосредственного развития объектов туризма, вокруг данной отрасли происходили дополнительные положительные изменения, а именно: строительство обычных и железных дорог и коммуникаций, открытие торговых центров и точек общественного питания и т.д.

Таджикистан обладает достаточно развитой сетью санитарно-курортных объектов, которая распределена по различным регионам страны. Наибольшее количество таких объектов сосредоточено в районах республиканского подчинения, что подчеркивает важность этих территорий как основных центров курортного и санаторного отдыха. Согдийская область выделяется значительной емкостью койко-мест, что свидетельствует о наличии крупных курортных комплексов, способных обслуживать большое количество отдыхающих [6].

Хатлонская область и Горно-Бадахшанская автономная область, несмотря на меньшее количество объектов, и койко-мест, также играют важную роль в обеспечении курортного отдыха, предлагая уникальные природные условия и возможности для оздоровления. В целом, структура санитарно-курортных объектов в Таджикистане создает базу для дальнейшего развития внутреннего туризма и способствует укреплению здоровья населения, что является важным аспектом социально-экономического развития страны.

Таким образом можно сказатӣ, что развитие экологического туризма в Таджикистане представляет собой важный и перспективный сектор, который имеет значительный потенциал для улучшения экономической ситуации в стране. Особенно это актуально для удалённых и слабо развивающихся регионов, где экотуризм может стать одним из ключевых факторов для создания устойчивых экономических и социальных структур. Таджикистан, обладая уникальными природными ресурсами, такими как горные пейзажи, национальные парки, редкие виды флоры и фауны, имеет все шансы стать привлекательным направлением для экологического туризма. Сохранение и рациональное использование этих ресурсов могут не только способствовать развитию туризма, но и обеспечить долгосрочную устойчивость экосистем, что важно для будущих поколений [4].

Экологический туризм может значительно повлиять на создание новых рабочих мест в сельских и горных районах страны, где уровень безработицы и бедности остаётся высоким. Ожидается, что развитие этого сектора поспособствует привлечению иностранных и отечественных инвестиций, которые будут направлены на улучшение инфраструктуры, строительство гостиниц, транспортных средств, развитие сети эко троп и эко дорожек, а также на повышение качества услуг для туристов. Это, в свою очередь, может способствовать социально-экономическому прогрессу, улучшению качества жизни местных жителей и развитию смежных отраслей, таких как сельское хозяйство, ремесленные производства и местные услуги.

Однако для успешной реализации потенциала экологического туризма необходимо решить ряд важных проблем. Во-первых, это улучшение инфраструктуры, в том числе дорог, транспортной доступности, связанной с удалёнными районами, а также развитие современных коммуникационных и информационных технологий для привлечения туристов. Во-вторых, необходимо создание эффективных правовых механизмов для защиты природных территорий, чтобы предотвратить их разрушение и деградацию в результате массового туризма. Таджикистану следует разработать и внедрить законодательные инициативы, которые будут направлены на охрану окружающей среды, сохранение биоразнообразия и поддержание экосистем в их естественном состоянии.

Кроме того, важным фактором для успешного развития экотуризма является повышение квалификации работников отрасли, что включает обучение специалистов в области гостеприимства, организации туров, работы с туристами, а также эко просвещения и охраны природы. Для этого необходимы образовательные программы и тренинги для местных сообществ, а также сотрудничество с международными организациями и опытными туристическими агентствами [5].

Не менее важным является обеспечение сбалансированности между развитием туризма и охраной окружающей среды. Развитие экологического туризма не должно приводить к

негативным последствиям для экосистем, таким как загрязнение окружающей среды, вырубка лесов или истощение природных ресурсов. Поэтому необходимо провести комплексную работу по созданию эко системных стандартов и норм для эко туристических объектов. Эта работа потребует тесного сотрудничества между государственными органами, местными сообществами и частным сектором, что позволит выработать решения, ориентированные на долгосрочную устойчивость и сохранение природного наследия.

В целом, грамотно выстроенное управление и стратегический подход к развитию экологического туризма могут принести Таджикистану значительные выгоды. Этот сектор не только способствует экономическому росту, но и способствует сохранению природных ценностей страны, улучшению экологической ситуации и созданию позитивного имиджа на международной арене. В случае успешной реализации стратегии развития экотуризма Таджикистан может стать важным игроком на мировом туристическом рынке, привлекая как экологически сознательных туристов, так и инвесторов, заинтересованных в устойчивом развитии и охране природы [6].

В заключение, экологический туризм в Таджикистане представляет собой перспективную отрасль, способную способствовать устойчивому экономическому развитию страны. Экономические аспекты данного типа туризма включают не только создание рабочих мест и привлечение инвестиций, но и важность сохранения природных ресурсов, что способствует долгосрочной выгоды для экономики.

Оценка возможностей экологического туризма в Таджикистане требует комплексного подхода, включающего анализ природных и культурных ресурсов, инфраструктурных возможностей, а также учет социальных и экологических факторов. Развитие экологического туризма может значительно повлиять на улучшение региональной экономики, повысить интерес к сохранению природных территорий и привлечь международное внимание к устойчивому туризму в стране.

Вместе с тем, для успешной реализации этих возможностей необходимо создание эффективной государственной политики, направленной на развитие экологического туризма, улучшение инфраструктуры, обучение кадров и активное сотрудничество с международными организациями. Только при комплексном подходе можно обеспечить стабильный рост этого сектора и минимизировать возможные негативные последствия для экосистем.

ЛИТЕРАТУР

1. Белоусов К.Ю. Современный этап эволюции концепции устойчивого развития и формирование парадигмы корпоративной устойчивости / К.Ю. Белоусов // Проблемы современной экономики. -СПб., 2013. -№1(45). – С.47-50.
2. Биржаков М.Б., Воскобойникова Н.Н., Григорьева В.В. Экологический туризм // Большой Глоссарий терминов международного туризма. – СПб. М.: Невский фонд: Издательский дом «Герда», 2006. – С. 881-906.
3. Бобров А.Л. Устойчивое развитие и экономика природопользования. – М., 2002. – 368 с.
4. Давлатзода Д.А. Теоретические и практические основы формирования устойчивого развития туризма в условиях рынка / Д.А. Давлатзода, Е.Н. Сахибов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 5. – С. 130-137. – EDN PDXWFE.
5. Дроздов А.В. Экотуризм: определения, принципы, признаки, формы // Актуальные проблемы туризма. – 2005 – 272 с.
6. Каримов А.И. Переспективы развития экологического туризм в Республике Таджикистан / А.И. Каримов // Биологизация земледелия: перспективы и реальные возможности: Материалы международной научно-практической конференции, посвященной 105-летию со дня рождения доктора сельскохозяйственных наук, профессора, члена-корреспондента ВАСХНИЛ М.И. Сидорова и 70-летию со дня рождения доктора сельскохозяйственных наук, профессора Н.И.

Зезюкова, Воронеж, 14–15 ноября 2019 года. – Воронеж: Воронежский государственный аграрный университет им. Императора Петра I, 2019. – С. 257-262. – EDN TMORLF.
7. Колбовский Е.Ю. Экологический туризм и экология туризма: Учеб. пособие. – 2-е изд. – М.: ИЦ «Академия», 2010. – 253 с.
8. Косолапов А.Б. География российского внутреннего туризма: Учеб. пособие. – 2-е изд. – М.: КНОРУС, 2009. – 268 с.
9. Куприна Л.Е. Экологический туризм и экологичность туризма в аспекте создания учебных экологических троп / Л. Е. Куприна // Интегративная перспектива в гуманитарных науках. – 2015. – № 2. – С. 56-62. – EDN ZFACCF.
10. Нозирзода, Ш.С. Экологический туризм в Таджикистане / Ш.С. Нозирзода // Современные научные исследования и разработки. – 2016. – № 6(6). – С. 406-408. – EDN UTJFNR.
11. Природные зоны Республики Таджикистан [Электронный ресурс]: –Режим доступа: https://kk.convdocs.org/docs/index-171847.html.
12. Проблемы экономики и управления предприятиями, отраслями комплексами: Монография. - Книга 34 / Н.А. Байболтаева, С.В. Буйко, Л.В. Верещагина [и др.] / Под общ. ред. С.С. Чернова. - Новосибирск: Издательство ЦРНС, 2017. - 192 с.
13. Шернина, И.С. Социально-экономические ресурсы развития туризма в Рязанской области / И.С. Шернина // Проблемы региональной экологии. – 2021. - № 1. - С. 55-60.

УДК 330.52

Султонзода Ҷ.У.

ТАҲИЯИ МОДЕЛИ ИҚТИСОДӢ-МАТЕМАТИКИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ВА НАҚШИ ОН РУШДИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур имкониятҳои истифодаи модели иқтисодӣ-математикии шаркиии давлат бо бахши хусусӣ ва нақши он дар рушди корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Мавриди зикр аст, ки айни ҳол соҳаи саноати кишвар дар ҳоли рушд қарор дошта, зина ба зина тамоюли инкишофи истеҳсолӣ низ таъмин гардида истодааст. Қобили зикр аст, ки таҳияи модели иқтисодӣ-математикӣ, имконияти фарохтар гардидани доираи омӯзиши масъалаи мазкурро фароҳам месозад. Моро зарур аст, ки дар аснои таҳияи модели мазкур бештар ба масъалаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ авлавият диҳем, то ки натиҷаи дилхоҳро ба даст орем. Дар интиҳои мақолаи мазкур якчанд пешниҳодот ҷиҳати такмили низоми мазкур аз ҷониби муаллиф манзур гардидааст.

Калидвожаҳо. иқтисодиёт, усул, иқтисодӣ-математикӣ, инкишоф, нишондиҳанда, самаранокӣ, модел, инноватсия, технология, қарор.

Султонзода Дж.У.

РАЗРАБОТКА ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКОЙ МОДЕЛИ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ И ЕЕ РОЛИ В РАЗВИТИИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются и изучаются возможности использования восточной экономико-математической модели взаимодействия государства с частным сектором и ее роль в развитии промышленных предприятий. Стоит отметить, что в настоящее время промышленный сектор страны развивается, и постепенно обеспечивается тенденция развития промышленности. Стоит отметить, что разработка экономико-математической модели дает возможность расширить

сферу изучения данного вопроса. При разработке этой модели необходимо больше внимания уделять развитию промышленных предприятий, чтобы достичь желаемых результатов. В конце статьи автор предлагает несколько предложений по улучшению этой системы.

Ключевые слова. экономика, метод, экономико-математический, развитие, показатель, эффективность, модель, инновация, технология, решение.

Sultonzoda J.U.

DEVELOPMENT OF AN ECONOMIC AND MATHEMATICAL MODEL OF SOCIAL PROTECTION OF THE POPULATION AND ITS ROLE IN THE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes and studies the possibilities of using the eastern economic-mathematical model of interaction between the state and the private sector and its role in the development of industrial enterprises. It is worth noting that at present the industrial sector of the country is developing, and the tendency of industrial development is gradually ensured. It is worth noting that the development of an economic-mathematical model makes it possible to expand the scope of study of this issue. When developing this model, it is necessary to pay more attention to the development of industrial enterprises in order to achieve the desired results. At the end of the article, the author offers several suggestions for improving this system.

Key words. economy, method, economic-mathematical, development, indicator, efficiency, model, innovation, technology, solution.

Таҳлили адабиёти иқтисодӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҳама марҳилаҳои рушди иқтисодиёт асоси онро қонуниятҳои махсус ташкил медиҳанд. Аз ҳамин хотир дар ҳама марҳилаҳои рушд таносуби бузургии миқдориеро, ки низом ё раванди иқтисодиро тавсиф менамоянд, фаҳмида мешавад. Чунин қонуниятҳо шароит фароҳам меоранд, ки низоми воқеиии иқтисодиёт дар асоси усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Омӯзиш, таҳия ва татбиқи амалии усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ предмети иқтисодӣ-математикие мебошад, ки иқтисодиётро ҳамчун низоми мураккаби динамикӣ ҳисоб мекунад ва самти рушди онро муайян менамояд [9, С.133-143].

Барои таҳқиқи усулҳои амсиласозии иқтисодӣ-математикӣ, ғайр аз донистани илми иқтисодӣ, инчунин методҳои иқтисодӣ-математикиро аз худ кардан лозим аст, ки дар байни онҳо дастгоҳи муодилаҳои дифференсионалӣ нақши калонро мебозад [10, С.6-9].

Қонуниятҳои иқтисодӣ чун қоида, муносибатҳои мураккаби ғайрихаттӣ байни нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мебошанд, ки шакли равшани онро мустақиман муқаррар кардан душвор аст [7].

Дар сурати мавҷудияти қонунияти устувор тағйироти хурди афзоиш ё камшавии нишондиҳандаҳоро тахминан бо муодилаҳои дифференсиалӣ иваз кардан мумкин аст. Баъд аз муносибатҳои ғайрихаттии байни миқдорҳо, мутаносибан бо муносибатҳои хаттии соддатари байни миқдорҳо ва ҳосилаҳои онҳо иваз карда мешаванд [8].

Ин таносубҳо муодилаҳои дифференсионалӣ мебошанд, ки ба воситаи онҳо модели математикии система ё раванди иқтисодӣ сохта мешавад. Муносибатҳои байни тағйирёбандаҳои иқтисодӣ, аз қабили нархҳо, музди меҳнат, сармоя, фоизҳо ва ғайра дар шакли муодилаҳои дифференсиалӣ навишта мешавад.

Дар раванди таҳқиқот бо мақсади самаранок ба роҳ мондани идоракунии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар, масъалаи рушди моделсозии иқтисодӣ бо назардошти истифодаи технологияҳои рақамӣ баррасӣ карда шавад.

Ба сифати воситаи методӣ омӯзиш ва истифодаи моделҳои намояндагони мактабҳои риёзӣ аз қабили Л. Валрас, Ф. Кенэ, К. Маркс, А. Курно, В. Парето, Ф. Тейлор, Н. Винер, Р. Беллман, Л.В. Канторович, муҳаққиқони ватанӣ: Ғ. Ҷурабоев, Р.К. Раҷабов, П.Д. Хоҷаев, Р.С. Исаев, А.Л. Қодиров, Ф. Мирзоахмедов, Ф.С. Комилиён, М.Қ. Юнусӣ, А. Ахмедов ва ғайраҳо, ки дар рушди истеҳсолии корхонаҳои саноати коркард ҳиссаи калон гузоштаанд, ёдовар шудан мумкин аст.

Бо мақсади дарёфти роҳ ва усули беҳтарин, яъне ҳалли ба ин ё он маъни оптималӣ аз усулҳо ва моделҳои математикӣ васеъ истифода мешавад [6].

Ташаккул ва инкишофи усулҳои математикии таҳлил ва таҳияи қарорҳои иқтисодӣ, ҳамчун соҳаи мустақили математика дар асри XVIII ба амал омадааст. Дар Фаронса Франсуа Кенэ, табиб ва иқтисодчӣ яке аз аввалин кӯшишҳои моделсозии иқтисодӣ ва математикии механизми ҳаракати молиявиро таҳия намуд. Ӯ ҷадвали иқтисодие тартиб дод, ки иқтисодиёти давлатро ҳамчун системаи ягона ҳисоб мекунад. Кенэ идеяи муомилоти шахсро ба муносибатҳои иқтисодӣ татбиқ намуд. Карл Маркс бо истифода аз ҷадвалҳои тартиб додаи Кенэ формулаи алгебравиеро таҳия намуд, ки ба воситаи он мехост «қонунҳои асосии бартарафсозии вазъи буҳрон» - иро ба даст орад.

Дар асарҳои Маркс бори аввал тавсифи математикии ба расмиятдаровардашудаи раванди вусъатдиҳии такрористеҳсолкунӣ пешниҳод карда шудааст.

Соли 1838 аз ҷониби математики фаронсавӣ Антуан Курно китоби «Таҳқиқ дар бораи принсипҳои математикии назарияи дороӣ (сарват)» ба нашр расонида шуд. Аз ҷониби ӯ бори аввал муносибати математикии байни талабот ва нархи мол пешниҳод гардид. Ин арзишҳо бо коэффитсиенти чандирӣ алоқаманд буда нишон медиҳанд, ки чи гуна тақозо ҳангоми боло рафтан ё паст шудани нарх 1% тағйир меёбад. Функсияи талабот имкон фароҳам оварда, ки як қатор қонуниятҳо ошкор карда шаванд. Фурӯши бештар на ҳамеша фоидаовар аст. Ҳамааш аз коэффитсиенти чандирӣ вобастагӣ дорад. Талабот ба моле, ки он аз як мол зиёд аст, дар сурати паст шудани нарх, зуд меафзояд ва фоидаи умумӣ аз фурӯш низ марҳила ба марҳила баланд мегардад.

Соли 1874 аз ҷониби олими шветсариягӣ Л. Валрас модели омории низоми мувозинати иқтисодӣ пешниҳод гардид ва баъдтар олими итолиёвӣ В. Парето модели тақсими даромади аҳолиро коркард ва таҳия намуд.

Дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX таҳияи усулҳои математикие, ки ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ равона гардидаанд вусъат ёфт [4].

Яке аз аввалин масъалаҳое, ки дар асоси равиши математикӣ ҳал карда шуданд, «масъалаи заминков» мебошад, ки аз ҷониби Фредрик Тейлор соли 1885 таҳия карда шудааст.

Дар назди ӯ масъалаи муайян намудани массаи оптималии яквақтаи замини интихобшуда меистод, ки он ҳаҷми максималии кори заминковро дар як шабонарӯз бояд таъмин менамуд. Агар заминков дар як вақт аз иқтидораш зиёдтар заминро гирад, пас эҳтимолияти хӯрдашавӣ ва вайроншавиаш зиёд мегардад. Аз ин рӯ тибқи нишондиҳандаҳои назарияи Тейлор барои зиёд намудани иҷроиши ҳаҷми кор, баланд бардоштани иқтидор зарур аст.

Ташаккул ва инкишофи дастгоҳи математикии муосири ҳалли оптималии масъалаҳои мураккаби иқтисодӣ дар солҳои 40-ум бо шарофати олимон Н. Винер, Р. Беллман, С. Ҷонсон, Л.В. Конторович ба гардиши илмӣ ворид карда шудааст.

Дар соли 1938 ба профессор Л.В. Конторович вазифа гузошта шуда буд, ки кори ҳашт дастгоҳи корхонаи истеҳсоли фоннарро чи тавр беҳтар тақсим намудан лозим аст, ки ҳосилнокии ҳар як дастгоҳ аз рӯйи ҳар як панҷ намуд масолеҳи коркардшуда самараноктар гардад.

Соли 1939 аз ҷониби олими риёзидон ва иқтисодчии барҷастаи Иттиҳоди Шӯравӣ асар бо номи «Усулҳои математикиии ташкил ва банақшагирии истеҳсолот» таҳия карда шуд, ки дар он аввалин маротиба масъалаи барномасозии хаттӣ мураттаб гардида, алгоритми ҳалли онро кор карда баромад.

Якҷоя бо олими америкоӣ Т. Купманс соли 1975 Л. Конторович барои саҳмаш дар таҳияи назарияи оптималикунонии тақсимоти захираҳо бо ҷоизаи Нобел сарфароз гардонида шуд.

Масъалаи умумии барномасозиии хаттиро соли 1947 Дансигом Д.Ж. ва М. Вуд дар департаменти неруҳои ҳавоиии ИМА ба миён гузошта буданд. Дансиг алгоритми универсалии ҳалли масъалаҳои барномасозии хаттиро пешниҳод намуд, ки онро то ҳол усули симлекс меноманд.

Соли 1941 Хичкок новобаста аз таҳқиқоти назарраси Купсман дар соли 1947 масъалаи нақлиётро таҳия намуд. Баҳамин монанад Стиглер дар соли 1945 масъалаи истифодаи самараноки захираҳои маҳдудро таҳия намуданд.

Солҳои 50-60-ум дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ дар соҳаи моделсозии иқтисодию математикӣ асарҳои назаррас таҳия гардиданд, аз қабили Конторович Л.В. «Ҳисобкунии иқтисодии оптималии таҳқиқи захираҳо» (1959), Конторович Л.В., Гавурин М.К. «Татбиқи усулҳои математикӣ дар таҳлили гардиши молҳо», (1949) ва таҳқиқоти В.В. Новожилов дар бораи банақшагирии оптималии хоҷагии халқ ва ғайраҳо мебошанд, ки минбаъд дар заминаи онҳо дигар асраҳо вобаста ба самти мазкур нашр шуданд.

Соли 1960 аз ҷониби академик В.С. Немчинов дар назди шуъбаи Новосибирскии АИИҶШС озмоишгоҳи моделсозии иқтисодию математикӣ таъсис дода шуд.

Бо мақсади муайян намудани мутавозинии талабот ва пешниҳод моро зарур аст, ки дар идомаи таҳқиқоти диссертатсионӣ раванди мазкурро дар мисоли корхонаҳои саноати коркард мавриди таҳлил қарор диҳем [3].

Тахмин карда мешавад, ки дилхоҳ вақт нарх дар натиҷаи талабот аз пешниҳод зиёд будан боло меравад ва баръакс дар ҳолати зиёд будани пешниҳодот нарх поён меравад. Нарх бо p, мутаносибии қимматҳои талабот ва пешниҳодот ба воситаи $D(p, \alpha)$, $S(p)$ ва α − параметрҳои ба омилҳои экзогенӣ (берунӣ) мувофиқ аст. Он гоҳ тағирёбии нархро бо тағирёбии вақт t метавон бо воситаи зерин тавсиф кард:

$$\frac{dp}{dt} = D(p, \alpha) - S(p)$$

Акнун шарти зеринро чунин ба назар гирифтан мумкин аст:

$$\frac{dp}{dt} = 0$$

дар инҷо:

$$D(p, \alpha) - S(p) = 0.$$

Тасаввур мекунем, ки p_0 ҳалли муодилаи мазкур мебошад. Тарафи рости D(p,α)−S(p)-ро дар наздикии қимати p = p_0 афзоиш медиҳем, он гоҳ тағирёбии нархи p бо кам гардидани нархи мувозинати p = p_0 муайян карда мешавад, ки мо онро аз рӯйи муодилаи мазкур дида мебароем:

$$\frac{dp}{dt} = (D_p - S_p)(p - p_o),$$

ки дар он истилоҳоти болотар аз дараҷаи якуми миқдор хориҷ карда мешаванд ва $(p - p_0)$ ифодакунандаи:

$$D_p = \frac{\partial D(p, \alpha)}{\partial p} | p = p_0, S_p = \frac{\partial S(p)}{\partial p} | p = p_0$$

Ҳалли муодилаи охирин чунин ба роҳ монда мешавад:

$$p(t) = p0 + [p(0) - p0] exp[(Dp - Sp)t]$$

Бигзор (Dp − Sp) < 0 бошад. Пас, агар нархи ибтидоии p(0) аз нархи мувозинати p0 фарқ кунад, дар ин ҳолат t → ∞ лимити p(t) → p0 ба амал меояд. Яъне: дар давоми истеҳсол, ба нархи мувозинат наздик мешавад. Дар ин ҳолат метавон гуфт, ки нархи мувозинат устувор аст. Аён аст, ки бо афзоиши нарх талабот кам мешавад (Dp < 0) ва пешниҳод зиёд мешавад, яъне, Sp > 0. Дар

ин шароит нархи мувозинат вуҷуд дорад. Амсилаи мазкур афзоиши пешниҳодро бо афзоиши талабот ба маҳсулоти додашуда пешгӯй мекунад, ки ҳамчун афзоиши нархи маҳсулот ифода меёбад. Агар (Dp − Sp) > 0 бошад, он гоҳ нархи p(t) аз мувозинати ин ё он раванд дур мешавад. Дар ин ҳолат, нархи мувозинат ноустувор аст. Тибқи муқаррароти назарияи иқтисодӣ, бо нархи ноустувор, ин модел пешгӯии самаранокро ба бор намеорад. Ба воситаи *X* маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, *I* - ҳаҷми сармоягузориҳо, *S* – миқдори корхонаҳои саноати коркард, *L* - шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот, *K* - ҳаҷми фондҳои истеҳсолӣ, *C* - ҳаҷми фондҳои истеъмолии ғайристеҳсолиро ифода менамоем. Фарз мекунем, ки ҳама миқдорҳо ба вақти доимии t, ки бо солҳо чен карда мешаванд, вобаста аст.

Чунин асоснок карда мешавад, ки шумораи коргарон L(t)-ро дар рӯз муайян кардан мумкин аст ва инчунин фондҳои K(т)-ро тавассути инвентаризатсия муайян кардан мумкин аст. Пас суръати афзоиши солонаи шумораи одамоне, ки дар истехсолот кор мекунанд, бо ν ишора мекунем.

$$\frac{dK}{dr} = vL$$

дар инҷо: L(t) = L0evt, ки дар он L0 = L(0) шарти ибтидоӣ аст. Истеҳлок ва сармоягузории солона мутаносибан бо μK ва I ифода карда мешаванд. Дар он сурат афзоиши фоида бо мурури замон Δt аст.

$$\Delta K = -\mu K\Delta t + I\Delta t,$$

ки дар лимити Δt → 0 мо dK/dt = −μK + I, K(0) = K0 дорем. Модели Солоу тахмин мекунад, ки маҳсулоти миёнаравӣ ба маҳсулоти умумӣ мутаносиб ва ба aX баробар аст. Сармоягузорӣ I = ρ(1−a)X. Маҳсулоти солона бо функсияи якхелаи истеҳсолии X = F(K,L) шакли додашуда муайян карда мешавад (якхелагии хаттӣ маънои онро дорад: $F(qK, qL) = qF(K, L)$). Он гоҳ модели Солоу дар шароити мутлақ ҳамчун муодилаи дифференсиалии зерин навишта мешавад:

$$\frac{dK}{dr} = -\mu k + p(1-\alpha)F(K, L), \qquad (1)$$

ва дороиҳои ғайриистеҳсолӣ C = (1−ρ)(1−a)F(K,L). Нишондихандаҳои нисбии:

$k = \frac{K}{L}$ — таносуби сармояву меҳнат, $k = \frac{K}{L}$ — истеъмоли миёнаи ҳар як корманд (миёна ба ҳар сари аҳолӣ).

Мо K = Lk, L = L0evt-ро ба муодилаи (1) иваз мекунем ва хосияти якхелаи хаттии функсияи истеҳсолии F(K, L)-ро ба назар мегирем, F(K,L)/L = F(K/L, 1) = F(k, 1) = f(k). Дар ин ҳолат муодилаи (1) шакли зеринро мегирад.

$$\frac{dk}{dt} = -\gamma k + p(1-\alpha)f(k), \gamma = \mu + v, k(0) = k_0, k_0 = \frac{K_0}{L_0} \qquad (2)$$

Муодилаи (2) модели Солоу бо истилоҳи мушаххас аст.

Ин модел равишҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла рушди устуворро тавсиф мекунад ва инчунин имкон медиҳад, ки гузариш ба рушди устувор ба таври мушаххас карда шавад.

Модели идоракунии захираҳо.

Масъалаи идоракунии захираҳоро дар мисоли модели пешниҳодкардаи К. Кларк барои таҳлили идоракунии соҳаи моҳипарварӣ баррасӣ менамоем. Ҳаҷми умумии саршумори моҳиҳоро x(t) ва суръати сайдро хамчун h(t) ишора менамоем. Бигузор афзоиши табиии ахолиро бо функсияи F(x) тавсиф кунем, он гоҳ тавозуни тағйирёбии аҳолиро ба таври зерин гурӯбандӣ кардан мумкин аст:

$$\frac{dx}{dt} = F(x) - h\,(t) \qquad (3)$$

Арзиши хароҷоти меҳнатро барои як доштан бо E нишон медиҳем, то суръати доштан ба хароҷоти меҳнат ва захираҳои табиӣ мутаносиб бошад:

$$h = Ex \qquad (4)$$

Ин модел, сарфи назар аз соддагии худ, аллакай ба натиҷаҳои ғайриоддӣ ноил гардидааст [1]. Масалан, андозаи мувозинати популятсияро метавон x∗ муайян намуд. Муқаррар кардани dx(t)/dt = 0, барои x∗ муодиларо тартиб медиҳем:

$$F(x*) = Ex*$$

Сипас ҳаҷми дастгиршавандаи Y аз ҷониби Y = Ex∗ дода мешавад. Хатти такрористеҳсоли F(x) метавонад шакли ғайрихаттӣ дошта бошад, ки бо шароити мавҷудияти аҳолӣ муайян карда мешавад.

Такрористеҳсолии популятсия афзоиши функсияи F(x)/x дар фосилаи муайяни 0 < x < K∗ -ро дар назар дорад. Барои иқтисоди саноат хос аст, ки барои x хурд, масалан, дар фосилаи 0 < x < K0 < K∗, такрористеҳсолкунӣ ғайриимкон аст. Функсияи F(x)/x дар ин соҳа такрористеҳсоли интиқодӣ (манфӣ) - ро инкишоф медиҳад ва тавсиф мекунад. K0 фоидаи максималӣ номида мешавад.

Параметри E дар ин модел якум модели назоратӣ буда, сатҳи арзиши Y-ро ҳангоми такрористеҳсоли мувозинат тавассути хароҷоти меҳнат танзим мекунад. Амсилаи мазкур имкон медиҳад, ки арзиши муайяни E такрористехсолкунии популятсия вайрон шуда, боиси аз байн рафтани он мегардад.

Модели соддакардашудаи даврагии тиҷоратии Кейнс

Системаи динамикии иктисодиро дида мебароем, ки дар он x1 даромади миллиро ифода мекунад, x2 меъёри фоиз, I(x1,x2) - функсияи талаботи сармоягузорӣ (∂I/∂x1 > 0,∂I/∂x2 < 0), S(x1), x2) - функсияи пасандоз (∂S/∂x1 > 0,∂S/∂x2 > 0), L(x1,x2) - талаботи умумии пул (∂L/∂x1 > 0,∂L/∂x2 < 0), LS - ҳаҷми пул (қимати доимӣ), α1, α2 - параметрҳое, ки аксуламали агентҳоро ба дуршавии система аз ҳолати мувозинат ифода мекунанд.

Модели соддакардашудаи даврагии тиҷорат, ки аз ҷониби Кейнс [4] пешниҳод шудааст, бо муодилаҳо чунин тавсиф карда мешавад.

$$\frac{dx_1}{dt} = \alpha_1\{I(x_1,x_2) - S(x_1,x_2)\}$$
$$\frac{dx_2}{dt} = \alpha_2\{L(x_1,x_2) - L_s\}. \qquad (5)$$

Модел далелҳои равшанро инъикос мекунад, ки зиёд будани талабот ба сармоягузорӣ нисбат ба пасандозҳо боиси афзоиши даромад мегардад ва баръакс [2].

Илова бар ин, агар талабот ба пул аз пешниҳоди он зиёд бошад, он гоҳ сатҳи даромад баланд мешавад. Шартҳое, ки ба вазифаи I, ∂I/∂x1 > 0, ∂I/∂x2 < 0 гузошта шудаанд, маънои онро дорад, ки сармоягузориҳо бевосита аз ҳаҷми маҳсулот ва баръакс аз меъёри фоиз вобастаанд. Афзоиши даромади миллӣ ё фоизи аҳолӣ боиси зиёд шудани пасандозҳо мегардад (∂S/∂x1 > 0, ∂S/∂x2 > 0). Дар баробари зиёд шудани истеҳсолот ё кам шудани арза талабот ба пул зиёд мешавад. Тавре ки аз тавсифи модел дида мешавад, он ба вобастагии хатӣ (мутаносибӣ) байни миқдорҳои асосии иқтисодӣ, ки равандро тавсиф мекунанд, асос ёфтааст. Сарфи назар аз содда будани формула, модели Кейнс (5) хусусияти иттилотиро дорад. Он, аз ҷумла, ҳолати мувозинат, инчунин давраҳои иқтисодиро тавсиф мекунад.

Боназардошти фарзияҳои боло моро зарур аст, ки моделҳои иқтисодию математикии рушди индустриалию инноватсионии корхонаҳои саноати коркардро дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар тартиб диҳем [5].

Дар расми 1 нишон дода шудааст, ки асоси рушди корхонахои саноати коркардро захирахо, истехсолот, фоида ташкил медиҳад.



Расми 1. Сарчашмаи рушди фаъолияти корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръат

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Инчунин, бо истифода аз ин модел мо метавонем марҳилаи навбатии моделсозии иқтисодӣ - математикиро таҳия кунем**.**



Расми 2. Алгоритми ҷорӣ намудани модели корхонаҳои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Тавре, ки таҳлили амалӣ нишон медиҳад, коэффитсиенти якум ба дастгоҳи (датчик) ададҳои тасодуфӣ бо тақсимоти якхела дар фосила (0,1) дахл дорад. Оператори шартии *1* ба фосилаи (0, $^{L}{}_{1}$*)* афтодани тағирёбандаи тасодуфии z-ро месанҷад. Агар ин шарт риоя карда шавад, пас ҳодисаи K_1 ба вуҷуд меояд. Агар шарти оператори 2 иҷро нашавад, он гоҳ алгоритм ба фосилаҳои дигар афтодани тағирёбандаи тасодуфиро тафтиш мекунад. Яке аз ҳодисаҳои $K_{1, 2, \dots 3}$ хатман ба амал меояд.

Ба ақидаи мо, дар сурати як коэффисиент (фоиз) афзоиш шудани ҳачми маҳсулот даромади корхонаҳои саноати коркард 0,01 миллион сомонӣ меафзояд. Агар чунин мавкеъ 10 сол давом кунад, на танҳо даромад меафзояд, балки ракобати корхонахои мавчуда низ меафзояд.

Барои татбиқи чунин равиш (модел) минбаъд марҳилаҳои зерини моделсозии иқтисодӣ - математикиро дида баромадан лозим аст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои дар боло овардашуда афзорҳо, алгоритмҳои таҳияшуда амсиласозии иктисодӣ-математикии корхонахои саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати кишвар пешниход карда мешавад ва таъсири раванд ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дида баромада мешавад.

Ба андешаи мо барои афзоиши минбаъдаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳо: сармоягузорӣ, шумораи корхонаҳои саноати коркард, шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот, ба кор даровардани фондҳои асосӣ дар соҳаи саноат мувофиқи ҷадвали. ниҳоят муҳим мебошад.

Албатта сабабҳои асосии камшавии корхонаҳои саноатӣ дар соли 2017 ин муфлисшавии як қатор коргоҳҳову фабрикаҳои саноатӣ мебошад.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои барои анҷом додани амсилаи иқтисодӣ-математикии рушди саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010-2022

№ р/т	Солҳо	Нишондиҳандаҳо				
		Y	***I***	***S***	***L***	***K***
		Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, млрд сомонӣ	**Ҳаҷми сармоягузорӣ, млн. сомонӣ**	**Шумораи корхонаҳои саноати коркард, адад**	**Шумораи машғулбудагон дар истеҳсолот, нафар**	**Ба кор даровардани фондҳои асосӣ дар соҳаи саноат, млн. сомонӣ**
1.	**2010**	**24707,1**	**2370,10**	**106,83**	**6470,64**	**480,70**
2.	2011	30071,1	2393,80	107,91	6535,35	485,51
3.	2012	36163,1	2441,68	109,00	6536,00	490,36
4.	2013	40525,5	2514,93	136,00	6916,00	495,27
5.	2014	45606,6	2615,52	154,00	6659,00	500,22
6.	2015	50977,8	5056,30	214,00	8006,00	825,00
7.	2016	54790,3	5063,80	232,00	9368,00	1212,50
8.	2017	64434,3	5665,40	229,00	11776,00	1649,40
9.	2018	71059,2	6366,20	249,00	13520,00	1410,10
10.	2019	79109,8	6652,90	250,00	15952,00	1685,70
11.	2020	82543,1	6474,90	264,00	19054,00	1278,90
12.	2021	98910,7	6367,00	291,00	22313,00	599,00
13.	**2022**	**101878,02**	**6621,68**	**302,64**	**23205,52**	**622,96**

***Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ

Агар ба таҳлилҳо назар афканем пешгӯйӣ намудан мумкин аст, ки дар ҳашт соли минбаъда, яъне дар соли 2030 ҳамагӣ 3748 адад корхонаи нави саноатӣ дар ҳудуди кишвар таъсис дода мешавад, ки нисбат ба соли 2022, ки теъдоди умумии корхонаҳо 2802 ададро ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2030 ба 3748 адад ё худ 33,7% нисбат ба соли 2022 зиёд мегардад.

Ҷадвали 2. Пешгӯйи нишондиҳандаҳои рушди корхонаҳои саноатӣ

Нишондиҳандаҳо		Шумораи корхонаҳо, воҳид	Шумораи миёнаи солонаи коркунони истеҳсолоти саноатӣ,ҳазор нафар	Ҳаҷми маҳсулот бо нархҳо, млн сомонӣ
Солҳо	2017	1999	56	23835
	2018	2161	75	26362
	2019	2164	78	29841
	2020	2283	81	32467
	2021	2397	85	39221
	2022	2802	86	43025
	2023	2780	95	46174
	2024	2918	100	50093
	пешгӯйи			
	2025	**3057**	**106**	**54011**
	2026	3195	111	57930
	2027	3333	116	61849
	2028	3472	122	65767
	2029	3610	127	69686
	2030	**3748**	**132**	**73605**
Муодилаи тренд		y = 138,34x - 277082 R^2 = 0,8585	y = 5,2971x - 10621 R^2 = 0,7954	y = 3918,7x + 18743 R^2 = 0,9745

Таҳияи муаллиф: дар асоси маълумоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тамоюли зиёдшавии корхонаҳои саноатиро аз истифодаи самараноки фаъолияти инноватсионӣ метавон вобаста донист, зеро маҳз татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва воридоти бештари он метавонад боиси таъсис ёфтани корхонаҳои нави саноатӣ гардад.

Яке аз мақсадҳои асосии Ҳукумати кишвар дар самти баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ, ин таъмини шуғли пурмаҳсул мебошад, ки ин ҳадаф дар доираи инкишофи соҳаи саноат метавонад сурат гирад, зеро ки соҳаи саноатро ҳамчун афзалиятноктарин соҳа дар ҳудуди кишвар эътироф ва муқаррар намудаанд.

АДАБИЁТ

1. Баклыкова Е.А. Роль государства в инновационном развитии // Европейский журнал социальных наук» − 2015. − №3.

2. Белов В.Н. К вопросу о российской инновационной политике. Зарубежный опыт // Инновациооная политика и инновационный бизнес в России. Аналитический Вестник. -2006. -№ 5/-С. 16-27
3. Бердникова Л.Ф. Интеллектуальный потенциал в инновационном развитии современной организации/ Л.Ф. Бердникова// Вектор науки Тольяттинского государственного университета. – Тольятти: Тольяттинский государственный университет, 2012. - №4. - С. 220-223
4. Гончар К.Р. Иновационные поведение промышленности : разрабатывать нельзя заимствовать // Вопросы экономике.-2009.- № 12. -С.125-141
5. Гине Ж., Майсснер Д. Открытые инновации: эффекты для корпоративных стратегий, государственной политики и международного «перетока исследований и разработок // Инновации в экономике. – 2012. – № 1.
6. Емельянов О.О. Модель механизма государственного регулирования инновационной системы // Современные проблемы науки и образования. – 2014. – № 6.
7. Мухина Д.И. Инновационные технологии в создании одежды / Д.И. Мухина // В сборнике: Проблемы развития современного общества. Сборник научных статей 7-й Всероссийской национальной научно-практической конференции. В 5-ти томах. Под редакцией В.М. Кузьминой. Курск, 2022. С. 264-266.
8. Пахомова А.А., Халиуллина М.К. Современные технологии в легкой промышленности / А.А. Пахомова, М.К. Халиуллина // В сборнике: Научные исследования и разработки в области дизайна и технологий. Материалы Всероссийской научно-практической конференции. В 2-х частях. Составитель Т.В. Лебедева, отв. редактор Н.Н. Муравская. 2020. С. 135-138.
9. Пухова Г.В. Опыт применения экономико-математических методов в легкой промышленности: 1963-1990 годы / Г.В. Пухова // Экономическая наука современной России. 2002. № 2. С. 133-143.
10. Ультан С.И., Лебедева Г.Н. Совершенствование планирования производственной программы на предприятиях легкой промышленности на основе метода динамического программирования / С.И. Ультан, Ультан С.И., Лебедева Г.Н. Совершенствование планирования производственной программы на предприятиях легкой промышленности на основе метода динамического программирования / С.И. Ультан, Г.Н. Лебедева // Известия высших учебных заведений. Технология текстильной промышленности. 2005. № 3 (284). С. 6-9.

УДК 338.45.01

Тиллоева С.Ҷ.

ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ РАВАНДИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ

Дар мақола масъалаҳои идоракунии стратегӣ ва баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва амалишавии стратегияҳои қабулшуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дурнамои дарозмӯҳлат сухан меравад. Ҳамзамон, масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва идоракунии самарабахши захираҳо, риояи меъёрҳои агротехникӣ ва дар маҷмӯъ, истифодаи дурусти захираҳои замини ҷумҳурӣ ва афзалиятҳои кишвар дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии органикӣ ва саноати хӯрокворӣ пешниҳод карда шудаанд. Таъминнокии аҳолии мамлакат ба маҳсулоти соҳаи саноати хӯрокворӣ ва принсипҳои дастгирии давлатии соҳаи истеҳсоли маҳсулоти соҳа дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар барномаҳои давлатӣ дарҷ карда шудааст, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо бояд пайваста барномаҳо ва стратегияҳои соҳавии давлатӣ, алалхусус дар самти таъмини бехатарии озуқаворрии кишвар амалӣ карда мешаванд. Дар мақола хулоса карда шуда, пешниҳод шудааст, ки баррасии стратегияҳо оид ба сармоягузорӣ аз нуқтаи

назари ҷанбаҳои мухталиф бамаврид мебошад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии интихобшудаи саноати хӯрокворӣ алоқмандии зич дорад.

Калидвожаҳо: идоракунии стратегӣ, самаранокӣ, бехатарии озӯқаворӣ, саноати хӯрокворӣ, сармоягузорӣ, рушди корхонаҳои саноатӣ, танзими давлатии иқтисодиёт.

Тиллоева С.Дж.

СТРАТЕГИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ ПРОЦЕССОМ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРОИЗВОДСТВА НА ПРЕДПРИЯТИЯХ ПИЩЕВОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ

В статье рассматриваются вопросы стратегического управления и повышения эффективности производства в пищевой промышленности Республики Таджикистан, разработки и реализации стратегий, реализуемых в Республике Таджикистан на долгосрочную перспективу. В то же время, рассмотрены вопросы охраны окружающей среды и эффективное управление ресурсов, соблюдение агротехнических норм и в целом правильное использование земельных ресурсов страны и приоритеты страны в производстве органической сельскохозяйственной продукции и пищевой промышленности. Обеспечение населения страны продукцией пищевой промышленности и принципы государственной поддержки производства продукции отрасли включены в Национальную стратегию развития Республики Таджикистан на период до 2030 года и другие государственные программы, и для достижения этих целей необходимо непрерывно реализовывать государственные отраслевые программы и стратегии, особенно в направлении обеспечения продовольственной безопасности страны. В статье делается вывод и предлагается, что инвестиционные стратегии целесообразно рассматривать с различных позиций и тесно связано с достижением выбранных стратегических целей пищевой промышленности.

Ключевые слова: стратегическое управление, эффективность, продовольственная безопасность, пищевая промышленность, инвестиции, развитие промышленных предприятий, государственное регулирование экономики.

Tilloeva S.J.

STRATEGIC MANAGEMENT OF THE PROCESS OF IMPROVING PRODUCTION EFFICIENCY OF FOOD INDUSTRY ENTERPRISES

The article considers the issues of strategic management and increasing the efficiency of production in the food industry of the Republic of Tajikistan, the development and implementation of strategies implemented in the Republic of Tajikistan for the long term. At the same time, issues, including environmental protection and effective management, compliance with agrotechnical standards and, in general, the correct use of the country's land resources and the country's priorities in the production of organic agricultural products and the food industry. Providing the country's population with food industry products and the principles of state support for the production of industry products are included in the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period up to 2030 and other state programs, and to achieve these goals, it is necessary to continuously implement state industry programs and strategies, especially in the direction of ensuring food security of the country. The article concludes and suggests that investment strategies should be considered from different positions and are closely related to the achievement of the selected strategic goals of the food industry.

Key words: strategic management, efficiency, food security, food industry, investments, development of industrial enterprises, state regulation of the economy.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мушкилоти зиёде дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла энергетика, саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, коммуникатсия ва ғайра дучор гардидааст. Бинобар ин, бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои инкишофи минбаъдаи кишвар чор ҳадафи стратегии таъмини рушди устувор, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба кишвари транзити табдил додани мамлакат, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасӣ ба ғизои солим, ҳамзамон саноатикунонии босуръати кишвар ва шуғли пурмаҳсулро муайян намуд.

Бояд қайд намуд, ки ба ҳайси яке аз ҷузъҳои таркибии асоси методологии баланд бардоштани самаранокии идоракунии истеҳсолот ва рушди воқеии иқтисодиёт, назарияи идоракунии стратегӣ, назарияи таҳияи илмӣ ва татбиқи стратегия дар муҳити номуайян ва тағйирёбанда дар муносибат ба саноати хӯрокворӣ мебошад, хизмат карда метавонад. Хусусиятҳои идоракунии стратегӣ хусусиятҳое мебошанд, ки вазъиятианд, яъне қарорҳои эҷодиро вобаста ба ҳолати мушаххас, инчунин хусусияти системавӣ, вобаста ба хусусиятҳои худи системаи идоракунӣ: сатҳ, миқёс ва самтҳои фаъолияти онро дар бар мегиранд.

Идоракунии стратегӣ ин фаъолиятест, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои муҳими дарозмуддати низом дар шароити доимотағйирёбандаи муҳити зист тавассути тағйир додани ҳолати система равона шудааст, ки бо вуҷуди ин, набудани стратегия дар корхона на ҳамеша омили манфӣ мебошад. Амалҳои оқилона ҳатто дар сурати мавҷуд набудани стратегияи ягона ба баланд бардоштани чандирӣ кӯмак мекунанд. Илова бар ин, ташкилотҳое, ки бо низоми қатъии назорат ва риояи расмиёти расмӣ тавсиф дода мешаванд, қобилияти навоварӣ ва озмоишро аз даст медиҳанд [9, с. 22-23].

Ба андешаи мо, таҳияи стратегия бояд таҳлили пешакӣ ва банақшагирии минбаъдаро дар бар гирад. Таҳияи стратегия як раванди мураккабе мебошад, ки мафҳуми он бо субот алоқаманд ва дар шароити муосир бояд ба тағйиротҳо таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Баъди таҳқиқи сарчашмаҳои адабӣ дар соҳаи идоракунии стратегӣ мо се самти асосии зеринро муайян намудем:

- муайян кардани ҳолати оянда бо истифода аз таҳлил ва пешгӯии рушди фаъолияти корхона, соҳа ва таҳияи стратегия мебошад;

- татбиқи стратегия ва ноил гардидан ба муваффақиятҳо ин аз қобилиятҳои ташкилотчигию зеҳнии роҳбар ва муҳити ӯ вобаста мебошад;

- арзёбии самаранокии стратегияи татбиқшаванда мебошад.

Чанде пеш дар соҳаи идоракунии стратегӣ нишондиҳандаҳои нав бо равиши захиравӣ пайдо шудааст, ки он ба ташкилотҳои истеҳсолӣ мусоидат мерасонад ва дар муҳити доимотағйирёбандаи ҷаҳонишудаи тиҷорати беруна бомуваффақият рақобат менамояд. Муносибати захиравӣ салоҳият, имконият, малака ё дороиҳои стратегиро манбаи асосии бартарии устувори рақобатии корхона мешуморад. Аз ин рӯ, дар доираи ин равиш кормандони ташкилот ҳамчун захираҳои муҳими стратегии он ҳисобида мешаванд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои умумимиллӣ ва таъмини корхонаҳои саноатӣ ба ашёи хоми ватанӣ, дастравс намудани маҳсулоти саноати хӯрокворӣ ба аҳолии мамлакат ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ “Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 таҳия ва татбиқ карда шудааст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2009, №72, “Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020”, Барномаи сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2021-2025, 02.09.2021, №358, Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, 31.10.2018, №520, “Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025”, Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, аз 31.07.2019, таҳти №373 ва дигар барномаю стратегияҳои таҳия ва тасдиқ шудааст.

Чуноне, ки Фасеҳзода И.С. қайд намудаанд сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна

дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфтааст [15, с. 57].

Ҳамзамон, идоракунии стратегӣ барои дуруст баҳо додан ва дарки ҳолати феълии корхона ё соҳа, ки дар он ҷо ҷойгир аст ва таҳияи нуқтаи назари дақиқи стратегӣ мусоидат менамояд. Ҳамин тавр идоракунии стратегӣ дар саноати хӯрокворӣ воқеан пайдарпайии интиқоли корхонаро аз ҳолати кунунӣ ба корхона муқаррар менамояд, ки ба менеҷерҳо имкон медиҳад, то ки бартарӣ ва норасоиҳои корхонаҳои саноатӣ баҳо дода шавад ва нерӯ ба он равона кунанд, ки барои онҳо дар ҳақиқат аз ҷиҳати стратегӣ муҳим мебошад.

Бинобар ин, нуқтаи муҳиме, ки аз самтҳои дар боло зикргардидаи идоракунии стратегӣ бармеояд, ба назари мо, имкони ташкили сохтори функсионалии идоракунии стратегӣ ва фаъолияти ин сохтори идоракунӣ мебошад. Дар робита ба саноати хӯрокворӣ идоракунии стратегӣ бояд дар доираи танзими давлатии иқтисодиёт сурат гирифта, ба фароҳам овардани шароит барои рушди устувори иқтисодии соҳа ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум хизмат намояд.

Зарурати таҳияи стратегияи сармоягузорӣ асосан бо тағйирот дар муҳити беруна ва дохилӣ муайян карда мешавад, зеро танҳо дар сурати доштани стратегияи сармоягузорие, ки ба тағйироти эҳтимолии омилҳои муҳити сармоягузории беруна мутобиқ шудааст, самаранок идора кардани сармоягузорӣ имконпазир мебошад, вагарна қарорҳои сармоягузорӣ метавонанд ба ҳамдигар мухолифанд, ки ин боиси пастшавии самараи фаъолияти сармоягузорӣ мешавад.

Дар адабиёти иқтисодӣ таърифҳои стратегияи сармоягузорӣ зиёданд, вале ба ақидаи мо таърифи Л.Ҳ.Саидмуродзода дурусттар мебошад, яъне: стратегияи сармоягузорӣ дар сатҳи соҳа фаъолияти мақсаднок (қабули қарор) барои муайян намудани самтҳои муҳимтарини маблағгузории сармоягузорӣ, интихоби авлавиятҳои сиёсати дарозмуддати ташаккулнамоӣ ва истифодаи захираҳои сармоягузории корхонаҳои саноатӣ ва тартиб додани маҷмӯи тадбирҳое, ки барои иҷрои онҳо зарур мебошанд.

Стратегияи сармоягузорӣ дар сатҳи корхона, ба ақидаи Л.Ҳ.Саидмуродзода, системаи ҳадафҳои дарозмуддати фаъолияти сармоягузории корхона мебошад, ки бо ҳадафҳои умумии рушди он ва идеологияи сармоягузорӣ, инчунин интихоби роҳҳои самараноки ноил шудан ба онҳо муайян мегардад [11, с. 89].

Стратегияи сармоягузориро метавон чун нақшаи асосии амал дар соҳаи равандҳои сармоягузории субъектҳои бозори сармоягузории соҳа муаррифӣ кард. Таҳияи стратегияи сармоягузорӣ дар таъмини самаранокии равандҳои сармоягузорӣ нақши асосиро мебозад, ки дар ин ҷо зуҳур мекунад: механизми татбиқи мақсадҳои дарозмуддати сармоягузориро таъмин менамояд; имкон медиҳад, ки тағйироти пешакии омилҳои хавфи сармоягузорӣ ва омилҳои идоранашавандаи муҳити зист пешгӯӣ шавад, ки имкон медиҳад оқибатҳои манфии онҳо барои фаъолияти соҳа то ҳадди ақал кам гардад; афзалиятҳои муқоисавии рақобатпазирии соҳаро дар фаъолияти сармоягузорӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳо инъикос менамояд.

Азбаски ҳар як марҳилаи давраи ҳаёти субъекти низоми сармоягузорӣ дорои сатҳҳои хоси фаъолияти сармоягузорӣ, самтҳо ва шаклҳои фаъолияти сармоягузорӣ, хусусиятҳои ташаккули захираҳои сармоягузорӣ мебошад, стратегияи сармоягузорӣ имкон медиҳад, ки фаъолияти сармоягузории корхонаҳо ба тағйироти рушди иқтисодии он мутобиқ карда шавад.

Бинобар сабаби сифати идоракуниро тавассути таҳлили механизмҳои амали қонунҳои иқтисодӣ, риояи равиш ва принсипҳои илмӣ беҳтар кардан мумкин аст, таҳияи стратегияи сармоягузорӣ бояд ба принсипҳои зерини методологӣ асос ёбад:

1. Асосноккунии илмӣ. Стратегия бояд бо назардошти дастовардҳои навтарини илм, бо истифода аз баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯиҳои илмии рушди минтақа, ба назар гирифтани қонунҳои объективии иқтисодӣ таҳия карда шавад.

2. Стратегия бояд ба потенсиали воқеии сармоягузории ҳудуд, базаи дахлдори захиравӣ асос ёфта, бо стратегияи умумии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақа алоқаманд бошад.

3. Муносибати мунтазам ба ҳалли масъалаҳои сармоягузории соҳаи саноти хӯрокворӣ.

4. Дар низоми идоракунии дарозмуддат, ҷорӣ ва оперативии рушди корхона афзалияти вазифаҳои стратегӣ нисбат ба вазифаҳои тактикӣ.

5. Чандирии стратегияи сармоягузорӣ. Имконияти танзими низоми ҳадафҳои стратегӣ ва сармоягузорӣ дар маҷмӯъ ё нишондиҳандаҳои сифатии ҳар яки онҳо таҳти таъсири омилҳои тағйирёбанда дар муҳити сармоягузорӣ.

6. Кам кардани хавфи сармоягузорӣ ва таваҷҷӯҳ ба самаранокии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ.

7. Имконияти арзёбии ҳадафҳои стратегӣ. Ҳар як ҳадафи стратегии сармоягузорӣ бояд дар нишондиҳандаҳои мушаххас ифода карда шавад.

8. Таъмини стратегияи сармоягузорӣ бо сохторҳои дахлдори ташкилӣ-идоракунӣ ва принсипҳои инноватсионӣ.

Ба ақидаи мо, принсипи дигаре бо назардошти ҷолиби диққати сармоягузории корхона ва саноат илова намудан лозим аст. Бояд гуфт, ки механизми бозгашт барои фаъолияти бомуваффақияти ҳама гуна низом басо муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Тавре профессор Ғаниев Т.Б. қайд намудааст «Хислат, миқдор ва самти бозгашт ба устуворӣ ё ноустувории низом таъсири ҳалкунанда доранд» [8, с. 191].

Маълумоти мухталифе, ки тавассути бозгашт ба даст меояд, барои низом комилан бефоида хоҳад буд, агар он узви махсус барои қабул ва коркарди пурраи ишораҳоро надошта бошад.

Аз ин рӯ, барои ҳамаи шаклҳои рафтор узвҳои марказие вуҷуд доранд, ки мо вазифаҳои онро дар расми 1 нишон додаем.



Расми 1. Вазифаҳои марказии истеҳсолот дар саноати хӯрокворӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Муҳим аст, ки тартиби ташкили фикру ақидаро фаҳмем, ки низоми иҷтимоиро бо муҳити беруна мепайвандад ва моликиятеро ифода менамояд, ки ба мо имкон медиҳад рафтори ояндаро тавассути иҷрои қаблии фармонҳо танзим намоем. Ин ҳама нисбат ба корхонаҳое сурат мегирад, ки бидуни ташкил ва фаъолияти механизмҳои самараноки сармоягузорӣ муддати нисбатан тӯлонӣ вуҷуд дошта наметавонанд.

Вобаста ба равандҳое, ки дар дохили корхона ба амал меоянд, метавон гуфт, ки онҳо хусусиятҳои умумӣ доранд, аз ҷумла: мавҷудияти ҳадафҳои муайян, тағйирёбанда ва бетағйир; ҷустуҷӯи шароит барои инкишофи муътадилӣ; идоракунӣ дар асоси қабул ва коркарди иттилооти воридотӣ; танзими доимии назорат бо назардошти фикру мулоҳиза; бо назардошти таъсири мутақобилаи низомҳо ва муҳити беруна ҳамчун манбаи дахолатнамоӣ; инъикоси омилҳои эҳтимолӣ, ки ба рушди низомҳо таъсир мерасонанд.

Ҳавасмандгардонии корхона ба худидоракунӣ ва худташкилӣ чун низом иттилоотест, ки аз муҳити беруна гирифта мешавад ва фаъолияти мусбати ҳамаи унсурҳои низомро дар даркнамоӣ, интиқоли ишораҳо дар байни зернизомҳо ва унсурҳо, коркард ва танзими онҳоро тавлид менамояд, то ки ин рафтор ба муҳити берунӣ мувофиқ бошад.

Далели он, ки ҳар як корхона ба сармоягузорӣ ниёз дорад, аксиомаи иқтисодии рушди низоми саноати хӯрокворрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир мебошад.

Муҳим нест, ки онҳо дар кадом шакл сурат мегиранд: мустақим, мутамаддин ё дар шакли «квазисармоягузориҳо», яъне дар шакли сармоягузории ниҳонии захираҳо. Бӯҳрони иқтисодӣ низ боиси таназзули амиқи сармоягузории аксарияти корхонаҳо гардида буд, ки дар баробари ин, арзоншавии фондҳои асосӣ, махсусан, дар мавзуи мо - дар корхонаҳои саноати хурокворӣ ба ҳадди ниҳоӣ расидааст.

Маҳз барои ҳамин, масъалаи қобилияти фаъолиятнамоии худи корхона ва қисми таркибии механизми фаъолияти он механизми сармоягузориро ба миён гузоштан қобили қабул мебошад.

Шахсоне, ки ба корхонаҳои саноатӣ роҳбарӣ мекунанд, дар корхона нақши омилҳои асосиро иҷро мекунанд, вале на танҳо воситаҳои техникӣ, аз қабили компютерҳо, телефонҳо, факсҳо ва дигар дастгоҳҳос низ бояд омилҳои иловагии низом ҳисобида шаванд, зеро онҳо инчунин фармонҳои низомро аз муҳит қабул менамоянд ва интиқол медиҳанд.

Ба қатори омилҳо инчунин зуҳуроти ғайриммоддӣ, яъне зуҳуроти феноменологии фаъолияти низоми иҷтмоӣ шомил мебошанд: яъне, мавқеъгирии корхона дар бозор, симои сармоягузории он, рисолати он ва ғайра, ки дар бораи корхона, эҳтиёҷоти сармоягузорӣ ва имкониятҳои муҳити берунаи он маълумоти хеле муҳимро медиҳанд.

Аз нуқтаи назари мо, ҳадафи менеҷерҳо ҳамчун омилҳои асосӣ чунин мебошанд:

- дарк намудани эҳтиёҷоти сармоягузории корхона дар шаклҳои оянда ва воқеии он (таҳлили бозор, таҳлили ҳолати сармояи асосӣ ва ғ.);

- муайян намудани манбаъҳои имконпазири маблағгузорӣ, ки пеш аз ҳама ба имкониятҳои дохилии ташкилот тамаркуз мекунад;

- барнома ва ё лоиҳаҳои мушаххаси сармоягузориро барои татбиқи амалӣ пешниҳод намояд.

Механизми рақобат шартҳои зарурии рушди ҷамъиятию иқтисодиро таъмин менамояд, ки онҳо дар моҳияти қонунҳои хоҷагии бозоргонӣ ва пеш аз ҳама, дар қонуни арзиш ифода меёбанд. Аз ин бармеояд, ки мавҷудияти рақобат аз қонуни арзиш вобаста аст, яъне харидор бояд дорои имконияти интихоб ва ба даст овардани мол аз рӯи арзиши он бошад, на аз рӯи нархҳое, ки истеҳсолкунандаи алоҳида пешниҳод менамояд.

Айни замон, эҳсоси сармоягузорӣ як шакли маҷозии мавқеи корхона дар фазои сармоягузорӣ ва эҳтиёҷоти сармоягузории он ба шумор меравад. Барои таъмини иттилоотии идоракунии рушди корхонаҳо тавсия дода мешавад, ки раддабандӣ тартиб дода шавад, ки асоси онро тавсифи муқоисавии объектҳои арзёбишаванда аз рӯи маҷмӯи муайяни нишондиҳандаҳо ташкил медиҳад. Талабот ва таваҷҷӯҳ ба раддабандиҳо аз зарурати субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ барои муайянсозии мушаххасот нисбат ба ҳамдигар ва тавассути муқоисаи объектҳо диди назари равандҳои дар муҳити иқтисодӣ ҳосилшуда ва муайянсозии тамоюлҳо вобаста аст.

Илова бар ин, раддабандиҳо низ заруранд, зеро вазъи кунунии муҳити иттилоотӣ махсусан дар он чое, ки пешниҳоди иттилоот бевосита ба мақомоти ҳисобдорӣ ва назорати давлатӣ алоқаманд аст, ба таври назаррас таҳриф шудааст.

Бояд қайд намуд, ки рақобатпазирӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ раванди мураккаб, бисёрсатҳа ва зиддиятнок буда, дорои аломатҳои объективӣ ва субъективии муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад.

Дар ҳамин радиф, рақобатпазирии объектҳо ҷараёни беохири тағйири доимӣ, навшавӣ ва ба вуҷуд омадани чизҳои нав дар хислати сохтори низоми хоҷагӣ ба шумор меравад, ки дар расм 2 нишон дода шудааст.

Ҳар як стратегияи сармоягузорӣ, тавре дар боло зикр гардид, бо сатҳи муайяни хавф алоқаманд мебошанд. Хавф аз рӯи сатҳи номуайянӣ дар муҳити сармоягузорӣ муайян мегардад ва пеш аз ҳама аз он иборат аст, ки тақсимоти калон ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршударо дар доираи мӯҳлати пешбинишуда таъмин намекунад.



Расми 2. Таъсири интихоби стратегияи сармоягузорӣ ба сифати идоракунӣ, иқтидори корхона ва рақобатпазирии соҳа

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф.*

Ҷадвали 1. Намудҳои стратегияҳои сармоягузории корхонаҳо дар шароити муосир

Стратегияи сармоягузорӣ	**Самтҳои асосии харочоти зарурӣ**	**Ҳадафҳои стратегии фаъолияти сармоягузорӣ**	**Манбаъҳои қобили қабули**
Стратегияи рушди босуръат	Маблаггузорихои фаъолона ба сохтмони нав ва васеъ кардани истеҳсолоти мавҷуда	Таъмини суръати баланди сармоягузории воқеӣ; диверсификатсияи соҳаҳои сармоягузории воқеӣ	Маблағҳои худӣ, маблағҳои буҷетӣ
Стратегияи рушди мӯътадил	Маблағгузорӣ ба вусъати прогрессивии фаъолияти худ, мустаҳкам намудани бартариҳои рақобатии он	Таъмини дастрасӣ ба “микдори муҳими сармоягузориҳо”; таъмини суръати зарурии афзоиши сармояи гузошташуда	Маблағҳои худӣ, маблағҳои буҷетӣ
Стратегияи рушди консервативӣ	Таҷаммуи захираҳои молиявӣ ба соҳаҳои нав кардани фондҳои асосӣ, нав кардани таҷҳизоти асосӣ, пурзур намудани назорат ба кори дурусти техника	Нигоҳ доштани «микдори муҳими сармоягузориҳо», диверсификатсияи васеи сармоягузориҳо; таъмини суръати миёнаи даромади сармоягузорӣ. Гирифтани фоидаи кофӣ бидуни таваккали сармоягузорӣ	Маблағҳои худӣ, маблағҳои ҷамъшуда
Стратегияи навсозӣ	Фаъолона барҳам додани фондҳои асосии фарсудашуда, фурӯхтани таҷҳизоти нодаркор, ба иҷора додани фондҳо, аз нав таҷҳизонидани техникӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нав	Таъмини азнавсозии саривақтии дороиҳои амортизатсияшаванда; безараргардонии сармоя аз объектҳои сармоягузории камдаромад ҳангоми таъмини талафоти кам	Маблағҳои худӣ, маблағҳои буҷетӣ

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда*

Албатта, шаклҳои пешниҳоди стратегия метавонанд гуногун бошанд, яъне: барномаҳо, нақшаҳои стратегӣ, дурнамоҳои давлатию байналмилалӣ, консепсияҳо ва ғайраҳо. Аммо стратегияи сармоягузорӣ худ аз худ натиҷа дода наметавонад. Чун, ки он бояд тадбирҳои баланд бардоштани раддабандии сармоягузории соҳа ва корхонаҳоро инъикос намояд ва ҳатман бо механизми татбиқсозӣ, ки маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба равандҳои сармоягузориро дар бар мегирад, дар соҳа пурра гардад.

Бинобар ин, мо чор қатори усулҳои асосии идоракунии равандҳои сармоягузориро дар сатҳи саноати хӯрокворӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ муайян намудаем, ки чунин мебошанд: ниҳодӣ (институтсионалӣ), иқтисодӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ, ки дар расми 3. мукаммал нишон дода шудааст.



Расми 3. Усулҳои асосии идоракунии сармоягӯзорӣ дар сатҳи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

Сарчашма: *таҳияи муаллиф*

Чуноне, ки аз расми мазкур маълум аст усулҳои институтсионалӣ (ниҳодӣ) чунин ҷузъҳоро дар бар мегиранд, аз қабили намуди сармоягузорӣ, ҳадди ниҳоии хавф, бақайдгирӣ, иҷозатномадиҳӣ ва тасдиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

Усулҳои иқтисодию иҷтимоӣ барои ба инобат гирифтани гуногунии манфиатҳо ва мақсадҳои фаъолияти субъектҳои гуногуни бозори сармоягузории минтақавӣ, инчунин фароҳам овардани шароити мусоид барои интихоби рафтори иқтисодӣ, ки ба онҳо имкон медиҳад манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ алоқаманд бошанд, пешбинӣ шудааст.

Ғайр аз ин, барои татбиқи идоракунии самараноки рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таъминоти иттилоотию таҳлилӣ зарур аст, ки тадбирандешиҳои зеринро дар бар мегирад:

- ташаккули муҳити барномавию техникӣ ва иттилоотию таҳлилӣ, ки мақомоти идоракунии тамоми сатҳҳоро бо иттилоот таъмин менамояд;
- таъминоти касбии иттилоотии сохторҳои соҳибкорӣ ва саноатӣ тавассути маркази иттилоотию таҳлилӣ;
- эҷоди замина барои мониторинги самаранок ва босуръати ҳамаи сатҳҳои равандҳои сармоягузорӣ;
- тадбирандешиҳо оид ба густариши васеи донишҳои сармоягузорӣ ва иттилооти сармоягузорӣ тавассути воситаҳои ахбори омма.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузарондаи мо нишон дод, ки баррасии стратегияи сармоягузорӣ аз нуқтаи назари ҷанбаҳои мухталиф бамаврид аст, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии интихобшудаи корхона ва соҳаи саноати хӯрокворӣ алоқмандии зич доранд, зеро онҳо ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷолибияти сатҳи сармоягузорӣ ва сармоягузории саноати хӯрокворӣ муҳим буда, ба истифодаи нерӯи соҳа барои ҷалби сармоягузорони ояндадор нигаронида шудааст аст.

Дар самти стратегияи сармоягузорӣ, ба андешаи мо, муайянсозии афзалиятҳои асосии соҳа зарур аст, ки бояд бо вазифаҳои рушди иқтисод – таъмини амнияти иқтисодӣ ва озуқавории мамлакат тавъам бошанд.

АДАБИЁТ

1. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ № 4 - 2024. – 77 с.
2. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2024, 349 с.
3. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон // Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе – 2024, 412 с.
4. Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 таҳия ва татбиқ карда шудааст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали соли 2009, № 72.
5. Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, 31.10.2018, № 520.
6. Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, аз 31.07.2019, таҳти № 373
7. Барномаи сармоягузории давлатӣ барои солҳои 2021-2025, 02.09.2021, № 358.
8. Ғаниев Т.Б. Асосҳои назариявӣ - методии идоракунии фарҳанги созандагӣ дар менеҷменти муосири касбӣ / Т.Б. Ғаниев / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. 2020. № 8. С. 190-193.
9. Қудратов Р.Р. Механизмҳои идоракунии рушди соҳаи кишоварзӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон Р.Р. Қудратов, И.С. Фасеҳзода, Н.Н. Зарипов // Идоракунии давлатӣ. 2024. № 2 (67). С. 17-25.
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28.12.2024, С. 17.
11. Саидмуродзода Л.Ҳ., Таҳлили тамоюлҳои асосии иқлими сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидмуродзода Л.Ҳ., Қодирзода Ф.А. / Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2022. № 1. С. 87-93.
12. Солеҳзода А.А. Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат / А.А. Солеҳзода, Ф.С. Восидиён // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2024. № 3 (87). С. 82-99.
13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2016. – С. 31-35
14. Фасеҳзода И.С. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар ҷаҳон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Фасеҳзода // Паёми молия ва иқтисод 2022. № 2 (31). С. 95-102.
15. Фасеҳзода И.С. Таъмини бехатарии озуқаворӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон / И.С. Фасеҳзода, З.Х. Соҳибназаров, С.Ҷ.Тиллоева // Идоракунии давлатӣ. 2024. № 1 (66). С. 56-62.

УДК 339

Туйчиқулов З.Ҷ., Машокиров Ҷ.Н.

ХУСУСИЯТҲОИ САВДОИ АСРИМИЁНАГИИ БАРВАҚТ ВА КЛАССИКӢ

Дар мақола хусусиятҳои савдои асримиёнагии барвақт ва классикӣ, махсусан давраи аз асрҳои V то XV таҳлил гардидаанд. Муаллифон ба самти иҷтимоию иқтисодии фаъолияти савдогарони он давра таъкид намуда, зарурати мутобиқгардонии онҳо ба шароити муосири иқтисодӣ ва тавсеаи фаъолият дар шаҳрҳоро зикр менамоянд. Дар мақола ба нақши савдои байниқитъавӣ, ташкили ярмаркаҳо,шаклу намудҳои савдо, сохтори идоракунию аҳамияти ҳамкорӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ, коҳиши камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии

аҳолӣ, диққати асосӣ дода шудааст. Зарурати бозсозии низоми савдо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он асоснок мегардад.

Мафҳумҳои калидӣ: савдо, савдои асримиёнагӣ, савдои дохилӣ, савдои берунӣ, савдои баҳрӣ, савдои ярмаркавӣ, феодализм, марказҳои саноатӣ, қонунгузории тиҷоратӣ, хоҷагии пулӣ, сайёҳат, сайёҳатҳои салибӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, фаъолияти бонкӣ, тиҷорати байналмилалӣ.

Туйчикулов З. Дж., Машокиров Дж.Н.

ОСОБЕННОСТИ РАННЕЙ И КЛАССИЧЕСКОЙ ТОРГОВЛИ

В статье анализированы исторические и социально-экономические особенности ранней и классической торговли, особенно в периоде V-XV вв. Авторы подчеркивают социальную направленность торговли, а также необходимость ее трансформации и адаптации к современным экономическим условиям городов тогдашнего периода. Основное внимание уделено роли межконтинентальной торговли, организации ярмарок, виды и типы торговли, структура управления и сущность взаимодействия, также значению коммерции в обеспечении занятости, снижении бедности и повышении благосостояния населения. Обоснована необходимость реорганизации системы торговли с целью повышения эффективности её функционирования.

Ключевые слова: торговля, средневековая торговля, внутренная торговля, внешняя торговля, морская торговля, ярмарочная торговля, феодолизм, промышленные центры, коммерческое законодательство, денежное хозяйства, туризм, коммерческие банки, банковское дело, международная коммерция.

Tuychiqulov Z.J., Mashokirov J.N.

FEATURES OF EARLY AND CLASSICAL TRADE

This article analyzes the historical and socioeconomic characteristics of early and classical trade, particularly during the 5th–15th centuries. The authors emphasize the social dimension of trade, as well as the need for its transformation and adaptation to the contemporary economic conditions of cities of the period. The main focus is on the role of intercontinental trade, the organization of fairs, types and kinds of trade, the structure of management and the essence of interaction, as well as the importance of commerce in providing employment, reducing poverty and improving the well-being of the population. The necessity of reorganizing the trading system in order to improve its efficiency is substantiated

Key words: trade, medieval trade, internal trade, foreign trade, maritime trade, fair trade, feudalism, industrial centers, commercial legislation, monetary economy, tourism, commercial banks, banking, international commerce.

Таърихи савдои асримиёнагӣ бо барҳамхурии империяи Рими Ғарбӣ дар соли 476 оғоз меёбад. Дар адабиётҳои илмӣ асрҳои миёнаро шартан ба се давра ҷудо намуданд. Дар давоми давраи якум, давраи ибтидоӣ (асрҳои V - X) дар ҳамбастагии дунёи антиқа ва ваҳшигарӣ, сохти ҷамъияти нав бо номи сохти феодалӣ ба вуҷуд омад. Давраи дуюм (асрҳои XI - XV) давраи тараққиёти феодализм ва пайдошавии аввалин ҳизбҳои сиёсӣ дар Аврупо башумор меравад. Давраи сеюм, давраи асри миёнагии интиҳоӣ (асри XVI- нимаи аввали асри XVII) бо барҳамхӯрии феодализм ва пайдошавии муносибатҳои капиталистӣ маълуму машҳур аст.

Дар муносибатҳои молию пулӣ савдои асримиёнагӣ мавқеъи муҳимро ишғол мекард. Сабаби асосии сохтмони феодализм зиёдшавии шаҳрҳо ба ҳисоб мерафт. Бехатарии шаҳрҳо ва зиёдшавии аҳолии онҳо барои тараққиёти саноат ва савдо аҳамияти зиёд доштанд.

Ҳанӯз дар давраи қадим, арабҳо нақши миёнаравро дар савдои Осиё ва Аврупо иҷро мекарданд. Баъди ғалабаи ислом маданият, ҳунармандӣ ва савдои хос ҷорӣ карда шуд. Маркази пайравони пайғамбар Муҳаммад(с) Макка ба ҳисоб мерафт, ки аҳамияти зиёди динӣ ва тиҷоратӣ

дошт. Дар инҷо намоиш – фурӯши ҳамасола гузаронида мешуд. Меҳмоннавозии арабҳо аз бисёр ҷиҳат боиси тараққиёти муносибатҳои тиҷоратӣ бо хориҷиҳо мегардид.

Маркази савдои арабҳо дар Осиё Бағдод ба ҳисоб мерафт. Ҳамаи боигариҳои Ҳиндустон, Арабистон, Миср, Сурия, Форс ва Осиёи миёна дар бозорҳои Бағдод гузошта мешуд. Ҳамаи роҳҳои тиҷоратии дар давоми ҳазорсолаҳо фаромӯшшуда, аз нав кушодашуда эҳёи навро соҳиб мешуданд. Дар баробари роҳҳо бисёр шаҳрҳои қадимаи тиҷоратӣ низ аз харобазор ба шаҳрҳои обод табдил меёфтанд.

Мисли савдои дохилии Осиё, савдои баҳрӣ ва киштигарди он низ дар укёнуси Ҳинд тараққӣ мекунад. Бо киштиҳои худ арабҳо то ҳатто ба Хитой рафта дар онҷо абрешим, қоғаз ва маҳсулотҳои гуногун харидорӣ мекарданд. Ҳукуматдорони султонӣ ба савдои транзитӣ аҳамияти зиёд медоданд. Портаи бузург (яке аз номҳои Туркияи имрӯза) аллакай дар асри XVI ҳамаи роҳҳои корвонии тиҷоратии муҳими Шарқи наздикро аз Осиё ба Аврупо, пурра назорат мекард [8.с.64].

Шаҳрҳое, ки дар асрҳои миёна ба вуҷуд омаданд оҳиста- оҳиста ба марказҳои савдои маҳаллӣ табдил меёфтанд. Ба ин шаҳрҳо аз ҳар гушаву канор маҳсулотҳои заминдорӣ ва маҳсули меҳнати ҳунармандони деҳот оварда мешуд. Аз руи дараҷаи тараққиёти шаҳрҳои озод ва соҳибистиқлол ба онҳо зиёдтар ҳунармандон ва савдогарон майл доштанд. Шаҳрҳо ба марказҳои ҳаёти саноатӣ ва тиҷоратӣ табдил меёбанд. Ҳамин тариқ, мавқеи истеҳсолоти хонагӣ (хоҷагии натуралӣ), ки дар ибтидои асрҳои миёна ҳукмрон буд, бо тадриҷ аз ҷониби соҳаи нави саноатӣ – ҳунармандии шаҳрӣ, маҳдуд карда мешавад. Ин соҳаи нави саноат баръакси истеҳсолоти хонагӣ барои фурӯш фаъолият карда, маҳсулоти онҳо барои мубодила дар бозор пешбинӣ карда мешуд. Бозори ҳунармандон хусусияти маҳаллӣ дошта нисбатан ғунҷоиши зиёдтар дошт. Дар асри XI ташкилотҳои соҳавии ҳунармандон пайдо мешавад.

Яке аз минтақаҳои барои арабҳо аз ҷиҳати муносибатҳои тиҷоратӣ муфид ин Сурия ба ҳисоб мерафт, ки аҳолии меҳнатдӯсти он ба заминдорӣ ва чорвопарварӣ машғул буданд. Шаҳри қадимаи Димишқ “нигини Шарқ” тараққиёти бесобиқаро соҳиб мешавад. Молҳои истеҳсол карда шудаи ин шаҳр, аз қабили маҳсулотҳои оҳанию мисин ва абрешим шӯҳрати беандоза доштанд [3. с. 48].

Дар давраи асримиёнагии ибтидоӣ мавқеи савдогарони яҳудӣ мустаҳкам мешавад. Онҳо дар минтақаҳои ғарбӣ то барҳамхӯрии империяи Рим пайдо шудаанд. Дар шароити барҳамхурии умумӣ дар онҳо ҳисси муттаҳидӣ ба назар мерасид. Ҷамъиятҳои бешумори онҳо, ки дар тамоми курраи замин аз Британия ва Испания то нуқтаҳои дурдасттарини Шарқ паҳну парешон буданд, худро аъзои як оила ҳис мекарданд. Яҳудиҳо соҳиби маблағ ва қобилияти соҳибкорӣ буданд.

Давраи ниҳоии гузариши давлатҳои аврупоӣ аз ҷамъияти феодалии ибтидоӣ ба низоми муносибатҳои бавуҷудомадаи феодалӣ дар асри XI амалӣ шудааст. Дар ин давра, раванди фаъоли шаҳришавии феодалии Аврупои ғарбӣ сурат мегирад. Ҷудошавии ҳунармандӣ аз хоҷагии қишлоқ омили асосии тараққиёти бо мароми шаҳрҳо ба ҳисоб мерафт ва дар натиҷа ба шаҳрҳо ҳунармандон ва савдогарон тавақуҳ мекарданд. Тараққиёти шаҳрҳо ҳамчун маркази ҳунармандӣ, савдо ва истеҳсолоти молӣ, хусусияти хосӣ феодализми мутараққӣ шуморида мешуд. Ҷумҳуриҳои шаҳрӣ ташкил карда мешаванд, ки дар муқобили онҳо ҳатто императорҳо истодагарӣ карда наметавонистанд. Дар Аврупои ғарбӣ шаҳрҳои асри миёнагӣ дар Италия (Венетсия, Генуя, Пиза, Неапол ва ғайраҳо) ва инчунин дар ҷануби Франсия (Марсел, Арп, Норбонн ва Монпеле) барвақт ба вуҷуд омаданд. Яке аз омилҳои мусоиди тараққиёти шаҳрҳои Италия ва Франсия дар он буд, ки муносибатҳои тиҷоратии фаъол бо Византия ва Шарқ доштанд. Дар Аврупои шарқӣ шаҳрҳои қадима, ки нақши марказҳои савдо ва ҳунармандиро иҷро мекарданд, шаҳрҳои Руси Қадим буданд. Ин шаҳрҳо муносибатҳои тиҷоратии васеъро бо бисёр давлатҳои Шарқ ва Ғарб ба роҳ монда буданд [2. с. 85].

Савдои асримиёнагӣ бевосита хусусияти корпоративӣ дошт. Савдогари он давра моҳиятан ба таври инфиродӣ савдоро пеш бурда наметавонист, балки коллективона ё дастаҷамъона ба савдо машғул мешуданд. Гап дар сари он аст, ки сафарҳои тиҷоратӣ ба дигар кишварҳо хусусан ба заминҳои наздибаҳрӣ, хатарнок ва душвор буд. Барои ҳамин дар давраи асримиёнагии ибтидоӣ

иттиҳодияҳо ва корпоратсияи харидорон ташкил карда мешавад, ки мақсади асосиаш машғул шудан бо савдои хушкигард ба ҳисоб мерафт. Дар он давра шакли аз ҳама оддии ташкилоти аввалиндараҷа, ин соҳибии якҷояи киштиҳо буд. Бо мурури замон дар асоси ин ширкатҳои рафиқона, иттифоқи харидорон ташкил карда мешавад, ки соҳиби масҷид, биноҳои анбор ва биноҳои худӣ барои харидорон буд. Ин иттифоқи харидорон ташкилотҳои шахсӣ ба ҳисоб рафта, бе дастгирӣ ва сарпарастии ҳукуматдорон фаъолият мекарданд. Масалан, харидори немис дар куҷое, ки қарор медошт, ба монанди Англия, Италия, Юнон ё Франсия, ӯ намояндаи иттифоқ ба ҳисоб рафта, бо дигар савдогарон муттаҳид мешуд ва берун аз давлати худ низ соҳиби ҳуқуқ ва имтиёз ба ҳисоб мерафт [4. с. 71].

Савдогароне, ки нақши асосиро дар савдои дохилӣ ва берунӣ мебозиданд, аз рӯи қоида босавод буда, бо молҳои худ дар шаҳрҳо гашту гузор намуда бо забони сокинони маҳалӣ хусусияти молҳоро мефаҳмонданд. Бо мурури замон аз руи тараққиёти ҳаёти шаҳрӣ, дар соҳаи савдо гурӯҳи савдогарони аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ таъсиргузор ба вуҷуд омаданд, ки савдои яклухт ва транзитиро назорат менамуданд. Вобаста ба ин боз як фаъолияти иқтисодӣ, яъне фаъолияти молиявии онҳо инкишоф меёбад. Бо гузашти вақт як қисми онҳо ба бонкдор табдил меёфтанд [7. с. 102].

Дар давраи баррасишаванда аҳамияти зиёдро дар тарақиёти савдои дохилӣ ва берунии давлатҳои Аврупо ярмаркаҳо доштанд. Аз ҳама зиёд онҳо дар Италия, Англия, Франсия ва Германия васеъ паҳн шуда, як қисми ярмаркаҳои калон омили муҳими тарақиёти савдои берунӣ ба ҳисоб мерафтанд. Ярмаркаҳо дар баробари бозорҳои доимоамалкунанда фаъолият намуда дар муҳлати муайян ва дар макони муайян гузаронида мешуд. Ҳангоми интихоби макони гузаронидани ярмаркаҳо аз ҳама пеш хусусиятҳои динӣ ба инобат гирифта мешуд. Масалан, ярмаркаҳо бояд дар ҷойҳои муқаддас гузаронида мешуд, чунки эътиқодмандон бисёр ҷамъ мешуданд. Ба ин ҷо бағайр аз аҳолии маҳалӣ инчунин савдогарон аз дигар мамлакатҳо низ меомаданд. Ба фаъолияти савдо намояндагони роҳбарияти шаҳр назорат мебурданд, то ин ки “нархи бо инсофона” халалдор нагардида яккаҳукумронӣ ба вуҷуд наояд ва амалиётҳо берун аз ярмаркаҳо сурат нагирад [9. с. 52]

Асрҳои миёна давраи тараққиёти савдои ярмаркавӣ ба ҳисоб мерафт. Ҳар давлат ярмаркаи худро дошт. Бисёр ярмаркаҳои серхаридор дар Италия, Испания ва Олмони ҷанубӣ (водии Рейн, хусусан Франкфурт лаби Майн) вуҷуд доштанд. Дар бораи ярмаркаи Стурбриҷ наздикии Кембриҷ тамоми Аврупо медонистанд. Ин ярмаркаҳо одатан як моҳ – сентябр давом мекарданд. Ба муваффақияти онҳо аз бисёр ҷиҳат наздикии бандарҳо боис мегарданд. Дар инҷо савдогарони бисёр минтақаҳои Аврупо бо ҳам вохурда савдои фаъолро пеш мебурданд. Ин ярмаркаҳо аҳамияти худро то асри XVIII нигоҳ дошта тавонистанд [5. с. 28].

Пардохтҳои савдо қисми зиёд аз боҷҳои гумрукӣ иборат буданд, ки аз воридот, содирот ва интиқоли молҳо ситонида мешуданд. Аз муҳофизоне, ки савдогаронро ҳимоя менамуданд боҷу хироҷ низ ситонида мешуд. Пардохтҳо натанҳо дар шакли пул, балки дар шакли маҳсулот низ гирифта мешуд. Пардохтҳои бозорӣ аз хориҷиён нисбат ба савдогарони дохилӣ зиёдтар ситонида мешуд. Ҳатто дар баъзан ҳолатҳо ба савдогарони хориҷӣ иҷозати фурӯхтани баъзе молҳоро намедоданд.

Бо тараққӣ ёфтани савдои асримиёнагӣ қонунгузории тиҷоратӣ низ такмил меёбад, ки қисман аз давраҳои қадим гирифта шуда буд. Фаъолияти қонунгузории амалдорони шаҳрӣ дар он давра аз он иборат буд, ки ба баъзе савдогарон имтиёзҳо ва ба баъзе онҳо, иҷозати савдоро намедоданд. Дар бисёр ҳолатҳо манъи содирот ва воридот ба молҳои хӯрокворӣ дахл дошт. Дар шароити амалиётҳои ҷангӣ аз мамлакат берун баровардани асп, яроқ ва нони хушк манъ карда мешуд. Илова бар ин маҳдудкуниҳои зерин дар бисёр ҳолат ба боздоштани савдо бо давлатҳои ҷангҷуй оварда мерасонд.

Ба масъалаи хоҷагии пулӣ дар асрҳои миёна дахл карда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки он дар бесарусомонӣ қарор дошт. Дар ҳар як давлат бисёр танга мавҷуд буд. На танҳо феодалистони калон балки феодалистони миёнаву хурд низ ҳуқуқи сикка задани тангаро доштанд. Ин амалҳо оқибат ба васеъ шудани истеҳсоли тангаҳои қалбакӣ оварда расонд. Дар

чунин шароит бо ташаббуси италиявиҳо васиқаҳои интиқолёбанда ба муомилот бароварда мешавад, ки аллакай дар асри XVII дар ҳамаи шаҳрҳои наздибаҳрии Баҳри Миёназамин фаъолона истифода бурда мешавад.

Дар он ҷое, ки савдо фаъолона тараққӣ мекунад, мубодилачиён ҳамчун субъекти хоси иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар Италия ба вуҷуд меоянд. Аллакай дар давоми асрҳои XIII-XIV мубодилачиёни италиявӣ хонаҳои бонкӣ доштанд, ки амалиёҳои гуногуни молиявиро мегузаронданд. Аз асри XIII сар карда мубодилачиёни италиявӣ дар шаҳрҳои ҷанубии Германия пайдо шуданд, ки онҳоро саррофон меномиданд. Ба ғайр аз онҳо ба додани маблағ бо фоиз яҳудиҳо низ машғул буданд. Маълум аст, ки масҷиди римиҳо дар асрҳои миёна пешниҳоди маблағ бо фоизро қатъиян манъ карда буд. Ин манъкунӣ ба яҳудиҳо дахл надошт (онҳо тарфдори иудаизм буда, католикҳо ҳисобида намешуданд) аз ин ҷиҳат онҳо миёнарави асосӣ дар ҳама амалиётҳои пулию қарзӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Дар асрҳои миёна марказҳои саноатӣ, асосан дар қисмати Аврупои Шимолу Ғарбӣ - Германия, Голандия, Белгия, Англия ва Франсияи шимолӣ ҷойгир шуда буданд. Дар ин давлатҳо асосан дузандагӣ, корҳои ҳунармандӣ, истеҳсоли шиша, саноати пахтаю қогаз ва пивопазӣ тараққӣ карда буд. Марказҳои намоёни тиҷоратӣ шаҳрҳои Брюгге, Гент, Лилл, Ипрес, Антверпен, Амстердам ва Ротердам ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҷануби Аврупо соҳаи асосии саноат ин коркарди пашм ба ҳисоб мерафт, ки дар қисмати ҷанубу шарқии Испания, Франсия – наздикии Лион, Италия - гирду атрофи Генуи, Милан, Венетсия, Флоренсия ва Неапол тараққиёти назаррасро соҳиб гардида буд.

Асрҳои XI-XIII дар таърихи Аврупо ҳамчун ҳаракати миқдори зиёди аврупоиҳо ба шарқ хотирмон гардида аст, ки он бо номи сайёҳати салибӣ маълуму машҳур буд. Ибтидои он аз соли 1096 оғоз ёфта дар соли 1270 ба анҷом мерасад. Сайёҳатҳои салибӣ ба тараққиёти савдои байналхалқӣ такони ҷиддӣ бахшид. Пеш аз ҳама ин саёҳатҳо, барои барқароршавии муносибатҳои Ғарб ва Шарқ, ки баъд аз пошхӯрии империяи Рим қатъ ёфта буд, шароит фароҳам оварданд. Византия, ки дар байни Аврупо ва давлатҳои Осиё қарор дошт, муддати дуру дароз дастрасии савдогаронро ба сарзамини худ маҳдуд намуда буд. Сайёҳатҳои салибӣ ин мушкилиҳоро бартараф карда, байни давлатҳои соҳили Баҳри Миёназамин ва баҳри Сиёҳ аз яктараф, ва давлатҳои Шарқ аз дигар тараф, муносибатҳои фаъоли тиҷоратиро ба роҳ мемонад. Молҳои ороишии Шарқ талаботи аҳолии Аврупоро ба вуҷуд оварда, дар навбати худ маҳсулотҳои коркарда баромадашудаи Аврупо аз ҷониби аҳолии Шарқ харидорӣ карда мешуд. Бо сабаби он, ки либосворӣ ва дигар маҳсулотҳои Шарқ гаронарзиш буданд, кушиши истеҳсоли ин молҳо дар Аврупо пеш гирифта шуд. Дар натиҷаи сайёҳатҳои салибӣ давлатҳои асримиёнагӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ берун баромада, фаъолияти тиҷоратии худро то рафт васеъ мекарданд.

Саёҳатҳои салибӣ давраи нави тараққиёти хоҷагии пулиро ба вуҷуд оварданд: синфи махсуси қарздиҳандаҳои касбӣ пайдо шуда, баъдан банкирҳои ҳақиқӣ ҳамчун миёнарав ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ ва қарз ба вуҷуд омад. Қарздиҳандагон асосан яҳудиҳо ба шумор мерафтанд, ки аз даврaҳои қадим ба савдо дар байни халқҳои Германия ва Руминия, машғул буданд. Баъдан дар байни халқҳои Руминия дар натиҷаи сайёҳатҳои салибӣ савдои худӣ тараққӣ мекунад, ки он мӯҳтоҷи сармояи яҳудӣ набуд ва аз ин ҷиҳат яҳудиҳо дар ин ҳолат нодаркор ҳисобида мешуданд. Яҳудиҳо ҳангоми аз даст додани монополияи савдои аврупоӣ фаъолияти худро ба додани қарз интиқол доданд. Новобаста аз муборизаи руҳониён бар зидди онҳо, яҳудиҳо тавонистанд, ки аз ин фаъолияти нави тиҷоратии худ, фоидаи зиёд ба даст оранд.

Таърихи бонкҳои тиҷоратӣ (шахсӣ) бо тараққиёти ҷамъиятӣ алоқаи зич дошта, дараҷаи иқтисодӣ ва иқтидори савдою саноатии ин ё он давлатро дар асрҳои миёна, даврaҳои нав ва навтарин инъикос менамуд. Аввалин маротиба бонки Венетсия соли 1156 ташкил карда шудааст. То охири асри XVII дар Аврупо ҳашт бонк ташкил шуда буд. Дар байни мамлакатҳои аврупоӣ аз ҳама пеш Италия аз оқибатҳои забткориҳои ваҳшиёна раҳоӣ ёфт, зеро ин давлат дар маркази муносибатҳои тиҷоратии ҷаҳони асримиёнагӣ ҷойгир буд. Ин давлат ҳангоми сайёҳатҳои салибӣ тараққиёти баландӣ иқтисодиро ба даст оварда буд. Ҳанӯз дар асрҳои X ҳангоме, ки Италия ба

маркази савдои ҷаҳонӣ табдил ёфта буд, ба ин ҷо савдогарон аз давлатҳои гунонгун бо пулу моли худ меомаданд. Ивазкунандаҳо дар майдон қарор доштанд, ки дар онҷо савдо дар мизи махсус сурат мегирифт ва онро “банко” (мафҳуми италиявии banco)- банкир ё бонк меномиданд. Дар ҳамаи шаҳрҳо банкирҳои касбӣ фаъолият мекарданд, ки ба миёнаравии пардохтнамоӣ ва қарзӣ, машғул буданд. Дар соли 1407 дар Генуе бонки Георгия таъсис меёбад, ки ба савдогарон дар амалиётҳояшон ва ба давлат дар тараққиёти фаъолияти пулӣ, ёрӣ мерасонд. Аз ҳама фаъол дар он давра ба пешниҳоди қарз барои шоҳу шоҳзодагон флоренсиҳо машғул буданд, зеро онҳо асотсиатсияҳои тиҷоратӣ доштанд. Дар асри XIV дар Флоренсия ширкати рафиқонаи Медичӣ маълуму машҳур буд, ки дар асри XV дар Аврупо ба муассисаи пурқуввати молиявӣ табдил ёфта буд. Муддати дуру дароз забони италиявӣ ҳамчун забони расмӣ дар амалётҳои васиқавӣ ба ҳисоб мерафт [8. с. 46].

Аз охири асри XII сар карда фаъолияти бонкӣ дар дигар мамлакатҳои Аврупо ба монанди Нидерландия, Олмон, Франсия ва Англия низ тараққиётро ба даст меорад. Бояд қайд кард, ки намояндагони бонкҳои италиявӣ ҳамаи Аврупоро сайру гашт намуда бо дастгирии империяи Рим намояндагиҳои худро ифтитоҳ менамуданд. Аллакай аз асри XVI саркарда ҳамаи фаъолияти бузурги пулии мамлакатҳои Аврупо дар дасти италиявиҳо қарор дошт.

Дар баробари бонкҳои шахсӣ, ки дар шаҳрҳои соҳили Баҳри Миёназамин ҷойгир буданд, дар давраи баррасишаванда инчунин банкҳои ҷамъиятӣ низ фаъолият мекарданд. Ба ғайр аз онҳо муассисаҳои тиҷоратии хайриявӣ низ вуҷуд доштанд, ки мақсади онҳо мубориза ба зидди яккаҳукумронӣ буда, маблағҳои зиёди пулиро пешниҳод мекарданд. Баъдан дар заминаи онҳо хазинаҳои қарздиҳӣ инкишоф меёбад.

Фаъолшавии фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ зарурати бавуҷудоии мақомоти махсуси миёнарав–институти қунсулгариро ба миён оварда, ки аллакай дар асри XII дар ҳама шаҳрҳои соҳили Баҳри Миёназамин фаъолият мекарданд. Консулҳо барои бастани шартномаҳои тиҷоратии байнидавлатӣ мусоидат менамуданд.

Дар натиҷаи сайёҳатҳои салибӣ шаҳрҳои назди баҳрӣ ба маркази савдои байналхалқӣ дар асрҳои миёна табдил ёфтаанд. Махсусан шаҳрҳои италиявӣ ва иттифоқи савдои Ганза тараққиёти баландро соҳиб шуданд. Тараққиёти шаҳрҳои италиявӣ пеш аз ҳама бо сабаби савдо, ва махсусан савдо бо Шарқ, ки имкон дод истиқлоли сиёсӣ ва яккаҳукумрониро дар Баҳри Миёназаминро ба даст орад, ба вуҷуд омадааст. Дар давраи асрҳои XI-XV рушди савдои шаҳр - ҷумҳуриҳои мустақил ба дараҷаи тараққиёти баланди худ расид. Нақши асосии савдои шаҳр - ҷумҳуриҳои италиявӣ дар миёнаравӣ байни Аврупо ва Шарқ зоҳир мегардид. Дар он даврaҳо молҳои Шарқ тавассути роҳҳои зерин оварда мешуданд:

Роҳи якум - молҳо ба қисми шарқии Африқо фиристода мешуд, ки баъдан онҳоро савдогарони италиявӣ мегирифтанд.

Роҳи дуюм - молҳо тавасути халиҷи Форс ворид карда мешуданд. Аз ҳама бештар тараққиёти баландро дар соҳаи савдо ва саноат дар байни шаҳр – ҷумҳуриҳои италиявӣ Венетсия ба даст меорад, ки он дар асрҳои V ташкил шуда буд. Тараққиёти савдои шаҳр - ҷумҳурӣ бо маром пеш мерафт, махсусан дар давраи саёҳатҳои салибӣ. Венетсия дар сайёҳатҳои салибӣ иштирок намуда ба сайёҳатчиён хизматҳои гуногун ба ивази манфиатнокии худ пешниҳод мекард. Аз ҳама манфиатнокии зиёдро венетсиягиҳо ҳангоми пешниҳоди флоти ҳарбӣ ба даст меоранд. Баъди мустаҳкам кардани мавқеи худ дар Византия, венетсиягиҳо кӯшиши беҳтар кардани мавқеи худ дар соҳили баҳри Сиёҳро пеш гирифтанд. Дар шимол онҳо шаҳрҳои Тану ва Судакро бунёд намуданд, ки бо русҳо ва савдогарони дигар додугирифти тиҷоратӣ доштанд.

Баъди як дараҷа нокомиҳо, сокинони Венетсия муносибатҳои тиҷоратиро бо Миср ва Сурия васеъ ба роҳ мемонанд. Аз асри XIV сар карда онҳо муносибатҳои тиҷоратиро бо як қатор мамлакатҳои Аврупо ба монанди Испания, Португалия, Франсия, Англия, Германия, Полша, Венгрия ва Нидерландия низ ба роҳ мемонанд.

Муддати дурудароз Венетсия дар ҳаёти тиҷоратии Аврупо мавқеи муҳим дошт. Кашф шудани Америка ва кушода шудани роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон ба пайдо шудани самтҳои нави савдо ва интиқоли марказҳои тиҷорату саноат ба соҳили уқёнуси Атлантик, оварда расонд.

Вобаста ба ин ҳолат шаҳрҳои соҳили баҳри Миёназамин ва дар радифи онҳо шаҳр - ҷумҳуриҳои италиявӣ низ мавқеи ҳукумронии худро дар савдои байналхалқӣ аз даст доданд. Бар замми ин баъди забт шудани Византия ва соҳили ҷанубии баҳри Сиёҳ дар асри XV аз ҷониби туркҳо, венетсиягиҳо имконияти бадастовардани молҳои ҳиндиро аз даст медиҳанд, ки аз ҳисоби фурӯши онҳо хазина даромади асосӣ дошт.

Таърихи Флоренсия ба мисли нақши омилҳои иқтисодӣ дар сиёсат мебошад. Иқтидори ин шаҳр на дар асоси савдои баҳрӣ, балки дар асоси саноати мануфактурӣ буд. Дузандаҳо ва заргарони онҳо дар тамоми Аврупо маълуму машҳур буданд. Махсусан Флоренсия бо матоъҳои пашмӣ ва абрешимии худ шӯҳрати беандоза дошт. Дар миёнаҳои асри XVIII Флоренсия дар Италия нақши асосӣ дошт.

Барои ободонии шаҳр аҳамияти зиёдро муассисаҳои молиявӣ доштанд. Бонкирҳои Флоренсия тамоми ҷаҳони асри миёнагиро бо молия таъмин менамуданд, чунки ҳамаи амалиётҳои молиявӣ бо воситаи онҳо гузаронида мешуд. Шоҳони Англия ва Ситсилия низ аз бонкирҳои Флоренсия барои эҳтиёҷоти худ қарз мегирифтанд. Маҳз бонкирҳои Флоренсия нахустин шуда тангаҳои тиллоиро ба муомилоти пулӣ баровардаанд [1 .с. 49].

Тиҷорати Флоренсия дар асрҳои миёна ба мисли ҳолати давлат дар самтҳои ҷанубу ғарбӣ инкишоф меёбад. Минтақаҳои дар соҳили баҳри Миёназамин ҷойгир буда, барои ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ бо давлатҳои наздисоҳилӣ ва мамлакатҳои Шарқ, пешбинӣ шуда буданд. Хулоса, дар даврaҳои асримиёнагӣ тиҷорати Франсия, Германия, Англия ва Нидерландия низ тараққиёти баландро соҳиб мешаванд. Ҳангоми кашфиётҳои бузурги географӣ натанҳо муносибатҳои тиҷоратӣ ва равияҳои баҳрнавардӣ тағйир ёфтанд, балки вазъияти сиёсии давлатҳои Аврупо низ дигаргун гашт. Ҳолати ҳаракати молу маҳсулот аз ҷанубу шарқ ба шимол ва ғарб, ва баръакси ин ҳолат оғоз ёфт. Бо кушодашавии роҳи баҳрӣ ба Ҳиндустон иштирокчиён ва роҳҳои савдои ҷаҳонӣ тағйир ёфтанд. Ин кашфиётҳо аҳамияти беандоза барои тараққиёти савдои умумиҷаҳонӣ ва савдои ҷаҳонии баҳрӣ доштанд. Ҳамин тариқ баъди кушодашавии роҳҳои нави баҳрӣ савдо аксаран тавасути роҳҳои баҳрӣ амалӣ карда мешуд.

ЛИТЕРАТУРА

1. Воронов, В.И. Электронная коммерция и бизнес-интернет: СПб /В.И.Воронов, 2012 - 193с.
2. Воронов, В.А. Организация электронной коммерции: Маркетинг / В.А.Воронов, 2015 - 93с.
3. Гаврилов, Л.П. Информационные технологии в коммерции: учебное пособие/ Л.П.Гаврилов, 2014 - 261с.
4. Исоматов Б.И., Фақеров Ҳ.Н.Таърихи тиҷорат. Душанбе-2004, 354с.
5. Кобелев, О.А. Электронная коммерция: Учебное пособие, подред. проф / О.А.Кобелев, 2011 - 674с.
6. Манко А.В. Коммерция. Москва-2002, 256с
7. Молчанова, В.С. Перспективы развития электронной коммерции в мире: Известия Сочинского государственного университета / В.С. Молчанова, 2016-95с.
8. Туйчиқулов З.Ҷ. Асосҳои тиҷорат.: Душанбе -2025 с.:170
9. Муҳадбердиев, Ҳ. Нақши микроиқтисод дар таъмин ва таҳкими Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии ТОҶИКИСТОН то давраи соли 2030 / Ҳ. Муҳадбердиев, У. М. Абдураҳмонов, Ҷ. Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – No. 1(26). – P. 50-56. – EDN RJRWQS.

УДК 343.85:339.543

Турсунзода Х.М., Соҳибов Ф.Ҳ.

НИЗОМИ ГУМРУК ДАР НИЗОМИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ: ТАҲЛИЛ ВА ТАҶРИБАИ ҶАҲОНӢ

Дар мақола нақши мақомоти гумрук дар низоми мубориза бо коррупсия таҳлил карда шуда, омилҳо ва намудҳои асосии коррупсия дар фаъолияти гумрукӣ баррасӣ гардидаанд. Тадбирҳои муосири пешгирӣ аз коррупсия дар мақомоти гумрук бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла давлатҳои ИДМ, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Инчунин дар бораи зарурати бархӯрди ҳамаҷониба ба ислоҳоти низоми маъмурияти гумрукӣ бо назардошти хусусиятҳои зиддикоррупсионӣ хулоса бароварда шудааст.

Вожаҳои калидӣ: мақомоти гумрук, коррупсия, назорат, сиёсати зиддикоррупсионӣ, идоракунии хавфҳо, рақамикунонӣ, стратегияи муқовимат бо коррупсия, таҳлил, таҷриба, барнома.

Турсунзода Х.М., Сохибов Ф.Х.

ТАМОЖЕННЫЕ ОРГАНЫ В СИСТЕМУ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ КОРРУПЦИИ: АНАЛИЗ И МИРОВОЙ ОПЫТ

В статье анализируется роль таможенных органов в системе противодействия коррупции, рассматриваются основные факторы и виды коррупции в таможенной деятельности. С использованием мирового опыта и опыта стран СНГ анализируются современные меры по предупреждению коррупции в таможенных органах. Сделан вывод о необходимости комплексного подхода к реформированию системы таможенного администрирования с учетом антикоррупционных особенностей.

Ключевые слова: таможенные органы, коррупция, контроль, антикоррупционная политика, управление рисками, цифровизация, стратегия борьбы с коррупцией, анализ, опить, программа.

Tursunzoda Kh.M., Sohibov F.H.

CUSTOMS AUTHORITIES IN THE ANTI-CORRUPTION SYSTEM: ANALYSIS AND WORLD EXPERIENCE

The article analyzes the role of customs authorities in the system of combating corruption, considers the main factors and types of corruption in customs activities. Using world experience and the experience of the CIS countries, modern measures to prevent corruption in customs authorities are analyzed. A conclusion was made about the need for a comprehensive approach to reforming the customs administration system, taking into account anti-corruption features.

Key words: customs authorities, corruption, control, anti-corruption policy, risk management, digitalization, anti-corruption strategy, analysis, experience, program.

Дар замони муосир, дар баробари хатарҳои мавҷуда ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, коррупсия барои ҷомеа ҳамчун яке аз зуҳуроти хавфнок ва харобиовар баромад мекунад. Мавҷудият ва рушди омилҳои коррупсионӣ дар ҷомеа оқибат ба авҷи нобаробарии иҷтимоӣ оварда расонида, ба амнияти миллӣ таҳдид мекунад. Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ

ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар айни замон як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ амалӣ шуда истодаанд, ки бевосита ба рафъ намудани омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия дар ҷомеа нигаронида шудаанд ва дар баробари ба низом даровардани дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ба коҳиш додани сатҳи коррупсия дар ҷомеа низ таъсиргузоранд.

Аз замони тасвиби «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» дар таърихи 25-уми сентябри соли 2006 то ба имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуданд. Инчунин Стратегияи давлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия дар се марҳила қабул ва амалӣ шудаанд.

Стратегияи солҳои 2008–2012: Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 тасдиқ шудааст. Ин Стратегия ҳамчун санади муҳими давлатӣ дар самти тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он масъалаҳои асосӣ дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти таҳқиқоти сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дигар давлатҳо ва таҳлили оморӣ ҳолати коррупсия ҳаллу фасл шудаанд.

Стратегияи солҳои 2013–2020: Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 тасдиқ шудааст. Ин Стратегия ба коҳиши сатҳи коррупсия, бартарафсозии монеаҳо, фароҳам овардани шароит барои рушди иқтисод, рушди арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ равона шуда буд.

Стратегияи то соли 2030: Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ шудааст. Ин Стратегия ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муқовимат ба коррупсия мебошад ва дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ мегардад. Ҳар яке аз ин Стратегияҳо бо дарназардошти таҷрибаи қаблӣ ва тавсияҳои созмонҳои байналмилалӣ таҳия ва қабул шудаанд. Ҳадафи асосии онҳо коҳиши хавфҳои коррупсионӣ, таҳкими шаффофият ва баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа мебошад.

Дар ин замина мақомоти гумрук ҳамчун мақомоти давлатӣ ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани сатҳи коррупсия як қатор нақшаву чорабиниҳоро дар асоси стретегияи қабулгардидаи давлатӣ амалӣ карда истодааст [1].

Коррупсия дар мақомоти гумрук дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад: гирифтани ришва барои тезонидани расмиёт, кам нишон додани арзиши гумрукӣ, воридоти ғайриқонунии моли манъшуда ва ғайра. Мақомоти гумрук ба таври анъанавӣ салоҳиятҳои васеъ дорад, ки қабули қарорҳои субъективиро имконпазир мегардонанд. Гузашта аз ин, шаффофияти нокифояи расмиёти гумрукӣ, мавҷуд набудани низоми самараноки назорат ва сатҳи сусти рақамисозӣ барои нақшаҳои коррупсионӣ шароити мусоид фароҳам меорад [4, 6].

Дар маҷмуъ, коррупсия дар низоми гумрук ба манфиатҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ таъсири манфӣ мерасонад. Пеш аз ҳама, самаранокии ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ коҳиш ёфта, ба талафоти мустақими молиявии буҷа оварда мерасонад. Коррупсия ба зиёд шудани хароҷоти амалӣ дар тиҷорат, фароҳам овардани шартҳои нобаробар дар рақобат ва паст кардани ҷалби сармоягузорӣ боис мегардад. Ғайр аз ин, коррупсия дар низоми гумрук метавонад ба паҳн шудани маҳсулоти қалбакӣ, маводи мухаддир ва силоҳ мусоидат кунад.

Дар самти автоматикунонӣ ва рақамикунонии расмиёт аз низоми АСИКУДА-и ҷаҳонӣ метавон ёдовар шуд, зеро кишварҳое, ки чунин низомро ҷорӣ кардаанд, коҳиш ёфтани омилҳои коррупсионӣ ва кам гаштани шумораи шикоятҳои коррупсиониро қайд караанд (ASICUDA, 2020). Дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикисто низ аз 22 июни соли 2022 низоми иттилоотиии коркарди маълумоти гумрукӣ АСИКУДА-и ҷаҳонӣ аз ҷониби Конфронси Созмони Миллали Мутаҳид оид ба савдо ва рушд амалӣ гардида, айни замон мавриди истифодаи марҳилаи санҷишӣ қарор гирифтааст. Марҳилаи санҷишии низоми иттилоотии мазкур имконият дод, ки он мушкилӣ ва норасоиҳои техникие, ки дар низоми иттилоотии қаблии мақомоти гумрук ҳангоми

барасмиятдарории гумрукии молу воситаҳои нақлиёт дида мешуд, бартараф карда шаванд [12].

Дар ин замина ҷиҳати тақвият бахшидан ба шафофияти барасмиятдарорӣ аз 1 майи соли 2025 фаъолияти низоми иттилоотии АСИКУДА-и ҷаҳонӣ расман дар мақомоти гумрук оғоз гардида, то имрӯз 2 модули ин низом, аз ҷумла модули “Декларатсияи мусофир” ва модули “Декларатсияи вуруду хуруҷи воситаи нақлиёт” пурра ҷорӣ гардида, дигар модулҳои он аз 1 октябри соли ҷорӣ пурра татбиқ мегарданд [13].

Инчунин дар мақомоти гумрук ҷиҳати идоракунии хафҳо низоми идоракунии хавфҳо насб гардидааст, ки он ба назорати борҳои «шубҳанок» тамаркуз намудан, коҳиш додани шумораи умумии санҷишҳо ва ба аз байн бурдани салоҳдиди шахсӣ имкон фароҳам меоварад [13].

Тавассути ба роҳ мондани усули интихобӣ дар доираи низоми мазкур, ки дорои унсурҳои зеҳни сунъӣ мебошад, мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои зерин ноил гардид:

- таваҷҷуҳ ба соҳаҳои дорои таваккали баланд ва истифодаи самараноки захираҳои дар ихтиёрдошта;
- гуруҳбандии иштирокчиёни ФИХ ба рӯйхати сафед/сиёҳ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ба иштирокчиёни ФИХ, ки қонунгузории гумрукиро риоя мекунанд;
- имконияти зиёди ошкор гардидани самтҳои нави таваккал дар рафти фаъолияти иқтисодии хориҷӣ;
- баланд гардидани сифати ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ ва таҳлили маълумотҳо вобаста ба таввакали мавҷудбуда.

Ҳамзамон ҷиҳати тақвият бахшидани касбияти кормандони мақомоти гумрук толори махсуси таълимӣ бо тамоми таҷҳизотҳои лозима ва низоми алоқаи тарҷумонии муосир барои 50 шунаванда муҷаҳҳаз гардонида шудаст. Инчунин дар сохтори мақомоти гумрук дар бинои дастгоҳи марказӣ “Маркази ҳолатҳо” аз 24 майи соли 2023 таъсис ёфтааст.

Маркази ҳолатҳо - ин воҳиди махсусгардонидашуда буда, барои назорати васеи фосилавии иншооти гумрукӣ дар вақти воқеӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои муосири иттилоотӣ ва дар асоси таҷрибаи пешқадами мақомоти гумруки кишварҳои хориҷӣ ба роҳ мондани усулҳои таҳлилӣ пешбинӣ шудааст.

Маркази мазкур ҳамоҳангсозии байниидоравиро дар самти назорати фаъолияти гузаргоҳҳои автомобилӣ, роҳи оҳан ва фурудгоҳҳо пурзӯр намуда, иқтидори таҳлилии воҳидҳои оперативии мақомоти гумрукро дар самти мазкур зиёд менамояд. Марказ ҳамчунин ба ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили мутамаркази иттилоот, ҳамкорӣ дар самти табодули иттилоот бо кишварҳои дигар дар заминаи мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, қочоқ ва ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ мусоидат хоҳад намуд.

Дар доираи амалисозии чорабиниҳо оид ба рақамикунонии расмиёти гумрукӣ Хадамоти гумрук як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самти мубодилаи электронии маълумоти гумрукӣ, ташкил ва татбиқи мубодилаи иттилооти пешакии электронӣ оид ба мол ва воситаҳои нақлиёт, муқоисаи маълумоти омори тиҷорати дуҷониба, “Долони содакардашудаи гумрукӣ”, эътирофи мутақобилаи электронии сертификати истеҳсоли мол, рушди низоми идораи таваккал, ҳамкории техникӣ оид ба назорати дахолатнашаванда (ғайриинтрузивӣ) ва шинохти зеҳнии тасвирҳо бо мақомоти ваколатдори кишварҳои хориҷӣ, аз қабили Афғонистон, Беларус, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Покистон, Россия Туркманистон ва Узбекистон ба имзо расонидааст [13].

Дар асоси созишномаҳои ҳамкорӣ байни мақомотҳои гумруки Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Озорбойҷон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон мубодилаи маълумоти пешакӣ нисбат ба молу воситаҳои нақлиёти байни ҷонибҳо интиқолёбанда дар шакли электронӣ роҳандозӣ шудааст.

Ғайр аз ин байни мақомотҳои гумруки Ҷумҳурии Узбекистон, Федератсияи Россия ва Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон “Долони сабз” барои интиқоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ бо истифода аз расмиёти содагардонидашудаи гумрукӣ мавриди истифода қарор дорад.

Дар баробари ин, Хадамоти гумрук мубодилаи маълумоти пешакиро бо як қатор сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла бо Кумитаи андоз, Бонки миллӣ, Вазорати молия, Палатаи ҳисоб

ва ташкилотҳои қарзии хурд ва бонкҳо роҳандозӣ намудааст.

Татбиқи портали IMEI TJ “Дар бораи Тартиби бақайдгирии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ ва муайян намудани вазифаҳои системаи давлатии муайянсозии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ” бояд қайд кард, ки системаи давлатии бақайдгирии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ (IMEI) таҳия гардида, раванди ҳамгироии он бо зерсистемаи “Барасмиятдарории гумрукӣ ва назорати гумрукӣ” роҳандозӣ гардида аз 1 ноябри соли 2023 портали **www.imei.tj** расман фаъолият намуда, барои ҷамъоварӣ намудани пардохтҳои гумрукӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Тавассути системаи давлатии бақайдгирии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ маълумоти зарурӣ ба системаи иттилоотии мақомоти гумрук пешниҳод гардида, барасмитядарории гумрукии воситаҳои мобилии алоқаи барқӣ ба анҷом расонида мешавад [13].

Инчунин ҷиҳати шафофияти даврaҳои барасмиятдарории молу воситаҳои нақлиёт тариқи рақамикунинони фаъолият “Дар бораи рамзгузории электронӣ, фаъолияти операторони пайгирикунандаи гардиши молҳо ва раванди назорати онҳо” шуруъ аз 1 июли соли 2024 рамзгузории электронии тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку, маҳсулоти дорои никотин, моеи дорои никотин, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, сигорҳои электронӣ, дастгоҳҳои интиқоли дуд тавассути мушаххаснамоии рақамӣ, ҳама намуди спирт, машрубот ва маҳсулоти спиртдор ва нӯшокиҳои энергетикӣ оғоз гардида, аз 1 январи соли 2025 ҷорӣ намудани рамзгузории электронӣ барои маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ мавриди амал қарор гирифтааст.

Бо мақсади муносибгардонии хизматрасониҳои давлатӣ, феҳристи хизматрасониҳои муздноқ, ки маблағи онҳо тавассути Хадамоти гумрук ҷамъоварӣ карда мешаванд, тасдиқ карда шуда, дар сомонаи расмии Хадамоти гумрук ҷойгир карда шуда, дар ин замина байни Хадамоти гумрук ва ҶДММ “Душанбе Сити” шартномаи хизматрасонӣ ба имзо расида, аз моҳи феврали соли 2021 дар Хадамоти гумрук зерсистемаи пардохтҳои электронӣ ҷорӣ гардида, пардохтҳои гумрукӣ дар шакли электронӣ (ғайринақдӣ) ворид шуда истодаанд.

Баҳри иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи Тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” Хадамоти гумрук бо ташкилотҳои қарзӣ ва бонкҳо ҳамкорӣ намуда, Созишнома оид ба мубодилаи маълумотро бо БДА “Амонатбонк”, КВД “Саноатсодиротбонк”, ТАҚХ “Имон Интернешнл”, ҶСК “Ориёнбонк”, ТАҚХ “Душанбе Сити”, ҶСК “Тавҳидбонк”, ҶСК “Эсхата”, ҶСП “Аввалин Бонки Молиявии Хурд” ва ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” бо мақсади амалӣ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ ба имзо расонид.

Ҷиҳати вусъат бахшидани раванди автоматикунонӣ ва муносибгардонии хизматрасониҳои давлатӣ, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2023, №72 “Дар бораи Номгӯйи хизматрасониҳои давлатие, ки бояд муносиб ва автоматӣ гардонида шаванд ва муҳлати ба шакли электронӣ гузаронидани онҳо” ду хизматрасониҳои давлатӣ (барасмиятдарории гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт ва қабули хулоса барои гирифтани тамғаҳои аксизӣ), ки тибқи қарори мазкур ба Хадамоти гумрук алоқаманд мебошанд, автоматӣ ва дар шакли электронӣ гузаронида шудаанд [13].

Хизматрасонии давлатии қабули хулоса барои гирифтани тамғаҳои аксизӣ дар шакли электронӣ, дар портали ягонаи хизматрасониҳои давлатии **“khizmat.egov.tj”** ҷойгир карда шудааст.

Назорати дохилӣ ва сиёсати кадрҳо ҷиҳати ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ дар дохили низоми гумрук, санҷишҳои мунтазами кормандон, ҷойивазкунии кормандон, эъломияи ҳатмии даромади хизматчиёни давлатӣ –андешидани чораҳои самарабахши зикршуда хатарҳои коррупсияро дар низоми гумрук коҳиш медиҳад [10].

Таъмини шаффофият ва ибрози фикру мулоҳизаҳо аз ҷониби иштирокчиёни ФИХ нисбати фаъолияти мақомоти гумрук бо роҳи ҷорӣ намудани хидматҳои онлайнӣ, шикоятҳои электронӣ, телефонҳои боварӣ ва платформаҳои назорати ҷамъиятӣ масъулияти мақомоти гумрукро зиёд мекунад [9].

Таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, ки кишварҳои мутарақӣ дар низоми гумрук механизмҳои ҳамгирошудаи мубориза бо коррупсияро истифода мебаранд, масалан: дар Финляндия тақрибан тамоми расмиёти гумрукӣ автоматикунонида шудааст, ки ин алоқаи байни иштирокчиёни ФИХ ва нозиронро аз байн мебарад. Сингапур дорои низоми самараноки ротатсияи кормандон ва мониторинги қатъӣ мебошад [8].

Созмони ҷаҳонии гумрук якчанд унсури асосии стратегияи зиддикоррупсионӣ, аз ҷумла иродаи сиёсӣ, кодекси рафтор, шаффофият ва назорат, рақамикунонӣ, сиёсати кадрӣ, таълим ва такмили кадрҳо, роҳбарӣ ва уҳдадориро таҳия кардааст. Ин принсипҳо аз ҷониби бисёр кишварҳо мутобиқ карда шудаанд, аз ҷумла Тоҷикистон.

Аз таҷрибаи хориҷӣ чунин мушоҳида мегардад, ки ислоҳоти ҳамаҷонибаи мақомоти гумрук метавонад сатҳи коррупсияро ба таври назаррас коҳиш диҳад. Дар зер намунаҳои чанд кишваре оварда шудаанд, ки амалияҳои бомуваффақияти мубориза бо коррупсияро дар низоми гумрук доро мебошанд.

Ҷумҳурии Сингапур як меъёри зидди коррупсия маҳсуб мешавад. Мақомти гумруки ин кишвар низоми расмиёти комилан автоматикунонидашудаи барасмиятдарориро ҷорӣ кардааст, ки робитаи нозир ва иштирокчии ФИХ-ро амалан аз байн мебарад. Дар ин ҷо низоми қатъии назорати дохилӣ ҷорӣ шуда, кормандон аз санҷиши равонӣ ва омӯзиши зиддикоррупсионӣ мегузаранд. Омили иловагӣ мукофоти баланди пулӣ ва таҳаммули сифр барои вайронкунандагон мебошад [8].

Дар ҷумҳурии Финляндия тамоми расмиёти бақайдгирӣ ба таври онлайнӣ сурат мегирад. Пойгоҳҳои муттаҳидгардонидашуда, санҷиши автоматии хатар ва низоми арзёбии фаъолияти кормандон истифода барда мешаванд. Инчунин алоқа бо нозирон дар ҳадди ақал нигоҳ дошта мешавад ва назорат аз болои эъломияҳо дар асоси алгоритмҳои таҳлилӣ сурат мегирад [7].

Низоми гумруки Ҷумҳурии Перу лоиҳаи SMART Customs-ро амалӣ кардааст, ки он ҷорӣ намудани декларатсияҳои электронӣ, шахсияти биометрии кормандон ва низоми назорати видеоиро дар бар мегирад. Нишондиҳандаҳои шаффофият низ татбиқ карда шуданд, ки дар асоси онҳо ин низом ба таври худкор гузоришҳоро дар бораи фаъолиятҳои шубҳанок тавлид мекунад [11].

Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Кения платформаи электронии Simba-ро истифода мебарад, ки тавассути он тамоми транзаксияҳо анҷом дода мешаванд. Яке аз воситаҳои асосӣ – ин сабти электронии амали ҳар як корманд мебошад, ки тағир додани маълумотро бидуни пайгирии рақамӣ ғайриимкон месозад [8].

Таҷрибаҳои муваффақи давлатҳо нишон медиҳанд, ки унсурҳои асосӣ инҳоянд: рақамикунонии равандҳо; кам кардани алоқаи шахсӣ; шаффофияти равандҳо; сиёсати қатъии кадрҳо; аудит ва мониторинги мустақил. Ин тадбирҳои якҷоя андешидашуда хавфҳои коррупсиониро коҳиш дода, самаранокии фаъолияти мақомоти гумрукро баланд мебардоранд.

Аз лиҳози ҷуғрофи дар минтақаи ИДМ қарор доштани Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо зарур шуморидем, ки бо таҷрибаи мақомоти гумруки ИДМ низ ошноӣ пайдо намоем. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки кишварҳои ИДМ муносибати пешқадамро дар мубориза бо коррупсия дар низоми гумрук – тавассути рақамикунонӣ, ҷойивазкунии кадрҳо, шаффофият, назорати қатъӣ ва ҳамкории байналмилалӣ роҳандозӣ намудаанд.

Новобаста аз ин, мушкилоти татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ сарфи назар аз тағйироти мусбӣ, татбиқи тадбирҳои зиддикоррупсионӣ ба як қатор мушкилот дучор мешавад, аз ҷумла:

- муқовимат дар дохили низом;
- муносибати расмӣ ба татбиқи ислоҳот;
- нокифоя будани сатҳи тахассусмандии кадрҳо;
- набудани захираҳо барои навсозии инфрасохтор.

Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, тадбирҳои техникӣ танҳо дар якҷоягӣ бо иродаи сиёсӣ, назорати шаҳрвандӣ ва институтҳои устувор самаранок мебошанд [2].

Дар маҷмуъ, мубориза бо коррупсия дар мақомоти гумрук муносибати мунтазамро талаб мекунад, махсусан маҷмӯи тадбирҳои рақамисозӣ, назорат, таълим ва ҳамкории байналмилалӣ.

Чӣ тавре аз таҳқиқи таҷрибаи байналмилалӣ бар меояд, кишварҳои болозикр як қатор тадбирҳои судмандро мавриди амал қарор дода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд ва дар заминаи таҳқиқи таҷрибаҳо андеша дорем, ки татбиқи таҷрибаи давлати Сингапур дар Тоҷикистон агар ба аз байн бурдани робитаи мустақими нозир ва иштирокчии ФИХ мусоидат намуда, шаффофияти раванди барасмиятдарориро таъмин намояд, пас ҷорӣ намудани декларатсияҳои электронӣ, шахсияти биометрии кормандон ва низоми назорати видеоӣ, ки хоси таҷрибаи кишвари Перу мебошад, ба ин раванд тақвияти иловагӣ бахшида, заминаҳои пайдоиши амалҳои хусусияти коррупсионидоштаро ба тадриҷ коҳиш хоҳад дод.

Албатта дар ин раванд татбиқ намудани тадбирҳои дигареро низ бояд қайд кард, ки онҳо метавонанд ба таъмини шаффофият дар низоми гумрук ва коҳиш додани сатҳи амалҳои коррупсионӣ таъсири назаррас расонанд:

- ҳавасмандгардонии молию пулии кормандон ва дар доираи пойдории он тақвият бахшидани раванди ташкили озмунҳо;
- таваҷҷуҳ ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва равонии корманд;
- татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-рақамии пешқадам дар низоми гумрук;
- то ҳадди ақал расонидани таъсири инсонӣ ба низоми иттилоотии соҳа;
- тақвияти сиёсати кадрӣ ва низоми назоратӣ;
- ба роҳ мондани низоми самараноки ротатсияи кормандон ва мониторинги қатъӣ;
- такмили низоми амнияти иттилоотии соҳа дар заминаи коркард ва татбиқи барномаҳои компютерии ватанӣ.

Дар зинаи аввали тадбирҳои пешниҳодшуда махсусан ҳавасмандгардонии молию пулии кормандон ва дар доираи пойдории он тақвият бахшидани раванди ташкили озмунҳо оварда шуд, зеро маҳз норасоӣ дар зиндагӣ ва нокомӣ дар фаъолият инсонро водор месозад, ки ба ҳар гуна амалҳои носазо даст занад.

Илова бар ин, ташкили озмунҳои шаффоф дар раванди ишғоли вазифаҳо дар ҳолати роҳандозии ҳавасмандгардонии молию пулӣ рақобатро ба амал оварда, ба такмил додани донишҳои касбӣ ва худомӯзии мунтазами кормандон мусоидат мекунад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди мубориза бо фасод аз ҷониби мақомоти гумруки мамлакат як қатор тадбирҳои судманд андешида шудаанд, бахусус татбиқи низомҳои иттилоотии навин, роҳандозии низоми идоракунии хавфҳо чиҳати тамаркуз ба назорати борҳои «шубҳанок», коҳиш додани шумораи умумии санҷишҳо ва ба аз байн бурдани салоҳдиди шахсӣ имкон аз чумлаи онҳоянд.

Дар ниҳоят, дар заминаи ҷамбасти хулосаҳо қайд кардан ба маврид аст, ки танҳо бо роҳи иродаи сиёсӣ, таъмини шаффофияти равандҳо ва назорати ҷамъиятӣ метавон як хадамоти муассир ва бефасоди гумрукиро ташкил кард.

Дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷараёни босуъати рақамикунонии равандҳо ба роҳ монда шудааст, таҳкими равандҳои автоматикунонии барасмиятдарории гумрукӣ ба коҳишёбии робитаи шахсони мансабдор ва иштирокчиёни савдои хориҷӣ мусоидат намуда, амалҳои ришваситониро аз байн хоҳад бурд.

АДАБИЁТ

1. Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” https://mort.tj
2. Кудрявцев В.Н. Таможенные органы и коррупционные риски. — М.: Юнити-Дана, 2020.
3. Сидоров А.П. Противодействие коррупции в системе государственной службы. — СПб.: Питер, 2019.

4. Ткаченко И.В. Экономические последствия коррупции // Журнал антикоррупционных исследований. — 2018. — №2.
5. Смирнов Д.Ю. Система управления рисками и её роль в снижении коррупции // Вестник таможенной службы. — 2019.
6. UNODC. Corruption Risks in Customs. United Nations Office on Drugs and Crime, 2021.
7. WCO. Integrity Development Guide. World Customs Organization, 2020.
8. OECD. Customs Integrity: International Practices and Standards. OECD Publishing, 2021.
9. Transparency International. Corruption Perceptions Index 2022.
10. ФТС России. Доклад о результатах противодействия коррупции. — 2021.
11. ASYCUDA. Fighting Corruption through Automation. UNCTAD, 2020.
12. Маҷаллаи гумрук №1 (69) аз январи соли 2025
13. Маҷаллаи гумрук №3 (71) аз сентябри соли 2025

УДК 332.133.2

Тӯхтаев Т.М., Бобоҷонов Д.Р.

АСОСҲОИ КОНСЕПТУАЛИИ ТАНЗИМИ БУҶЕТИЮ АНДОЗИИ РАВАНДҲОИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА

Мақолаи илмӣ ба таҳлили асосҳои консептуалии танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодию минтақаҳо бахшида шудааст. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, танзими самараноки буҷетию андозӣ ҳамчун омили муҳимтарини таъмини рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти иҷтимоӣ ва тақвияти ҳамгироии минтақавӣ арзёбӣ мегардад. Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими буҷетию андозӣ, инчунин роҳҳои тақвияти онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон мақсади асосии мақоларо дар муайян намудани асосҳои консептуалии танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодию минтақаҳо ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили он мебинанд. Дар натиҷаи таҳқиқот, асосҳои консептуалии танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодию минтақаҳо муайян карда шуда, тавсияҳо оид ба такмили сиёсати буҷетию андозӣ ва баланд бардоштани самаранокии он дар таъмини рушди устувор пешниҳод гардиданд. Минҷумла равишҳои консептуалии муосир ва мавқеи онҳо нисбати танзими буҷетию андозии тараққиёти минтақаҳо чун ҷузъи марказии танзими молиявии давлат мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷанбаҳои муҳими татбиқи моҳияти онҳо дар воқеияти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд.

Калидвожаҳо: танзими молиявӣ, танзими буҷетию андозӣ, иқтисодиёти минтақа, назарияҳои танзим, нерӯи молиявӣ, нерӯи инвеститсионӣ.

Тухтаев Т.М., Бабаджанов Д.Р.

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ БЮДЖЕТНО-НАЛОГОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ ПРОЦЕССОВ РЕГИОНА

Научная статья посвящена анализу концептуальных основ бюджетно-налогового регулирования социально-экономических процессов и регионов. В современных условиях развития мировой экономики эффективное бюджетно-налоговое регулирование оценивается как важнейший фактор обеспечения устойчивого экономического роста, защиты социальной безопасности и укрепления региональной интеграции. В статье рассматриваются теоретические и практические вопросы бюджетно-налогового регулирования, а также пути их укрепления.

Основную цель статьи авторы видят в определении концептуальных основ бюджетно-налогового регулирования социально-экономических процессов и регионов и разработке рекомендаций по его совершенствованию. В результате проведенного исследования были определены концептуальные основы бюджетно-налогового регулирования социально-экономических процессов и регионов, даны рекомендации по совершенствованию бюджетно-налоговой политики и повышению ее эффективности в обеспечении устойчивого развития. Рассматриваются современные концептуальные подходы и их позиция в отношении бюджетно-налогового регулирования развития регионов как центрального компонента финансового регулирования государства, представлены важные аспекты реализации их значения в реальности регионов Республики Таджикистан.

Ключевые слова: финансовое регулирование, бюджетно-налоговое регулирование, региональная экономика, теории регулирования, финансовый потенциал, инвестиционный потенциал.

Tukhtaev T.M., Bobojonov D.R.

CONCEPTUAL FOUNDATIONS OF BUDGETARY AND TAX REGULATION OF REGIONAL SOCIO-ECONOMIC PROCESSES

The scientific article is devoted to the analysis of the conceptual foundations of budgetary and tax regulation of socio-economic processes and regions. In modern conditions of global economic development, effective fiscal regulation is assessed as the most important factor in ensuring sustainable economic growth, protecting social security and strengthening regional integration. The article discusses theoretical and practical issues of fiscal regulation, as well as ways to strengthen them. The main purpose of the article is to define the conceptual foundations of fiscal regulation of socio-economic processes and regions and to develop recommendations for its improvement. As a result of the conducted research, the conceptual foundations of budgetary and tax regulation of socio-economic processes and regions were identified, recommendations were given on improving fiscal policy and increasing its effectiveness in ensuring sustainable development. Modern conceptual approaches and their position in relation to budget and tax regulation of regional development as a central component of financial regulation of the state are considered, important aspects of realizing their importance in the reality of the regions of the Republic of Tajikistan are presented.

Keywords: financial regulation, fiscal regulation, regional economy, regulatory theory, financial potential, investment potential.

Дар шароити муосири тараққиёти иқтисодию иҷтимоии давлатҳои рӯ ба тараққӣ, барои татбиқи тадриҷии ҳадафҳои рушди устувор, истифодаи васеи афзорҳои танзими давлатӣ аз пештара муҳимтар мегардад. Зеро натиҷаҳои сершумори таҳқиқоти олимони бонуфузи соҳа дар доираи таълимоти мактабҳои гуногуни назарияҳои танзим гувоҳи онанд, ки бидуни истифодаи оқилона ва дурусти афзору усулҳои танзими давлатӣ ва хоса танзими молиявӣ ноил гаштан ба ҳадафҳои рушди устувор ва мутавозин ғайриимкон аст. Гуногунақидагии намояндагони мактабҳои илмии неоклассикӣ, кейнсионӣ, пасокейнсионӣ, монетаризм, синтези неоклассикиву пасокейнсионӣ ва ҳамчунин институтсионализм дар бобати танзими молиявии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ танҳо дар дараҷа ва сатҳу амиқияти дахолат ва таъсиррасонӣ ифода меёбад.

Дар замони муосир ҷанбаҳои амалии танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ чи дар сатҳи иқтисоди минтақа ва чи иқтисоди миллӣ аз ҷониби муҳаққиқони соҳа дар сатҳи густарда таҳқиқ мегардад. Бархе аз масъалаҳои амалии танзими буҷетию андозии рушди минтақа дар доираи дигар таҳқиқоти мо [3, С. 114; 10, С. 126; 11, С. 140] ва як зумра олимони ватанӣ [4, С. 5; 7, С. 82] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Вале ҷанбаҳои назариявии танзими буҷетию андозии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар иқтисодиёти минтақа ҳанӯз ба таҳқиқоти доманадор ниёз дорад.

Барои дарки амиқи асоси илмии танзими молиявии давлат, афзору асосҳои моддии онро бояд ба маърази баррасӣ барорем. Мусаллам аст, ки танзими молиявии бахши давлатӣ дар маҷмӯъ тавассути сиёсати буҷетию андозӣ ва пулию қарзӣ татбиқ карда мешавад. Дар мақолаи мазкур бошад, тасмими мо ин аст, ки бештар ба асосҳои консептуалии танзими буҷетию андозӣ таваҷҷӯҳ намуда, мақом ва имкониятҳои созандаи онро муайян намоем. Барои ин, пеш аз ҳама мақоми танзими буҷетию андозиро дар низоми танзими давлатии иқтисодиёт муайян намудан зарур аст. Бояд иқрор шуд, ки худи назарияҳои танзим (чун таълимоти мактабҳои илмӣ), дар илми муосир низоми консептуалии муайянеро ташкил намудааст.

Назарияи танзими низоми капиталистӣ пайдоиш, инкишоф ва аз байн рафтани шаклҳои ҷамъиятиро меомӯзад. Дар муқоиса бо неоклассикҳо, ки дар пажӯҳишҳои худ ба категорияи «мувозинат» такя мекунанд, танзимгарон назарияи худро бар мафҳуми «танзим» бунёд кардаанд, ки нақши муҳимтаринро дар рафтори афрод ба институтҳои иҷтимоӣ вогузор мекунад. Назарияи танзим аз он бармеояд, ки барои рушди мутаносиби ҷомеа, ноил шудан ба созиши институтсионалии байни давлат, соҳибкорон ва иттифоқҳои касаба, ки дар шакли институти шартномаҳои коллективӣ ифода ёфтааст, зарур аст. Ба даст овардани чунин созиши институтсионалӣ модели миллии танзимро ташкил медиҳад.

Вобаста аз алоқаҳои комплементарӣ ва дараҷаи мавҷудияти давлат ҳамчун институт дар муносибатҳои бозорӣ, намояндагони назарияи танзимгароӣ шаклҳои системаҳои иқтисодиро пешниҳод намуданд. Р.Буайе чор шакли танзимро муайян кардааст: шакли танзими бозорӣ (озодии максималии принсипҳои бозор ва нақши ҳадди ақали давлат), намуди мезокорпоративистии танзим (нақши давлат аз таъмини возеҳу шаффофи қонунгузории фаъолият иборат аст), шакли танзими сотсиал-демократӣ (давлат дар тақсими арзиши навтаъсис ваколатҳои васеъ дорад), навъи танзими этатистӣ (давлат на танҳо дар тақсимоти арзиши навтаъсис, балки дар муайян кардани сатҳи максималии афзоиши даромад нақши пешбарандаро мебозад)[8]. Ҳамаи шаклҳои номбаршуда иштироки давлатро дар равандҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар назар доранд. Яъне ақидаи таълимоти танзимотӣ дар он ифода меёбад, ки бидуни иштироки давлат ҳамчун тақсимкунандаи асосии захираҳои молиявӣ, таъмини тараққиёти мутавозинро дар низоми иқтисодӣ таъмин кардан имкон надорад.

Мавриди қайд аст, ки дар рафти ташаккули назарияҳои иқтисодии танзим ду анъанаи васеъ ба вуҷуд омадааст. Анъанаи аввал чунин мешуморад, ки танзимгарон дорои ваколатҳои кофии иттилоотӣ ва иҷроиш мебошанд, то манфиатҳои ҷамъиятиро ба таври муассир пешбарӣ кунанд. Ин анъана инчунин дар назар дорад, ки танзимгарон ҳимоятгари манфиатҳои ҷамъиятианд. Аз ин рӯ, назарияҳои иқтисодие, ки аз ин фарзияҳо бармеоянд, аксар вақт «назарияҳои манфиатҳои ҷамъиятии танзим» номида мешаванд.

Анъанаи дуюм дар таҳқиқотҳои иқтисодии танзим, аз заминаҳои дигар бармеояд. Дар ин доира, мақомотҳои танзимгар дар бораи хароҷот, талабот, сифат ва дигар ҷанбаҳои рафтори ширкатҳо иттилои кофӣ надоранд. Бинобар ҳамин, онҳо агар ҳатто тавонанд ҳам, дар дараҷаи нокифо ба пешбурди манфиатҳои ҷамъиятӣ зимни назорат аз болои ширкатҳо ва фаъолияти ҷамъиятӣ мусоидат карда метавонанду халос. Дар доираи ин равиши илмӣ, иллати номбурдаи иттилоот, мониторинг ва таъмини волоияти қонун ҳамчунон ба дигар агентҳои иқтисодӣ, аз қабили қонунгузорон, интихобкунандагон ва ё истеъмолкунандагон таъсиррасон мебошад. Муҳимтараш дар он аст, ки дар ин фарзия ҳамаи агентҳои иқтисодӣ манфиатҳои худашонро пешбарӣ мекунанд, ки он манфиатҳо метавонанд унсурҳои манфиати ҷамъиятиро дар гирифта, ё баръакс сарфи назар карда бошанд. Ҳангоми мавҷудияти чунин заминаҳои асосӣ, барои баровардани хулосаи ниҳоӣ оид ба мусоидат намудани чунин танзим ба пешбурди манфиатҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз зуд аст. Фарқияти назаррас дар ҳадафҳои агентҳои иқтисодӣ ва хароҷоти онҳо, ки аз равобити мутақобилаи онҳо бармеоянд, метавонад боиси аз ҷониби баъзе агентҳо пешбарӣ намудани ҳадафҳои хусусиашон гашта, ба зарари манфиатҳои ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Назарияҳои иқтисодие, ки дар заминаи ҳамин фарзияҳои охир таҳия гардидаанд, дар аксари ҳолатҳо чун “назарияҳои манфиатҳои хусусӣ” ном бурда мешаванд.

Маҳз дар пойгоҳи ҳамин назарияҳои танзим, ки дар манфиати хусусӣ асос ёфтаанд, нокомиҳои бозор ва дахолати самараноки давлат қарор доранд. Мувофиқи ин назарияҳои танзими давлатӣ некуаҳволии ҷамъиятиро боло мебарад. Назарияҳои манфиати хусусӣ танзими рафтори гуруҳи манфиатҳоро маънидод мекунанд. Интиқоли сарват ба ихтиёри гуруҳҳои бештар самараноки манфиатҳо, дар аксари ҳолатҳо некуаҳволии ҷамъиятро поён мебарад. Гуруҳҳои манфиатҳо – ширкатҳо, истеъмолкунандагон ё гуруҳи истеъмолкунандагон, мақомоти танзимкунанда, қонунгузор, иттифоқҳои касаба ва дигарон буда метавонанд. Ҳамин тавр, назарияҳои танзим, дар асоси манфиатҳои хусусӣ бо як қатор назарияҳои интихоби ҷамъиятӣ нуқоти бурриш дошта, воқеан ба назарияҳои амалҳои сиёсӣ мубаддал мегарданд. Вобаста аз самаранокии раванди сиёсӣ, некуаҳволии ҷамъиятӣ ё боло меравад, ё худ коста мегардад [13].

Бо дарназардошти муқаррароти асосии назарияҳои танзим бояд тазаккур дод, ки амалкарди танзими давлатӣ бештар тавассути афзору усулҳои молиявӣ сурат гирифта, барои таъмини самаранокии он захираҳои молиявӣ нақши боризро иҷро мекунанд. Дар низоми афзору усулҳои танзими молиявии давлат, танзими буҷетию андозии тараққиёти минтақаҳо мавқеи марказиро ишғол намуда, чун воситаи муассири таъсиррасонӣ ба тараққиёти минтақаҳои мамлакат баромад мекунад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо бо сабаби ҷойгиршавии куллан фарқкунандаи ҷуғрофӣ хеле мутафовитанд, нақши танзими буҷетию андозӣ барои таъмини мутавозинии нисбии минтақаҳо хеле назаррас шуда метавонад. Аз ин рӯ, дар таркиби чораҳои дискретсионии танзим, афзори буҷетию андозии таъсиррасонӣ барои иқтисодиёти минтақаҳои Тоҷикистон бештар мавриди қабул аст.

Зарурати таҳқиқ ва бозбинии афзорҳо ва усулҳои танзими буҷетию андозии тараққиёти минтақаҳои кишвар дар корҳои илмии самти пажӯҳиш аз ҷониби мо қаблан низ мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд. Зимнан қайд карда шуда буд, ки дар давраи муосири тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат, зарурати объективии аз нав дида баромадани нақши молияи минтақаҳо дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ чун иштирокчии асосии муносибатҳои молиявӣ, ки ташкил, тақсим ва аз навтақсимкунии захираҳои молиявии марказонидашудаву ғайримарказонидашударо дар байни соҳаҳои андӯхт ва истеъмол таъмин мекунад, ба миён омадааст[11, С. 140].

Ин мавқеъ аз назари зерин муҳим аст – танзими молиявии давлат, ки сареҳан тавассути механизми танзими буҷетию андозӣ татбиқ мегардад, чун афзор ва фишанги муассир метавонад тақсим ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявиро чун нишондоди ҳалкунанда мавриди истифода қарор диҳад.

Солҳои охир дар байни асарҳои илмии самти танзими буҷетию андозии тараққиёти иқтисодии минтақаҳо масъалаҳои фаъолгардонии нерӯи сармоягузориҳо ба соҳаҳои афзалиятноки ин ё он минтақаи кишвари алоҳида мақоми назаррас ишғол карда истодаанд. Мавриди тазаккур аст, ки фаъол гардонидани сармоягузориҳои ватаниву хориҷӣ барои таъмини тараққиёти соҳаҳои мухталифи саноат ва пиёда кардани ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон – гузариш аз шакли аграрию саноатии иқтисодиёт ба саноатию аграрии он мақоми ҳалкунандаро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, истифодаи оқилона ва илман асосноки афзорҳо ва усулҳои танзими буҷетию андозӣ дар ин самт низ мавриди назар аст. Дар самти мазкур нуқтаи назари муаллифони хориҷӣ, ки ба масоили ангезаи фаъолнокии сармоягузорӣ дар миқёси минтақаҳо бахшида шудааст боиси баррасист.

Ба ақидаи муаллифон Т.М. Чернякова ва О.В. Дрозняк механизми ба сармоягузориҳо нигаронидашудаи танзими буҷетию андозии иқтисодиёти минтақаҳо – ин амалкарди муштараки усулҳо, афзорҳо ва фишангҳои ҳам андозию ҳам буҷетӣ ҷиҳати пиёда кардани ҳадафҳои тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳо тавассути ҷалби сармоягузориҳо мебошад. Яъне сухан дар бораи ҷалби мувофиқашудаи захираҳои молиявӣ ба буҷет (сармоягузориҳо) ва истифодаи онҳо барои ҳалли проблемаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо меравад [12, С.241].

Дар ин маврид, муаллифон танзими буҷетию андозиро чун афзори ҷалби мувофиқашудаи захираҳои молиявӣ барои фаъолгардонии сармоягузориҳо ба объектҳои бахши воқеии иқтисодиёти минтақа ва объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ баррасӣ мекунанд. Дар воқеъ чунин

дахолати бевоситаи мақомоти давлат ба фаъолгардонии инвеститсионӣ дар амалияи Тоҷикистон низ мавриди назар буда метавонад. Зеро рушди минбаъдаҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти минтақаҳои мамлакат бештар аз иштироки бевоситаи давлат тавассути маблағгузориҳои мустақим ва додани имтиёзҳои андозӣ вобаста мебошад.

Дар мавриди пажӯҳиши асосҳои консептуалии танзими буҷетию андозии рушди иқтисодии минтақаҳои мамлакат, масъалаҳои арзёбии самаранокии чунин танзим хеле муҳим аст. Аз назари мо, барои баҳодиҳии самараи танзими буҷетию андозии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, усулҳои воқеии дар нишондиҳандаҳои мушаххас асосёфта бештар мавриди назаранд. Барои ташкили низоми илман асосноки арзёбии самаранокии танзими фискалии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа тарҳи зерини усулҳои арзёбиро бамаврид меҳисобем (расми 1).

Усулҳои миқдорию сифатии арзёбии самаранокии танзими буҷетию андозии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо дар воқеияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми боризро касб мекунад. Зеро то имрӯз дар методологияи илмии танзими давлатии иқтисодиёти минтақаҳо равиши мазкури баҳодиҳӣ дар сатҳи илмият ва расмӣ вуҷуд надорад. Аз ҳамин лиҳоз мо бар он ақидаем, ки тарҳи таркибии усулҳои арзёбии самаранокии танзими буҷетию андозии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо барои татбиқи барномаи амалигардонии танзими молиявии давлатӣ дар миқёси минтақаҳо мақоми хос хоҳад дошт. Зеро маҳз тавассути гурӯҳи усулҳои пешниҳодшаванда, мақомоти дахлдор метавонад самара ва ё норасогиву инҳирофҳоро аз татбиқи танзими буҷетию андозӣ арзёбӣ намуда, ҷиҳати қабули қарори дахлдор барои идомаи кор дар самти танзим тадбирҳои муассирро роҳандозӣ кунад.

Мусаллам аст, ки асоси пайдарҳамии чораҳои танзими буҷетию андозии тараққиёти минтақа аз банақшагирӣ, муҳокима, қабули қарори дахлдор ва татбиқи он иборат буда, марҳилаи ниҳоии амалкарди ин афзори муҳими сиёсати молиявии давлат арзёбии натиҷаҳои танзимро тақозо менамояд. Бинобар ҳамин, ба ақидаи мо, низоми арзёбиеро, ки мавриди баррасӣ қарор медиҳем барои такомули фаъолияти танзимотии давлат ва хоса мақомоти идораи маҳаллӣ аҳамияти амаливу татбиқӣ хоҳад дошт.



Расми 1. Тарҳи низоми арзёбии танзими буҷетию андозии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Яке аз ҷузъи муҳими татбиқи танзими молиявии тараққиёти иқтисодии минтақаҳо ин механизми молиявии тараққиёти минтақа мебошад, ки дар адабиёти самти тадқиқоти феълӣ аз ҷониби муаллифони ватанӣ дар сатҳи зарур баррасӣ нашудааст. Аммо хушбахтона муқаррароти муайяни илмии марбут ба механизми молиявии тараққиёти минтақаҳо аз ҷониби як қатор муаллифони хориҷӣ кор карда баромада шудааст, ки барои воқеияти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди мутобиқгардонӣ буда метавонанд. Инак механизми молиявии тараққиёти минтақаҳо дар адабиёти илмии як зумра олимони рус то имрӯз то андозае муфассал дида баромада шудааст. Мазмун, сохтор ва принсипҳои ташкили механизми молиявӣ дар асарҳои Климчук С.В. ва Нехайчук Е.В. [5], Корда Н.И. ва Кулакова А.В. [6], Гираев В.К. [2], Свищева В.А. [9] баррасӣ гаштаанд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин таҳқиқотҳо имкон медиҳад, ки механизми молиявии минтақавиро ҳамчун низоми ташаккул ва азнавтақсимкунии селаҳои молиявӣ дар минтақа арзёбӣ намоем, ки унсурҳои зеринро дар бар мегирад: афзорҳо, усулҳо ва воситаву фишангҳои танзими равандҳои молиявӣ, низоми таъминоти механизми молиявӣ (ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва иттилоотӣ), объектҳои танзими молиявӣ, ки захираҳои молиявиро дар бар мегиранд, субъектҳои механизми молиявӣ – мақомоти давлатии идоракунии захираҳои молиявӣ (муфассалтар ниг. [9]).

Баррасии чунин ҷанбаи муҳими консептуалии танзими молиявии минтақавӣ моро водор месозад, ки зарурати аслии он ва мақсаду хусусияти асосии онро дида бароем. Мақоми калидӣ дар таркиби механизми молиявӣ ба афзорҳои ташаккул, истифода ва азнавтақсимкунии захираҳои молиявии минтақа дахл дорад, ки хусусияти миқдориву сифатии онҳо дар потенсиали (нерӯ) умумии молиявии минтақа ифода меёбад. Зимнан, ҳадафи асосии ташкил ва таҳияи механизми молиявии минтақавӣ – ташаккули шароитҳо барои ҷалби пойгоҳи кифояи молиявии тараққиёти минтақа, ворид кардани ҳадди аксари нерӯи ташаккулёфтаи молиявии минтақа ба равандҳои иқтисодӣ, фаъолгардонии равандҳои инвеститсионӣ ва ноил гаштан ба мустақилияти умумии молиявии минтақа дар асоси ба назар гирифтани вижагии тараққиёти ҳар як минтақаи алоҳидаи мамлакат ва хусусияти захираҳои молиявии дар ин минтақа тамаркузгашта маҳсуб мегардад.

Хулосаҳои асосии қисмати мазкури таҳқиқот ҷиҳати таҳия ва татбиқи пурсамари механизми танзими молиявии минтақа дар асоси таҳкими сиёсати минтақавии буҷетию андозӣ чунин матраҳ мешаванд.

Барои шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, хоса вилояти Суғд, чунин сатмҳои мубрами истифодаи механизми танзими буҷетию андозии иқтисодиёти минтақа хос буда метавонанд: ташаккули сатҳи баланди нерӯи буҷетию андозӣ бо назардошти мавҷудияти бахши нисбатан тараққиёфтаи истеҳсолот, ва ҳамчунин корхонаҳои бузурги саноатӣ (ки нерӯи назарраси субъектони хоҷагидорро ташкил медиҳанд), боз ҳам фаъолтар гардонидани истифодаи афзорҳои ҷалби воситаҳои корхонаҳо ба раванди инвеститсионӣ, ҳамчунин баланд бардоштани имкониятҳои ташаккули даромадҳои буҷети минтақавӣ аз ин сарчашма. Татбиқи ин гурӯҳи афзорҳои танзими буҷетию андозии минтақавӣ дар асоси тавсеаи салоҳияту ваколатҳои буҷетии минтақа, ҳамчунин баланд бардоштани мустақилияти молиявии минтақа дар доираи имкониятҳои ҳуқуқиву меъёрӣ имконпазир буда метавонад.

Дар ин росто, баррасии алоҳидаи имкониятҳои болобарии самаранокии истифодаи усулҳои барномавию ҳадафмандии тараққиёти нерӯи молиявии минтақаҳову марзҳои мамлакат бамаврид мебошад. Барои ин зарур аст, ки равиши муайян кардани объектҳои мушаххаси барномаҳои тараққиёти минтақавӣ истифода бурда шавад. Зеро таҷрибаи бисёрсолаи танзими буҷетию андозии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки барномарезии минтақавӣ, бидуни алоҳида кардани селаҳои молиявӣ барои объекти мушаххас бо нишондоди буҷети алоҳидаи он боиси иҷро нашудан, ё иҷрои нопурраи барномаҳои мазкур мегардад. Самараи чунин барномаҳо барои арзёбӣ низ мушкил буда, ҳадафҳои гузошташуда ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ дар доираи чунин барномаҳои давлатӣ воқеан иҷро нашуда мемонанд.

Сарчашмаи муҳим ва то ҳол ба таври пурра азхуднашуда барои пурра намудани пойгоҳи молиявии тараққиёти минтақавӣ, бешубҳа, пасандозҳои хоҷагиҳои хонавода мебошанд. Барои минтақаҳое, ки нерӯи молияви аҳолиашон нисбат ба нишондиҳандаҳои миёнаи ҷумҳурӣ баланд арзёбӣ мегардад, ки асосаш сатҳи баланди даромадҳои аҳолист, истифодаи оқилона ва ҳамаҷонибаи афзорҳои табдили пасандозҳои аҳолӣ ба захираҳои инвеститсионӣ мувофиқи мақсад аст. Мутассифона дар шароити мо ҳанӯз афзорҳои инвеститсионии муосир аз қабили вомбаргҳои мақомоти идораи маҳаллӣ, афзору васоити дигари инвеститсионӣ барои ангезаи ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ фаъол нестанд. Аз ин рӯ зарур аст, ки ташкилотҳои молиявии қарзии дар марзи минтақаҳо фаъолиятбаранда якҷо бо мақомоти идораи маҳаллӣ, ҷиҳати таъсиси фондҳои устувор ва бовариноки минтақавии инвеститсонӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Асоси фаъолияти пурсамари чунин фондҳо дар оянд, ин боло бурда тавонистани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба устувории афзорҳои молиявии чунин фондҳо мебошад.

Барои баъзе минтақаҳо, фароҳам овардани шароитҳо барои ҷалби сармояи хусусии берун аз худи ҳамин минтақа афзори муҳим ва муассири болобарии нерӯи молиявии умумӣ маҳсуб шуда метавонад. Одатан истифодаи чунин афзорҳо дар минтақаҳое, дорои нерӯи баланди инвеститсионӣ мебошанд, хос мебошад. Нерӯи баланди инвеститсионӣ бошад, аз як тараф бо мавҷудияти пойгоҳи пуриқтидори ашёӣ барои созмони кмплексҳои бузурги соҳавӣ, сатҳи баланди тараққиёти соҳибкории хурду миёна, ҳаҷми кифояи захираҳои истеҳсолию меҳнатӣ тавсиф гардад, аз тарафи дигар, аз мавҷудияти нерӯи назарраси молиявию қарзӣ, ки аз сатҳи баланди рушди институтҳои молиявии минтақавӣ дарак медиҳад, вобаста аст.

Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон айнан бо ҳамин хусусиятҳо тавсиф шуданаш мумкин аст, ки барои ин минтақа тамаркузи кӯшишу тадбирҳо барои тараққии ҳамкории давлатию хусусӣ дар асоси коркарди низоми имтиёзҳо барои субъектони чунин фаъолияти шарикӣ, ташкили шароитҳо барои ҷалби инвеститсияҳои хусусӣ ва сармояи хориҷӣ аз ҳисоби ташаккул ва тавсеаи минбаъдаи фаъолияти минтақаи озоди иқтисодии Суғд мувофиқи мақсад мебошад.

Дар минтақаҳои нерӯи молиявии субъектони хоҷагидорӣ ва нерӯи молиявию қарзиашон баланд бошад, ба таҳияи механизмҳои гуногуни инвеститсионӣ бо иштироки воситаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, хоса дар мавриди роҳандозии лоиҳаҳои ташаккул ва тараққии марказҳои технологияҳои иттилоотӣ (IT), истифодаи васеи зеҳни сунъӣ ва бонкҳои инвеститсиониву марказҳои технологияҳои молиявии муосир (Fintech) таваҷҷӯҳи махсус равона гардиданаш зарур аст.

АДАБИЁТ

1. Бадылевич Р.В. Подходы к построению системы финансового регулирования развития регионов Севера на основе оценки финансового потенциала / Р.В. Бадылевич, Е.А. Вербиненко. Апатиты: Институт экономических проблем им. Г.П. Лузина Кольского научного центра РАН, 2019. 144 с.
2. Гираев В.К. Финансовый механизм инвестиционного обеспечения регионального развития / В.К. Гираев // Научное обозрение: теория и практика. 2019. Т. 9. № 7 (63). С. 991-1000.
3. Исматов Х.Х. Бюджетно-налоговое регулирование развития региона / Х. Х. Исматов, Д. Р. Бободжонов // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 3(27). – С. 114-124.
4. Исматов Х.Х. Перспективы внедрения механизма налогового регулирования трансфертного ценообразования в Республике Таджикистан / Х.Х. Исматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2020. – № 4(85). – С. 5-16.
5. Климчук С.В. Формирование бизнес-модели по эффективному управлению кредитным риском / С.В. Климчук, Е.В. Нехайчук // Векторы регионального развития: успешные практики эффективного менеджмента: сборник материалов всероссийской национальной (с международным участием) научно-практической конференции, Севастополь, 07–09 октября 2020

года / Севастопольский филиал ФГБОУ ВО «РЭУ им. Г.В. Плеханова». Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2020. С. 227-240.
6. Корда Н.И. Региональный финансовый механизм: понятие и структура / Н.И. Корда, А.В. Кулакова // Формирование механизмов устойчивого развития экономики региона: сборник трудов I Всероссийской национальной научно-практической конференции (с международным участием), Севастополь, 11–12 мая 2021 года / Севастопольский филиал ФГБОУ ВО «РЭУ им. Г.В. Плеханова». Симферополь: Общество с ограниченной ответственностью «Издательство Типография «Ариал», 2021. С. 49-52.
7. Маъмуров А.М. Арзёбии вазъи муосири маъмурикунонии андоз дар сатҳи минтақавӣ / А.М. Маъмуров, С.Б. Саломов // Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2022. – No. 2(91). – С. 82-92.
8. Р. Буайе. Теория регуляции: Критический анализ / пер. с фр. Н. Б. Кузнецовой. - Москва: Наука для общества: Российский государственный гуманитарный университет, 1997. - 212 с.
9. Свищева В.А. Региональный финансовый механизм в системе регионального управления / В.А. Свищева // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. 2010. № 4 (33). С. 97-99.
10. Тӯхтаев Т.М. Ҷанбаҳои назариявию методии иқтидори андози минтақа: муаммо ва дурнамои татбиқ / Т. М. Тӯхтаев, Х. Х. Исматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No. 4(28). – С. 126-136.
11. Тӯхтаев, Т.М. Танзими молиявии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо / Т.М. Тӯхтаев, Ф.А. Мирзобоев // Паёми молия ва иқтисод. – Душанбе, 2022. – №4/1 (33). – С. 139-150.
12. Чернякова Т.М. Инвесто -ориентированный механизм бюджетно- налогового регулирования экономики регионов Луганской Народной Республики / Т.М. Чернякова О.В. Дрозняк // Инновационные перспективы Донбасса: Материалы 8-й Международной научно-практической конференции, Донецк, 24–26 мая 2022 года. Том 5. – Донецк: Донецкий национальный технический университет, 2022. – С. 241.
13. Johan den Hertog. Review of economic theories of regulation // Utrecht School of Economics. Tjalling C. Koopmans Research Institute. Discussion Paper, 2010. Series 10-18. P. 2.

УДК 336.774.5 (575.3)

Убайдуллоев Ф.К., Бобошерова Ф.Г.

УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

Дар мақола усулҳои инноватсионии маблағгузорӣ дар низоми таҳсилоти умумӣ ба беҳтар кардани дастрасӣ, сифат ва самаранокии хизматрасониҳои таълимӣ тавассути ҷорӣ намудани сарчашмаҳои нав ва усулҳои ҷалби маблағ баррасӣ карда шудаанд. Бо дарназардошти тағйироти глобалӣ дар соҳаи маориф, аз қабили рақамисозӣ, афзоиши талабот ба таҳсилоти босифат ва норасоии маблағҳои анъанавии буҷетӣ, равишҳои инноватсионии маблағгузорӣ барои таъмини рушди устувори низоми маориф заруранд. Усулҳои инноватсионии маблағгузорӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ барои беҳтар кардани сифати таълим, оптимизатсияи истифодаи захираҳо ва татбиқи технологияҳои пешрафта уфуқҳои нав мекушоянд. Ин равишҳо метавонанд на танҳо ба афзоиши маблағгузорӣ, балки ба ташкили низоми фасеҳтар ва муассири таълимӣ, ки ниезҳои ҷомеаи муосирро қонеъ намуда, мусоидат мекунанд.

Калидвожаҳо: хизматрасониҳои таълимӣ, усулҳои инноватсионии маблағгузорӣ, соҳаи маориф, таҳсилоти умумӣ, краудфандинг.

Убайдуллоев Ф.К., Бобошерова Ф.Г.

ИННОВАЦИОННЫЕ МЕТОДЫ ФИНАНСИРОВАНИЯ В СИСТЕМЕ ОБЩЕГО ОБРАЗОВАНИЯ

В статье рассматриваются инновационные методы финансирования в системе общего образования направлены на улучшение доступности, качества и эффективности образовательных услуг путем внедрения новых источников и методов привлечения средств. С учетом глобальных изменений в сфере образования, таких как цифровизация, растущая потребность в качественном образовании и нехватка традиционных бюджетных средств, инновационные подходы к финансированию становятся необходимыми для обеспечения устойчивого развития системы образования. Инновационные методы финансирования в сфере общего образования открывают новые горизонты для улучшения качества образования, оптимизации использования ресурсов и внедрения передовых технологий. Эти подходы могут способствовать не только увеличению объемов финансирования, но и созданию более гибкой и эффективной образовательной системы, способной удовлетворить потребности современного общества.

Ключевые слова: образовательные услуги, инновационные методы финансирования, образование, общее образование, краудфандинг.

Ubaidulloev F.K., Bobosherova F.G.

INNOVATIVE FINANCING METHODS IN THE GENERAL EDUCATION SYSTEM

In articl innovative financing methods in the general education system are aimed at improving the accessibility, quality and effectiveness of educational services by introducing new sources and methods of raising funds. Taking into account global changes in the field of education, such as digitalization, the growing need for quality education and the shortage of traditional budget funds, innovative approaches to financing are becoming necessary to ensure the sustainable development of the education system. Innovative financing methods in the field of general education open up new horizons for improving the quality of education, optimizing the use of resources and introducing advanced technologies. These approaches can contribute not only to an increase in funding, but also to the creation of a more flexible and effective educational system capable of meeting the needs of modern society.

Keywords: educational services, innovative financing methods, education, general education, crowdfunding.

Яке аз ҳадафҳои асосии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар айни замон гузариши соҳаҳои иқтисодиёт аз ҷумла бахши маориф ба роҳи инноватсионии рушд мебошад. Маориф яке аз омилҳои муҳимтаринест, ки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир мерасонад. Он инчунин як ронандаи калидии инноватсия ва соҳибкорӣ мебошад, зеро он инсонро бо малака, дониш ва тафаккур барои эҷоди арзиш ва ҳалли мушкилот мусаллаҳ мекунад. Бо вуҷуди ин, бисёр кишварҳо дар таъмини таҳсилоти босифат ва одилона, алахусус дар заминаи захираҳои маҳдуд, талаботҳои тағйирёбанда ва ниёзҳои гуногун барои ҳама мушкилот доранд.

Масъалаҳои мубрами соҳаи маориф имрӯз чӣ гуна маблағгузорӣ кардани он ба таври одилона, муассир ва кофӣ мебошад. Моделҳои анъанавии маблағгузории мактабҳо аксар вақт захираҳоро дар асоси вуруд, ба монанди иштирок ё тахассуси кормандон тақсим мекунанд, на натиҷаҳо, ба монанди фаъолияти талабагон, рушд ё омодагӣ мебошад. Ин барои мактабҳо барои харҷ кардани пул ба чизҳое, ки омӯзиши талабагонро беҳтар карда наметавонанд, ба монанди маъмурият, бюрократия ё мутобиқат ҳавасманд мекунад. Он инчунин мактабҳоро аз навоварӣ, озмоиш ё ҳамкорӣ бозмедорад, зеро онҳо метавонанд бо ҷаримаҳои молиявӣ ё монеаҳои танзим дучор оянд.

Моделҳои анъанавии маблағгузории мактабҳо аксар вақт захираҳои кофӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногун ва рушдёбандаи хонандагон, бахусус онҳое, ки бо мушкилоти иловагӣ, аз қабили камбизоатӣ, маъюбӣ, монеаҳои забон ё ҷароҳатҳо дучор меоянд, таъмин намекунанд. Барои ноил шудан ба муваффақияти таълимӣ ва иҷтимоӣ, ин хонандагон метавонанд ба дастгирии шадидтар ва фардӣ, аз қабили мураббигӣ, машварат ё такмили ихтисос ниёз дошта бошанд.

Аммо, бисёр минтақаҳо ин талаботро ба формулаҳои маблағгузории худ дуруст ба назар намегиранд ва чандирии кофӣ барои мактабҳо барои самараноктар истифода бурдани маблағҳои худро таъмин намекунанд.

Яке аз масъалаҳои мубрами имрӯзаи соҳаи маориф дар он аст, ки чӣ гуна маблағгузории муносиб ва устувори имкониятҳои таълими босифатро таъмин кардан мумкин аст. Манбаъҳои анъанавии маблағгузорӣ, аз қабили грантҳои давлатӣ, озод намудан аз андозҳо ва ҳаққи таҳсил аксар вақт нокифоя мебошанд. Аз ин рӯ, дар соҳаи маориф бояд усулҳои инноватсионии маблағгузории мактабҳо омӯхта шаванд ва ҳамзамон таъсири мусбати иҷтимоӣ ба вуҷуд оранд (ҷадвали 1.). Ҳар кадоми аз ин усулҳо манфиатҳо ва мушкилоти худро доранд.

Ҷадвали 1. Усулҳои инноватсионии маблағгузории таҳсилоти умумӣ.

№	Номи усули инноватсионӣ	Тавсифи усул	Мақсади усул
1.	**Маблағгузории хусусӣ ва ҷамъиятӣ**	Шакли ҳамкории байни мақомоти давлатӣ ва ширкатҳои хусусӣ мебошад, ки ба маблағгузории муштарак ва идоракунии лоиҳаҳои таълимӣ нигаронида шудааст. Ширкатҳои хусусӣ метавонанд ба сохтмони мактабҳо, навсозии инфрасохтор, ташкили барномаҳои таълимӣ сармоягузорӣ кунанд ва мақомоти давлатӣ метавонанд дастгирии молиявӣ ва танзимро таъмин кунанд.	Оптимизатсияи истифодаи маблағҳои давлатӣ, беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои таълимӣ тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои идоракунӣ.
2.	**Маблағгузории хидматҳои таҳсилоти рақамӣ**	Истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ барои таъмини маблағгузории лоиҳаҳои таълимӣ, аз қабили курсҳои онлайн, таълими фосилавӣ, синфҳои виртуалӣ мебошад. Инчунин таъсис ва дастгирии платформаҳои рақамии таълимиро дар бар мегирад.	Кам кардани хароҷоти инфрасохтори ҷисмонӣ, васеъ кардани дастрасӣ ба таҳсилот, беҳтар кардани сифати захираҳо ва хидматҳои таълимӣ тавассути технологияҳои рақамӣ.
3.	**Фондҳои дастгирии маориф**	Муассисаҳои махсуси молиявӣ ё фондҳои давлатӣ ва хусусӣ мебошанд, ки барои рушди лоиҳаҳои таълимӣ грантҳо, субсидияҳо е қарзҳо медиҳанд, ба монанди навсозии барномаҳои таълимӣ, эҷоди маводи нави таълимӣ е дастгирии таҳқиқоти илмӣ.	Ҷалби маблағгузории иловагӣ барои лоиҳаҳои инноватсионии таълимӣ, дастгирии стартапҳо ва ташаббусҳои нав дар соҳаи маориф.
4.	**Краудфандинг дар соҳаи маориф**	Ҷалби маблағгузорӣ барои лоиҳаҳои таълимӣ тавассути ҷамъоварии маблағ аз бисер сармоягузорони хурд тавассути платформаҳои онлайн (маъракаҳои краудфандинг). Инҳо метавонанд лоиҳаҳои навсозии муассисаҳои таълимӣ, таҳияи барномаҳои нави таълимӣ е ҳалли технологӣ бошанд.	Ба даст овардани маблағҳои иловагӣ барои татбиқи ташаббусҳои таълимӣ, ки тавассути манбаъҳои анъанавӣ, ба монанди буҷа е сармоягузории хусусӣ маблағгузорӣ карда намешаванд.
5.	**Маблағгузорӣ дар асоси натиҷаҳо**	Механизме, ки маблағгузории муассисаҳои таълимӣ е барномаҳо аз ноил шудан ба натиҷаҳои пешакӣ муайяншуда, аз қабили беҳтар кардани фаъолияти донишҷӯен, паст кардани сатҳи тарки мактаб, баланд бардоштани сифати таълим ва дигар ченакҳои муваффақият вобаста аст.	баланд бардоштани самаранокии хароҷоти маблағҳои буҷетӣ ва ҳавасмандгардонии муассисаҳои таълимӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои баланди таълимӣ.

6.	**Маблағгузории хурд ва сармоягузорӣ ба стартапҳои таълимӣ**	Сармоягузорӣ ба стартапҳо дар соҳаи маориф тавассути маблағгузории хурд е маблағгузории венчурӣ. Ин метавонад эҷоди технологияҳои нави таълимӣ, платформаҳои омӯзиши онлайн, таҳияи маводи таълимии инноватсионӣ ва ғайраро дар бар гирад.	Фароҳам овардани шароит барои рушди қарорҳои нави таълимӣ, ки метавонанд дар амалияи васеъ истифода шаванд, инчунин ҳавасмандгардонии навовариҳо дар соҳаи маориф.
7.	**Низоми рейтингии маблағгузорӣ**	Ҷорӣ намудани низоми рейтингӣ барои муассисаҳои таълимӣ, ки дар он мактабҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ вобаста ба самаранокӣ, дастовардҳои хонандагон ва дигар нишондиҳандаҳои сифати таълим маблағгузорӣ карда мешаванд. Истифодаи маълумот дар бораи фаъолияти таълимӣ, сатҳи иштироки донишҷӯен, хатмкунандагон ва муваффақиятҳои онҳо дар ҳаетро дар бар мегирад.	Ҳавасмандгардонии беҳтар намудани сифати таълим ва истифодаи самараноки захираҳо, инчунин баланд бардоштани масъулияти муассисаҳои таълимӣ барои натиҷаҳои фаъолияти худ.
8.	**Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ тавассути омӯзиш ва рушд**	Сармоягузорӣ ба рушди касбии омӯзгорон, ташкили барномаҳои такмили ихтисос, таълими омӯзгорони нав ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои пешқадами таълимӣ. Ин ҳам маблағгузории мустақими чунин барномаҳо ва ҳам ҷалби сармоягузории хусусиро барои татбиқи онҳо дар бар мегирад.	Такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорон ва дар натиҷа, беҳтар кардани сифати таълим дар маҷмӯъ.
9.	**Маблағгузорӣ тавассути маориф бо унсурҳои соҳибкорӣ**	Ҷорӣ намудани унсурҳои соҳибкорӣ дар раванди таълим бо мақсади ҳавасмандгардонии муассисаҳои таълимӣ барои эҷоди манбаъҳои даромади худ. Ин метавонад ҳам таъсиси стартапҳои таълимӣ ва ҳам таҳияи барномаҳое бошад, ки тавассути шарикӣ бо тиҷорат сармоягузории иловагӣ ҷалб мекунанд.	Кам кардани вобастагии муассисаҳои таълимӣ аз буҷети давлатӣ, рушди мустақилияти молиявии онҳо ва ҷорӣ намудани навовариҳо тавассути равиши соҳибкорӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Дар мақола мо яке аз усулҳои инноватсионии маблағгузории таҳсилоти умумӣ, яъне краудфандинг, ки дар тамоми ҷаҳон истифода бурда мешаванд, меомузем.

Усули краудфандинг. Яке аз роҳҳои маъмултарин ва муассири ҷамъоварии маблағ барои таҳсил истифодаи платформаҳои краудфандинг мебошад, ки ба шахсони алоҳида, гурӯҳҳо ё ташкилотҳо имкон медиҳад, ки аз шумораи зиёди одамон дар интернет маблағҳои хайриявӣро ҷамъ кунанд. Краудфандинг метавонад барои мақсадҳои гуногун истифода шавад, ба монанди дастгирии лоиҳаҳои синфӣ, такмили ихтисоси муаллимон, додани стипендияҳои талабагон, инфрасохтори мактаб ё навовариҳои таълимӣ мебошад.

Асосан калима краудфандинг аз калимаи англисӣ crowdfunding гирифта шуда маъноаш “маблағгузории оммавӣ” тарҷума мешавад [4, с.7]

Ба хулоса омадан мумкин аст, ки яке аз усулҳои муосири ҷалбкунии маблағҳо краудфандинг мебошад. Аз ин лиҳоз краудфандинг дар дилхоҳ соҳа метавон истифода бурдан, масъалан барои ҷалби маблағҳо ба лоиҳаҳои иҷтимоӣ, экологӣ ё хайриявӣ. Ҳамаи хайрияҳо бевосита тавассути сайтҳои махсус дар интернет анҷом дода мешаванд. [1, с.12].

Масалан, дар Россия краудфандинг як падидаи хеле ҷавон аст. Аммо бо вуҷуди навгониҳо, он аллакай барои оғози лоиҳаҳои нави ояндадор аз ҷониби соҳибкорони наврас, муборизони экология, ташкилотҳои башардӯстона (хайриявӣ), фондҳои кӯмак ва шахсони алоҳида фаъолона истифода мешавад. Бори аввал дар бораи краудфандинг нависанда Ҷефф Хоу соли 2006 дар бораи падидаи сармоягузории дастаҷамъонаи интернетӣ сухан ронд. Соли 2012 ИМА ва бисёр кишварҳои дигар танзими давлатии пардохтҳоро барои лоиҳаҳои тиҷоратӣ бекор карданд. [5, с.45]. Соли 2020 дар Федератсияи Руссия қонун дар бораи краудфандинг (м. 259-ФР) ба иҷро даромад [2, с.6].

Краудфандинг ҳамеша ду тарафро дар бар мегирад:

1. Фаундер муаллифи лоиҳа ва ташкилкунандаи ҷамъоварӣ (шахси воқеӣ ё ташкилот) мебошад, ки ғоя дорад, аммо барои амалӣ кардани он маблағ намерасад.

2. Сармоягузори пуштибонӣ ё хайрияе, ки захираҳо, асосан пулро барои оғоз ё рушди лоиҳа сармоягузорӣ мекунад.

Ба унвони сипос, фаундерҳо ба бекорон барои дастгирии молиявии лоиҳа ягон мукофот пешниҳод мекунанд. Он метавонад ҳам моддӣ (тӯҳфа, бонус, маҳсулоти тайёр) ва ҳам обрӯманд бошад. Чизи асосӣ дар бораи краудфандинг ғояи ҷолиб аст. Агар он ба қадри кофӣ ҷолиб бошад, фаундер метавонад зуд пул ҷамъ кунад ва лоиҳаи худро пурра амалӣ кунад. Принсипи кори краудфандингро дар шакли алгоритми зерин тасвир кардан мумкин аст. (расм.1.).



Расми 2.Раванди краудфандинг.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Марҳилаҳои асосии краудфандинг дида мебароем:

1. Пешниҳоди идея.

2.Банақшагирии лоиҳа: тасдиқи нақша, муайян кардани платформаи интернетӣ ва ғ.;

3.Гузоштани лоиҳа дар платформаи интернетии краудфандингӣ, муайян намудани муҳлатҳо;

4.Таҳияи ҳисобот ба сармоягузорон, арзёбии натиҷаҳо.

Боз краудфандинг, ҳамчун механизми ҷалби маблағҳо метавонанд мактабҳо истифода баранд. Краудфандинг метавонад ба муаллимон дар бартараф кардани ин монеаҳо кӯмак расонад ва ба онҳо имкон диҳад, ки барои лоиҳаҳои мушаххасе, ки барномаи таълимӣ ва омӯзиши онҳоро беҳтар мекунанд, маблағ ҷамъ кунанд.

Масалан, муаллим метавонад дар чунин платформа чорабинӣ эҷод кунад Donors Choose.org, ки дар он ӯ лоиҳаи худро тавсиф мекунад, ҳадафи маблағгузорӣ мегузорад ва ашёҳои заруриро номбар мекунад. Донорҳо метавонанд лоиҳаҳоро бубинанд ва дастгирии онҳое, ки ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд, интихоб кунанд. Пас аз пурра маблағгузорӣ шудани лоиҳа, платформа ашёро ба муаллим мехарад ва мерасонад, ки баъдан метавонад лоиҳаро амалӣ кунад ва натиҷаҳоро бо донорҳо мубодила кунад.

Мисолҳои баъзе намунаҳои лоиҳаҳои бомуваффақияти синфӣ, ки аз ҳисоби краудфандинг маблағгузорӣ мешаванд, инҳоянд [6]:

- Мураббии кӯдакистон дар Ню Йорк барои харидани iPad ба шогирдонаш 1200 доллар ҷамъ оварда, ки онро барои омӯзиши саводнокӣ, математика ва малакаҳои барномасозии онҳо истифода мебурд;

- Муаллими мактаби миёна дар Калифорния 2500 доллар ҷамъ оварда, то бо шогирдонаш мошини бо нерӯи офтоб созад, ки дар онҳо дар озмуни миллӣ ширкат варзиданд.

- Муаллими мактаби миёна дар Техас 3000 доллар ҷамъ оварда, то шогирдонашро ба сайри Вашингтон барад, ки дар он ҷо онҳо дар бораи таърих, шаҳрвандӣ ва фарҳанг маълумот гирифтанд.

Ҷанбаи дигари муҳими такмили таҳсилот баланд бардоштани малака ва дониши касбии муаллимон мебошад, ки омилҳои асосии тағирот дар синф мебошанд. Краудфандинг метавонад ба муаллимон дар дастрасӣ ба имкониятҳои баландсифат ва муосири рушди касбӣ, ба монанди семинарҳо, конфронсҳо, курсҳо ё сертификатсияҳо кӯмак расонад. Масалан, муаллим метавонад дар чунин платформа чорабинӣ эҷод кунад GoFundMe.com, ки дар он ӯ ҳадафҳои касбии худ, имкониятҳоеро, ки мехоҳад амалӣ кунад ва фоидаҳоеро, ки ба талабагон ва мактаб меорад, шарҳ медиҳад. Донорҳо метавонанд чорабинии омӯзгоронро дастгирӣ кунанд ва ба онҳо дар пӯшонидани хароҷоти сафар, бақайдгирӣ, омӯзиш ё мавод кӯмак расонанд. Баъзе намунаҳои чорабиниҳои бомуваффақияти рушди муаллимон, ки аз ҳисоби краудфандинг маблағгузорӣ мешаванд, инҳоянд[6]:

- Муаллими математика аз Флорида барои иштирок дар Донишкадаи тобистонаи омӯзиши таҳқиқотӣ дар Донишгоҳи Стэнфорд 5000 доллар ҷамъ овард, ки дар он ҷо стратегияҳо ва усулҳои нави ҷалби талабагони худро ба омӯзиши математика омӯхт.
- Муаллими мусиқӣ аз Гурҷистон барои гирифтани сертификат бо Усули Кодали 6000 доллар ҷамъ овард, ки ин муносибати комплексӣ ба таҳсилоти мусиқӣ мебошад, ки ба рушди саводнокии мусиқӣ ва қобилияти эҷодӣ мусоидат мекунад.

Краудфандинг метавонад як воситаи пурқуввати маблағгузории таҳсилот бошад, зеро он метавонад дастгирии дастаҷамъӣ ва саховатмандии ҷомеаро сафарбар кунад ва ҳисси ҷомеа ва масъулиятро дар байни донорҳо ва гирандагон эҷод кунад. Аммо, краудфандинг инчунин баъзе мушкилот ва маҳдудиятҳо дорад, ба монанди:

- Рақобат ва пуршавии бозори краудфандинг, ки метавонад барои баъзе ширкатҳо фарқ кардан ва ҷалби донорҳоро душвор гардонад.
- Набудани назорати сифат ва санҷиши чорабиниҳо, ки метавонад боиси қаллобӣ, сӯиистифода ё ноумедӣ гардад.
- Вобастагӣ ва пешгӯинашавандаи хайрияҳо, ки метавонанд барои муаллимон банақшагирӣ ва нигоҳ доштани лоиҳаҳо ё рушди касбии худро душвор гардонанд.

Ҳамин тариқ, краудфандинг бояд ҳамчун манбаи иловагии маблағгузорӣ, на ҳамчун ивазкунандаи маблағгузории давлатии маориф истифода шавад. Краудфандинг инчунин бояд бо муошират возеҳ ва шаффоф, ҳисоботдиҳӣ ва арзёбии натиҷаҳо ва таъсири лоиҳаҳои маблағгузорӣ ё рушди касбӣ ҳамроҳ карда шавад. Краудфандинг метавонад стратегияи арзишманд ва инноватсионии маблағгузории таҳсилот ва баланд бардоштани сифат ва адолати таълим барои ҳама гардад.

Усулҳои инноватсионии маблағгузорӣ дар соҳаи таҳсилоти умумӣ барои беҳтар кардани сифати таълим, оптимизатсияи истифодаи захираҳо ва татбиқи технологияҳои пешрафта уфуқҳои нав мекушоянд. Ин равишҳо метавонанд на танҳо ба афзоиши маблағгузорӣ, балки ба ташкили системаи фасеҳтар ва муассири таълимӣ, ки қодир аст ниезҳои ҷомеаи муосирро қонеъ кунад, мусоидат кунанд.

АДАБИЁТ

1. Гусева Д.Е., Малыхин Н. Краудфандинг: сущность, преимущества и риски // журнал «Современна наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия «Экономика и право», - № 9-10, 2014. - http://www.nauteh-iournal.ru/index.php/ru/-ep14-09/1278-a.

2. Мотовилов О.В. Феномен краудфандинга: исследование особенностей // Вестник Санкт-Петербургского университета. Экономика. 2018. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/fenomen-kraudfandinga-issledovanie-osobennostey (дата обращения: 02.10.2024).

3. Янова Е.А., Булатова М.А., Михалевский Д.А., Уфимцева А.Ю. Краудфандинг как альтернативный источник финансирования российских высших учебных заведений // Научный журнал КубГАУ. 2015. №111. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kraudfanding-kak-alternativnyy-istochnik-finansirovaniya-rossiyskih-vysshih-uchebnyh-zavedeniy (дата обращения: 08.10.2024).

4. Gobble M. A. M. Everyone is a venture capitalist: the new age of crowdfunding // Research technology management. 2012. Vol. 55, iss. 4. P. 4-7.
5. Kuppuswamy V., Bayus B. L. Crowdfunding creative ideas: The dynamics of project backers in Kickstarter. UNC Kenan-Flagler Research Paper No. 2013-15. 2015. URL: https://ssrn.com/abstract=2234765 (дата обращения: 15.09.2024).
6. Захираи электронӣ: www.fastercapital.com/ru/content / Краудфандинговые-платформы-для-образования.-Как-краудфандинговые-платформы-меняют-образовательное-предпринимательство.html, Санаи муроҷиат: 10.10.2024.

УДК 336.7(075.8)

Файзов Н.З., Ибодов Н.С.

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМҲОИ МОЛИЯВӢ-ҚАРЗӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТ

Маводи мазкур бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва сарчашмаҳои асосии танзимкунандаи соҳаи молиявию қарзӣ таҳия гардида, асосҳои ҳуқуқӣ ва институтию иқтисодии масоили марбут ба ин равандро дар бар мегирад. Муаллиф, бо истифода аз адабиётҳои илмии соҳа ва маводи таҳлилии иқтисодӣ, нуқтаназари муҳаққиқон ва олимони соҳаиро ҷиҳати таъйину арзёбии механизмҳои молиявӣ-қарзӣ ба таври муфассал ба хонанда манзур намудааст. Ба андешаи муаллиф, масъалаи мазкур хусусияти фаврӣ ва замонавӣ дошта, таҳқиқи амиқ ва омӯзиши мақсаднокро тақозо мекунад. Дар мақола, паҳлӯҳои назариявии ташаккули механизмҳои молиявию қарзӣ, намуду шаклҳои онҳо, омилҳои таъсиргузор ба самаранокии фаъолият, инчунин нақши танзимгарии давлат дар рушди ин механизмҳо барҷаста инъикос ёфтааст. Муаллиф ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки таъсири чунин механизмҳо ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар бениҳоят муҳим буда, дар равандҳои устувори такрористеҳсол ва ҷалби сармоя нақши калидӣ мебозад. Хусусан таъкид гардидааст, ки дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодӣ, вазифаи стратегӣ ва муҳими низоми молиявию қарзӣ аз ҷустуҷӯ ва татбиқи самтҳои нави рушди механизмҳои сармоягузорӣ иборат мебошад, ки ин шарти асосии татбиқи самараноки принсипҳои иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад. Танҳо дар асоси як низоми муназзами молиявию қарзӣ, ки ба талаботи қонунҳои иқтисодӣ мутобиқат дорад, метавон ба ислоҳоти воқеӣ ва устувори иқтисодӣ ноил гардид ва сатҳи иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаро беҳтар намуд. Дар ҳамин замина, зарурати омӯзиши пайгирона ва таҳлили марҳила ба марҳилаи рушди низоми молиявию қарзӣ дар кишвар муҳим арзёбӣ шуда, худи мақола ҷавобгӯи талаботи илмӣ буда, масъалаи муҳими назариявӣ ва амалиётиро дар доираи замони муосир мавриди баррасии амиқ қарор медиҳад.

Калидвожаҳо: молия,маркетинг, қарз, пул, бонк, давлат, корхона, иқтисодиёт, рушд, хизматрасонӣ, механизмҳо, шаклҳо, такмил.

Файзов Н.З., Ибодов Н.С.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ФИНАНСОВО-КРЕДИТНЫХ МЕХАНИЗМОВ И ИХ РОЛЬ В УСТОЙЧИВОМ ЭКОНОМИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ

Материал статьи основан на нормативно-правовых актах и основных источниках, регулирующих сферу финансово-кредитных отношений, охватывая правовые, институциональные и экономические аспекты данного процесса. Автор, используя научную литературу и аналитические экономические материалы, подробно раскрывает взгляды исследователей и учёных в области оценки и определения содержания финансово-кредитных

механизмов. По мнению автора, данная проблема является актуальной и современной, требующей углублённого изучения и целенаправленного научного анализа. В статье чётко отражены теоретические аспекты формирования финансово-кредитных механизмов, их виды и формы, факторы, влияющие на эффективность функционирования, а также роль государства в их регулировании и развитии. Автор подчёркивает, что влияние таких механизмов на экономическое и социальное развитие страны является значительным и играет ключевую роль в устойчивом процессе воспроизводства и привлечения инвестиций. Особо отмечается, что в современных условиях экономического роста стратегической задачей финансово-кредитной системы является поиск и реализация новых направлений развития инвестиционных механизмов, что выступает важнейшим условием эффективного функционирования рыночной экономики. Только эффективная и упорядоченная финансово-кредитная система, соответствующая экономическим законам, может обеспечить качественные реформы и способствовать улучшению социально-экономического положения страны. В этом контексте подчёркивается важность системного и последовательного изучения этапов развития финансово-кредитной системы в стране, а сама статья отвечает научным требованиям и рассматривает актуальную и значимую теоретико-прикладную проблему с позиций современной экономической реальности.

Ключевые слова: финансы, маркетинг, кредит, деньги, банк, государство, предприятие, экономика, развитие, услуги, механизмы, формы, совершенствование

Faizov N.Z., Ibodov N.S.

IMPROVEMENT OF FINANCIAL AND CREDIT MECHANISMS AND THEIR ROLE IN SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT

The content of the article is based on regulatory legal acts and primary sources governing financial and credit relations, encompassing legal, institutional, and economic dimensions of the process. By utilizing academic literature and analytical economic data, the author thoroughly presents the viewpoints of scholars and researchers regarding the evaluation and conceptual understanding of financial and credit mechanisms. According to the author, this issue is both urgent and relevant, requiring in-depth study and targeted scientific investigation. The article clearly reflects the theoretical aspects of the formation of financial and credit mechanisms, their types and forms, the factors influencing their operational efficiency, as well as the role of the state in their regulation and development. The author stresses that such mechanisms have a substantial impact on the economic and social development of the country and play a pivotal role in the sustainable process of reproduction and investment attraction. It is particularly noted that under current conditions of economic growth, the strategic objective of the financial and credit system is to identify and implement new directions for the development of investment mechanisms, which is a key prerequisite for the effective functioning of a market economy. Only an efficient and well-structured financial and credit system, aligned with economic laws, can ensure high-quality reforms and contribute to the improvement of the country's socio-economic conditions. In this context, the importance of a systematic and consistent study of the stages of development of the financial and credit system within the country is emphasized. The article itself meets academic standards and addresses a pressing and relevant theoretical and practical issue within the framework of modern economic realities.

Keywords: finance, marketing, credit, money, bank, state, enterprise, economy, development, services, mechanisms, forms, improvement.

Сиёсати молиявии давлат татбиқи амалии худро тавассути механизмҳои молиявӣ, фишангҳои он ва ҳавасмандкунӣ амалӣ мекунад. Механизми молиявӣ ин маҷмӯи шаклҳо ва усулҳо, воситаҳо ва фишангҳои таъсир ба рушди иқтисодии ҷомеа дар раванди татбиқи тақсим ва муносибатҳои молиявии навтаъсис мебошад.

Вазифаи асосии низоми молиявӣ-қарзии кишвар дар марҳилаи кунунии рушд ин ҷустуҷӯи самтҳои рушди механизмҳои сармоягузорӣ барои амалисозии принсипҳои рақобатпазирии

иқтисоди бозорӣ дар амалияи молиявӣ ва қарзӣ мебошад. Танҳо низоми самараноки молиявӣ-қарзӣ, ки ба талаботҳои қонунҳои иқтисодӣ ҷавобгӯ аст, имкон медиҳад, ки ислоҳоти босифати иқтисодиётро ба даст оварад, ки ба беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Дар ин росто, омӯзиш ва таҳлили низоми молиявӣ-қарзӣ дар ҳамаи марҳилаҳои рушди он дар кишвари мо масъалаи воқеӣ мубрам аст.

Давраи гузариш дар иқтисодиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он, таъсиси муассисаҳои молиявии зарурӣ барои рушди минбаъдаи муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ зарур аст. Молия ва қарз ба рушди нерӯи истеҳсолкунанда, ба ташаккул додани манбаъҳои сармоягузорӣ барои тавсеаи такрорӣ дар асоси дастовардҳои пешрафти илмию технологӣ мусоидат мекунад. Низоми молиявӣ-қарзӣ барои ташаккулёбии босуръат ва мутамаркази корхонаҳо дар иқтисодиёти бозорӣ, ҷорӣ намудани навъҳои нави тиҷорат дар дохили кишвар ва дар фазои иқтисодии беруна зарур аст.

Механизми молиявӣ-қарзӣ маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои ташкили муносибатҳои молиявиро дар бар мегирад, ки ҷомеа барои таъмини рушди устувор ва мутавозини иқтисодиёт мавриди истифода қарор медиҳад. Ин механизм шаклҳо, усулҳо ва намудҳои гуногуни танзими равандҳои молиявию қарзиро дар бар гирифта, воситаҳои муайян кардани ҳаҷм ва самтҳои ҷараёнҳои молиявиро фаро мегирад.

Механизми мазкур дорои сохтори мураккаб мебошад, ки унсурҳои онро муносибатҳои мухталифи молиявӣ ташкил медиҳанд. Дар робита ба афзоиши ҳаҷм ва гуногуншаклии ин муносибатҳо, истифодаи унсурҳои иловагӣ зарур мегардад, аз ҷумла - банақшагирӣ ва пешбинии молиявӣ, инчунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки танзими ин равандҳоро ба роҳ мемонанд. Илова бар ин, татбиқи самараноки шаклҳо, усулҳо ва намудҳои муносибатҳои молиявӣ-қарзӣ нақши муҳим мебозад.

Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати иқтисодӣ, ниёзи ҷиддӣ ба дарки амиқ (моҳият)-и молия, омӯхтани хусусиятҳои амалкарди он ва истифодаи самараноки воситаҳои молиявӣ ҳамчун омилҳои калидии таҳкими истеҳсолоти иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодӣ беш аз пеш муҳим мегардад.

Дар ин замина, зикри як қатор унсурҳои муҳими механизми молиявӣ-қарзӣ ба мақсад мувофиқ аст, аз ҷумла:

Ø таҳкими абзорҳои таъсиррасонӣ ва баланд бардоштани самаранокии онҳо, пеш аз ҳама дар соҳаи танзими меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори байнибонкӣ ва пайгирии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ;

Ø густариши қобилияти таҳлили пешакӣ ва моделсозии динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ бо мақсади асосноксозии сиёсати пулию қарзӣ;

Ø татбиқи стратегияи равшану мушаххаси иттилоотӣ, ки таъминкунандаи шаффофият дар фаъолияти сохторҳои молиявӣ ва интиқоли мунтазами иттилоот ба бозор мебошад;

Ø таҳкими истиқлолияти институтсионалӣ, молиявӣ ва амалиётии сохторҳои калидии низоми молиявӣ бо ҳадафи баланд бардоштани эътимод ва устувории фаъолияти онҳо.

Муҳим аст таъкид гардад, ки низоми молиявӣ-қарзӣ ҳамчун як маҷмӯи муташаккили унсурҳо ду зернизоми ба ҳам пайвандро дар бар мегирад - низоми молиявӣ ва низоми қарзӣ, ки ҳар кадом дорои вазифа ва самтгирии функсионалии мушаххас буда, дар якҷоягӣ ба амалӣ намудани сиёсати муассири иқтисодӣ ва таъмин намудани суботи макроиқтисодӣ саҳми назаррас мегузоранд.

Пояи асосии низоми молиявӣ категорияи иқтисодии пул буда, зернизоми қарзӣ бошад бар асоси муносибатҳои қарзии иқтисодӣ фаъолият мекунад. Низоми муосири молиявӣ-қарзӣ бо тақсими равшани вазифаҳо байни сохторҳои мухталифи молиявӣ хос мегардад. Аз ҷумла, вазифаи эмиссияи пулӣ (бароришипул) ба зиммаи бонкҳои марказӣ гузошта шудааст, дар ҳоле ки амалиётҳои қарзӣ бештар тавассути муассисаҳои қарзии тиҷоратӣ амалӣ мегарданд.

Дар ҳар як кишвар, низоми иқтисодӣ ба расидан ба як қатор ҳадафҳои стратегӣ равона шудааст, аз қабили таъмини рушди устувор ва фарогири иқтисоди миллӣ, баланд бардоштани

сатҳи шуғли аҳолӣ, нигоҳ доштани суботи умумии нархҳо, тақсими адолатмандонаи даромад ва мувозинати самарабахши тавозуни тиҷорати хориҷӣ.

Бо мақсади расидан ба ин ҳадафҳо, давлат сиёсати иқтисодиро ҳамчун маҷмӯи абзорҳо ва тадбирҳои танзимии иқтисодӣ истифода мебарад, ки тавассути захираҳои мавҷудаи давлатӣ амалӣ мегарданд. Ба ин гурӯҳи сиёсатҳо чунин самтҳо дохил мешаванд: сиёсати пулӣ (монетарӣ), сиёсати молиявӣ (фискалӣ), сиёсати қарзӣ, сиёсати танзими даромад ва сиёсати иқтисодии хориҷӣ.

Дар шароити муосири тағйирёбии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои нави макроиқтисодӣ, нақши калидии танзими давлатӣ ба зиммаи сиёсати молиявию қарзӣ вогузор мешавад, ки онҳо ҳамчун абзорҳои стратегӣ дар таъмини устуворӣ, рушди инноватсионӣ ва нигоҳдории тавозуни иқтисодӣ хидмат мекунанд.

Сиёсати молиявӣ-қарзӣ (пулӣ) яке аз воситаҳои асосии танзими иқтисодиёт мебошад. «Ин мафҳум ҳамчун маҷмӯи чораҳое, ки аз ҷониби ҳукумат дар соҳаи иқтисодиёт бо мақсади ба танзим даровардани он фаҳмида мешавад» [4, с.330]. Бонки марказӣ яке аз институти муҳим ва бунёдии низоми молиявӣ-қарзии ҳар як давлат ба шумор меравад, ки татбиқи сиёсати молиявӣ ва пулиро ба таври мустақим ба зимма дорад. Он ҳамчун танзимгари асосии бозори пул, эмиссия ва суботи нархҳо амал карда, инчунин ба танзими ҳаҷми гардиши пул, устувории қурби пули миллӣ ва назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат менамояд.

Номи ин муассиса дар кишварҳои гуногун ба шаклҳои мухталиф ифода меёбад, ки аз хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва анъанаҳои сиёсати иқтисодии миллӣ вобаста мебошад. Дар баъзе кишварҳо он бо номи "бонкҳои марказӣ" маъруф аст, дар дигарҳо – ҳамчун "бонкҳои мардумӣ", "бонкҳои давлатӣ", "бонкҳои эмиссионӣ" ё "бонкҳои захиравӣ" шинохта мешаванд.

Дар радифи чунин сохторҳо метавон Бонки марказии Федератсияи Русия, Бонки Англия, Бонки федералии Олмон, Бонки мардумии Чин, Бонки Ҷопон, Бонки Миллии Ҷумҳурии Беларус ва Бонки Миллии Украинаро номбар кард. Ҳар яке аз ин муассисаҳо бо назардошти меъёрҳои миллии ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои макроиқтисодии худ, сиёсати махсуси монетариро пеш бурда, суботи молиявии дохилиро таъмин менамояд.

Ҳамзамон, дар баъзе давлатҳо, сохтори бонки марказӣ на ба як муассисаи ягона, балки ба шабакаи муттаҳидшудаи бонкҳо асос ёфтааст. Мисоли равшан ин Низоми федералии захиравии ИМА мебошад, ки аз 12 бонки минтақавӣ ва Шӯрои миллии Губернаторон (Board of Governors) иборат буда, ҳамчун як механизми мутамаркази банақшагирии сиёсати пулӣ ва қарзӣ амал мекунад. Ин сохтор дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад, ки онро аз бонкҳои марказии анъанавӣ фарқ мекунонанд, аз ҷумла принсипи нисбии истиқлолият ва саҳмдории давлат ва бахши хусусӣ.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисод ва бо назардошти зиёд шудани ноустувориҳои молиявӣ, нақши бонкҳои марказӣ дар таъмини суботи макроиқтисодӣ ва танзими бозорҳои молиявӣ бештар мегардад. Аз ин лиҳоз, таҳкими мустақилияти институтсионалӣ, шаффофияти сиёсати монетарӣ ва ҳамоҳангсозии байналмилалӣ дар фаъолияти чунин муассисаҳо аҳамияти стратегӣ касб мекунад.

Тавассути татбиқи самараноки сиёсати молиявӣ ва қарзӣ, давлат қобилияти таъсиргузорӣ ба равандҳои асосии макроиқтисодиро ба даст меорад, ки ин имкон медиҳад паёмадҳои манфии сустшавии фаъолиятҳои иқтисодӣ коҳиш ёбанд ва раванди афзоиши устувори иқтисодӣ фаъол гардонда шавад.

Ҳадафи марказии ин намуди сиёсати иқтисодӣ аз он иборат аст, ки шароити мусоид барои расидан ба ҳаҷми умумии истеҳсолот таъмин карда шавад, ки он бо сатҳи баланди шуғли аҳолӣ ва суботи нисбии сатҳи нархҳо тавсиф мешавад. «Сиёсати молиявию қарзӣ бо тағирёбии пешниҳоди қарзӣ (пулӣ), бо мақсади устувор кардани ҳаҷми умумии истеҳсолот, шуғл ва сатҳи нарх фаҳмида мешавад» [5, с.325]. Таъмини захираҳои қарзӣ дар иқтисоди миллӣ тавассути фаъолияти сохторҳои бонкӣ, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба монанди ширкатҳои суғуртавӣ, фондҳои сармоягузорӣ, муассисаҳои нафақавӣ ва дигар ниҳодҳои молиявӣ ба роҳ монда мешавад.

Танзими ин равандҳо ба таври мустақим аз тағйирёбии ҳаҷми пул дар гардиш вобаста буда, сиёсати молиявию қарзӣ метавонад хусусияти ҳавасмандкунанда ё маҳдудкунанда дошта бошад.

Сиёсати молиявию қарзии ҳавасмандкунанда ба васеъ намудани дастрасӣ ба қарз равона шудааст, ки тавассути афзоиши пешниҳоди қарзӣ ва паст кардани меъёрҳои фоизӣ ҳадафи дастгирии фаъолияти сармоягузорӣ ва истеъмолиро дар шароити рукуди иқтисодӣ амалӣ мекунад.

Баръакс, сиёсати маҳдудкунандаи молиявию қарзӣ дар шароити афзоиши таваррум татбиқ шуда, ба коҳиш додани ҳаҷми пешниҳоди пул ва қарз бо мақсади нигоҳ доштани суботи нархҳо ва фишорҳои инфлясионӣ равона мегардад.

Молия ҳамчун абзори стратегии давлат ва ҳукумат барои таъсиррасонӣ ба равандҳои такрористеҳсол ва ҳамоҳангсозии макроиқтисод бо микроиқтисод хидмат мекунад. Нақши давлат дар идоракунии ин равандҳо тавассути татбиқи самараноки сиёсати молиявию қарзӣ, инчунин ба кор гирифтани механизмҳои молиявие, ки шаклҳо, намудҳо ва усулҳои танзими муносибатҳои молиявиро дар бар мегиранд, амалӣ карда мешавад.

Механизмҳои молиявию қарзӣ дорои сохтори мураттаб ва таркибии мушаххас буда, ҳамчун воситаи татбиқи амалии стратегия ва тадбирҳои сиёсати молиявию қарзии давлат баромад мекунанд. «Сохти таркибии механизмҳои молиявӣ-қарзӣ аз элементҳои алоҳидаи бо ҳам зич алоқаманд иборат буда, унсурҳои зиёде, ба монанди усулҳои молиявӣ, фишангҳои молиявӣ, таъминоти ҳуқуқӣ, таъминоти меъёрӣ ва таъминоти итилоотиро дар бар мегиранд» [6, с.304].

Усулҳои молиявӣ ҳамчун унсури муҳими таркибии механизми молиявӣ баромад мекунанд ва татбиқи самараноки онҳо шароити мусоидро барои амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсати молиявии давлат фароҳам месозанд. Ба ин усулҳо метавон чунин абзорҳоро шомил кард: банақшагирии молиявӣ, ҷалби сармоя, амалиётҳои қарзӣ, худмаблағгузорӣ, таҳияи пешбиниҳои молиявӣ, механизмҳои дастгирии молиявӣ, шаклҳои ҳисоббаробаркунӣ, амнияти суғуртавӣ, амалиётҳои трастӣ ва дигар воситаҳои муосир.

Фишангҳои молиявӣ низ ҳамчун ҷузъи бунёдии ин механизм ба шумор мераванд ва онҳо дар танзими муносибатҳои молиявӣ нақши муҳимеро иҷро мекунанд. Ба ин фишангҳо дохил мешаванд: манбаъҳои даромад, фоидаи молиявӣ, истеҳлок, ҷаримаҳои молиявӣ (санксияҳо), нархгузорӣ, иҷорапулӣ, дивидендҳо, меъёрҳои фоизӣ, фондҳои мақсадноки иқтисодӣ, саҳмияҳои иштирокчиён ва дигар василаҳое, ки дар амалӣ намудани сиёсат ва идоракунии молиявӣ муҳиманд.

Ҷузъи муҳими дигаре, ки механизмҳои молиявиро пурра мегардонад, таъминоти ҳуқуқӣ мебошад. Он маҷмӯи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва санадҳои расмиро дар бар мегирад, ки асоси ҳуқуқии фаъолияти молиявиро ташкил медиҳанд. Ба ин ҳуҷҷатҳо дохил мешаванд: қонунҳои қабулгардида, фармонҳои Президенти кишвар, қарорҳои Ҳукумат, дастурамалҳо ва мактубҳои расмии вазоратҳо ва дигар мақомоти марбута, инчунин оиннома ва ҳуҷҷатҳои таъсисии субъектҳои ҳуқуқӣ.

Механизми молиявӣ танҳо дар ҳолате самаранок метавонад амал намояд, ки он бо низоми мувофиқи таъминоти меъёрӣ муҷаҳҳаз бошад. Меъёрҳои молиявӣ тавассути дастурамалҳо, стандартҳо, нормҳо, нишондодҳои методологӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои танзимкунанда ҷорӣ ва дар фаъолияти молиявӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Сиёсати молиявӣ вобаста ба доираи фарогирӣ ва муҳлати татбиқ ба ду шакл ҷудо мешавад: сиёсати молиявии ҷорӣ, ки масъалаҳои фаврии идоракунии молияро ҳал мекунад, ва сиёсати молиявии дурнамо (ояндабинӣ), ки ба танзими равандҳои стратегӣ равона шудааст.

Дар навбати худ, амалисозии сиёсати молиявӣ вобаста ба миқёси таъсир ва вазифаҳои дар пешгузошташуда, аз ду ҷанбаи ба ҳам алоқаманд – стратегия ва тактика вобаста мебошад. Стратегияи молиявӣ самтҳои дарозмуддат ва бунёдии рушдро муайян мекунад, дар ҳоле ки тактика – маҷмӯи тадбирҳои оперативиро фаро мегирад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии муайяншуда амалӣ мегарданд.

Ба ғайр аз механизмҳои молиявӣ стратегия ва тактика ду паҳлӯи ба ҳам алоқамандгардонии сиёсати молиявӣ вуҷуд дорад. «Тактика ва стратегия дар иқтисодиёт танҳо дар якҷоягӣ вуҷуд

дошта метавонанд. Маънои оддии стратегия - санъат аст. Стратегияи молиявӣ сиёсати дарозмуддатест, ки ба ҳалли масъалаҳои муҳиму бузурги дар пешистода равона шудааст» [7, с. 450].

Механизми молиявӣ-қарзӣ фаъолияти худро дар асоси ташаккул, тақсим ва истифодаи самараноки фондҳои пулӣ ба роҳ мемонад. Ин раванд бо ҷалби манбаъҳои гуногуни маблағгузорӣ ва ба таври муташаккил танзим намудани гардиши маблағ дар ҳамаи сатҳҳои низоми иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Бо дарназардошти гуногуншаклии соҳаҳо ва хусусиятҳои муносибатҳои молиявӣ, механизми молиявӣ-қарзӣ дорои сохторҳои функсионалии алоҳида мебошад, ки вобаста ба навъи субъектҳои хоҷагидорӣ метавон онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намуд:

– механизми молиявӣ-қарзии корхонаҳои тиҷоратӣ ва субъектҳои соҳибкории хусусӣ, ки ба танзими сармоягузорӣ, маблағгузорӣ ва гардиши дохилии маблағҳо машғуланд;

– механизми молиявии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ, ки фаъолияти онҳо ба дастгирии иҷтимоӣ, таълим, тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ғайритиҷоратӣ равона шудааст;

– механизми молиявии соҳаи суғурта, ки ба ташкили муҳофизати молиявии субъектҳо аз хатарҳо ва зарарҳои эҳтимолӣ тавассути фондҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд;

– механизми молиявии давлатӣ, ки воситаҳои асосии онро буҷаи давлатӣ, андозбандӣ, хароҷоти буҷетӣ ва дигар воситаҳои молиявии ҷамъиятӣ ташкил медиҳанд ва ҳадаф аз онҳо таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ мебошад.

Ин тақсимбандӣ имконият медиҳад, ки вазифа ва нақши ҳар як бахши механизм дар раванди умумии танзими молиявӣ дақиқтар муайян гардида, самаранокии сиёсати молиявӣ-қарзӣ таъмин карда шавад.

Самаранокии фаъолияти механизми молиявӣ-қарзӣ дар асоси ҳамоҳангсозии унсурҳои калидии он таъмин мегардад. Ҳар яке аз ин унсурҳо дорои аҳамияти стратегӣ буда, дар ташаккули низоми самараноки молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатии молиявию қарзӣ саҳми муайян мегузорад. Ба чунин унсурҳои асосӣ метавон инҳоро дохил намуд:

Танзими ҳуқуқӣ. Ин унсур ҳамчун пояи ҳуқуқии ташкили фаъолияти молиявии мақомоти давлатӣ баромад мекунад. Танзими ҳуқуқӣ дар асоси таҳия ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Кодекси андоз, Қонуни буҷет, дастурамалҳо ва ҳуҷҷатҳои танзимии вазорату идораҳои дахлдор сурат мегирад. Мақомотҳои давлатӣ, бо истифода аз абзорҳои гуногуни механизмҳои молиявию қарзӣ, кӯшиш менамоянд, ки вазифаҳои тактикӣ ва стратегиро дар доираи сиёсати молиявӣ амалӣ созанд. Ҳар тағйир дар сохтори механизми молиявӣ, аз ҷумла шакли танзими он, тавассути таҳрир ва мукаммалсозии қоидаҳои дахлдори қонунгузории молиявӣ амалӣ мегардад, ки ба танзими мушаххаси фаъолияти сохторҳои низом равона шудааст.

Банақшагирии молиявӣ. Ин унсур тамоми равандҳои пешакӣ муайян намудани самтҳои истифодаи захираҳои молиявиро дар бар мегирад. Банақшагирӣ на танҳо барои субъектҳои хоҷагидорӣ, балки барои давлат низ аҳамияти калидӣ дорад. Натиҷаи он таҳияи нақшаҳои молиявӣ, пешгӯиҳои иқтисодӣ ва барномаҳои сармоягузорӣ мебошад. Дар муҳити соҳибкорӣ, банақшагирии молиявӣ бояд бо ҳисобкунии тиҷоратӣ ҳамоҳанг бошад, ҳарчанд дар амал ҳолатҳое рух медиҳанд, ки ин ду раванд ба таври комил мувофиқ нестанд. Бо вуҷуди ин, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ, татбиқи моделҳои комплексии банақшагирӣ бо таҳияи барномаҳои муфассал, таҳлили ниёзҳои бозор, арзёбии рақобат ва потенсиали дохилии молиявии ширкатҳо ҳамчун таҷрибаи муқаррарӣ шинохта шудааст. Дар бахши сармоягузорӣ, оғози ҳар гуна лоиҳа бидуни таҳияи нақшаи боэътимоди молиявӣ ғайриимкон аст.

Назорати молиявӣ. Назорат ҳамчун механизми баррасӣ ва санҷиши истифодаи мақсадноки захираҳои молиявӣ баромад мекунад. Он маҷмӯи тадбирҳо ва расмиёти ташкилиро дар бар мегирад, ки ба мониторинг ва таҳлили фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва идоракунии давлатӣ равона шудаанд. Объекти асосии назорати молиявӣ равандҳои ташаккул, тақсим ва истифодаи захираҳои молиявӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ ва бахшҳои иқтисодӣ мебошад. Ин назорат имконият медиҳад, ки сари вақт камбудиҳо ошкор ва чораҳои ислоҳӣ андешида шаванд.

Ҳар як унсури механизми молиявӣ дар раванди фаъолияти худ ба маҷмӯи воситаҳо ва абзорҳое такя мекунад, ки барои ба роҳ мондани муносибатҳои молиявӣ аҳамияти калидӣ доранд. Аз ҷумла, амалиёти унсурҳои мазкур асосан тавассути истифодаи нишондиҳандаҳои молиявӣ, меъёрҳои ҳисобӣ ва стандартҳои танзимкунандаи соҳа ба амал бароварда мешавад.

Нишондиҳандаҳои молиявӣ ҳамчун абзори ташхиси ҳолати молиявии субъектҳо ва арзёбии самаранокии фаъолияти онҳо баромад мекунанд. Меъёрҳо ва стандартҳои молиявӣ бошад, доираи иҷозатдодашудаи истифодаи захираҳои молиявиро муайян намуда, ба танзими дақиқи равандҳои ташкил, тақсим ва истифодаи фондҳои пулӣ мусоидат менамоянд.

Ин санадҳо ва нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ, ҷузъи низоми умумии назорат ва банақшагирии молиявӣ маҳсуб ёфта, ба ташкили шароити устувори молиявӣ ва татбиқи сиёсати давлатии молиявию қарзӣ дар ҳамаи сатҳҳои низом кумак мерасонанд. Ба шарофати татбиқи ин абзорҳо, давлат ва дигар субъектҳои иқтисодӣ метавонанд хавфҳоро коҳиш дода, қарори асоснок қабул намоянд ва фаъолияти молиявиро дар доираи қонунгузорӣ ва ҳадафҳои стратегӣ ба роҳ монанд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон”, аз 28 июни соли 2011, №722
2. Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018. Бонки миллии Тоҷикистон. –С.3
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”. Аз 14.05.2016 с., №1316
4. Плотницкий М.И., Лобкович Э.И. – Макроэкономика: учеб. пособие / под ред. М.И. Плотницкого, /М.И. Плотницкий, Э.И. Лобкович. –2-е изд., стер. - М.: Новое знание, 2004. – С.323 – 335.
5. Макконнелл К.Р., Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика: учеб. пособие / под ред. В.С. Автономова. / К.Р. Макконел, С.Л. Брю. – М.: ИНФРА-М, 2006. - С. 324
6. Оймаҳмадов Г.Н. «Молия». / Г.Н. Оймаҳмадов. Нодир, Душанбе 2005. -304с.
7. Раҳимзода Ш. «Муомилоти пулӣ ва қарз». / Ш. Раҳимзода. ЭР-граф, Душанбе 2008. - 450с.

УДК 338.439

Фатҳуллозода А.Ф., Раънои Нуралӣ

ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ КЛАСТЕРҲОИ ИННОВАТСИОНИИ АГРОСАНОАТӢ ДАР МОИ «КӮЛОБ»

Ташаккул ва рушди кластерҳои инноватсиони агросаноатӣ дар минтақаҳо яке аз роҳҳои муҳими беҳбудии таъминоти аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутаносиби иқтисод, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва тавсеаи раванди рушди устувори иқтисоди миллӣ мебошад. Дар мақола масъалаҳои мукаммалгардонии механизми танзими давлатии ташкили кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ дар МОИ Кӯлоби вилояти Хатлон баррасӣ гардидааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ташкили кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ таҳқиқ шудаанд. Тамоюл ва омилҳои асосии ташкили кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ дар низоми минтақа аз ҷониби муаллифон мавриди тадқиқ, омӯзиш ва хулосабарорӣ қарор гирифтааст. Муаллифон қайд мекунанд, ки бо вуҷуди камбудиҳо замина ва имкониятҳо

низ ҷиҳати ташакили кластерҳои инноватсиони агросаноатӣ дар МОИ Кӯлоб назаррас мебошанд. Аз ҷумла, мавҷудияти донишгоҳу донишкадаҳо, захираҳои фаровони заминҳои обӣ, инчунин ҷойгиршавии муфиди ҷуғрофии МОИ Кӯлоб, метавонад онро ба як минтақаи муносиб ҷиҳати ташкили кластерҳои инноватсиони агросаноатӣ табдил диҳад.

Калидвожаҳо: кластер, заминаҳо, имкониятҳо, такмили механизм, МОИ Кӯлоб, кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ, соҳаи саноат, КАС.

Фатхуллозода А.Ф., Раънои Нурали

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ МЕХАНИЗМА ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННЫХ АГРОПРОМЫШЛЕННЫХ КЛАСТЕРОВ В СЭЗ «КУЛЯБ»

Формирование и развитие инновационных агропромышленных кластеров в регионах является одним из важных направлений улучшения обеспечения населения страны материальными благами, сбалансированного развития экономики, повышения конкурентоспособности национальной экономики и расширения процесса устойчивого развития национальной экономики. В статье рассматриваются вопросы совершенствования механизма государственного регулирования формирования инновационных агропромышленных кластеров в СЭЗ «Куляб» Хатлонской области. Исследованы теоретические и практические аспекты формирования инновационных агропромышленных кластеров. Авторами изучены, изучены и сделаны выводы основных тенденций и факторов формирования инновационных агропромышленных кластеров в региональной системе. Авторы отмечают, что несмотря на имеющиеся недостатки, основа и возможности для формирования инновационных агропромышленных кластеров в СЭЗ «Куляб» также значительны. В частности, наличие университетов и институтов, обилием орошаемых земель, а также выгодное географическое положение СЭЗ «Куляб» могут сделать её подходящим регионом для формирования инновационных агропромышленных кластеров.

Ключевые слова: кластер, предпосылки, возможности, совершенствование механизма, СЭЗ «Куляб», инновационные агропромышленные кластеры, промышленность, КАС

Fathullozoda A.F., Ranoi Nurali

IMPROVEMENT OF THE MECHANISM OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF INNOVATIVE AGRO-INDUSTRIAL CLUSTERS IN THE FEZ "KULOB"

The formation and development of innovative agro-industrial clusters in the regions is a key area for improving the country's population's material well-being, achieving balanced economic development, enhancing the competitiveness of the national economy, and expanding the process of sustainable economic development. This article examines the improvement of the state regulation mechanism for the formation of innovative agro-industrial clusters in the Kulob FEZ in Khatlon Region. The theoretical and practical aspects of the formation of innovative agro-industrial clusters are explored. The authors examine, analyze, and draw conclusions about the main trends and factors in the formation of innovative agro-industrial clusters in the regional system. The authors note that despite existing shortcomings, the foundation and potential for the formation of innovative agro-industrial clusters in the Kulob FEZ are also significant. In particular, the presence of universities and institutes, an abundance of irrigated land, and the favorable geographical location of the Kulob FEZ may make it a suitable region for the formation of innovative agro-industrial clusters.

Key words: cluster, prerequisites, opportunities, improvement of the mechanism, Kulob SEZ, innovative agro-industrial clusters, industry, AIC

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун кишвари агросаноатӣ миёни давлатҳои ховари миёна эътироф гардидааст, соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллии он маҳсуб меёбад. Саҳми соҳаи мазкур дар иқтисодиёти мамлакат пеш аз ҳама, дар парвариш ва истеҳсоли маҳсулоти аввалияи соҳа, ҷамъоварии маҳсул ва пешниҳод кардани онҳо ба мардуми кишвар ва кишварҳои хориҷ зоҳир мегардад. Рушди бемайлони соҳаи кишоварзӣ ва саноати аграрӣ омили муҳими суботи иқтисодӣ буда, ба рушди устувори мамлакат ва таҳкими мақоми он дар бозори ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Мушкилотҳои дар соҳаи саноат ҷойдошта тайи солҳои охир муҳаққиқону коршиносони ватанӣ ва хориҷии соҳаи иқтисодро водор намудаанд, ки ба таҳқиқи тамоюл ва омилҳои қафомонии истеҳсолоти ватанӣ дар шароити босуръат пешрафт кардани саноати ҳамсоякишварҳо, зиёд шудани даромаднокии аҳолии кишвар таваҷҷӯҳи ками соҳибкорони кишвар барои ташкили истеҳсолот, бунёди корхонаҳо ё ин ки кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ, таваҷҷӯҳи бештар ба воридоти молу маҳсулот аз хориҷи мамлакат зоҳир менамоянд. Саҳми муҳаққиқони ватанӣ дар ин самти пажуҳиш Мадаминов А.А. [6], Маҳмадиев Ф. [7], ва дигарон назаррас аст.



Расми 1. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, солҳои 2018-2023 (млн.сомонӣ)

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, с.116-118].

Кластер – мафҳумест, ки дар асоси назарияи иқтисодии рақобат омода гардидааст. Ба ақидаи асосгузори равиши кластерӣ М.Ю.Портер, кластерҳо як гурӯҳи ширкатҳоеро ном мебаранд, ки дар як минтақа фаъолият менамоянд ва бо ҳам рақобату ҳамкорӣ менамоянд. Хислати асосии кластер ин ҳамоҳангии амалиёт ва мубодилаи доимии иттилоот, таҷриба ва технология мебошад [15]. Дар соҳаи кишоварзӣ чунин якҷояшавӣ метавонад, тамоми занҷираи арзишро – аз тавлид то фурӯш – фаро гирифта, хамзамон боиси афзоиши самаранокӣ ва ворид намудани технологияҳои нав гардад [14].

МОИ Кӯлоб ҳамчун як заминаи рушдёбанда, дорои имкониятҳои назаррас баҳри татбиқи кластерҳои агросаноатӣ мебошад. Аммо оё шароити воқеии мавҷуда имкон медиҳад, ки чунин ҳадафҳо татбиқ шаванд.

Тибқи маълумотҳои сарчашмаҳои расмӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давоми солҳои 2018-2023 тамолюли рушдёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ба чашм расида, дар соли 2023 ин нишондиҳанда 12413,5 млн сомониро ташкил дод, ки дар қиёс бо соли 2018 ба 3425,2 млн сомонӣ ва ё ин ки 38,1 фисад зиёд мебошад. Дар низоми сохтори ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ҳиссаи соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ мутаносибан 63,5 % ва 36,5% -ро ташкил медиҳад [10, с.116-118].

Маврид ба зикр аст, ки МОИ Кӯлоб ҳамчун фазои муносиби ҳуқуқӣ ва майдони иқтисодии калидии минтақаи ҷанубии мамлакат ба маҳсуб меёбад. Бо назардошти мавҷуд будани заминаҳои табиӣ ва меҳнатии кофӣ, равиши кластерии саноат ҳанӯз дар марҳилаи ибтидо қарор дорад. Дар натиҷаи пажуҳиш маълум гардид, кимонеаҳои асосии рушди кластерҳо дар ин минтақа инҳоянд:

- нарасидани инфрасохтори муосир (ба монанди сардхонаҳо ва нуқтаҳои нигоҳдории маҳсулот);

- ба қадри кофӣ ва ё умуман набудани интегратсия ё худ муттаҳидии илм бо истеҳсолот, масалан ҳамкорӣ миёни соҳибкорон ва муассисаҳову марказҳои илмӣ;

- роҳандозии дастгириҳои давлатӣ, аз ҷумлаи: имтиёзҳо, грантҳо ва дастгириҳои ҳуқуқӣ.

Аслан барои таъсиси кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ замина ва имкониятҳои минтақа мавқеи хос дорад. Заминаи муҳимтарине, ки дар минтақа алҳол мавҷуд аст, ин истеҳсолоти васеи навъҳои мухталифи маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ аст, ки аз рӯи ин нишондиҳанда минтақаи Кӯлоб на танҳо дар вилояти Хатлон, балки дар ҷумҳурӣ мавқеи хосаро касб намудааст (ниг. ҷадвали 1).

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки дар соли 1997 ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ 22948 ҳазор сомонӣ ва дар соли 2023 бошад, 1068956,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки1046008,4 ҳазор ё 45,57 маротиба зиёд гардидааст. Аз ин маълум мегардад, ки соҳаи мазкур тамоюл ба афзоиш дорад.

Ҷадвали 1.

Динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Кӯлоб дар солҳои 1997 – 2023 (ҳазор сомонӣ)

Солҳо	Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ	аз он ҷумла:		Солҳо	Ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ	аз он ҷумла:	
		Растани парварӣ	Чорво-дорӣ			Растани-парварӣ	Чорво-дорӣ
1997	22948	19230	3718	**2011**	221102	137318	83784
1998	18084	14268	3816	**2012**	239522	148452,3	91070
1999	22918	19014	3904	**2013**	262564	164200,3	98364
2000	112880	73762	3918	**2014**	372106	248331	12377
2001	27056	23102	3954	**2015**	395849	260017	135832
2002	30173	25381	4792	**2016**	403114,7	260159,5	142955,2
2003	34750	28224	6526	**2017**	423711,3	270759,7	152951,6
2004	41566	33812	7754	**2018**	439790,8	281575,8	158214,9
2005	161258	105375	55883	**2019**	462434,2	307094,7	155339,5
2006	151745	95324	56421	**2020**	533623,7	357361,1	176262,6
2007	163166	102498	60668	**2021**	663545,0	471781,8	191763,2
2008	175685	110451	65234	**2022**	810002,2	524975,7	285026,5
2009	189163	125619	70907	**2023**	1068956,4	688498,3	380458,1
2010	203401	134496	76244				

Сарчашма: Нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб дар 33 - соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Омори солонаи шаҳри Кӯлоб дар солҳои 1992-2024. С.36.

Таҳлилҳо муайян намуданд, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор заминаву санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати таъсиси кластерҳо ё ин ки ташаккули кластерҳои инноватсионӣ дар бахшҳои гуногун алалхусус соҳаи КАС, нокофӣ буда, мукаммалгардонӣ ва таҳияи дурнамо ва платформаҳои навро дар самти мазкур талаб менамояд. Санадҳои зерин далели ин гуфтаҳоянд:

- Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда барои солҳои 2016-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №503);
- Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;
- Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №144);
- Барномаи ислоҳоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №383);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2020, №566.

Аммо мутаасифона заминаҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида барои дар шакли мукаммал таъсис додани фаъолияти кластерҳои инноватсионии соҳаи аграрӣ дар манотиқи ҷумҳурӣ кифоят намекунанд, зеро онҳо ҳамаи ҷанбаҳои масоили таҳқиқшавандаро наметавонад, дар бар гирад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккул ва рушди МОИ аз аввали ба даст овардани истиқлолияти миллӣ дар маҷмӯъ санадҳои меъёрию ҳуқуқии зерин қабул гардидаанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 17.05.2004, №24);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи оид ба ташкили МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 05.03.2008, №103);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси МОИ «Панҷ ва Суғд» (аз 02.05.2008, №227); Низомномаҳои МОИ «Панҷ ва Суғд» (қарорҳои МНМО ҶТ аз 29.10.2008, №1146 ва 1147);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси МОИ «Ишкошим ва Данғара» (аз 20.02.2009, №74); Низомномаҳои МОИ «Ишкошим ва Данғара» (қарорҳои МНМО ҶТ аз 20.01.2010, №1545 ва №2010);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии «Дар бораи МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав (аз 25.03.2011, №700);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси фонди ҷумҳуриявии рушди МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 08.10.2012, №565);
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси шурои нозирон оид ба масъалаҳои МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 30.12.2014, №664).
- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси МОИ «Кӯлоб» (аз 01.03.2019, №97).

Маврид ба зикр аст, ки заминаҳову санадҳои меъёрию ҳуқуқии зикргардида имконоти ташкилию ҳуқуқии фаъолияти МОИ-ро дар манотиқи мамлакат мушаххас менамояд ва ба инкишофи иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Дар ҳудуди вилояти Хатлон минтақаи Кӯлоб яке аз минтақаҳое мебошад, ки аз лиҳози иқтисодӣ-иҷтимоӣ то андозае рушди мутавозин дошта, дар вилоят бо нерӯи баланди инфрасохторӣ ва манобеъи истеҳсолии агросаноатӣ эътироф гардидааст. Аммо боиси нигаронӣ аст, ки зарфияти захирашудаи маҳсулоти соҳа, аз зумраи пахта, маҳсулоти растанипарварӣ, мева, маҳсулоти чорводорӣ ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ ба таври номукаммал дар ҳудуди минтақа мавриди коркарди саноатӣ муқаррар мегардад.

Бо мақсади рушди минтақаҳои ҷумҳурӣ Ҳукумати мамлакат тамоми тадбирҳоро баҳри рушди минтақаҳо ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба минтақаҳо тадбиқ намуда истодааст.

Бо дарназардошти Нақшаи чорабиниҳо дар доираи «Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29.12.2017 марбут ба иҷрои вазифаҳои Паёми Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Кӯлоб, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2019, №97 Минтақаи озоди иқтисодии Кӯлоб дар майдони 309,32 гектар таъсис дода шудааст ва ба ақидаи мо МОИ Кӯлоб яке аз муҳимтарин фурсати таъсиси кластерҳои инноватсионии агросаноатиро дар минтақа таъмин менамояд. Асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти МОИ «Кӯлоб»-ро Низомномаи МОИ «Кӯлоб», ки бо қарори МНМО ҶТ аз 30.10.2019, №1476 тасдиқ гардидааст, муайян менамояд.

Мувофиқи банди 1 зербанди 2 Низомномаи МОИ «Кӯлоб» бо ин мақсадҳо ташкил гардидааст:

- «... ҳавасманд гардонидани рушди иқтидори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили бо воситаи ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ;
- муҳайёсозии иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, ташаккули ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ барои баланд бардоштани нерӯи содиротии ҷумҳурӣ;
- рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ «Кӯлоб», ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётӣ, телекамуникатсионӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

- ташкили шабакаҳои истеҳсолӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки содиротӣ;
- таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтар намудани қобилияти харидорӣ, афзун гардидани даромади кормандоне, ки дар МОИ «Кӯлоб» кор мекунанд ва ҳалли масъалаҳои дигари иҷтимоию дигари иҷтимоию иқтисодии минтақа»[8].

Ҳоло дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» дар маҷмӯъ 8 субъекти иқтисодӣ барои фаъолият сабт гардидааст, аз қабили:

- ҶДММ «Тоҷик Алмос» - корхонаи истеҳсолии қисмҳои автомобилӣ (филтрҳои ҳавоӣ ва равғанӣ), сармоягузорӣ 3 млн сомонӣ, иқтидори солона 700 ҳазор адад;
- ҶДММ «Кӯлоб Агросаноат» - корхонаи истеҳсолии равған, набот, намаки ошӣ, сармоягузорӣ 3,4 млн сомонӣ, иқтидори солона 60 тонна набот, 150 тонна равған, 5 ҳазор тонна намак;
- ҶДММ «Кӯлоб Пласт» - сармоягузорӣ 3,6 млн сомонӣ, иқтидори солона 6 ҳазор адад;
- ҶДММ «Растанӣ Инно» - ворид намудани таҷҳизот ва технологияи замонавӣ аз хориҷи кишвар;
- ҶДММ «Сомон Трейд»;
- ҶДММ «Ваҳдат Металл»;
- ҶДММ «Саноат Сино»;
- ҶДММ «Тоҷик Агро Био Фид».

Бояд қайд кард, ки аз субъектҳои болозикр фақат як субъект – ҶДММ «Тоҷик Алмос» - дар самти бунёди корхонаи истеҳсолии қисмҳои автомобилӣ (филтрҳои ҳавоӣ ва равғанӣ) талиди молу маҳсулотро роҳандозӣ намудааст. Андозаи бунёдии корхонаи номбурда 3 млн сомонӣ буда, миқдори солонаи истеҳсолии он 700 ҳазор дона филтрҳои ҳавоӣ ва равғаниро дар бар гирифта, барои истифода дар тамғаҳои мухталифи воситаҳои нақлиёт равона гардидааст.

Бо мақсади таъсиси кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ дар МОИ «Кӯлоб» сармоягузорони аввалин аллакай санадҳои ҳамкориро ба имзо расониданд. Дар робита бо ин масъала аз тарафи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Дар бораи масъалаҳои лоиҳаи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Консорсиуми Гурӯҳи ширкатҳои БТК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ҶС «Промышленные активы») омода гардида, пас аз мувофиқаи тарафҳо, бунёди кластери инноватсионии агросаноатии нассоҷӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» пешбинӣ гардидааст.

Боиси тазаккур аст, ки бо вуҷуди камбудиҳо замина ва имкониятҳо низ ҷиҳати ташакили кластерҳои инноватсиони агросаноатӣ дар МОИ Кӯлоб назаррас мебошанд.

Аз ҷумла, мавҷудияти донишгоҳу донишкадаҳо, захираҳои захираҳои замини обӣ, инчунин ҷойгиршавии муфиди ҷуғрофии МОИ Кӯлоб онро ба як минтақаи муносиб барои ташкили кластер метавонад, табдил диҳад. Барои тадбиқи ҳадафҳои кластерсозӣ дар МОИ Кӯлоб мо тавсияҳои зеринро самарабахш меҳисобем:

- Таъсиси маркази рушди кластер, ки ҳамчун муассисаи пайвандгар байни соҳибкорон байни соҳибкорон, муҳаққиқон ва давлат баромад намояд;
- Таҳкими инфрасохтор, махсусан бо ҷалби сармоягузорон барои сохтмони марказҳои логистикӣ ва таҷҳизоти коркард;
- Пешбурди ҳамкорӣ бо донишгоҳҳо бо ҷалби донишҷӯён ба таҷрибаомӯзӣ ва таҳқиқоти муштарак;
- Таҳияи нармафзори рақамӣ барои мубодилаи иттилоот ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ.

Ҳамин тариқ, ташаккули кластерҳои инноватсионии агросаноатӣ дар МОИ Кӯлоб метавонад ба як механизми воқеии рушди иқтисодии кишоварзии минтақа табдил ёбад. Барои ин зарур аст, ки якчанд унсур – илм, соҳибкорӣ, давлат ва ҷомеа – дар як самт амал намоянд. Мақолаи мо заминаҳои назариявии воқеии татбиқи чунин равандро нишон дода, ҳамчун қадам ба сӯи таҳқиқоти амиқтар метавонад хидмат намояд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда барои солҳои 2016-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №503);
2. Барномаи ислоҳоти хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2012, №383);
3. Каҷкулоев А.Ф. Саноатикунонии босуръат - омили муҳими расидан ба рушди устувори иқтисодӣ дар Тоҷикистон / А.Ф. Каҷкулоев, Н.Д. Қурбонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – No. 1-4-1(68). – P. 277-283. – EDN CKTZTR.
4. Консепсияи рушди инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2014, №144);
5. Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2020, №566. [Захираи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=137511
6. Мадаминов А.А., Усмонов Р. Использование маркетинга в сельском хозяйстве [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://tsulbp-jornal.narod.ru/jornal.
7. Махмадиев Ф.Б. Формирование и развитие регионального зернопродуктового кластера (на материалах Юго-Восточного Таджикистана) [Текст] / Ф.Б. Махмадиев // Автореф. дисс. на соис. уч. степени канд. экон. наук.:08.00.05.: 08.00.05. - Душанбе, 2016. - С.6
8. Низомномаи МОИ «Кӯлоб» (қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.10.2019, №1476)
9. Нишондиҳандаҳои асосии тараққиёти иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб дар 33- соли истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Омори солонаи шаҳри Кӯлоб дар солҳои 1992-2024.С.36.
10. Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2023 // Маҷмуаи оморӣ. – Бохтар, 2024. – С.116-118.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016. – 89 с.
12. Фатхуллозода, А.Ф. Особенности эффективного размещения малых и средних предприятий в региональном АПК / А.Ф. Фатхуллозода // In the World of Science and Education. – 2024. – № 1. – С. 98-106. – DOI 10.24412/3007-8946-2024-20-98-106. – EDN ARVKFR.
13. Фатҳуллозода А.Ф. Равишҳои системавии идоракунии хавфҳои соҳибкорӣ дар комплекси агросаноатии минтақа / А. Ф. Фатҳуллозода, С. Р. Бобоев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. – No. 2(52). – EDN EKQDYH.
14. Ketels, C. (2004). European Clusters. Harvard Business School Working Paper.
15. Porter, M.E. (1998). Clusters and the New Economics of Competition. Harvard Business Review.

УДК 338.27.01

Хоҷаев П.Д., Хидиров Ф.Х.

БАЪЗЕ САРЧАШМАҲОИ АСОСИИ МАБЛАҒГУЗОРИИ КОРХОНАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола баъзе сарчашмаҳои асосии маблаггузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шароити муосир дида баромада шудаанд. Исбот гардидааст, ки манбаъҳои мухимтарини маблағҳои худи корхонаҳои нақлиёти автомобили барои маблағгузории фаъолияти инвестиционӣ фоидаи соф ва маблағҳои амортизация мебошанд. Дар шароити иктисоди бозор фоида нишондиҳандаи асосии умумии фаъолияти молиявии корхонаҳои нақлиёти автомобили

мебошад. На ҳамаи фоидаи корхона, балки танхо фоидаи соф ҳамчун манбаи маблағгузорӣ баромад мекунад. Фоидаи соф фоидаест, ки баъди пардохти андоз ва дигар пардохтҳо аз фоида ба буҷет дар ихтиёри корхона боқӣ мемонад. Як кисми фоидаи софи корхонаҳои нақлиёти автомобилиро дар шакли фонди ҷамъкунӣ корхона метавонад ба маблағгузориҳои асосии дорой характери истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, инчунин ба тадбирҳои мухофизати табиат равона кунад. Муайян карда шудааст, ки яке аз манбаъҳои махсуси молиявии берунии маблағгузори барои корхонаҳои нақлиёти автомобили аннуитет мебошад. Аннуитет сармояест, ки ба сармоягузор дар фосилаи муайян даромади муайян меорад. Аннуитет як намуди иҷораи молиявӣ мебошад, ки як қатор пардохтҳои якхела дар фосилаҳои баробар дар тӯли шумораи муайяни солҳо мебошад. Асосан, ин сармоягузории сармоя ба саҳмияҳо, вомбаргҳо, фондҳои нафақаи ғайридавлатӣ, фондҳои муштараки идоракунии бонкӣ, амволи ғайриманқул, ки даромад меорад ва ғайра мебошад. Ҳамзамон, шакли мувофиқтарини фаъолияти соҳибкории сармоягузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар кишварҳои дорои иқтисодашон пешрафта «сармояи венчурӣ» гардид. Он ба таври органикӣ ду намуди соҳибкории корхонаҳои нақлиёти автомобилиро муттаҳид мекунад: молиявӣ ва воқеан инноватсионӣ, ки ду намуди корхонаҳои нақлиёти автомобилиро дар тиҷорати хатарнок ҷудо кардааст; ширкатҳои сармояи венчурӣ ва корхонаҳои хурди инноватсионии нақлиётие, ки онҳо маблағгузорӣ мекунанд.

Вожаҳои калидӣ: сарчашмаҳои асосӣ, маблаггузорӣ, корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, қонунгузорӣ, захираҳои молиявӣ, иқтисоди бозорӣ, меҳанизмҳои идоракунии хоҷагидорӣ.

Ходжаев П.Д., Хидиров Ф.Х.

НЕКОТОРЫЕ ОСНОВНЫЕ ИСТОЧНИКИ ФИНАНСИРОВАНИЯ АВТОТРАНСПОРТНЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В статье рассматриваются некоторые основные источники финансирования автотранспортных предприятий в современных условиях. Доказано, что важнейшими источниками средств для финансирования инвестиционной деятельности автотранспортных предприятий являются чистая прибыль и амортизационные отчисления. В условиях рыночной экономики основным показателем общей финансовой эффективности деятельности автотранспортных предприятий является прибыль. Источником финансирования служит не вся прибыль компании, а только чистая прибыль. Чистая прибыль — прибыль, остающаяся в распоряжении предприятия после уплаты налогов и других платежей из прибыли в бюджет. Часть чистой прибыли автотранспортных предприятий в виде коллективного фонда может быть направлена предприятием на крупные инвестиции производственного и социального характера, а также на мероприятия по охране окружающей среды. Определено, что одним из специфических внешних источников финансирования автотранспортных предприятий является рента. Аннуитет - это инвестиция, которая обеспечивает инвестору определенный доход через определенный промежуток времени. Аннуитет - это разновидность финансовой аренды, представляющая собой серию равных платежей через равные промежутки времени в течение определенного количества лет. По сути, это капиталовложения в акции, облигации, негосударственные пенсионные фонды, паевые инвестиционные фонды, управляемые банками, доходную недвижимость и т. д. В то же время наиболее приемлемой формой предпринимательской деятельности для инвестирования в автотранспортные предприятия в странах с развитой экономикой стал «венчурный капитал». В нем органически сочетаются два типа предпринимательства в автотранспортных предприятиях: финансовое и подлинно инновационное, что разделило два типа автотранспортных предприятий на рисковый бизнес; венчурные компании и финансируемые ими малые инновационные транспортные предприятия.

Ключевые слова: основные источники, финансирование, автотранспортные предприятия, законодательство, финансовые ресурсы, рыночная экономика, механизмы хозяйствования.

Khojaev P.D., Khidirov F.K.

SOME MAIN SOURCES OF FINANCING OF MOTOR TRANSPORT ENTERPRISES IN MODERN CONDITIONS

The article discusses some of the main sources of financing of motor transport enterprises in modern conditions. It has been proven that the most important sources of funds for financing the investment activities of motor transport enterprises are net profit and depreciation charges. In a market economy, the main indicator of the overall financial efficiency of motor transport enterprises is profit. The source of financing is not the entire profit of the company, but only the net profit. Net profit is the profit remaining at the disposal of the enterprise after paying taxes and other payments from profit to the budget. Part of the net profit of motor transport enterprises in the form of a collective fund can be directed by the enterprise to large investments of a production and social nature, as well as to environmental protection measures. It has been determined that one of the specific external sources of financing for motor transport enterprises is rent. Annuity is an investment that provides the investor with a certain income after a certain period of time. Annuity is a type of financial lease, which is a series of equal payments at equal intervals over a certain number of years. In essence, these are investments in shares, bonds, non-state pension funds, mutual investment funds managed by banks, income-generating real estate, etc. At the same time, the most acceptable form of entrepreneurial activity for investing in motor transport enterprises in countries with developed economies has become "venture capital". It organically combines two types of entrepreneurship in motor transport enterprises: financial and truly innovative, which divided the two types of motor transport enterprises into risky business; venture companies and small innovative transport enterprises financed by them.

Keywords: main sources, financing, motor transport enterprises, legislation, financial resources, market economy, economic mechanisms.

Дар шароити муосири иқтисодӣ бо мақсади амалӣ намудани маблағгузорӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ тавассути дарёфти манобеъ ва усулҳои сафарбаркунии онҳо, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои мазкур алоқаманд аст. Таносуб ва сохтори дороиҳои молиявие, ки барои сармоягузорӣ ба объектҳои сармоягузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ҷалб карда мешаванд, асосан аз рӯи шаклҳо ва меҳанизмҳои идоракунии хоҷагидорӣ муайян карда мешаванд. Тибқи қонунгузории ҷорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, манбаъҳои асосии маблағгузории сармоягузорӣ инҳоянд:

- захираҳои молиявӣ ва захираҳои дохилии корхона (фоидаи соф, пардохтҳои амортизатсия);
- маблағҳои қарзӣ (қарзҳои бонкӣ, вомбаргҳо);
- – маблағҳои молиявии аз сармоягузорон ҷалбшуда (маблағҳое, ки аз барориши сахмияхо, сахмияхо ва дигар сахмҳои шахсони хукуки ва вокеи ба сармояи оинномави гирифта мешаванд);
- маблағҳои мутамаркази иттиҳодияҳои (иттиҳодияҳои) ихтиёрии корхонаҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, инчунин аз ҷониби сармоягузорон барои иштироки муштарак дар сохтмони объектҳо сафарбаршуда;
- - маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ки бебозгашт ва баргардонида мешаванд;
- маблағҳои фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- маблағҳое, ки сармоягузорони хориҷӣ дар шакли қарз ва ғайра пешниҳод мекунанд.

Дар соҳаи нақлиёт аз рӯи сарчашмаҳои сармоягузорӣ, бо мақсади амалӣ намудани фаъолият шаклҳои худмаблағгузорӣ, маблағгузории қарзӣ, маблағгузории муштарак ва омехта мавҷуд мебошад.

Худмаблағгузорӣ - маблағгузории фаъолияти инвестистионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ комилан аз хисоби маблағҳои молиявии худ. Ин шакли маблағгузорӣ одатан ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои кӯтоҳмуддати инвеститсионӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ бо суръати пасти

даромад истифода мешавад [1, С. 12].

Маблағгузории қарзӣ - ин ҷалби сармояи қарзӣ бо назардошти шартҳои баргардонидани маблағ дар муҳлати муайян аз ҷониби корхонаи нақлиёти автомобилӣ амалӣ шуда ҳолатеро, ки қарздиҳанда ҳамчун иштирокчии ғайримустақими даромад аз истифодаи сармоя баромад мекунадро дар бар мегирад. Ҳамзамон, маблағгузории қарзӣ дар раванди дар амал ҷори намудани лоиҳаҳои сармоягузории манфиатнокиашон баланд ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Маблағгузории саҳҳомӣ яке аз шаклҳои муҳимтарини маблағгузории фаъолияти сармоягузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ буда, дар амал ҷори намудани лоиҳаҳои сармоягузориро таъмин месозад.

Бояд қайд кард, ки ба сифати сарчашмаҳои асосии маблағгузории фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар шароити муосир маблағҳои худи муассиса мебошанд, ки тариқи маблағҳои қарзӣ ғани гардонда мешаванд.

Сарчашмаҳои асосии маблағҳои худи муассисаҳои нақлиёти автомобили фоидаи соф ва маблағҳои истеҳлок ба ҳисоб рафта, фоида ҳамчун ченаки асосии тавсифдиҳандаи фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ баромад мекунад. Ҳамзамон, дар ин мавриди фоидаи соф нақши ҳалкунанда мебозад.

Фоидаи соф ҳамчун фарқияти даромади корхона ва хароҷот аз ҷумла пардохти андозҳо ҳисоб карда мешавад. Як қисмати фоидаи софи муассисаҳои нақлиёти автомобилиро дар шакли фонди ҷамъкунӣ муассиса ба тадбирҳои ниҳоят муҳим равона месозад.

Манбаи дуюми асосии дохилии маблағгузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ маблағи истеҳлок мебошад.

Боиси қайд аст, ки манбаъҳои худи ва дохилии захираҳои молиявӣ фарқ карда мешавад.

Чуноне, ки дар боло қайд карда шуд ба маблағҳои худии корхонаҳои нақлиётӣ маблағҳои ҳисобшудаи истеҳлок ва як қисми фоидаи соф дохил мешаванд. Манбаъҳои дохилии сармоя назар манбаъҳои худӣ мафҳуми васеътар буда он аз ҳисоби ҳам сармояи худӣ ва ҳам ҷалбкардашуда ташкил карда мешавад [2, С. 22].

Ҷадвали 1- Сарчашмаҳои дохилии захираҳои молиявии корхонаҳои нақлиётӣ ва тавсифи онҳо

№	Манбаи дохилии захираҳои молиявӣ	Тавсиф
1	**Пардохтҳои амортизатсиионӣ**	Маблағҳое, ки дар натиҷаи камшавии арзиши воситаҳои асосӣ ба туфайли фарсудашавӣ ҷамъ мегарданд. Ин маблағҳо метавонанд барои хариди таҷҳизоти нав, таъмир ё таҷдид истифода шаванд.
2	**Фоида**	Маблағе, ки баъди пардохти ҳамаи хароҷот ва андозҳо боқӣ мемонад. Ин фоида метавонад барои рушди минбаъдаи корхона, сармоягузорӣ ва эҳтиёҷоти молиявӣ истифода гардад.
3	**Ҳиссаҷудокуниҳо ба фонди таъмири воситаҳои нақлиёт**	Маблағҳои махсусе, ки барои таъмири воситаҳои нақлиётӣ ва таҷҳизот ҷамъоварӣ карда мешаванд, ки ҳамчун захираи дохилӣ хизмат мекунанд.
4	**Бақияи истифоданашудаи фондҳои махсус ва мақсаднок**	Маблағҳое, ки қаблан барои мақсадҳои муайян (таъмир, инноватсия ва ғ.) ҷудо шудаанд, вале то ҳол истифода нашудаанд. Метавонанд барои эҳтиёҷоти дигари молиявии корхона равона шаванд.
5	**Қарзи кредиторӣ, ки доимӣ дар ихтиёри субъекти хоҷагидорӣ қарор дорад**	Маблағҳое, ки корхона ба дигарон қарздор аст (масалан, таъминотчиён), аммо онҳоро ба таври муваққатӣ ҳамчун захира истифода мебарад.
6	**Афзоиши арзиш аз азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ**	Ҳангоми аз нав арзёбӣ кардани воситаҳои асосӣ (масалан, техникаи нақлиётӣ), арзиши онҳо метавонад афзоиш ёбад, ки ин метавонад имкониятҳои қарзгирӣ ё имконоти молиявии дохилиро васеъ кунад.

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Мавриди зикр аст, ки сарчашмаҳои дохилии захираҳои молиявии корхонаҳои мавриди назар ин фонди аммортизатсионӣ, фоида, фонди таъмир, фондҳои махсус ва мақсаднок, қарзҳои кредиторӣ ва маблағи азнавбаҳодиҳӣ мебошанд (ҷадвали 1).

Чи тавре, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 мушоҳида карда мешавад сарчашмаҳои маблағгузории корхонаҳои нақлиётӣ гуногун буда, ҳангоми истифодаи мақсадноки онҳо рушд ва тавсеаи фаъолияти корхонаҳои зикршуда аз эҳтимол дур нест.

Ба назари Ищенко Е.О. «сармояи қарзӣ қисми сармояест, ки ба корхонаи нақлиёти автомобилӣ тааллуқ надошта, вале дар асоси шартномаи бонкӣ, қарзи тиҷоратӣ ё қарзи эмиссионӣ ҷалб шуда мавриди истифода уарор дода шудааст. Ба ибораи дигар сармояи қарзӣ маҷмӯи маблағҳои қарзӣ буда, ба корхонаи нақлиёти автомобилӣ фоида меорад» [3, С. 12].

Дороиҳои корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҳисоби манбаъҳои худӣ ва қарзӣ ташаккул меёбанд. Сарчашмаҳои қарзӣ ин намудҳои мухталифи қарзҳо мебошанд, ки аз бонкҳо ва муассисаҳои ғайрибонкӣ мутобиқи шартномаи қарзӣ гирифта мешаванд.

Айни ҳол дар таҷрибаи мамлакатҳо намудҳои молиявӣ, тиҷоратӣ, андозии сармоягузорӣ, андозии қарзҳо мавҷуд мебошанд.

Қарзи молиявӣ - ин шакли маъмултарини маблағгузорӣ мебошад, ки корхонаҳо барои қонеъ намудани эҳтиёҷоти молиявии худ аз он истифода мебаранд. Он бояд бо риояи шартҳои муайян, аз ҷумла муҳлат, фоиз ва тартиби баргардонидан, гирифта шавад. Қарзҳо метавонанд вобаста ба манбаи маблағ бо сомонӣ (пули миллӣ) ё бо доллар, евро ва ғайра (асъори хориҷӣ) дода шаванд. Мӯҳлати қарз *кӯтоҳмуддат* (одатан ба муҳлати то як сол дода мешаванд ва дар бозори пул истифода мегарданд) ва *дарозмуддат* (ба муҳлати бештар аз як сол дода мешаванд ва дар бозори сармоя ҷойгиранд) мебошад

Қарзи тиҷоратӣ - яке аз шаклҳои маъмултарини маблағгузорӣ байни ширкатҳо буда, бештар дар муомилаҳои тиҷоратии "таъминкунанда — харидор" истифода мешавад. Ин қарз метавонад бе иштироки бонк сурат гирад ва шартҳои он аз қабили пешпардохт (пардохти маблағ қабл аз гирифтани мол ё хизматрасонӣ), таъхири пардохт (гирифтани мол ё хизматрасонӣ бо пардохти баъдӣ) ва тақсимбандии пардохт (пардохти маблағ дар чанд марҳила) иборат мебошанд [4, С. 12].

Қарзи андозию сармоягузорӣ- ин дар натиҷаи тағирот дар низоми пардохти андоз ба вуҷуд омада, ба корхона имкон медиҳад, ки пардохтҳои андози худро дар муддати муайян пас аз пардохти марҳилаи маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобшуда пардохт намояд. Маҳз тартиб ва шартҳои пешниҳоди онро Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, ба мӯҳлати аз як то панҷ сол дода мешавад. Пешниҳоди қарз бо шартномаи байни корхона ва муассисаи молиявӣ расмӣ карда мешавад.

Кредити андоз (ё имтиёзҳои андозӣ дар шакли таъхири пардохт) як воситаи дастгирии молиявии муваққатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти андоз барои корхонаҳо ё соҳибкорон пешбинӣ шудааст, то дар шароити мушкили иқтисодӣ аз муфлисшавӣ пешгирӣ шаванд.

Асосҳои маъмулӣ барои гирифтани кредити андозӣ инҳоянд:

· Офатҳои табиӣ: мисли заминларза, сели шадид, тарма ва ғайра, ки ба фаъолияти истеҳсолӣ зарар мерасонанд.

· Таъхири маблағгузорӣ аз буҷа: агар маблағгузории аз буҷаи давлатӣ вобастабуда сари вақт нарасад.

· Фармоишҳои давлатӣ: вақте ки корхона бояд барои иҷрои шартномаи давлатӣ маблағҳоеро интизор шавад.

· Таҳдиди муфлисшавӣ: ҳолатҳое, ки пардохти саривақтии андоз метавонад ба варшикастагӣ оварда расонад.

· Мавсимият: бахусус дар бахшҳои кишоварзӣ ва туризм, ки дар даврaҳои муайян даромад кам мешавад, вале хароҷот боқӣ мемонад.

Қарзи молӣ - ин шартномаи қарзиест, ки уҳдадории як ҷонибро бо назардошти ба ҷониби дигар додани ашёе, ки бо аломатҳои умуми муайян карда мешавад, пешбинӣ менамояд.

Инжиниринг – ин ҳалли маҷмӯавии мушкилоти илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва робитаҳои соҳаҳои ба ҳам алоқамандро тавассути фаъолияти инноватсионии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, монанди машинасозӣ таъмин менамояд.

Лизинг - ин шакли ягонаи маблағгузории фаъолияти сармоягузории корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба ҳисоб меравад. Он иҷораи дарозмуддати амволи манқул ва ғайриманқул буда, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лизинг»: як намуди фаъолияти сармоягузорӣ барои ба даст овардани амвол ва додани он дар асоси шартномаи лизинг ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ба маблағи муайян, ба мӯҳлати муайян ва бо шартҳои муайяне, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, бо ҳуқуқи иҷораи амвол ба ҳисоб меравад.

Ба субъектҳои лизингии корхонаҳои нақлиёти автомобили лизингдиҳанда, лизинггиранда, ва таҳвилдиҳинда дохил мешаванд [7, С. 12]:

Ҷадвали 2. – Субъектони муносибатҳои лизингӣ

Субъекти лизинг	Нақш дар лизинг	Тавсиф
Лизингдиҳанда (Lessor)	Харидори амвол ва иҷорадиҳанда. Амволро ба мӯҳлати муайян ба лизинггиранда медиҳад.	Ширкатҳои лизингӣ, бонкҳо
Лизинггиранда (Lessee)	Иҷорагирандаи амвол. Аз он истифода мебарад ва пардохтҳои моҳона/солона анҷом медиҳад.	Ширкатҳо, шахсони ҳуқуқӣ ё воқеӣ
Фурӯшанда (Поставщик)	Таъминкунандаи амвол. Амволро ба лизингдиҳанда мефурӯшад.	Истеҳсолкунандагони таҷҳизот, дилерҳо

Сарчашма: таҳияи муаллифон.

Автор проанализировал и рассмотрел вопрос о своевременной финансовой устойчивости коммерческих банков, которая рассматривается как единственный фактор обеспечения обязательств, высокого уровня платежеспособности и развития национальной экономики в любых условиях. Проведен анализ макроэкономических показателей и представлена их динамика за последние 10 лет, то есть с 2014 по 2024 год. Автор отмечает, что широкое привлечение свободных средств населения в виде депозитов имеет важное значение для деятельности коммерческих банков и играет ключевую роль в формировании их устойчивой финансовой базы. С учетом многочисленных аналитических исследований предложены методы оценки финансового состояния коммерческих банков, разработанные международными финансовыми организациями, а в целях дальнейшего финансового развития коммерческих банков – конкретные научные методы, своевременное и эффективное применение которых может в определенной степени способствовать решению существующих проблем банковской системы.

Ключевые слова: финансовые ресурсы, банковский капитал, устойчивая банковская финансовая система, финансовая доступность населения, привлечение свободных средств населения, обязательные резервы, наличные деньги в обращении, активы и обязательства коммерческих банков, кредитный фонд, устойчивое экономическое развитие.

Hayozoda Q.A.

ISSUES OF ASSESSING THE FINANCIAL STABILITY OF COMMERCIAL BANKS OF TAJIKISTAN IN THE NEW ECONOMIC CONDITIONS

The timely financial stability of commercial banks, which is considered the only factor in ensuring obligations, a high level of solvency and development of the national economy in all conditions, was analyzed and reviewed by the author, whose macroeconomic indicators were analyzed and their trends were shown in depth and clearly over the past 10 years, that is, from 2014 to 2024. The author notes that the extensive attraction of free funds from the population as deposits is important for commercial banks and plays a key role in the formation of their stable financial base. Taking into account numerous analyses, at the same time, methods for assessing the financial condition of commercial banks, developed by international financial organizations, have been proposed, and with the aim of further financial development of commercial banks, specific scientific methods have been proposed, the timely and effective use of which can contribute to some extent to solving the existing problems of the banking system.

Keywords: financial resources, bank equity, stable banking financial system, financial inclusion of the population, attraction of free funds of the population, mandatory reserves, cash in circulation, assets and liabilities of commercial banks, credit fund, stable economic development.

Низоми молиявӣ ва ба роҳ мондани сиёсати дурусти он асосии фаъол намудани соҳаҳои ғайрифаъоле, ки зери таъсири омилҳои манфии шароити буҳронӣ қарор мегиранд, дониста шуда, дар заминаи мақсаднок истифодабарӣ ва назорати саривақтӣ ҳамчун омили такондиҳандаи рушди иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Ин аст, ки тамоми кишварҳои хориҷӣ сиёсати молиявиро ҳамчун сиёсати ниҳоятан осебпазир қабул намуда, бар он назар мебошанд, ки сиёсати андешакардашудаи молиявии дохилаи ҳар як давлат ҷиҳати то андозае бартараф намудани шароитҳои буҳроние, ки аз фаъолияти кишварҳои гуногун зуҳур ёфта ва сиёсати дохилаи он ва кишварҳои дар ҳоли рушд қарордоштаро нияти фалаҷ кардан дорад, имкон дошта, ҳамзамон таъсиргузор ба қисмати даромади буҷети хонаводагии аҳолии он мебошад.

Бо назардошти саҳми зиёд доштани яке аз сохторҳои молиявӣ дар таъмини иқтисодиёт ба захираҳои муайяни молиявӣ, чунин маълум гардидааст, ки низоми бонкӣ мавқеи хоса ва авваларо дар миёни сохторҳои гуногуни молиявии кишвар соҳиб буда, ба маркази ягонаи танзими муомилоти пулӣ аз давраи пайдоиш ва то кунун табдил ёфтааст. Вобаста ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ Шариф Раҳимзода чунин менависад, ки "...муносибатҳои пулию қарзӣ қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодӣ буда, асоси фаъолияти иқтисодӣ ва рушди он мебошанд. Ин аст, ки ташкили самараноку дурусти ин муносибатҳо яке аз вазифаҳои бонки марказӣ буда, ба воситаи ташкилотҳои қарзӣ, аз он ҷумла бонкҳо амалӣ карда мешавад" [6, с. 427].

Хайрзода Қ.Ш. бошад бар он назар аст, ки "...дар низоми бонкӣ сармояҳои назарраси пулӣ мутамарказонида шудаанд, ки ба эҳтиёҷоти ҷории истеҳсолии корхонаҳо ва талаботи сармоягузории онҳо хизмат мерасонанд. Бинобар ин, самаранокии фаъолияти бонкӣ омили ҳалкунандаи рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии ҷомеа мебошад" [5, с. 174].

Дар воқеъ, ба ақидаи олимони болозикр розӣ буда ва чунин назар дорем, ки низоми муосиди бонкӣ ин фарогирандаи молиявии аҳолӣ, такягоҳи асосии тамоми соҳибкорон ва механизми ягонаи суръатбахшандаи рушди иқтисодиёти миллии кишварҳо маҳсуб меёбад, ки самараи онҳо аллакай дар беш вобаст гардонидани талаботи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои мутаррақии ҷаҳон ба мабалағгузории қарзии хеш аён буда, дар бархе аз давлатҳо ҳатто зиёда аз 50 ва 60 фисади маблағгузории бахшҳои афзалияноки иқтисодиёти онҳо ба низоми бонкӣ рост меояд.

Мебояд иброз намуд, ки ба мисли талаботи ҳаррӯзаи одамон ба воситаҳои молиявӣ, бонкҳои тиҷорати низ ба афзун намудани ҳаҷми сармояи худ аз ҳисоби манфиатдоронаш ниёз дошта, дар васеъ намудани доираи хизматрасониҳои навини олами бонкдорӣ ва беш равона намудани ҳаҷми сандуқи қарзии худ бо мақсади истифодаи босамари ҳам захираҳои меҳнатӣ ва ҳам иқтисодии кишвар ҷиҳати таъмини бозорҳои дохила бо молу маҳсулоти ватанӣ, ботадриҷ зиёд намуди қисмати содиротӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани нуфузи кишварро дар минтака ва ҷаҳон ҳавасманд буда, ҳатто ба макони охирин умеди аҳолӣ ҷиҳати амалишавии орзуҳояшон табдил ёфтааст.

Бонки миллии Тоҷикистон тавассути санадҳои меъёрию ҳуқуқии худ ҳаҷми дошгани сармояи худдиро барои тамоми бонкҳо муқаррар менамояд [2], ки ин амал бо мақсади оне анҷом дода мешавад, ки бонкҳои тиҷоратӣ сараввал бо маблағҳои худӣ фаъолияти хешро оғоз намуда ва сипас дар асоси фаъолияти босамар сатҳи устувории молиявии худро таъмин намуда бошанд. Чунки афзоиши сармояи тавозунӣ, яъне сармояи пардохташуда, ҳаҷми захираҳо, таъмини фоида ва бевосита кам намудани қисмати уҳдадорӣ ҳадафи стратегии ҳар як бонки тиҷоратӣ ба ҳисоб мервад (диаграммаи 1).



Диаграммаи 1. – Сармояи тавозунии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории Бонки миллии Тоҷиистон оид ба шарҳи рушди низоми бонкӣ

Аз он нишондиҳандаҳое, ки дар диаграммаи мазкур дарҷ шудааст, маълум мегардад, ки ҳаҷми сармояи тавозунии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон давра ба давра зиёд гашта, аз 2 346,3 млн. сомонии соли 2014 ба 8 963,7 млн. сомонӣ дар соли 2024 расидааст, ки 6 617,4 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст. Соли 2020 ҳаҷми сармояи тавозунӣ 7 175,7 млн. сомониро ташкил медод, ки дар ду соли оянда, яъне соли 2022 ба 6 299,0 млн. сомонӣ расидааст, ки дар ин муддат 876,7 млн. сомонӣ коҳиш ёфта, дар рушди босуботи бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфии хешро расонид.

Дар ин давра бархе аз бонкҳои мушкилотдори молиявие, дар сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд буданд, ки бо далели фаъолияти ғайрисолими худ, то андозае боварии муштариёнро кам гардонида, фаъолияти дигар бонкҳоро бетаъсир нагузоштанд. Камшавии ҳаҷми сармояи тавозунӣ дар соли 2022 рабт ба ин бонкҳои мушкилотдор дода шуда ва дар ниҳоят иҷозатномаҳои онҳо ҷиҳати минбаъд фаъолият накардан дар бозори бонкӣ бозхонд карда шуд.

Бешубҳа бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷамъият нақши меҳвариро дошта, бо гузаронидани амалиётҳои зиёди боварбахши хеш, рӯз то рӯз боварии мардумро дар худ зиёд намуда, амнияти воситаҳои молиявии онҳоро таъмин менамоянд, ки ин амал аллакай мавриди татбиқ қарор гирифта аст ва мо симои онро дар ҷалби он маблағҳое, ки мардум солҳои қабла бо мавҷуд будани боварии на онқадар зиёд дар дигар ҷойҳое, ки барои дорандаи пул амният ва кафолат надошт нигоҳ медоштанд, мушоҳида намуда, бо ба гардиш мондани он мабалағҳо бонк даромадро ҳам барои хеш ва ҳам барои гузорандаи мабалағ, ҳатто бидуни меҳнати зиёд таъмин менамояд.

Авгонов Н.А. ҷалби маблағҳои аҳолиро дар фаъолияти бонкҳои тиҷорати саривақтӣ дониста, бар он назар мебошад, ки "...иқтисодиёти муосир ва рушди он ба захираҳои дохилии сармоягузорӣ асос ёфта, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Сарчашмаи асосии захираҳои дохилии сармоягузорӣ ин воситаҳои пулии озоди аҳолӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар шакли пасандозҳо амал мекунанд" [1, с. 146].

Пас бо дарки ин амали мусбати бонкҳо, чунин гуфта мешавад, ки низоми бонкӣ барои аҳолӣ чун обу ҳаво лозим мебошад. Бо ёдрас шудани чунн хизматрасонии бонкҳои тиҷоратӣ, ки устувории молиявии ҳар яке аз бонкҳо аз ҳаҷми доштани маблағҳои ҷалбнамуда аён мегардад, дар нишондиҳандаҳои зер вазъи бозори онро метавонем дида бошем:

Ҷадвали 1. – Вазъи сандуқи пасандоздории бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Тағйирот, +/-
	2014	2016	2018	2020	2022	2024	
Сохтори низоми бонкӣ, *адад*	138	104	79	69	64	65	-73
Бақияи пасандозҳои аҳолӣ, *млн. сомонӣ*	6 690	9 243	9 723	11 414	15 507	25 529	+18 839
Бо фоиз нисбат ба ММД	14,82	16,98	14,12	13,82	13,39	16,64	+1,82
Бо пули миллӣ, *млн. сомонӣ*	2 308	3 474	4 769	6 368	8 632	15 436	+13 128
Бо асъори хориҷӣ, *млн. сомонӣ*	4 382	5 768	4 954	5 045	6 874	10 093	+5 711
Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ, *млн. сомонӣ*	2 437	3 693	5 104	6 076	7 426	11 142	+8 705
Бо фоиз нисбат ба ММД	5,34	6,77	7,41	7,36	6,41	7,26	+1,92
Амонатҳои шахсони воқеӣ, *млн. сомонӣ*	4 253	5 550	4 619	5 338	8 081	14 387	+10 134
Бо фоиз нисбат ба ММД	9,32	10,18	6,70	6,46	6,98	9,37	+0,05

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2014 (233), 2016 (257), 2018 (281), 2020 (305), 2022 (329), 2024 (353).

Муаллиф аз соли 2014 то соли 2024 вазъи бозори пасандозгузории низоми бонкии Тоҷикистонро мавриди таҳлил қарор дода, тамоюли онро нишон додааст. Агар шумораи бонкҳои тиҷоратӣ дар соли 2014 138 адад ва ин нишондиҳанда дар соли 2024 65 ададро дарбар гирифта бошад, пас камшавии шумораи онҳо ба 73 адад расида аст. Дар шароити зудтағйирёбандаи иқтисодиёти гузариш танҳо бонкҳое дар фаъолият боқӣ мемонанд, ки ҳам аз нигоҳи молиявӣ ва ҳам аз нигоҳи касбияти мутахассисонаш қавӣ мебошад.

Бо назардошти оне, ки шумораи бонкҳои тиҷоратии соли 2024 нисбат ба соли 2014 кам мебошад, аммо аз лиҳози фаъолияти мусбати молиявӣ назар ба соли қабла устувортар мебошанд. Чун ҳаҷми ҷалби пасандоз дар соли 2014 6 690 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад 25 529 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки дар ин давра 18 839 млн. сомонӣ ва бо фоиз нисбат ба ММД дар солҳои мазкур 1,82 афзоиш ёфта, ҳаҷми умумии пасандоз дар соли 2014 бо пули миллӣ 2 308 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 4 382 млн. сомонӣ ва дар соли 2024 бошад ин нишондиҳандаҳо баръакс, яъне бо пули миллӣ 15 436 млн. сомонӣ ва бо асъори хориҷӣ 10 093 млн. сомониро ташкил намудааст, ки ин равандҳои гуфта шуда, вазъи устуворгардии ботадриҷи молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистонро инъикосгар буда, дар беш намудани ҳаҷми сандуқи қарздиҳии хеш ва муомилоти пурраи пули миллӣ дар кишвар нақшгузори асосӣ мебошад.

Ҳамзамон, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи вазъи устуворӣ молиявии бонкҳои тиҷоратӣ зиёд мебошанд, ки дар ҷадвали навбатӣ тамоюли онҳоро дида мебароем (ҷадвали 2):

Ҷадвали 2. – Нишондиҳандаҳои дигари тавсифкунандаи вазъи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳандаҳо	Солҳо						Тағйирот, +/-
	2014	2016	2018	2020	2022	2024	
Дороиҳо	14 851,1	21 187	21 201	26 307,4	30 030,7	47 478	+32 626,9
Уҳдадориҳо	12 507,8	15 690,1	15 287,3	19 131,7	23 731,7	38 514,4	+26 006,6
Бақияи сандуқи қарзӣ	8 421,4	8 000,5	8 677,2	10 882,5	13 577,6	21 377	+ 12 955,6
Қарзҳои ғайрифаъол	2 179,2	5 712,1	2 632,2	2 545,8	1 630,9	1 521,1	-658,1

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои омории Бонки миллии Тоҷиистон оид ба шарҳи рушди низоми бонкӣ

Тибқи маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон мушоҳида мегардад, ки ҳаҷми дороиҳо аз 14 851,1 млн. сомонӣ ба 47 478 млн. сомонӣ, уҳдадориҳо аз 12 507,8 млн. сомонӣ ба 38 514,4 млн. сомонӣ, бақияи сандуқи қарзӣ аз 8 421,4 млн.сомонӣ ба 21 377 млн. сомонӣ афзоиш ёфта, ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол аз 2 179,2 млн. сомонӣ ба 1 521,1 млн. сомонӣ расидааст, ки ба андозаи 658,1 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, ки ин раванд барои афзоиши ҳаҷми захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муфид буда, имкони зиёди баланд бардоштани сатҳи пардохтпазирии бонкҳоро таъмин менамояд.

Ҷалби босуръат ва ҳадафмандонаи пасандозҳои аҳолӣ аз як тараф барои худи бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун маблағҳои иловагии саривақтӣ ва аз тарафи дигар барои мақоми танзимкунандаи онҳо, яъне Бонки марказӣ ҳамчун ҷамъкунандаи ҳаҷми захираҳои молиявӣ муҳим мебошад, ки ҳар сол тамоми бонкҳои тиҷоратӣ ин талаботи муқаррарнамудаи Бонки марказиро, яъне маблағи захираҳои ҳатмиро иҷро намуда [3], ба ин далел ҳаракати ҳаҷми пули нақдро дар ҷамъият бо мақсади зуҳур наёфтани бекурбшавии пулли миллӣ ва баланд нагаштани сатҳи таваррум, танзим менамоянд, ки ин раванди солим бевосита гӯяндаи ҳолати устувор ва фаъолияти боэътимоди бонкҳои тиҷоратӣ дар назди давлат ва аҳолӣ мебошад. Чун пояи асосии таъмикунандаи рушди низоми бонкӣ ин эътимоди комили аҳолӣ нисбат ба онҳо буда, бидуни бадастовардани қисмати бештари он, рушди бомароми бонкҳои тиҷоратӣ эҳтимол буда, рӯ ба фалаҷшавӣ ва боиси нокомии иқтисодиёт гашта, дар баланд шудани сатҳи бекорӣ таъсири худро мерасонад (ҷадвали 3).

Аз сатҳи таҳлилҳои анҷомнамудаи ҷадвали 3 маълум мегардад, ки муносибатҳои пулӣ дар кишвар афзоиш ёфта, ин равандро аз ҳаҷми умумии пулҳои захиравӣ метавонем дида бошем. Яъне, ҳаҷми пулҳои захиравӣ аз 6 070 млн. сомонии соли 2014 ба 46 068 млн. сомонӣ ва ҳаҷми захираҳои ҳатмӣ аз 417 млн. сомонӣ ба 1 237 млн. сомонӣ расидааст, ки дар ин муддати 10 сол пулҳои захиравӣ ба 39 998 млн. сомонӣ ва захираҳои ҳатмӣ ба 820 млн. сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 3. – Тамоюли ҳаҷми пулҳои захиравӣ ва ҳиссаи ҳар яке аз сохтори таркибии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишондиҳанда	Солҳо						Тағйирот, +/-
	2014	2016	2018	2020	2022	2024	
Пулҳои захиравӣ	6 070	12 048	15 594	22 534	38 447	46 068	+39 998
Пули нақд дар муомилот	4 760	8 390	13 173	19 059	32 460	38 801	+34 041
Захираҳои бонк	1 244	3 465	2 026	2 127	5 156	6 040	+4 796
Захираҳои ҳатмӣ	417	484	600	366	742	1 237	+820
Суратҳисоби муросилотӣ	827	2 981	1 427	1 760	4 413	4 803	+3 976
Дигар пасандозҳо	67	193	394	1 348	831	1 227	+1 160

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои шарҳи монетарии Бонки миллии Тоҷикистон

Ҳамасола аз фаъолияти пасандозии бонкҳои тиҷоратӣ мушоҳида мешавад, ки ҷалби пасандоз аз ҷониби онҳо зиёд шуда истодааст ва агар боз ҳам бо бароҳ мондани сиёсати дурусти кадрӣ ҳаҷми маблағҳои озоде, ки берун аз бонкҳо мавҷуд мебошанд, ба дохили бонкҳо ҷалб намуда шаванд, ҳаҷми пасандозҳои онҳо ҳатто аз як маротиба ҳам афзоиш ёфта, бештари соҳибкоронро метавонанд бо маблағгузории арзон бо мақсади кам вобаст намудани талаботи иқтисодиётро аз маблағгузориҳои гарони хориҷӣ коҳиш дода бошанд. Афзоишёбии ҳаҷми захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ ин самараи тадбирҳои андешанамудаи Бонки марказӣ ва худи кормандони ҳар як бонк маҳсуб ёфта, ҳамзамон дар мавридҳои ғайричашмдошт, ки бархе аз бонкҳои мушкилотдор ба ҳолатҳои ғайрипардохтпазирӣ дучор мешаванд, аз ҷониби мақоми танзимии онҳо ҷиҳати пешгири намудани чунин вазъи мураккаби номуосиде, ки таъсираш ба дигар бонкҳо низ метавонад расад, маблағҳои муайян ҷиҳати дастгирӣ ҷудо мешавад, ки худи ин амал аз фаъолияти солим ва устувори бонкҳои тиҷоратӣ огаҳӣ медиҳад.

Дар асоси фаъолияти солонаи ҳар яке аз бонкҳои тиҷоратӣ, Бонки марказӣ нишондиҳандаҳои солонаи низоми бонкиро мутобиқ ба меъёрҳои муқаррарнамудае, ки бевосита онҳо фаъолияти мусбат ё ғайримусбати бонкҳоро нишон медиҳанд, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор медиҳад. Дар натиҷаи санҷиши мусбати вазъи молиявӣ, иҷозати Бонки марказӣ барои фаъолият ба он бонк дода мешавад. Ҳамзамон, Бонки марказӣ натиҷаи ҷамъбасти солонаи хешро ба таври расмӣ дар сомонаи худ бо мақсади дастраси пайдо намудани ҷомеа ба он дарҷ менамояд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4. – Тамоюли нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фоиз

Нишондиҳандаҳо	**Солҳо**					
	2014	**2016**	**2018**	**2020**	**2022**	**2024**
Меъёри кифоятии сармоя						
Сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф баркашидашуда	16,6	17,0	22,1	18,2	25,3	21,8
Сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда	14,2	26,7	29,2	23,5	19,1	17,8
Сифати дороиҳо						
Қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фондҳои ташаккулдода нисбат ба сармояи танзимшаванда	38,6	105,5	23,1	16,2	-0,5	3,0
Қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба қарзҳои умумӣ	21,2	47,6	31,1	23,8	12,2	7,1
Даромаднокӣ						
Даромаднокии дороиҳо	-2,5	-2,8	1,9	2,5	5,9	3,8
Даромаднокии сармоя	-14,4	-21,0	7,0	9,1	28,3	20,7
Пардохтпазирӣ						
Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ	20,0	30,9	30,8	30,0	43,4	40,0
Дороиҳои пардохтпазир нисбат ба ухдадориҳои кӯтоҳмуддат	75,8	83,9	72,3	70,5	94,9	78,3
Ҳассосият ба хавфи бозорӣ						
Мавқеи кушодаи асъории холис нисбат ба сармояи танзимшаванда	1,7	-10,0	-9,6	-11,5	2,3	0,7

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз таҳлилҳои васеи ҷадвали мазкур ва мутобиқ ба дастурамали дахлдор метавон иброз намуд, ки агар меъёри сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳо бо назардошти хавф

баркашидашуда барои бонкҳои тиҷоратӣ на камтар аз 12 фоиз муқаррар шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 16,6 фоиз ва дар соли 2024 ба 21,8, ки аз меъёри муқарраршуда дар соли 2014 4,6 ва дар соли 2024 9,8 фоиз ва сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда дар солҳои мазкури болозикр ба 14,2 ва 17,8 фоиз, ки баландшавӣ аз меъёри муқаррарӣ ба 4,2 ва 7,8 фоиз афзоиш ёфтааст, ҳамзамон дигар нишондиҳанаҳои тавсифкунандаи вазъи устувории молиявии бонкҳои тиҷорати низ дар ҳолати муътадил қарор доранд.

Ба роҳ мондани чунин арзёбии фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, албатта дар асоси методҳои муайяне, ки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ таҳия намудаанд, сурат мегирад. Ҷиҳати таҳлили фаъолият методҳои гуногун мавҷуд мебошанд, ки ҳар яке ба худ талаботҳои хоси таҳлилро доро буда, аз бонкҳои тиҷоратӣ истифодаи дурустро ҷиҳати нишон додани фаъолияти воқеии онҳо тақозо менамояд (расми 1).



Расми 1. – Методикаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти [4, с. 106]

Бо назардошти муҳим донистани арзёбии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва ба роҳ мондани таҳлилҳои амиқи илмӣ оид ба фаъолияти онҳо, ҳамзамон муайян намудани методҳои маъмули баҳо додани вазъи молиявӣ, муаллиф гузаронидани таҳлилро бо мақсади нишон додани вазъи устувории молиявӣ, ё инки нишон додани фаъолияти номусоиди бархе аз бонкҳоро саривақтӣ баён намуда, пешниҳод менамояд, ки мебояд бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми сармояи танзимшавандаи худро аз ҳисоби ба роҳ мондани хизматрасониҳои зиёди навин ва муфиду эътимодбахш таъмин намуда бошанд, ки ин раванди танҳо ягонаи даромади маблағҳои иловагӣ мебошад.

Бонкҳои тиҷоратиро мебояд ҳаҷми захираҳои молиявиро ба дигар самтҳои ғайри амалиётҳои бонкӣ дар шароите, ки талабот ба муносибатҳои молиявӣ меафзояд, ба роҳ намонда, танҳо бо мақсади таъмини сатҳи лозимаи пардохти уҳдадориҳои худ бо мақсади баланд бардоштани сатҳи пардохтпазириаш мавриди истифода қарор дода бошанд. Чунин амал ҳам барои бонкҳо бо мақсади ба ҷузъи ҷудонопазири молиявии ҷамъият табдил ёфтани онҳо ва ҳам барои фаъол намудани бахшҳои афзалияноки иқтисодиёт, таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ва саҳмгузории беши онҳо дар рушди истеҳсолоти ҷамътиятӣ ва баланд бардоштани сатҳи нишондиҳандаҳои макроиқтисодие, ки аз ҳисоби онҳо ташкилотҳои хориҷа рушди иқтисодиёти ҳар кишварро муайян мекунанд, муҳиму саривақтӣ баҳо дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Авгонов Н.А. Мукаммалгардонии равандҳои ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ҳамчун иқтидори захираҳои сармоягузорӣ: дисс. доктори фалсафа (Ph.D): 05.09.00 / Н.А. Авгонов. – Душанбе, 2021. – 193 с.

2. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ». Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №304 аз 9 октябри соли 2009 ва тағйиру иловаҳо ба он таҳти №55 аз 24 майи соли 2022.
3. Дастурамали №244 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд». Бо Қарори РаёсатиБонки миллии Тоҷикистон таҳти №74 аз 3 майи соли 2021.
4. Ҳаёзода Қ.А. Самтҳои таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ: дисс. доктори фалсафа (Ph.D): 05.09.00 / Қ.А. Ҳаёзода. – Кӯлоб, 2025. – 191 с.
5. Хайрзода Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология, амалия): дисс. доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / Ш.Қ. Хайрзода. – Душанбе, 2021. – 430 с.
6. Шариф Раҳимзода. Муомилоти пулӣ ва қарз (нашрир сеюм). Китоби дарсӣ / Раҳимзода Шариф. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2018. – 521 с.

УДК 336.14

Ҳамидова Г.А.

МУАММОҲО ТАЪСИРРАСОНАНДА БА ТАВОЗУННОКИИ ДАРОМАДҲО ВА ХАРОҶОТҲОИ БУҶЕТИ ДАВЛАТӢ ДАР ШАРОИТИ ИМРӮЗА

Буҷети давлатӣ ин нақшаи молиявии ҳар як давлат мебошад, ки ҳангоми ташкил намудани фондҳои пулии марказонидашудаи давлатӣ ташкил карда шуда ба воситаи он ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бо маблағо таъмин намуда ва раванди фаъолияти онҳо назорат бурда мешаванд. Дар шароити имрӯза назорати раванди маблағои буҷети давлати яке аз вазиаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад. Имрӯзҳо воридшавии даромади буҷети давлатӣ ва самаранок истифода бурдани онҳоро аз ҷараёни иҷроиши соли молиявии навбати вобастаги дошта ба воситаи он тавозуни соли гузаштаи молиявиро муайян карда мешавад. Тавозунии буҷетӣ – ин дар асоси қонунгузори руйпуш намудани хароҷотҳои буҷети ба воситаи даромадҳо бе бақиябарории он мебошад. Бо ибораи даигар тавозуни буҷети гуфта ин баробарии даромад ва хароҷоти буҷети давлатиро тавозуни буҷети мегуянд. Дар ин асос имрӯҳо ҳангоими банақшагирии даромадҳои буҷети давлатӣ ҳатман хароҷотҳои буҷети давлали ба нақша гарифта мешавад. Агар банақшагирии хароҷоти буҷети давлатиро нисбат ба даромади буҷети давлатӣ муқоса намоем ҳароҷоти буҷети давлатӣ зиёд ба нақша гирифта шуда ва роҳҳо ва сарчашмаҳои рӯйпуш намудани касри буҷетро дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ» нишон дода мешавад.

Вожаҳои асосӣ: касри буҷет, буҷети давлатӣ, қарзи давлатӣ, даромади буҷет, хароҷоти буҷет, андоз, молияи давлатӣ, буҷет.

Хамидова Г.А.

ПРОБЛЕМЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА СБАЛАНСИРОВАННОСТЬ ДОХОДОВ И РАСХОДОВ ГОСУДАРСТВЕННОГО БЮДЖЕТА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Государственный бюджет – финансовый план каждого государства, который формируется путем создания централизованных государственных денежных фондов, посредством которых осуществляется финансовое обеспечение всех отраслей экономики и контроль за их деятельностью. В современных условиях контроль за расходованием бюджетных средств считается одной из главных задач государства. Сегодня поступление доходов государственного

бюджета и их эффективное использование зависят от реализации очередного финансового года, по результатам которого определяется сальдо предыдущего финансового года. Бюджетный баланс является законодательной основой покрытия расходов бюджета за счет доходов без образования профицита. Другими словами, равенство доходов и расходов государственного бюджета называется сбалансированностью бюджета. Исходя из этого, при планировании доходов государственного бюджета в обязательном порядке планируются расходы государственного бюджета. Если сравнить планируемые расходы государственного бюджета с доходами государственного бюджета, то расходы государственного бюджета перепланированы, а пути и источники покрытия дефицита бюджета указаны в Законе Республики Таджикистан «О государственном бюджете».

Ключевые слова: дефицит бюджета, государственный бюджет, государственный долг, доходы бюджета, расходы бюджета, налоги, государственные финансы, бюджет.

Khamidova G.A.

ROBLEMS AFFECTING THE BALANCE OF REVENUES AND EXPENDITURES OF THE STATE BUDGET IN TODAY'S CONDITIONS

The state budget is the financial plan of each state, which is formed when creating centralized state monetary funds, through which all sectors of the economy are provided with funds and the process of their activities is controlled. In today's conditions, control over the process of state budget funds is considered one of the main tasks of the state. Today, the receipt of state budget revenues and their effective use depend on the course of the next financial year, through which the balance of the previous financial year is determined. Budgetary balance is the legal basis for covering budget expenditures by revenues without creating a surplus. In other words, the equality of state budget revenues and expenditures is called budget balance. On this basis, currently, when planning state budget revenues, state budget expenditures are necessarily planned. If we compare the planning of state budget expenditures with state budget revenues, state budget expenditures are planned more, and the ways and sources of covering the budget deficit are indicated in the Law of the Republic of Tajikistan “On the State Budget”.

Key words: budget deficit, state budget, state debt, budget revenues, budget expenditures, taxes, state finance, budget.

Дар шароити имрӯза ташкил намудани буҷет давлатӣ яке аз вазифаҳои асоси ҳар як давлат ба ҳисоб рафта ба воситаи он тамоми хароҷотҳои дар сатҳи давлат қарордоштаро таъмин намуда ва ҳамаи соҳаҳои иқтисодиётро ба танзим дароварда мешавад.

Буҷети давлатӣ ин нақшаи молиявии ҳар як давлат мебошад, ки ҳангоми ташкил намудани фондҳои пулии марказонидашудаи давлатӣ ташкил карда шуда ба воситаи он ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бо маблағо таъмин намуда ва раванди фаъолияти онҳо назорат бурда мешаванд. Дар шароити имрӯза назорати раванди маблағои буҷети давлати яке аз вазиаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад [5, с 125].

Имрӯзҳо воридшавии даромади буҷети давлатӣ ва самаранок истифода бурдани онҳоро аз ҷараёни иҷроиши соли молиявии навбати вобастаги дошта ба воситаи он тавозуни соли гузаштаи молиявиро муайян карда мешавад.

Тавозунии буҷети – ин дар асоси қонунгузори руйпуш намудани хароҷотҳои буҷети ба воситаи даромадҳо бе бақиябарории он мебошад. Бо ибораи даигар тавозуни буҷети гуфта ин баробарии даромад ва хароҷоти буҷети давлатиро тавозуни буҷети мегуянд. Дар ин асос имрӯҳо ҳангоими банақшагирии даромадҳои буҷети давлатӣ ҳатман хароҷотҳои буҷети давлали ба нақша гарифта мешавад. Агар банақшагирии хароҷоти буҷети давлатиро нисбат ба даромади буҷети давлатӣ муқоса намоем ҳароҷоти буҷети давлатӣ зиёд ба нақша гирифта шуда ва роҳҳо ва сарчашмаҳои рӯйпуш намудани касри буҷетро дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

буҷети давлатӣ» нишон дода мешавад.

Вобаста ба мувозинатии буҷети дар адабиётҳои иқтисоди ақидаҳои гуногун оид ба муаммоҳои тавозуни буҷети пешниҳод карда шудааст.

Дар даври аввали тавозуни буҷети ин пушонидани пурраи хароҷотҳои буҷети давлатӣ ба воситаи даромад мебошад. Чунки яке аз принсипҳои буҷети давлатӣ ин баробарии хароҷот бо даромад мебошад. Аз ин лиҳоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли молиявӣ кушиш менамояд, ки то охири сол даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ баробар иҷро гарданд. Агар дар ҳолате, ки давлат дар буҳронҳои иқтисоди ва молиявӣ қарор дошта бошад дар мамлакат сатҳи бекори зиёд мегардад, даромаднокии корхонаҳо гардида ва воридот ба буҷети давлатӣ кам мегардад. Вобаста ба ин ҳолатҳо ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур мешавад, ки дар низоми андозро дигаргунсозад ва хароҷотҳое, ки ба рушди иқтисодиёт таъсир намерасонад кам намояд. Дар чунин ҳолат давлат метавонад меъёри андозҳое, ки ба раванди фаъолияти корхонаҳо таъсир намерасонад баланд намояд ва хароҷотҳои ба иқтисодиёт таъсир намерасонад кам намояд [3, с 87].

Давраи дуюми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд раванди назоратро дар тақсимоти маблағҳои буҷети давлати пурзур намояд ва пеши роҳи ғайриқонуни истифода намудани маблағҳои буҷети давлатиро гирад. Барои ба касри калон дучор номадан буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз ҷониби давлат раванди хизматрасониҳои пулакии ташкилотҳои буҷети ба тариқи электрони ба роҳ монда шавад дар натиҷа воридот дар қисми даромади буҷети давлати сол аз сол зиёд мегардад.

Давраи сеюми тавозуни буҷети ин ҳадафи танзими раванди касри буҷет дар шароити тавозуни устувор ва ҳавасмандии он мебошад. Агар суръати баланди устуворii руш бо сиёсати ҳавасмандкунии буҷет ва ҳамзамон бо ҳавасмандкунии иқтисодиёт бо каср буҷет ба даст оварда шавад, набудани буҷети мутавозин аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок мегардад.

Дар асоси тавозуннокии буҷети мувофиқи консепсияиҳои овардашуда чунин муаммоҳо аз байн бурда мешавад:

· Дар асоси пурзур намудани низоми андоз дар натиҷа даромадҳои андози ба буҷети давлати зиёд гардида ва тавозуннокии макроиқтисодӣ ин афзоишро ҳавасман мекунад дар натиҷа касри буҷет кам мегардад.

· Дар асоси меъёрҳое, ки дар қонунгузории андоз бо мақсади бартараф намудани касри буҷет оварда шудааст, метавонада тавозунокии буҷетро ба ҷо орад.

· Бо мақсади бартараф намудани касри буҷет давлат метавонад барои баробар намудани буҷетҳо аз давлатҳои хориҷи қарзҳои дарозмудати давлати мегирад.

Дар шароити имрӯза консепсияҳои дуюм ва сеюм асоси сиёсати буҷети мебошад, ки ба касри буҷет нигаронида шуда дар асоси он иқтидори сиёсати иқтисодии давлат асос ёфта чунин сиёсатҳоро фаро мегирад:

· мавҷуд будани низомнома ва барномаҳои муҳим дар самти молия барои барпо намудани захираҳои асъории мамлакат;

· ҷустуҷу намудани манбаҳои руйпуш намудани касри буҷет ва назорати раванди онҳо;

· равона намудани маблағҳои буҷети барои чорабиниҳои самараи хуб медиҳад дар иқтисодиёт;

· бартараф намудани омилҳои таъсирасон дар бартарафсозии касри буҷети давлатӣ.

Донисатни ин сиёсатҳо ба давлат имкон медиҳад, ки андозаи хуби бартараф намудани касри буҷетро пайдо кунанд. Дар асоси сиёсатҳои овардашуда таҳлил намудан мумкин аст, ки касри буҷет барои кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ бой оқибатҳои назаррасро ба даст меорад.

Сиёсати нави молиявиро натиҷи мусбияш дар он аст, ки дар Тоҷикистон якчанд маротиба ба барзиёдии буҷет ноил гардидааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки тамоми андозҳо ва пардохтҳо дар доираи қонунгузори саривақт ба буҷети давлати ворид гардида ва маблағҳои он ба соҳаҳои афзалиятноки давлати равона гардидааст [6, с 120]. Дигаргун сохтани низоми буҷети муносибатҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дигар давлатҳо хуб ба роҳ монда шудааст.

Баробарии буҷетҳо дар асоси сиёсати буҷети ба роҳ монда мешавад, ки хароҷотҳои буҷет бояд пурра пардохт карда шавад. Дар ҳолате, ки касри буҷет ё ин ки профисити буҷети аз ҳади 1% ҳаҷми хароҷотҳо зиёд нашуда бошад, дар ин ҳолат тавозунии буҷетро мушоҳида намудан мумкин аст.

Дар ҳолати зиёд гардидани даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ метавон ҳамчун пасандоз дар бонки давлатии «Амонатбонк», дигар бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарзии ҷойгир карда шавад ва ё бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади руйпуш намудани касри буҷети соли навбатии молиявӣ ва барои пешгири намудани ҳолатҳои фавқулодда, офатҳои табиӣ ва дигар хароҷотҳои пешбининагардида равона карда мешавад.

Ҳамасола ҳангоми қабули қонуни буҷет барои соли навбатии молиявӣ хароҷоти буҷети давлатиро нисбати даромадаш дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барзиёд қабул карда шуда ва дар асоси қонун сарчашмаҳои руйпуш намудани онҳоро нишон медиҳанд. Дар дориаи ҳамин қонун хароҷотҳои буҷетҳои маҳаллӣ аз маҷмӯи даромадҳои буҷети давлати зиёд буда наметавонад.

Дар асоси қонун касри буҷети ҷумҳуриявӣ аз ҳаҷми умумии маблағгузории буҷетӣ ва хароҷот барои пардохт намудани хароҷотҳои барои хизматрасониҳои қарзи давлати зиёд буда наметавонад. Дар асои қонун касри буҷетҳои маҳаллӣ аз 2% - и ҳаҷми даромади онҳо ба истиснои кумаки молиявӣ аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд буда наметавонад.

Ҳангоми ворид гардидан аз манбаҳои маблағгузории касри буҷетҳои маҳалли онҳо танҳо барои маблағгузории хароҷоти сармоягузори равона карда мешаванд. ин маблағҳои вори дгардида барои хароҷоти хизматрасониҳо ва пардохти қарзҳои мақомоти иҷроияи мақомоти маҳаллӣ қатиян манъ аст. Бояд дар дораи қонунгузори маблағҳои ба самҳои муқаррар намудаи қонун равона карда шаванд.

Дар аоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» манбаҳои маблағгузории касри буҷети ҷумҳуриявӣ оварда шудааст.

Дар асоси расми овардашуда таҳлил намоем Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми банақшагирии дар ҳолати зиёд ба нақша гирифтани хароҷотҳои буҷети ҷумҳуриявӣ сарчашмаҳои онро аз ҳисоби маблағҳои қарзи, барориши қоғазҳои қиматнок ва ё векселҳои давлати руйпуш менамояд. Мақсади асосии давлат ҳамасола ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қисми хароҷоти буҷети давлатиро нисбат ба даромад зиёд нишон додан дар он аст, ки ба воситаи он кумукҳо ва грантҳо аз давлатҳои хориҷӣ зиёд гардад [2, с 1]. Дар ҳолати баробар қабул намудани қисми даромад ва хароҷот аз хориҷи кишвар ба давлат грантҳо ва кумакҳо ворид нашуданаш мумкин аз ҳамин лиҳоз қонуни буҷет ҳамасола ин гуна қабул карда мешавад.



Расмӣ 1. Манбаҳои дохилии маблағгузории касри буҷети ҷумҳуриявӣ.
Сарчашма: Таҳияи муалиф.

Дар баробари ин ҳамсола қисми даромади буҷети давлатӣ бо барзиёди қисми хароҷот он иҷро мегардад. Ин ҳамасола ҳангоми ҷамбасти соли молиявӣ ба назар мерасад. Барзиёд иҷро гардидани қисми даромад аз хароҷот дорои норасоиҳо мебошад. Аз нигоҳи аввал ин барои давлат хуб вонамуд мегардад, дар ин ҳолат давлат ҳами хароҷотҳои банақшагирифтаи худро аз ҳисоби даромадҳояш пардохт намуда ва дар хазинаи худ як ҳисаи маблағҳо боқи монад, ин омил дар баланси буҷети мусбӣ ҳисобидан хато аст, чунки ҳангоми банақшагири давлат ҳамаи дороиҳои аз сарчашмаҳои гуногун воридшавандаро ба инобат гирифта ва дар ҳолати иҷроиши нақша пурра иҷро гардад ва ин маблағо аз сарчашмаҳои иловаги ворид гардад инро гуфтан мумкин аст, ки даромади буҷети давлатӣ барзиёд иҷро гардидааст. Ин зиёдшавии даромади буҷети давлати маънои онро дорад, ки дар мамлакат бо додани имтиёзҳои андози ва гумруки шумораи соҳибкорон зиёд гардида ва воридот дар буҷети давлати аз сониби андозсупорандагон саривақт ворид гардидааст.

Дар натиҷа, омили таъсиррасонанда дар байни субъектони хоҷагидорӣ ин коҳишёбии имкониятҳои молиявии корхона, ҳангоми азнавкунии ҷараёни такрористеҳсолот, зудтар мутобиқ намудани корхона ба низоми иттиллоотию технологиии замони муосир ва баландбардории самаранокии он мебошад. Ба ибораи дигар, аз гардиши низоми макроиқтисодӣ баҳраҳои бештар гирифта мешаванд ва дар натиҷа коҳишёбии қисм - қисми ММД ба миён меояд. Дар чунин ҳолати афзунсозии барзиёди даромадҳои буҷет рушди иқтисодиёти давлат боз дошта мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар таҷриба ҳамчунин афзоиши ба нақша гирифтанашудаи даромадҳо вомехӯранд, ки он дар натиҷаи рушди иқтисодиёт, баландшавии нархҳои содиротии мамлакат, маблағгузорӣ намудани моддаҳои хароҷотҳо ва ғайра ба миён меояд. Ҳамаи ин омилҳо, ҳамчунин ба таври манфӣ ба гуфтаҳои боло таъсир мерасонанд. Аз рӯйи ақидаи бисёрии иқтисодчиён, танҳо дар натиҷаи дуруст истифодабарии воситаҳои буҷет дар доираи сарфа намудан ва бадастории самараи максималӣ оид ба моддаҳои хароҷоткунӣ, барзиёдии буҷет ба миён ояд, он гоҳ - ин рушди мусбӣ мебошад.

Дар оянда зарур аст, ки воситаҳои барзиёдатӣ бояд барои пуррасозии фондҳои мақсадноки давлатӣ, рӯйпӯш намудани қарзи асосӣ, рӯйпӯш намудани хароҷотҳое, ки дар буҷети соли навбатии молиявӣ ба миён меоянд, ба эътибор гирифта, нигоҳ дошта шаванд.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зиёдшавии буҷети давлати дар асоси қонун ба шакли гузоштани депозит дар бонкҳои давлати ва тиҷоратии мамлакат ҷойгир карда шавад. Дар ин асос харҷномаи онҳо бо қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои руйпуш намудани касри буҷет барои соли молиявии гузашта ва бартарафсозии ҳолатҳо фавқулода ва офатҳои табиӣ истифода бурда мешаванд [4, с 189].

Дар давлатҳои хориҷӣ барои бартараф сохтани таъсири манфии барзиёдии буҷет ба иқтисодиёти мамлакат қонунҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ қабул карда шудааст, ки он барзиёди ва камомадии буҷети давлатиро ба танзим медарорад. Дар давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд маслан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасаола дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоиҷикстон «Дар бораи молияи давлати» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳангоми банақшагири қисми хароҷоти буҷети давлати нисбат ба даромадҳояш зиёд қабул карда шуда ва дар охири сол баробар иҷро гардида истодааст.

Дар асоси маълумотҳои омори маълум мегардад, ки дар солҳои охир новобаста ба қабул намудани қонуни буҷет ҳангоми банақшагирии хароҷоти буҷети давлатӣ нисбат ба даромадаш зиёд қабул гардидан дар раванди иҷроиш дар охири сол даромади буҷети давлати нисбат ба хароҷоташ зиёд гардида истодааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раванди банақшагирии даромади ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси низомнома ва қонунҳо аз ҷониби мақомотҳои салоҳиятдор дуруст ба роҳ монда шудааст.

Ҷадвали 1.

Каср буҷети давлатӣ нисбат ба ММД дар солҳои 2016-2024 (млн. сомонӣ)

Солҳо	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024	2024/16 (бомар.)
Каср (-) Барзиёдатӣ	288599	294549	334333	391063	310650	463203	623904	1030749	1151560	39,9
Бо % нисбат ба ММД	0,7	0,2	0,6	2,3	1,7	2,7	0,6	0,3	1,7	2,42
Бо % нисбат ба даромадаҳои буҷети давлатӣ	4,2	1,2	3,1	7,8	5,6	8,6	1,9	1,0	4,5	1,07

Сарчашма: Вазорати молияи ҶТ. «Ҳисобот оиди иҷроиши буҷети давлатӣ барои солҳои 2016-2024». «Ҷадвалҳои таҳлилӣ барои солҳои 2016 - 2024». Агентии омори назди Президенти ҶТ.

Каср ин муқобили барзиёдатии буҷет буда, хароҷотҳои мамлакат ҳаҷми зарурии муқарраргардидаро мегузаранд, махсусан аз қисмати даромадҳои буҷети давлатӣ зиёд мегарданд. Сабаби асосии касри воситаҳои буҷетӣ ин афзоиши хароҷотҳо дар натиҷаи коҳишёбиҳои иқтисодӣ мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, даромадҳои мамлакат аз бузургии ММД вобастагӣ доранд. Агар ҳангоми таназзул истеҳсолот коҳиш ёбад, муттаносибан базаи андозбандӣ ҳам коҳиш ёфта намудҳои муайяни хароҷотҳо зиёд мегарданд (кӯмакпулиҳо оид ба бекорӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ). Ҳамчунин сабаби норасоии воситаҳо ин пурра ба ҳисоб нагирифтани ҳамаи нишондиҳандаҳои хароҷотҳои буҷети давлатӣ ва ба инобат нагирифтани омилҳои таъсиррасони он аз давраи банақшагирӣ то пешниҳоди ҳисобот оид ба иҷроиши воқеии он мебошад.

Сабабҳои объективӣ ва субъективии касри буҷет вуҷуд дорад:

- паст будани самаранокии ҳаҷми истеҳсолот ҳангоми рушди нокифояи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ;
- норасогиҳои имкониятҳои молиявии давлатӣ барои пайдо намудани он ва ҳаргуна моддаҳои даромадҳо;
- оқилона тақсим накардани хароҷотҳои буҷети давлатӣ;
- зиёд будани хароҷотҳои сифати ғайриистеҳсоли дошта;
- болоравии сатҳи таваррум;
- дуруст ба роҳ намондани муомилоти пулӣ;
- дуруст ба роҳ намондани низоми ҳисоббаробаркуниҳо;
- ноустувори сиёсати андозӣ;
- зиёд гардидани воридот нисбат ба содироти мол;
- дуруст ташкил накардани сиёсати давлатии сармоягузорӣ;
- зиёд гардидани сатҳи бекори дар мамлакат;
- балан будани фоизи қарзҳои бонкҳо.

Дар асоси сабабҳои объетиви ва субективии касри буҷет таҳлил намоем ин омилҳое мебошанд, ки дар раванди даромадҳои буҷети давлати таъсир расонида касри буҷети давлатиро дар мамлакат зиёд мегардонад. Дар ин асос Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир кушиш намуда истодааст, ки ин сабабҳои касри буҷетро аз байн бара два даромади буҷети давлатиро зиёд намояд.

Роҳҳо ва сарчашмаҳои маблағгузории касри буҷет мавҷуд аст, ки инҳо мебошанд:

- ҷалб намудани қарзҳои дохили ва хориҷӣ;
- усулҳои нави бароришии пули миллӣ ба муомилот;
- роҳҳои ва усулҳои баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо;

- роҳҳои кам намудани хароҷоти асоси буҷети давлатӣ;
- ба иҷора додани моликияти давлатӣ;
- хусусигардонии моликияти давлатӣ;
- ҷалб намудани грантҳои байналмилалӣ.

Дар шароити имруза яке аз роҳҳои асосӣ ва муфиди пушонидани касри буҷети давлатӣ ин гирифтани қарзи давлатӣ мебошад. Имрӯзҳо иқтисодчиён таҳлил намудаанд, ки яке аз роҳҳои пушонидани касри буҷет ин гирифтани қарзҳои дарозмудати давлати нисбат ба бароришӣ пулӣ миллӣ ё баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо мебошад. Аз ҳамин лиҳоз имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои гирифтани қарзҳои давлати шароити мусоид фароҳам орад то, ки давлатҳои хориҷи қарзҳои давлати диҳанд. Аммо агар қарзҳои давлати бештар барои пушонидани касри буҷет равона гардад оқибат ба иҳтисодиёт таъсир расониданаш мумкин аст. Асосан қарзи давлатиро давлат бояд бештар барои сохтани объетҳои аҳамияти стратеги дошта равона месозад, ки то дар оянда онро баргардонида тавонад [6, с 220].

Барои рӯйпуш намудани касри буҷет ва пардохт намудани қарзи давлатӣ, давлат метавонад аз баланд намудани меъёрҳои андозҳо метавонад ҳавасмандиҳоро дар раванди истеҳсолот ва ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро коҳиш дода, норозигиро дар байни ҷамияти ба вуҷуд оварда воридотро дар буҷети давлати кам менамояд.

Методи дуюми маблағгузории касри буҷет ин аз нав эмиссия (интишор) намудани пули миллӣ мебошад. Интишори пулҳо ин танҳо пулҳои чопшудаи бе ягон таъминот (бе назардошти талаботҳои пулӣ) аз ҷониби Бонки миллӣ мебошанд. Ин ба афзоиши пулҳо дар муомилот оварда, оқибат сабабгори баландшавии нархҳо дар мамлакат мегардад. Дар ҳама давру замонҳо Ҳукуматҳои мамлакатҳои гуногун ба сарчашмаҳои таваррумии рӯйпуш сохтани буҷети давлатӣ дар шароитҳои бӯҳронӣ рӯй овардаанд. Асосан ин дар интишори пулҳои нав инъикос меёбад, ки ба афзоиши массаи пулӣ оварда расонида, дар натиҷа - зиёдшавии сатҳи таваррум ба миён меояд.

Дар асоси маълумотҳои овардашуда дар ҷамбасти мақола қайд намудан мумкин аст, ки барои бартараф намудани касри буҷети давлати яке аз масъалаҳои асоси ин танзими низоми буҷети давлати ба ҳисоб меравад. Барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда сарчашмаҳои асосии даромадҳои буҷети давлатӣ аз ҷониби давлат ҷустуҷу намуда истодааст. Дар баробари ин барои ҳалли муаммоҳои ин ташкил намудани сатҳи ихтисоснокии ва саводнокии мутахасисони ин соҳа вобастаги калон дорад.

Дар шароити имруза яке аз роҳҳои асосӣ ва муфиди пушонидани касри буҷети давлатӣ ин гирифтани қарзи давлатӣ мебошад. Имрӯзҳо иқтисодчиён таҳлил намудаанд, ки яке аз роҳҳои пушонидани касри буҷет ин гирифтани қарзҳои дарозмудати давлати нисбат ба бароришӣ пулӣ миллӣ ё баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо мебошад. Аз ҳамин лиҳоз имрӯзҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои гирифтани қарзҳои давлати шароити мусоид фароҳам орад то, ки давлатҳои хориҷи қарзҳои давлати диҳанд.

АДАБИЁТ

1. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе 2021.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2015-2020».
3. Акобиров Ҳ.Н. Одинаев Д.Н. «Молия» - Душанбе 2012. - саҳ 369.
4. Г.Б. Поляка «Финансы» - Москва 2010. - саҳ 580.
5. Миразизов А.Ҳ., Ҳасанов А.Р., Содиқов С «Молия ва карз» - Душанбе 2010. - саҳ 320.
6. Л. А Дрaбозина «Финансы денежное обращение и кредит» - Москва 1999. - саҳ 567.
7. Улуғхоҷаева Х.Р. Обидов Ф.С. Раҳимов З.А«Молия» - Душанбе 2012. - саҳ 265.
8. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – www.minfin.tj

УДК 336.22

Хамидова С.Х

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ КЛАССИФИКАЦИИ И РЕАЛИЗАЦИИ ПРИНЦИПОВ НАЛОГОВОГО АУДИТА В ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ХОЗЯЙСТВУЮЩИХ СУБЪЕКТОВ

В условиях трансформации современного экономического пространства проблема эффективной организации налогового аудита приобретает приоритетное значение, что обусловливает необходимость его исследования в контексте комплексного методологического подхода. Целью данного исследования является разработка целостных теоретико-методических основ налогового аудита, обладающих универсальной применимостью в отношении различных форм и видов хозяйственной деятельности. В работе проведён методологический анализ классификации и реализации принципов налогового аудита в деятельности хозяйствующих субъектов, систематизированы и обобщены существующие научные подходы к классификации принципов экономических процессов и явлений. Обоснована необходимость совершенствования методологической базы налогового аудита с учётом интеграции положений общей теории аудита и науки управления. По результатам проведённого исследования выделены классификационные признаки, обеспечивающие систематизацию принципов налогового аудита, и дана их содержательная характеристика в рамках структурированных групп.

Ключевые слова: налоговый аудит; классификация; принципы аудита; группировка; классификационный подход; хозяйствующий субъект; аудиторские услуги; интерпретация.

Ҳамидова С.Ҳ.

АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАСНИФОТ ВА ТАТБИҚИ ПРИНСИПҲОИ АУДИТИ АНДОЗ ДАР ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР

Дар шароити тағйирёбии фазои муосири иқтисодӣ масъалаи ташкили самараноки аудити андоз аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад, ки зарурати таҳқиқи онро дар заминаи равиши мукаммали методологӣ ба миён меорад. Ҳадафи ин таҳқиқот таҳияи асосҳои назариявию методии аудити андоз мебошад, ки дорои қобилияти универсалӣ нисбат ба шаклҳо ва намудҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ бошад. Дар кор таҳлили методологии тасниф ва татбиқи принсипҳои аудити андоз дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор анҷом дода шуда, равишҳои илмии мавҷуда ба таснифоти принсипҳои равандҳо ва зуҳуроти иқтисодӣ систематизатсия ва умумбандӣ шудаанд. Зарурати такмил додани пойгоҳи методологии аудити андоз бо дарназардошти ҳамгироии муқаррароти назарияи умумии аудит ва илми идоракунӣ асоснок карда шудааст. Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқот нишонаҳои таснифие муайян карда шудаанд, ки систематизатсияи принсипҳои аудити андозро таъмин намуда, ба онҳо хусусиятҳои мундариҷавӣ дар доираи гурӯҳҳои сохторӣ дода шудаанд.

Калидвожаҳо: аудити андоз; таснифот; принсипҳои аудит; гурӯҳбандӣ; равиши таснифот; субъекти хоҷагидор; хизматрасониҳои аудиторӣ; тафсир.

Khamidova S.Kh.

METHODOLOGICAL FRAMEWORK FOR THE CLASSIFICATION AND IMPLEMENTATION OF TAX AUDIT PRINCIPLES IN BUSINESS ENTITIES

In the context of the transformation of the modern economic environment, the issue of the effective organization of tax auditing acquires priority significance, which necessitates its study within

the framework of a comprehensive methodological approach. The purpose of this research is to develop a holistic theoretical and methodological foundation for tax auditing that possesses universal applicability to various forms and types of economic activity. The study provides a methodological analysis of the classification and implementation of tax audit principles in the activities of business entities, while existing scholarly approaches to the classification of principles of economic processes and phenomena are systematized and generalized. The necessity of improving the methodological framework of tax auditing is substantiated, taking into account the integration of the provisions of general audit theory and management science. Based on the results of the research, classification criteria have been identified that ensure the systematization of the principles of tax auditing, and their substantive characteristics are presented within the framework of structured groups.

Keywords: tax audit; classification; audit principles; grouping; classification approach; business entity; audit services; interpretation.

Одной из актуальных задач развития практики налогового аудита в деятельности хозяйствующих субъектов выступает необходимость повышения его качества. Достижение поставленной цели может быть обеспечено через развитие методологических основ налогового аудита, что предполагает не только совершенствование процедур и инструментов, но и более детальное исследование системы его базовых принципов, выполняющих функцию концептуального ядра данного вида контроля.

«Налоговый аудит является единственным инструментом, которое можно предоставить руководству, собственникам и другим заинтересованным пользователям, объективная и достоверная информация о состояние расчетов с бюджетом по налогам, а также оптимизировать систему налогообложения экономических субъектов» [11. С. 6-15].

В научной литературе принцип рассматривается как фундаментальное, исходное положение, лежащее в основе теоретических и прикладных концепций. Так, М.А. Азарская определяет принцип в широком смысле как «…основное, исходное положение теории, науки, учения» [2. С. 58]. В контексте налогового аудита формирование целостного понимания его принципов и усиление их практической значимости для управления деятельностью хозяйствующих субъектов целесообразно обеспечивать посредством научно обоснованной классификации. Подобная классификация служит инструментом систематизации, структурирования и выявления взаимосвязей между отдельными положениями, что, в свою очередь, способствует повышению эффективности и качества аудиторского процесса.

Прежде чем рассматривать конкретные классификационные подходы, необходимо определить сущность понятия «классификация» и обозначить ключевые требования, предъявляемые к её построению. В научной литературе представлено множество интерпретаций этого термина, отражающих как общетеоретические, так и прикладные аспекты.

В статье анализируются актуальные вопросы изменения промышленного развития на региональном уровне и современные фундаментальные концепции промышленного развития, обосновывающие значимость экономики знаний и концепции устойчивого развития для промышленности. Доказано, что в современных экономических реалиях концепции промышленного развития на микроуровне особенно важны. Предложена классификация концепций промышленного развития на текущем этапе региональной экономики с учетом их вклада. Рассматривается совокупность взаимосвязей, лежащих в основе принятия решений об изменении развития региональной экономики. Государство, в котором формируется экономическая, внешнеэкономическая, инновационная и промышленная политика, фактически реализуется на региональном, местном и корпоративном уровнях. Поэтому рассматривается не только само государственное вмешательство, но и методы этого вмешательства, а также использование различных инструментов для достижения структурных изменений. В нашем исследовании переосмысливается понятие изменений в промышленном развитии с учетом системного изменения структур, форм и методов деятельности объектов и субъектов промышленного сектора, с указанием основных направлений изменений на региональном уровне.

Ключевые слова: региональная экономика; промышленное развитие; изменение концепции; изменения в промышленном развитии; концепция циклического развития; концепция промышленной организации; региональная политика; промышленная политика.

Sharopova N.H.

CONCEPTS OF INDUSTRIAL POTENTIAL IN MODERN CONDITIONS OF REGIONAL ECONOMY

The article analyzes current issues of changes in industrial development at the regional level and modern fundamental concepts of industrial development, substantiating the importance of the knowledge economy and the concept of sustainable development for industry. It is proven that in modern economic realities, the concepts of industrial development at the micro level are especially important. A classification of industrial development concepts at the current stage of the regional economy is proposed, taking into account their contribution. The set of interrelations underlying decision-making on changes in the development of the regional economy is considered. The state, in which economic, foreign economic, innovation and industrial policies are formed, is actually implemented at the regional, local and corporate levels. Therefore, not only government intervention itself is considered, but also the methods of this intervention, as well as the use of various tools to achieve structural changes. Our study rethinks the concept of changes in industrial development, taking into account the systemic change in the structures, forms and methods of activity of objects and subjects of the industrial sector, indicating the main directions of changes at the regional level.

Keywords: regional economy; industrial development; change in concept; changes in industrial development; concept of cyclical development; concept of industrial organization; regional policy; industrial policy.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ ва рақобати афзояндаи бозори ҷаҳонӣ, рушди устувор ва босуботи иқтисоди миллӣ бевосита ба рушди минтақавӣ, истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ ва иқтидори мавҷудаи ҳар як воҳиди маъмурию ҷуғрофӣ вобаста

аст. Аз ин нуқтаи назар, таҳлили иқтидори иқтисодӣ ва инноватсионии минтақаҳо дар сатҳи вилоятӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардидани солҳои 2025–2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» на танҳо як иқдоми сиёсӣ, балки ҷиҳати стратегӣ барои тағйироти сохтории иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ арзёбӣ мегардад [1].

Дар доираи ин барнома, зарурати таҳлили чуқур ва муҳими имкониятҳои рушди рақамисозӣ дар сатҳи вилоят ва ҷалби захираҳои маҳаллӣ, сармоягузорӣ ва иқтидорҳои кадрӣ ба миён меояд.

Саноат яке аз сосаҳои калидии рушди иктисодиёт ба ҳисоб рафта, ҳамарӯза таҳқиқотҳои гуногуни олимони соҳа оид ба тавсифи паҳлуҳои гуногуни рушди иқтидори саноатии минтақа интишор мегардад, ки ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа мусоидат менамояд.

Масоили марбут ба рушди инноватсионии соҳаҳо мавриди таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ қарор гирифтаанд, ки дар доираи онҳо хулосаҳои сершумор ба даст омадаанд. Аз ҷумла, муҳимтаринашон интихоби моделҳои рушд, назария ва амалияи татбиқи самтҳои интихобгардида бо мақсади ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда мебошанд. Аз ин нуқтаи назар, метавон ба таҳқиқоти олимон А.Л. Алимов, Д.Т. Назаров, Б.М. Шарифзода, Ф.С. Холбобоев, С.Ҷ. Комилов, Н. Хоналиев, Н.Қ. Қаюмов, А.Б. Мирасидов, Х. Шамсуллозода, Л.Х. Саидмуродов, М.Х. Саидова, С. Холаҳмадӣ, М.Қ. Файзуллоев, Х.А. Одинаев, Б. Нуриддинов ишора намуд. Ҳамчунин, дар робита ба мавзӯи мазкур корҳои илмии олимоне чун В. В. Бороткин, А.В. Москвин, О. В. Рыжкова, И.С. Ҷавадов ва дигарон қобили зикр мебошанд. Масоили умумӣ, ки сабабҳои рушди муваффақонаи кишварҳои мухталифи ҷаҳонро дарбар мегиранд ва бо мавзӯи таҳқиқ аз диди таҳлили муқоисавӣ робита доранд, дар асарҳои муаллифоне чун Дарон Аҷемоғлу, Ҷеймс А. Робинсон, Маргарет Тэтчер, Д.В. Прокопович, О.Н. Шкутко, А.С. Селишев, Н.А. Селишев инъикос ёфтаанд. Кори илмии онҳо барои омӯзиш ва татбиқи моделҳое, ки ба ҳалли масъалаҳои зикршуда мусоидат менамоянд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд [3, 4, 5, 7, 8, 9].

Дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди саноат дар сатҳи минтақаҳо консепсияҳои муосири таҳаввулоти саноатро ба назар гирифтан лозим аст. Арзёбии вазъи муосири саноатӣ ва тстифодаи самараноки иқтидори саноатии минтақа ба ҳалли муаммоҳои байни консепсияҳо мусоидат намуда, ба омилҳои дохила ва беруна мутобиқат менамоянд. Дар тадқиқот консепсияҳои таҳияшудаи модернизатсияи саноатии иқтисодиёти минтақа ва самтҳои афзалиятноки истифодаи иқтидори саноатии минтақа оварда шудааст [2].

Муайян намудани индикаторҳо аз рӯи меъёрҳои истеҳсолӣ, такрористеҳсолӣ, навоварӣ, ҷудошавӣ барои пешгӯии рушди саноат; пешниҳоди механизми андозбандӣ ва мониторинги рушди рақамӣ ва инноватсия дар сатҳи минтақа муҳимм мебошад.

Карл Маркс ва Адам Смит рушди иқтисодӣ ва тамоюлҳои эволютсионии корхонаҳои саноатиро баррасӣ намуда, роҳҳои омӯзиши ин категорияҳоро аз ҳам ҷудо намудаанд. Рушди иқтисод тавассути роҳи созмон дар сатҳи ташкилотҳо (фирмаҳои) сурат гирифт. Маълум гардид, ки васеъшавии бозор аз афзоиши ташкилот вобаста мебошад. Ташкилоти саноатӣ - субъекти муносибатҳои бозорӣ, муҳимтарин унсури низоми бозор мебошад, ки дар натиҷаи диверсификатсия ва махсусгардонии истеҳсолот ва мутобиқ намудани комёбиҳои прогресси илмию техникӣ муваффақиятҳои муайян ба даст оварда, хаҷми маҳсулоти истехсолшударо зиёд ва ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардорад. Дар илми иқтисодӣ фаъолияти ҳар як ташкилот аз сатҳи рақобатпазирии нарх, ҳаҷми истеҳсол ва сифати маҳсулоти истеҳсолшуда ба вобаста мебошад [3].

Рафтор, сохтор ва функсия равишҳои рақобат буда, равиши рафтор ба табиати инсон хос аст. Муносибати функсионалӣ хусусиятҳои умумӣ дошта раванди рақобатро ҳамчун фаъолияти дарозмуддат мешуморанд. Аз нуқтаи назари сохторӣ бошад, рақобат ин шакли мавҷудияти бозор мебошад.

Якҷоя амалкарда равишҳоро самти афзалиятнок меҳисобем, зеро равши якҷоя имкон медиҳад, ки тағйиротҳо ҳам дар сатҳи микро ва ҳам дар макро пайгирӣ карда шавад. Шумпетер ва Кондратьев дар асарҳои худ моҳияти сиклии равандҳои иқтисодии ҷаҳониро ошкор намуданд

[6, 13]. Шумпетер системаҳои устувори иқтисодиро баррасӣ намуда, онҳоро аз ҷиҳати сохторӣ ҳамчун унсурҳои (пул ва мол) ба таври даврӣ ба сӯи ҳамдигар ҳаракаткунанда муаррифӣ намуда, қайд кард, ки рушди иқтисодӣ ин давраро деформатсия мекунад ва ё ҳатто вайрон мекунад, зеро дар баробари пайдоиши соҳаҳои нав, саноатҳои куҳна аз байн мераванд.

Ҷ.Шумпетер яке аз аввалинҳо буд, ки фарқияти асосии байни рушди иқтисодӣ ва афзоиши иқтисодиро нишон додааст. Одатан афзоиши иқтисодиётро бо инкишофи экстенсивӣ мефаҳманд ва тараққиёти иқтисодиёт на ҳамеша маънои афзоиши мутлақи миқдориро дорад. Дар консепсияи пешниҳодкардаи ӯ ба фаъолияти ташаббускории сохибкор диққати махсус дода шудааст [4; 6].

Дар марҳилаи нави ташаккули равандҳои иқтисодӣ, ки зери таъсири амиқи рақамигардонӣ, ҷаҳонишавӣ ва ҷорӣ намудани технологияи нав сурат мегирад, масъалаи таҳқиқ ва муайян намудани мафҳум, муҳтаво ва нақши иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ дар рушди иқтисоди саноатии минтақаҳо аҳамияти стратегӣ пайдо намудааст. Зербоби мазкур ба таҳлили назариявӣ ва методологии ин самт равона гардида, бо истифода аз заминаҳои илмии муосир ва таҷрибаи амалӣ ҷанбаҳои муҳимтарини робитаи иқтисоди рақамӣ ва иқтидори саноатии минтақаҳоро фаро мегирад. Дар таҳқиқоти мазкур иқтисоди рақамӣ ҳамчун падидаи мураккаби иқтисодиву иҷтимоӣ ва технологӣ шарҳ дода мешавад, ки на танҳо шакли нави рушди соҳаҳои иқтисодиро ташкил медиҳад, балки низоми куллан тозаи муносибатҳои истеҳсолӣ, молиявӣ ва иттилоотиро фароҳам меорад. Он маҷмӯи технологияҳо, захираҳо, шабакаҳо ва равандҳоест, ки фаъолияти иқтисодиро дар асоси рақамигардонӣ, иттилооти калонҳаҷм (Big Data), зеҳни сунъӣ, технологияҳои мобилӣ ва шабакаҳои интернетӣ ташкил медиҳад [7, 8].

Иқтисоди инноватсионӣ бошад, ҳамчун зинаи навбатии рушди иқтисоди рақамӣ ва ё модели мукаммали мутобиқшавӣ ба муҳити рақобатпазири ҷаҳонӣ арзёбӣ гардида, дар шароити муосир ба унсури асосии рушди истеҳсолоти саноатӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт ва афзоиши иқтидори рақобатии минтақаҳо мубаддал шудааст. Ин модел на танҳо ба ҷорӣ кардани технологияи нав, балки ба ташаккули муҳити мусоиди зеҳнӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ барои рушди навовариҳо асос меёбад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки иқтисоди рақамӣ на танҳо як зинаи нави тараққиёти иқтисодӣ, балки муҳити куллан нав ва тағйирдиҳандаи принсипҳои анъанавии истеҳсол, тақсимот ва истеъмол мебошад. Он ҳамчун давом ва таҳаввули мантиқии назарияҳои иқтисодии неоклассикӣ, институционалӣ ва инноватсионӣ баромад мекунад. Аз нигоҳи методологӣ, иқтисоди рақамӣ як низоми мураккаби динамикии ислоҳшаванда мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ (Big Data, IoT, AI, blockchain) бо захираҳои инсонӣ ва институтсионалӣ ҳамгиро мешаванд.

Дар таҳқиқоти ба хулоса омадем, ки шаклгирии назариявии иқтисоди рақамӣ аз се марҳилаи асосӣ иборат аст:

1. Марҳилаи аввал – назарияҳои классикӣ ва неоклассикӣ, ки ба таҳлили механизми бозор ва арзиши иловагӣ такя доранд. Дар ин ҷо маҳз тавассути василаи бозор, рақобат ва маҳсулнокӣ шарҳи рушди иқтисодӣ дода мешавад. Иқтисоди рақамӣ ин принсипҳоро тағйир дода, ба воситаи рақамигардонии захираҳо ва арзишгузории рақамӣ фаъолият мекунад.
2. Марҳилаи дуюм – назарияҳои институтсионалӣ ва инноватсионӣ, ки ба нақши институтҳои иҷтимоӣ, моликият ва навоварӣ дар рушди иқтисод диққат медиҳанд. Дар ин замина, корҳои Пол Ромер, Дуглас Норт, Йозеф Шумпетер ва дигарон муҳим арзёбӣ мегарданд. Масалан, Пол Ромер рушди устуворро ба захираҳои донишу иттилоотӣ ва навоварӣ асос мебахшад, ки дар иқтисоди рақамӣ ба воситаи захираҳои зеҳнӣ амалӣ мешавад.
3. Марҳилаи сеюм – назарияҳои ҷомеаи шабакавӣ ва иқтисоди рақамӣ, ки ба таҳқиқи муносиботи иқтисодӣ дар муҳити рақамӣ равона шудаанд. Дар ин самт, таҳқиқоти Мануэл Кастелс (Network Society), Клаус Шваб (Industry 4.0), Крис Андерсон (Long Tail Economics), Николас Карр, Эрик Бринйолфссон ва Андрю Макафи дар заминаи корбурди технологияи рақамӣ ва зеҳни сунъӣ саҳми назаррас доранд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, иқтисоди рақамӣ ҳамчун шакли баланди ҳамгироии иқтисодҳои миллӣ бо фазои иттилоотӣ ва технологияҳои глобалӣ ба миён омадааст. Ин раванд на танҳо бозорҳои анъанавиро тағйир медиҳад, балки меъёрҳои нави рақобат, тиҷорат, дастрасӣ ба

захираҳо ва ташаккули маҳсулоти навро муайян месозад. Ба таври дигар, иқтисоди рақамӣ ба ташкили бозори ҷаҳонии рақамӣ ва муҳити нави иқтисодӣ асос мегузорад, ки дар он вақт, суръат ва иттилоот аҳамияти аслӣ доранд.

Дар таҳқиқот ҳамзамон масъалаи мутобиқсозии назарияҳои ҷаҳонии иқтисоди рақамӣ ба воқеиятҳои кишварҳои рӯ ба рушд, махсусан Тоҷикистон, мавриди таваҷҷуҳи хос қарор гирифтааст. Мутаассифона, дар фазои илмии кишвар ҳанӯз таҳлили мукаммали назариявии иқтисоди рақамӣ ва мутобиқ намудани он ба шароити дохилӣ кам ба назар мерасад.

Аз нигоҳи амалӣ, баҳри таҳкими пояҳои назариявии иқтисоди рақамӣ дар шароити Тоҷикистон ва ҳамгироӣ бо равандҳои ҷаҳонишавӣ бояд як қатор корҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- Таҳияи платформаи назариявии миллӣ дар самти иқтисоди рақамӣ, ки ба хосиятҳои иқтисодиёти Тоҷикистон мутобиқ бошад;
- Мутобиқсозии стандартҳо ва усулҳои таҳлили иқтисодӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ, аз ҷумла корбурди технологияҳои иттилоотӣ дар таҳқиқи иқтисодиёт;
- Интегратсия намудани таҳқиқоти илмии дохилӣ бо марказҳои илмии хориҷӣ, бо мақсади мубодилаи таҷриба ва дониш дар заминаи назария ва методологияи иқтисоди рақамӣ;
- Ташаккули мактабҳои илмии миллӣ оид ба иқтисоди рақамӣ ва тайёр кардани кадрҳои тахассусии соҳа.

Дар заминаи дониш ҳамчун омили асосии истеҳсолот, механизмҳои интиқоли технологияҳо, ҳамкории байни субъектҳои инноватсионӣ ва нақши дастгирии институтсионалӣ, ки ҳама ба рушди инфрасохтори инноватсионии устувор мусоидат мекунанд, баррасӣ карда мешаванд. Рушди инноватсионии минтақавӣ ҳамчун натиҷаи таъсири маҷмӯии фаъолияти инноватсионӣ ва сиёсати сармоягузорӣ баррасӣ мешавад, ки дар доираи системаи ягонаи идоракунӣ ҳамдигарро мустаҳкам мекунанд. Идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ муайян ва татбиқи технологияҳои нав, ташкили тадқиқот ва коркардҳо ва фароҳам овардани шароит барои тиҷоратикунонии инноватсияҳоро дар бар мегирад.

Мо якчанд консепсияҳои сармояи инсониро дар доираи рушди саноатии минтақа номбар мекунем. Сармояи инсонӣ дар натиҷаи дониш ва вазъи кунунии ҷисмонӣ ва психологии шахс баррасӣ карда мешавад. Таҳлили ҳамаҷонибаи ин ҷузъҳо ба мо имкон медиҳад, ки на танҳо ҳаҷм ва сифати донишро арзёбӣ кунед, балки қобилияти навоваронаи шахсро барои истифодаи малакаҳо муайян намоем.

Таъсири мутақобилаи идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ ҳамчун омили асосии таъмини рушди устувори инноватсионии минтақаҳо дар шароити ташаккули иқтисоди ба дониш асосёфта мебошад. Ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҳамгироии фаъолияти инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, механизмҳои институсионалӣ ва ташкили ба баланд бардоштани самаранокии идоракунии лоиҳаҳо мусоидат мекунанд. Дар шароити саноатикунонии босуръат ба ташаккули инфрасохтори инноватсионии минтақавӣ, банақшагирии стратегӣ ва истифодаи абзорҳои ҳамкории давлативу хусусӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Модели идоракунии лоиҳаҳо барои ба даст овардани таъсири синергетикӣ тавассути ҳамоҳангсозии равандҳои сармоягузорӣ ва инноватсионӣ мусоидат менамояд.

Дар заминаи рушди инноватсионии минтақавӣ бо дарназардошти ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 пешбинишуда, таҷрибаи байналмилалӣ ва аҳамияти ин мавзӯъ барои ноил шудан ба рақобат дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, мушкили барои бисёре аз корхонаҳо, минтақаҳо ва кишварҳо дар заминаи татбиқи дониши иқтисодии кишварро зарур мешуморем. Саъю кӯшишҳо бояд ба ташкили экосистемаи устувори инноватсионӣ равона карда шаванд, ки табдили самараноки донишҳои илмиро ба технологияҳои амалӣ ва татбиқи онҳо дар равандҳои истеҳсолӣ таъмин намояд. Ин ба рушди заминаи илмӣ-таҳқиқотӣ, ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар бахшҳои баландтехнологӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди сармояи инсонӣ, бахусус дар соҳаи муҳандисӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва менеҷмент пешбинӣ шудааст.

Дар сатҳи рушди инноватсионӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон, Суғд, ВМКБ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳангоми ноил шудан ба мақсадҳои таъсири мутақобила, идоракунии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ ва рушди минтақавӣ ҳангоми интихоби принсипҳои бунёдии иқтисоди дониш асосёфта бояд ба гузаронидани таҳлили муфассал ва интихоби омилҳои зерин эътибор дода шавад:

1. Иқтидори илмию таълимии минтақа – сатҳи рушди муассисаҳои таҳсилоти олӣ, пажӯҳишгоҳҳои илмӣ, мавҷудияти кадрҳои баландихтисос дар соҳаҳои афзалиятнок.

2. Инфрасохтори инноватсионӣ – мавҷудияти паркҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, кластерҳои саноатӣ, марказҳои интиқоли технологияҳо ва дигар муассисаҳои дастгирии инноватсия.

3. Ҷолибияти сармоягузорӣ – сифати муҳити институтсионалӣ, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ, сатҳи монеаҳои бюрократӣ ва мавҷудияти ҳавасмандгардонӣ барои сармоягузорон.

4. Рушди технологияҳои рақамӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) – дараҷаи рақамисозии бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ, сатҳи дастрасӣ ва сифати инфрасохтори ТИК.

5. Хусусияти маҳаллӣ ва иқтидори захиравӣ – мавҷудияти захираҳои табиӣ, иқтисодӣ, логистикӣ ва инсонӣ, ки метавонанд ҳамчун асос барои эҷоди афзалиятҳои рақобатии минтақавӣ истифода шаванд.

6. Дараҷаи ҳамкории илм, соҳибкорӣ ва давлат (спирали сегона) – самаранокии ҳамкории мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва бахши хусусӣ дар раванди таҳия ва татбиқи инноватсияҳо.

7. Дараҷаи рушди соҳибкории инноватсионии хурду миёна – мавҷудияти корхонаҳои стартап, КХМ инноватсионӣ, дастрасии онҳо ба маблағгузорӣ ва бозорҳо.

8. Сиёсати минтақавии инноватсионӣ ва стратегияи рушд – мавҷудияти стратегияи дарозмуддати ҳавасмандгардонии фаъолияти инноватсионӣ ва механизмҳои татбиқи он дар сатҳи минтақавӣ.

9. Системаи рушд ва низоми омодакунии кадрҳо – мутобиқ намудани низоми таҳсилоти касбӣ ба талаботи иқтисодиёти дониш, таҳияи барномаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо.

10. Устувории институтсионалӣ ва сифати идоракунии давлатӣ – сатҳи шаффофият, ҳисоботдиҳӣ ва пешгӯии амалҳои ҳукумат, инчунин иқтидори тағйироти институтсионалӣ.

11. Қабули иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба инноватсия – сатҳи фарҳанги инноватсионии ҷомеа, омодагии аҳолӣ ва корхонаҳо ба дарк ва татбиқи технологияҳои нав.

12. Мониторинг ва арзёбии самаранокии лоиҳаҳои инноватсионӣ – мавҷудияти системаи арзёбии таъсири ташаббусҳои амалӣ, ки имкон медиҳад мутобиқсозии сиёсат дар асоси маълумот ва таҳлили ба даст овардашуда.

Бо назардошти тамоми омилҳои зикршуда, метавон гуфт, ки рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсионӣ дар минтақаҳои вилояти Суғд на танҳо як зарурат, балки як имконияти воқеии гузариш ба марҳилаи нави рушди босифат мебошад. Таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва технологӣ барои ин раванд, ҳамчунин ҷалби неруи зеҳнии маҳаллӣ ва таҳкими ҳамкории байни бахши давлатӣ ва хусусӣ, метавонад ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии вилоят дар солҳои наздик замина гузорад.

Хулоса. Дар шароити муосир, вақте ки Тоҷикистон ба Стратегияи миллӣ то соли 2030 ва инчунин ба талаботи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) мутобиқ мешавад, истеҳсоли мол бояд ба меъёрҳои сифат, стандартҳои экологӣ ва шаффофияти бозор мутобиқ бошад. Барои ин, зарур аст ки рушди саноати инноватсионӣ на танҳо бо афзоиши миқдории корхонаҳо, балки бо воридсозии технологияҳои тоза, коркарди амиқи маҳсулот ва идоракунии рақамӣ сурат гирад. Сиёсати "Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия" танҳо дар ҳолате метавонад самараи воқеӣ диҳад, ки заминаҳои воқеии иқтисодӣ, инфрасохторӣ, маъмурӣ ва инсонӣ дар сатҳи минтақаҳо ба таври мақсаднок таҳия ва татбиқ шаванд.

АДАБИЁТ

1. Аллин О.Н., Салькинова Н.И. Кадры для эффективного бизнеса. Подбор и мотивация персонала. – М.: Генезис, 2005. – 248 с.
2. Аляутдинов Ш. Подсознательные бедность и богатство. – СПб.: «Издательство «Диля»», 2021. – 464 с.
3. Анисимова В.Ю. Организационный механизм повышения энергоэффективности на промышленных предприятиях Самарской области // Бизнес-аналитика в развитии региональных экономических систем: сборник материалов Международной научно-практической конференции, Самара, 14 ноября 2023 года.
4. Горький А.С. Теоретические основы управления финансами интегрированных бизнес-структур // Вестник Самарского государственного университета. Серия: Экономика и управление. 2015. № 2 (124). С. 30–35. URL: https://journals.ssau. ru/eco/article/download /5584/5432?ysclid=ltfmotzowq861892139.
5. Горький А.С. Интегрированные корпоративные структуры как объект корпоративного управления и контроля // Вестник Самарского государственного экономического университета. 2008. № 11 (49). С. 18–21. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=11740902
6. Кондратьев Н.Д. Большие циклы конъюнктуры. Москва, 1925.
7. Рушди инсонӣ. Китоби дарсӣ (нашри 2, иловагардида ва аз сари нав коркардашуда) / ҳайати муаллифон // Таҳти таҳрири умумии Бобоҷонов Р. М. – Душанбе: ҶДММ “Фарзин”, 2014. – 434 с.
8. Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе.: ҶДММ «Контраст», 2016. – 87 с.
9. Саидмуродов Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики – Душанбе: Дониш, 2022. – 414 с.
10. Раҳимзода Ш. Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - таконбахши рушди иқтисодиёти миллӣ // Нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ташаккули давлатдории миллӣ / Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии байнал-миллалии (ш. Душнбе, соли 2024). - Душанбе, 2024. - С. 48-61.
11. Раҳимов Ф.С., Соҳибов М.Н., Ашуров М.Н., Бобомуродов Б.У. Система ва технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт (китоби дарсӣ) – Душанбе.: ҶДМ “Бебок”. 2023. – 240 с.
12. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития. Москва: Эксмо, 2007. 864 с.

УДК 330.341.1:334.012.64

Шарофзода Ф.Р., Асрорзода А.С.

ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ САМАРАНОКИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола масъалаҳои такмили ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ҳамчун механизми таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллифон моҳияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии он, инчунин таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро баррасӣ намуда, имконияти татбиқи муваффақонаи он дар шароити иқтисоди миллӣ нишон медиҳанд. Дар мақола омилҳои таъсирбахш, манфиатҳо ва монеаҳои рушди чунин ҳамкорӣ муайян гардида, аҳамияти он дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, рушд бахшидани иқтисоди сабз, ҳамчунин ҷалби сармояи хусусӣ ба бахшҳои афзалиятноки иқтисодиёт асоснок карда мешавад. Бо такя ба натиҷаҳои таҳлилӣ, як қатор

тадбирҳои амалии рушди самараноки механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод мегарданд, ки ба таҳкими заминаҳои институтсионалӣ, шаффофияти равандҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ ва таъмини тавозуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва экологӣ мусоидат менамоянд.

Вожаҳои калидӣ: шарикии давлат ва бахши хусусӣ; рушди устувор; механизми иқтисодӣ; инфрасохтор; соҳибкорӣ; иқтисоди рақамӣ; иқтисоди сабз; сармоягузорӣ; сиёсати давлатӣ; таҷрибаи байналмилалӣ; ҳавасмандсозии институтсионалӣ.

Шарофзода Ф.Р., Асрорзода А.С.

ГОСУДАРСТВЕННО-ЧАСТНОЕ ПАРТНЕРСТВО КАК ЭФФЕКТИВНЫЙ МЕХАНИЗМ ОБЕСПЕЧЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ

В статье рассмотрены вопросы совершенствования взаимодействия государства с частным сектором как механизма обеспечения устойчивого экономического развития. Авторы анализируют сущность государственно-частного партнерства, его теоретико-правовые основы, а также опыт ведущих стран, обосновывая возможности успешной реализации данного механизма в национальной экономике. В статье выявлены факторы влияния, преимущества и барьеры развития государственно-частного партнёрства, показана его значимость в реализации инфраструктурных проектов, продвижении зелёной экономики и привлечении частных инвестиций в приоритетные отрасли экономики. На основе проведённого анализа сформулированы практические рекомендации по эффективному развитию механизма ГЧП, направленные на укрепление институциональной базы, повышение прозрачности процессов, повышение конкурентоспособности предпринимательских структур и обеспечение социально-экономического и экологического баланса.

Ключевые слова: государственно-частное партнерство; устойчивое развитие; экономический механизм; инфраструктура; предпринимательство; цифровая экономика; зеленая экономика; инвестиции; государственная экономическая политика; международный опыт; институциональное стимулирование.

Sharofzoda F.R., Asrorzoda A.S.

PUBLIC-PRIVATE PARTNERSHIP AS AN EFFECTIVE MECHANISM FOR ENSURING SUSTAINABLE ECONOMIC DEVELOPMENT

This article explores the enhancement of cooperation between the state and the private sector as a key mechanism for achieving sustainable economic development. The authors examine the conceptual, theoretical, and legal foundations of public-private partnership (PPP), alongside the practical experience of leading economies, to substantiate the feasibility and effectiveness of PPP implementation within the national context. The study identifies major drivers, advantages, and constraints associated with PPP development, demonstrating its critical role in delivering infrastructure projects, advancing the green economy, and mobilizing private investment in priority sectors. Based on the analytical results, the article proposes practical recommendations aimed at strengthening institutional capacity, improving transparency, increasing business competitiveness, and ensuring socio-economic and environmental balance in the long term.

Keywords: public-private partnership; sustainable development; economic mechanism; infrastructure; entrepreneurship; digital economy; green economy; investment; public economic policy; international experience; institutional incentives.

Дар марҳалаи муосири рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, таҳкими низоми ҳамкории давлат бо субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосӣ ва муайянкунандаи

рушди устувор баррасӣ мегардад. Раванди ташаккули чунин ниҳодҳои ҳамкорӣ ба талаботи объективии иқтисоди бозорӣ ва зарурати афзоиши нақши бахши хусусӣ дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ вобаста аст.

Бо дарназардошти тақозои рушди бозори рақобатнок, афзоиши талаботи ҷомеа ба сатҳи баланди некӯаҳволӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва сифати хизматрасониҳо, зарурати гузариш ба модели нави иқтисодии инноватсионӣ ба миён меояд. Модели мазкур дар асоси ҳамгироии устувори сармояи бахши хусусӣ бо имкониятҳо ва механизмҳои танзими давлатии равандҳои иқтисодӣ ташаккул меёбад.

Дар чунин шароит, давлат ҳамчун танзимгар ва дар баробари он шарики стратегӣ ва кафили татбиқи лоиҳаҳои муҳими инфрасохторӣ ва иҷтимоӣ баромад мекунад. Чунин ҳамкорӣ дар самти ивази вазифаву масъулиятҳо ба бунёди модели муосири рушди устувор мусоидат намуда, сатҳи рақобатнокии иқтисоди миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ тақвият мебахшад.

Ин стратегия рушди иҷтимоию иқтисодиро дар назар дошта, гузариш ба шакли устувори инкишофро пешбинӣ менамояд, ки дар он шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун як механизми пуркуввати таъмини рушди устувор дар тамоми сатҳҳои ҳамкорӣ дар марҳилаи дарозмуддат баррасӣ мешавад. Механизми мазкур имкон медиҳад, ки рушди мутавозини иҷтимоӣ, экологӣ ва иқтисодӣ таъмин гардад, ки дар он фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба самтҳое равона карда мешавад, ки имкониятҳои наслҳои ояндаро барои амалӣ намудани иқтидор ва қонеъ сохтани эҳтиёҷоти худ маҳдуд накунанд.

Дар шароите, ки зарурати гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ ба миён меояд, ҷустуҷӯи механизмҳои нави таъминкунандаи он амалӣ мегардад. Дар адабиёти иқтисодӣ таснифоти механизмҳои танзими низомҳои иқтисодӣ васеъ истифода мешавад, ки он дар асоси нишонаҳое чун тарзи амалӣ шудани ҳокимияти иқтисодӣ, нақшу мақоми давлат ва ҷойгоҳу аҳамияти бозор бунёд ёфтааст. Дар ин замина одатан се шакли асосии механизмҳо ҷудо карда мешаванд: механизми бозории танзим, механизми танзими давлатӣ ва механизми махсуси шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ (расми 1).



Расми 1. Механизмҳои танзими низомҳои иқтисодӣ (таҳияи муаллиф)

Бояд таъкид кард, ки баррасии ҷудогонаи ҳар яке аз ду механизми классикии танзими иқтисодӣ, механизми бозорӣ ва механизми давлатии танзим барои гузариш ба модели рушди устувор кофӣ намебошад, зеро ҳадафи асосии рушди устувор таъмин намудани тавозуни се ҷузъи асосӣ мебошад: рушди иқтисодӣ, суботи иҷтимоӣ ва мувозинати экологӣ.

Механизми бозорӣ манфиат ва самаранокии иқтисодиро дар маркази таваҷҷуҳ қарор дода, ба истифодаи оқилонаи захираҳо таваҷҷуҳ менамояд ва бештар ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва афзоиши арзиши захираҳои мавҷуда такя мекунад. Дар чунин шароит, ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва экологӣ аксаран дар зинаҳои баъдӣ қарор мегиранд, зеро бозор манфиати ҷамъиятӣ ва нигоҳдории захираҳоро барои наслҳои оянда ба таври кофӣ кафолат дода наметавонад.

Аз ҷониби дигар, механизми давлатии танзим ба воситаи истифодаи захираҳои маъмурӣ ва фишангҳои идоракунӣ фаъолият намуда, ба танзими муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъиятӣ равона мешавад. Бо вуҷуди ин, дахолати аз ҳад зиёди давлат ба равандҳои

иқтисодӣ метавонад ташаббуси бахши хусусиро маҳдуд созад, суръати рушди инноватсионӣ ва рақобатнокиро паст намояд, ки ин ҳолат бар хилофи ҳадафҳои рушди устувор қарор мегирад.

Ҳамин тавр, таҷриба нишон медиҳад, ки барои таъмини тавозуни устувор байни ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, зарурати истифодаи механизмеро ба миён меорад, ки бартариҳои ҳар ду низомро дар худ муттаҳид созад. Маҳз дар ҳамин замина шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун шакли ҳамгирои идоракунии иқтисодӣ баромад мекунад, ки метавонад механизми бозорӣ ва давлатиро пурра кунад.

Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти илмӣ ва таҷрибаи байналмилалӣ мафҳуми «шарикии давлат ва бахши хусусӣ» ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор дорад, зеро он яке аз воситаҳои калидии ҷалби сармояи хусусӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар фазои ҳуқуқӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи нисбатан нав мебошад, зарурати рушди он рӯз аз рӯз меафзояд.

Дар доираи таҳқиқоти амалишуда, як қатор таърифҳои эътирофшуда аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ пешниҳод шудаанд. Тибқи мавқеи Созмони Милали Муттаҳид, шарикии давлат ва бахши хусусӣ шакли ҳамкории ихтиёрии мақомоти давлатӣ ва бахши хусусӣ мебошад, ки барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои умумӣ равона шудааст [11].

Маркази аврупоии коршиносӣ оид ба масъалаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ онро шакли кооператсияи институтсионалӣ медонад, ки ба маблағгузорӣ, сохтмон, идоракунӣ ва истифодабарии инфрасохтор ва хизматрасониҳои муҳими ҷамъиятӣ нигаронида шудааст [1].

Бонки ҷаҳонӣ бошад, шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун созишнома байни давлат ва бахши хусусӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ бо эҳтимоли гузаштани ҳуқуқи соҳибият ба бахши хусусӣ шарҳ медиҳад [3].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” таърифи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун «ҳамкории шарикони давлатӣ ва хусусӣ дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ дар муҳлати муқаррарнамудаи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ оварда шудааст» [10].

Дар асарҳои илмӣ як қатор муҳаққиқон ба таҳлил ва такмили мафҳуми шарикии давлат ва бахши хусусӣ саҳм гузоштаанд. Аз ҷумла, Делмон Ҷ. шарикии давлат ва бахши хусусиро шакли муносибатҳои шартномавии давлатию хусусӣ меҳисобад, ки аз хариди классикии давлатӣ фарқ мекунад ва ба рушди хизматрасониҳои инфрасохторӣ нигаронда шудааст [9].

Хартс С. ва Ривс И. ба хусусияти истеҳсолии чунин ҳамкорӣ таъкид намуда, зарурати истифодаи иқтидори ҳар ду бахшро барои таъмини хизматрасониҳои давлатӣ қайд мекунанд [2].

Дар байни муҳаққиқони рус Варнавский В.Г. дар таърифи худ робитаҳои шартномавию ҳуқуқиро дар ҳамкории сохторҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ марказӣ шумурда, онҳоро ҳамчун асоси татбиқи лоиҳаҳои дорои аҳамияти муҳимми иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд [7].

Ба андешаи Якунин В.И., шарикии давлат ва бахши хусусӣ маҷмӯи муносибатҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодист, ки ба ҳадафҳои стратегӣ ва сиёсати давлатии иқтисодӣ хизмат карда, иҷрои онҳо ва рушди минбаъдаи иқтисодиро таъмин месозад [4].

Дар навбати худ, Бруссер П. ва Рожкова С. шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳамчун марҳилаи сифатан нави эволютсияи ҳамкориҳои давлат ва бахши хусусӣ арзёбӣ намуда, нақши калидии онро дар ҷалби сармоя, афзоиши самаранокии иқтисодӣ ва такмили механизмҳои пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ таъкид менамоянд [6].

Бо назардошти натиҷаҳои таҳлил, метавон чунин хулоса кард, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамчун мафҳум дорои ҷанбаи бисёрсамтаву мураккаб буда, унсурҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро ба таври ҳамгиро дар бар мегирад. Ин хусусияти байнисоҳавӣ ба шарикии давлат ва бахши хусусӣ нақши механизми таъсирбахши гузариш ба модели рушди устуворро медиҳад, зеро он имкониятҳои бахши хусусиро бо манфиатҳои ҷамъиятӣ дар доираи як низоми институтсионалӣ муттаҳид намуда, заминаи татбиқи лоиҳаҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро фароҳам меорад.

Бояд зикр намуд, ки хусусияти умумии ҳамаи таърифҳои мавҷуда дар он зоҳир мегардад, ки ҳамчун мавриди асосии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ одатан моликияти давлатӣ ё хизматрасониҳои давлатӣ номбар мешаванд, ки ҳадафи онҳо рушди инфрасохтор мебошад. Шарикӣ дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҳамзамон ҳамчун механизми инноватсионӣ барои рушди иқтисоди муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ шуда метавонад. Барои ҳалли вазифаҳои дорои аҳамияти иҷтимоӣ шакли самараноки ҳамкорӣ байни давлат ва бахши хусусӣ ба ҳисоб меравад, ки дар ҳолати зарурӣ инчунин ҷалби муассисаҳои таълимӣ ва илмию тадқиқотӣ барои воридсозии технологияҳои нав, таҳқиқот ва салоҳиятҳои муосирро дар бар мегирад. Дар натиҷа, самараи синергетикӣ ба даст меояд, иштирокчиёни манфиатдор аз сохторҳои гуногун саҳмҳои худро ба татбиқи лоиҳа ворид намуда, ба натиҷаи баландтар ва самараи бештар барои ҳамаи ҷонибҳо ноил мегарданд.

Дар зарурати ташкили чунин низоми ҳамгиро моҳияти аслии масъала ифода меёбад, ки ҳадафи он ташкили низоми устувори рушд дар асоси ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ метавон гуфт, ки шарикии байни давлат ва бахши хусусӣ ба баланд гардидани самаранокии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мусоидат карда, як қатор масъалаҳои стратегии иҷтимоӣ ва иқтисодиро ҳал менамояд ва тақсими оқилонаи хавфҳоро байни давлат ва бахши хусусӣ таъмин месозад.

Дар заминаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ оид ба пешбурди шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ бояд қайд намуд, ки беш аз 120 давлат-аъзои Созмони Милали Муттаҳид аллакай санадҳои қонунгузории давлатӣ оид ба танзими лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро қабул кардаанд. Дар мавриди таркиби лоиҳаҳо аз нигоҳи соҳа, шарикии давлат ва бахши хусусӣ асосан дар самтҳои нақлиёт, энергетика ва хоҷагии коммуналии шаҳрӣ пешсаф мебошад. Илова бар ин, тарҳрезии лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ бо ҳадафҳои рушди устувор алоқамандии мустақим дорад, ки дар доираи онҳо истифодаи ҳамаи намудҳои захираҳо ва ҳифзи муҳити атроф дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад [12].

Ҳангоми муҳокимаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ оид ба густариши лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ маълум мегардад, ки алҳол ба сафи кишварҳои пешсаф дар истифодаи чунин лоиҳаҳо Ҷумҳурии Мардумии Чин ва ИМА маҳсуб мешаванд. Дар ҳарду кишвар маблағҳои калони сармоя барои рушди инфрасохтор ҷалб карда мешаванд. Лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба рушди инфрасохтор равона шудаанд, аз ҳама бештар паҳншуда мебошанд ва ба гурӯҳи гаронтарин лоиҳаҳо дохил мешаванд. Дар ИМА низоми шабакаи нақлиётии хеле пешрафта мавҷуд аст ва тақрибан 2,6 % ММД-и кишвар ба нигоҳдории инфрасохтори нақлиёт сарф мешавад. Дар натиҷа тақрибан ҳафтод фоизи ҳаракатҳои шаҳрвандон ба гузаришҳо ё сафарҳо дар дохили кишвар рост меояд. Дар Чин бошад, маблағгузории бузург ба инфрасохтори кишвар тавсеа дода шуда, балки нақшаҳои панҷсоларо татбиқ менамояд, ки барои иҷрои лоиҳаҳои бузург пешбинӣ шудаанд. Дар ИМА лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ хеле қаблан аз Чин оғоз ёфтанд, аз ин рӯ ИМА аз ҷиҳати миқдори лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешсаф мебошад [5].

Бо дарназардошти ин, барои густариши ШДБХ дар Тоҷикистон зарур аст, ки механизмҳои татбиқ, хусусан дар соҳаҳои иқтисоди рақамӣ ва иқтисоди сабз, такмил дода шаванд. Самаранокии ин раванд барои шарикӣ дар асоси шаффофият, дастрасии маълумот ва ҳимояи манфиатҳои ҳарду ҷониб вобаста аст.

Ба андешаи мо, такмили механизми шарикии давлат бо субъектҳои соҳибкорӣ бо дарназардошти рушди соҳибкории рақамӣ ва истифодаи технологияҳои сабз дар асоси таъмини шароити зерин самаранок амалӣ хоҳад гашт:

- давлат бояд барномаҳои махсуси дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории сабзро дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ ҷорӣ намояд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон афзалиятдиҳии дастрасӣ ба сармоягузорӣ, субсидияҳо ва барномаҳои омӯзишӣ мебошанд;
- ташкили барномаҳои омӯзишӣ ва тренингҳои омодасозӣ барои соҳибкорон ва коршиносони бахши давлатӣ дар самти истифода ва татбиқи технологияҳои рақамӣ ва сабзро афзалият додан лозим аст;

- давлат ва бахши хусусӣ бояд якҷоя механизмҳои мониторинг ва баҳодиҳии таъсири технологияҳои сабзро ба рушди соҳибкорӣ ва муҳити зист таъсис дода, натиҷагирӣ ва такмилро таъмин намоянд;

- истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар ин самт, аз ҷумла ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар соҳаҳои рақамӣ ва экологӣ барои густариши ҳамкории дуҷониба тавсия дода мешавад.

Ин тадбирҳо метавонанд дар таъмини рушди устувори иқтисодии кишвар, ҳифзи муҳити зист ва афзоиши рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ нақши муассир дошта бошанд.

Ҳамин тавр, барои таъмини рушд дар доираи модели устувор, истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро шарикии давлат ва бахши хусусӣ ба ташаккули низоми муосири ниҳодҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва сиёсӣ мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Green Paper on Public-Private Partnerships and Com- munity Law on Public Contracts and Concessions. – Brussels. – 30.04.2004. – P. 327.
2. Hurst C., Reeves E. An Economic Analysis of Ireland’s First Public-Private Partnership // The International Journal of Public Sector Management. – 2004. – Vol. 17. – № 5. – P. 463.
3. Private Participation in Infrastructure Projects Data- base / The World Bank Group – The Public-Private Infrastruc- ture Advisory Facility. – July 2008. Available at: Делмон Дж.
4. Yakunin V.I. Partnership mechanism of governance // Social Research. 2007. no. 2. pp. 154.с. 59.
5. Бедняков А.С. Государственно-частное партнерство как модель развития публичной инфраструктуры. Вестник МГИМО-Университета. 2022; 15 (1): 143-176.
6. Бруссер П., Рожкова С. Государственно-частное пар- тнерство – новый механизм привлечения инвестиций // Ры- нок ценных бумаг. – 2007. – № 2. – С.79. - с. 30
7. Варнавский В.Г. Место и роль государственно- частного партнерства в системе экономических категорий: попытка системного анализа. – М.: Материалы Первого Российского экономического конгресса. [Электронный ресурс] // http://www.econorus.org/cprogram.phtml?vid=tconf&s id=2&ssid=182&rid=57
8. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти. – АО «Казахстанский центр государственно-частного партнерства» при финансовой поддержке Консультативного офиса по участию частного сектора в инфраструктуре (PPIAF), 2010. – С. 250 http://ppi.worldbank.org
9. Делмон Дж. Государственно-частное партнерство в инфраструктуре: практическое руководство для органов государственной власти. – АО «Казахстанский центр государственно-частного партнерства» при финансовой поддержке Консультативного офиса по участию частного сектора в инфраструктуре (PPIAF), 2010. – С. 250
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ” аз 28.12.2012, № 907 - https://mmk.tj/content/қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-шарикии-давлат-ва-бахши-хусусӣ.
11. Практическое руководство по вопросам эффективного управления в сфере государственно-частного партнерства / Европейская экономическая комиссия. Организация Объединенных Наций. – 2008. – С. 114.
12. Фадюшин И.С. Международный опыт развития ГЧП / И.С. Фадюшин. Международный научно-исследо- вательский журнал. 2019. № 4 (82).

УДК 331.52

Шодибеки Сафар

НЕСТАНДАРТНЫЕ ФОРМЫ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИОННОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматриваются нестандартные формы занятости и их природа, в условиях инновационной и цифровой трансформации экономики Таджикистана. Как показывает анализ в Республике Таджикистан разработаны концептуальные основы, приняты стратегические документы и реализуются программы, способствующие переходу экономики к новой модели развития, к инновационно-цифровому преобразованию и трансформации. По этой причине 28 декабря 2024 года Президент Республики Таджикистан, Лидер Нации, уважаемый Эмомали Рахмон объявил период 2025-2030 годов «годами развития цифровой экономики и инноваций». В таких условиях формируются новые, нестандартные явления в экономике и на рынке труда, инновационные формы занятости, что требует разработки новых методологических основ для их изучения, поскольку занятость также трансформируется. В статье изучены новые тенденции на рынке труда и параметры рынка труда в условиях цифровой трансформации экономики и нестандартные формы занятости, таки как: неполная занятость, временная занятость, дистанционная занятость, неформальная занятость и самозанятость.

Ключевые слова: инновационная занятость, нестандартная занятость, неполная занятость, временная занятость, дистанционная занятость, неформальная занятость и рынок труда.

Шодибеки Сафар

ШАКЛҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТИИ ШУҒЛ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ТАҒИРЁБАНДА

Дар мақола шаклҳои ғайристандартии шуғл ва моҳияти онҳо дар шароити тағйироти инноватсионӣ ва рақамии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои консептуалӣ таҳия гардида, санадҳои стратегӣ қабул шудаанд ва барномаҳое ки ба гузариши иқтисодиёт ба модели нави рушд, яъне ба ислоҳоти инноватсионӣ ва рақамӣ, мусоидат мекунанд, амалӣ мешаванд. Аз ҳамин сабаб, 28 декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи солҳои 2025–2030-ро «солҳои рушди иқтисодиёти рақамӣ ва инноватсия» эълон намуд. Дар чунин шароит дар иқтисодиёт ва бозори меҳнат падидаҳои наву ғайристандартӣ, шаклҳои инноватсионии шуғл ташаккул меёбанд, ки таҳияи асосҳои методологии навро барои омӯзиши онҳо тақозо менамояд, зеро худи шуғл низ дар ҳоли тағйирёбист. Дар мақола тамоюлҳои нави бозори меҳнат ва нишондиҳандаҳои он дар шароити трансформатсияи рақамии иқтисодиёт ва шаклҳои ғайристандартии шуғл, аз қабили: шуғли нопурра, шуғли муваққатӣ, шуғли фосилавӣ ва шуғли ғайрирасмӣ таҳқиқ шудаанд.

Калидвожаҳо: шуғли инноватсионӣ, шуғли ғайристандартӣ, шуғли нопурра, шуғли муваққатӣ, шуғли фосилавӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва бозори меҳнат.

Shodibeki Safar

NON-STANDARD FORMS OF EMPLOYMENT IN A TRANSFORMATIONAL ECONOMY

The article examines non-standard forms of employment and their nature in the context of the innovative and digital transformation of Tajikistan's economy. As the analysis shows, the Republic of Tajikistan has developed conceptual frameworks, adopted strategic documents, and implemented

programs that facilitate the transition of the economy to a new model of development, innovation, digital transformation, and transformation. For this reason, on December 28, 2024, the President of the Republic of Tajikistan, Leader of the Nation, His Excellency Emomali Rahmon, declared the period 2025-2030 as the “years of digital economy and innovation development.” [9] In such conditions, new, non-standard phenomena are emerging in the economy and the labor market, as well as innovative forms of employment, which requires the development of new methodological frameworks for their study, since employment is also undergoing transformation. The article examines new trends in the labor market and labor market parameters in the context of the digital transformation of the economy and non-standard forms of employment, such as: part-time employment, temporary employment, remote employment, informal employment, and self-employment.

Keywords: innovative employment, non-standard employment, part-time employment, temporary employment, remote employment, informal employment, and labor market.

Цифровизация экономических процессов и совершенствование инновационных технологий имеют ряд особенностей, одной из которых является формирование новых явлений в общественной жизни. В таких условиях экономика трансформируется, появляются инновационные и нестандартные формы занятости, что требует разработки новых методологических подходов для их изучения.

Научно-технические достижения 6-го технологического уклада и четвертой промышленной революцией (Индустрия 4.0), становятся определяющим фактором инновационного экономического роста. Для экономики Таджикистана она приобретает особое значение, поскольку ускоренная индустриализация страны требует адекватных государственных мер по обеспечению продуктивной занятости во всех отраслях национальной экономики. Наблюдаются важные трансформационные и интеграционные процессы, ожидаются кардинальные изменения, изменяется образ мышления и ведение социально-хозяйственной деятельности.

В республике Таджикистан приняты и реализуются достаточно много стратегических документов, таких как Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, разработана Концепция цифровой экономики в Республике Таджикистан. Эти меры должны способствовать переходу экономики к новой, инновационной модели развития. Это свидетельствует о том, что экономика Таджикистана трансформируется, ее характерные особенности изменяются, развиваются.

Как показывает анализ экономической литературы, вопросами изучения социально-экономической трансформации посвящены труды как отечественных, так и зарубежных ведущих ученых. Вопросы трансформации изучаются не только экономистами, но и социологами. Трансформация и трансформационные процессы социологами изучаются в контексте эволюционной теории. По мнению профессора И.А. Ботанова трансформацию следует различать от таких категорий как «развитие», «эволюция», он считает, что трансформация обладает свойственными признаками и необратимостью направления [1].

К. Поланьи в своем фундаментальном труде «Великая трансформация» утверждает, что экономический фактор и экономическое преобразование являются важными элементами общественной трансформации [11].

Е.В. Каховский рассматривает трансформацию как непрерывный процесс, который ведет к качественным и количественным изменениям социально-экономической системы [12].

В работах В.В. Локосова трансформация изучается на системном уровне, по его мнению, трансформация влияет на социальную систему за счет изменений ее элементов [6]. С точки зрения авторов, в экономической литературе не наблюдается точного определения экономической категории «трансформация». Она рассматривается и изучается как экономистами, так и социологами. Это связано с тем, что не существует единой методологии изучения категории «трансформация» и именно по этой причине вопрос изучения самой категории является актуальным, поскольку трансформационные процессы порождают новые

явления в обществе. Например, категория занятости и ее методология тоже трансформируется, появляются инновационные и нестандартные формы занятости.

Инновационно-цифровая трансформация экономики предполагает внедрение наукоемких технологий не только в производстве, но и во все сферы общественной жизни, формирование новых форм занятости и организацию труда. Такие процессы способствуют формированию новых тенденций на рынке труда, а именно:

- снижение материалоёмкости производственного процесса с целью интеллектуализации капитала. Данный процесс является важным в условиях цифровой трансформации экономики, поскольку он требует увеличения доли знаний и информации и усложнения интеллектуальной составляющей. По мнению авторов, ценности в обществе должны формироваться через идеи и алгоритмы, а средствами производства становиться знания, программное обеспечение. Это показывает процесс дематериализации средств производства:

- формирование новой парадигмы мотивации хозяйствующих субъектов в пользу интеллектуализации человеческого капитала. Хозяйствующие субъекты должны все больше уделять внимание подготовке, переподготовке, повышению квалификации и развитию персонала, поскольку это способствует повышению производительности труда и конкурентоспособности;

- виртуализация трудового процесса. Работники, используя современные информационные технологии выполняют свои функции. Следует отметить, что данный процесс не только влияет на форму занятости, но и на структуру производственного процесса;

- формирование новых критериев и принципов оценки деятельности работников. Такие качества как адаптивность к изменяющейся конъюнктуре рынка, креативность и инновационный потенциал должны быть в приоритете.

Необходимо отметить, что главным источником инновационного роста являются трудовые ресурсы, человеческий капитал, поскольку инновации в экономике знаний это прежде всего эффективное и практическое применение потока знаний. Трудовые ресурсы являются формирующими факторами социально-экономических связей, которые обеспечивают распространение инноваций, поскольку они являются носителями знании, новшеств. Мы солидарны с позиции Б. Салихова, который справедливо отмечает, что экономика должна опираться на знания «…специфическая сфера человеческой деятельности, в рамках которой воспроизводятся знания, необходимые человеку для решения познавательно-созидательных задач» [10]. Исходя из данного толкования, инновационную занятость следует рассматривать как сферу, где человек реализует свой инновационный и интеллектуальный потенциал. Необходимо отметить, что в трансформационной экономике, как в Таджикистане, где экономическая тенденция направлена на переход к новой модели экономического развития, главным фактором успеха выступают знания, поскольку они являются непосредственной производительной силой.

Разные авторы по-разному трактуют инновационную форму занятости, и в экономической литературе используются такие термины, как нестандартные, новые, неустойчивые и нетипичные формы занятости. И.Д. Котляров считает, что рост популярности вышеперечисленных форм занятости стал причиной двоякой реакции общества, ученых-трудовиков [5]. В научной среде продолжается дискуссия, так как не существует точного и однозначного определения нестандартной или инновационной формы занятости, поскольку ее природа пока остается недостаточно изученной. В широким смысле, можно ли считать нестандартною форму занятости как инновационной формой занятости или нет. При сравнении с традиционными формами занятости нестандартные формы рассматриваются с разных точек зрения. Одни ученые считают, что нестандартные формы занятости представляют больше возможностей как работникам, так и работодателям, их рассматривают как положительный фактор. Но также существуют и другие позиции, точки зрения исследователей, в рамках которых нестандартные формы занятости рассматриваются как негативный фактор, поскольку они размывают традиционные формы занятости.

Безусловно, указанные точки зрения на нестандартные формы занятости обусловливают разработку новых теоретико-методологических подходов и совершенствование правового регулирования. А.М. Колот изучает нестандартные формы занятости через призму прекаризации трудовых процессов, при которой социальная защищённость работников снижается и дестабилизируются социально-трудовые отношения [4]. Десоциализация трудового процесса является причиной снижения социальной сплоченности и роста социального отторжения, отчуждения. А.М. Колот выделяет факторы, которые дестабилизируют социально-трудовые отношения, среди этих факторов особое положение занимает трансформация института занятости.

В трансформационной экономике, основными параметрами рынка труда являются следующие:

- формирование и развитие инновационных, новых, нетипичных и нестандартных форм занятости;
- усиление возможности адаптации и повышение гибкости рынка труда;
- децентрализация коллективно-договорного регулирования отношений по вопросам занятости.

Таким образом, трансформация института занятости с точки зрения авторов заключается в применении инновационных и нестандартных форм занятости на рынке труда.

Л.А. Васюнина дает следующее определение инновационной форме занятости: «способность отдельного человека максимально быстро приспосабливаться к новым потребностям экономики, вызванным технологическими нововведениями» [13]. Категория «адаптивность» является основополагающим фактором, поскольку исследователь указывает на приспособляемость компетенций работников к изменениям рынка труда и к новым тенденциям, которые были указаны выше. По мнению авторов, инновационную занятость следует рассматривать как процесс трансформации компетенций работников и трудовых ресурсов к новым тенденциям рынка труда. Е.В. Каховский для расширения содержания и категории «инновационная занятость» предлагает рассматривать ее через призму корреляции и соединение интересов участников рынка труда и дает следующую графическую интерпретацию данного определения (рис. 1.).

На первой стадии, таким важным институтам как служба занястоти, профессиональные союзы и другим социальным институтам возлагается важная социальная функция - формирование интересов основах участников рынка труда. На второй и третей стадиях отношения между участниками становятся более устойчивыми и определенными, которые формируют предпосылки для внедрения новых форм и способов организации труда, учитывающих интересы всех сторон рынка труда. Наличие разнообразных точек зрения относительно сущности и форм неформальной занятости свидетельствует о том, что по сей день не ясно экономическая природа данного феномена, поскольку неформальная занятость (инновационная занятость) является разнородной моделью трудового процесса.



[Спад] **[Оживление]** **[Подъем]**

Рисунок 1. Формирование инновационной занятости в контексте соединения интересов различных участников рынка труда [12].

Как показывает анализ экономической литературы и материалов специальных исследований, формирование и развитие нестандартных форм занятости является характерными для многих стран мира, в том числе для Таджикистана. По этому поводу, справедливо отмечают В. Гимпельсон и Р. Капелюшников, по мнению которых расширение нестандартных форм занятости является глобальной тенденцией, которые наблюдается в мире. Нестандартная занятость не является кратковременным явлением и не политический просчет [2].

Основными инновационными, нестандартными формами занятости в условиях инновационной трансформации экономики и рынка труда являются следующее:

- неполная занятость;
- временная, непостоянная занятость, в том числе заемный труд;
- дистанционная занятость;
- неформальная занятость, в том числе незарегистрированная занятость в формальном секторе экономики;
- самозанятость;

Неполная занятость может проявляться в условиях неполного рабочего дня. Такие формы занятости достаточно широко применяются в Таджикистане и могут быть как добровольными, так и вынужденными.

Временная занятость представляет собой форму занятости, при которой работник выполняет свои трудовые функции и обязанности в течение ограниченного периода времени. Такие формы занятости проявляются в сезоны, в период реализации программ и проектов или, когда работодателю необходимы работники на выполнение конкретной задачи. Особенность данной формы занятости заключается в том, что работник занят ограниченно, может одновременно совмещать несколько работ и работать по гибкому графику. Данная форма занятости имеет как недостатки, так и преимущества, как для работодателя, так и для работника. Преимущество для работодателя заключается в том, что это очень удобный инструмент менеджмента, при необходимости можно быстро реагировать на изменения объемов производства и конъюнктуры рынка. Для работника данная форма занятости можно рассматривать как дополнительный источник дохода или трудоустроиться в период поиска работы. Гибкость в сочетании с учебным процессом.

Дистанционная форма занятости. Данную форму занятости Т.Б. Иванова в своих работах по неформальной занятости отождествляет как платформенная [3]. поскольку трудовая функция осуществляется посредством различных онлайн платформ, используя современные информационные технологии. Трудовое взаимодействие осуществляется удаленно, посредством цифровых платформ, именно по этой причине Т.Б. Иванова отождествляет ее как платформенная. По мнению авторов, следует четко разграничить дистанционную занятость от платформенной, поскольку дистанционная занятость одновременно может проявляться как платформенной, напольной, временной, формальной, неформальной, постоянной, сезонной, эпизодической, основной и дополнительной занятости. Как было отмечено ранее, природа нестандартной (дистанционной занятости) до сих пор остается не до конца изученной, не существует единой и однозначной методологии. Однако данная форма занятости, как и другие формы нестандартной занятости имеет как преимущества, так и недостатки. Как и временная занятость, основным преимуществом данной формы занятости для работника является ее гибкость и возможности ее совмещать с другими работами, учебным процессом, самостоятельно планировать рабочее время и т.д. Для работодателя преимущество заключается в снижении издержек на социальные выплаты, уменьшении расходов на аренду офисов, привлечении специалистов из-за предела национального рынка труда и оперативном наборе необходимых специалистов для выполнения конкретной задачи. Недостатками данной формы занятости для работодателя являются обеспечение безопасности, риск утечки данных и поддержка корпоративной культуры. Для работника основными недостатками являются ограниченные возможности карьерного роста, утрата четкости между рабочим и личным временем и недостаток живого общения и коммуникации.

Неформальная занятость как одна из форм нестандартной занятости представляет собой трудовую деятельность вне рамок официального трудового регулирования. По методологии МОТ неформальная занятость представляет собой занятость, при которых людях находятся в трудовых отношениях без трудовой и социальной защиты в рамках своей работы, или без права на трудовые вознаграждения, независимо от того, являются ли экономические единицы, в которых они работают, формальными предприятиями, неформальными предприятиями или домохозяйствами [7]. Данная форма занятости является достаточно распространённой в мире и в том числе, в Таджикистане. Определить конкретный уровень и объем данной формы занятости является достаточно трудым, поскольку неформальная занятость характерна и в формальном секторе экономики. Результаты социологического исследования и обследования рабочей силы в 2016 году показывают, что уровень неформальной занятости в республике составил 133359 человек, в относительных измерениях 15,6 % от общего числа занятых. Следует отметить, что согласно международным рекомендациям МОТ, сельское хозяйство было исключено из расчетов занятости в неформальном секторе [8].

В 2018-2019 годах с целью определения уровня неформальной занятости было проведено авторское исследование на 100 промышленных предприятиях по Республике Таджикистан. Исследование показало, что уровень неформальной занятости в формальных (промышленных) предприятиях Республики Таджикистан составил 34 %. В ходе исследования и в процессе определении уровня неформальной занятости на промышленных предприятиях, нами были уточнены ее характер, определены причины и факторы, влияющие на уровень ее развития (Рисунок 2).

Рисунок 2. Основные причины неформальной занятости в Республике Таджикистан по мнению работодателей [14]



С целью формализации трудовых отношений в Республике Таджикистан была принята Программа по снижению уровня незарегистрированной (неформальной) занятости в Республике Таджикистан на 2019–2023 годы, которая была утверждена Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 30 августа 2019 года, №439. Основной целью данной программы было снижение уровня неформальной занятости, расширение возможности занятости населения и повышение эффективности трудовых процессов.

1. Самозанятость как инновационная и нестандартная форма занятости. Социологические исследования и анализ рынка труда показывают, что за последнее время многие выбирают нестандартные формы занятости, что делает фрилансерство и самозанятость очень актуальными для исследования, так как такие формы занятости можно рассматривать как дополнительный источник дохода для человека. Экономические и институциональные основы самозанятости в

Таджикистане остаются недостаточно изученными и сформированными. Например, не существует методологии определения самозанятых, его институциональных основ. Самозанятость следует рассматривать как генезис предпринимательской деятельности. В Республике Таджикистан данный феномен остается недостаточно изученным, он не подвергался доскональному анализу. Вопросы экономических и методологических основ самозанятости были изучены в нашей публикации [15,. С. 456-463].

Таким образом, проведя анализ экономической литературы по изучению нестандартных форм занятости следует сделать вывод что среди ученых и исследователей до сих пор нет единого и однозначного определения нестандарной занятости, поскольку не существует единой методологии ее изучения и классификации. Разные авторы по-разному трактуют ее сущность и значение, по-разному классифицируют, используя разные принципы и критерии. Природа нестандартной формы занятости по сей день остается недостаточно изученной.

В Республике Таджикистан происходит инновационная и цифровая трансформация экономики, и это указывает на необходимость расширения продуктивной занятости, формирования новых, инновационных и нестандартных форм занятости, что с научной точки зрения требует разработки новых методологических основ изучения. По этой причине исследования проблем нестандартной формы занятости остается актуальным.

ЛИТЕРАТУРА

2. Батанов И.А. Основы теории социально-экономических трансформаций. [Текст]: / И.А. Батанов // - СПб.: СПбГУЭФ, 2000. – С.38

3. Гимпельсон В. Нестандартная занятость и российский рынок труда / В. Гимпельсон, Р. Капелюшников // Вопросы экономики. – 2006. – № 1. – С. 122-143.

4. Иванова Т.Б. Новые формы занятости на региональных рынках труда (на примере субъектов ЮФО) / Т.Б. Иванова, И.В. Митрофанова // Региональная экономика. Юг России. – 2022. – Т. 10, № 4. – С. 138-150.

5. Колот А.М. Трансформация института занятости как составляющая глобальных изменений в социально-трудовой сфере: феномен прекаризации. [Текст]: / А.М. Колот // Уровень жизни населения регионов России. – 2013. – № 11(189). – С. 93-101.

6. Котляров И.Д. Проблемы регулирования нестандартных форм занятости. [Текст]: / И.Д. Котляров // Journal of Economic Regulation. – 2015. – Т. 6, № 1. – С. 55-66.

7. Локосов В.В. Трансформация социетальных систем (опыт реформ в современной России): автореф. дис. … д-ра социол. наук: 22.00.04 / Локосов Вячеслав Вениаминович. - М.: 2002. - 308 с.

8. Международная организация труда. 2003 года. “Директивы, касающиеся статистического определения неформальной занятости” в Семнадцатой Международной конференции статистиков труда (Женева 24 ноября – 3 декабря 2003г.)

9. Отчет Агентства по статистике при Президента Республики Таджикистан. Положение на рынке труда в Республике Таджикистан. –Душанбе-2017. – С. 18.

10. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28.12.2024 года. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://prezident.tj/missives (Дата обращения 25.08.2025).

11. Салихов Б.В. Интеллектуальный капитал организации. [Текст]: / Б.В. Салихов // Сущность, структура и основы управления. М.: - 2008. С.45

12. Поланьи К. Великая трансформация: политические и экономические истоки нашего времени / Под общ. ред. С. Е. Федорова; Пер. с англ. А.А. Васильева, С.Е. Федорова А.П. Шурбелева. - СПб.: Алетейя, 2002.

13. Ваховский Е.В. Трансформация занятости в условиях инновационного развития экономики: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / Ваховский Евгений Вячеславович, 2016. – С 26, 42. 171 с.

14. Васюнина Л.А. Механизм регулирования рынка труда при формировании инновационного типа занятости населения. [Электронный ресурс] / Л.А. Васюнина, Е.В. Борисова // Электронный журнал. - Режим доступа: URL: www.sor.volsu.ru/journal/TESTl/index02.shtml (Дата обращения 19.08.2025)
15. Шодибеки Сафар. Совершенствование управления процессами занятости в промышленности (на материалах республики Таджикистан): дис. …канд.экон.наук.-Душанбе., 2020. – С. 73.
16. Шодибеки С., Ганиев Р.Г., Вопросы экономических и методологических основ самозанятости. [Текст]: / С. Шодибеки, Р.Г. Ганиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – С. 456-463.

УДК 339.732+72+631.9(045)/(575.3)

Шоҳзода Н.И.

ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ИДОРАКУНИИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ ДАР НИЗОМИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭКОЛОГӢ

Мақола ба таҳлили имкониятҳо ва самаранокии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ бахшида шудааст. Дар раванди таҳқиқ усулҳои таҳлили муқоисавӣ, моделсозии иқтисодӣ ва баррасии таҷрибаи байналмилалӣ истифода гардидаанд. Муайян карда шуд, ки татбиқи платформаҳои рақамӣ, системаҳои мониторинги онлайн ва таҳлили додаҳои калон (Big Data) метавонад шаффофият, суръати қабули қарорҳо ва самаранокии ҷалби сармояи хориҷиро афзоиш диҳад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқ, тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба рушди инфрасохтори рақамӣ, такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани иқтидори кадрӣ барои идоракунии муосири сармоягузориҳои хориҷӣ дар бахши хизматрасониҳои экологӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: технологияҳои рақамӣ, сармоягузории хориҷӣ, хизматрасониҳои экологӣ, идоракунии сармоягузорӣ, рақамикунонӣ, иқтисоди сабз, Тоҷикистон.

Шохзода Н.И.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В УПРАВЛЕНИИ ИНОСТРАННЫМИ ИНВЕСТИЦИЯМИ В СИСТЕМЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ УСЛУГ

Статья посвящена анализу возможностей и эффективности использования цифровых технологий в управлении иностранными инвестициями в системе экологических услуг. В процессе исследования использовались методы сравнительного анализа, экономического моделирования и обзора международного опыта. Установлено, что внедрение цифровых платформ, систем онлайн-мониторинга и анализа больших данных позволяет повысить прозрачность, скорость принятия решений и эффективность привлечения иностранных инвестиций. По результатам исследования предложены научно-практические рекомендации по развитию цифровой инфраструктуры, совершенствованию законодательства, повышению кадрового потенциала для современного управления иностранными инвестициями в сфере экологических услуг.

Ключевые слова: цифровые технологии, иностранные инвестиции, экологические услуги, управление инвестициями, цифровизация, зеленая экономика, Таджикистан.

Shohzoda N.I.

USE OF DIGITAL TECHNOLOGIES IN THE MANAGEMENT OF FOREIGN INVESTMENTS IN THE SYSTEM OF ECOLOGICAL SERVICES

The article is devoted to the analysis of the possibilities and effectiveness of using digital technologies in the management of foreign investments in the system of ecological services. In the research process, methods of comparative analysis, economic modeling, and review of international experience were used. It was found that the implementation of digital platforms, online monitoring systems, and Big Data analysis can increase transparency, speed of decision-making, and the effectiveness of attracting foreign investment. Based on the results of the study, scientific and practical recommendations have been proposed for the development of digital infrastructure, improving legislation, and increasing human resources capacity for modern management of foreign investments in the environmental services sector.

Keywords: digital technologies, foreign investment, environmental services, investment management, digitalization, green economy, Tajikistan.

Дар шароити рушди босуръати иқтисоди ҷаҳонӣ ва афзоиши таъсири омилҳои экологӣ ба фаъолияти инсон, ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба низоми хизматрасониҳои экологӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст. Бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни бозор ба ҳалли масъалаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист, идоракунии самараноки чунин сармоягузориҳо на танҳо омили муҳими рушди устувори иқтисодӣ, балки шарти асосии татбиқи стратегияҳои миллии экологӣ ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии кишвар ба ҳисоб меравад.

Технологияҳои рақамӣ, аз қабили зеҳни сунъӣ, интернети ашё (IoT), системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ (GIS), таҳлили маълумоти бузург (Big Data), ва ғайраҳо (ниг: ҷадвали 1.) имконият медиҳанд, ки равандҳои идоракунӣ дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ шаффоф, дақиқ ва саривақтӣ гарданд. Бо истифода аз ин технологияҳо, имкон фароҳам меояд, ки ҳам ҷараёни ҷалб, ҳам баҳодиҳӣ ва ҳам назорату мониторинги лоиҳаҳои экологӣ бо сатҳи баландтарини самаранокӣ анҷом дода шавад.

Ҷадвали 1. Самтҳои асосии истифодаи технологияи муосир дар раванди сармоягузории хориҷӣ

Технологияҳои рақамии муосир	Вазифаи онҳо
IoT (Internet of Things)	шабакаи дастгоҳҳо ва сенсорҳои ҳамгиро барои ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот дар вақти воқеӣ
AI (Artificial Intelligence)	истифодаи зеҳни сунъӣ барои таҳлили пешгӯишаванда, оптимизатсияи равандҳо ва қабули қарорҳои оқилона
Blockchain	таъмини шаффофият ва амнияти муомилоти рақамӣ
GovTech ва E-Gov	рақамисозии хизматрасониҳои давлатӣ барои баланд бардоштани шаффофият ва дастрасӣ
E-Commerce	рушди тиҷорати электронӣ ва платформаҳои савдои рақамӣ
CyberSecurity	ҳифзи иттилоот ва шабакаҳо аз ҳамлаҳои кибернетикӣ
Green Data Center	марказҳои додаи дорои самаранокии энергетикӣ ва таъсири кам ба муҳити зист
Neo Banking	хизматрасониҳои бонкии комилан рақамӣ
AgroTech	истифодаи технологияҳои рақамӣ дар кишоварзӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва самаранокии истифодаи захираҳо
Industry 4.0/5.0	автоматикунонии интеллектуалӣ ва ҳамгироии инсон бо системаҳои роботӣ

Digital Assets ва CryptoCurrency	идоракунӣ ва муомилоти дороиҳои рақамӣ
E-Documentation ва E-Signature	соддагардонии равандҳои ҳуҷҷатгузорӣ ва имзои электронӣ;
DigitalTech ва Digital Transformation	рушди ҳамаҷонибаи инфрасохтори рақамӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ

Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

Таҳлили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар хизматрасониҳои экологӣ на танҳо ба коҳиши хароҷоти маъмурӣ ва баланд бардоштани суръати қабули қарорҳо мусоидат менамояд, балки заминаи боэътимоди ҳамкорӣ миёни давлат, бахши хусусӣ ва сармоягузорони хориҷиро фароҳам меорад. Ин раванд, аз як тараф, имкониятҳои нави ҷалби сармояро мекушояд ва, аз тарафи дигар, таъсири мусбати экологӣ ва иҷтимоии лоиҳаҳоро таъмин менамояд.

«Афзалиятҳои асосии истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ шаффофияти равандҳо,суръат ва самаранокӣ, идоракунии маълумот» [4], мониторинг ва баҳодиҳӣ самаранок татбиқ ва истифода гарданд. Ҳамаи ин афзалиятҳоро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) Шаффофияти равандҳо яке аз принсипҳои калидӣ дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва баланд бардоштани эътимоди тарафҳои манфиатдор мебошад. Вақте ки идоракунӣ тавассути платформаҳои рақамӣ амалӣ мегардад, тамоми марҳилаҳои иҷрои лоиҳа, аз оғози расмиёти бақайдгирӣ, гирифтани иҷозатномаҳо ва ҳамоҳангсозӣ то марҳилаи мониторинг ва ҳисоботдиҳӣ дар муҳити онлайн сабт ва намоиш дода мешаванд.

Ин раванд якчанд бартарии муҳимро фароҳам меорад, аз ҷумла: а) дастрасии баробар ба маълумот, яъне сармоягузорон, метавонанд дар вақти воқеӣ ҷараёни иҷрои лоиҳаро пайгирӣ намоянд; б) коҳиши эҳтимоли коррупсия ва сӯистифода, ин имкон медиҳад, ки шаффофияти иттилоотӣ имкони пинҳонкорӣ ва тағйир додани маълумотро коҳиш диҳад; в) суръат бахшидан ба қабули қарорҳо, яъне бо доштани маълумоти дақиқ ва нав, ҳам сармоягузор ва ҳам мақомот метавонанд саривақт ба мушкилот вокуниш нишон диҳанд; г) баланд бардоштани эътимод.

Ҳамин тавр, шаффофияти равандҳо тавассути платформаҳои рақамӣ на танҳо воситаи назорат, балки омили рушди устувор ва идоракунии самараноки сармоягузорӣ мебошад.

2) Суръат ва самаранокӣ яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Автоматикунонии ҷараёнҳои ҳуҷҷатгузорӣ маънои онро дорад, ки ҳамаи амалҳои марбут ба таҳия, тасдиқ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо дар муҳити рақамӣ ва бидуни дахолати зиёд аз ҷониби инсон анҷом дода мешаванд. Имкониятҳои раванди мазкур дар расми 1. оварда шудааст.

Дар маҷмӯъ, автоматикунонии ҷараёнҳо ва ҳамоҳангсозии рақамӣ ба таҳкими рақобатпазирии муҳити сармоягузорӣ ва иҷрои саривақтии уҳдадориҳо дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ мусоидат менамояд.

3) Идоракунии муассири маълумот яке аз омилҳои калидӣ барои қабули қарорҳои босифат дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва хизматрасониҳои экологӣ мебошад. Истифодаи пойгоҳҳои ягонаи рақамӣ маънои онро дорад, ки тамоми иттилооти марбут ба лоиҳаҳо, сармоягузорон, уҳдадориҳо ва нишондиҳандаҳои таъсири экологӣ дар як низоми мутамарказ нигоҳдорӣ ва идора карда мешавад.

Ин раванд имконият медиҳад, ки ҳамаи тарафҳои манфиатдор - мақомоти давлатӣ, сармоягузорон ва нозирон - аз як манбаъи ягона иттилооти дақиқ ва навро дастрас намоянд, сифати таҳлил тавассути мутамарказ кардани маълумот баланд гардад ва шароити татбиқи таҳлилҳои мураккаб ва моделсозии пешгӯишаванда барои баҳодиҳии хавфҳо ва имкониятҳо фароҳам ояд. Пойгоҳи ягона хатари ворид кардани маълумоти такрорӣ ё нодурустро коҳиш дода,

мутобиқати маълумотро таъмин менамояд ва навсозии доимии он имкон медиҳад, ки тағйирот дар ҷараёни иҷрои лоиҳаҳо саривақт сабт ва дар таҳлил ба назар гирифта шаванд.

Дар маҷмӯъ, идоракунии рақамии маълумот бо истифода аз пойгоҳҳои ягона на танҳо самаранокии назорат ва ҳисоботдиҳиро баланд мебардорад, балки барои шаффофият, дақиқӣ ва устувории қарорҳои сармоягузорӣ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Расми 1.



Расми 1. Имкониятҳои суръат ва самаранокӣ.
Сарчашма: Таҳияи муаллиф.

4) Мониторинг ва баҳодиҳӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши ҳалкунанда дорад, зеро он имкони назорати дақиқ ва саривақтии ҳолати муҳити зист ва иҷрои уҳдадориҳои экологиро фароҳам меорад. Истифодаи сенсорҳо барои ченкунии нишондиҳандаҳои муҳими экологӣ, дронҳо барои аксбардорӣ ва назорати ҳавоӣ, ҳамчунин системаҳои GIS барои таҳлили фазоӣ ва харитасозӣ имкон медиҳад, ки маълумот дар вақти воқеӣ ҷамъоварӣ ва коркард шавад. Ин усулҳо на танҳо раванди назоратро дақиқ ва шаффоф месозанд, балки шароити арзёбии таъсири лоиҳаҳо ба муҳити зист ва муайян кардани хатари эҳтимолиро низ таъмин менамоянд.

Бо истифодаи чунин технологияҳо, мақомоти давлатӣ ва сармоягузорон метавонанд ба таври самаранок иҷрои меъёрҳои экологиро назорат карда, қарорҳои асосёфтаро дар бораи идомаи лоиҳа ё ворид кардани тағйирот қабул намоянд, ки ин дар ниҳоят ба устувории муҳити зист ва самаранокии сармоягузорӣ мусоидат мекунад.

Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ. Гузариш ба воситаҳои рақамӣ на танҳо равандҳои ҷалб, тақсим ва назорати сармояро шаффофу самаранок мегардонад, балки имкониятҳои навро барои оптимизатсияи идоракунӣ ва таъмини устувории муҳити зист фароҳам меорад. Платформаҳои онлайн, системаҳои идоракунии лоиҳа, блокчейн ва зеҳни сунъӣ (AI) абзорҳои калидие мебошанд, ки метавонанд ҳамгироии манфиатҳои давлат, бахши хусусӣ ва ҷомеаро дар татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтори сабз таъмин намоянд. Бо истифодаи чунин технологияҳо, назорат ва баҳодиҳии таъсири экологӣ дақиқтар мегардад, хавфҳо саривақт муайян мешаванд ва самаранокии татбиқи лоиҳаҳо меафзояд. Дар натиҷа, рақамисозии равандҳои сармоягузорӣ на танҳо суръат ва сифати қабули қарорҳоро баланд мебардорад, балки барои рушди устувори иқтисод ва ҳифзи муҳити зист низ заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Самтҳои татбиқи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ фарогири маҷмӯи васеи абзорҳо ва қарорҳои инноватсионӣ

мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокӣ, шаффофият ва устувории лоиҳаҳо мусоидат мекунанд. Ин самтҳоро ба намудҳои зерин ҷудо намуданмумкин аст:

1) Платформаҳои онлайн барои ҷалби сармоя – порталҳои интерактивӣ, ки маълумот дар бораи имкониятҳои сармоягузории экологӣ, тартиби иҷозатдиҳӣ ва имтиёзҳоро пешниҳод мекунанд. «Дар ҶТ, дар соҳаҳои сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҷиҳати муаррифии молу маҳсулот, дарёфти шарикони тиҷоратӣ ва сармоягузорони хориҷӣ портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (B2B) ташкил карда шудааст, ки субъектҳои соҳибкорӣ аз хизматрасониҳои портали мазкур самаранок истифода бурда истодаанд» [1].

Платформаҳои онлайн барои ҷалби сармоя воситаҳои рақамии муосир мебошанд, ки бо мақсади соддагардонӣ ва шаффофсозии равандҳои сармоягузорӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ таҳия мешаванд. Ин порталҳои интерактивӣ маълумоти муфассал ва ҳамеша навшударо дар бораи имкониятҳои сармоягузории экологӣ, тартиби гирифтани иҷозатномаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ ва имтиёзҳои пешбинишуда пешниҳод мекунанд. Бо ёрии чунин платформаҳо, сармоягузорон метавонанд бе монеа бо ниҳодҳои давлатӣ ва шарикони эҳтимолӣ иртибот барқарор намоянд, ҳуҷҷатҳоро ба таври онлайн пешниҳод ва вазъи баррасии онҳоро пайгирӣ кунанд. Ин равиш на танҳо шаффофият ва дастрасиро таъмин мекунад, балки муҳити рақобатпазирро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ фароҳам оварда, ба рушди устувори соҳаҳои марбут ба ҳифзи муҳити зист мусоидат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили чунин портал дар барномаву консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ пешбинӣ шудааст, лекин то ҳол амал намекунанд.

2) Системаҳои идоракунии лоиҳа дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ воситаи муҳими баланд бардоштани самаранокӣ ва ҳамоҳангсозии тамоми ҷанбаҳои марбут ба амалисозии лоиҳаҳо ба шумор мераванд. Бо истифода аз чунин системаҳо, тамоми марҳилаҳои лоиҳа, яъне аз банақшагирӣ ва тақсимоти захираҳо то назорати иҷро ва таҳияи ҳисобот ба таври мутамарказ ва ҳамоҳангшуда идора карда мешаванд. Ин системаҳо имкон медиҳанд, ки ҷадвалҳои иҷрои корҳо дақиқ тарҳрезӣ шуда, хавфи таъхирҳо коҳиш ёбад, истифодаи захираҳо оптимизатсия гардад ва назорати хароҷот шаффоф таъмин шавад. Барои лоиҳаҳои инфрасохтори сабз, ки дорои талаботи мушаххаси экологӣ мебошанд, чунин системаҳо инчунин имконияти пайгирии мутобиқати амалҳо бо стандартҳои устувориро фароҳам меоранд, ки дар натиҷа сифати иҷрои лоиҳа ва эътимоди сармоягузорон афзоиш меёбад.

3) Блокчейн — ин технологияи тақсимшудаи сабти маълумот мебошад, ки бо истифодаи принсипи тағйирнопазирӣ ва санҷиши дақиқи ҳар як амалиёт, сатҳи баланди эътимод ва шаффофиятро дар идоракунии сармоягузориҳои экологӣ таъмин мекунад. Дар доираи амалисозии лоиҳаҳо, блокчейн имкон медиҳад, ки тамоми шартномаҳо, пардохтҳо ва хароҷотҳо ба таври рақамӣ ва бо сабти доимӣ нигоҳ дошта шаванд, ки ин имкони таҳриф ё пинҳон кардани маълумотро аз байн мебарад. Ин хусусият махсусан барои идоракунии грантҳо ва қарзҳои байналмилалӣ муҳим аст, зеро сармоягузорон ва ташкилотҳои донорӣ метавонанд дар вақти воқеӣ (real-time) равандҳои молиявиро назорат намуда, аз дуруст ва мақсаднок истифода шудани маблағҳо мутмаин шаванд. Илова бар ин, блокчейн воситаи муассир барои кам кардани бюрократия, суръат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳо ва баланд бардоштани эътимоди шарикони байналмилалӣ дар лоиҳаҳои сабз мебошад.

4) Зеҳни сунъӣ (AI) дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ нақши калидӣ мебозад, зеро он имкон медиҳад, ки таҳлил ва қабули қарорҳо бо дақиқӣ ва суръати баланд анҷом шаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди зеҳни сунъӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Ҳукумати кишвар соли 2022 “Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040”-ро қабул намуд. Дар Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 омадааст, ки «Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, меҳнат, саноат, кишоварзӣ, ҷалби сармоя ва хизматрасонӣ зарур арзёбӣ мегардад» [5].

Бо истифода аз алгоритмҳои таҳлили пешгӯӣ, зеҳни сунъӣ метавонад нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таҳлил намуда, сатҳи эҳтимолияти муваффақияти лоиҳаҳоро пешбинӣ кунад. Ин технология инчунин ба арзёбии хавфҳо мусоидат мекунад, масалан, муайян кардани таъсири эҳтимолии тағйирёбии иқлим, ноустувории бозор ё мушкилоти ҳуқуқӣ ба раванди амалисозии лоиҳа. Илова бар ин, зеҳни сунъӣ метавонад сенарияҳои гуногуни рушди лоиҳа ва стратегияи идоракунии онро пешниҳод намояд, то ки сармоягузорон ва мақомоти масъул беҳтарин роҳи амалро интихоб кунанд. Дар натиҷа, истифодаи зеҳни сунъӣ ба баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, кам кардани хатарҳо ва ҳифзи устувории муҳити зист мусоидат менамояд.

«Технологияҳои зеҳни сунъӣ шакли нави рақамикунонӣ ба ҳисоб рафта, аз интернети истеъмолӣ (тиҷорати электронӣ, алоқаи иҷтимоию фарҳангӣ) ва интернети саноатӣ (молия, истеҳсолот, энергетика, нафт ва газ, нақлиёт) иборат мебошад, ки Индекси ҷаҳонии ҳамгироӣ (GCI)-ро ташкил медиҳад» [1].

Намудҳои зеҳни сунъӣ (AI), ки метавонанд дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ татбиқ шаванд, дар расми 2 оварда шудаанд.

Расми 2.



Расми 2 . Намудҳои зеҳни сунъӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ.

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Explore The Types Of Artificial Intelligence. ttps://medium.com/edureka/types-of-artificial-intelligence-4c40a35f784

«Бояд таъкид намуд, ки истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт дар пояи инқилоби чаҳоруми санотӣ ба вуҷуд омадааст» [3]. Дар ин марҳилаи тараққиёт иттилоот ба омили асосии рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва технологии давлатҳо табдил ёфта, меҳвари асосии онро истифодаи зеҳни сунъӣ ташкил медиҳад. «Бинобар ин сабаб, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ тақозо менамояд, ки ба ҷанбаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва иқтисодии истифодаи зеҳни сунъӣ диққати махсус

зоҳир карда шавад. Истифодаи он ба баланд гардидани самаранокии идоракунии давлатӣ мусоидат намуда, барои рушди устувори соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти кишвар имкониятҳои навро фароҳам меоварад» [6].

«Айни замон, дар Тоҷикистон шумораи ширкатҳое, ки дар бахши технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва зеҳни сунъӣ фаъолият менамоянд, на он қадар зиёд аст. Агар дар Қазоқистон ин шумора зиёда аз 5000, дар Ӯзбекистон зиёда аз 1500 ва дар Қирғизистон зиёда аз 300 ададро ташкил диҳад, дар Тоҷикистон ин нишондишанда ба каме бештар аз 250 адад баробар аст» [2].

Тоҷикистон дар соҳаи FinTech, бахусус дар ҷорӣ намудани технологияҳои муосири зеҳни сунъӣ, қадамҳои назаррас гузошта истодааст. Истифодаи зеҳни сунъӣ барои баҳодиҳии кредитӣ имкон медиҳад, ки қобилияти пардохтпазирии қарзгирандагон бо дақиқии баланд ва дар асоси таҳлили омилҳои гуногун, аз таърихи молиявӣ то рафтори истеъмолӣ арзёбӣ гардад. Ин раванд хавфҳои марбут ба қарздиҳӣ, аз ҷумла эҳтимоли барнагардонидани қарзҳоро, барои бонкҳои тиҷоратӣ коҳиш медиҳад. Ҳамзамон, татбиқи чунин технологияҳо на танҳо ба устувории низоми молиявӣ мусоидат мекунад, балки заминаи мусоид барои рушди технологияҳои молиявӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бозор ва ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам меорад. Дар маҷмӯъ, ин иқдомҳо метавонанд Тоҷикистонро дар харитаи ҷаҳонии FinTech ҳамчун бозори рӯ ба рушд ва инноватсионӣ муаррифӣ кунанд.

Барои Тоҷикистон, бо дарназардошти имкониятҳои рушд дар соҳаи сармоягузориҳои хориҷӣ ва хизматрасониҳои экологӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ метавонад дар чанд самти калидӣ тавсия дода шавад: а) дар назди КДСИАД ҶТ таъсис додани маркази миллӣ оид ба зеҳни сунъӣ ва рақамисозӣ дар соҳаи иқтисоди сабз; б) ворид кардани зеҳни сунъӣ ба платформаҳои ягонаи ҷалби сармоягузорӣ; в) истифодаи зеҳни сунъӣ барои мониторинги муҳити зист; г) рушди моделҳои зеҳни сунъӣ барои идоракунии хавфҳои сармоягузорӣ; д) татбиқи Digital Twin (рақамӣ-нусхаҳо); е) омӯзиши кадрҳо дар самти зеҳни сунъӣ ва иқтисоди сабз; ё) ҳамкорӣ бо ширкатҳои байналмилалии зеҳни сунъӣ.

Манфиатҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ. Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ дорои аҳамияти стратегӣ мебошад, зеро он на танҳо равандҳои иқтисодӣ ва идоракуниро содда мегардонад, балки ба ҳадафҳои рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо мусоидат мекунад.

Татбиқи системаҳои рақамӣ, аз ҷумла сенсорҳо ва платформаҳои мониторинг, имкон медиҳад, ки захираҳои муҳими табиӣ — об, энергия, ҳаво ва замин — ба таври оқилона ва бо назардошти меъёрҳои экологӣ идора карда шаванд. Ин раванд коҳиши партовҳо, истифодаи самараноки энергияи барқароршаванда ва ҳифзи манбаъҳои обро таъмин менамояд.

Автоматикунонии ҷараёнҳои маъмурӣ ва амалӣ, аз қабили бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва ҳамоҳангсозӣ, ба коҳиши назарраси хароҷоти идоракунӣ мусоидат мекунад. Ин, дар навбати худ, сармоягузориро дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ҷолибтар мегардонад, зеро маблағҳо бештар ба рушди мустақими лоиҳаҳо равона мешаванд.

Платформаҳои шаффоф ва дастрас, ки маълумоти дақиқ ва саривақтиро дар бораи лоиҳаҳо пешниҳод мекунанд, ба сармоягузорон имкон медиҳанд, ки қарорҳои дуруст қабул намоянд. Ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон, коҳиши хавфҳои коррупсионӣ ва таъмини шаффофияти молиявӣ дар шароити рақобатпазирии байналмилалӣ омилҳои муҳими ҷалби сармоя мебошанд.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки лоиҳаҳои экологӣ бо меъёрҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ISO ва ESG (Environmental, Social, and Governance), мутобиқ гарданд. Ин ҳолат имкониятҳои содироти технологияҳо ва маҳсулоти экологиро васеъ мекунад.Истифодаи системаҳои GIS, дронҳо ва сенсорҳои интеллектуалӣ назорати мунтазам ва дақиқи иҷрои уҳдадориҳои экологиро таъмин менамояд. Ин раванд ба сари вақт муайян кардани мушкилот ва татбиқи чораҳои ислоҳӣ мусоидат мекунад.

Барои мутобиқсозӣ ва такмили Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030, Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи ҷалби сармоя ба Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 вобаста ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии сармоягузориҳои хориҷӣ дар низоми хизматрасониҳои экологӣ, чунин тавсияҳоро пешниҳод кардан аҳамияти муассир дорад: а) татбиқи платформаи ягонаи рақамии сармоягузории экологӣ, яъне таъсиси портали миллӣ бо имконоти пешниҳоди онлайн лоиҳаҳо, мониторинг, ҳисоботдиҳӣ ва баҳодиҳии таъсири экологӣ; б) ҳавасмандгардонии истифодаи IoT, AI ва Blockchain, яъне пешбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ва грантҳо барои ширкатҳо ва сармоягузороне, ки технологияҳои мазкурро дар лоиҳаҳои инфрасохтори сабз татбиқ мекунанд; в)тақвияти салоҳиятҳои кадрӣ, созмони барномаҳои омӯзишӣ ва сертификатсия барои мутахассисон дар самтҳои GovTech, GreenTech ва CyberSecurity бо мақсади таъмини амният ва устувории инфрасохтори рақамӣ; г) интегратсияи системаи E-Gov бо сармоягузории экологӣ тавассути таъмини ҳамоҳангии автоматии ҷараёнҳои иҷозатдиҳӣ, бақайдгирӣ ва назорат барои сармоягузорони хориҷӣ; д) ҷорӣ намудани “харитаи рақамии сармоягузорӣ”, яъне истифодаи GIS ва зеҳни сунъӣ барои нишон додани имкониятҳои сармоягузории экологӣ бо маълумоти муфассал дар бораи ҷойгиршавӣ, инфрасохтор ва иқтидори бозор; е) татбиқи стандартҳои ESG дар сатҳи миллӣ, яъне ворид намудани меъёрҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ ба ҳамаи лоиҳаҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ барои баланд бардоштани эътимоди сармоягузорони хориҷӣ; ё) маркази байналмилалии сармоягузории сабз дар Тоҷикистон, таъсиси марказе, ки ҳамчун нуқтаи мутамарказ барои ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои экологӣ, ҷалби сармоя ва интиқоли технологияҳо фаъолият мекунад.

Ҷалби сармояи хориҷӣ барои ҷорӣ кардани низоми “Шаҳри ҳушманд” дар шаҳру ноҳияҳо бо технологияи идоракунии партовҳо, сарфаи энергия ва беҳбуди сифати ҳаво қадами муҳими гузариш ба модели идоракунии устувор ва инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Ин низом бо истифода аз шабакаҳои сенсорҳо, платформаҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ имкон медиҳад, ки равандҳои ҷамъоварӣ, ҷудокунии аввалия ва коркарди партовҳо ба таври автоматикӣ ва самаранок ташкил карда шаванд, ки ин ба коҳиши ҳаҷми партовҳои ба полигонҳо равоншаванда ва афзоиши ҳаҷми маводҳои такрорӣ мусоидат мекунад. Илова бар ин, бо истифода аз системаҳои мониторинги сифати ҳаво, маълумот дар бораи сатҳи ифлосшавӣ дар вақти воқеӣ дастрас мегардад, ки ба мақомот ва ҷомеа имконият медиҳад, тадбирҳои фаврӣ ва самаранок барои беҳсозии муҳити зист андешанд. Дар маҷмӯъ, татбиқи “Шаҳри ҳушманд” на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди устувори шаҳрҳо мусоидат мекунад, балки ҷалби сармоягузориҳои хориҷиро тавассути эҷоди муҳити мусоиди экологӣ ва инфрасохтори пешрафта таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 https://mmih.adlia.tj/SEARCH/DocumentView?DocumentId=140505#
2. Бахши технологияҳои иттиллотӣ - коммуникатсионӣ https: // investcom.tj / investment/opportunities/sectors/69-it-va-raamikunon.html
3.Лига М.Б., Щеткина И.А., Технологии обеспечения новой архитектуры качества жизни в эпоху четвёртой промышленной революции//Гуманитарный вектор. Серия: Социологические науки. – Чита, 2020. - №4. - С. 8-16.
4. Нурдинов Б.Х. Афзалиётҳои истифодаи технологияи рақамӣ дар идоракунии иқтисодиёт / Б.Х. Нурдинов, М.А. Қурбонов // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – No. 4-1(63). – P. 40-45.
5. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 https://mmih.adlia.tj/Search/DocumentView?DocumentId=143399##
6. Сулимин В.В., Шведов В.В., Анализ использования искусственного интеллекта в цифровой экономике для улучшения прозрачности и эффективности государственного управления// Теория

и практика общественного развития. Серия: Экономика и бизнеса. – Краснодар, 2023. - №6 (182). – С. 181-186.
7. Усманова Т.Д. Потенциал использования лизинга как формы инвестирования в условиях кризиса [Текст] / Т.Д. Усманова, Ф.Ф. Одинаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально–экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/10–2(152). – С. 17–23.
8.Фарҳоди Қ. Роҳҳои такмилдиҳии мавқеи сармоягузорӣ дар иқтисодиёти миллӣ [Матн] / Қ. Фарҳод // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав. Равияи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2024. – №. 1–2(122). – С. 488–491.
9. Хушвахтзода Қ.Х. Ҷанбаҳои иқтисодии ташкил ва идоракунии рушди соҳаи хизматрасониҳои сайёҳӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Н.Н. Сайфуллоев, З.М. Орзиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – № 2. – С. 154–161.
10. Эмомов М.Н. Монеаҳои рушди минтақа ва роҳҳои бартараф намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.Н. Эмомов // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. – №. 4–2(43). – С. 360–367.

УДК 631.11:338.231.1)

Арабов Ф.П., Шарофзода Ф.Р., Фирдавси Н.

РАҚМИКУНОНИИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР САМТИ РАСИДАН БА РУШДИ УСТУВОР

Дар мақолаи мазкур самтҳои рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дар самти расидан ба амнияти озуқаворӣ ва ҳадафҳои рушди устувор таҳқиқ шудааст. Самтҳои назариявии моҳияти рақамикунонӣ дар низоми иқтисоди соҳаи кишоварзӣ баҳри беҳтар намудани раванди истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ омӯхта шудааст. Низоми технологияи рақамии дар соҳаи кишоварзӣ ва кишоварзии ҳушманд оварда шуда, барои беҳтар намудани он пешниҳодҳо карда шудааст. Сарчашмаи адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ оид ба истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ коркард ва гурӯҳбандӣ карда шудааст, ки ин метавонад барои татбиқи технолгияи рақамӣ ва платформаҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи кишоварзӣ кӯмак намояд. Механизмҳои иқтисодии технологияи инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо самтҳои стратегии татбиқи он баҳри расидан ба амнияти озуқаворӣ пешниҳод карда шудааст. Дар ин замина, технологияи инноватсионӣ бо истифода аз платформаҳои зеҳни сунъӣ барои обёрии заминҳои кишоварзӣ пешниҳод карда шудааст, ки он барои коҳиш додани таъсири антропогенӣ, сарфаи об, мониторинг ва истифодаи захираҳои обӣ кӯмак намуда, истеҳсоли маҳсулоти кишовразӣ ва даромаднокии корхонаҳоро бамаротиб баланд мебардорад. Вобаста ба беҳтар шудани раванди татбиқи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва рақамикунонии раванди истеҳсолот пешниҳодҳо карда шудааст.

Калидвожаҳо: бехатарии озуқаворӣ, соҳаи кишоварзӣ, инноватсия, платформаҳои зеҳни сунъӣ, соҳаи кишоварзӣ, таъсири антропогенӣ.

Арабов Ф.П., Шарофзода Ф.Р., Фирдавси Н.

ЦИФРОВИЗАЦИЯ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВО В ЦЕЛЯХ ДОСТИЖЕНИЯ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ

В данной статье рассматриваются направления цифровизации сельского хозяйства для достижения целей продовольственной безопасности и устойчивого развития. Исследованы теоретические аспекты сущности цифровизации в агроэкономической системе для

совершенствования процесса производства и переработки сельскохозяйственной продукции. Представлена система цифровых технологий в сельском хозяйстве и «умном» сельском хозяйстве, а также даны предложения по ее совершенствованию. Обработан и систематизирован отечественный и зарубежный литературный источник по использованию цифровых технологий в сельском хозяйстве, что может помочь во внедрении цифровых технологий и платформ искусственного интеллекта в сельское хозяйство. Представлены экономические механизмы внедрения инновационных технологий в сельское хозяйство и стратегические направления их внедрения для достижения продовольственной безопасности. В данном контексте предлагается инновационная технология с использованием платформ искусственного интеллекта для орошения сельскохозяйственных угодий, которая способствует снижению антропогенного воздействия, экономии воды, контролю и использованию водных ресурсов, а также значительному повышению производства сельскохозяйственной продукции и рентабельности предприятий. Даны предложения по совершенствованию процесса внедрения инновационных технологий в сельское хозяйство и цифровизации производственного процесса.

Ключевые слова: продовольственная безопасность, сельское хозяйство, инновации, платформы искусственного интеллекта, сельское хозяйство, антропогенное воздействие.

Arabov F.P., Sharofzoda F.R., Firdavsi N.

DIGITALIZATION OF AGRICULTURE FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT

This article examines the digitalization of agriculture to achieve food security and sustainable development. It explores the theoretical aspects of digitalization in the agro-economic system to improve the production and processing of agricultural products. A system of digital technologies in agriculture and smart agriculture is presented, along with proposals for its improvement. Domestic and international literature on the use of digital technologies in agriculture has been reviewed and systematized, which can facilitate the implementation of digital technologies and artificial intelligence platforms in agriculture. Economic mechanisms for introducing innovative technologies into agriculture and strategic directions for their implementation to achieve food security are presented. In this context, an innovative technology using artificial intelligence platforms for agricultural irrigation is proposed. This technology helps reduce anthropogenic impact, save water, control and use water resources, and significantly increase agricultural production and enterprise profitability. Proposals are provided for improving the implementation of innovative technologies in agriculture and the digitalization of the production process.

Key words: food security, agriculture, innovation, artificial intelligence platforms, agriculture, anthropogenic impact.

Муқаддима. Таи даҳсолаи охир таъсири саноатикунонии босуръати ҷаҳонӣ ба дигаргунии ҳарорати ҳаво ва тағйирёбии иқлим оварда расонидааст, ки таъсири бевоситаи он ба соҳаи кишоварзӣ дар саросари ҷаҳон расидааст. Таъсирҳои абиотикӣ ва антропогенӣ ба экосистемаи табиӣ ва муҳити атроф боиси дигаргун шудани ҳолати физиологолии зироатҳои кишоварзӣ, истеҳсол ва ҳосилнокии онҳо гардида, ки дар натиҷаи таъсири ҷиддӣ ба амнияти озуқаворӣ дар саросари ҷаҳон дошта, ба руди камбизоатӣ оварда мерасонад. Аз тарафи дигар истифодаи зархимикатҳои ва нуриҳои органикӣ ҳолати мавҷударо боз ҳам бадтар ва тезунтунд менамояд, ки таҳдиди ҷиддӣ ба экосистемаи табиӣ мебошад. Ин омилҳо ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва агросаноатӣ таъсир мерасонад, ки амнияти озуқаворӣ аз ин соҳаҳо вобастагии калон дорад. Тибқи арзёбии коршиносони байналмиллалӣ [14, С.345; 15; 26] аҳолии кураи замин аз 8,11 млрд. нафари имрӯза то 25 панҷ соли минбаъда ба 9,2 млрд. нафар мерасад, ки аз рушди бесобиқаи аҳолӣ дар кураи замин шаҳодат медиҳад. Дар ин баробар, аҳолии шаҳрнишин 66% расида, сатҳи заминҳои шудгори кишоварзӣ ба ҳисоби миёна 50 млн. гектар коҳиш ва сатҳи партови газҳои гулхонаи ба ҳавои атмосферӣ 50% зиёд мешавад. Ин омилҳо боиси гармшавии иқлим гаршта, ба 20 дарксад коҳиш ёфтани истеҳсоли агросаноати оварда мерасонад ва дар ин баробар талаботи аҳолӣ ба

ғизои солим 59-98% зиёд мешавад, ки хатари амнияти озуқаворӣ ва сатҳи камбизоативу гуруснагиро боло мебарад.

Аз ин ру, барои қонеъ намудани талаботи авзояндаи аҳолӣ, поин бурдани сатҳи гуруснагӣ, таъмини маҳсулоти ғизоии аз ҷиҳати экологӣ ба аҳолӣ ва амнияти озуқаворӣ бояд дар соросари кишвар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва чорводориро ҷалби сармоягузорӣ усулҳои муосири парвариши зироаҳоро бояд тезонид. Бояд гуфт, ки амнияти озуқаворӣ аз модели чорсамте иборат мебошад, ки ҳар яки он дар худ компанентҳои муаяни худро дошта, барои таъмини бехатари озуқаворӣ хизмат менамояд (расми 1).



Расми 1. Модели чорсамтаи амнияти озуқаворӣ
Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси [5]*

Таъмини аниятӣ озуқаворӣ ва поин бурдани таъсири омилҳои абиотикӣ ва антропогенӣ ба экосистемаи табиӣ ва муҳити атроф бо роҳи ҷори намудани технологи инноватсионӣ ва платформаҳои зеҳни сунъӣ, ки метавонад истифодаи самараноки захираҳои обиро дар соҳаи кишоварзӣ таъмин, ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзиро баланд, мониторинги истеҳсоли кишовразиро амали намояд. Дар ин замина, истифодаи технологияи хушманд ва заминдории ҳушманд метавонад соҳаи кишоварзиро аз ҳар гуна омилҳои таъсиррасон эмин дорад.

Асосҳои назариявӣ. Бо баробари рушди техника ва технологияи дар саросари ҷаҳон истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ васеъ истифода карда мешавад. Истифодаи технологияи рақамиро имрӯзҳо дар истеҳсолоти кишоварзӣ барои идора намудани раванди истеҳсолоти кишоварзӣ, ҳисоби дақиқ, идора намудани замин, гирифтани маълумоти дақиқ истифода мебаранд. Рақмикунонии соҳаи кишоварзӣ ва ё кишоварзии ҳушманд барои дастрасии маълумоти дақиқ аз самти фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ва фермерӣ барои қабули қарорҳои дақиқ дар расидан ба амнияти озуқаворӣ истифода менамоянд. Дар баробари ин, соҳаи кишоварзӣ бисер соҳаи душвор ва меҳнатталаб мебошад ва дар ин баробар системаи идоракунии муракабро тақозо менамояд. Дар ин замина, рақамикунонии соҳаи кишоварзи ва платформаҳои рақамӣ барои қабул намудани қарорҳои зарурӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҷиҳати мутобиқ шудан ба тағйирёбии иқлим ва расидан ба амнияти озуқаворӣ кӯмак менамояд.

Олимон [17, С.495] бар он ақидаанд, ки технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба поин бурдани харочотҳои истеҳсолӣ оварда расонида, қабули қарорҳоро муътадил мегардонад. Дар баробари ин, барои идора намудани корхонаҳои кишоварзӣ, самараноки истеҳсолот, назорати сифат ва муътадил намудани занҷираи расонидани маҳсулоти кишоварзӣ, ҳамзамон воситаи асосӣ дар раванди муътадил намудани қабули қарорҳо идоракунӣ маҳсуб мегадад. Муҳаққиқон [23, С.46] таъкид мекунанд, ки зеҳни сунъӣ, технологияи рақамӣ ва дастрасии маълумоти дақиқ ва маниторинги дақиқи соҳаи кишоварзӣ, ҷамъоварии маълумотро барои идора намудани раванди истеҳсолот ва қабули қарорҳои дуруст истифо мекунад. Дар ин замина, маниторигии раванди истеҳсолоти кишоварзӣ ба беҳтар шудани сатҳи даромад ва хороҷоти хоҷагидорӣ оварда расонида, тиҷоратикунонии раванди истеҳсолотро хуб мегардонад. Вобаста ба ин, олимон [18] таъкид мекунанд, ки самарнокии истеҳсолоти кишоварзиро метавон бо роҳи технологи рақамӣ ва платформаи зеҳни сунъӣ метавон таъмин намуд. Равишҳои инноватсионии ба маълумот асосёфта имкониятҳои кишоварзон ва хоҷагидоронро барои қабули қарорҳои идоракунӣ зиёд

намуда, истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзиро самаранок, талафоти зироатҳои кишоварзиро коҳиш медиҳад, ки ба рушди корхонаҳои кишоварзӣ оварда мерасонад.

Бинобар таҳқиқоти олимон [11, С.4], рақамикунонии раванди истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва кишоварзии ҳушманд метавонад ба корхонаҳои кишоварзӣ маълумотҳои зарурӣ таъмин намоянд. Бо истифода аз технологи рақамӣ метавони самтҳои зерини соҳаи кишоварзиро идора намуд:

- истифодаи зархимикатҳо, нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, тухмӣ ва идоракунии обёрии заминҳои кишоварзӣ;
- ҳифзи экосистемаи табиӣ ва муҳити атроф;
- қабули қарорҳо дар самти идоракунии монитеринзи зироатҳои кишоварзӣ;
- мубориза бар зиди ҳашаротҳои зарарасон;
- мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим;
- идоракунии талаботи бозор дар заминаи ҷорӣ татбиқи тиҷоратикунонии соҳаи кишоварзӣ.

Аммо, низоми истеҳсолот ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ раванди динамикӣ дошта, идоракунии оқилонаро тақозо менамояд. Интизор аст, ки рақамикунонӣ ба корханҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ имкониятҳои зеиёдро дар самтӣ коркарди маълумотҳо, мониторинги раванди истеҳсолот, муътадил намудани раванди коркарди маълумот ва қабули қарорҳои самаранок кӯмак менамояд.

Самтҳои методологӣ. Дар раванди таҳқиқот усули шарҳи адабиётҳо ба мо кӯмак намуд, ки ҳолати истифодаи технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ барои коҳиш додани таъсири антропогенӣ ба соҳаи кишоварзӣ асоснок намоем. Усули таҳлили имконият дод, ки раванди истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва роҳҳои самаранок истифода бурдани он муаяйн карда шавад. Усули монографӣ ба мо имкон дод, ки раванди таҳаввулот ва истифодаи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ, мушкилотҳои ҷойдошта дар раванди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ, афзалиятҳои рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ муаяйн ва таҳқиқ карда шавад.

Натиҷаи таҳқиқот. Дар соҳаи кишоварзии мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафта, шаклҳо гуногуни технологияи рақамӣ ва платформаҳои зеҳни сунъӣ роҳандозӣ шуда истодпаст, ки барои беҳтар намудани раванди истеҳсолот ва расидан ба амнияти озуқаворӣ ва дар ин баробар, коҳиш додани таъсири антропегенӣ ва абиотикӣ мусоида хоҳад намуд. Ин технологияҳо ба гуруҳҳои гуногун ҷудо карда шудаанд, ки ҳар яке он дорои хусусияти хоси худ мебошад.

Кишоварзии ҳушманд. Техногияи «Industry 4.0» яке аз консепсияи инқилоби саноатӣ чорум маҳсуб мегардад, ки автоматикунонии раванди истеҳсолот, мубодилаи маълумот бо истифодаи аз технологияи рақамӣ дар як платформаи интелектуалӣ тамаркуз менамояд. Инқилоти 4,0 саноати о принсипҳои асосии зерин дар соҳаи кишоварзӣ амал менамояд:

- Системаҳои киберфизикӣ *(CPS)*;
- Воситаҳои интернетӣ *(IoT)*;
- Зени сунъӣ *(AI)*;
- Технологияи абрӣ *(CC)*;
- Маълумоти калон ва аналитикӣ *(BDA)*;
- Низоми интегратсионӣ *(SI)*;
- Низоми моделикунонӣ, автаматикунонӣ ва роботикунонӣ *(ARS)*;
- Шабакаи сенсрҳои бесим *(WSN)*;
- Муътадил намудани истеҳсолот *(AM)*.

Роҳандозӣ ва татбиқи ин технологиҳои рақамӣ ва интелектуалӣ дар соҳаи кишоварзӣ барои ба сатҳи дигари рушд гузаштани истеҳсолоти кишоварзӣ бо истифода аз технологияи «Industry 4.0», ки онро ба истилоҳи дигар ҳамчун кишоварзии ҳушманд, фармаҳои ҳушманд, заминдории ҳушманд ва рақамикунонии хоҷагидорӣ меноманд. Кишоварзии ҳушманд воситаҳои гунонро дар худ касб кардааст, ки барои ҳали мушкилотҳои соҳаи кишовразӣ дар самти истеҳсол ва коркарди маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тозаро пешниҳод менамояд, ки ба беҳтар шудани экосистемаи табиӣ мусоидат хоҳад кард (расми 2).



Расми 2. Идоракунии соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз технологияи ҳушманд ва зеҳни сунъӣ

Сарчашма: *Таҳияи муаллиф дар асоси* [7].

Дар раванди истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ истифодаи технологияи рақамӣ ба монанди платформаи зеҳни сунъӣ IoT дар самти гирифтани маълумоти дақиқ оид ба сатҳи намнокии замин, сатҳи об дар зироатҳо, норасоии ғизоҳо дар зироатҳои кишоварзӣ, ки барои беҳтар намудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ кӯмак хоҳад намуд. Дар ин баробар, қарорҳо оид ба рушди зироатҳо дақиқ ва даромаднокии корхонаҳои кишоварзӣ таъмин хоҳад шуд.

Дар асоси таҳқиқот технологияи инноватсионие, ки дар истеҳсолот пешниҳод карда шудаанд ва аз ҷониби муқақон самаранокии онҳо дар раванди истеҳсолот таҳқиқ карда шудаанд дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Дар раванди коркарди технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ бо истифода аз сеҳни сунъи дар соҳаи кишоварзӣ бисере аз мушкилотҳои мавҷудаи соҳа ҳали худро пайдо намудааст. Вале, бисери аз ин технологияи рақамии хушманд бинобар сабаби гарон будан дар корхонаҳои кишоварзӣ ба таври васеъ истифода бурда намешаванд.

Ҷадвали 1. Рақмикунонии соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз воситаҳои интернетӣ

Ҷадвали 1. Рақмикунонии соҳаи кишоварзӣ бо истифода аз воситаҳои интернетӣ					
Ҳолати истифода	**Категорияи хизматрасонӣ**	**Усулҳо ва воситаҳо**	**Шакли хоҷагидорӣ**	**Сатҳи коркард**	**Сар-чашма**
1.	**CM**	WSN, CC WSN, ва омӯзиши таҳким	Гармхона (заминӣ)	Истифода мешавад	[26]
		Сенсорҳо, фаъолкунандаҳо ва контроллерҳо	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		Сенсорҳо, контроллерҳо ва замимаи мобилӣ	Гармхона (заминӣ)	Прототип	
		Сенсорҳо, CC, BD таҳлил ва омӯзиши механикӣ	Гармхона (заминӣ)	Прототип	
		Сенсорҳо ва CC	Аэропоника	Прототип	
		Сенсорҳо, фаъолкунандаҳо ва системаи назорат	Аэропоника	Прототип	[12]
		Қуттиҳои обу ҳаво (Метеобоксҳо), сенсорҳо ва камераҳо	Дар ҳавои кушод	Прототип	
2.	**CQM**	Дастгоҳҳои IoT, лампаҳои LED ва нармафзор	Гидропоника	Прототип	[15]
3.	**WEM**	Сенсорҳо ва CC	Аквапоника	Консептуалӣ	
		Сенсорҳо, тахтаи Arduino ва пойгоҳи додаҳо	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		Сенсорҳо, тахтаи Arduino ва пойгоҳи додаҳо	Гармхона (заминӣ)	Прототип	

		Сенсорҳо, системаҳои назорат, роёниши канорӣ ва абрӣ.	Гидропоника	Прототип	[27]
		Сенсорҳо, ҷузъҳои электронӣ ва шабака	Аквапоника	Прототип	
		Сенсорҳо, Arduino, Raspberry Pi3 ва шабакаи амиқи нейрон	Гидропоника	Прототип	
		Сенсорҳо ва пойгоҳи додаҳо	Аквапоника	Прототип	
		Сенсорҳо, фаъолкунандаҳо ва CC	Аквапоника	Прототип	
		Сенсорҳо, контроллерҳо ва замимаи мобилӣ	Аквапоника	Прототип	
4.	**IM**	WSN, мантиқи номуайян ва шабакаи нейрон	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		Воҳиди коркарди додаҳои сенсор, MQTT, HTTP ва шабакаи нейрон	Теплица (наземная)	Прототип	[19]
5.	**FM - радио**	Сенсорҳо, контроллерҳо, интерфейси веб ва CC	Дар ҳавои кушод	Консептуалӣ	
		Сенсорҳо, контроллерҳо, абр ва барномаи Android	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		Сенсорҳо, протоколҳои IEEE ва GSM	Дар ҳавои кушод	Прототип	[9]
6.	**DPM**	Сенсорҳо, контроллерҳо ва коркарди тасвир	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		Абр, камера, контроллерҳо ва k-маънои кластерсозӣ	Дар ҳавои кушод	Прототип	[24]
		WSN, контроллер ва технологияи абрӣ	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		WSN, анбори абрӣ ва пойгоҳи донишҳои кишоварзӣ.	Дар ҳавои кушод	Прототип	
		WSN ва модули SMS	Дар ҳавои кушод	Дар истифодаи васеъ	
		Сенсорҳо, коркарди тасвирҳо, k-маънои кластерсозӣ ва мошинҳои вектириро дастгирӣ мекунанд	Дар ҳавои кушод	Прототип	[20]

Дар платформаҳои рақамии бо истифода аз зеҳни сунъи диққати асосӣ ба идоракунии самаранокии раванди истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ аз қабилӣ:

- назорат аз раванди обмониии зироатҳо;
- мониторинги сатҳи солимии хок;
- назорати раванди истифодаи об дар соҳаи кишоварзӣ;
- дастрас намудани маълумотҳо оид ба солимии зироатҳои кишовразӣ;
- сатҳи рушди растаниҳо дар заминҳои кишовразӣ;
- назорати бемориҳои дар зироатҳо;
- назорат аз болои истифодаи заминҳо ва сатҳи эрозияи хок;
- идоракунии раванди нигоҳдории чорво;
- ҷамъоварии маълумотҳо оид ба чорводорӣ;
- беҳтар намудани раванди парвариши паранда;
- роҳҳои беҳтар нигоҳубини моҳиҳо;
- ҳали мушкилоти моҳидорӣ ва бемориҳои мавсимӣ;

Дар шароити кунунӣ дар илми муосир таваҷҷуҳи асосӣ ба самти истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ бе истифода аз замин ва хоҷагидории амудӣ (хоҷагии безамин - аквапоника, гидропоника ва аэропоника) ва хоҷагии гармхона (бо истифода аз хок) таваҷҷӯҳ зоҳир намуда истодаанд. Ин усулҳои муосири истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ дар кишварҳои камзамин ва

дорои аҳолии зиёд бисер рушд карда истодааст. Зеро дар шароити тағйирёбии иқлим ва биебоншавии заминҳои кишоварзӣ усули гидропоника барои истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ бе истифода аз замин роҳҳи асосии таъмини амнияти озуқаворӣ маҳсуб мегардад. Ин усул ба кишоварзон имконият медиҳад, ки бо сарфаи ками об ва хароҷоти истеҳсолӣ ҳосилнокии баланди маҳсулотро таъмин намуда, истеҳсоли маҳсулотро дар давоми сол бе таътил таъмин намоянд. Дар ин усули парвариши зироатҳои кишоварзӣ платформаҳои рақамӣ бо зеҳни сунъӣ васеъ истифода бурда мешаванд, ки бояд меъёри истифодаи об сари вақт ва бо витаминҳои зарурӣ ба решаи растаниҳо расонида шавад, ки рушди онҳоро таъмин намоянд.

Технологияи рақамии бесим дар самти идоракунии соҳаи кишоварзӣ. Шабакаҳои сенсории бесим воситаи теъналогияи рақамии маҳсуб мешавад, ки бо воситаи интернет фаъолият менамоянд. Як гуруҳи платформаҳои сенсорӣ маҳсуб мегарданд, ки барои маниторинги истифодаи захираҳои табиӣ ва ҷамъоварии маълумотҳои зарурӣ вобаста ба раванди фаъолияти иқтисодии хоҷагидорӣ амалӣ намуда, онҳоро барои қабули қарорҳои зуриртӣ вобаста ба ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии раванди идоракуни пешниҳод менамояд. Ин имконият фароҳам меоварад, ки барои беҳтар намудани самти идоракунӣ дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ қарорҳои зарурӣ ва саривақтӣ қабул карда шавад.

Дар шароити рушди технологияи инноватсионӣ шаклҳо гуногуни шабакаҳои сенсории бесим дар соҳаи кишоварзӣ таҳия ва роҳандозӣ карда шудаанд, ки вобаста ба самти фаъолияти истифодабаранда тасниф карда мешавад. Ба ин гуруҳи технологияҳо дохил мешавад:

- шабакаҳои сенсории бесими рӯи заминӣ (TWSN);
- шабакаҳои сенсории бесими зеризаминӣ (WUSN);
- шабакаҳои сенсории бесими зериобӣ (UWSN);
- шабакаҳои сенсории мултимедиявии бесим (WMSN);
- шабакаҳои мобилии сенсории бесим (MWSN) [8, С.174].

Аз технологияии рақамии дар боло овардашуда, дар соҳаи кишоварзии мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон шабакаҳои сенсории бесими TWSN ва UWSN васеъ истифода бурда мешаванд. Шабакаҳои сенсории бесими TWSN дар болои замин насб карда шуда, маълумотҳои заруриро оид ба гирду атроф ва зироатҳои кишоварзиро ҷамъоварӣ намуда, ба базаи ягона пешниҳод менамояд (расми 2).



Расми 2. Раванди фаъолияти Шабакаҳои сенсории бесими WSN.
Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [7].

Дар таҳқиқотҳои муосир истифодаи TWSN барои соҳаи кишоварзӣ бисертар мавриди баррасии васеъ қарор дода шудаанд, ки он дар дар шакли пушида ва кушода дар майдони кишоварзӣ барои идоракунии заминҳои обёришаванда, истифодаи захираҳои обӣ, арзёбии сатҳи сифати захираҳои об ва маниторингӣ экосистемаи табиӣ васеъ истифода бурда мешад.

Технологияи обёрӣ. Тадбиқи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ имкон медиҳад, ки занҷирҳои автоматикунонидашудаи истеҳсолӣ ва логистикӣ, ки занҷираи ширкатҳои савдои яклухт, логистика, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва таъминкунандагони онҳоро

дар як раванди ягона бо идоракунии мутобиқшавӣ фаро мегиранд, таъсис дода шаванд [6]. Барои эҳтиёҷоти ояндаи соҳаи кишоварзии ватанӣ, истифодаи самараноки об аҳамияти аввалиндараҷа дошта, ва стратегияи «амал, об барои рушди устувор» барои истифодаи дурусти захираҳои обӣ муайян шудааст. Истифодаи технологияи обӣ-ирригатсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ таи солҳои зиёд таҳаввулоти зиёдеро аз сар гузаронидидааст, аммо рушди технологияи Интернети (IoT) онро ба сатҳи дигари рушд равона намудааст. Тамоми ҷараёни кори системаи обёрӣ метавонад бо истифода аз воситаҳои Интернети ва системаҳои дастгирии тасмимҳо бо истифода аз зеҳни сунъӣ ва абрӣ ба таври оқилона автоматӣ карда мешавад (расми 3).



Расми 3. Раванди обёрии заминҳои кишоварзӣ бо воситаи технологияи рақамӣ ва автоматикунонии онҳо

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асосӣ [23, С.290].

Дачикҳо намнокӣ, ҳарорати ҳаво ва намии хок ҳамчун манбаи асосии маълумот ба система амал мекунанд. Барои таҳлили муфассал, маълумот дар пойгоҳи додаҳо нигоҳ дошта мешавад, ки дар он маълумотҳои базавӣ метавонанд барои омӯзиши модел истифода шаванд. Шабакаи нейронии сунъӣ ҳамчун усули таснифоти умумӣ хидмат мекунад, ки метавонад дар бораи маълумоте, ки аз пойгоҳи додаҳо барои сохтани модел гирифта шудааст, омӯзонида шавад. Пас аз он ки модел омӯзонида мешавад, онро баъдтар барои тасниф кардани маълумоти номаълум истифода бурдан мумкин аст. Мониторинги вақти воқеӣ тавассути интиқоли маълумот аз датчикҳо тавассути протоколҳо ба монанди MQTT имконпазир аст. Дар MQTT маълумот дар мавзӯъҳо нашр мешавад ва танҳо онҳое, ки ба мавзӯъҳо обуна шудаанд, метавонанд маълумотро бубинанд. Бартарии истифодаи MQTT дар он аст, ки он сабук буда, идора кардани шабака тавассути он осон аст.

Дар шароити минтақаҳои аридӣ ва камобӣ ҷумҳурӣ бо воситаи чоҳҳо аз истифодаи чунин технологияи рақамӣ барои рушди кишоварзӣ оварда мерасонад. Бартарияти ин технологияи дар он аст, ки дар ҷойҳои набудани қувваи барқ бо воситаи энергияи офтобӣ дар асоси IoT фаъол карда шаванд. Дар ин системаҳо ҳангоми нури офтоб батареяро бо энергияи офтоб пур кардан мумкин аст. Мисли дигар системаҳои ирригатсионӣ, ин системаҳо инчунин бо датчикҳо барои чен кардани намӣ ва ҳарорати хок муҷаҳҳаз шудаанд. Илова бар ин, суръати ҷараёнро бо истифода аз датчикҳо низ назорат кардан мумкин аст. Ин технология барои беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ мусоид буда, равандҳои бинобар сабаби нодуруст истифодаи об ба деградатсия, эрозӣ, шуршавӣ, ботлоқшавӣ ва аз гаридиши кишоварзӣ берун мондани заминҳо аз байн рафта, боиси баланд шудани ҳосилнокии заминҳои кишоварзӣ, таъмини маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, сарфаи об, нигоҳ доштани агроландшафтҳо гашта ба беҳтар шудани экосистемаи табиӣ оварда мерасонад.

Самтҳои баланд бардоштани рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ. Дар раванди рақамикунонии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин самтҳои калидӣ мавҷуданд, ки барои татбиқи ҳамаҷонибаи технологияи рақамӣ ва платформаҳои зеҳни сунъӣ дастрасӣ ба онҳо зарур мебошад, аз қабили:

- *Стандартикунонӣ*. Стандартикунонии раванди татбиқи технологияи инноватсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд роҳандозӣ карда шавад, ки ин имконият фароҳам меоварад то мушкилоти дар самти технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли худро пайдо намояд. Дар ин замина стандарти ягонаи технологияи рақамӣ барои корхонаҳои кишоварзии бояд таҳия ва раванди истифодаи он дар корхонаҳои кишоварзӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шавад;

- *Маърифати молиявӣ, иқтисодӣ, техникӣ*. Баланд бардоштани маърифати молиявӣ ба беҳтар шудани сатҳи хоҷагидорӣ оварда расонида, барои татбиқи технолгияии рақамӣ кӯмак менамояд. Мушкилоти асосии корхонаҳои кишоварзӣ дар паст будани дармоднокӣ ва фоиданокии онҳо бар асари паст будани маърифати молиявӣ, иқтисодии корхонаҳо баамал меоянд. Дар ин замина, бо таъсиси курсҳои кутоҳмуддати омӯзиши раванди татбиқи технологияи рақамӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва самаранокии иқтисодӣ-экологии он бояд расонида шавад;

- *Маълумоти дуруст ва саривақтӣ*. Маълумоти босифат ва саривақтӣ дар самти идоракунии соҳаи кишоварзӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Зеро рушди зироатҳои кишоварзӣ аз маълумоти саривақти оид ба истифодаи захираҳои об, сатҳи намнокии заминҳои, сатҳи ҳосилнокии хок, ки ба рушди зироатҳои таъсир мерасонанд, бо истифода аз технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ дастрас намудани онҳо имконпазир мебошад. Ин раванд ба корхонаҳои кишоварзӣ имкният медиҳад, ки қарорҳои саривақтӣ ва дурусти идоракунӣ дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ ва хоҷагидорӣ қабул намоянд;

- *Роҳҳои алтернативии истифодаи кувваи барқ*. Истифодаи технологияи рақамӣ ва инноватсионӣ аз корхонаҳои кишоварзӣистифодаи қувваи баркро талаб менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бинобар дастрасии пура ба қувваи барқ надоштани корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқониву фермерӣ дар раванди татбиқи технологияи рақамӣ мушкилӣ пеш меоварад. Дар баробари ин, корхонаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ аз ҳисоби қувваи барқ бинобар надоштани даромади кофӣ ва истифодаи технология ва муҳарикҳои пуркудрати, ки қувваи баркро зиёд мегиранд ва самаранокии камро таъмин менамоянд. Дар ин замиина, истифодаи роҳҳои алтернативии қувваи барқ аз манбаъҳои баркароршавандаи энергия аз қабили понелҳои офтобӣ, генераторҳои бодӣ бояд истифода намуд, ки дар ин ҳолат самаранокии истифодаи технологияи инноватсиониро таъмин менамояд. Олимон [21] бар он ақидаанд, ки истеҳсоли қувваи барқ аз манбаъҳои баркароршавандаи энергия ба монанди, об, нури офтоб, ки ба беҳтар шудани муҳити атроф ва самаранокии иқтисодӣ ва энергетикии корхонаро таъмин менамояд;

- *Мутобиқшавӣ*. Соҳаи кишовразӣ ва раванди истиеҳсолоти он марҳилаҳои душвори иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, техникиро дар бар мегиранд ва аз муҳити табиӣ иқлимӣ вобастагии калон дорад. Дар ин замина, барои роҳандозии технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ ба муҳит тобовар бояд роҳандозӣ карда шавад, ки самаранокии иқтисодӣ ба бор оварад. Зеро, аз ҷониби корхонаи кишовразии ҶДММ «Синьцзян Лихуа Хлопковая Промышленность» соли 2020 мошинаи обпошии Lindsey Zimmatic барои обёрии заминҳои кишоварзӣ дар минтақаи Хатлон дар майдони 2000 гектар татбиқ карда шуд, ки баъд аз татбиқи технология маълум шуд, ки иқлим ва хоки ин минтақаи ба обёрии боришотӣ мутобиқ набуда, сатҳи бухоршавии намноки дар ин минтақа баланд буда, иқтидори техникии мошина барои таъмини намнокии замин кофи намебошад. Дар ин замина, лоиҳаи сармоягузорӣ натиҷаи хуби иқтисодӣ ба бор наоварда, дар ин заминҳо усули дагари обёрӣ истифода бурда шудааст. Зерои шароити динамикии соҳаи кишоварзӣ аз қабили ҳарорати ҳавои минтақа ва динамикаи пасту баландшавии он, ҳаракати объектҳои фаъол ва омилҳои маҳдудкунанда, ки барои татбиқи технологияи рақамӣ монеъаи ҷиддӣ эҷод менамоянд. Вобаста ба ин, мутобиқшавии технологияи рақамӣ ва инноватсионӣ бояд ба муҳит, иқлим, сатҳи хок бояд санҷида шуда, баъдан лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар ин самт татбиқ карда шаванд.

- *Инфрасохтори техникӣ.* Яке аз монеъаҳои асосӣ дар самти татбиқи технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ин набудани инфрасохтори зарурии техникӣ, интернетӣ, технологӣ мебошад. Набудани интернети ноқилӣ дар ҳама минтақаҳои кишоварзии ҷумҳурӣ монеъаи асосӣ дар самати татбиқи технологияи рақамӣ маҳсуб мегардад. Тибқи назарсанҷии муаллиф дар корхонаҳои кишоварзии вилояти Хатлон маълум гардид, ки корхонаҳои кишоварзӣ аз маҳдудияти қувваи барқ, набудани интернети ноқилӣ ва мобилии босуръат, курсҳои такмили ихтисоси кормандони техникӣ, марказҳои омӯзишӣ дар самти гузариш ба низоми инноватсионӣ шикоят намуданд. Ин мушкилотҳоро метавон бо роҳи муҳайё намудани инфрасохтори зарурӣ аз ҷониби ширкатҳои мобилӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ бо истифода аз энергияи сабзи аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия ҳал намуд, ки ин аз корхонаҳои кишоварзӣ сармоягузорӣ ва маблағгузориро талаб менамоянд. Зеро воситаҳои интернетӣ ва технологияи рақамии дар соҳаи кишоварзӣ аз қабили фаъолияти истеҳсолӣ дар гармхонаҳо, оберии қатрагӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бе қувваи барқ ва интернети ноқилӣ ва бесим татбиқ намуда имконпазир нест.

Хулоса. Суръати афзоиши рушди аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини талаботи афзояндаи он ба маҳсулоти кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза ба истеҳсолти интенсивии шакли нави хоҷагидорӣ бо технологияи рақамӣ ва платформаҳои зеҳни сунъӣ гузарад. Зеро бе татбиқи технологияи инноватсионӣ ва рақамӣ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар шароити гармшавии ҳавои атмосферӣ ва тағйирёбии иқлим мушкил мебошад.

Дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба низоми рақамӣ ва технологияи «Industry 4.0» чандин монеъаҳои мавҷуд аст, ки дар боло намунаҳои онро овардем ва ҳалли саривақтии он боиси беҳтар шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, паст шудани таъсири антропогенӣ, абиотикӣ ва патови газҳои гулхонаӣ аз соҳаи кишоварзӣ мегардад. Технологияи рақамӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ имкониятҳои васеъ дар самти истеҳсол, коркард, реклама ва ба бозор баровардани маҳсулотро медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Арабов Ф.П. Инновационное развитие сельского хозяйства как путь устойчивого развития / Ф.П. Арабов // Наука и знание: материалы I Международной научно-практической конференции, Краснодар, 29 февраля 2024 года. – Краснодар: ФГБУ "Российское энергетическое агентство" Минэнерго России Краснодарский ЦНТИ- филиал ФГБУ "РЭА" Минэнерго России, 2024. – С. 17-22.
2. Бычкова А.Е. Цифровизация в АПК: проблемы и перспективы / А.Е. Бычкова, И.Ю. Горлова, Ю.А. Динер //Перспективы развития отрасли и предприятий АПК: отечественный и международный опыт. – 2020. – С. 428-429.
3. Киварина М.В. Цифровизация регионального АПК: проблемы и перспективы / М.В. Киварина, Н.Н. Юрина //Аграрный вестник Урала. – 2025. – Т. 25. – №. 03. – С. 515.
4. Миронкина А.Ю. Цифровизация регионального агропромышленного комплекса //Цифровые технологии-основа современного развития АПК. – 2020. – С. 221-224.
5. Продовольственной и сельскохозяйственной организации Объединенных Наций https://www.sciencedirect.com/topics/agricultural-and-biological-sciences/food-and-agriculture-organization
6. Федоренко В.Ф. Цифровое сельское хозяйство: состояние и перспективы развития: научн. издание / В.Ф. Федоренко, Н.П. Мишуров и др. – М.: ФГБНУ «Росинформагротех», 2019. - 316 с.
7. Abbasi R. The digitization of agricultural industry–a systematic literature review on agriculture 4.0. Smart Agricultural Technology, 2, 100042 / R. Abbasi, P. Martinez, R. Ahmad //ICPES 2023. – 2022. – Т. 13010.
8. Aftab M. U. A review study of wireless sensor networks and its security / M.U. Aftab, O. Ashraf, M. Irfan, M. Majid, A. Nisar, M.A. Habib, //Communications and Network. – 2015. – Т. 7. – №. 4. – С. 172-179.

9. Ali T. A.A., Choksi V., Potdar M.B. Precision agriculture monitoring system using green internet of things (g-iot) / T.A.A. Ali, V. Choksi, M. B. Potdar //2018 2nd International Conference on Trends in Electronics and Informatics (ICOEI). – IEEE, 2018. – С. 481-487.
10. Chergui N., Kechadi M. T., McDonnell M. The impact of data analytics in digital agriculture: a review //2020 International multi-conference on:"organization of knowledge and advanced technologies"(OCTA). – IEEE, 2020. – С. 1-13.
11.Gafforzoda, I.G. Sustainable development of water resources of Tajikistan / I.G. Gafforzoda, F. P. Arabov, A. K. Sodikov // Ensuring sustainable development: agriculture, ecology, energy and Earth science (IOP Conference Series: Earth and Environmental): Science II International scientific and practical conference, Dushanbe, Tajikistan, 21–23 декабря 2022 года. – Bristol, BS2 OGR, United Kingdom: IOP PUBLISHING LTD, TEMPLE CIRCUS, TEMPLE WAY, BRISTOL, ENGLAND, BS1 6BE, 2023. – P. 12024. – DOI 10.1088/1755-1315/1229/1/012024. – EDN DFCGVJ.
12.Jamhari C.A. Design and implementation of IoT system for aeroponic chamber temperature monitoring / C. A. Jamhari, W. K. Wibowo, A. R. Annisa, T. M. Roffi, // 2020 Third International Conference on Vocational Education and Electrical Engineering (ICVEE). – IEEE, 2020. – С. 1-4.
13.Kyaw T.Y., Ng A.K. Smart aquaponics system for urban farming //Energy procedia. – 2017. – Т. 143. – С. 342-347.
14.Mok W.K., Tan Y.X., Chen W.N. Technology innovations for food security in Singapore: A case study of future food systems for an increasingly natural resource-scarce world //Trends in food science & technology. – 2020. – Т. 102. – С. 155-168.
15.Namgyel T. IoT based hydroponic system with supplementary LED light for smart home farming of lettuce / T. Namgyel, S. Siyang, C. Khunarak, T. Pobkrut, J. Norbu, T. Chaiyasit, T. Kerdcharoen //2018 15th international conference on electrical engineering/electronics, computer, telecommunications and information technology (ECTI-CON). – IEEE, 2018. – С. 221-224.
16.Nasirahmadi A., Hensel O. Toward the next generation of digitalization in agriculture based on digital twin paradigm //Sensors. – 2022. – Т. 22. – №. 2. – С. 498.
17.Nasirahmadi A., Wilczek U., Hensel O. Sugar beet damage detection during harvesting using different convolutional neural network models //Agriculture. – 2021. – Т. 11. – №. 11. – С. 1111.
18.National water policy of Tajikistan in the context of sustainable development / Kh.A. Odinaev, K.Kh. Barfiev, F.P. Arabov, K.A. Sodikov // E3s web of conferences: VIII International Conference on Advanced Agritechnologies, Environmental Engineering and Sustainable Development (AGRITECH-VIII 2023), Krasnoyarsk, 29–31 марта 2023 года. – EDP Sciences: EDP Sciences, 2023. – P. 04028. – DOI 10.1051/e3sconf/202339004028.
19.Nawandar N.K. IoT based low cost and intelligent module for smart irrigation system / N.K. Nawandar, V.R. Satpute //Computers and electronics in agriculture. – 2019. – Т. 162. – С. 979-990.
20.Pavel M.I. An IoT based plant health monitoring system implementing image processing / M.I. Pavel, S.M. Kamruzzaman, S.S. Hasan, S.R. Sabuj, // 2019 IEEE 4th international conference on computer and communication systems (ICCCS). – IEEE, 2019. – С. 299-303.
21.Sigrist L. Thermoelectric energy harvesting from gradients in the earth surface / L. Sigrist, N. Stricker, D. Bernath, J. Beutel, L.Thiele, // IEEE Transactions on Industrial Electronics. – 2019. – Т. 67. – №. 11. – С. 9460-9470.
22.Smith M.J. Getting value from artificial intelligence in agriculture //Animal Production Science. – 2018. – Т. 60. – №. 1. – С. 46-54.
23.Subeesh A. Automation and digitization of agriculture using artificial intelligence and internet of things / A. Subeesh, C.R. Mehta //Artificial Intelligence in Agriculture. – 2021. – Т. 5. – С. 278-291.
24.Thorat A. An IoT based smart solution for leaf disease detection / A. Thorat, S. Kumari, N. D. Valakunde // 2017 international conference on big data, IoT and data science (BID). – IEEE, 2017. – С. 193-198.
25.Valin H. et al. The future of food demand: understanding differences in global economic models //Agricultural economics. – 2014. – Т. 45. – №. 1. – С. 51-67.
26.Yimwadsana B. An IoT controlled system for plant growth / B. Yimwadsana, P. Chanthapeth, C. Lertthanyaphan, A. Pornvechamnuay // 2018 Seventh ICT International Student Project Conference (ICT-ISPC). – IEEE, 2018. – С. 1-6.
27. Zamora-Izquierdo M.A. et al. Smart farming IoT platform based on edge and cloud computing / M.A. Zamora-Izquierdo, J. Santa, J.A. Martínez, V. Martínez, A.F. Skarmeta, //Biosystems engineering. – 2019. – Т. 177. – С. 4-17.

УДК 338.48

Бобоев Н.Д., Мадасани А.

ГЛЭМПИНГ – ПАДИДАИ НАВ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Мақола ба самти сайёҳии кемпинг – глэмпинг, ки аз нуқтаи назари рушди истироҳати берунӣ баррасӣ мешавад, бахшида шудааст. Мақсад аз ин мақола, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани маълумот дар бораи глэмпинг, инчунин баррасии дурнамои рушд дар шароити сайёҳии муосир мебошад. Дар мақола таърихи мухтасари пайдоиши глэмпинг шарҳ дода шуда, қайд мегардад, ки ин падидаи нав нест ва инчунин маводҳо дар бораи мафҳуми «глэмпинг» пеш оварда шудааст. Қайд гаштааст, ки глэмпинг маҳсулоти сайёҳиест ҳамчун қисми ҷудонашавандаи табиат, манзараҳои атроф ва намудҳои он гуруҳбандӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: туризм, кемпинг, глэмпинг, намудҳои глэмпинг, ҳузуру ҳаловат, перспективаҳои тараққиёт, хайма.

Бобоев Н.Д., Мадасани А.

ГЛЭМПИНГ – НОВОЕ ЯВЛЕНИЕ В ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ

Статья посвящена направлению в кемпинг-туризме – глэмпингу, который рассматривается с позиции развития отдыха на открытом воздухе. Целью статьи является сбор и систематизация информации по глэмпингу, а также рассмотрение перспектив развития в условиях современного туризма. В статье приводится историю возникновения и доказывается, что данное явление не новое, как некоторые пытаются его представить. В статье обобщается материал по существующему понятию «глэмпинг» в научной литературе и публицистике. Предпринята попытка сформулировать определение глэмпинга. Формулируется основная мысль, что глэмпинг является комбинированным турпродуктом, где природа и окружающий ландшафт являются его неотъемлемой частью. Рассмотрены виды глэмпинга, проведена их категоризация, представленная в систематизированной форме.

Ключевые слова: туризм, кемпинг, глэмпинг, виды глэмпинга, роскоши, перспективы развития, палатки.

Boboev N.D., Madasani A.

GLAMPING – A NEW PHENOMENON IN THE TOURISM INDUSTRY

The article is devoted to the direction in camping tourism - glamping, which is considered from the standpoint of the development of outdoor recreation. The purpose of the article is to collect and systematize information on glamping, as well as to consider the prospects for development in the context of modern tourism. The article provides the history of its origin and proves that this phenomenon is not new, as some try to present it. The article summarizes the material on the existing concept of "glamping" in scientific literature and journalism. An attempt is made to formulate a definition of glamping. The main idea is that glamping is a combined tourism product, where nature and the surrounding landscape are its integral part. The types of glamping are considered, their categorization is carried out, presented in a systematic form.

Keywords: tourism, camping, glamping, types of glamping, luxury, development prospects, tents.

Замони муосир дар иқтисодиёти ҷаҳон соҳаҳои гуногун ташаккул меёбанд ва барои осонтар намудани иҷрои кор, амал, вазифа ва ғайра истифода мегарданд. Соҳаҳои хизматрасонӣ низ дар

баробари соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ рушд менамоянд, самтҳо ва равияҳои навро ба вуҷуд меоваранд.

Туризм яке аз соҳаҳои муҳимтарин ва даромадноки иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари зерсоҳаҳои мавҷуда, дар таркиби туризми байналхалқии муосир равияи нав ташаккул ёфтааст, ки ин – глэмпинг ном дорад.

«Глэмпинг» ҳамчун падида аз давраи пеш аз ба вуҷуд омадани мафҳуми он, ки хусусиятҳои онро тавсиф менамояд пайдо гардидааст. Ҳанӯз дар Рими Қадим сарлашкарҳо зимни ба сайри роҳпаймоии сайёҳӣ рафтан бо худ ҳама лавозимотҳои ошхонавиро барои роҳат ва ҳузуру ҳаловат ташкил намудан дар хаймаҳои худ мебурданд.

Дар соли 1324 сарватмантарин шоҳ дар таърихи Мавритания Мусо ҳаҷҷи Макка менамуд, ки аз қасри он то макони ҳаҷ 6500 километрро ташкил мекард. Дар ин сафар 12 ҳазор бандӣ ва хизматгорон бо либосҳои махсус, лавозимот ва заруратҳои дигари сафарро мекашониданд. Дар роҳ, ҳатто дар мавзеҳои биёбонии бе долу дарахт барои Мӯсо сабзавоти тару тоза ва моҳӣ таъмин менамуданд ва рӯзҳои ҷумъа аз лавозимоти хаймаҳо масҷид бунёд менамуданд, ки ин аз таърихи глэмпинг шаҳодат медиҳад. Калимаи **"glamping"** маҷмӯи калимаҳои англисӣ мебошад **"glamorous camping",** ки ба русӣ (гламурный кемпинг) тарҷума шудааст, маънои "кемпинги ҷолиб" -ро дошта, бо ибораи дигар, ин навъи манзил, зистанро дар оғӯши табиати зинда дар шароити бароҳаттарин дар бар мегирад.

Истилоҳи "глэмпинг" дар Британияи Кабир соли 2005 фаъолона истифода мешавад ва дар соли 2016 ҳатто ба луғати Оксфорд (Oxford Advanced Lear-hers Dictionary) дохил карда шуд.

Дар байни хусусиятҳои глэмпинг ду омили асосиро ҷудо намудан зарур аст:

- истироҳат дар табиат бо дараҷаи баланди ҳузуру ҳаловат;

-зудҳаракатии табиӣ ба муҳити атроф.

Истифода намудани глэмпинги дараҷаи баланди боҳаловатро шикорчиёни сайёҳ ҳангоми саёҳати сафарӣ дар Африка дар солҳои 80-уми асри XX оғоз намуданд.

Кемпинги анъанавӣ яке аз воситаҳои алоқамандӣ бо табиат мебошад, ки дар гузашта аз ҳисоби чодирҳо (палаткаҳо), хобхалтаҳо (спальные мешки), омоданамоии ғизо ва дигар шароитҳои ноқулай, номувофиқ буданд. Корвонҳо ҳузуру ҳаловатро таъмин намудан метавонистан, вале камбудиҳои худро доштанд. Танҳо глэмпинг тавонист, ки чунин бошукӯҳиро бо табиати зинда таъмин намояд [1, с. 30].

Азбаски кемпинг – ин истиқомат дар лагерҳои ҳифзшавандаи тобистона барои туристони инфиродии сайркунанда ва ё воситаҳои нақлиётии бо дастгоҳҳои хаймаҳоро насбкунанда, объектҳои санитарӣ ва ғайра мебошад, вале глэмпинг бошад аз рӯи мақсад кемпинги гуногуншакли калони ҳузуру ҳаловат пешниҳодкунанда ҳисоб меёбад.

Ассотсатсияи глэмпинг то ҳол истилоҳи дақиқи ин мафҳумро муайян накардааст, вале таърихи ба вуҷуд омадани ин таълимотро пеш овардааст. Ҳалли инноватсионии масъалаи пайванди кемпинг бо ҳузуру ҳаловат ва роҳат, ба рушди самти глэмпинг ибтидо гузошт. Ассотсатсияи байналмиллалии глэмпинг тасдиқ менамояд, ки глэмпинг бо бисёр дигар номҳо низ маълум аст: кемпинги олиҷаноб, будик – кемпинг, кемпинги бошукӯҳ ва ғайра.

Луғати Кембриҷ истилоҳи **«глэмпинг»** -ро ҳамчун намуди кемпинге, ки шукӯҳ ва ҳузуру ҳаловат таъмин менамояд, шарҳу эъзоҳ медиҳад. Воситаҳои ахбори омма глэмпингро ҳамчун истироҳати бошукӯҳу ҳаловат дар табиат медонад. [1, с. 31] Дар маҷмӯъ глэмпинг – ин ташкили истироҳат дар ҳавои кушод, бо истифода аз намудҳои махсуси объектҳои ҷойгиронӣ дар ҳудудҳои назоратшаванда мебошад, ки бо ҳузуру ҳаловати хизматрасонии меҳмонхонавӣ таъмин аст.

Глэмпинг – шакли туризми экологӣ ҳисоб меёбад, чунки дар заминаи манзараҳо ва муҳити табиӣ таъсис меёбад. Мувофиқи Созмони Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ, экотуризм – ин саёҳат дар минтақаҳои табиӣ бо объектҳои махсуси омӯхташаванда ва ба вақдоварандаи дорои фауна ва флораи ғанӣ, ҷанбаҳои фарҳангии мафтункунанда дар ҳудуди муайян ҷойгирифта мебошад. Бояд қайд намуд, ки сайёҳон тамоми ин табиат, манзара, шароитҳои иқлимиро ба маҳсулоти сайёҳӣ табдил менамоянд [1, с. 31].

Ҷадвали 1. НАМУДҲОИ ОБЪЕКТҲОИ ҶОЙГИРКУНАНДАИ ГЛЭМПИНГ

Дараҷа	**Намудҳои объектҳои ҷойгиркунанда**			
Пӯшишҳои матоъгин (тент)	**Хаймаҳои Люкс** – аз рӯи андоза калон, пурра бо катҳои намуди меҳмонхонавӣ, инчунин бо қолин, лавозимоти ҳузуру ҳаловати хонагӣ ҷиҳозонида.	**Хаймаи Сафарӣ** – калон, шакли росткунҷа, услуби мустамликавӣ, ки ҳузури хонагиро нишон медиҳад.	**Витвам (трее)** – манзили зисти ҳиндуҳои америкаи шимолии секунҷашакл, ки аз химчаҳои овезони чубин сохта шуда бо тент пӯшонида шудааст.	**Юрта** – биноҳои муғулии барои зимистонгузаронӣ шакли силиндрӣ дошта аз қисми беруна бо панҷараҳоаи чубӣ пӯшонида шудааст.
	Доимӣ (статсионарӣ)		**Мобилӣ**	
Кабина (хонача) – (pod – отел варианти аврупоии бо парда пушонида)	**Гунбаз** – шакли нави палатка, бино дар якҷоягии молҳо: дарахтон, пӯлод, матоъ бо зудӣ насб карда мешавад ва ба табиат таъсири манфӣ намерасонад.	**Каютаҳо** – аз маснуотҳои тозаи табиӣ ва ашёи хоми дуюмдараҷа сохташуда мебошанд.	**Караван** – мошинҳои анъанавӣ ва махсус ҷиҳозонидашуда, ки имконияти зисти дар боли чор чархро доранд.	**Камбуз** – вагони қатора, ки барои зисти ҳузуру ҳаловат таҷҳизонида шудааст.
Фазои табиӣ	**Объект дар шохи дарахт** - дар шакли хонаҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ, ки тавассути зинапояҳои бандӣ сохта шудаанд ва зебоии ҷангал намоён мебошад.	**Иглу** – хонаҳои чатршакли аз барф сохташуда ва бо пӯсти ҳайвонот гарм кунонидашуда.	**Ғорҳо** –фазои зеризаминии пурра мебеликунонида шуда	**Обӣ** – бинои ҷойгиронӣ дар боли платформаи шинокунандаи сатҳи об сохта шуда
Бино – хоначаҳои чубӣ (ранчо, хонаи фермерҳо, бунгало, капаҳо, котеҷҳо)	**Хоначаҳо** – дар атрофи табиат, манзараҳои зебо дараҷаи баланди хизматрасонӣ қиёспазир бо отелҳо мбошанд	**Анборҳо** – биноҳои хоҷагии қишлоқ, ки таъмир шудаанд ва ба кемпинг монанд гардонидашуда мебошанд.	**Кулба** – аз материалҳои табиӣ, сангу хас, навдаҳои дарахт, баргҳои палма сохта шудаи ба бунгало монанд, вале нисбатан намуди дағал дошта мебошанд.	**Миноҳо,** осиёбҳои бодӣ, манора ва ғайра, ки барои зист омода шудаанд.

Сарчашма: коркарди муаллифон дар асоси адабиёти 1.

Глэмпинг ба рушди сайёҳии мавҷудбуда мусоидат намуда, ба онҳо савти нав мебахшад. Дар татқиқоти худ Боскабойник А ғояи истифода намудани глэмпингро ба сифати алтернативаи намуди туризми кишоварзӣ пешниҳод менамояд [4, с. 105].

Дар замони ҳозира глэмпинг ҳамчун объектҳои гуногуншакли ҷойгиркунонӣ пешниҳод карда мешавад, онҳо аз рӯи шакл, андоза, маснуоти сохташаванда, мавқеи ҷойгиршавӣ, дараҷаи истироҳат, истифодаи навгониҳо фарқ мекунанд. Гуногунии шаклҳои онҳо хеле зиёд мебошад ба монанди: юртаҳо, игла, вигвам, шар, (вагон- қисми қатора), хонаҳои шишагин ва чӯбин, гунбазҳо ва ғайра, ки омӯзиши иловагиро талаб менамоянд [6, с. 8].

Мувофиқи татқиқоти Ассотсатсияи амрикоии глэмпинг бештар чунин намуди глэмпингҳо дархост мешаванд: кабинаҳо (42%), юртаҳо (10 %), хонаҳои хурд (9%) ва ғайра [1, с. 32].

Аз ҳама объектҳои глобалии муҳимтарин дар кишварҳои зерин ҷойгир шудаанд:

Шветсия – объектҳои беназири дар шоху баргҳои дарахтони минтақаҳои ҷангал лоиҳакашигардидаи намуди скандинавӣ бо номҳои: чоркунҷаи оинабандишуда, сӯзанакмонанд, лонаи паранда, кабина ва ғайра.

Шветсария – гумбазҳои бо пардаҳои тунук печонидашуда ё эко – шале.

Дар Чили, Патагония – гумбазҳо дар гулбоғҳои миллии Torres del Pain;

Дар ИМА, Монтана – чодирҳои соябони (тент) дар водии Блекфурт;

Африка, Танзания – чодирҳои боғи миллии Mahale.

Африка, Кения – чодирҳо дар гулбоғҳои миллии Tsavo дар шаршараи Ngulia ва кӯҳи Килиманҷаро.

Дар Осиё, Ҳиндустон – чодирҳо дар кӯли Retreat ва дигарон [6, с.4].

Дар шароити муосири соҳаи сайёҳӣ глэмпинг – ҳамчун шакли ояндадори сайёҳии истироҳатӣ буда, наздик будан ва қулай ҷой гирифтан дар табиати зиндаро дар назар дорад. Глэмпиг – кемпинги элементҳои шукӯҳу ҳашамат ва ҳузуру ҳаловат доштаро, ба монанди рахти хоби қулай, оби гарм, қувваи барқ, интернет ва ғайраро таҷассум мекунад. Глэмпинг – дар байни сайёҳон маъруфият пайдо намуда, диққати онҳоро бо дастрасӣ ва имкониятҳои ба даст овардани таасуротҳои нотакрор ҷалб месозад.

Глэмпинг тамоюли нави ҷаҳонӣ дар соҳаи сайёҳӣ гашта, дурнамои дарозмуддат дорад.

Ҳамасола глэмпингҳои нав дар саросари ҷаҳон кушода шуда, таваҷҷуҳ ба ин самти сайёҳи афзуда истодааст. Тибқи маълумоти Grand View Research то соли 2025 рушди миёнаи бозори глэмпинг дар ҷаҳон 12,5%-ро ташкил дода, дар панҷсолаи наздик ҳаҷми дапррмаи умумии он ба 4,8 млн. доллари ИМА мерсад [7].

Глэмпинг – ҳамчун меҳмонхона оғуши табиат буда, барои бомуваффақият амалӣ намудани он фаҳмиши мавзуҳои зерин талаб карда мешвад: консепсия ва нақшаи тиҷоратӣ, лоиҳасозӣ ва сохтомн, хӯрок ва хизматрасонӣ, идоракунӣ ва маркетинг. Қадами нахустин барои оғози тиҷорат дар самти глэмпинг – ин банақшагирӣ ва омӯзиши бозор мебошад. Қабл аз дарёфт кардани қитъаи замин барои ташкили глемпинг, муайян кардани мақсад, буҷети зарурӣ ва хароҷотҳои дар пешистода ва гуруҳи мақсаднок, онҳое ки аз ин хизматрасонӣ истифода мебаранд, муҳим аст. Аз таҳияи дурусту мақсадноки консепсия ва нақшаи тиҷоратӣ дигар қисмҳои лоиҳа бармеояд. Чунин нақшаи амал имкон медиҳад, ки лоиҳаи оянда тарҳрезӣ карда шавад ва аз қисматҳои зерин бояд иборат бошад:

· **Идеология**. Дар ин ҷо ақидаи появӣ ва ақида барои глэмпинг тавлид мегардад. Барои чӣ ва кӣ ин лоиҳаро месозед? Арзишҳои асосии вай аз чӣ иборат аст?

· **Типи глэмпинг**. Аксар вақт консепсияи глэмпингро дар атрофи қитъаи замин месозанд ва ё қитъаи заминеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки ба ин консепсия мувофиқ бошад. Дар вобастагӣ аз ин омилҳо се шакли глэмпингро ҷудо намудан мумкин аст:

§ **Глэмпинг – ҳамсафари шаҳр.** Мавқеи ҷойгиршавӣ на он қадар аз шаҳр дуртар, ки ба ин ҷо сокинони шаҳр барои истироҳати 1-3 рӯза барои фориғ аз даводавӣ шаҳрӣ меоянд;

§ **Глэмпинг бо табиати нотакрор**. Ҷойҳои зебоӣ дошта, ба ин ҷо одамон аз тамоми дунё дар давраи рухсатии 5-14 рӯза меоянд.

§ **Глэмпинги эксклюзивӣ**. Сайру саёҳати саргузаштӣ, ки одамон ба ҷойҳои аз ҳама дурдасту нообод ва бексаи сайёра бо чархбол, автомашинаҳои махсус ва ё киштиҳои яхшикан барои таасуротҳои нотакрор гирифтан мераванд.

· **Гуруҳи мақсаднок.** Дар ин ҷо ба саволи зерин ҷавоб додан лозим аст:

§ Глэмпинг барои кӣ сохта мешавад?

§ Барои чӣ баглэмпинг маҳз ҳамин гурӯҳи одамон меоянд?

§ Диққати меҳмононро ба чӣ ҷалб мекунем?

§ Кадом таасуротҳои нотакрор ва хизматрасониҳоро ба меҳонон дар глэмпинг пешниҳод мекунем?

§ Мизоҷон аз куҷо ба ин ҷо меоянд?

· **Таркиби иншоотҳои сохташаванда**. Чанд нафар меҳмононро қабул намуда метавонед? Чанд хонаҳои истиқоматӣ барои меҳмонон месозед, инчунин иншоотҳои иловагӣ ва объектҳои инфрасохторӣ лозим мешавад, ба монанди тарабхона, ошхона, дафтари корӣ, қабулгоҳ, анборхона, ҷойи зисти кормандон ва ғайра. Дар ин марҳилаи банақшагирӣ мувозинати байни фоиданокӣ аз сарбории максималии глеэмпинг ва хароҷотҳоробарои хизматрасонии хонаҳо ва меҳмонон дарёфт намудан лозим аст. Қарори ниҳоиро танҳо пас аз таҳияи муфассали нақши тиҷоратӣ қабул намулдан мумкин аст.

· **Таркиби хизматрасониҳо**. Кадом намудҳои иловагии хизматрасониро шумо метавонед ба мизоҷон пешниҳод намоед, то инки завқу рағбати онҳоро нигоҳ доред.

· **Реҷаи корӣ**. Глэмпинг давоми сол кор мекунад ва ё мавсимӣ (баҳорон, тобистон). Масалан, шумо метавонед мизоҷонро дар фасли зимистон низ ҷалб намоед ва ё ин фасли сол барои шумо зараровар мегардад?

· **Кадом шакли фароғат ва истроҳатро пешниҳод мекунем**? Дар ин ҷо ду шакли сенария ҳаст:

§ Кушодани глэмпинг, ки дар он хонаҳо ба иҷора дода мешаванд. Дар ин шакли глэмпинг меҳмонон худхизматрасонӣ мекунанд, яъне барои барои маишат ва фароғат худашон масъуланд.

§ Таъсиси глэмпинг-парки мукамал бо хӯрок, спа ва дигар хазмарасониҳои фароғатӣ. Дар ин шакли глэмпинг ба меҳмонон на танҳо истироҳат дар табиат, балки маҷмӯи хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад. Ин ҷо чунин тамоюле ба монанди «бо калид» мубрамият пайдо мекунад, чунки мизоҷон дар ин шакли гэмпинг оиди дар куҷҷо ва бо чӣ машғул шудан, фикр намекунанд. Онҳо омада бо ҳузуру ҳаловат дам мегиранд, таасуротҳои нотакрор ва бароихуд чизҳои навро кашф мекунанд.

· **Чӣ тавр биноҳоро дар қитъаи замин самаранок ҷойгир намудан лозим?** Дар ин ҷо гап сари нақшаи генералӣ меравад, яъне ҷойгиркунии ҳама иншоотҳои фундменталӣ,- нақшаи сохтомни глэмпингро мушаххас нишон додан лозим аст:

§ хонаҳо барои меҳмонон, кормандон, тарабхона, ошхона, майдочаҳо барои чорабиниҳоро, бахши хоҷагӣ ва ғ;

§ шабакаи коммуникатсионӣ: барқ, таъимноти об ва ғ;

§ логистика: гузаргоҳҳо, таваққуфгоҳи автомобилҳо ва ғ.

Чунин шакли ҳуҷҷатгузорӣ оиди ботадриҷ ҷойгиршавии ҳамаи объектҳо дар ҳудуди қитъаи замини барои глэмпинг пешбинишуда маълумоти умумӣ медиҳад.

Инчунин зарур аст, ки нақшаи тиҷоратии кушодани глэмпинг таҳия карда шавад, ки дар худ баъзе бандҳои консепсияро дар бар мегирад:

· **Мақсад ва миссия**. Шумо чиро тавассути глэмпинги худ ба даст овардан мехоҳед? Чӣ манфиат овардан ҳастед?

· **Гурӯҳи мақсаднок**. Киҳо мизоҷони шумо мешаванд? Онҳо чӣ эҳтиёҷот ва интизориҳо доранд?

